Следовательно, мы с уверенностью можем сказать, что Республика Таджикистан, которая идет по пути инновационного развития, модифицирует при этом и сферу экономики и социальную. За последние десятилетия параметры рынка труда в Республике Таджикистан формировались под непосредственным влиянием внутреннего экономического развития и экономической глобализации. Согласно проведенному анализу, основные показатели в Таджикистане в целом имеют положительную динамику, так как устойчивый экономический рост составил 8,3% в 2023 году и 8,2% в начале 2024 года [1].

Но на рынке труда Республики Таджикистан имеет свои особенности и проблемы, которые проявляются в наличии диспропорции между спросом и предложением рабочей силы, но и, что очень важно, существование диспропорции между темпами роста трудоспособного населения и количеством создаваемых новых рабочих мест, хотя уровень безработицы показывает положительную динамику. Это свидетельствует о формировании неформальной занятости и трудовой миграции.Это привело к значительному росту числа неформальных работников, особенно трудовых мигрантов, которые незарегистрированные по месту работы, что делает проблематичной официальную защиту тех, кто вступает в трудовые отношения в неформальном секторе экономики, особенно трудовых мигрантов.




**Диаграмма 1. Структура экономически активного населения, участвующего в социально-трудовых отношениях на рынке труда Республики Таджикистан [9, с.141]**

Еще одна необычная целевая группа на рынке труда это самозанятые. Сфера занятости этой категории граждан очень разнообразна и менее прозрачна. Эти люди не работают на контрактной основе, не зарегистрированы в качестве предпринимателей и не являются безработными. Анализ значения понятия «самозанятость» показывает, что проблема определения границ этого понятия и компонентов социальной дифференциации методологически слабо разработана в странах СНГ, в том числе и в Казахстане. До сих пор нет четкого определения категорий самозанятости, предпринимательства и неформальной занятости. В Республике Таджикистан в законодательстве отсутствует понятие самозанятость.

При определении понятия «самозанятый» с точки зрения западной практики сложно выяснить конкретную численность, состав и структуру в стране, поток мигрантов, пополняющих их ряды, а также социальные потребности и направленность отдельных социальных групп, формирующих феномен «самозанятых». В этом есть свои минусы, для начала статистика по реальной и скрытой безработице сильно искажается, тем более что нередко безработные учитываются как самозанятые. Далее невозможность определить истинное число домохозяйств, вовлеченных в реальный торговый процесс.

В результате самозанятые часто являются субъектами неформальной (теневой) занятости, на них не распространяются государственные социальные обязательства, а значит, они находятся в не системы государственного регулирования социально-трудовых отношений. Это касается и продуктивных самозанятых. Поскольку с ними не заключен трудовой договор, они уязвимы на рынке труда, полностью зависят от работодателя и не имеют социального обеспечения, пенсий или страховых выплат. Непродуктивная самозанятость приводит к потере навыков социального взаимодействия в трудовом процессе и маргинализации в стране.

На рынке труда Республики Таджикистан в данный период сохраняется тенденция несоответствия подготовки кадров к потребностям развивающейся экономики. В Таджикистане растет спрос на навыки и знания «новой экономики». Навыки выпускников не соответствуют потребностям экономики и её развитию. Большинство абитуриентов выбирают специальности – медицина, биология и спорт, к сожалению, число абитуриентов, выбравших специальности естественно-технические, на данный момент очень мало.

Таким образом, можно сделать вывод, что рынок труда Республики Таджикистан имеет дисбаланс, когда, с одной стороны, наблюдается избыток работников по профессиям, которые не востребованы на рынке труда, а с другой стороны – не хватает квалифицированных кадров, необходимых для обеспечения и поддержки современных технологий. Это обостряется состоянием большого количества рабочих мест, недостаточно пригодных к существенным проблемам квалифицированных кадров, необходимых для работы в ускоренной индустриализации страны.

В связи с этим для обеспечения сбалансированности спроса и предложения на рынке труда необходимо эффективное государственное регулирование, способное привести структуру предложения рабочей силы на рынке к состоянию, способному удовлетворить спрос.

Развитие новой структуры на рынке труда в социально-экономических условиях должны исследоваться с позиций таких сфер как экономики, права, социологии, психологии, этики и организационной теории. В реальности же эти элементы не могут быть разделены. Данный подход предполагает целостность и взаимозависимость социально-трудовых механизмов, которые будут реализовать эффективную систему социально-трудовых отношений, устанавливаемый социальной политикой государства и внешним воздействием.

В условиях ускоряющихся перемен и глобализации главной проблемой современного рынка труда является подготовка к мобильности и постоянному изменению состава рабочей силы. Естественно, характер социально-трудовых отношений во многом зависит от социально-психологических связей между людьми. В тоже время необходимо подчеркнуть важность психологического аспекта в происходящей модернизации.

Следует отметить, что в Республике Таджикистан такие элементы, как новое желание работать, чувство ответственности, чувство собственности, коллективизм и сплоченность еще не получили должного развития на практике. Несомненно, эти элементы необходимы для решения проблемы готовности работников к трудовой деятельности в новой модели. Базовой концепцией современных отношений между работодателем и работником является формирование гармонизированных, доверительных, партнерских отношений.

Первостепенное значение в этом плане, на наш взгляд, имеют система соглашения, которые предусматривают консультации и переговоры между социальными партнерами и заключение механизма соглашений и договоров на различных уровнях социально-трудовых отношений, что являющихся основой функционирования социального партнерства. Это создает условия для демократизации взаимодействия работников и работодателей в социально-трудовой сфере, наполнения их новым содержанием. Необходимо сформировать рычаги и механизмы реализации социальных гарантий и оплаты труда, соблюдения трудового законодательства, улучшения условий и охраны труда на предприятии.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Всемирный банк. Доклад об экономике Таджикистана - лето 2024. https://www.vsemirnyjbank.org/ru/
2. Каменецкий В.А. Социальное партнерство в Европе и России (проблемы реформирования и развития): Дис. ... канд. экон. наук. – М., 2016. – 344 с.
3. Концепция развития продуктивной занятости населения в Республике Таджикистан на период до 2040 года. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от "28" мая 2022 года, №263
4. Конституция Республики Таджикистан. Душанбе: Шарки озод, 2014. -75с.
5. Меликьян Г.Г., Колосова Р.П. Экономика труда и социально-трудовые отношения. / Учеб. для экон. специальностей вузов / Р. П. Колосова, В. Г. Костаков, А. А. Ткаченко и др. - М.: ЧеРо : Изд-во Моск. ун-та, 1996. - 623 с.
6. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года // Утверждено Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, № 636. –Душанбе: Контраст, 2016
7. Трудовой кодекс Республики Таджикистан. Утвержден Постановлением Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 15 мая 1997 года, № 417.
8. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан, от 26 декабря 2019 года Режим доступа.(www.president.tj)
9. Рынок труда в Республике Таджикистан] / Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2023. – 223 с.
10. Bernheim, D., & Whinston, M. (2008). Association Incomplete Contracts and Strategic Ambiguity. The American Economic Review, 4(88), 22-32
11. Kolesnikov, N.E. (2003). The development of social and labor relations in the transition to a market economy. St Petersbourg University

УДК 346.2 +338

**Алимов К.К., Амонов С.С., Пулатова Ш.Б.**

## СОҲИБКОРӢ ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ СОҲАИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ-саноатикунонии босурати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои беҳдошти он мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин нақши соҳибкорӣ дар рушди соҳаи саноат ва имкониятҳои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар кишвар омӯхта шудааст. Шумораи соҳибкорони инфиродӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, хусусан занҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ дар солҳои 2020-2024 машғуланд, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар баробари ин дар мақола дарстгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ бо мақсади баланд бардоштани суръати истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мавриди таҳлил қарор додашудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** соҳибкорӣ, соҳибкори инфиродӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, шахсони ҳуқуқӣ, субъектҳои хоҷагидор, саноат, соҳаи саноат, рушди соҳаи саноат,бахши хусусӣ, қарзҳои додашуда ба соҳаи соҳибкорӣ, стратегия, саноатикунонии босуръати мамлакат.

**Алимов К.К., Амонов С.С., Пулатова Ш.Б.**

## ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО – ВАЖНЫЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье анализируется и изучается развитие предпринимательской деятельности в реализации четвертой стратегической цели–индустриализации экономики Республики Таджикистан и пути ее совершенствования. Также изучаются роль предпринимательства в развитии отрасли и возможности увеличения производства промышленной продукции в стране. Изучено количество индивидуальных предпринимателей, фермерских хозяйств и юридических лиц, особенно женщин, занимающихся предпринимательской деятельностью в 2020-2024 годах. При этом в статье анализируется государственное регулирование предпринимательской деятельности, особенно производственного бизнеса, с целью увеличения скорости производства промышленной продукции.

**Ключевые слова:** предпринимательство, индивидуальный предприниматель, фермерские хозяйства, юридические лица, хозяйствующие субъекты, промышленность, промышленность, развитие промышленности, частный сектор, кредитование бизнеса, стратегия, ускоренная индустриализация страны.

**Alimov K.K., Amonov S.S., Pulatova Sh.B.**

## ENTREPRENEURSHIP IS AN IMPORTANT FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF INDUSTRY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article analyzes and studies the development of entrepreneurship in the implementation of the fourth strategic goal - industrialization of the economy of the Republic of Tajikistan and ways to improve it. It also studies the role of entrepreneurship in the development of the industry and the possibility of increasing industrial production in the country. The number of individual entrepreneurs, farms and legal entities, especially women, engaged in entrepreneurial activity in 2020-2024 was

studied. At the same time, the article analyzes state regulation of entrepreneurship, especially manufacturing business, in order to increase the speed of industrial production.

**Key words:** entrepreneurship, individual entrepreneur, farms, legal entities, business entities, industry, industry, industrial development, private sector, business lending, strategy, accelerated industrialization of the country.

Дар шароити муосир байни олимон ва муҳаққиқон оид ба мафҳуми соҳибкор ва фаъолияти соҳибкорӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Қайд намудан ба маврид аст, ки аввалин маротиба яке аз олим ва иқтисодчии англис Ричард Кантилон дар соли 1725 мафҳуми соҳибкор ва сохибкориро истифода намудааст. Ба ақидаи олим ва иқтисодчии англис Ричард Кантилон соҳибкор шахсе мебошад, ки дар шароити хатари таваккалӣ кор карда метавонад. Агар ақидаи олимони хориҷӣ ва ватаниро оид ба фаъолияти соҳибкорӣ таҳлил намоем, хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки ҳамагуна намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар шароити муосир ташкил карда мешавад, маҳз ба даст овардани даромад ва фоида ба ҳисоб меравад.

Агар ба истилоҳи соҳибкорӣ назар кунем аз калимаи фаронсавӣ пайдо шуда маънои соҳиби кор ва миёнаравро ифода менамояд. Аз ин мафҳум бармеояд, ки соҳибкор субъекти асосии фаъолияти соҳибкорӣ буда, шахсест,ки дар ташкили ҷойҳои корӣ, истеҳсоли маҳсулотӣ ватанӣ, воридоти мол аз хориҷи кишвар, андозсупоранда, роҳбари ботаҷриба шахси масъулиятнок, озод, мустақил, ташаббускор, навовар, мутахассиси баландихтисос ба ҳисоб меравад.[2. С.14].

Қайд намудан ба маврид, ки соҳибкорӣ заҳмати зиёд, масъулият, маҳорат ва истеъдоди баландро талаб менамояд.

Рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ доимо мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ, бахусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Баъди таваҷҷуҳи асосии ҳукумат ба рушди иқтисодиёт аз соли 2000 масъалаи вохурии нахустини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сармоягузорону соҳибкорон баргузор гардид, ки пез аз ҳама бо мақсади гузаронидани ислоҳоти сармоягузориву соҳибкорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ заминаи муҳим гузошт.

Дар вохурии авалини худ соли 2001 бо сармоягузорону соҳибкорон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди бахши хусусиро ҳамчун самти асосии сиёсати иқтисодии давлат баҳо дода, таъкид намуданд, ки фаъолияти бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар мамлакат аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёт дар оянда ба ҳисоб меравад".

Бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва бартараф намудани мушкилотҳои ҷойдошта аз ҷониби Роҳбари давлат 3 бор дар солҳои 2009-2010, 2012-2014, 2019-2020 ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ мораторий пешниҳод гардид, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар мусоидат намуд.

Бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, фаъолияти соҳибкорӣ давра ба давра дар мамлакат инкишоф ёфта, омили муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Боиси зикр аст, ки имруз соҳибкорӣ омили муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар гардида, барои расидан ба ҳадафҳои миллӣ, махсусан саноатикунонии босуръати кишвар яке аз омилҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Саҳми соҳибкорони ватанӣ бо таъсиси корхонаҳои нав, ташкили ҷойҳои корӣ, истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ва хизматрасонӣ, дар баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва ободонии ватан назаррас мебошад, ин нуқтаро доимо дар баромадҳояш роҳбари давлат қайд менамоянд.

Дар доираи дастгирии давлатии соҳибкорӣ, имрӯз аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор барномаҳо ва воситаҳои гуногуни дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ гардида истодааст. Бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сарсоягузорӣ дар замони муосир як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа аз нав қабул гардидаанд, ки бевосита метавонад ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар мамлакат замина гузорад.

Аз маълумотҳои оморӣ бар меояд, ки дар асоси дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола шумораи субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ зиёд шуда, саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти мамлакат ва ғани гардонидани буҷети давлатӣ беназир аст.

Дар ҷадвали 1 маълумот оид ба шумораи субъектҳои хоҷагидор дар панҷ соли охир, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Шумораи субъектҳои хоҷагидор дар солҳои 2020-2024 (январ-июни соли 2024)**

| Хоҷагиҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2023 нисбат ба соли 2020 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Соҳибкорони инфиродӣ | 304041 | 307878 | 307262 | 316463 | 324186 | 104 |
| Шахсони ҳуқуқӣ | 31265 | 30936 | 32853 | 33790 | 34422 | 108 |
| Ҳамагӣ | 335306 | 338814 | 340115 | 350253 | 358608 | 104,45 |

**Сарчашма:**https://investcom.tj/sohibkori/63-nishondiandaoi-rushdi-soibkor-va-sektori-husus.html.Санаи мурочиат [02.10.2024].

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 бар меояд, ки шумораи субъектҳои хоҷагидор аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ҳар сол зиёд шудааст.

Агар шумораи соҳибкорони инфиродӣ дар соли 2020 ба 304041 нафарро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 316463 нафар расид, ки нисбат ба соли 2023, 4% зиёд шудааст. Шумораи шахсони ҳуқуқӣ бошад дар соли 2020 ба 31265 ададро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 33790 адад расида, нисбат ба соли 2023, 8% зиёд шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ диққати асосиро ба рушди бахши хусусӣ аз ҷумла соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дода, ҷиҳати фароҳам овардани шароити хуб барои пешбурди фаъолияти сармоягузорию соҳибкорӣ, пайваста чораҷӯйӣ менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола шумораи соҳибкорони инфиродӣ афзоиш ёфта, пеш аз ҳама ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва ташкили ҷойҳои кории нав дар мамлакат оварда мерасонад.

Дар ҷадвали 2 маълумоти оморӣ оид ба гурӯҳбандии соҳибкорони инфиродӣ дар солҳои 2020-2024 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Таснифоти соҳибкорони инфиродӣ дар солҳои 2020-2024 (январ-июни соли 2024)**

| Хоҷагиҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2023 нисбат ба соли 2022 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шаҳодатнома бо шартҳои махсус | 0 | 0 | 52291 | 57304 | 59527 | 109,58 |
| Шаҳодатнома | 37264 | 36637 | 35474 | 35669 | 36866 | 95,72 |
| Патент | 105401 | 104241 | 41914 | 46966 | 49173 | 44,55 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 161376 | 167000 | 172108 | 176524 | 178620 | 109,38 |
| Ҳамагӣ | 304041 | 307878 | 307262 | 316463 | 324186 | 104 |

**Сарчашма**:https://investcom.tj/sohibkori/63-nishondiandaoi-rushdi-soibkor-va-sektori-husus.html.Санаи мурочиат [02.10.2024].

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 бар меояд, ки шумораи соҳибкорони инфиродӣ ҳамасола зиёд шудааст. Агар теъдоди соҳибкорони инфиродие, ки бо шаҳодатнома фаъолият менамоянд дар соли 2020 ба 37264 нафарро ташкил дода бошад, дар соли 2023 ба 35669 нафар расида. Нисбат ба соли 2020 ин нишондиҳанда 4,28% кам шудааст, ки бо сабаби гузаштан ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус мебошад. Шумораи соҳибкорони инфиродие, ки тариқи патент фаъолият менамоянд дар соли 2020 агар 105401 нафарро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 46966 нафар расида, ки нисбат ба соли 2020, 55,44% кам шудааст, ки бо сабаби гузаштан ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус мебошад. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад дар соли 2020 ба 161376 ададро ташкил дода бошад ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 176524 адад расид, ки нисбат ба соли 2020, дар соли 2023, 9,38% зиёд шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсоли маҳсулот ва ғани гардонидани бозори дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин паст намудани сатҳи нархҳо хело назаррас мебошад.

Боназардошти ҳавасмангардонии давлатӣ дар самти субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамасола шумораи субъектҳои хоҷагидории таъсисёфта дар кишвар зиёд шуда, саҳми онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ ва зиёд намудани ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Дар ҷадвали 3 маълумот оид ба шумораи субъектҳои хоҷагидори таъсисёфта дар солҳои 2020-2024 ба таври пурра оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. Шумораи субъектҳои хоҷагидори таъсисёфта дар панҷ соли охир (январ-июни соли 2024)**

| Хоҷагиҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2023 нисбат ба соли 2020 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Соҳибкорони инфиродӣ** | 31529 | 34385 | 27875 | 31058 | 17824 | 98,5 |
| **Шахсони ҳуқуқӣ** | 1193 | 1013 | 2454 | 2121 | 1114 | 177,78 |
| **Ҳамагӣ** | 32722 | 35398 | 30329 | 33179 | 18938 | 101,4 |

*Сарчашма:https://investcom.tj/sohibkori/63-nishondiandaoi-rushdi-soibkor-va-sektori-husus.html. Санаи муроҷиат [02.10.2024].*

Аз маълумотҳои ҷадвали 3 бар меояд, ки шумораи соҳибкорони инфиродӣ пайваста афзоиш ёфта, аммо соли 2023 нисбат ба соли 2020, 1,5 фоиз кам шудааст, ки пез аз ҳама бо сабаби гузаштан ба низоми дигар, яъне ташкили шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра шумораи шахсони ҳуқуқӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2020, 928 адад афзоиш ёфта 7,78% зиёд шудааст. Ин пеш аз ҳама дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад.

Санаи 28-уми декабри соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси олӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзиро вазифадор намуданд, ки дар самти дарёфти манбаъҳои иловагии сармоягузорӣ ва зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат, дастрас ва бо фоизи паст, ба бахши хусусӣ, махсусан соҳибкорон тадбирҳои иловагӣ андешана хизматрасониро дар ин самт боз ҳам беҳтар ба роҳ монанд.

Бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ пайваста нақшаву барномаҳоеро қабул менамоянд, ки бо мақсади бо фоизи паст додани қарҳо ба соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасманд намудани онҳо мусоидат намояд.

Бояд қайд намоям, ки ҳамасола аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои хурди қарзӣ ба соҳаҳои иқтисодии мамлакат, хусусан соҳаи соҳибкорӣ пешниҳоди қарзҳо зиёд шуда, намудҳои гуногуни қарз пешниҳод карда мешавад.

Дар ҷадвали 4 маълумот оид ба таснифоти қарзҳои хурди додашуда, қарзҳои додашуда ба соҳаи соҳибкорӣ ва қарзҳои додашуда ба иқтисодиёт, дар маҷмӯъ дар солҳои 2020-2024 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4. Таснифоти қарзҳои додашуда дар панҷ соли охир (январ-июни соли 2024) млн. сомонӣ**

| Хоҷагиҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2023 нисбат ба соли 2020 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои хурди додашуда | 6251,6 | 9262,8 | 10527,2 | 13585,6 | 7928,5 | 217,3 |
| Қарзҳои додашуда ба соҳаи соҳибкорӣ | 7012,4 | 8827,4 | 8771,1 | 10786,2 | 5699,7 | 153,8 |
| Қарзҳои додашуда ба иқтисодиёт, дар маҷмӯъ | 10001,4 | 13682,3 | 14382,1 | 18991,2 | 10623,3 | 189,88 |

**Сарчашма:**https://investcom.tj/sohibkori/63-nishondiandaoi-rushdi-soibkor-va-sektori-husus.html.Санаи муроҷиат [02.10.2024].

Аз маълумотҳои ҷадвали 4 бар меояд, ки қарзҳои хурди додашуда ҳамасола зиёд шуда, соли 2023 нисбат ба соли 2020, 117,3% зиёд шудааст. Қарзҳои додашуда ба соҳаи соҳибкорӣ бошад дар соли 2023 нисбат ба соли 2020 ҳамсола афзоиш ёфта 53,8% зиёд шудааст. Қарзҳои додашуда ба иқтисодиёт, дар маҷмӯъ дар соли 2023 нисбат ба соли 2020 афзоиш ёфта 89,88% зиёд шудааст.

Ин пеш аз ҳама дар натиҷаи зиёд шудани шумораи субъектҳои хоҷагидорӣ ва механизми дурусти ташкили хизматрасониҳои бонкӣ ба мизоҷон мебошад.

Имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри афзоиш додани содирот, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири саноатӣ ва мавқеи сазовор пайдо кардан дар бозори ҷаҳонии молу хизматрасонӣ хезо зиёд мебошад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки истифодаи васеи технологияҳои муосири инноватсионӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисон, соҳибкорон, сармоягузорон ва қобилияти идоракунии кадрҳо, инчунин ҷорӣ намудани методҳои муосири менеҷменти сифат омилҳои асосии ноил шудан ба ин мақсадҳо мебошад. Аз ҷониби

Соҳибкорони мамлакат дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, сохтани иншооти иҷтимоӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, саҳми назаррас гузошта рушди минбаъдаи иқтисодиёро то як андоза таъмин менамоянд.

Соли 2018 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав пешниҳод намуданд, ки саноатикунонии босуръати кишвар эълон карда шавад ва дар ин замина то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохила то 30 банди фоизӣ оварда расонида мешавад. [6. С.9].

Бояд қайд намуд, ки дар соҳаи саноати кишвар айни замон Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои соҳавӣ, амалӣ гардида истодаанд, ки бевосита ба ташкили корхона ва коргоҳҳои нав бо таъсиси ҷойҳои корӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, таъмини рақобатнокӣ ва барои гузаштани шакли иқтисодиёти кишвар аз шакли истеҳсолкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи моли тайёр замина мегузорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар солҳои 2022-2026-ро “Солҳои рушди саноат” эълон намуданд, ки бо мақсади тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатнок ва тақвият бахшидан ба истеҳсолот дар рушди минбаъдаи мамлакат ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои

стратегии миллӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръати кишвар аҳамияти аввалиндараҷа дорад. [7. С.13].

Қайд намудан ба маврид аст, ки таи ду соли охир, яъне солҳои 2022-2023 дар кишвар ҷиҳати амалисозии ин иқдом беш аз ҳазору дусад (1200) корхонаи нави истеҳсолӣ бо ёздаҳ ҳазор (11 ҳазор) ҷойи корӣ таъсис дода шудааст.

Аз маълумотҳои оморӣ бар меояд, ки дар соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ зиёд шуда, нисбат ба соли 1992-юм 4,6 баробар афзоиш ёфта, ба зиёда аз 46 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки бевосита саҳми соҳибкорон зиёд мебошад.

Дар соҳаи саноати мамлакат нақшаву барномаҳои зиёд амалӣ гардида истодаанд, ки мақсади асосии онҳо пеш аз ҳама бунёди корхонаҳои нав, навсозии корхонаҳои пешина, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти нав, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, тақвияти истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири воридотивазкунанда ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ, замина мегузоранд.

Бояд тибқи нақшаҳои қабулшудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилаи кишвар то соли 2030 ба 30 фоиз расонида шуда, дар ин давра гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шуда, зиёда аз 500 ҳазор ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуда, даромади пулии аҳолӣ беш аз 2 баробар зиёд гардида, ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ба 45% расонида шуда, сатҳи камбизоатӣ то 15 банди фоизӣ коҳиш дода мешавад.

Баъди соҳибистиқлол гардидан, Ҳукумати кишвар ҳамеша барои инкишоф ва рушди соҳаи саноат баҳри густариш бахшидан ба содироти маҳсулоти тайёр ва истеҳсолот бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, коркарди пурраи он ба соҳаи саноат ва истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хоми маҳаллӣ мавриди таваҷҷӯҳи махсус қарор дода шудааст.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ таи солҳои охир аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ як қатор корхонаҳои саноатии пуриқтидор ба фаъолият шуруъ намуданд, ки дар рафти саноаткунонии мамлакат саҳми муносиб гузоштаистоданд.

Таи солҳои 2019-2023 аз ҷониби соҳибкорони ҷумҳурӣ ба маблағи умумиии зиёда 12 миллиард сомонӣ, қариб 18 ҳазор иншоот сохта, ба истифода дода шудааст, .

Доир ба дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони муосир тадбирҳои муҳим амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорону сармоягузорон имтиёзҳои андозию гумрукии зиёд ҷорӣ карда шуданд.

Аз таҳлилҳо ва маълумотҳои оморӣ бар меояд, ки ба соҳибкорону сармоягузорон беш аз 120 намуд имтиёзҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод гардида, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст. [7. С.11].

Дар солҳои 2019-2023 аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ 2 ҳазор корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21ҳазор ҷойҳои навӣ корӣ, 11500 километр роҳ ва 461 пул, 1213 муассисаи соҳаи тандурустӣ ва1380 иншооти муҳими соҳаи маориф, бунёду аз нав сохта шуданд.

Рушди соҳаи саноат имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар мамлакат мусоидат намояд.

Қабул ва амалисозии нақшаву Стратегияи рушди соҳаи саноат дар замони истиқлоли давлатӣ имконият доданд, ки дар кишвар беш аз 3ҳазор корхонаҳои саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта, мавриди истифода дода шавад.

Дар ҷамбасти мақолаи мазкур чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки бо заҳмату талошҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакт дар самти дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, ташаббус ва кушишҳои соҳибкорони вавтанӣ, шумораи соҳибкорони муввафақ зиёд гардида, бахши мазкур минбаъд низ тараққӣ намуда барои расидан ба саноатикунонии босуръати кишвар замина бунёд намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба давлати саноатии пешрафта табдил мегардонад.

Дар асоси нақшаву барномаҳои қабулгардидаи Ҳукумати мамлакат дар самти саноатикунонии босуръати кишвар, боварии комил дорем, ки дарояндаи наздик воқеъан ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як кишвари саноатӣ ва сабз табдил дода шуда сатҳу сифати зиндагии мардум боз ҳам хубтару беҳтар мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Алимов К.К., Нақши соҳибкорӣ дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ-саноатикунонии босуръати кишвар. Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ" 17-18 ноябри соли 2023. саҳ 31-35.
2. Бозоров Ш.Ш., Асосҳои соҳибкорӣ, китоби дарсӣ, Душанбе-2018.428 саҳ.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе аз 3 ноябри соли 2021 таҳти №549.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. соли 2002, № 4, қисми 1.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» аз 23 декабри соли 1992, № 451.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 22. 12. 2017.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 23. 12. 2022.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 28. 12. 2023.
9. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; www. investcom.tj.


**УДК 378**

**АлимовҶ.Ш.**

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ВА САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМӢ – РАҚАМӢ

Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳо ва самтҳои асосии рушди хизматрасониҳои таълимӣ–рақамӣ ва зарурати рушди экосистемаҳои рақамии муассисаҳои олии таълимӣ бо дарназардошти татбиқи имкониятҳои мавҷудаи техникӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ошкор гардидааст, ки аҳамияти аввалиндараҷаи экосистемаҳои рақамӣ ҳангоми муроҷиати шумораи зиёди сокинони кишвар ба он эҳсос карда мешавад. Инчунин, таъсири миёнаравхоро дар дастрасӣ, қабул ва интиқоли иттилооти муҳим дар бораи фаъолияти муассиса ва истифодабарандагони он, хусусан мавҷудияти фарқиятҳои муайян дар шароити таъмини дастгирии иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон ва корбарон, ки дар минтақаҳои гуногуни кишвар зиндагӣ мекунанд, бартараф менамояд. Дар баробари таъмини шаффофият маводҳои дар экосистемаи рақамии ягона ҷойгиршуда хусусияти ба ҳама дастрасро мегиранд. Аз тарафи дигар, муқаррар гардидааст, ки экосистемаи рақамии миллӣ платформаи қулай барои ҳамкориҳои миёни муассисаҳои олии таълимӣ ба ҳисоб рафта барои ташкил ва дастрасии захираҳои электронии маҳсулот ва истифодаи хизматрасониҳои дар ихтиёри муассисаҳо ва шаҳрвандон буда мусоидат менамояд.

***Вожаҳои калидӣ:*** иқтисодиёт, иқтисодиёти рақамӣ, рақамикунонӣ, экосистема, платформа, низомҳои иртиботӣ, МТОК, иттилоот, равандҳои иттилоотӣ, низом, хизматрасониҳо, хизматрасониҳои электронӣ, хизматрасониҳои таълимӣ – рақамӣ.

**Алимов Дж.Ш.**

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ И ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ – ЦИФРОВЫХ

В данной статье рассмотрены некоторые вопросы и основные направления развития цифровых образовательных услуг и необходимость развития цифровых экосистем высших учебных заведений с учетом реализации существующих технических возможностей. Стало понятно, что первостепенная важность цифровых экосистем ощущается тогда, когда к ним обращается большое количество жителей страны. Также исключается влияние посредников при доступе, получении и передаче важной информации о деятельности учреждения и его пользователей, особенно наличие определенных различий в условиях оказания социально-экономической поддержки гражданам и пользователям, проживающим в разных регионах страны. Наряду с обеспечением необходимых материалы, размещенные в единой цифровой экосистеме, будут доступны каждому участнику данного процесса. С другой стороны, установлено, что национальная цифровая экосистема является удобной площадкой для сотрудничества между высшими учебными заведениями и облегчает организацию и доступ к электронным ресурсам продуктов и услуг, доступных учреждениям и гражданам.

***Ключевые слова:*** экономика, цифровая экономика, цифровизация, экосистема, платформа, системы связи, ИКТ, информация, информационные процессы, система, услуги, электронные услуги, образовательные услуги - цифровые.

**Alimov J.Sh.**

## SOME ISSUES AND MAIN DIRECTIONS OF DEVELOPMENT OF EDUCATIONAL SERVICES – DIGITAL

This article discusses some issues and main directions of development of digital educational services and the need to develop digital ecosystems of higher education institutions, taking into account the implementation of existing technical capabilities. It became clear that the primary importance of digital ecosystems is felt when a large number of residents of the country turn to them. It also excludes the influence of intermediaries in accessing, receiving and transmitting important information about the activities of the institution and its users, especially the presence of certain differences in the conditions for providing socio-economic support to citizens and users living in different regions of the country. Along with providing the necessary materials, posted in a single digital ecosystem will be available to each participant in this process. On the other hand, it has been established that the national digital ecosystem is a convenient platform for cooperation between higher education institutions and facilitates the organization and access to electronic resources of products and services available to institutions and citizens.

***Keywords: economy:*** digital economy, digitalization, ecosystem, platform, communication systems, ICT, information, information processes, system, services, electronic services, educational services - digital.

Ҳангоми тарҳрезӣ ва истифодабарии экосистемаи ягонаи таҳсилоти рақамӣ, бояд манфиатҳои се ҷониб: аҳолӣ, тиҷоратпешагон, мақомоти давлатӣ ва хусусан иштирокчиёни низом: омӯзгорон, донишҷӯён ба инобат гирифта шавад. Ба такмили хизматрасониҳои рақамӣ роҳбарони тамоми сохторҳои вазорати маориф, намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимияти

давлатии миллӣ ва минтақавӣ, ва дигар нуқтаҳои аҳолинишини вилоят, ташкилоти давлатӣ (вилоятӣ) ва шаҳрӣ дар соҳаи нигоҳдории тандурустӣ, маориф, варзиш, маданият, санъат, илм ва дигар хоҷагиҳои дар низоми иқтисодиёти миллӣ амалкунанда масъул мебошанд [3, с. 303 - 308].

Экосистемаи рақамӣ бояд қобилиятҳои рақамии низоми мавҷудаи рақамии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро низ мукаммал созад, ва онро ба гунаи чашмрас иваз намояд. Зарурати рушди экосистемаҳои рақамии муассисаҳои олии таълимӣ бо имкониятҳои зиёди нерумандии техникӣ ба портали ягонаи давлатии мавҷуда, вақте ки шумораи зиёди сокинони кишвар ба он муроҷиат мекунанд, ба кам шудани шумораи миёнаравҳо дар дастрасӣ, қабул ва интиқоли иттилооти муҳим дар бораи фаъолияти муассиса ва истифодабарандагони он, инчунин мавҷудияти фарқиятҳои муайян дар шароити таъмини дастгирии иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон ва корбарон, ки дар минтақаҳои гуногуни кишвар зиндагӣ мекунанд, имконияти васеъ ба бор меорад. Дар баробари таъмини шаффофият маводҳои дар экосистемаи рақамии ягона ҷойгиршуда хусусияти ба ҳама дастрасро мегиранд. Аз тарафи дигар, экосистемаи рақамии миллӣ як платформаи қулай барои ҳамкориҳои миёни муассисаҳои олии таълимӣ ба ҳисоб рафта барои ташкил ва дастрасии захираҳои электронии маҳсулот ва истифодаи хизматрасонии маҳаллӣ мусоидат менамояд. Бақайдгирии ройгони муассисаҳои олии таълимӣ, ки аз ҷониби мақомоти назоратӣ бо нишон додани маълумоти дахлдори соҳа дар бораи иҷозатномаҳои мавҷуда, номгӯи молу хизматрасонӣ, нархҳо ба роҳ монда мешавад, кафолати баланд бардоштани эътимоднокии сифати хизматрасониҳоро бидуни пардохтҳои электронӣ медиҳад.

Экосистемаи рақамии милли муассисаҳои олии таълимӣ дорои принсипҳои зерини мебошад:

– кам кардани шиддати ноустувории ҳаҷми пешниҳоди хизматрасонӣ. Платформаҳои рақамӣ аз рӯи шумораи иштирокчиён метавонанд моҳиятан экосистемаҳои рақамӣ бошанд, дар ҳоле ки андозаи платформа вобаста ба аҳамият ё фарсудашавии маҳсулот ё хизматрасониҳои рақамии пешниҳодшуда метавонад ба таври экспоненсиалӣ афзоиш ё кам шавад;

– бисёрқабата: иштирокчиёни экосистемаи рақамӣ метавонанд шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие бошанд, ки салоҳиятҳои гуногун доранд ва дар таъмини устувории тамоми системаи муассисаҳои олии таълимӣ нақшҳои гуногун мебозанд;

– динамизм: экосистемаи рақамӣ бояд пайваста таҳаввул ёбад, ҷалби провайдерҳои нави захираҳои рақамӣ, фароҳам овардани имкониятҳои нав барои истеъмолкунандагон, фароҳам овардани интерфейси қулай барои ҳамкорӣ бо шарикон;

– баланд бардоштани нақш ва вазифаҳои ҳар як иштирокчӣ: сарфи назар аз шумораи зиёди иштирокчиён дар экосистемаи рақамӣ, нақши ҳар яки онҳо ба таври қатъӣ муайян карда мешавад;

– вобастагии сахт ба таъсири манфии шароити беруна. Тағйирот дар технология, моделҳои рақамӣ, қонунгузорӣ, коҳиш ёфтани вазъи эпидемиологӣ дар ҷаҳон, қарорҳои сиёсӣ метавонанд ба рушд ё тамоюли экосистемаи рақамӣ таъсир расонанд;

– осонии пайвастшавӣ ва монеаҳои бехатарӣ: иштирокчиёни нав бояд барои пайвастшавӣ ба экосистемаи рақамӣ кӯшишҳои зиёдро анҷом диҳанд, дар ҳоле ки тарки он набояд бо мушкилот ё таҳримҳо ҳамроҳ шавад. Муассисаҳои олии таълимӣ метавонад ба экосистемаи рақамӣ пайваст ва аз он хориҷ шавад, ихтиёри дар ҳоле, ки ягон қисми система пурра аз кор мебарояд ва зарурат ба навшавӣ дорад;

– амалиёти иштирокчиён: сарфи назар аз гуногунии вазифаҳое, ки иштирокчиён дар экосистемаи рақамӣ иҷро мекунанд, ҳама амалҳои имконпазир ба таври возеҳ муайян карда шудаанд;

– гузариши табии аз марҳилаҳои давраи ҳаёти экосистемаи рақамӣ, ки пайваста воридшавӣ, афзоиш, камолот ва корношоямии экосистемаро дар бар мегирад, вақте ки он бо муосиртар ва мутобиқ ба шароити беруна иваз карда мешавад [1, с. 66 – 70; 2, с. 664 - 666].

Экосистемаи ягонаи миллӣ рақамӣ барои иштирокчиёни раванд бояд манфиатҳои зеринро фароҳам меорад:

– дастрасии пурра ба захираҳои рақамии портали ягонаи миллӣ;

– ба даст овардани маълумот дар бораи хусусиятхои инкишофи чамъият ва равандҳои иқтисодию ичтимоии кишвар;

– имконияти тавлиди дархостҳо барои азназаргузаронӣ, таъмир, азнавсозӣ;

– гирифтани маълумоти иловагӣ оид ба барномаҳои миллӣ ва лоиҳаҳои давлатии рушди муассисаҳои олии таълимии маҳаллӣ, ки дар минтақа ҷойгир шудаанд;

– кумаки шабонарӯзӣ дар хабардор намудани корҳои ҷории хизматрасонӣ, қарорҳо оид ба пешгирии садамаҳои техникӣ ва кибертаҳдидҳо:

– гирифтани маълумот аз мақомоти назоратӣ дар бораи муассисаҳои олии таълимӣ ва хизматрасониҳои онҳо;

– иштирок дар овоздиҳии онлайн дар самтҳои афзалиятноки рушди хизматрасониҳои муассисаҳои олии таълимӣ

– тартиби кабули онлайни ба муассисаҳои олии таълимӣ;

– рушди низоми рақамии муассисаҳои олии таълимӣ

– иштирок дар озмунҳои байналмилалӣ, лоиҳаҳо ва грантҳо;

– гирифтани маълумот дар бораи ҷойҳои холии дар муассисаҳои олии таълимӣ дар шакли онлайн;

– тартиб додан ва ҷустуҷӯи маълумот дар муассисаҳои олии таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён ва хатмкардагони МТОК, инчунин волидайну атрофиёни донишҷӯён;

– ба роҳ мондани варинати оптималии дастрасии хизматрасониҳои муассисаҳои олии таълимӣ;

– гирифтани маълумоти ройгон оид ба такмили ихтисос ё бозомӯзии иловагӣ;

– бевосита шиносоӣ бо маҳсулот ва хизматрасониҳои муассисаҳои олии таълимӣ;

– дастарсии ройгони маводҳо дар шакли онлайн [5, с. 67 - 75].

Фаъолияти экосистемаи ягонаи миллии рақамӣ ба муассисаҳои олии таълимӣ ва дигар ташкилот имтиёзҳои зеринро фароҳам меорад:

– муколама бо мақомоти давлатӣ;

– имкониятҳои муттаҳидшавӣ бо намояндагони ҷомеаи соҳибкории касбӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва натиҷаҳои умумӣ;

– тавсеаи бозори маҳсулот ё хизматрасониҳои рақамӣ;

– муомилоти бехатар бо таъминкунандагон ва миёнаравҳои маҳсулот;

– кӯмак ва маслиҳат оид ба тағйироти низоми қонунгузорӣ ва андозбандӣ;

– рақамикунонии баъзе равандҳои бизнес ҳангоми истифодаи замимаҳои махсуси тиҷоратӣ, ки дар захираҳои экосистема ҷойгир шудаанд;

– таъмини низоми соддакардашудаи иштирок дар чорабиниҳои муассисаҳои олии таълимӣ;

– ҳамкории мустақим бо ташкилотҳои қарзӣ ва сармоягузорон;

– гирифтани маълумот оид ба тадбирҳои ҳукумат оид ба дастгирии муассисаҳои олии таълимӣ;

– ҳамкории мустақим бо истеъмолкунандагони эҳтимолӣ ва воқеӣ;

– имкониятҳо барои таблиғи маҳсулот ва хизматрасониҳои муассисаҳои олии таълимӣ.

Нақши танзимкунанда дар тарҳрезӣ ва фаъолияти экосистемаи рақамии миллӣ ба ташкили маркази ягонаи хизматрасониҳои маориф яъне рақамикунонӣ вобаста мебошад. Дар раванди идоракунӣ намояндагони мақомот, ташкилотҳои таълимӣ, коршиносони табдили рақамӣ, намояндагони ассотсиатсияҳои касбии ғайритиҷоратӣ ва шарикони фаъолияткунанда дохил мешаванд.

Фаъолияти маркази ягонаи хизматрасониҳои таълимии салоҳияти рақамӣ бояд ба принсипҳои зерин асос ёбад:

– ошкорбаёнӣ - тамоми амалиёти ҷорӣ оид ба табдил додани иқтисодиёти миллӣ бояд ба

муҳокимаи ҳолатҳо пешниҳод карда шаванд ва аз ҷониби намояндагони маркази ягонаи хизматрасониҳои маориф баҳодиҳии мустақили экспертӣ гузаронад;

– объективӣ - татбиқи лоиҳаҳои рақамӣ ва фаъолияти онҳо набояд аз таъсири шахсии мансабдорон ё роҳбарони муассисаҳои олии таълимӣ вобаста бошад;

– ташкили маълумот-марказӣ (data center) - қабули қарорҳо дар бораи ҷорӣ намудани воситаҳои рақамӣ бояд ба ҷамъоварии доимии маълумоти калон оид ба рушди системаи ичтимоию иқтисодии муассисаҳои олии таълимӣ асос ёбад;

– равиши раванд – маълумот (data prossecing) - амалисозии лоиҳаҳо бояд дар шакли ҳамкории амалиёти рақамии алоқаманд пешниҳод карда шавад;

– равиши шарикӣ - бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи шарикон ва ҷонибҳои манфиатдори табдили рақамии муассисаҳои олии таълимӣ;

– самаранокӣ - суръати баланди қабули қарорҳо оид ба рақамисозӣ дар асоси омилҳои вазъият;

– равиши хизматрасонӣ - марказонидани табдили рақамӣ барои беҳтар кардани сифати донишандӯзӣ ва афзоиши устувори намояндагони доираҳои муассисаҳои олии таълимӣ;

– бартарафсозии омилҳои ғаразнок, ки ба рушди низоми хизматарсониҳои муассисаҳои олии таълимӣ таъсири манфӣ мерасонанд;

– тағйирпазирии куллӣ - татбиқи қарорҳои рақамикунонӣ бояд ба имконияти навсозии хизматрасониҳои муассисаҳои олии таълимӣ таъсир расонад;

– тағйирпазирии ҷузъӣ – имкони тағйир додани унсурҳои таркибии рақамикунонӣ дар ҳоле ки бетағйир нигоҳ доштани самтҳои боқимондаи низомҳои муассисаҳои олии таълимӣ ба миён меояд;

– миқёспазирӣ – рушди муассисаҳои олии таълимӣ, ки дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд.

Дар расми 1 модели асосии алоқа байни иштирокчиёни экосистемаи рақамии муассисаҳои олии таълимӣ пешниҳод карда шудааст. Иштирокчиёни асосии экосистемаи рақамии муассисаҳои олии таълимӣ донишҷӯён мебошанд, ки тавассути иштироки шахсӣ бо кӯмаки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва таълимӣ метавонанд ба фаъолияти экосистемаи рақамии миллӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳои минтақа таъсир расонанд, ки тавассути намояндагӣ дар ҷомеаҳо ва иттиҳодияҳои касбӣ, инчунин ба фаъолияти экосистема таъсири қавӣ мерасонанд [4, с. 203 - 206].




**Расми 1. Иштирокчиёни амалисозандаи механизми автоматикунонии фаъолияти муассисаҳои олии таълимӣ (таҳияи муаллиф)**

Маркази салоҳияти рақамӣ, расонидани хизматрасонии дастгирии техникӣ ба экосистемаи рақамии муассисаҳои олии таълимиро доранд. Ба роҳ мондани муколама байни иштирокчиён ва экосистемаи рақамӣ бо истифода аз ҳисоби шахсӣ, фикру мулоҳизаҳо – бо истифода аз абр - хониш (бот – чат) дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳои фаврӣ ва мушовири онлайн дар вебсайти асосии экосистема сурат мегирад. Муассисаҳои олии таълимӣ бо мақомоти давлатӣ ва аҳолӣ тавассути саҳифаҳои шахсӣ дар портали экосистема ҳамкорӣ мекунанд, фикру мулоҳизаҳо тавассути почтаи электронӣ гирифта мешаванд.

Мақомот дар ҳама сатҳҳо инчунин метавонанд дар кори экосистемаи рақамии миллӣ тавассути таҳияи лоиҳаҳои миллӣ, барномаҳои рушд, грантҳо, озмунҳо, инчунин платформаҳои электронии давлатӣ ва тиҷоратӣ - тавассути ҷойгир кардани гиперҳаволаҳо барои дастрасии захираҳои рақамии сеюм иштирок кунанд ва монанди инҳо [6, с. 610 – 615; 7, с. 100 - 109].

Ҳамин тариқ, экосистемаи рақамии муассисаҳои олии таълимӣ системаи ягонаи бисёрвазифагие мебошад, ки дорои маълумоти мушаххаси истиноддор ва далелҳо, каналҳои гуногуни алоқа миёни ҷомеаи маданӣ ва мақомоти давлатӣ дар мақомоти маҳалии ҳокимияти маҳаллӣ, равандҳои пайваста ва зуд танзимшавандаи ҳамкории байни иштирокчиён, имкони рушди симои рақамии муассисаҳои олии таълимӣ ва зернизомҳои он ё ташкилот ва пешниҳоди фаъолонаи хизматрасониҳои сифатнок мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Федотов А.А., Сергеев С.М., Борисоглебская Л.Н., Лебедева Я.О. Прогнозирование рынка образовательных услуг на базе цифровых технологий. [Текст] / А.А. Федотов, С.М. Сергеев, Л.Н. Борисоглебская, Я.О. Лебедева // Инновации. 2020. № 3 (257). С. 66-70.
2. Харичева Д.Л. Подготовка учителя технологии в условиях развития цифровой экономики. [Текст] / Д.Л. Харичева // В сборнике: Физико-математическое и технологическое образование: проблемы и перспективы развития. материалы IV международной научно-методической конференции. 2019. С. 664-666.
3. Хасанова И.И., Котова С.С. К проблеме обеспечения качества образовательных услуг в условиях цифрового образования в вузе. [Текст] / И.И. Хасанова, С.С. Котова // В сборнике: Эффективные системы менеджмента: качество и цифровая трансформация. материалы VIII международного научно-практического форума. 2019. С. 303-308.
4. Чистяков А.В., Третьяков М.А. Проблема обеспечения качества образовательных услуг в цифровом формате образования. [Текст] / А.В. Чистяков, М.А. Третьяков // В книге: Коммуникативные стратегии информационного общества. Труды XII Международной научно-теоретической конференции. 2020. С. 203-206.
5. Шамсов И.С. Взаимодействия рынка труда и системы подготовки кадров в условиях цифровизации экономики. [Текст] / И.С. Шамсов // Таджикистан: экономика и управление. 2020. № 1. С. 67-75.
6. Ярина П.А., Рождественская Е.М. Проблемы конкурентоспособности образовательных организации в условиях преодоления цифрового неравенства. [Текст] / П.А. Ярина, Е.М. Рождественская // В сборнике: Устойчивое развитие цифровой экономики, промышленности и инновационных систем. Сборник трудов научно-практической конференции с зарубежным участием. Под редакцией Д. Г. Родионова, А. В. Бабкина. 2020. С. 610-615.
7. Zakhirova G.M. Development of non-governmental educational services in the conditions of digital economy. [Текст] / G.M. Zakhirova // St.Petersburg State Polytechnical University Journal. Economics. 2020. Т. 13. № 2. С. 100-109.

УДК 332.14

**Аминов Д.Г.**

## СОВРЕМЕННЫЕ ПОДХОДЫ К ФОРМИРОВАНИЮ И РЕАЛИЗАЦИИ РЕГИОНАЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОЙ ПОЛИТИКИ

Статья рассматривает современные подходы к формированию и реализации региональной промышленной политики, уделяя особое внимание таким ключевым принципам, как системность, комплексность, целенаправленность, эффективность и стабильность. В работе анализируются концептуальные основы регионального управления, необходимость согласования интересов различных участников экономики региона и адаптация к глобализационным вызовам. Автор предлагает алгоритм формирования целей промышленной политики на основе технологии SMART, что позволяет учитывать стратегические и тактические аспекты развития региональной промышленности. В статье подчеркивается важность структурной перестройки промышленного комплекса региона, направленной на инновационное развитие и улучшение конкурентоспособности на внутреннем и международном рынках. Представленные рекомендации ориентированы на формирование условий для устойчивого социально-экономического роста региона.

**Ключевые слова:** региональная промышленная политика, принципы SMART, социально-экономическое развитие, структурная перестройка, инновационное развитие, глобализация, согласование интересов, устойчивый рост, промышленный комплекс, конкурентоспособность.

**Аминов Д.Ғ.**

## РАВИШҲОИ МУОСИРИ ТАШАККУЛ ВА ТАТБИҚИ СИЁСАТИ САНОАТИИ МИНТАҚАВӢ

Дар мақола равишҳои муосири ташаккул ва татбиқи сиёсати саноатии минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба чунин принсипҳои калидӣ, аз қабили пайдарпайӣ, мураккабӣ, мутамарказӣ, самаранокӣ ва устуворӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда шудааст. Дар мақола асосҳои консептуалии идоракунии минтақавӣ, зарурати мувофиқати манфиатҳои субъектҳои гуногуни иқтисодиёти минтақа ва мутобиқшавӣ ба чолишҳои ҷаҳонишавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Муаллиф алгоритми ташаккули ҳадафҳои сиёсати саноатиро дар асоси технологияҳои SMART пешниҳод менамояд, ки имкони ҷанбаҳои стратегӣ ва тактикии рушди саноати минтақавиро ба назар мегирад. Дар мақола муҳимияти таҷдиди сохтории маҷмааи саноатии минтақа, ки ба рушди инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ равона гаштааст, асоснок карада шудааст. Тавсияҳои пешниҳодшуда барои ташаккули шароитҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа равона шудаанд.

**Калидвожаҳо:** сиёсати саноатии минтақа, принсипҳои SMART, рушд иҷтимоию иқтисодӣ, таҷдиди сохторӣ, рушди инноватсионӣ, ҷаҳонишавӣ, мувофиқати манфиатҳо, рушди устувор, маҷмааи саноатӣ, рақобатпазирӣ.

**Aminov D.G.**

## MODERN APPROACHES TO THE FORMATION AND IMPLEMENTATION OF REGIONAL INDUSTRIAL POLICY

- совершенствование регулирования финансовых инструментов;
- укрепление банковских институтов на основе законодательной базы и создание финансовых рынков;
- совершенствовать архитектуру институциональных норм на рынке капитала;
- совершенствование надзора в системе банковском и финансовом секторе;
- укрепить механизмы эффективности в системе кредитования долга и гарантирования их со стороны коммерческих банков;
- совершенствование системы мониторинга в финансовом секторе;

Это означает, что следующая реформа исходит из перечисленного регуляторного блока.

Направление и деятельность, которые мы представили в некоторых местах, соответствуют направлению плана реформ банковской системы на будущее, что подтверждает последовательность нашего подхода и курса реформ, установленного правительством штата.

Кроме того, в связи с увеличением депозитов в иностранной валюте в коммерческих банках представляется необходимым установить норматив отчислений в резервные требования Национального банка по обязательствам в твердой валюте. [9]

Основным направлением деятельности в механизме регулирования институционального подхода и укрепления коммерческих банков должны выступать классификация институтов банков, которое по величине ликвидности и принятия,

соответствующих мер по оперативной коррекции в их деятельности, а также принятие соответствующих мер в объёме по ускорению приватизации в банках. Благодаря данным программным направлениям реформирования банковской системы, политика ограничения ставок по процентным вкладам и выплатам в коммерческих банках, а также активным развития сети филиалов или путём осуществления венчурных капиталов, факторинговых и лизинговых операции, расширение потребительского кредитования, инвестиционных действий и т.д. можно реализовать эффективное регулирование монетарной политики.

В целом, наш общий взгляд представлен на ряд ключевых мероприятий денежно-кредитной политики и реформ финансового сектора. Следует отметить, что серия углубленных реформ, предлагаемых в финансовом секторе, требует последовательной серии бюджетных мер и структурных реформ, охватывающих следующие области:

- осуществлять эффективную макроэкономическую политику для обеспечения поддержания стабильной среды в национальной экономике;
- усиление политики регулирования цен со стороны соответствующих органов государственной власти;
- управление целевой агропромышленной и инновационной политикой;
- осуществлять эффективную политику по привлечению иностранных инвестиций;
- ускорять политику по развитию финансово-экономического потенциала региона и улучшить бизнес-климата по привлечению инвестиций в него.

Итак, мы видим, что реформаторская политика реализации концепции денежно-кредитной отношений требует разумного использования различных методов, включая практически все виды финансового регулирования в различных формах, таких как:

- эффективность контролинга за распределением средств, направленные на обеспечение приоритетных отраслей экономики необходимыми кредитными ресурсами (льготная кредитная политика, синдицированные механизмы инвестирования, масштабные ссудные операции и т.п.);
- создание процессов организационного сообщество по контролю средств (доступ к банковской информации банковские правила,);
- меры контроля безопасности для пользователей финансовых услуг, предоставляемых банками и другими финансовыми учреждениями (депозитарии в фондах страхования, транспарентность финансовой информации для общественности).

Фактически, реализация руководящих принципов продолжения денежно-кредитной политики и реформы в финансовом секторе должна в значительной мере способствовать подавлению рисков и информационной асимметрии за счет усиления роли коммерческих банков в обработке и информации, и тем самым эффективно использование рынков. В этом контексте, необходимо предоставлять информацию и повышать доверие общественности к инвесторам, чтобы расширить доступ к источникам кредита для реального сектора и другим сегментам рынка.

## ЛИТЕРАТУРА

бдукодиров Х.А. Инвестиционная обеспеченность инфраструктурных блоков в национальной экономике /Х.А. Абдукодиров//Экономика и предпринимательство. – 2020. – № 11(124). – С.

анковский статистический бюллетень. – Душанбе, 2023. - №12 (341). – С. 19.

арномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлат барои солҳои 2020-2023. (Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2020. – С. 14.

сновные итоги экономического и социального развития Республики Таджикистана 2022 года. – Душанбе. 2023. – С. 42.

остановление Правительства РТ о мерах по совершенствованию структур управления банковской деятельности РТ от 3 мая 2022. №1134/2//Вестник Маджлиси Оли. – Душанбе, 2022. – С. 158.

ельское хозяйство Республики Таджикистан – Госкомитет статистики Республики Таджикистан – 2022. – Душанбе, 2023. – С. 165-166.
ловарь иностранных слов. – М.: Русский язык, 1988. – С. 125.
исоботи солонаи Бонки миллии Тоҷикистон. (қарздишӣ ва ҷалби пасандозҳо) – Душанбе, 2023. – С 26.
лектронні̇̄ ресурс - http://img0.liveinternet.ru
лектронні̇̄ ресурс - http://mgimomeo.narod.ru

**УДК 330. 564.22**

**Бобоназарова С.М.**

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии идоракунии давлатии рушди соҳибкрии истеҳсолӣ дар шароити муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Соҳибкории истеҳсолӣ раванде мебошад, ки он баҳри ҳалли мушкилотҳои макроиқтисодӣ равона карда шудааст. Рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳамон вақт самаранок мегардад, ки агар чораҳои зарурӣ дар ин самт роҳандозӣ карда шавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушди ин намуд соҳибкорӣ имрӯзҳо як қатор тадбирҳои амалиро андешида истодааст, ки самараи хубро ба бор оварда истодааст. Мақолаи мазкур дарбаргирандаи назарияҳои гуногуни олимони ватаниву хориҷӣ буда, баъзе муаммоҳои ин самтро бозгӯ мебошад. Дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимон ин самт баъзе пешниҳодҳои муаллиф низ манзур гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** соҳибкории истеҳсолӣ, танзим, идоракунӣ, самранокӣ, барнома, рушд, тамоюл, инноватсия, саноат, техникаву технология.

**Бобоназарова С.М.**

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЕМ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

В данной статье изучаются теоретические аспекты государственного управления развитием промышленного предпринимательства в современных условиях. Производственное предпринимательство – это процесс, направленный на решение макроэкономических задач. Развитие промышленного предпринимательства станет эффективным только при условии принятия необходимых мер в этом направлении. Правительством Республики Таджикистан в настоящее время предпринимается ряд практических мер по развитию этого вида бизнеса, которые приносят хорошие результаты. В данной статье собраны различные теории отечественных и зарубежных учёных и описаны некоторые проблемы в этой области. На основе изучения мнений ученых в этом направлении сделаны некоторые предложения автора.

**Ключевые слова.** производственное дело, регулирование, управление, эффективность, программа, развитие, тенденция, инновации, промышленность, техника и технология.

**Bobonazarova S.M.**

## THEORETICAL ASPECTS OF STATE MANAGEMENT OF INDUSTRIAL ENTREPRENEURSHIP DEVELOPMENT

This article examines the theoretical aspects of state management of industrial entrepreneurship development in modern conditions. Industrial entrepreneurship is a process aimed at solving macroeconomic problems. The development of industrial entrepreneurship will be effective only if the necessary measures are taken in this direction. The Government of the Republic of Tajikistan is currently taking a number of practical measures to develop this type of business, which bring good results. This article contains various theories of domestic and foreign scientists and describes some of the problems in this area. Based on the study of the opinions of scientists in this direction, some of the author's proposals are made.

**Keywords.** production, regulation, management, efficiency, program, development, trend, innovation, industry, equipment and technology.

Фаъолияти соҳибкорӣ барои дилхохт кишвар ҳамчун фишанги асоси рушдиҳандаи сатҳи иқтисодиёташ мебошад. Аз ин рӯ, аксар маврид барои пешрафти ин намуди фаъолият аз ҷониби давлатҳо имтиёзҳо муқаррар карда мешавад.

Мақсади асоси фаъолияти соҳибкорӣ ин ба даст овардани фоида буда, соҳибкор ҳамеша талош менамояд то даромади хубро ба даст орад. Аслан фаъолияти соҳибкорӣ аз омилҳое вобаста аст, ки ба воситаи онҳо заминаи мусоид ҷиҳати гирифтани фоида ба миён меояд.

Ба ақидаи иқтисодчии маъруф Адам Смит "Соҳибкор шахси сармоядоре мебошад, ки бо мақсади гирифтани фоидаи пешгӯйишаванда фаъолияти худро ба роҳ мемонад ва дар марҳилаҳои гуногун тибқи нақшаи муайян пеш меравад" [4].

Воқеан барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ пеш аз ҳама сармояи кофӣ зарур аст ва соҳибкор бе сармоя фаъолияти худро ба роҳ монда наметавонад. Ба ғайр аз ин фаъолияти соҳибкорӣ аз омилҳои зерин вобастагӣ дорад:

1. Пайдо намудани идеяҳои нав ҷиҳати ташкили фаъолияти соҳибкорӣ;
2. Пайдо намудани сарчашмаҳои молиявӣ ҷиҳати ташкили ин фаъолият;
3. Муайянсозии макон, ҷой ва мавҷудияти истеъмолкунадагон;
4. Ташкили фаъолияти рекламавӣ ва таблиғотӣ;
5. Мавҷудияти шарикон дар раванди ташкили фаъолият.

Мавриди зикр аст, ки бе мавҷудияти идеяи мушаххас, ташкили фаъолияти соҳибкорӣ аз имкон берун хоҳад буд ва аз ин рӯ дилхоҳ соҳибкор пеш аз фаъолият ба саҳеҳияти бизнес нақша диққати махсус медиҳад.

Нуктаи муҳими дигаре, ки бояд қайд намоем барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пеш аз ҳама, ташаббускорӣ нақши марказиро ишғол менамояд.

Аз ин рӯ, соҳибкор пеш аз ҳама бояд ташаббускор бошад, то фаъолияти соҳибкориро хуб ба роҳ монда тавонад.

Ҳамагуна фаъолияти иқтисодиро, ба категорияи соҳибкорӣ шомил кардан мумкин нест ва фаъолияти соҳибкорӣ бояд хусусиятҳои зеринро ба худ касб намояд:

- Ба дӯш гирифтани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби тоҷирон;
- Бақайдагирӣ ва қонунигардонии фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби соҳибкорӣ;
- Соҳибкор бояд қобилияти хуби эҷодӣ ва ташкилиро дошта бошад;
- Фаъолияти соҳибкорӣ бояд мунтазам ба роҳ монда шавад, то ки самараи хубро ба бор оварад.

Ба ақидаи муҳаққиқ Толибов Қ.К. "Соҳибкории хурд - ин фаъолияти иқтисодии шаҳрвандони инфиродӣ ва корхонаҳо мебошад, ки бо як ѐ якчанд меъѐри мушаххас тавсиф карда мешавад" [9].

Яъне, соҳибкории хурд ҳамчун фаъолияти иқтисодие муаррифӣ мегардад, ки шаҳрвандон ба таври инфиродӣ метавоанд роҳандозӣ намоянд.

Соҳибкорон пеш аз ҳама ҷиҳати даст ёфтан ба дастовардҳои хуб, бояд механизми ташкилии фаъолиятро хуб роҳандозӣ намоянд, то ки ба натиҷаи дилхоҳ бирасанд, ки натиҷаи асоси он гирифтани фоида мебошад.

Дар шароити муосир барои рушд додани фаъолияти соҳибкорӣ якчанд усулҳо ва методҳои мушаххас андешида мешавад. Самаранок истифода бурадани сармояи дар ихтиёрдоштааш соҳибкор метавонад новобаста аз рақобати шадид дар бозор доираи фаъолияти худро васеъ намояд.

Тақозои асосии фаъолияти муназзами соҳибкорӣ ин ташкили низмои махсусгардонидашудаи тиҷоратӣ мебошад. Аксаран соҳибкорони муваффақ бештар мавридаз низоми самараноки идоракунӣ истифода мебранд, ки натиҷаи дилхохро ба бор меоварад.

Омӯзиши фаъолияти соҳибкорӣ имрӯзҳо дар кишвар бештару бешатар гардида, мавриди доираи таҳқиқи табақаи зиёди олимон қарор гирифтааст.

Аз ин рӯ мо низ тасмим гирифтем, ки дар мақолаи мазкур баъзе ҷанбаҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкориро мавриди таҳлил қарор диҳем.

Муҳаққиқи дигар Забиров Н. Х. соҳибкориро асоси рушди бемайлони иқтисодӣ шомил намуда, чунин мешуморад, ки дар замони муосир ҳеҷ низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, махсусн дар низоми иқтисоди бозорӣ бидуни ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ ғайримкон аст [3].

Воқеан имрӯзҳо фаъолияти пурсамари соҳибкорӣ рушди иқтисодиёти миллиро ба миён оварда, зина ба зина омили асосии ташаккули дигар соҳаҳоро фароҳам овардааст.

Пеш аз ҳама фаъолияти соҳибкорӣ инъикоскунадаи иқтисодиёти миллӣ буда, дар ҳама давру замонҳо ҳамчун маҳаки асосӣ барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ равона карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ тамоми инфрасохтор таъсис дода шуда, заминаи қонунгузории он низ муҳайё гардидааст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» “соҳибкорӣ – фаъолияти мустақилонаи аз рӯи таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст” [7].

Гуфтан ба маврид аст, ки шахсонеро ҳамчун соҳибкор эътироф намудан мумкин аст, ки тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ худро расман ба қайд гирифтаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд. Соҳибкор пеш аз ҳама бояд фаъолияти худро ба самти муайян равона намуда, меъёрҳои муайяншударо риоя намояд. Дар сурати худсарона ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан, ин намуди фаъолиятро ҳамчун соҳибкорӣ эътроф намудан аз имкон берун хоҳад буд. Соҳибкорӣ ҳамон вақт самаранок мегардад, ки агар инфрасохтори он дуруст ба роҳ монда шавад.

Соҳибкории истеҳсолӣ яке аз шаклҳои маъмултарин маҳсуб ёфта, барои ҳали масъалаҳои зерин дар назар дошта шудааст:

- таъмини бозори дохилӣ бо молу маҳсулоти ватанӣ;
- таъмини ҷойҳои нави корӣ;
- коҳиш додани сатҳи бекорӣ;
- баландбардории сатҳи иҷтимоӣ;
- паст кардани раванди воридоти маҳсулотҳо аз хориҷ.
- Ташаккули механизми истеҳсолоти дохилӣ ва ғ.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳади миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомлаӣ Раҳмон иброз доштанд, рушди соҳибкории истеҳсолӣ омили асосии баландбардории сатҳи иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки натиҷаи он рушди устворо таъмин менамояд [10].

Мавриди зикр аст, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар марҳила ба марҳила рушд ёфта, заминаҳои асосии он то дараҷае пуриқтидор гардидааст.

Баъди бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани ҳадфи чоруми миллӣ, яъне санотикунони босуръати иқтисодиёи кишвар соҳибкории истеҳсолӣ боз ҳам инкишоф ёфт. Соҳибкории истеҳсолӣ омилии асосии

коҳишдиҳандаи маҳсулотҳои воридотивазкунандаи ба содиротнигаронидашуда мебошад, зеро бо рушди ин намуди фаъолият истеҳсолоти дохилӣ низ руш меёбад.

Академик Раҳимов Р.Қ. зикр менамояд, ки дар шароити муосир барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди истеҳсолоти саноатӣ омилии асосии баландбардории сатҳи иқтисодиёти миллии он мебошад [8].

Истеҳсолоти саноатӣ барои кишвари мо яке аз рукнҳои асосии қисми макроиқтисодӣ буда, дар заминаи он як қатор муаммоҳои дигар роҳи ҳалли худро меёбанд.

Яке аз воситаҳои дигаре, ки омили пешрафти соҳибкории истеҳсолӣ меградад, ин технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Рушди технологияҳои инноватсионӣ аз маҷмӯи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ сарчашма гирифта, метавонад муаммоҳои ҷойдоштаро дар сатҳи истеҳсолот бартараф намояд.

Тиқби ақидаи олимони тоҷик барои кишвар бояд пойгоҳи нави истеҳсолӣ-техникӣ таъсис дод шавад, зеро ки аксар таҷҳизотҳое, ки дар соҳаи саноат истифода мегардиданд куҳна шудаанд.

Саноати кишвар айни ҳол дар ҳоли рушд қарор дошта, зинаҳои асосии он таъмин карда шудааст.

Олимон пешниҳод менамоянд, ки барномаи воридоти технологияҳои инноватсионӣ бояд таҳия карда шавад, то ки сармарнокии воридотро таъмин намояд, о ки истеҳсолоти инноватсионӣ рушд кунад [5].

Инноватсия поягузори асосии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ буда, метавонад ин самтро пурра рушд диҳад.

Аз ин лиҳоз, аз ҷониби Ҳукумати кишвар заминаи асосии рушди технолгияҳои инноватсионӣ таъмин карда шудааст.

Инфрасохтори фаъолияти соҳибкориро метавон чунин тасвир намуд.

**Ҷадвали 1. Тавсифи инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ**

| **ИНФРАСОХТОРИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ** | |
|---|---|
| Инфрасохтори илмӣ | Инфрасохтори молиявӣ |
| Инфрасохтори техникиву технологӣ | Инфрасохтори ташкилӣ |
| Инфрасохтори заминавӣ | Инфрасохотори низомнок |
| Инфрасохтори коммуникатсионӣ | Инфрасохтори принсипнок |
| Ифрасохтори инвеститсионӣ | Инфрасохтори иҷтимоӣ |
| Инфрасохтори информатсионӣ | Инфрасохтори иқтисодӣ |

Таҳияи муаллиф

Фаъолияти инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ аз омилҳои дохилӣ ва берунӣ вобаста буда, дар ҳолати тағйирёбии он метавонад, боиси коҳиш ва ё баръакси он бошад.

Асоси ташаккули фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ аз омилҳои инноватсионӣ вобаста мебошад. Бояд тазаккур намоем, ки фаъолияти иноватсионӣ барои рушди дилхоҳ низмо заминаи муфидро фароҳам месозад. Инноватсия равандест, ки механизми дигар соҳаҳоро ташаккул ва инкишоф медиҳад.

Фаъолияи инноватсионӣ яке аз роҳҳои асосии баландбардорандаи самаранокии рушди соҳибкории истеҳсолӣ буда, метавонад соҳаи мазкурро ба низоми муайян дарорад. Технологияҳои иноватсионӣ ва татбиқи он дар соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ марҳилаи мушаххасро фарогир мебошад. Аксар корхонаҳои саноатӣ дар ҳолати истифодаи технологияҳои нав, рақолбатпазирии молу маҳсулотҳояшонро таъмин менамоянд.

Қобили зикр аст, ки айни ҳол фаъолияти як миқдор корхонаҳои саноатии ватаниро ба стандартҳо ҷавобгӯ намудан аз имкон беруна аст, зеро ки аксари онҳо то ҳол аз технологияҳои куҳнаву фварсуда дар раванди истеҳсолот истифода мебранад, ки сифати молу маҳсулоти истеҳсолшавандаро паст менамоянд. Аз ин лиҳоз, аз ҷониби Ҳукумати кишвар барномаҳое қабул гардидаанд, ки раванди татбиқи технологияҳои рақамиро дар истеҳсолот суръат

мебахшад. Суръпатёбии раванди татбиқи технологияҳои рақамӣ аз омилҳои дохилӣ сахт аоқамандӣ дошта, аз мо тақозо менамояд, ки ин масъаларо

Барои дилхоҳ корхонаҳои саноатӣ гирифтани фоидаи хуб мақсади асосӣ маҳсуб ёфта, тақозои бештару хубтар ба роҳ мондани раванди истеҳсолотро мубрамтар мегардонад. Технологияҳои рақамӣ барои корхонаҳои саноатӣ чунин имкониятҳоро муҳайё месозад:

- Сарфаи вақт;
- Баланд бардоштани сифати млу маҳсулот;
- Таъмини низоми иқтидорноки истеҳсолӣ;
- Ташаккули рақобатпазирӣ;
- Сарфаи хароҷотҳои иловагӣ ва ғ.

Корхонаҳои саноатие, ки қисман технологияҳои рақамиро истифода мебаранд, рушди истеҳсолоташон ба ҳадди миёна қарор дорад ва ин албатта дар раванди рақобатпазирӣ таъсири муайянро мерасонад.

Аз ин хотир, корхонаҳоро зарур аст, ки масъалаи татбиқи технологияҳои рақамиро дар раванди истеҳсолот ҷиддӣ мавриди назар гиранд.

Раванди ҷорисозии технологияҳои рақамӣ дар истеҳсолот басо муракаб буда, ба омилҳои дохилӣ ва беруни корхонаҳои саноатӣ сахт алоқамнд мебошад. Тибқи таҳқиқотҳо барои ҷорисозии технологияҳои нав дар истеҳсолот корхонаҳои истеҳсолӣ қариб ду се марҳиларпо тай менамоянд. Аз ин лиҳоз, корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки сари масъалаи мазкур чораҳои амалиро андешанд.

Агар ба таърихи ташаккули саноатикунонӣ назар афканем, дилхоҳ раванди саноатикунонӣ аз саноати сабук сарчашма мегирад, зеро ки дар ин раванд на он қадар сармоягузории зиёд лозим аст.

Саноатикунонӣ- ин раванди интенсивии гузаштан аз ҷомеи анъанавӣ ( аграрӣ) ба ҷомеаи индустриалӣ мебошад.

Саноатикунонии босуръат барои аксар кишварҳо имконияти инкишофи бахши воқеии иқтисодиро ба миён оварда, ба ин восита як қатор мушкилотҳои макроиқтисодиро ҳал менамояд.

Аввалин раванди саноатикунонии босуръат ё “инқилоби саноатӣ” дар охирҳои асри 18 дар як қатор минтақаҳои Аврупои Ғарбӣ, Америкаи Шимолӣ, сараввал дар Британияи Кабир ва баъдан дар Олмону Франсия ба амал омадааст. Дар охирҳои асри 20 яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ муваффақ ин Осиёи Шарқӣ, махсусан Гонконг маҳсуб меёфт.

Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 1930 саноатикунонии пурраи иқтисодиёт шурӯъ гардида, дар як муддати кӯтоҳ қариб тамоми ҳайати Шӯравиро фаро гирифт.

Барои омӯзиши таҷрибаи хориҷии идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, тасмим гирифтем, ки як қатор давлатҳои дорои иқтидорнокии саноатии баландро мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Имрӯзҳо технологияҳои инноватсионӣ ҷузъи ҷудонашавандаи истеҳсолот гардидааст ва барои сифати маҳсулотҳо нақши калидӣ дорад. Асосан барои истеҳсоли молу маҳсулотҳо сараввал ғояҳои хуб лозим буда, сипас технологияҳои рақамӣ арзёбӣ мегардад. Инноватсия ҷузъи ҷудонашавандаи истеҳсолот мебошад ва барои дилхоҳ ҳолат ҳамчун фишанги асосӣ пешниҳод карда мешавад.

Фаъолияти инноватсионӣ метавонад., сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолиро бартараф созад, зеро ки он маҳз дар истеҳсолот истифода мешавад. Бо мақсади мазкур, аксар моликони кеорхонаҳои саноатӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки раванди истеҳсолашонро ба талаботҳои муосир ҳамоҳанг созанд.

Саноат яке аз соҳаҳои хоҷагии иқтисоди миллӣ буда, устуворӣи он метавонад оқибатҳои хубро ҷиҳати рушди макроиқтисодиёт бошад.

Инноватсия ва рушди он метавонал боиси коҳишёбии хароҷотҳои иловагӣ дар марҳилаҳои иқтисодӣ бошад.

Олмон дар солҳои 1980 барои рушд додани соҳаи саноаташ аз технологияҳои рақамӣ зиёд истифода бурда, то зинаҳои ташаккули он методҳои мазкурро васеъ истифода бурд ва самраи хубро низ фароҳам сохт [6].

Агар ба ташаккули соҳаи саноати Олмон назар афканем, пай бурдан мумкин аст, ки имрӯзҳо яке аз кишварҳои содироткунандаи маҳсулотҳои саноатӣ мебошад. Албатта таҷрибаи Олмон барои дигар кишварҳои Аврупо ҳамчун воситаи асосмӣ қабул гардид.

Стратегияе, ки маҳз Олмон истифода бурд, сарчашмаи асосии амалишавии он аз технологияҳои рақамӣ алоқаманд аст, аммо ин таҷриба барои кишварзҳое, таaалуқ дорад, ки иқтидори саноатиашон баланд аст.

Дар робита ба масъалаи мазккур бояд иброз намоем, ки аксар маврид ҷиҳати суфта намудани фаъолияти соҳибкориии истеҳсолӣ аз нақшаҳои илман асоснок васеъ истифода мебаранд. Аз ин рӯ, мо талош намудем, ки дар мақолаи худ аз таҷрибаи давлатҳои рушдёфтаи саноатӣ васеъ истифода барем.

Маҳз инноватсия воситае мебошад, ки ноилгардӣ ба дигар мақсадҳоро асоснок менамояд ва дар замони муосир актуалӣ мебошад.

Баҳри саривақт иҷро гардидани ин ҳадаф аз ҷониби Ҳукумаи Олмон барномаи дарозмуддати инкишофи инноватсионӣ ва технологӣ қабул карда шуд, ки бомуваффақият иҷро шуда истодааст.

Дар Ҷопон бо қарори ҳукумат, технопракҳо таъсис дода шуда буд, ки натиҷаи фаъолияти онҳо пурра аз андозҳо озод буданд. Дар солҳои 80-ум аз ҷониби роҳбарияти Ҷопон барномаи умумиҷаҳонии истеҳсоли технополисҳо таҳия ва қабул карда шуд, ки мақсади асосии он ҳамоҳанг намудани раванди истеҳсолот бо инноватсия буд [1].

Ба корхнаҳое, ки мехоҳанд технологияҳои инноватсиониро ҷорӣ созанд, як қатӣтр имтиёзҳо аз ҷониби давлат муқарра карда мешуд. Барои сохтмони бинояшон 15% ва барои фаъолияташон 30% маблағ аз ҳисоби буҷеи давлатӣ пардохт карда мешуд.

Бояд қайд намоем, ки сеяки хароҷотҳо барои гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба озмоишгоҳҳо ва ташкилотҳои алоҳида аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷудо карда мешуд.

Сиёсати асосии додани имтиёзҳо ба ташкилотҳое, ки ба ҷорисозии инноватсия дар истеҳсолот машғул буданд, ҳамеша сол ба сол аз ҷониби ҳукумати Ҷопон такмил дода, оид ба муқаррар намудани имтиёзҳои иловагӣ чораҳои зарурӣ андешида мешуд.

Финландия шурӯъ аз солҳои 1990 ба муайян намудани инкишофи иқтисоди миллӣ ба воситаи фаъолияти инноватсионӣ мароқ зоҳир намуда, дар сатҳи мамлакат як қатор ислоҳотҳои навро аз қабили технологиякунонии истеҳсолот, саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ ва ҷорисозии инноватсия дар истеҳсолот мароқ зоҳир намуд [2].

Баҳри татбиқи технологияҳои рақамӣ як қатор маҷмӯи чорабиниҳоро бояд роҳандозӣ намуд. Маҳз чорабиниҳои амалӣ аз ҷониби давлат метавонад боиси зиёдшавии технологияҳои рақамӣ дар соҳаи истеҳсолот гардад. Истеҳсолоти саноатӣ имрӯзҳо дар кишвар зиёд гардида истодаст, зеро ки технологияҳои рақамӣ васеъ истифода шуда истодааст.

Ҳукумати кишвар баҳри татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи саноат ислоҳоти заминавиро роҳандозӣ намуда, субъектони иҷрокунандаи онро мушаххас намудааст, аммо то андозае ин раванд самараи хубро низ ба бор овардааст.

Хуллас, барои рушт додани раванди соҳибкории истеҳсолӣ ба роҳ мондани пажӯҳишҳои илмӣ шарти зарурӣ мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Белов В.Н. К вопросу о российской инновационной политике. Зарубежный опыт // Инновациооная политика и инновационный бизнес в России. Аналитический Вестник. -2006. -№ 5/-С. 16-27

2. Гончар К.Р. Иновационные поведение промышленности : разрабатывать нельзя заимствовать // Вопросы экономике.-2009.- № 12. -С.125-141

3. Забиров Н.Х. Развитие предпринимательство и его регулирование в условиях переходной экономики Республики Таджикистан / Автореферат диссертации на соискание уч. степени к.э.н.- Душанбе: 2004- С.7.
4. Кантильон Р. Очерки о природе коммерции. Написана в 1730 г, а опубликована в 1755 г. - с. 42
5. Кодирзода Д.Б., Джумаев У.М. Организационно-экономический механизм развития инновационной деятельности в промышленности Республики Таджикистан // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2019. -№ (64). - С. 118
6. Климова Н.В., Ларина Н.В. Зарубежный опыт стимулирования инновационной деятельности в промышленном секторе// Фундаментальные исследования.-2014, -№6-7. -С. 1442-1446;
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (АМОҶТ с.2014, №7, қ.2, мод. 404; с.2015, №3, мод.216)
8. Рахимов Р.К. Макроэкономический анализ добавленной стоимости по экономике Республики Таджикистан// Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2017. -№3 (53). - С. 19.
9. Толибов К.К. Приоритетные направления развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан// Автореферат дисс. кан. экон. наук - Душанбе, 2004. – с. 9.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба МОМН. -Душанбе, 2017. - С.8.

**УДК 339**

**Бобоҷонова М.С.**

## ОИД БА ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАРКЕТИНГИ ҲУДУДӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола ташаккули мафҳуми маркетинги минтақавӣ баррасӣ карда мешавад. Муаллифон равишҳои мавҷударо барои муайян кардани мафҳуми «маркетинги ҳудудӣ» ҷамъбаст намуда, моҳияти стратегияҳои асосии маркетингро ошкор мекунанд. Қисми муҳими таҳқиқот таҳлили ҳамаҷонибаи монандӣ ва фарқиятҳои байни равишҳои маркетинги ҳудудӣ мебошад. Муаллифон ба хулосае меоянд, ки маркетинги ҳудудӣ метавонад ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии минтақа ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат кунад.

**Калидвожаҳо:** маркетинг, ҳудуд, маркетинги ҳудудӣ, маркетинги иқтисодӣ, иқтисодиёти миллии, иқтисоди бозорӣ.

**Бободжонова М.С.**

## О ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТАХ ТЕРРИТОРИАЛЬНОГО МАРКЕТИНГА И ЕГО ЗНАЧЕНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматривается формирование понятия регионального маркетинга. Авторы обобщают существующие подходы к определению понятия «территориальный маркетинг» и раскрывают сущность основных маркетинговых стратегий. Важной частью исследования является комплексный анализ сходств и различий подходов территориального маркетинга. Авторы приходят к выводу, что территориальный маркетинг может способствовать

повышению эффективности регионального управления и обеспечению устойчивого социально-экономического развития.

**Ключевые слова.** Маркетинг, территория, территориальный маркетинг, экономический маркетинг, национальная экономика, рыночная экономика.

**Bobodjonova M.S.**

## ON THEORETICAL ASPECTS OF TERRITORIAL MARKETING AND ITS SIGNIFICANCE IN MODERN CONDITIONS

The article discusses the formation of the concept of regional marketing. The authors summarize existing approaches to defining the concept of “territorial marketing” and reveal the essence of the main marketing strategies. An important part of the study is a comprehensive analysis of the similarities and differences between territorial marketing approaches. The authors come to the conclusion that territorial marketing can help improve the efficiency of regional management and ensure sustainable socio-economic development.

**Key words.** Marketing, territory, territorial marketing, economic marketing, national economy, market economy.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба марҳилаи ташаккул ва рушди низоми иқтисоди бозорӣ хос аст, таваҷҷуҳ ба маркетинг рӯз аз рӯз меафзояд. Ба туфайли истифодаи васеи иқтидорҳои мавҷуда дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ-истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, рақобат дар бозорҳои минтақавӣ пуршиддат гардид, ки таҳлили масъалаҳои маркетинги ҳудудиро талаб менамояд.

Рақобат байни истеҳсолкунандагони ватанӣ ва хориҷӣ боиси баланд шудани сифат ва истеҳсоли намудҳои нави махсулот гардида, зарурати машғул шудан ба маркетингу реклама ва таҳқиқи бозорҳоро боз ҳам пурзӯр намуд. Имрӯз муқовимат ба ин тамоюлҳои ҷаҳонӣ барои иқтисодиёти миллӣ мушкил шуда истодааст, ки дар ин замина масъалаи омӯзиши ҳудудҳо ва банақшагирии стратегияи рушди онҳо аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Охирҳои асри XXI самти нави мустақил дар иқтисодиёти бозор пайдо гашт, ки онро «маркетинги ҳудудӣ» номгузорӣ карданд. Оид ба мафҳуми «маркетинги иқтисодӣ», «маркетинги анъанавӣ», «маркетинги иҷтимоӣ» ва «маркетинги ҳудудӣ» аз тарафи олимон ақидаҳои гуногун пешниҳод шудааст. Маркетинги ҳудудӣ бештар ба инкишофи бозори минтақавӣ таъсир расонида, байни дигар намудҳои маркетинг мақоми мустақил гирифт.

Истилоҳи «маркетинг» дар адабиётҳои илмӣ аз калимаи лотинии «market - бозор» гирифта шуда, маънои азхудкунии бозорҳоро дорад [2]. Ва дар ҳақиқат маркетинг мавҷудияти бозорро ҳамчун системаи таркибии принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои пешбурди мол, кор ё хизматрасонӣ аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда пешбинӣ менамояд, ба рушди шароити бозор хизмат мекунад ва ба интенсификатсияи талабот ва пешниҳод мусоидат мекунад.

Истилоҳи «ҳудуд» аз калимаи лотинии «territorius» буда, барои муайян кардани қисмат, сатҳи кураи замин, инчунин фазой беруна, ки сарҳадҳои муайян доранд истифода мешавад [3].

Бо назардошти ҳамин биниш, маркетинги ҳудуди маҷмаи чораву амалҳое мебошанд, ки аз тариқи фаъолияти бошуурона ва мақсаднок таҳқиқ мешаванд.

Ин чораву тадбирҳо барои то сатҳи максималӣ қонеъ сохтани эҳтиёҷи иҷтимоӣ – иқтисодӣ минтақа ва истемолкунандагони беруна, ки мавриди таваҷҷуҳи ҳамин ҳудуданд, равона гардидааст.

Маркетинги ҳудудӣ – маркетинг ба манфиати худудуди он, субъектҳои дохилии он, инчунин субъектҳои беруние, ки ба таваҷҷуҳ ва сармоягузории онҳо қаламрав манфиатдор аст.

Марҳилаҳои рушди маркетинги ҳудудиро ба 3 давра метавон ҷудо кард (ниг. ба расми 1):




**Расми 1. Марҳилаҳои рушди маркетинги ҳудудӣ**

Мазмун ва моҳияти маркетинги ҳудудиро аз тариқи муайян кардани мақсади он тавсир додан мумкин аст. Омӯзиши нашрияҳои илмии соҳавӣ доир ба ин мавзӯъ далолат мекунад, ки ҳадафи асосии маркетинги ҳудудӣ, ин афзудани неруи рақобатии он тавассути таъмини рақобатпазирии масъалаҳои ҳудудиву истеҳсолӣ, корхонаҳо ва соҳаҳо маҳсуб мегардад. Ҳангоми расидан ба ҳадафи маркетинги минтақавӣ мо ба мақсадҳои худ ноил мегардем, ки он ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолии минтақа ва дар умум мамлакат мусоидат мекунад.

Ҳадафи асосии сиёсати таъмини рақобатпазирии соҳаҳои саноат - аз афзоиш додани ҳаҷми маблағгузорӣ дар он, ки сатҳи некуаҳволии ҷомеъаро баландтар ва ҳолати онро мӯътадил мегардонад, иборат мебошад. Тибқи ақидаи олимони соҳаи иқтисод, минтақа метавонад худ бо қонеъ гардонидани манфиатҳои аҳолӣ, ки истеъмолкунандагони минтақа мебошанд, ба рақобат тобовар бошад. Аҳолӣ яке аз омилҳои муҳими истеҳсолии минтақа мебошад. Аз сабаби ба минтақаҳои пешрафта кӯч бастани аҳолии боистеъдод ин захира метавонад, ҳар вақт тамом шавад. Ба андешаи олими хориҷӣ Вулэй Г. “Асоси рушди минтақа, маҳз сокинони маҳаллӣ маҳсуб меёбанд”[16]. Ин аз он далолат медиҳад, ки мавҷудияти ҳудудро се унсури ба ҳам муттаҳидшуда ташаккул медиҳанд: 1. Қаламрав 2. Аҳолӣ 3. Ҳокимияти маҳаллӣ. Сифат ва микдори ин элементҳо мавқеи имрузу фардои ҳудудро муайян мекунад.

Ф. Котлер дар бораи маркетинги маконҳо гуфтааст: «Маркетинги макон фаъолиятест, ки бо мақсади эҷод, нигоҳдорӣ ё тағйир додани муносибатҳо ва ё рафторҳои марбут ба мавқеъҳои мушаххас ба амал бароварда мешавад»[9]. Аксаран, тарзу усулҳои маркетинги минтақавӣ метавонад ба чор қисмат тақсим карда мешавад: маркетинги маҳаллаҳои истиқоматӣ, минтақаҳои рушди иқтисодӣ, минтақаҳои истироҳатӣ ва сармоягузории замин.

Дар таҳқиқотҳои муосир як қатор мафҳумҳоеро дидан мумкин, ки мушкилоти муносибатҳои маркетингиро ба идоракунии минтақа инъикос мекунанд, аз қабили «маркетинги минтақавӣ», «маркетинги макон», «маркетинги шаҳрӣ», “маркетинги ҳудудӣ”, “маркетинги ҳудудҳо”, “маркетинг дар дохили ҳудуд” ва дигарон. Бинобар ин, зарур аст, ки таҳлили мухтасари ин вожаҳоро дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

**Ҷадвали 1.1.**

**Тавсифи мафҳуми маркетинги ҳудудӣ аз ҷониби олимони соҳа**

| **Сарчашма** | **Мафҳум** |
|---|---|

| | |
|---|---|
| Ускова, Т.В. Индикативное планирование развития муниципальных образований : моноф. исслед. на материалах г. Вологды / Ускова Т.В.; [под науч. рук. д. э. п., проф. В.И. Ильипа]. - Вологда : Вологод. науч.- координац. центр ЦЭМИРАН, 2003. -159 с. | Маркетинги шаҳр воситае, ки манфиати тиҷоратро барои ҳалли масъалаҳои тараққиёти иқтисодиёти шаҳр ва соҳаи иҷтимоии он ба назар мегирад. |
| Орлова, Т.М. Управление развитием города : метод, рек. мест. адм. по продви-жению городов / Орлова Т. М. - М.: ТИКОМ, 2001. - 40 с | Маркетинги ҳудуд – ин истифодаи самараноки афзалиятҳои мавҷуда, инчунин фароҳам овардани бартариҳои нав барои ҷалби агентҳои эко-иқтисодӣ ба шаҳр, ки метавонанд некӯаҳволии сокинони онро беҳтар кунанд. |
| Воронин. В., Целых Т. Маркетинг территории: теоретические подходы // Проблемы современной экономики. 2011. №4 (40). | Маркетинги ҳудудро комплекс - фаъолияте, ки ба қонеъ гардонидани манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии худи қаламрав, гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон, аз ҷумла истеъмолкунандагони берунии он нигаронида шудааст, муайян мекунад. |
| Фролов Д. Маркетинговый подход к управлению пространственным разви-тием // Пространственная экономика. — 2013. — № 2. | Маркетинги ҳудудро ҳамчун механизми идоракунии рушди бозор мефаҳмад. Ҳудудҳо дар асоси принсипҳои худидоракунии ташкилот ва дастгирии тамоюлҳои дар ҳудуд ба вуҷуд омадаанд. |
| Ованесян Н.М., Мидлер Е.А. Маркетинг территорий в управлении пространствен-ным развитием российский регионов: состояние, конкурентный подход, инструменты // Наука и образование: хозяйство и экономика; предпри-нимательство; право и управление. — 2015. — № 10 (65). | Маркетинги ҳудудиро дар маҷмӯъ ҳамчун воситаи идоракунии ҳудудӣ барои рушди дарозмуддат, дар асоси пешгӯиҳо ва баҳодиҳии вазъият, инчунин як намуди мустақили фаъолияти маркетингӣ нисбат ба инкишофи ҳудудӣ таъкид мекунад. |
| Андреев С.Н. Маркетинг некоммерческих субъектов / Андреев С. П. - М.: Фшпресс,2002.-320с. | Маркетинги макон ба ташаккул, нигоҳ доштан ё тағйир додани муносибати истеъмолкунандагон, миёнаравон ва аудиторияҳои алоқа нисбат ба «маконҳо» нигаронида шудааст. Дар соҳаи тиҷорат инҳо минтақаҳои манфиатҳои иқтисодии корхонаҳои истеҳсолӣ, бонкҳо, гурӯҳҳои молиявӣ ва ғайра мебошанд. Дар соҳаи ғайритиҷоратӣ бошад – инҳо ҷойҳо ва объектҳои дорои арзиши таърихӣ, ёдгориҳои фарҳангӣ, меъморӣ, меъморӣ, осорхонаҳо, китобхонаҳо ва ғайраҳо мебошад. |
| Алексеев С. В. Марке-тинговое право России : учеб. для вузов / Алексеев С. В. - М.: НОРМА, 2003. - 640 с. | Маркетинги ҳудудӣ ба маънои маҳдудаш муомилоти иқтисодии амволи ғайриманқул, аз ҷумла замин, ба маънои васеъ - ҷолибияти ҳудудро дар бар мегирад. Дар мавриди шахсиятҳо, ҳамчун объекти маркетинг, мо |

| | |
|---|---|
| | метавонем бозори меҳнат (вакансияҳо) ва шахсиятҳои барҷастаро дарк кунем. |
| Муаллиф | Маркетинги ҳудудӣ омили идоракунии минтақавӣ мебошад, ки истифодаи оқилонаи он ба рушди бомуваффақияти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа тавассути истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ имконпазир аст. |

Дар соли 1994 пажуҳишгарон Лавров А. ва Сурнин Б. нахуст шуда, вожаи «маркетинги минтақавӣ» -ро дар адабиётҳои илмӣ дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ ҷори намудаанд [12]. Пажуҳишгарон маркетинги минтақавиро ҳамчун ҷузъи низоми бозорӣ дарҷ намудаанд, ки он на дар сатҳи микроиқтсиод, балки дар сатҳи мезоиқтисод низ ба амал баровардa мешавад. Мафҳуми маркетинги минтақавӣ, қабл аз ҳама дар такя бо равиши иқтисодӣ-ҷуғрофӣ ташаккул ёфтааст.

Иқтисодчӣ Бутов В.И. доир ба мафҳуми маркетинги минтақавӣ дар кори илмии худ ақидаи мазкурро дарҷ намудааст, яъне: "Маркетинги минтақавӣ – ин тарзи муайяни фикру ақида ва амалкард дар сатҳи минтақавӣ, ғояи нави тиҷоратии соҳибкорӣ дар сатҳи минтақа буда, барои қонеъ гардонидани хоҳиши муайяни одамон асос ёфтааст”[4]. Ҳамин тавр, ходимон ва иқтисодчиёни минтақавӣ ӯҳдадоранд, то ки талаботи аҳолӣ ва тиҷоратро ба молҳо. ки ҳам дар сатҳи минтақа ва ҳам берун аз минтақа фаъолият мебаранд, ба пурраги қонеъ намоянд. Мафҳуми маркетинги минтақавӣ бо вазифаи иқтисодӣ ва ҷуғрофии ҷойгиркунии фаъолияти истеҳсолӣ дар ҳудуди муайян зич алоқаманд аст.

Дар соли 1999 аз ҷониби иқтисодчӣ-олим намудҳои маркетинги минтақавӣ пешниҳод шуда ва шаклҳои татбиқи он муайян карда шудааст. Дар таҳқиқотҳои худ Гапоненко А.Л. қайд кардааст, ки «Маркетинги минтақавӣ метавонад дар шакли маркетинги замин, манзил, минтақаҳои рушди иқтисодӣ, инвеститсионӣ, маркетинги сайёҳӣ ва дигарон ба роҳ монда шавад»[7]. Гапоненко А.Л. ҳанӯз дар соли 2001 оид ба маркетинги минтақавӣ ва шаҳрӣ баён намудааст: «Маркетинги минтақавӣ ва мунисипалӣ системаи тадбирҳои ҷалби агентҳои нави иқтисодӣ ба минтақа ё шаҳрест, ки ба пешрафти тамоми минтақа мусоидат мекунад»[7]. Таърифоти мазкур, моҳияти маркетинги минтақавӣ ва маҳаллиро бештар дар самтҳои рушди минтақавӣ ва муносибати маркетингӣ ифода менамояд.

Аз нуқтаи назари А. Панкрухин маркетинги ҳудудӣ мафҳуми мураккабтар ва бисёрҷанба буда, маркетинги минтақавӣ ҳамчун ҷузъҳои он дар бар мегирад (расми 2).




**Расми 2. Тафсири маркетинги ҳудудӣ**[13].

Мувофиқи расми 2, маркетинги ҳудудӣ ва минтақавӣ аз ҷиҳати таъсири онҳо ба ҳам монанд аст. Аз ин лиҳоз, нуқтаи назари дурусте вуҷуд дорад, ки фаҳмиши васеътари маркетинги ҷойҳоро пешниҳод мекунад, ки табиатан мураккабтар аст. Бинобар он, дар самти фаъолияти маркетингӣ, ки ба инкишофи муҳити маркетинг таъсир бахшаст, кушиши дохилӣ ва берунии ҳудуд бояд ба назар гирифта шавад. Аммо аз нуқтаи назари таҷриба ин мафҳумҳо тибқи ақидоти муҳаққиқон, ки дар асоси консепсияи маркетинги ҳудудӣ амал менамоянд, дар алоҳида омӯхта нашудаанд. Масалан, муҳаққиқ Ф.Котлер дар таҳқиқоти худ мафҳуми маркетигро чунин ифода намудааст: маркетинг – ин воситаи стратегӣ мебошад, ки ба воситаи баҳодиҳии ҳамаҷонибаи мушкилот имкон медиҳад, ки ҳудудро азхуд намояд [9]. Маркетинги ҳудудӣ дар ин тафсир интихоби оқилонаи роҳи ҳал ва муносибати эҷодкорона ба рушди ҳудуд бо назардошти хатарҳо, мушкилот ва имкониятҳо мебошад.

Якчанд муҳаққиқони соҳаи маркетинги ҳудудиро номбар кардан мумкин аст, ки онҳо дар омӯзиш ва таҳқиқи соҳаи мазкур саҳми худро гузоштаанд ва вобаста ба хусусиятҳои хос стратегияи тараққиёти ҳудудро пешниҳод намудаанд (расми 3).




**Расми 3. Равишҳои асосии маркетинги ҳудудӣ**

Бояд қайд кард, ки мавқеи рақобат дар ҳама консепсияҳои назариявӣ зарур мебошад. Мисол, Панкрухин А. дар кори илмии худ тарзи татбиқи стратегии тадқиқоти мақсадноки бозорро тибқи усули SWOT-таҳлил ва натиҷаҳои аз он ҳосилшуда муайян менамояд. [13].

Ҳамчунин Сачук Т. бо ҳамин усул мавқеъгирии ҳудудро дар минтақа аниқ сохта, ба тафриқаи минтақаҳои рақобаткунанда ва тақсимоти таъминоти ҳудуд дар доираи афзалиятҳо барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ диққати махсус ҷалб намудааст[15].

Арженовский И. қайд менамояд, ки «...мавқеъгирӣ - мустаҳкам намудани қувваи тавонои минтақа аст. Дар асоси он чизе ки ба даст омадааст ба оянда нигаронида шудааст»[1].

Муҳаққиқони хориҷӣ Ф. Котлер, Д. Ҳайдер, И. Рейн ва К. Асплунд чунин мешуморанд, ки ҳудудҳо бояд ҳамеша бо минтақаҳои рақобаткунанда муқоиса карда шаванд. Унсури нахусти стратегияи маркетинги макон, мавқеи ҷойгиршавӣ, манзараҳои ҷолиб ва ҳавасмандсозии истеъмолкунандагони дохилӣ ва хориҷиро дар бар мегирад[10].

Бисёре аз пажӯҳишгарони хориҷӣ аҳамияти ҷалби аҳолии маҳаллиро ба ҳамкории муваффақ бо аудиторияи мақсаднок дар чаҳорчӯби маркетинги ҳудудӣ ва инчунин саҳми иловагии аҳолии маҳаллӣ дар мавқеъгирии ҳудудро таъкид мекунанд. Ҷалби сокинони маҳаллӣ дар ин раванд омили муҳими муваффақият аст. Масалан, Г.Вулэй онҳоро калиди моҳияти рақобатпазирии ҳудуд меноманд[16].

Панкрухин П. рақобатпазирии минтақаро дар дораи маркетинги минтақавӣ таҳқиқ менамояд, ки бевосита бо маҳсулоти минтақа, нархҳо, мавқеъгирӣ ва пешбурди онҳо, яъне унсурҳои асосӣ алоқаманд аст[13].

Бисёри мафҳумҳоеро, ки муҳаққиқони ин соҳа истифода мебаранд, баррасӣ намуда, намудҳои маркетингро муайян намудем, ки объекти таҳқиқоти ин соҳа мебошанд.

Аз нуқтаи назари мо мафҳуми «маркетинги ҳудудӣ» бояд равшантар муайян карда шавад. Маркетинги ҳудудӣ як намуди маркетинг аст, ки бо хусусияти объекти таҳқиқот ва татбиқи фалсафаи маркетинг дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ тавсиф мешавад. Маркетинги ҳудудӣ шакл ё усули муайяни фаъолиятро дар бар мегирад, дар баъзе мавридҳо вобаста ба хусусияти ҳадафи мушаххас (ҳудуди мушаххас), ки маркетинг ба он амалӣ карда мешавад.

Маркетинги минтақавӣ як фаъолиятест, ки онро ҳамчун нақшаи маркетингӣ ҷамъбаст менамояд, ки аз як чанд қадамҳои барои ҳалли мушкилоти маркетингӣ равонашуда иборат мебошад. Масалан, онҳо обрӯи минтақаро боло мебаранд, сармоягузории хориҷиро афзоиш медиҳанд ва иштирок дар барномаҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ зиёд мешаванд. Инҳо амалҳое мебошанд, ки бештар ба субъектҳои берунии қаламрав нигаронида шудаанд.

Маркетинги минтақавӣ шакли мустақили маркетинг бо ҳадафи мушаххас (минтақа) мебошад. Маркетинги минтақавӣ яке аз самтҳои маркетинги ғайритиҷоратӣ маҳсуб мешавад ва аз ҷониби ташкилотҳо ё шахсони алоҳида ба манфиати ҷомеа амалӣ карда мешавад.

Онро метавон ҳамчун фаъолияте муайян кард, ки ба эҷод, нигоҳдорӣ ё тағир додани муносибат ва рафтори резидентҳо ва ғайрирезидентҳо нисбат ба як қаламрави муайян нигаронида шудааст.

Маркетинги ҳудудӣ як фалсафаи идоракунии замин мебошад, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии қаламрав тавассути қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва соҳибкорон ба захираҳои ин минтақа барои воситаҳои зиндагӣ ва фаъолияти онҳо мусоидат мекунад. Ҳамзамон сарвати асосиест, ки мо объективона дар ихтиёри худ дорем. Инчунин бояд дар он ҷиҳатҳои таърихи тараққиёт, анъанаҳои минтақа, хусусият ва тарзи зиндагонии аҳолӣ ва дигар омилҳои зиёди «дастгиранда» ба эътибор гирифта шавад.

Маркетинги ҳудудӣ ба ашёи хом, меҳнат, захираҳои моддӣ ва савдои қаламрав тамаркуз мекунад. Ҳамаи он чиро, ки дар худи ҳудуд мавҷуд аст, аз як тараф, боигарии ҳудуд бошад, аз тарафи дигар, хамчун иқтидори тараққиёт ва хатто махсусгардонӣ бо рохи азхудкунии дурусти ҳудуд хисоб кардан мумкин аст.

Маркетинги ҳудудӣ диққати махсусро ба ашёи хом, захираҳои инсонӣ ва моддӣ ва тиҷорати минтақаро дарбар мегирад. Ҳамаи инро аз як тараф, ки дар худи ҳудуд мавчуданд, сарвати ҳудудӣ ҳисоб карда, аз тарафи дигар, ҳамаи инро ҳамчун иқтидори тараққиёт, аз чумла бо роҳи ислоҳ намудани махсусгардонии азхудкунии ҳудуд ҳисоб кардан мумкин аст.

Сокинон ва соҳибкорони ин минтақа ҳам “истеъмолкунанда” ва ҳам манбаи ҳимоят аз манфиатҳои минтақа мебошанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷониба ва таҳлили меъёрҳои афзалият барои зиндагӣ ва тиҷорат дар қаламрави муайян зарур аст. Хусусиятҳои асосии озодии шахсро дар шароити иқтисоди рақобатпазир кабул кардан лозим аст.

Маркетинги ҳудудӣ барои рушди иҷтимоию ахлоқӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ташаккули худ ҳамчун давлати махсуси иҷтимоӣ дар асоси шаклҳои пешрафтаи худидоракунӣ ва худтанзимкунӣ масъулияти иҷтимоӣ дорад.

Аз натиҷаҳои таҳқиқот ба хулосае омадан мумкин аст, ки сарфи назар аз тафсиротҳои гуногуни маркетинги ҳудудӣ ва таҷрибаи он, назарияи появӣ (консептуалӣ) ва низомноки (системави)-и маркетинги ҳудудӣ ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Категорияи «маркетинги ҳудудӣ» чунон бахсталаб аст, ки асосноккунии илмии системаи нави муносибатҳо талаб карда мешавад. Ин низом бояд бо фаъолияти бошуурона ва мақсаднок, ки ба қонеъ гардонидани манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа нигаронида шудааст, алоқаманд бошад, инчунин манфиатҳои субъектҳои берунии ба ин қаламрав манфиатдорро ба назар гирад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми коркарди стратегияи маркетингии ба рушди ҳудуд нигаронидашуда, омилҳои асосӣ ин ҷалби сармоягузорӣ, рушди соҳаҳои афзалиятнок ва тавлиди бренди қавии ҳудудӣ маҳсуб меёбанд, ки дар фазои иртиботӣ (коммуникатсионӣ) ҷойгир ва пешбарӣ гашта, ба манфиати кор мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Арженовский, И. В. Маркетинг регионов [Электронный ресурс]. — Режим доступа : https://www.marketing.spb.ru.
2. Бозоров Ш.Ш. Маркетинг. Китоби дарсӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2017 – 424с.
3. Биглова, А. А., Гастенова, Е. В. Территориальный маркетинг как фактор повышения инвестиционной привлекательности // Науковедение. — 2015. — № 6. — Т. 7.
4. Бутов, В. И. Основы региональной экономики : учеб. пособие для студентов вузов / В. И. Бутов, В. Г. Игнатов, Н. П. Кетова. - М. : Университет ; Ростов п/Д:[МарТ],2000.-409с.
5. Визгалов, Д. В. Маркетинг мест. Российский контекст [Электронный ресурс]. — Режим доступа : http://www. slon.ru
6. Виноградов, В. П. Социальное проектирование локального гражданского общества в рамках мупиципального образования : учеб. пособие / Виноградов В. П., Эрлих О. В. - СПб. : Леонтьев, цептр, 2003. - 8 с.
7. Гапоненко А. Л. Менеджмент : учебник для вузов / А. Л. Гапоненко [и др.] ; под общей редакцией А. Л. Гапоненко. — 2-е изд., перераб. и доп. — Москва : Издательство Юрайт, 2024. — 379 с
8. Демьяненко, А. Н. Маркетинг мест, или уроки стратегического маркетингового планирования городского и регионального развития (о книге Ф. Котлера, К. Асплунда, И. Рейна и Д. Хайдера «Маркетинг мест») // Пространственная экономика. — 2006. — № 4. — С. 159–168.
9. Котлер, Ф. Основы маркетинга: пер. с апгл. /Котлер Ф.; [общ. ред. и вступ. ст. Е. М. Пеньковой]. - М.: Прогресс, 1990. - 736 с.
10. Котлер, Ф., Асплунд, К., Рейн, И., Хайдер, Д. Привлечение инвестиций, предприятий, жителей и туристов в города, коммуны, регионы и страны Европы. — СПб., 2005. — С. 15–17.
11. Kotler, F., Jatusripitak, S., Maescincee, S. Marketing of nations: a strategy approach to building national wealth. — New York, 1997.
12. Лавров, А. М. Реформирование экономики : регион, аснекты / Лавров А. М., Сурнин В. С. - Кемерово, 1994. - Ч. 2: Региональный маркетинг и тенденции его развития.

13. Панкрухин, А. П. Маркетинг территории : учеб. пособие. — СПб., 2006.
14. Регион : ресурсы местного саморазвития : спецкурс / [под науч. ред. 10. П. Алексеева, Б. Е. Шпилева]. - М.: БСТ, 1999. - Вып. 8. - 200 с.
15. Сачук, Т. В. Территориальный маркетинг. — СПб., 2009.
16. Wooley, H. Town centre management awareness: an aid to developing young people's citizenship // Cities. — 2000. — Vol. 17. — P. 453–459.

**УДК 336.717.1:33**

**Вализода Ш.Ш., Махмадуллозода Б.З.**

## ЦИФРОВИЗАЦИЯ - ОДНО ИЗ ВАЖНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ РАЗВИТИЯ БЕЗНАЛИЧНЫХ ПЛАТЕЖЕЙ

За последнее десятилетие вкладываются огромные усилие в сторону создания цифровой экосистему и внедрению инновационные технологии, которые открыли новые возможности для социально-экономического развития. Цифровизация экономики прежде всего облегчает способы доступа к платежам, посредством таких финансовых продуктов как онлайн-банкинг и мобильные приложения. Эти инновационные и цифровые банковские решение помогли потребителям и предприятиям перейти от наличных и чеков к электронным платежам, включая платежи по картам, электронные переводы денежных средств и платежи электронными деньгами. В последние годы Таджикистан предпринимает значительные шаги для внедрения и развития цифровой экономики, что является важной частью национальной стратегии по модернизации государственного управления и улучшению качества предоставляемых гражданам услуг. В статье исследуются организационно-теоретические вопросы, особенности и зарубежный опыт развития цифровизация как фактор развития безналичных расчетов в условиях внедрения цифровой экономики. Также рассмотрены текущее состояние и дальнейшее развитие безналичных расчетов в условиях цифровизации, изложены идеи, научные предложения и рекомендации автора по совершенствованию и повышению эффективности безналичных расчетов в условиях развития цифровой экономики.

**Ключевые слова:** цифровизация, безналичные расчеты, инновации, информационные технологии, цифровые технологии, цифровая экономика, стратегические направления, зеленая экономика, инклюзивный рост, экономика.

**Вализода Ш.Ш., Махмадуллозода Б.З.**

## РАҚАМИКУНОНӢ ЯКЕ АЗ САМТҲОИ МУҲИМИ РУШДИ ПАРДОХТИИ ҒАЙРИНАҚДӢ

Дар давоми даҳсолаи охир дар самти ташкили экосистемаи рақамӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, ки имкониятҳои навро барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ фароҳам овардаанд, кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шуданд. Рақамизатсияи иқтисодиёт пеш аз ҳама дастрасиро ба пардохтҳо тавассути маҳсулоти молиявӣ, аз қабили онлайн-банкинг ва барномаҳои мобилӣ осон мекунад. Ин қарорҳои инноватсионӣ ва рақамии бонкӣ ба истеъмолкунандагон ва корхонаҳо кӯмак карданд, ки аз пули нақд ва чек ба пардохтҳои электронӣ, аз ҷумла пардохтҳои кортҳо, интиқоли маблағҳои электронӣ ва пардохтҳои пули электронӣ гузаранд. Дар солҳои охир дар Тоҷикистон ҷиҳати ҷорӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ, ки ҷузъи муҳими стратегияи миллии таҷдиди идораи давлатӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон маҳсуб меёбад, тадбирҳои назаррас меандешад. Дар мақола

масъалаҳои ташкилӣ-назариявӣ, хусусиятҳо ва таҷрибаи хориҷӣ дар рушди рақамисозӣ ҳамчун омили рушди пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ шудааст. Инчунин вазъи кунунӣ ва рушди минбаъдаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити рақамӣ баррасӣ шуда, ғояҳо, пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои муаллиф оид ба такмил ва баланд бардоштани самаранокии пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ шудаанд. пешкаш карда мешаванд.

***Калидвожаҳо:*** рақамисозӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ, инноватсия, технологияҳои иттилоотӣ, технологияҳои рақамӣ, иқтисодиёти рақамӣ, самтҳои стратегӣ, иқтисоди сабз, рушди фарогир, иқтисод.

**Valizoda Sh.Sh., Mahmadullozoda B.Z.**

## DIGITALIZATION IS ONE OF THE IMPORTANT DIRECTIONS OF CASHLESS PAYMENTS DEVELOPMENT

Ҳамин тариқ, дар таърихи маркетинг Сайрус Маккормик аввалин соҳибкоре буд, ки аломатҳо ва унсурҳои маркетингро дар фаъолияти маҳсулотфурӯшии ширкати худ татбиқ кардааст. Ӯ аввалин касе буд, ки фарзияро дар бораи он ки, маркетинг бояд самти асосии фаъолияти менеҷменти корхона бошад ва менеҷер бояд бо доираи истеъмолкунандагони маҳсулоти фурӯхташаванда корбарӣ ва ҳамкорӣ кунад, пешниҳод кардааст. Ғояи маркетинг ва усулҳои пешбурди он аз ҷониби Сайрус Маккормик ҳанӯз то 100 соли пеш аз маъмул гардидани худи мафҳуми маркетинг истифода шудаанд. Зеро маркетинг ҳамчун вожаи иқтисодӣ ба доираи тафсири муосири худ ва ҳамчун мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар охири солҳои 1800 ва аввали солҳои 1900 ворид шудааст. Мафҳуми маркетинг имрӯз ҳамчун сиёсати ҳадафмандонаи субъекти соҳибкорӣ фаҳмида мешавад, ки ба корбурди низоми воситаҳои бозор барои ноил шудани ҳадафҳои соҳибкорӣ тавассути ҳарчи бештар қонеъ намудани ниёзҳои мизоҷон (харидорон) асос меёбад. Худи вожаи маркетинг (аз забони англисӣ - marketing) ба забони тоҷикӣ ҳамчун «бозор» тарҷума мешавад.

Аввалин бор омӯзиши фанни маркетинг дар солҳои 1901-1902 дар донишгоҳҳои Чикаго (иёлоти Иллинойс), Ҳарвард (иёлоти Массачусетс), Мичиган ва Пелсинвания ба роҳ монда шуд. Пас аз чанде, дар соли 1908 дар ИМА ширкати тиҷоратии таҳқиқотӣ доир ба омӯзиши масъалаҳои маркетинг созмон дода шуд. Аз солҳои 1910 шуруъ карда, дар корхонаҳои тиҷоратӣ шуъбаҳои маркетинг ба фаъолият оғоз карданд. Соли 1922 аввалин бор таблиғ дар радио садо дод, соли 1926 дар ИМА ассотсиатсияи миллии омӯзгорони фанҳои маркетинг ва таблиғ ташкил шуд. Пас аз таназзули буҳрони бузурги иқтисодии солҳои 1929-1933, ки тамоми ИМА-ро фаро гирифт ва таъсири ҷаҳонӣ дошт, маркетинг дар доираҳои олимони иқтисоддон ҳамчун илми мустақил эътироф гардид.

Рушди истеҳсолоти саноатӣ ва афзоиши бесобиқаи шаҳрҳо, дар паёмади ин хосияти оммавӣ гирифтани истеҳсолоти саноатӣ дар солҳои 1940-1950 ба он боис гардид, ки истеҳсолкунандагон акнун ба сифати маҳсулот бештар диққат медоданд. Азбаски дар ин давра пешниҳоди маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ дар бозорҳо зиёд шуда буд, дар аксари мамлакатҳои Европа ва ИМА масъалаи ҳавасмандгардонии фурӯш дар низоми менеҷменти корхонаҳо ба мартабаи аввалӣ баромад. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ кӯшиш мекарданд, ки бештар тарзҳои пешрафтаи фурӯши маҳсулоти худро ба кор баранд, ки дар натиҷа дар корхонаҳо ва дар бозори меҳнат касби мутахассис оид ба фурӯш – маркетолог (бозоршинос) маъмул гардид. Ғояҳои маркетинг дар равандҳои таҳия ва банақшагирии истеҳсолот ворид мешуданд, дар амалисозии онҳо ба назар гирифтани манфиатҳои истеъмолкунандагон ба ҷойи аввал баромад. Вобаста ба ин, маълум гардид, ки фурӯши маҳсулот унсури муҳими маркетинг набуда, таҳкими фурӯш танҳо яке аз вазифаҳои маркетинг мебошад. Таҳаввули минбаъдаи мафҳуми маркетинг ба табдили афзалиятҳои корхона дар ноилгардии ҳадафҳо мутобиқи тағйирёбиҳои муҳити бозор бо дарназардошти ниёзҳои истеъмолкунандагон алоқаманд мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маркетинг ҳамчун самти илм дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ ва ҳамчун намуди фаъолияти иқтисодӣ дар доираи соҳибкорӣ дар нимаи дуюми солҳои 1980, дар давраи амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ ва тавлиди унсурҳои бозор дар Иттиҳоди Шуравӣ, ки Тоҷикистон як ҷузъи он буд, ба вуҷуд омадааст. Он замон дар ҳудуди мамлакат аввалин субъектҳои бозорӣ – кооперативҳои тиҷоратӣ таъсис дода шуданд ва роҳбарияти онҳо барои фурӯши маҳсулоти худ ғояҳои барои иқтисодиёт нави бозорӣ, аз ҷумла таблиғро бо шавқу ҳаваси зиёд ба кор мебурданд.

Бо рушди муносибатҳои бозорӣ дар мамлакат ва густариши саҳми соҳибкории хусусӣ дар иқтисодиёти миллӣ, субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояҳо ва усулҳои дар мамлакатҳои хориҷӣ маъмули маркетинги муосирро дар фаъолияти тиҷоратии худ ба хотири зиёд кардани ҳаҷми фурӯши маҳсулот бештар истифода мебаранд. Акнун дар маркази таваҷҷуҳи низоми менеҷмент дар корхонаҳои тиҷоратӣ истеъмолкунанда меистад. Дар аксари корхонаҳо шуъбаҳои маркетинг ва фурӯш амал мекунанд, ки дар фаъолияти худ онҳо бештар ба омӯзиши манфиатҳои истеъмолкунанда, талабот ва афзалиятҳои интихоби он диққат медиҳанд. Дар ин маврид маҳаки асосии арзёбии самаранокии фаъолияти хадамоти маркетинг дар корхонаҳо ташаккули садоқати истеъмолкунандагон ба корхона ва маҳсулоти он ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби хадамоти мазкур дар корхонаҳои тиҷоратӣ стратегияи маркетинг таҳия ва роҳандозӣ карда мешавад, ки ҳадафи асосии он ҷалб ва таҳкими заминаҳои ҷалбкунӣ ва нигоҳдории истеъмолкунандагон барои манфиати корхона мебошад. Хоҳиш ва завқмандии роҳбарият барои баланд бардоштани даромаднокии тиҷорат бо масъулияти иҷтимоии кормандони корхона якҷоя карда мешавад, аз ин рӯ дар заминаи тадбирҳои маркетингӣ фаъолияти соҳибкорӣ бо назардошти манфиатҳои ҷамъиятӣ сурат мегирад.

Маркетинги муосир ба дигаргуниҳои ҷиддии худ, ки бо таъсири технологияҳои рақамӣ, пайдо шудани хатҳо ва роҳҳои нави иртибот бо мизоҷон, тағйирёбии рафтор ва афзалиятҳои истеъмолкунанда ба миён омадаанд, нигоҳи менеҷменти корхонаҳо ва муҳаққиқонро ба худ дигар кард. Акнун маркетинг дар корхонаҳои тиҷоратӣ ҳамчун раванди таҳия, пешбарӣ ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳо дар бозор дарк карда мешавад ва равиши ҳамаҷонибаи

муносибат бо истеъмолкунандагонро ба хотири қонеъ гардонидани талабот, завқ ва хоҳишҳои онҳо, муҳим аз ҳама - ба даст овардани фоидаи ҳарчи бештари корхона ифода мекунад. Имрӯз маркетинг ба хотири ҷалби бештари мизоҷон (харидорон) ва таҳкими садоқати онҳо воситаҳои муосири технологияҳои рақамӣ, аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ, маркетинги мобилӣ, технологияҳои абрӣ, блокчейн ва таҳлили маълумотро истифода мебарад. Ҳамчунин дар фаъолияти фурӯш ва ба бозор ҳаволадиҳии маҳсулот дар корхонаҳо яке аз воситаҳои маркетинги муосир – фардикунонии иртибот бо мизоҷон ва ҳамкорӣ бо онҳо тавассути корбурди имкониятҳои технологияҳои иттилоотию иртиботии муосир ба кор бурда мешавад, ки барои таъсирбахш анҷом додани маъракаҳои таблиғотӣ ва ҳадафнокии ҳарчи бештари онҳо мусоидат мекунад.

Технологияҳои рақамии муосир, ки дар фаъолияти маркетингии корхонаҳо истифода мешаванд, равандҳои мутобиқсозӣ ба шароити дигаргуншавандаи бозорро суръат бахшида, ба автоматикунонии ҳарчи бештари чорабиниҳои маркетингӣ мусоидат мекунанд. Онҳо арзиши маҳсулот ва хизматрасониҳоро паст карда, имкониятҳои нави дастрасиро ба бозорҳои нав ба миён меоранд. Маҳсулоти корхонаҳои ватанӣ бо шарофати корбурди технологияҳои рақамии маркетинг, таблиғ ва ҳаволадиҳӣ ба бозор истеъмолкунандагони нави худро аз ҳисоби бозорҳои берунӣ пайдо мекунанд. Инчунин тавассути воситаҳои мазкур харидорони имконпазир аз доираи бозорҳои хориҷӣ бо афзалиятҳои истеъмолии маҳсулоти корхонаҳои ватанӣ шинос мешаванд. Шабакаи интернет дар баробари дарёфти бозорҳои хориҷӣ шаффофияти бештари тиҷоратро таъмин намуда, ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки таҷрибаи хориҷии маркетингро омӯзанд ва ба худ қабул кунанд, маҳсулоти истеҳсолкардаи худро ба бозорҳои нави хориҷӣ ворид кунанд.

Дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои интернет ҳамчун вазифаҳои афзалиятноки корхонаҳои тиҷоратӣ инҳо муқаррар карда мешаванд:

- суръат бахшидани равандҳои гузариш ба технологияҳои нави рақамӣ ё долонҳои технологӣ;
- ворид шудан ба бахшҳои нави бозор, аз ҷумла бозорҳои хориҷӣ;
- татбиқи низомҳои иттилоотию рақамӣ барои фардикунонии пешниҳоди маҳсулот ба истеъмолкунандагон [3, с. 214].

Азбаски долонҳои рақамӣ ба нақшаҳои маркетингӣ ва ҳаёти ҳаррӯзаи фурӯшандагон ва истеъмолкунандагон бештар дохил мешаванд, одамон ба ҷойи ташрифи ҷисмонӣ ба маконҳои фурӯши маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳо аз дастгоҳҳои рақамӣ истифода мебаранд, фурӯшгоҳҳо ва маъракаҳои маркетинги рақамӣ бештар маъмул ва самараноктар мешаванд.

Имрӯз харидорон ва истеъмолкунандагон ба хариди мол ва қабули хизматрасониҳои маҷозӣ тавассути интернет таваҷҷуҳи бештар доранд ва ин дар шароити рақамикунонии саросарӣ ва шуғли баланди одамон сурат мегирад. Хариди маҷозӣ (онлайн) ба таври назаррас вусъат ёфта, ҳиссаи бештари соҳаҳои истеҳсолотро фарогир шудааст. Ба шарофати ин технологияҳои маркетинги интренетӣ низ рушд мекунанд ва афзоиши талабот ба онҳо ба рушди истеҳсолот ва хизматрасониҳо боис мешавад. Ҳамин тариқ, субъектҳои соҳибкорӣ метавонанд ба мизоҷони худ дастрасии осонро ба иттилоот дар бораи молҳо ва хизматрасониҳои худ дар алоқамандӣ бо афзалиятҳо ва интихоби онҳо тавассути маркетинги интернетӣ ба роҳ монанд. Ҳамчунин онҳо метавонанд фаъолияти маркетингии худро бо истифодаи аутсорсинг [4] ва ташкили низоми назорати дохилӣ ба роҳ монанд ва ба ин васила хароҷоти худро камтар кунанд [5; 6].

Пешомадҳои рушди маркетинг барои иқтисодиёт ҳам ҷолиб ва ҳам нигаронкунанда мебошанд. Азбаски технологияҳои рақамии дар фаъолияти маркетингӣ истифодашаванда бемайлон рушд мекунанд, кормандони хадамоти маркетинги корхонаҳо бояд омода бошанд, ки фаъолияти худро бо долонҳо ва хатҳои нави рақамии фурӯши маҳсулот мутобиқ гардонанд. Масъалаи бехатарии аҳдҳои маҷозӣ низ имрӯз мубрам аст.

Афзоиши имкониятҳои зеҳни сунъӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки пешниҳодҳои ҳарчи бештар фардикунонидашудаи маҳсулоти худро такмил диҳанд. Ҳамзамон

воситаҳои муосири рақамӣ, аз қабили блокчейн барои амният ва махфияти аҳдҳои фурӯши ба таври маҷозӣ басташуда ва анҷомдодашуда имкониятҳои нав пешкаш карда метавонанд, ки ин ба рушди бештари маркетинги интернетӣ мусоидат мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Выставки публичные демонстрации достижений в области материальной и духовной деятельности человека [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: https://www.booksite.ru/fulltext/1/001/008/007/522.htm
2. Минин А., Сайрус Маккормик - первая комплексная программа маркетинга [Электронный ресурс] / А. Минин / Режим доступа: URL: https://marketing-course.ru/sayrus-makkormik-marketing/
3. Яхнеева И.В. Трансформация маркетинга: эволюция и тренды / И.В. Яхнеева // Проблемы развития предприятий: теория и практика. – 2023. - № 1-2. – С. 213-216
4. Каримов Б.Ҳ., Нуров, Б.А. Ҷанбаҳои амалии рушди аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ / Б.Ҳ. Каримов, Б.А. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. - № 11. – С. 136-143
5. Каримов Б.Х. Практические аспекты формирования внутреннего контроля в субъектах предпринимательства Республики Таджикистан / Б.Х. Каримов // Экономика предприятий, регионов, стран: актуальные вопросы и современные аспекты: сборник статей XII Международной научно-практической конференции, Пенза, 05 декабря 2023 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2023. – С. 39-43
6. Каримов Б.Ҳ., Ғуломов, З.Т. Рушди назорати дохилӣ чун воситаҳои баландбардории самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои аудиторӣ / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 3 (32). - С. 71-76


**УДК 330.322.54**

**Давлатзода Э.Д.**

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ СИЁСАТИ ҶОЛИБИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТ

Барои ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар ҷолибияти сармоягузории онро барои сармоягузорони хориҷӣ баланд бардоштан зарур аст. Ҷолибияти сармоягузорӣ мавҷудияти шароитҳоеро дар назар дорад, ки ба афзалиятҳои сармоягузорон ҳангоми интихоби объекти сармоягузорӣ таъсир мерасонанд. Идоракунии раванди сармоягузорӣ - ин низоме мебошад, ки байни иштирокчиён ба воситаи амалҳои сармоягузорӣ ташкил мешавад ва ба самти расидан ба сатҳи зарурии ҷолибияти сармоягузорӣ, ки вобаста ба самтҳои сармоягузорӣ ва дараҷаи рушди устувори соҳа аст, равона мегардад.

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ, ҷанбаҳои назариявӣ-методии сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, сиёсати ҷолибияти сармоягузорӣ.

**Давлатзода Э.Д.**

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОЛИТИКИ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В СФЕРЕ ТРАНСПОРТА

Для привлечения инвестиций в экономику страны необходимо повысить ее инвестиционную привлекательность для иностранных инвесторов. Инвестиционная

привлекательность предполагает наличие условий, влияющих на предпочтения инвесторов при выборе объекта инвестирования. Управление инвестиционным процессом - это система, которая организуется между участниками посредством инвестиционных действий и направлена на достижение необходимого уровня инвестиционной привлекательности, который зависит от направлений инвестирования и степени устойчивого развития отрасли.

**Ключевые слова:** инвестиции, инвестиционная политика, теоретико-методические аспекты инвестирования, инвестиционная привлекательность, политика инвестиционной привлекательности.

**Davlatzoda E.D.**

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL ASPECTS OF THE POLICY OF ATTRACTING INVESTMENTS IN THE SPHERE OF TRANSPORT

To attract investment into the country's economy, it is necessary to increase its investment attractiveness for foreign investors. Investment attractiveness implies the presence of conditions that influence investors' preferences when choosing an investment object. Investment process management is a system that is organized between participants through investment actions and is aimed at achieving the required level of investment attractiveness, which depends on the investment directions and the degree of sustainable development of the industry.

**Key words:** investments, investment policy, theoretical and methodological aspects of investment, investment attractiveness, investment attractiveness policy.

Дар адабиёти илмӣ равишҳои гуногун дар бораи раванди ҷолибияти сармоягузорӣ вуҷуд дорад. Ин гуногунӣ аҳамияти таҳлили амиқро барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт нишон медиҳад. Фаҳмиши дурусти ин рвишҳои гуногун метавонад ба ҷолибияти самаранокии сармоягузорӣ ва амалисозии лоиҳаҳои нақлиётӣ кӯмак расонад, ки, дар навбати худ, инфрасохторро беҳтар ва имкониятҳои иловагӣ барои бизнесро фароҳам меорад.

Амалан, нуқтаи назари зиёд дар бораи ҳамбастагии иқтисод ва нақлиёт вуҷуд дорад: баъзеҳо бар ин боваранд, ки иқтисод ба соҳаи нақлиёт таъсир мерасонад, дар ҳоле ки дигарон бар он боваранд, ки нақлиёт ба рушди иқтисодӣ кӯмак мекунад. Ба ибораи дигар, муаммо дар он аст, ки оё сармоягузориҳо дар нақлиёт ба рушди иқтисодӣ таъсир мерасонанд ё баръакс, рушди иқтисодӣ ба зиёд шудани ҷолибияти сармоягузориҳо дар инфрасохтори нақлиёт кӯмак мекунад.

Э.М. Гладстон дар таҳқиқоташ дуруст қайд мекунад, ки “Ҷолибияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори нақлиёт барои рушди иқтисодӣ хеле муҳим аст, зеро он ба беҳтар шудани логистика ва дастрасии бозорҳо кӯмак мекунад” [1, с.45]. Ҷолибияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори нақлиёт нақши калидӣ мебозад, чунки он логистикаро беҳтар, дастрасиро пурмаҳсул ва пайвандии бозорҳоро таъмин мекунад.

Ҷолибияти сармоягузорӣ омили асосӣ буда, ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи нақлиёт, кӯмак мерасонад. Инфрасохтори нақлиёт дар рушди иқтисодӣ нақши ҳалкунанда дорад, зеро он масъалаи пайвандгарии минтақаҳо, кӯмак ба интиқоли молу одамон ва таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат менамояд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши ҳаҷми интиқоли маҳсулот, дарки омилҳои ба ҷолибияти сармоягузорӣ дар нақлиёт таъсиррасонанда ва шароити сармоягузорҳоро беҳтар кунанда муҳим аст.

Ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт бо як қатор омилҳо муайян карда мешавад, ки баъзеи аз онҳоро метавон чунин қайд намуд:

• Маҳити ҳуқуқӣ: Санаду меъёрҳои сода ва имтиёзнок ба ҷолибияти сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Мавҷудияти кафолатҳои ҳуқуқӣ ва муҳофизати ҳуқуқи моликият барои боварӣ дар баргашти сармоягузорӣ муҳим аст;

• Устувории иқтисодиёт: Кишвари бо сатҳи пасти таваррум, устувории маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва асъори бо субот барои сармоягузорӣ бештар ҷалбкунанда хоҳад буд. Пешгӯишавандагии иқтисодӣ шароити мусоиде барои сармоягузории дарозмуддат фароҳам меорад;

• Рушди инфрасохтор: Мавҷудияти инфрасохтори баландсифат ва муосир, аз ҷумла роҳҳо, пулҳо ва бандарҳо, хароҷоти нақлиётро коҳиш ва самаранокии тиҷоратро афзоиш медиҳад;

• Дастгирии давлатӣ: Субсидияҳо, имтиёзҳои андоз ва барномаҳои муштараки давлатӣ метавонанд ҷолибияти сармоягузоронро ба таври назаррас афзоиш диҳанд.

Дар мавриди дастгирии давлатӣ, мо метавонем таҳқиқоти А.Л. Морозовро қайд намоем, ки «Дастгирии давлатӣ ва танзими дуруст дар ташаккули ҷолибияти сармоягузории лоиҳаҳои нақлиётӣ нақши ҳалкунанда мебозад»[7, с.76]. Дастгирии давлатӣ ва танзими муассир омилҳои муҳими ҷолибияти сармоягузории лоиҳаҳои нақлиётӣ мебошанд.

Аҳамияти инфрасохтори нақлиёт барои иқтисод дар он аст, ки инфрасохтори нақлиёт роҳҳо, пулҳо, роҳи оҳан, фурудгоҳҳо ва бандаргоҳҳоро шомил мекунад. Инфрасохтор ҳамчун асос барои фаъолияти иқтисодиёт амал намуда, ҳамзамон дастрасии молу хизматрасониҳоро таъмин мекунад.

Сиёсати давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт маҷмӯи чорабиниҳо мебошад, ки ба ҷалби сармоягузориҳо ва истифодаи самараноки онҳо барои рушди инфрасохтори нақлиёт, баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои нақлиёт, беҳтар кардани амният ва экологияи ҳаракат, инчунин ҳавасманд кардани инноватсияҳо ва рақамисозӣ дар ин соҳа равона шудааст. Ин сиёсати ба барномаҳои нақлиётӣ ва стратегӣ асос меёбад.

Сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт дар Тоҷикистон бо барномаҳои давлатӣ вобаста аст, ки ин на танҳо дурустии фаъолияти онҳо, балки самаранокии умумии ин барномаҳоро низ ба миён меорад. Мушкилоти асосии дар ин соҳа, ин набудани ҳамоҳангии байни барномаҳо ва камбуди маълумоти фарогир дар бораи хароҷотҳо мебошад. Ин омилҳо метавонанд ба баҳодиҳии воқеии самараи ин барномаҳо монеъ шаванд ва рушди самараноки соҳаи нақлиётро дар кишвар бо душворӣ рӯбарӯ созанд. Ғайр аз ин, хусусияти барномавии буҷет талаб мекунад, ки методологияи идоракунии хатарҳои лоиҳаҳо, ки дар ин барномаҳо шомил мебошанд, таҳким ёбад. Ин масъалаву талаботҳо нишон медиҳанд, ки рушди хатарҳо ва идоракунии онҳо дар доираи барномаҳои давлатии нақлиётӣ бояд пешравӣ ёбад, то ки натиҷаҳои самаранок ба даст оянд.

Ба ақидаи муҳаққиқи ватанӣ А.Х. Набиев дар бораи барномаи рушди сармоягузорӣ ва механизми он ин аст, ки “Механизми сармоягузорӣ низоми муайяне мебошад, ки идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиётро дарбар мегирад, ки мақсадҳо, принсипҳо, усулҳо, воситаҳо, захираҳо, субъектҳо ва объекти сармоягузориро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, қоидаҳо ва шартҳои шаклгирӣ, тақсимот ва истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиётро муайян мекунад, инчунин усулҳои баҳодиҳии самаранокӣ ва натиҷаи лоиҳаҳои сармоягузориро нишон медиҳад” [8, с.203]. Дар ин маврид таъкид намудан мумкин аст, ки механизми муассир барои идоракунии армоягузорӣ бояд на танҳо равиши идоракунӣ, балки инчунин методологияи баҳодиҳӣ ва арзёбии натиҷаҳои лоиҳаҳоро низ дар бар гиранд. Ин ҳолат ба мо кӯмак мекунад, то равиши комплексии идоракунии сармоягузориро дар соҳаи нақлиёт беҳтар дакр намоем.

Натиҷаҳои ин изҳорот таъкид мекунанд, ки механизми самаранокии сармоягузорӣ асоси рушди муваффақонаи инфрасохтори нақлиёт мебошанд. Вай на танҳо сармоягузориҳоро ба лоиҳаҳои зарурӣ равона мекунад, балки шаффофият ва низомнокиро дар идоракунии захираҳо таъмин месозад. Мавҷудияти қоидаҳои равшан ва усулҳои баҳодиҳӣ имконият медиҳад, ки хатарҳоро минималӣ ва бозгашти сармоягузориҳо максималӣ гардад, ки дар навбати худ, ин ҳолат ба ҷолибияти сармоягузориҳои хусусӣ ва давлатӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт механизми мавҷудбудаи сармоягузориро такмил ва мутобиқ ба талабот ва таҳдидҳои муосир

намудан зарур аст. Ин барои сармоягузорон шароити мӯътадил фароҳам оварда, барои рушди босамари инфрасохтори нақлиёт, мусоидат ба рушди иқтисодӣ ва беҳтар гардидани сифати зиндагии аҳолӣ имкон медиҳад.

Маълум аст, ки вазифаҳои номбаршудаи ташаккули барномаи сармоягузорӣ аз бисёр ҷиҳат алтернативӣ мебошанд. Масалан, суръати баланди афзоиши сармояро қисман аз ҳисоби кам кардани даромади ҷорӣ ба даст овардан мумкин аст. Афзоиши сармоя ва даромад бевосита ба сатҳи хавфҳои сармоягузорӣ вобаста аст. Таъмини қобилияти пардохтпазирии кофӣ метавонад ба барномаи сармоягузорӣ дохил намудани лоиҳаҳоеро, ки афзоиши сармояи дарозмуддат ва лоиҳаҳои сармояталаби дорои даромади баландро дар бар мегиранд, пешгирӣ намояд.

Таъсири мутақобила ва робитаи байни соҳаи нақлиёт ва иқтисодиёт аз ҷониби олимон хеле фаъолона омӯхта мешавад, аз ҷумла К.Н. Моисеева дар таҳқиқотҳои худ қайд менамояд, ки “Таъсири сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиёт бо афзоиши минбаъдаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ҳамкории байни навъҳои гуногуни нақлиёт ва истифодаи технологияҳои муосири логистикӣ дар бисёр корҳои илмӣ омӯхта шудааст” [6, с.528].

Ҳоло комплекси нақлиёт яке аз бузургтарин бахши моликияти умумӣ мебошад. Самараноки фаъолияти он ва рушди устувории он омили асосии суботи рушди иқтисодӣ, таъмини якпорчагӣ ва амният, инчунин баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Ин соҳа на танҳо барои иқтисодиёт, балки барои рушди иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар низ аҳамияти бузург дорад.

Дар тадқиқоти худ И.М. Гулий қайд мекунад, ки «Сифат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба рақобатпазирии иқтисодиёт, сатҳи зиндагии аҳолӣ, амният ва экологияи кишвар таъсир мерасонад» [2, с.52]. Барои ҳалли ин мушкилот бояд сатҳи сармоягузорӣ ба соҳаи нақлиёт ҳам аз ҳисоби давлат ва ҳам аз ҳисоби тиҷорати хусусӣ зиёд карда шавад.

Сармоягузорӣ ба нақлиёт ба модернизатсия ва тавсеаи инфрасохтори нақлиётӣ, баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасонии нақлиётӣ, беҳтар намудани бехатарии ҳаракат ва экология, рушди инноватсия ва рақамикунонӣ дар соҳаи нақлиёт мусоидат мекунад. Аммо ба ақидаи М.Г. Данилина “Барои ҷалб ва истифодаи самараноки сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт механизми мувофиқи сармоягузориро таҳия ва татбиқ кардан лозим аст, ки хусусиятҳо ва талаботи соҳа, инчунин манфиатҳои иштирокчиёни гуногуни бозорро ба инобат гирад” [3, с.129].

Талабот ба навсозӣ ва рушди инфрасохтори нақлиёт зиёд аст. Аммо, дар баробари ин, маҳдудиятҳои буҷетӣ, нарасидани сармоягузорони хусусӣ ва дастрасии пасти захираҳои қарзӣ аз зумраи онҳо мебошад, аз ҷумла:

- Рушди сусти механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи нақлиёт. Дар кишвари мо чунин шарикӣ бо сабаби мушкилот дар заминаи қонунгузорӣ, эътимоди пасти шарикон, набудани методологияи ягонаи арзёбии самаранокии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва нарасидани мутахассисони соҳибихтисос то ҳол ба сатҳи зарурии рушд накардааст;

- ақиб мондан дар рушди инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар соҳаи нақлиёт. Дар кишвар мушкилоти ками сармоягузорӣ дар рушди илмию техникии нақлиёт, мавҷуд набудани стратегияи ягона ва ҳамоҳангсозии ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва технологияҳои рақамӣ, норасоии захираҳои инсонӣ, инчунин муқовимат ба тағйирот дар соҳаи нақлиёт вуҷуд доранд.

Модернизатсия ва рушди босуръати нақлиёт шарти муҳими пешрафти индустриалӣ-инноватсионӣ ва мутаносибан иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад. Барои ноил шудан ба чунин суръати афзоиш ва ҳадафҳои модернизатсия идоракунии стратегии соҳа зарур аст, ки имкон медиҳад, ки дурнамои иқтидори он дақиқтар баҳо дода шавад, ки ин бо назардошти хусусияти даврии низоми иқтисодии ҷаҳонӣ махсусан муҳим аст. Идоракунии стратегӣ ба ноил шудан ба ҳадафҳои рушд нигаронида шудааст, ки тавассути истифодаи воситаҳои стратегӣ, аз ҷумла захираҳои сармоягузорӣ амалӣ карда мешаванд. Омили асосии муваффақияти идоракунии стратегӣ дар соҳаи нақлиёт ҷалби сармояи сармоягузорони хусусӣ

мебошад, зеро рушди устувори ин бахш аз татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ вобаста аст.

Чунон ки А.К. Смирнов дар таҳқиқотҳои худ қайд менамояд: «Рушди соҳаи нақлиёт муносибати стратегиро ба ҷолибияти сармоягузорӣ барои таъмини рушди устувор ва рақобатпазирӣ тақозо мекунад» [12, с.78]. Рушди соҳаи нақлиёт муносибати стратегии ҷолибияти сармояро тақозо мекунад, ки шарти ҳатмӣ барои ноил шудан ба рушди устувор ва рақобатпазирӣ мебошад.

Дар асоси матни пешниҳодшуда, якчанд хулосаҳои асосӣ баровардан мумкин аст.

Аввалан, раванди сармоягузорӣ категорияи муҳими иқтисодӣ мебошад, ки ҷанбаҳои молиявию истеҳсолии фаъолияти иқтисодиро бо ҳам мепайвандад. Ин аҳамияти сармоягузориро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи рушди устувори иқтисодӣ нишон медиҳад.

Дуюм, дарки робитаи байни ҷузъҳои молиявӣ ва истеҳсолии раванди сармоягузорӣ барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори нақлиёт муҳим аст. Ин равиш имкон медиҳад, ки банақшагирӣ ва татбиқи лоиҳаҳо самараноктар шавад, ки дар навбати худ ба рушди соҳаи нақлиёт ва такмили инфрасохтори он мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳамгироии ҷанбаҳои молиявӣ ва амалиётӣ дар раванди ҷолибияти сармоягузорӣ барои таҳлили амиқтар ва таҳияи стратегияҳое, ки ба ҷолибияти сармоягузорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт нигаронида шудаанд, замина фароҳам меорад. Идоракунии самарабахши ин равандҳо метавонад рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба таври назаррас суръат бахшад, ки омили асосии баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт дар маҷмӯъ мебошад.

Дар айни замон дараҷаи тараққиёти низоми нақлиёт ба талаботи хоҷагии халқ ҷавоб дода наметавонад. Хусусиятҳои ҳаҷӣ, иқтисодӣ ва сифатии нақлиёт, хусусан инфрасохтори он ба мо имкон намедиҳанд, ки проблемаҳои ҳозираро самаранок ҳал кунем. Ин имкон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба таҷдид ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ ҷалб карда шавад, ки метавонад самаранокии онро ба таври назаррас афзоиш диҳад ва дар натиҷа шароити тиҷорат ва рушди иқтисодии минтақаро беҳтар созад.

Сармоягузорӣ ба маҷмааи нақлиёт дар рушди тамоми бахшҳои иқтисоди кишвар нақши калидӣ дошта, ба сифати зиндагии аҳолӣ низ таъсири мусбат мерасонад. Ин аҳамияти ҷалби сармоя ба бахши нақлиётро таъкид мекунад, ки ин на танҳо инфрасохторро беҳтар мекунад, балки барои рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Тибқи ҳисобҳои Бонки ҷаҳонӣ, барои ноил шудан ба сатҳи зарурии рушди инфрасохтори нақлиётӣ ҳаҷми сармоягузорӣ бояд ҳудуди 4,5%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил диҳад. Ин арзиш ба мо имкон медиҳад, ки босифат ва навсозии низоми нақлиётро таъмин кунем, ки ин дар навбати худ ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ ва беҳтар шудани шароити зиндагии мардум мусоидат мекунад.

Оид ба беҳтар гардидани сифати зиндагии аҳолӣ дар натиҷаи ҷолибияти сармоягузорӣ И.П. Кузнетсов қайд мекунад, ки «Сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиёт на танҳо манфиатҳои иқтисодӣ, балки манфиатҳои иҷтимоӣ, аз қабили беҳтар шудани сифати зиндагӣ ва дастрасӣ ба хизматҳоро ба вуҷуд меорад» [5, с. 34]. Сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиёт на танҳо фоидаи иқтисодӣ медиҳад, балки манфиатҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла беҳтар шудани сифати зиндагӣ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳо низ меорад.

Ҳамин тариқ, ҷолибияти сармоягузории фаъол ба инфрасохтори нақлиётӣ асоси рушди устувори иқтисодӣ гардида, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, шароит барои соҳибкорӣ беҳтар мегардад, ки дар ниҳоят ба беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолӣ ва таҳкими мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ оварда мерасонад.

Новобаста аз ҳаҷми ҷолибияти сармоягузорӣ ба соҳаи нақлиёти ватанӣ дар солҳои охир, тағйироти сифатии рушди он на он қадар ба назар мерасад, чунки қисми назарраси он аз муҳлати муқарраргардидаи он бештар истифода бурда мешавад.

Ин хусусиятҳо зарурати ҷолибияти сармоягузорӣ ба нақлиётро барои навсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии он таъкид мекунанд. Барои рушди бомуваффақияти ин соҳа, фароҳам овардани шароити ҷолиб барои сармоягузорон муҳим аст, ки метавонанд дар навсозии паркҳои технологӣ ва инфрасохтор кӯмак расонанд. Сармоягузориҳо на танҳо сифати ҳамлу нақлро беҳтар мегардонанд, балки рақобатпазирии нақлиёти обиро дар маҷмӯъ баланд бардошта, ба рушди иқтисод ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунанд.

Умуман, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар нақлиёт гарави рушди устувори он ва таҳкими мавқеи он дар бозор хоҳад буд. Ин ҳам дастгирии давлат ва ҳам ҷалби фаъолонаи сармоягузорони хусусиро тақозо мекунад, ки сифати хизматрасониро хеле беҳтар намуда, фарсудашавии инфрасохторро коҳиш медиҳад ва дар ниҳоят кори самараноки тамоми низоми нақлиёти кишварро таъмин мекунад. Ҷолибияти сармоягузорӣ ба нақлиёт як қадами муҳими стратегӣ барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон мебошад.

Нақлиётро аз рӯи ҷолибияти сармоягузорӣ ба якчанд категория тасниф кардан мумкин аст:

- нақлиёти дорои аҳамияти минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз қабили фурудгоҳҳо ва истгоҳҳои роҳи оҳан.

- нақлиёти шаҳрӣ, аз ҷумла - дохилишаҳрӣ ва берун аз шаҳр.

Ин таснифот аҳамияти нақлиётро ҳам барои рушди иқтисодии кишвар ва ҳам барои баланд бардоштани сифати зиндагии мардум таъкид мекунад. Маблағгузориҳо барои бунёд ва таҷдиди чунин иншоот метавонад фаъолият ва ҷолибияти онҳоро ба таври назаррас афзоиш диҳад. Масалан, рушди нақлиёт метавонад бештари сайёҳон ва соҳибкоронро ҷалб кунад ва ҳамзамон, дастрасии нақлиёт ва бароҳатии сокинони маҳаллӣ беҳтар шавад.

Хулоса, ҷолибияти сармоягузории фаъол ба нақлиёт, бахусус дар ҳамгироии он бо дигар шаклҳои инфрасохтор, имкониятҳои иловагии соҳибкорӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандонро фароҳам меорад. Ин омилҳо нақлиётро унсурҳои калидӣ барои фароҳам овардани муҳити ҷолибияти сармоягузорӣ дар бахши нақлиёт табдил медиҳанд.

Имрӯзҳо як қатор равишҳо ба гурӯҳбандии механизми ҷолибияти сармоягузорӣ дар нақлиёт аз рӯи меъёрҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, дар таҳқиқоти К.Л. Комаров ба таври зерин тасниф гардидааст: «аз рӯи шакли моликияти захираҳои сармоягузорӣ - механизми сармоягузории давлатӣ, хусусӣ ва омехтаро аз ҳам ҷудо менамоянд. Вобаста ба хусусияти иштироки давлат дар раванди сармоягузорӣ метавон байни механизми директивӣ, танзимкунанда ва ҳавасмандкунандаи сармоягузорӣ фарқ кард. Вобаста ба усули маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавон механизми сармоягузории буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ ва қарзиро гурӯҳбандӣ кард» [4, с. 29].

Барои таснифи механизми сармоягузорӣ дар бахши нақлиёт равишҳои зиёде мавҷуданд, ки аз мураккабӣ ва гуногунҷанбаи ин раванд шаҳодат медиҳанд. Воситаҳои сармоягузориро метавон ба давлатӣ, хусусӣ ва омехта тақсим кард, ки фарқияти манбаъҳои маблағгузорӣ ва идоракунии сармоягузориро нишон медиҳад. Иштироки давлатро дар раванди сармоягузорӣ метавон ҳамчун дастурамал, танзимкунанда ва ҳавасмандкунанда тавсиф кард, ки ба гуногунии воситаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ таъкид мекунад. Таснифот аз рӯи усули маблағгузорӣ (механизмҳои буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ ва қарзӣ) имкон медиҳад, ки манбаъҳои маблағгузорӣ ва нақши онҳоро дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ хубтар дарк намоем.

Маълум аст, ки бо такя ба буҷети давлатӣ проблемаи бо пул таъмин кардани соҳаи наккқлиёт пурра ҳал кардан мумкин нест, дар ин раванд ҷалб намудани манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ аҳамияти калон дорад. Тамоюли асосӣ дар айни замон тағйир додани таносуби байни маблағгузориҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ба афзоиши он мебошад. Набудани механизми самараноки танзими ҳуқуқӣ ва буҷетии татбиқи созишномаҳои консессионӣ дар нақлиёти обӣ

ҷолибияти онро барои сармоягузорони хусусӣ ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Таҳияи чунин механизм бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалии истифодаи консессияҳо дар ин самт ба коҳиши хароҷоти буҷет, ҷалби сармояи хусусӣ ба соҳа ва баланд бардоштани устувории равандҳои сармоягузорӣ мусоидат мекунад.

Системаи идораи равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиётро метавон шартан ба чанд марҳилаи пайравӣ тақсим намуд: арзёбии ҷалби сармоягузорӣ, эҷоди муҳити сармоягузорӣ, ташаккули имиджи сармоягузорӣ ва иттилоъдиҳӣ, инчунин арзёбии самаранокии истифодаи имкониятҳои иқлими сармоягузорӣ. Аз ин рӯ, элементи асосии идораи равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ мебошад, ки бар асоси таҳлили компонентҳои он сурат мегирад.




**Расми 1. Таҳлил ва баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт**

Ин занҷир пайдарпайии қадамҳои заруриро барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар бахши нақлиёт нишон медиҳад, ки аз арзёбии ҳолати кунунӣ оғоз шуда, бо таҳлили натиҷаҳо анҷом меёбад. Ин занҷир марҳилаҳо ва муносибатҳои калидиро, ки ба баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар бахши нақлиёт мусоидат мекунанд, таъкид мекунад.

С.В. Попов дар тадқиқоти худ қайд мекунад, ки «Системаи нақлиёт унсури асосии занҷири арзиш аст ва ҷолибияти сармоягузории он бояд дар заминаи тамоми иқтисодиёт арзёбӣ карда шавад» [10, с.52]. Натиҷаҳои ин пешниҳод ҷанбаҳои муҳимеро, ки ба ҷолибияти сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, нишон медиҳанд:

Арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ - барои муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи ҷолибияти сармоягузорӣ зарур аст, ки ба сармоягузорон имкон медиҳад, ки қарорҳои оқилона қабул кунанд.

Ташаккули муҳити сармоягузорӣ - дар фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷолибияти сармоягузорӣ, аз ҷумла ташаббусҳои қонунгузорӣ, дастгирии давлатӣ ва рушди инфрасохтор нақши муҳим мебозад.

Ташаккули симои сармоягузорӣ - барои эҷоди тасаввуроти мусбӣ дар бораи ҷолибият сармоягузорӣ мусоидат мекунад, ки ба ҷалби сармоягузорон ва лоиҳаҳои нав мусоидат мекунад.

Маълумот дар бораи обрӯйю эътибори ҷолиябияти сармоягузорӣ - барои барқарор кардани эътимод байни сармоягузорон ва мақомоти маҳаллӣ муҳим аст, ки ин ҳолат хатарҳоро коҳиш медиҳад ва таваҷҷӯҳи худро ба сармоягузорӣ афзоиш медиҳад.

Баҳодиҳии самаранокии истифодаи имкониятҳо, фазои сармоягузорӣ, имиҷ ва обрӯю эътибор - ба мо имкон медиҳад, ки омилҳоеро муайян кунем, ки ба ҷолибияти сармоягузорӣ мусоидат ё монеъ мешаванд.

Дар умум, муносибати маҷмӯӣ ба баҳодиҳӣ ва ташаккули ин унсурҳо метавонад ҷолибияти сармоягузории кишварро ба таври назаррас афзоиш диҳад. Ба вуҷуд овардан ва нигоҳ доштани фазои мусбии сармоягузорӣ, обрӯю эътибор ба рушди устувори иқтисодӣ ва рушди инфрасохтори нақлиёт мусоидат намуда, дар навбати худ сифати зиндагии мардумро беҳтар мекунад.

Арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ на танҳо барои сармоягузорон, балки барои худи созмонҳо низ муҳим аст, зеро он барои пешгӯии дурнамои рушди оянда ва идоракунии самараноки ҷараёни сармоягузорӣ дар вазъияти ноустувори иқтисодӣ кӯмак мекунад.

Ҳамин тариқ, арзёбии мунтазами ҷолибияти сармоягузорӣ воситаи муҳими рушди бомуваффақияти кишвар ва идоракунии самаранокии ҷолибияти сармоягузорӣ, махсусан дар шароити ноустувории иқтисодӣ мебошад. Ин барои рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ ҳам барои созмонҳои байналмилалии молиявӣ-иқтисодии алоҳида ва ҳам барои тамоми иқтисодиёт замина фароҳам меорад.

Ҷолибияти сармоягузории ташкилотҳои нақлиётиро дар тадқиқоти худ таҳлил намуда, Л.М. Чеченова қайд мекунад, ки «Натиҷаҳои тадқиқоти мо як қисми раванди мураккаби оптимизатсияи арзёбӣ мебошанд, зеро татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва омодасозии ширкатҳо барои ҷалби сармоягузорӣ дар давраи бӯҳрони ҷаҳонӣ як раванди хеле мураккаб аст. Шарти зарурӣ, ба андешаи мо, ташаккул додани барномаи тадбирҳои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар асоси хусусиятҳои он ва вазъи кунунии бозори мол мебошад. Татбиқи ин тадбирҳо ба ширкат мусоидат мекунад, ки ҷалби захираҳои молиявӣ суръат бахшад ва самаранокии фаъолияти он афзоиш ёбад» [15, с.110]. Агар ба иқтибоси дар боло овардашуда назар андозем, оқибатҳои ин ҳукм якчанд ҷанбаҳои асосиро таъкид мекунанд, аз ҷумла:

- Мушкилии оптимизатсияи баҳодиҳӣ - раванди оптимизатсияи арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бисёрмарҳила буда, муносибати эҳтиёткоронаро, махсусан дар шароити бӯҳрони ҷаҳонӣ талаб мекунад;
- Омода кардани ширкатҳо барои ҷалби сармоягузорӣ - муҳим аст, ки ширкатҳо барои ҷалби сармоягузорӣ омода бошанд, ки таҳлили вазъи кунунӣ ва имкониятҳои онҳоро дар бар мегирад;
- Ташаккули барномаи чорабиниҳо - таҳияи барномаи махсусгардонидашудаи баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ шарти зарурӣ мебошад, зеро он имкон медиҳад, ки хусусиятҳои хоси ҳар як ширкат ва шароити бозор ба назар гирифта шавад;
- Босуръат ҷалби захираҳои молиявӣ - татбиқи тадбирҳои пешниҳодшуда ба зудтар ҷалб намудани маблағгузорӣ мусоидат мекунад, ки дар навбати худ самаранокии умумии корхонаро баланд мебардорад.

Айни замон барои ҷолибияти сармоягузорӣ ба соҳаи нақлиёт мушкилот ва монеаҳои зиёд мавҷуданд, аз ҷумла:

- Хароҷоти зиёди сармоявӣ: Сохтмон ва навсозии инфрасохтори нақлиётӣ сармоягузориҳои назарраси молиявиро талаб мекунад, ки метавонад сармоягузоронро дилсард созад;
- Хавфҳои дарозмуддат: Сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои нақлиётӣ аксар вақт мӯҳлати бозгашти тӯлонӣ доранд, ки метавонад боиси шубҳа дар байни сармоягузорон гардад;
- Монеаҳои танзимкунанда: Муқаррароти мураккаб ва тағйирёбанда метавонанд барои сармоягузорон монеаҳои иловагӣ эҷод кунанд;
- ҷолибияти пасти сармоягузории лоиҳаҳои нақлиётӣ аз сабаби мӯҳлатҳои зиёди бозпардохт, сатҳи баланди хавф, кафолати нокифояи даромаднокӣ ва ҳифзи ҳуқуқии сармоягузорон;

- номутобиқати байни эҳтиёҷот ва имкониятҳои молиявӣ барои татбиқи лоиҳаҳои нақлиёт.

Барои ҳалли ин масъалаҳо, пеш аз ҳама, бояд хусусиятҳои лоиҳаҳои давлатӣ дар соҳаи нақлиёт баррасӣ карда шаванд, бахусус:

1. Лоиҳаҳои давлатӣ дар соҳаи нақлиёт хусусияти бисёрмақсад доранд ва аз ин рӯ, таъсири назарраси мултипликаторӣ доранд, ки бо хусусиятҳои саноат ва умуман сармоягузорӣ алоқамананд;

2. Ҷараёни фоидаҳо аз лоиҳаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ асосан ба оянда, ки бо хусусияти дарозмуддати лоиҳаҳои инфрасохтори нақлиёт муайян карда мешавад, алоқаманд аст. Ин, дар навбати худ, истифодаи арзишҳои тахфифшударо дар бар мегирад, ки дар асоси таҳлили гардиши пули нақд аз лоиҳаҳои сармоягузорӣ гирифта шудаанд;

3. Оқилонаи истифодаи меъёрҳои тахфиф дар лоиҳаҳои давлатӣ, чӣ хусусӣ ва ҳам давлатӣ, бо гуногунии намудҳои самаранокӣ дар бахши давлатӣ шарҳ дода мешавад. Дар ин маврид меъёри хусусӣ меъёри даромади софи сармоя ба ҳисоб меравад, зеро он афзалиятҳои байнимӯҳлатии ҳамаи иштирокчиёни раванди сармоягузорӣ ва истеъмолкунандагонро инъикос менамояд. Меъёри давлатӣ ҳамчун меъёри тасҳеҳшудаи бидуни таваккал дар вақт муайян карда мешавад, ин маънои онро дорад, ки бахши давлатӣ нисбат ба бахши хусусӣ меъёри камтарини тахфифро истифода мебарад;

4. Зарурати муайян намудани харочоти алтернативии ичтимоии сармоя барои таъмини интихоби дуруст ба манфиати лоихаи давлати, на хусусй ба миён меояд. Ин хусусият аз он иборат аст, ки захирахое, ки аз сектори хусусй ба сектори давлатй мегузаранд, асосан на аз истеъмол, балки бо рохи ташаккули сармоя гирифта мешаванд;

5. Лоиҳаҳо бо мураккабии раванди баҳодиҳии хароҷот ва фоидаҳои ғайримоддӣ барои ҷомеа тавсиф мешаванд, ки дар сатҳи баландтар боиси ягонагии ҳар як лоиҳаи сармоягузорӣ мегардад.

Дар тафсири муаллиф ҷолибияти сармоягузорӣ ҳамчун хусусияти мураккабе баррасӣ шудааст, ки ба маҷмӯи омилҳое асос ёфтааст, ки бартариҳои рақобатии соҳа ва сатҳи рушди устувори онро нишон медиҳанд. Ҷанбаҳои асосие, ки ҷолибияти сармоягузориро ташаккул медиҳанд, ин нишондиҳандаҳои иқтидори сармоягузорӣ ва хавфи сармоягузорӣ мебошанд. Иқтидори сармоягузорӣ маҷмӯи омилҳои объективӣ мебошад, ки ба қабули қарорҳои мусбӣ аз ҷониби сармоягузорон оид ба татбиқи нақшаҳои сармоягузорӣ мусоидат мекунанд. Хавфи сармоягузорӣ омилҳоеро дар бар мегирад, ки метавонанд ба душвавӣ аз фаъолияти устувори соҳа оварда расонанд ва аз ин рӯ ба қарорҳои манфии сармоягузорон таъсир расонанд.

М.В. Тихонова дар тадқиқоти худ дуруст қайд мекунад, ки: «Ҷолибияти сармоягузории нақлиёт аз бисёр омилҳо, аз ҷумла танзими давлатӣ, вазъи бозор ва сатҳи навоварӣ вобаста аст» [13, с.102]. Ҷолибияти сармоягузории бахши нақлиёт аз омилҳои гуногун, аз қабили танзими давлатӣ, шароити бозор ва дараҷаи навоварӣ вобаста аст.

Таҳқиқгар Т.М. Смаглюкова дар тақиқоти худ қайд мекунад, ки «Ҷолибияти сармоягузорӣ дар асоси як омиле, ки онро пурра тавсиф мекунад ё ҳамчун маҷмӯи омилҳои гуногуне, ки ба он дараҷаи якхела таъсир мерасонанд ё ҳамчун нишондиҳандаи маҷмӯии иқтидори сармоягузорӣ ва хавфи сармоягузорӣ арзёбӣ мешавад. Ин равишҳо истифодаи усулҳои иқтисодию риёзӣ (коррелятсионӣ, таҳлили дисперсия, усулҳои моделсозии математикӣ ва ғ.), усули омилӣ (гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои шабеҳ), баҳодиҳии экспертӣ (додани коэффисиенти вазн ба омилҳо дар асоси муқоисаҳои гуногун) дар бар мегирад” [11]. Инҷо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки ба усулҳои арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ, ки қобилияти объект ё лоиҳа барои ҷалби сармоягузорӣ мебошад, баррасӣ мешавад. Дар маҷмӯъ, аҳамияти муносибати маҷмӯӣ ба арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ, аз ҷумла усулҳои ҳам миқдорӣ ва ҳам сифатӣ имкон медиҳад, ки ин ҷанба пурра дарк карда шавад.

Ҳамин тариқ, шаффофияти дастгирии иттилоотӣ дастрасии кушодро ба маълумоти миқдорӣ дар назар дорад, ки дар асоси он ҷолибияти сармоягузорӣ арзёбӣ мешавад. Вобастагии мутақобила маънои онро дорад, ки омилҳое, ки ҷолибияти сармоягузориро

тавассути ҷузъҳои он тавсиф мекунанд, бояд бо нишондиҳандаҳои воридоти сармоягузорӣ ба сармояи асосии соҳа мувофиқ бошанд.

Принсипи динамизм тағйирпазирии нишондиҳандаҳои миқдории омилҳои ҷолибияти сармоягузориро бо мурури замон дар ҳоле инъикос менамояд, ки принсипи пайвастагӣ ба он нигаронида шудааст, ки ин омилҳо соҳаро ҳамчун системаи кушодаи иқтисодӣ тавсиф мекунанд.

Ҳангоми арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ бояд базаи маълумотҳо таъсис дода шавад. Ин база бояд ба маълумоти ибтидоӣ ва дуюмдараҷа асос ёбад. Ба маълумотҳои ибтидоӣ навъҳои гуногуни ахбороти соҳавӣ, ки ба чоп иҷозат дода шудаанд, мисол маълумотҳои расмии Кумитаи омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоне ва маълумотҳои дуюмдараҷа маълумоти навест, ки барои ҳалли масъалаи додашуда ҷамъоварӣ кардан лозим аст.

Бо назардошти сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт С.Л. Надирян, Д.Ю. Дудник ва О. Гибашева кайд менамоянд, ки «Сармоягузорӣ ба нақлиёт боиси афзоиши иқтисодиёт мегардад. Рушди иқтисодӣ, дар навбати худ, ба зиёд шудани маблағгузории асосӣ ба инфрасохтори нақлиёт мусоидат намуда, таъсири синергетикиро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тавр, дар асоси принсипҳои тавсифшудаи ба ҳисоб гирифтани таъсири ғайрисаноатӣ ҳангоми муайян кардани самараи иҷтимоии маблағгузориҳои асосӣ ба нақлиёт тағйироти ММД-ро аз рӯи вариантҳои гуногуни маблағгузорӣ пешгӯӣ кардан мумкин аст» [9, с.150].

Ба инобат гирифтани самараи ғайрисоҳавӣ ҳангоми баҳодиҳии самаранокии маблағгузориҳои асосӣ ба нақлиёт ба принсипҳои зерин асос меёбад:

• соҳаи нақлиётро ҳамчун яке аз иштирокчиёни иқтисодиёти мамлакат ҳисоб кардан лозим аст, ки ба ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоии иқтисодӣ мусоидат мекунад;

• барои баҳодиҳии самаранокии нақши нақлиёт зарур аст, ки ҳиссаи самара, ки шартан метавон миёни иштирокчиёни тақсим намуд, муайян кард;

• Ҳиссаи самарае, ки ба нақлиёт тааллуқ дорад, дар асоси принсипи баробарҳуқуқии ҳамаи иштирокчиён мутаносибан ба маблағгузории асосии онҳо муайян карда мешавад;

• Таъсири ғайрисаноатӣ, ки танҳо бо маблағгузориҳои асосӣ ба нақлиёт алоқаманд аст, пурра ба ҳиссаи он дохил карда мешавад.

Ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт ҷанбаи муҳими рушди иқтисодӣ мебошад. Беҳтар кардани шароит барои сармоягузорон, рушди инфрасохтор ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир метавонад таваҷҷӯҳро ба ин бахш ба таври назаррас афзоиш диҳад. Ниҳодҳои давлатӣ дар якҷоягб бо сармоягузорони хориҷию ватанӣ бояд барои эҷоди як низоми устувор ва самаранокии нақлиёт, ки ба рушди иқтисодӣ ва беҳтар кардани сифати зиндагӣ мусоидат мекунанд, якҷоя кор кунанд.

Э.А. Федорова оид ба ҷорӣ намудани технологияҳои муосир қайд менамояд, ки «Барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳаи нақлиёт, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва таҷрибаи устувори идоракунӣ зарур аст» [14, с.88].

Дар ин ҳолат, барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳаи нақлиёт, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва усулҳои устувори идоракунӣ зарур аст.

Ин равиш ҷолибияти сармоягузории инфрасохтори нақлиётиро афзоиш дода, на танҳо ҷалби сармояи хусусӣ, балки барои оптимизатсияи истифодаи маблағҳои буҷетӣ имкон медиҳад. Ин ҳолат модели устувории молиявиро барои рушди лоиҳаҳои нақлиётӣ фароҳам меорад ва ҳамкории самарабахши ҳукумат ва бахши хусусиро таъмин месозад.




**Расми 2. Консепсияи ташаккулӣ ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт**

Дар асоси матни пешниҳодшуда оид ба ҷолибияти сармоягузорӣ, механизми ҷалби сармоя ва марҳилаҳои раванди татбиқи онҳо якчанд хулосаҳои асосӣ баровардан мумкин аст.

Аввалан, омилҳое, ки ба ҷолибияти сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, рушди инфрасохтор, суботи сиёсӣ, шароити иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқии сармоягузоронро дар бар мегиранд. Ин ҷузъҳо дар эҷоди муҳити ҷолиби сармоягузорӣ нақши муҳим доранд ва метавонанд ба қарорҳои сармоягузор таъсир расонанд;

Дуввум, механизми гуногуни ҷолибияти сармоягузорӣ, аз қабили шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷалби сармояи хусусӣ, додани грантҳо ва субсидияҳо ва истифодаи маблағҳои сармоягузорӣ пешбинӣ шудаанд. Ин механизм ба фароҳам овардани муҳити нисбатан фасеҳ ва муассири сармоягузорӣ мусоидат мекунанд;

Севвум ба марҳилаҳои раванди ҷолибияти сармоягузорӣ дахл дорад, аз ҷумла:

- он арзёбии эҳтиёҷотро дар бар мегирад, ки таҳлили вазъи кунунии инфрасохтор ва муайян кардани лоиҳаҳои афзалиятнокро дар бар мегирад;

- таҳияи стратегия бо муқаррар кардани ҳадафҳо ва вазифаҳо, инчунин муайян крдани нишондиҳандаҳои асосии фаъолият;

- татбиқи лоиҳа, аз ҷумла сохтмон ва азнавсозии иншоот, инчунин мониторинг ва идоракунии хавфҳо.

Натиҷаҳои ин раванд метавонад беҳбуди сифати хизматрасонии нақлиётӣ, баланд бардоштани арзиши бозорӣ ва ҷалби сармоягузорони навро дар бар гирад.

Дар умум, муносибати маҷмӯӣ ба таҳлили омилҳо, механизм ва марҳилаҳои ҷалби сармоягузорӣ метавонад ҷолибияти сармоягузории соҳаи нақлиётро ба таври назаррас беҳтар намуда, барои рушди минбаъдаи он шароит фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи мо, дар асоси таҳлилҳои болозикр самтҳои асосии баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт аз инҳо иборатанд:

1. Пешбурди шарикии давлат ва бахши хусусӣ. Соҳаҳои асосии шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд имтиёзҳо дар соҳаи роҳҳои автомобилгарди пулакӣ, нақлиёти шаҳрӣ, бандарҳо ва фурудгоҳҳо, инчунин иншооти нақлиёти роҳи оҳан баррасӣ шаванд. Татбиқи механизми консессионӣ дар инфрасохтори нақлиётӣ имкон медиҳад, ки фоида аз ҷалби сармояи хусусӣ афзоиш ёбад;

2. Ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории ширкатҳои нақлиётӣ. Барои ин раванд дар мамлакат шароити мусоид фароҳам оварда шудааст, зеро рушди иқтисодӣ талаботро ба хизматрасониҳои нақлиётӣ зиёд намуда, ҷолибияти лоиҳаҳои нақлиётӣ меафзояд;

4. Барориши вомбаргҳои мақсаднок ё қарзҳое, ки бо кафолати давлатӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории дорои фоизи боэътимоди баргардонидан, вале мӯҳлатҳои татбиқи тӯлонӣ доранд, ки ҷолибияти онҳоро барои сармоягузорони хусусӣ коҳиш медиҳад. Дар амалияи байналмиллалӣ барои маблағгузории аксари лоиҳаҳои сармоягузории инфрасохторӣ нақшаи шабеҳ истифода мешавад.

Дар ниҳоии таҳлил якчанд чораҳои тавсиявии самтнок ба рушди самаранокии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиётро бо назардошти таҳлилҳои болозикр чунин қайд намудан мумкин аст:

1. Пешбурди инноватсия ва рақамикунонӣ дар соҳаи нақлиёт, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа, беҳтар намудани сифат ва бехатарии хизматрасонии нақлиётӣ, кам кардани хароҷот мусоидат мекунад. Барои ноил шудан ба ин, дастгирии рушди илмию техникии нақлиёт, ҷорӣ намудани технологияҳо ва ҳалли нав дар тамоми марҳилаҳои раванди нақлиёт, рушди инфрасохтор ва платформаҳои рақамӣ, таъмини мубодилаи маълумот ва иттилоот байни иштирокчиёни бозори нақлиёт муҳим аст.

2. Ҷалб ва самаранок истифода бурдани манбаъҳои гуногуни маблағгузории лоиҳаҳои нақлиёт, аз ҷумла маблағҳои буҷетӣ, сармоягузориҳои хусусӣ, қарзҳо, грантҳо, вомбаргҳо ва дигар воситаҳои молиявӣ. Ба рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ба ҷалби сармоягузориҳои иловагӣ ба бахши нақлиёт, тақсими хатарҳо ва масъулиятҳо байни шарикон, баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати идоракунии лоиҳаҳои нақлиёт мусоидат мекунанд, таваҷҷӯҳи махсус бояд дод.

3. Таҳия ва татбиқи стратегияи мукаммал ва дарозмуддати рушди нақлиёт дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ, ки дар он мақсадҳо, афзалиятҳо, тадбирҳо ва нишондодҳои рушди системаи нақлиёт бо дарназардошти эҳтиёҷоти иқтисодиёт муайян карда мешавад.

Имрӯз дар кишвари мо миқдори назарраси сармоягузориҳо барои рушди бозори хадамоти нақлиёт ва логистика, ҳамчунин барои васеъ намудани имкониятҳои нақлиётӣ ва транзитӣ ҷалб карда мешавад.

Ҳамин тавр, набудани сиёсати ягона дар соҳаи амалӣ кардани тадқиқот ва таҳияҳои инноватсионӣ ҷолибияи сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт, ҳамчунин низоми нокифояи ҷорӣ намудани технологиҳои нав дар истеҳсолот, имкон намедиҳад, ки аз усулҳои муосир ва таҷрибаи хориҷа, ки бо сармоягузориҳо дар хизматрасонии нақлиёт маблағгузорӣ мешаванд ба пуррагӣ истифода шавад.

Бар асоси ҳама маводҳои зикршударо метавон пешниҳодҳои зеринро ба амал овард:

- Тавсия дода мешавад, ки низоми ягонаи классификатсияи механизми сармоягузорӣ таъсис дода шавад, ки ин таҳлилу муқоисаи усулҳои гуногунро осон мекунад;

- Зарур аст, ки тадқиқотҳое гузаронида шаванд, ки ба арзёбии самаранокии механизми гуногуни ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт равона гардида, амалҳои беҳтаринро муайян намоянд;

- Бояд тавсияҳо барои оптимизатсияи механизми директивӣ, танзимкунӣ ва ангезадиҳанда таҳия шаванд, то самаранокии онҳоро баланд бардошта, ҷалби сармоягузорҳоро бештар намоянд;

- Тавсия дода мешавад, ки семинарҳо ва тренингҳо барои ҷолибияти сармоягузорӣ барои мутахассисони соҳаи нақлиёт ташкил карда шаванд, то сатҳи донишҳо дар бораи механизми гуногуни сармоягузорӣ ва усулҳои истифодаи онҳоро баланд баранд;

- Таъсиси низоми мониторинги татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо мақсади саривақт ошкор намудани мушкилот ва ворид намуданиислоҳоти зарурӣ ба механизмҳои маблағгузорӣ муҳим аст.

## АДАБИЁТ

1. Гладстон, Э. М. "Investment in Transportation Infrastructure". 2010, стр. 45.
2. Гулый И.М. Методические особенности оценки инвестиций в цифровые технологии на железнодорожном транспорте [Текст] // Экономика железных дорог. № 11, 2021, С. 44–52.
3. Данилина М.Г. Особенности цифровой трансформации на транспорте [Текст] // Актуальные проблемы и перспективы развития экономики: российский и зарубежный опыт. № 3(28), 2020, С. 127–129.
4. Комаров К.Л. Цифровизация как ключевой механизм современных технологий в организационных структурах транспортного производства [Текст] // Вестник Сибирского государственного университета путей сообщения. № 2(45), 2018, С. 24–29.

5. Кузнецов, И. П. "The Social Impact of Transportation Investments". 2017, стр. 34.
6. Моисеева К.Н. Экономические основы логистики [Текст] /К. Н. Моисеева. - М.: ИНФРА-М, 2008. - 528 с.
7. Морозова, А. Л. "State Support and Transportation Investments". 2020, стр. 76.
| $X_8$ | 0,200 | 0,111 | 0,250 | 0,111 | 0,200 | 0,125 | 0,250 | 1,000 | 2,247 | 0,013 |
| Ҷамъ | 2,213 | 11,444 | 11,010 | 18,644 | 22,561 | 24,268 | 44,250 | 45,000 | 179,391 | 1,000 |
| | 0,543 | 2,240 | 1,696 | 2,866 | 2,496 | 2,316 | 1,444 | 0,564 | 14,164 | - |
| | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 14,164 |
| Индекси мувофиқат, % | | | | | | | | | | 0,881 |
| Муқоисаи мувофиқат, % | | | | | | | | | | 0,625 |

Нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур шаҳодат аз он медиҳанд, ки мувофиқати фикри экспертон нисбати таъсироти омилҳо ба стратегияи таъминоти кадрӣ 88,1%-ро ташкил медиҳад. Фикри экспертон нинбати муқоисаи вобастагии омилҳо бошад 62,5%-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда паст мебошад.

Ҳамин тавр, мо зиччии алоқаи байни Стратегияи инноватсионии рушди иқтисодиёти минтақаро нисбат ба омилҳои таъсиррасон таҳлил мекунем (ҷадвали 8)

**Ҷадвали 8. Матритсаи стратегияи рушди инноватсия вобаста аз омилҳо**

| А-З | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | $X_6$ | $X_7$ | $X_8$ | Σ | W |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $X_1$ | 1,000 | 9,000 | 8,000 | 7,000 | 6,000 | 4,000 | 5,000 | 9,000 | 49,000 | 0,275 |
| $X_2$ | 0,111 | 1,000 | 1,000 | 7,000 | 8,000 | 3,000 | 8,000 | 6,000 | 34,111 | 0,191 |
| $X_3$ | 0,125 | 1,000 | 1,000 | 6,000 | 5,000 | 7,000 | 3,000 | 8,000 | 31,125 | 0,175 |
| $X_4$ | 0,143 | 0,143 | 0,167 | 1,000 | 6,000 | 4,000 | 2,000 | 3,000 | 16,452 | 0,092 |
| $X_5$ | 0,167 | 0,125 | 0,200 | 0,167 | 1,000 | 5,000 | 6,000 | 7,000 | 19,658 | 0,110 |
| $X_6$ | 0,250 | 0,333 | 0,143 | 0,250 | 0,200 | 1,000 | 7,000 | 6,000 | 15,176 | 0,085 |
| $X_7$ | 0,200 | 0,125 | 0,333 | 0,500 | 0,167 | 0,143 | 1,000 | 8,000 | 10,468 | 0,059 |
| $X_8$ | 0,111 | 0,167 | 0,125 | 0,333 | 0,143 | 0,167 | 0,125 | 1,000 | 2,171 | 0,012 |
| Ҷамъ | 2,107 | 11,893 | 10,968 | 22,250 | 26,510 | 24,310 | 32,125 | 48,000 | 178,162 | 1,000 |
| | 0,579 | 2,277 | 1,916 | 2,055 | 2,925 | 2,071 | 1,887 | 0,585 | 14,295 | - |
| | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 14,295 |
| Индекси мувофиқат, % | | | | | | | | | | 0,899 |
| Муқоисаи мувофиқат, % | | | | | | | | | | 0,638 |

Чи тавре, ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур ба мо маълум аст индекси мувофиқати фикри экспертон дар матритсаи мазкур 89,9%-ро ташкил медиҳад. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки фикри экспертон нисбати таъсироти омилҳо ба стратегияи рушди инноватсионӣ на он қадар устувор мебошад. (89,9-100= -10,1%).

Натиҷаи ҳосилгардидаи маълумотҳои ҷадвалҳои 6,7,8-ро бо истифода аз барномаи компютерии Ms excel таҳлил намуда аз алтернативаҳои пешниҳодгардидаи самти стратегияи рушди иқтисодиёти минтақаро муайян менамоем.

$$\begin{pmatrix} 0,277 & 0,248 & 0,267 \\ 0,255 & 0,198 & 0,219 \\ 0,148 & 0,161 & 0,165 \\ 0,117 & 0,138 & 0,0897 \\ 0,0896 & 0,112 & 0,108 \\ 0,054 & 0,098 & 0,0817 \\ 0,0433 & 0,0342 & 0,0573 \\ 0,0162 & 0,012 & 0,0117 \end{pmatrix} * \begin{pmatrix} 0,2678736 \\ 0,2363712 \\ 0,15261 \\ 0,12196326 \\ 0,0970776 \\ 0,06832586 \\ 0,04122984 \\ 0,01474326 \end{pmatrix} = \begin{pmatrix} 0,657 \\ 0,297 \\ 0,0458 \end{pmatrix}$$

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст: стратегияи рушди иқтисодиёти минтақа бо ҳамкориҳои давлатӣ-хусусӣ 65,7% дар ҷои аввал аст; ҷои дуюм стратегияи таъминоти кадрии рушди иқтисодиёти минтақа 29,7%, ҷои сеюм стратегияи рушди инноватсионӣ – 4,6% мебошад.

Нишондиҳандаҳои мазкурро тавассути диаграмма чунин ифода намудан мумкин аст.




Натиҷаи таҳлили гузаронидашуда бо усули иерархӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки стратегияи тадбиқи сиёсати минтақавии рушди иқтисодиёти минтақаро бо ташкили ҳамкориҳои давлатӣ-хусусӣ бояд ба роҳ монд. Ин усул имкониятҳои зиёди фискалӣ, инвеститсионӣ ва инфрасохториро барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти минтақа дар якҷоягӣ бо сектори хусусӣ ва давлатӣ фароҳам меоварад.

Ҳамин тавр, интихоби стратегияи тадбиқи сиёсати минтақавии рушди иқтисодиёт бо ҳамкориҳои давлатӣ-хусуси, имкон медиҳад, ки дар соҳаҳои иқтисодиёти минтақа корхонаҳои саноатӣ, ташкили коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ҷалби инвеститсияҳо ва зиёд намудани потенсиалӣ содиротии минтақа ташкил карда шавад.

## АДАБИЁТ

1. Калинникова И. О. Управление социально-экономическим потенциалом региона. – СПб.: Питер, 2009. – 240 с.

2. Каюмов Н.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста. Экономика Таджикистана: Стратегия и развития / Н.К.Каюмов. – Душанбе: №1 2003. – 39с.

3. Плисецкий Е.Л. Зарубежный и отечественный опыт государственной поддержки развития территорий. / Региональная экономика: теория и практика. № 42(369)-2014. -С.32-44

4. Рахимов А.М. Проблемы повышения конкурентоспособности экономики Республики Таджикистан. – Худжанд: Издательство «РахимДжалил», 2004. – 208 с.

5. Саати Т. Принятие решения. Метод анализа иерархий / Пер. с анг. Р.Г. Вачнадзе. М.: Радио и связь, 1993. 278 с. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.pqm-online.com/assets/files/lib/books/saaty.pdf (дата обращения: 07.11.2024).

6. Саати Т.Л. Принятие решений при зависимостях и обратных связях. М.: Изд-во ЛКИ, 2007. – 357 с.

7. Саидмуродов Л.Х., Мукаддасзода Ф.М. Концептуальные подходы и теоретические основы государственно-частного партнерства в сфере рыночных услуг// Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики №1(70). -Ходжент: Дабир, 2017. -С.16-25.

8. Шарипов М.М. Экономическое обеспечение конкурентоспособности потребительской кооперации на рынке продовольственных товаров: теория, методология, практика: автореф. дис. … д-ра экон. наук: 08.00.05 / Шарипов Мумин Машокирович. – Новосибирск: 2011. – 32 с.

УДК 339.1

**Қурбонов А.Р., Хоҷаев Н.Т.**

## ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол рушд ёфта, он оҳиста - оҳиста ҷойи савдои анъанавиро ишғол намуда истодааст, бинобар ҳамин таҳлили раванди мазкур дар шароити имрӯза айни мудао мебошад. Масъалаҳо рушди иқтисоди миллӣ ва нақши тиҷорати электронӣ дар он мавриди таҳлил қарор дода шуда, аз ҷумла рушди минтақавии тиҷорати электронӣ, субъектҳои ба чунин фаъолият машғулбуда, даромаднокии аҳолӣ, хароҷоти истеъмолии аҳолии мамлакат, индекси нарҳо, сатҳи тавварум ва дигар масъалаҳои мубрам мавриди таҳқиқот ва таҳлил қарор даода шудаанд. Тибқи мушоҳидаҳои аналитикӣ дар шароити муосир ҷараёни рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои охир тамоюли устувори рушдро соҳиб буда, шумораи субъектҳое, ки ба тиҷорати электронӣ машғул мебошанд, рӯ ба афзоиш дошта, нақши онҳо дар иқтисоди миллӣ боз ҳам устувор шудааст.

**Вожаҳои калидӣ**: иқтисоди миллӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, тиҷорати электронӣ, савдои чакана, савдои анъанавӣ, индекси нархҳои истеъмолӣ, сатҳи тавварум, даромади аҳолӣ, хароҷоти аҳолӣ, ифрасохтори тиҷорати электронӣ.

**Курбонов А.Р., Ходжаев Н.Т.**

## АНАЛИЗ СОСТОЯНИЯ ЭЛЕКТРОННОЙ КОММЕРЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Электронная коммерция в Республике Таджикистан развивается из года в год, постепенно занимая место традиционной торговли. Поэтому анализ данного процесса в современных условиях является актуальным. Рассмотрены вопросы развития национальной экономики и роль электронной коммерции в этом процессе, включая развитие региональной электронной торговли, субъекты, занимающиеся этой деятельностью, доходность населения, потребительские расходы населения страны, индекс цен, уровень инфляции и другие важные вопросы, которые подвергнуты исследованиям и анализу. Согласно аналитическим наблюдениям, в современных условиях процесс развития электронной коомерции в Республике Таджикистан в последние годы имеет стабильную тенденцию к росту, количество субъектов, занимающихся электронной торговлей, увеличивается, а их роль в национальной экономике становится все более стабильной.

**Ключевые слова:** национальная экономика, валовый внутренний продукт, электронная коммерция, розничная торговля, традиционная торговля, индекс потребительских цен, уровень инфляции, доходы населения, расходы населения, инфраструктура электронной торговли.

**Kurbonov A.R., Khojaev N.T.**

## ANALYSIS OF THE STATE OF ELECTRONIC COMMERCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Electronic commerce in the Republic of Tajikistan is developing year by year, gradually replacing traditional trade. Therefore, the analysis of this process in current conditions is highly relevant. The issues of national economic development and the role of electronic commerce in this

process are considered, including the development of regional electronic trade, the entities engaged in this activity, the income of the population, consumer spending, price indices, inflation rates, and other important issues, which have been subjected to research and analysis. According to analytical observations, in modern conditions, the process of developing electronic commerce in the Republic of Tajikistan in recent years has shown a stable growth trend. The number of entities involved in electronic trade is increasing, and their role in the national economy is becoming more stable.

**Keywords:** national economy, gross domestic product, electronic commerce, retail trade, traditional trade, consumer price index, inflation rate, population income, population spending, electronic commerce infrastructure.

Дар шароити рақамшавии босуръати иқтисоди мамолики мутараққӣ ва тараққикунандаи дунё, тиҷорати электронӣ рӯз то рӯз рушд ёфта, саҳми худро дар иқтисодиёт мустаҳкам менамояд. Тиҷорати электронӣ солҳои охир ҷои савдои анъанавиро бо суъати баланд гирифта, мавқеъи худро дар иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо намудааст. Дар ин радиф мувофиқи ақидаи иқтисоддонҳо ташаккул ва рушди тиҷорати электронӣ дар шароити таҳавулоти ҷаҳони рақамӣ зарур буда, самаранокии он аз мавҷудияти инфрасохтори комили бозорӣ вобастагӣ дорад. Охирин дар низоми тиҷорати электронӣ, ба андешаи мо, шарти ҳатмист, ки шакли моддиро мушаххас намуда, мувофиқати муносибатҳои иқтисодиро ташкил карда, дар айни замон имкони амали бозори истеъмолӣ ва муомилоти озоди молҳои электрониро ба вуҷуд меорад.

Дар шароити муосир, ташкили дурусти савдои электронӣ ба давлат ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ имконияти гардиши молҳо аз нуқтаҳои истеҳсолӣ ва анборҳо то ба истеъмолкунандагонро фароҳам оварда, чараёни қонеъ намудани талаботи онҳоро бо молу маҳсулоти сифатнок ба ивази даромадҳои пулӣ ба миён меорад.

Барои таҳлили рушди савдои электронӣ моро зарур мебошад, ки як қатор нишондиҳандаҳои иқтисодию макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор диҳем.

Сохтори Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарки ҳолати иқтисоди ин ё он мамолик метавонад боис гардад ва дар ҳамин росто онро дар солҳои охир дар ҷадвали 1 ҷой медиҳем [2].

**Ҷадвали 1. Сохтори ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000-2023.**

| | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нишондиҳандаҳо** | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2020** | **2022** | **2022 ба 2000 (+;-)** | **2022 ба 2020 (+;-)** |
| Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | - | - |
| Истеҳсоли молҳо, % | 60,4 | 48,9 | 44,6 | 51,8 | 56,4 | 49,4 | -11,0 | 7,0 |
| Хизматрасонӣ, % | 31,0 | 39,6 | 44,2 | 37,7 | 34,4 | 41,1 | 10,4 | 6,7 |
| Андози соф, % | 8,6 | 11,5 | 11,2 | 10,5 | 9,0 | 9,2 | 0,6 | 0,2 |

**Сарчашма**: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023.

Аз ҷадвали мазкур чунин бар меояд, ки дар сохтори ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ, ки савдои электронӣ ҳамчун як ҷузъи таркибии он мебошад, дар соли 2023 ба 41,1 % ва ҳиссаи аҳолии ин соҳа машғулбуда ба 28,9 фоизи шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда баробар буда, ҳамин нишондиҳанда дар соли 2000

мутаносибан ба 31,0% ва 18,6% баробар буд. Ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ дар сохтори ММД дар солҳои охир рӯ ба афзоиш ниҳода, афзоиши он дар соли 2022 нисбат ба соли 2000-ум 10,4% зиёд гаштааст. Инчунин, дар ду соли охир ин нишондиҳанда 6,7% зиёд шудааст, ки рушди босуръати он дарак медиҳад.

Ба ақидаи мо, масъалаи рушди тиҷорати электрониро, чун ҷузъи таркибии муносибатҳои муомилотӣ, мувофиқи асосҳои макроиқтисодӣ ва молиявӣ таҳлил ва баҳодиҳӣ намудан мувофиқи мақсад буда, инҷо таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, вобаста ба афзоиши дараҷаи сифати некуаҳволии аҳолӣ, сатҳ ва сохтори даромадҳои пулии он, сохтори хароҷот ва ғайра муҳим арзёбӣ мешавад.

Барои муайян намудани ҳолати кунунии тамоюли рушди савдои электронӣ зарурати тавсифи муносибати комплексӣ ба миён меояд, ки дар ин асно нишондиҳандаҳое чун, ҳаҷми ММД, суръати тағйирёбии истеҳсолот, тағйироти даромади пулӣ, индекси нархҳои истеъмолӣ, тамоюли ченкунии арзиши маҳсулоти воридотӣ, муомилоти мол ва хизматрасонӣ ва ғайра бояд мавриди таҳлил қарор дода шаванд.

**Ҷадвали 2. Суръати тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо фоиз нисбат ба соли гузашта)**

| Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Солҳо** | Маҷмӯи маҳсулоти ҷамъиятӣ | Маҳсулоти саноатӣ | Маҳсулоти хоҷагии қишлоқ | Даромадҳои пулии аҳолӣ | Индекси нархҳои истеъмолӣ | Сатҳи таваррум (бо фоиз) | Муомилоти моли чаканафурушӣ |
| **2018** | 107,6 | 110,6 | 104,0 | 110,3 | 103,8 | 5,4 | 109,1 |
| **2019** | 107,4 | 113,2 | 107,1 | 116,8 | 107,9 | 6,5 | 105,9 |
| **2020** | 104,4 | 108,8 | 108,8 | 136,8 | 108,6 | 9,4 | 108,8 |
| **2021** | 109,4 | 120,8 | 106,6 | 123,2 | 108 | 7,8 | 109,7 |
| **2022** | 108,0 | 109,7 | 108,0 | 118,2 | 104,2 | 4,2 | 108,6 |
| **2023** | 108,3 | 112,3 | 109,1 | 125,6 | 104,1 | 3,8 | 109,0 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023 ва Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе 28.12.23.

Таҳлил ва омӯзиши вазъи як қатор нишондиҳандаҳои омории калидии иқтисоди миллӣ дар солҳои 2018-2023 чунин хулосаеро ба миён меорад, ки раванди афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ имконпазир гаштааст.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 бар меояд, ки ҳаҷми ММД дар солҳои таҳқиқшаванда аз 4,4 то 9,4%, истеҳсоли маҳсулоти саноат аз 108,8 то 120, 8% ва хоҷагии қишлоқ аз 104 то 109,1% маблағи даромади пулии аҳолӣ аз 110, 3 то 136,8%, индекси умумии нархҳои истеъмолӣ аз 3,8 то 8,6%, сатҳи тавварум аз 9,4 то 3,4%, муомилоти моли чакана 5,9 то 9,7% афзоиш ёфтаанд[1;2].

Махсус бояд қайд намуд, ки сатҳи таваррум сол то сол муътадил гашта, солҳои охир ба дараҷаи 3,4% поён фаромадааст, ки барои рушди иқтисоди миллӣ метавонад боис гардад. Чунин мешуморем, ки сатҳи муътадили таваррум барои ҷалби сармоя ба иқтисодиёт ва рушди низоми бонкӣ таъсири хуби худро метавонад расонад.

Муомилоти моли чаканафурушӣ солона ба ҳисоби миёна қариб 9% ҳамасола афзоиш меёбад, ки барои он инфрасохтори комил ва истифодаи технологияҳои нав ба нав зарур буда, савдои электронӣ ҳамчун ян ҷузъи муомилоти молӣ низ сол аз сол рӯ ба афзоиш дорад.

**Ҷадвали 3. Динамикаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2020** | **2022** | **2022 нисба ба соли 2000 (+, - бо фоиз)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД дар солҳои гуногун, млн. сомонӣ | 1786,8 | 17206,6 | 24707,1 | 48401,6 | 83958,3 | 115739,4 | 137,8 |
| Маҳсулоти саноатӣ, бо нархҳои соли 2023, млн. сомонӣ | 4316,5 | 7514,6 | 8584,8 | 12195,9 | 32467 | 43025 | 132,5 |
| Маҳсулоти кишоварзӣ, бо нархҳои соли 2023, млн. сомонӣ | 7421,2 | 11444,5 | 15670,1 | 21577,8 | 42765,6 | 49272,5 | 115,2 |
| Миқдори аҳолӣ дар охири сол, ҳаз. нафар. | 5701,4 | 6264,6 | 6842,2 | 7621,2 | 9716,8 | 10279,4 | 105,8 |
| Даромадҳои пулии аҳолӣ | 1004,6 | 3816,0 | 13256,0 | 25569,8 | 65347,0 | 95124,6 | 145,5 |
| Хароҷоти пулии аҳолӣ | 909,9 | 3857,2 | 13948,5 | 34968,0 | 72555,7 | 110606,2 | 152,5 |
| Ҳаҷми гардиши савдои чакана аз рӯи ҳамаи намуди савдо (бо нархҳои соли 2023), млн. сомонӣ | 2647,4 | 5356,0 | 8494,5 | 14377,7 | 31377,3 | 39498,4 | 125,8 |
| Хизматҳои пулакӣ ба аҳолӣ, млн. сомонӣ | 1818,4 | 4156,5 | 7174,7 | 9615,8 | 15040,4 | 20358,8 | 135,4 |
| Гардиши савдои хориҷӣ, ҳамагӣ млн. долл. ИМА аз ҷумла; | 1459,3 | 2238,8 | 3851,6 | 4326,2 | 4557,8 | 7309,5 | 168,9 |
| содирот | 784,3 | 908,7 | 1194,7 | 890,6 | 2149,6 | 2142,0 | 99,64 |
| воридот | 675,3 | 1330,1 | 2656,9 | 3435,6 | 3150,9 | 5167,5 | 164,0 |
| Вазни қиёсии гардиши савдои чакана аз рӯи ҳамаи намуди савдо нисбати ММД, бо % | - | 31,12 | 34,38 | 29,71 | 37,37 | 34,12 | - |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2023.

Аз ҷадвали 3 маълум мешавад[2], ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат сол то сол бо суръат афзоиш ёфта, ҳаҷми гардиши савдои чакана аз рӯи ҳамаи намуди савдо дар соли 2022 ба 39498,4 млн. сомонӣ баробар буда нисбати соли 2020 дар ҳаҷми 25,88% афзоиш ёфтааст. Инчунин, вазни қиёсии гардиши савдои чакана аз рӯи ҳамаи намуди савдо нисбати ММД дар солҳои охир аз 29,71 то 37,37%-ро ташкил намудааст.

Тиҷорати электронӣ ҳамчун ҷузъи таркибии соҳаи савдо ҷойгоҳи худро сол то сол дар иқтисоди миллӣ устувор мегардонад. Ҳамчунин, дар шароити муосир фаъолияти субъектҳои соҳаи савдо бо истифодаи технологияи нав ва роҳандозӣ намудани шаклҳои инноватсионии фаъолият рушд ёфта, ташкили муомилоти мол бо воситаи интернет тақвият меёбад.

Мо чунин мешуморем, ки барои таҳқиқоти рушди тиҷорати электронӣ масъалаҳои зерин бояд мавриди таҳлил қарор дода шаванд; ҳаҷми гардиши савдои чакана аз рӯи ҳамаи намуди савдо, аз ҷумла савдои анъанавӣ ва савдои электронӣ, вазни қиёсии савдои электронӣ нистбат ба савдои чакана аз рӯи ҳамаи намуди савдо, таҳлили нишондиҳандаҳои савдои электронӣ ва саҳми он дар иқтисодиёти мамлакат, вазни қиёсии савдои электронӣ нисбати гардиши савдои чакана аз рӯи ҳамаи намуди савдо, теъдоди субъектҳоё, ки ба савдои электронӣ машғул мебошанд ва ғайра.

Дар ҷадвали 4 нишондиҳандаҳои гардиши савдои чакана[2] аз рӯи намудҳои савдои анъанавӣ ва электронӣ оварда шудааст, ки таҳлили он барои муайян намудани тамоюли рушди савдои электронӣ боис гашта, сол то сол аз ҷониби савдои электронӣ ишғол намудани мавқеи устуворро дар маҷмуи муносибатҳои савдои чакана бараъло ошкор менамояд.

**Ҷадвали 4. Нишонҳандаҳои гардиши савдои чакана аз рӯи намудҳои савдои анъанавӣ ва электронӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми гардиши савдои чакана аз рӯи ҳамаи намуди савдо (бо нархҳои соли 2023), млн. сомонӣ | 32050,4 | 31377,3 | 35456,4 | 39498,4 | 41587,9 |
| Аз ҷумла; | | | | | |
| Савдои чакканаи анъанавӣ, млн. сомонӣ | 31901,5 | 30779,6 | 34757,6 | 38540,0 | 40251,7 |
| савдои электронӣ, млн. сомонӣ | 148,9 | 597,7 | 698,8 | 958,4 | 1336,2 |
| Вазни қиёсии савдои электронӣ нисбати гардиши савдои чакана аз рӯи ҳамаи намуди савдо (бо%) | 0,46 | 1,89 | 1,97 | 2,43 | 3,21 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2023.

Ҳаҷми гардиши савдои чакана аз рӯи ҳамаи намуди савдо сол то сол тақвият ёфта, дар соли 2022 ба 39498,4 млн. сомонӣ баробар шудааст, ки он нисбат ба соли 2021 қариб 10% зиёд аст.

Савдои электронӣ низ сол то сол афзоиш ёфта, аз 148,9 млн. сомонии соли 2019 соли 2022 ба 958,4 млн сомонӣ расидааст, ки афзоиш қариб 6,4 маротибаро ташкил менамояд.

Инчунин, бояд тазаккур дод, ки вазни қиёсии савдои электронӣ нисбати гардиши савдои чакана аз рӯи ҳамаи намуди савдо сол то сол афзоиш ёфта он дар соли 2022 2,43%-ро ташкил намуда соли 2023 он ба 3,21 расидааст. Албатта, чунин натиҷа ҳанӯз аз нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳонӣ хело паст буда, бо ташкили шароити мусоид метавонад ба маротиб афзоиш ёбад.

Инчунин, дар шароити кунуни омӯзиши ҳолати имрӯза ва ҷанбаҳои рушди тиҷорати электронӣ аз рӯи нишондиҳандаи ҳаҷми умумӣ, суръати афзоиш ва сохтори он дар минтақаҳои алоҳида, ҳаҷми савдои электронӣ ба як нафар аҳолӣ дар давоми ҳар як сол хело муҳим мебошад.

Натоиҷи тадқиқоти хусусияти минтақавии савдои электронӣ дар солҳои 2018-2023 аз рӯи нархҳои муқоисавии соли 2023 бо сомонӣ ва инчунин тамоюли тағйиротҳои нишондиҳандаҳои савдои электронӣ дар ҷадвали 5 оварда шудааст[2].

**Ҷадвали 5. Ҳаҷми савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2019-2023 бо нархҳои соли 2023, млн. сомонӣ**

| Минтақаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Ҳисса, бо % дар соли 2023 | 2023 ба 2019 бо карат |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ) | 148,9 | 597,7 | 698,8 | 958,4 | 1336,2 | 100 | 8,97 |
| ВМБК (млн. сомонӣ) | 2,97 | 12,55 | 17,47 | 27,79 | 37,41 | 2,80 | 12,59 |
| Вилояти Суғд (млн. сомонӣ) | 44,67 | 173,33 | 206,84 | 278,89 | 384,82 | 28,80 | 8,61 |
| Вилояти Хатлон (млн. сомонӣ) | 31,26 | 164,37 | 168,41 | 222,35 | 334,05 | 25,00 | 10,68 |
| Ш. Душанбе (млн. сомонӣ) | 56,54 | 193,05 | 238,99 | 335,44 | 442,28 | 33,10 | 7,82 |
| НТҶ (млн. сомонӣ) | 13,4 | 54,39 | 67,08 | 93,92 | 137,63 | 10,30 | 10,27 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2023.

Аз натиҷаҳои ҷадвали 5 маълум мегардад, дар 5 соли охир ҳаҷми савдои электрони дар ҷумҳурӣ мунтазам афзоиш ёфта, соли 2023 нисбат ба соли 2019 ин нишондиҳанда 8,97 карат зиёд шудааст. Инчунин ҳамин тамоюл дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ба назар расида, суръати афзоиши он аз 7,2 то 12,59 каратро ташкил намудааст.

Ҳиссаи гардиши савдои электронӣ дар соли 2023 аз рӯи минтақаҳои мухталифи ҷумҳуриявӣ якранг набуда, он зиёдтар дар шаҳри Душанбе- 33,10%, Вилояти Суғд – 28,80, Вилояти Хатлон – 25, 00%, НТҶ – 10,30 ва ВМБК – 2,8%-ро ташкил намудааст.

Ба афзоиши тиҷорати электронӣ COVID-19 таъсири калон расонидааст, ки ба ҳамагон маълум аст дар соли 2020 карантин эълон карда шуда, гаштугузори мардум маҳдуд карда шуда буд. Ин аст, ки зиёдшавии тиҷорати электронӣ ба дар соли 2020 нисбати соли 2019 қариб 4 маротибаро ташкил додааст.

Бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон босуръат афзоиш ёфта, қариб ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳонӣ баробар гардидааст.

Ҳаҷми тиҷорати электронӣ дар ҷаҳони муосир рӯ ба афзоиши бе майлон дошта, афзоиши он имрӯз ба ҳисоби миёна то 30%-ро дар як сол ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ соли 2023 ҳаҷми афзоиши тиҷорати электронӣ нисбати соли 2022 қариб 30%-ро ташкил намуд, ки ин нишондиҳандаи баланд мебошад[4].

Дар соли 2022 фурӯши ҷаҳонӣ тавасути онлайн 19%-и бозори ҷаҳонии чаканаро ташкил дода, ба ҳисоби пулӣ аз 5,5 триллион доллар гузаштааст.

Ба гуфтаи коршиносон, дар соли 2027 ҳиссаи тиҷорати ҷаҳонӣ 25% ё 9,1 триллион долларро ташкил хоҳад дод[4].

“Тайи даҳ соли охир дар фазои тиҷорати электронӣ як гурӯҳи стартапҳои маҳаллӣ пайдо шуданд, аз ҷумла Алиф Сармоя, ки дар бозори электронии пардохтҳои мобилӣ навоварӣ мекунад, Somon.tj, ки мардум ва соҳибкоронро зуд ба тиҷорати онлайн ҷалб мекунад ва дигар

- соҳибкории тиҷоратӣ, сармоядорони венчурӣ ва акселераторҳо ба монанди 55Starups, ки ба тиҷорати электронии марҳилаи ибтидоӣ сармоягузорӣ мекунанд. Тибқи маълумоти соли 2017 Findex, танҳо 7,6 дарсади аҳолии Тоҷикистон аз интернет харидорӣ кардаанд, дар ҳоле ки дар Қазоқистон 24 дарсад ва дар Русия 28 дарсад. Тибқи маълумоти KPMG, бозори тиҷорати электронӣ дар Тоҷикистон дар соли 2020 54,7 миллион долларро ташкил додааст, ки муодили сеяки бозори Қирғизистон, 8 дарсади бозори Узбекистон ва 3 дарсади бозори Қазоқистон аст" [3].

Ташаккули корхонаҳои тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун моликияти хусусӣ, дар раванди хусусигардонӣ имконоти зиёдро пайдо намуда, имрӯз ҳазорҳо соҳибкорони инфиродӣ низ ба ин раванд пайваст гардиданд, ки боис ба рушди соҳа гашт.

Ба ақидаи мо намояндагони тиҷорати электрониро ба ду гурӯҳ тақсим намудан ҷоиз мебошад;

1. Корхонаҳо ё соҳибкорони инфиродие, ки танҳо ба тиҷорати электронӣ машғул мебошанд;
2. Корхонаҳо ё соҳибкорони инфиродие, ки дар фаъолияти худ тиҷорати электрониро истифода мебаранд.

Дар шароити муосир дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳо ё соҳибкорони инфиродие фаъолият менамоянд, ки машғулияти асосии онҳо тиҷорати электронӣ буда, бо ҳамин мақсад ташкил шудаанд.

Аз ин рӯ, масъалаи рушди тиҷорати электронӣ дар асоси иҷозат додан барои фаъолияти соҳибкорӣ барои шахсони воқеӣ ҳамчун соҳибкорони инфиродӣ имкокпазир гашта, имрӯзҳо ҳазор нафар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тиҷорати электронӣ машғуланд.

Дар ин ҷо афзоиши шумораи корхонаҳо ва соҳибкорони инфиродие, ки бештар ба хизматрасонии электронӣ машғуланд, муҳим аст.

**Ҷадвали 6. Шумораи корхонаҳо ва соҳибкорони инфиродие, ки ба тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд**

| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022 ба 2021 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ (тибқи шаҳодатнома) | 33572 | 34604 | 37264 | 36663 | 35749 | 97,50 |
| аз ҷумла тиҷорати электронӣ | 79 | 115 | 370 | 1401 | 1905 | 135,97 |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ (тибқи патент) | 101370 | 105337 | 105400 | 104349 | 99405 | 95,26 |
| аз ҷумла тиҷорати электронӣ | 381 | 719 | 1545 | 2930 | 4795 | 163,65 |
| Корхонаҳо | 31174 | 30929 | 31265 | 31386 | 32853 | 104,67 |
| аз ҷумла тиҷорати электронӣ | 7 | 19 | 39 | 61 | 112 | 183,60 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2023.

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад[2], ки шумораи ҳамаи субъектҳое, ки бо тиҷорати электронӣ машғул мебошанд, сол аз сол зиёд гардидааст.

Азбаски иқтидори сармояи тиҷорати электронӣ дар дигар минтақаҳо ва сегментҳои бозор истифода нашудааст, соҳаҳое, ки маҷмӯи тиҷорати электрониро ташкил медиҳанд, аз мавқеи тиҷоратӣ ҷолибтар ва даромаднoктар мешаванд.

Дар бобатии таҳлили муносибатҳои тиҷорати электронӣ сатҳи умумии фаъолияти субъектҳоро аз рӯи мансубияти минтақавӣ бояд дида бароем. Ҳамин тариқ дар ҷадвали 7 шумораи субъектҳои амалкунандаи соҳибкории хурду миёна дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нишон дода мешавад[2].

**Ҷадвали 7. Шумораи субъектҳои амалкунандаи соҳибкории хурду миёна дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 31.12.2022**

| Минтақаҳо | Шаклҳои хоҷагидории СХМ* | | | | Ҳамагӣ СХМ* | Бо % нисбат ба ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шаҳодат-нома | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Патент | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
| ВМКБ | 1034 | 142 | 2030 | 1233 | 4783 | 1,4 |
| Хатлон | 6687 | 66580 | 26008 | 9927 | 107560 | 31,6 |
| Суғд | 11320 | 69889 | 32199 | 8716 | 120783 | 35,5 |
| Душанбе | 10751 | 122 | 23647 | 7674 | 45352 | 13,3 |
| НТМ* | 5957 | 35375 | 15521 | 5303 | 61637 | 18,1 |
| Ҳамагӣ | 35 749 | 172 108 | 99 405 | 32 853 | 340 115 | 100 |
| Бо % нисбат ба ҳамагӣ | 10,51 | 50,60 | 29,23 | 9,66 | 100 | - |

* СХМ – соҳибкории хурду миёна, НТМ – ноҳияҳои тобеи марказ

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2023.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 7 чунин бар меояд, ки теъдоди субъекҳои хоҷагидорӣ нисбатан зиёдттар дар вилояти Суғд (35,5%), дар вилояти Хатлон (31,6%) ҷойгир буда дар шаҳри Душанбе ин нишондиҳанда ба 13,3% баробар мебошад. Нисбатан кам будани теъдоди субъектҳои хоҷагидор дар шаҳри Душанбе ба он рабт дорад, ки чун қоида хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шаҳр ҳамагӣ 122 адад ба қайд гирифта шудаанд.

Дар шароити муосир, ки принсипҳои менеҷмент дар рушди тиҷорати электронӣ амиқ татбиқ карда мешаванд, тамоюли тағйироти нархҳои молу коло ва хизматрасониҳои электронии пешкашшаванда метавонад таъсиргузор бошад. Аз ҳамин сабаб, зарурати таҳқиқоти нишондиҳандаҳои индекси нархҳои тиҷорати электронӣ ба миён меояд.

**Ҷадвали 8. Индекси нархҳои истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фоиз нисбат ба соли гузашта**

| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| Индекси нархҳои истеъмолӣ | 103,8 | 107,9 | 108,6 | 109,0 | 106,6 |
| аз ҷумла: маҳсулоти хӯроквории (бе нӯшокиҳои спиртӣ) | 102,4 | 111,4 | 112,5 | 110,6 | 107,2 |
| маҳсулоти ғайриозукаворӣ, аз ҷумла; | 105,2 | 105,1 | 105,0 | 107,8 | 105,7 |
| -либос ва либоси таг | 103,7 | 104,5 | 104,3 | 104,1 | 103,5 |
| -пойафзол | 105,9 | 108,6 | 103,3 | 104,8 | 103,4 |
| -газвор | 103,7 | 106,2 | 104,8 | 102,9 | 98,5 |
| -мебел | 103,7 | 105,8 | 103,6 | 103,5 | 101,3 |
| - молҳои маданӣ | 104,6 | 101,0 | 94,8 | 98,8 | 100,3 |
| - асбобҳои барқӣ | 107,0 | 110,0 | 106,6 | 103,7 | 104,6 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| - масолеҳи бинокорӣ | 105,9 | 105,5 | 106,7 | 106,8 | 107,3 |
| - доруворӣ | 104,7 | 110,7 | 111,5 | 103,9 | 108 |
| Хизматрасониҳои пулакӣ | 105,9 | 102,6 | 104,7 | 106,7 | 106,7 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2023.

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки қариб дар ҳамаи соҳаҳои саноат ва соҳаҳои мамлакат тиҷорати электронӣ вуҷуд дорад, вале он бештар дар соҳаи хизматрасонии пулакӣ инкишоф ёфтааст.

Тавре ки аз ҷадвали 8 дида мешавад[2], дар давраи таҳқиқот афзоиши индекси нархҳои тиҷорати электронӣ ба қайд гирифта шуда, соли 2022 суръати афзоиш 6,6% - ро ташкил намуда, индекси махсулоти хӯрокворӣ 7,2%, маҳсулоти ғайриозуқаворӣ – 5,7%; ва хизматрасониҳои пулакӣ – 6,7% афзоиш ёфтаанд.

Албатта, ин нишондиҳандаи сатҳи нархҳо бо хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии рушди тиҷорати электронӣ дар мамлакат алоқаманд аст.

Як қатор нишондиҳандаҳои рушди тиҷорати электронӣ мавҷуданд:

- нишондиҳандаи асосӣ маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, маҳсулоти электронӣ ва тиҷорати электронӣ ба ҳар сари аҳолӣ;
- нишондиҳандаҳои нисбӣ - таносуби даромад ва хароҷоти тиҷорат ва хадамот, муносибати онҳо бо арзиши зиндагӣ;
- системаҳои сатҳӣ дар маҷмӯъ.

Дар ин ҷо хароҷоти аҳолӣ ба молҳои электронӣ ва тиҷорати электрониро ба назар гирифтан бамаврид аст.

**Ҷадвал 9. Сохтори хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо**

| **Тавсифи мол** | **2019** | | **2021** | | **2022** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Хароҷот** | | **Хароҷот** | | **Хароҷот** | |
| | **хона барои 1 нафар. хонаводаҳо дар як моҳ (сомонӣ)** | **ба хисоби фоиз нисбат ба истеъмоли умумӣ** | **хона барои 1 нафар хонаводаҳо дар як моҳ (сомонӣ)** | **ба хисоби фоиз нисбат ба истеъмоли умумӣ** | **хона барои 1 нафар. хонаводаҳо дар як моҳ (сомонӣ)** | **ба хисоби фоиз нисбат ба истеъмоли умумӣ** |
| Маҷмӯи хароҷоти истеъмолӣ | 366,38 | 100,0 | 777,64 | 100,0 | 851,85 | 100,0 |
| 1. Барои хӯрокворӣ | 197,26 | 53,85 | 380,84 | 49,0 | 415,24 | 48,7 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| А) Хароҷоти хариди маҳсулоти истеъмолии хона | 191,26 | 53,8 | 372,35 | 97,8 | 405,66 | 98,0 |
| Аз он ҷумла; | | | | | | |
| Нон ва махсулоти нон | 45,32 | 31,5 | 96,7 | 25,4 | 118,21 | 28,5 |
| Картошка | 4,5 | 3,1 | 10,43 | 2,7 | 11,23 | 2,7 |
| Сабзавот ва полезӣ | 13,1 | 9,1 | 30,34 | 8,0 | 37,92 | 9,1 |
| Мева ва буттамева | 8,7 | 6,0 | 24,41 | 6,1 | 25,63 | 6,2 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 22,5 | 15,6 | 93,05 | 24,4 | 90,23 | 21,7 |
| Моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ | 0,39 | 0,27 | 3,48 | 0,9 | 2,99 | 0,7 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 5,08 | 3,53 | 17,33 | 4,5 | 16,85 | 4,1 |
| Шакар ва қаннодӣ | 17,56 | 12,2 | 23,32 | 6,1 | 24,39 | 5,9 |
| тухм | 3,86 | 2,7 | 13,98 | 3,7 | 14,49 | 3,5 |
| Равғанҳои растанӣ | 14,5 | 10,1 | 41,11 | 10,8 | 44,12 | 0,6 |
| Чой, қаҳва, нӯшокиҳои бе спирт | 3,44 | 2,4 | 13,7 | 3,6 | 13,97 | 3,4 |
| б) Хароҷот барои хӯроки берун аз хона (хӯроки умумӣ) | 5,58 | 2,8 | 8,25 | 2,2 | 9,27 | 2,2 |
| 2.Хароҷоти хариди нушокиҳои спиртдор | 0,24 | 0,10 | 0,73 | 0,09 | 0,75 | 0,2 |
| 3. Хароҷоти хариди молҳои ғайриозуқа | 76,32 | 29,4 | 212,70 | 27,3 | 243,55 | 28,6 |
| 4. Хароҷоти пардохти хизматрасонӣ | 38,76 | 14,9 | 92,95 | 11,9 | 181,37 | 21,3 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2023.

Тавре ки аз ҷадвали 9 дида мешавад[2], дар сохтори хароҷоти аҳолӣ дар давраи таҳқиқот тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд наомадааст.

Ба андозаи хароҷоти аҳолӣ ба тиҷорати электронӣ, молҳои электронӣ ва тиҷорати электронӣ низ даромади аҳолӣ таъсир мерасонад, зеро даромади аҳолӣ тамоми хароҷотро барои ҳамаи намудҳои хароҷоти аҳолӣ муайян мекунад.

Ҳаминро махсус бояд қайд намуд, ки савдои электронӣ ҳамчун рукни муҳими иқтисоди рақамӣ, на танҳо тамоюли ҳаҷми фурӯши молро ба аҳолӣ, инчунин вазъияти ҳозираи хоҷагии халқ ва сохтори даромадҳои пулии аҳолиро низ дар шароити муосир ифода менамояд.

Таҳқиқ ва таҳлили тамоюли даромадҳои пулии аҳолӣ ба мо имкон медиҳад, ки қобилияти харидории онҳо муайян карда шуда, сотори он муайян карда шавад.

**Ҷадвали 10. Тамоюли даромади аҳолии ҷумҳурӣ**

| | **2020** | | **2021** | | **2022** | | **Фарқияти с. 2022 ба 2020** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **сомонӣ** | **в %** | **сомонӣ** | **в %** | **сомонӣ** | **в %** | **Сомонӣ +,-** | **в %** |
| **Ҳамагӣ** | 518,19 | 100,0 | 684,17 | 100,0 | 794,12 | 100,0 | +275,93 | 153,24 |
| Аз он ҷумла; | | | | | | | | |
| Даромадҳои меҳнатӣ | 213,17 | 41,2 | 277,60 | 40,6 | 341,47 | 43,0 | +128,3 | 160,18 |
| Нафақа, ёрдампулӣ ва стипендия. | 38,81 | 7,5 | 41,77 | 6,1 | 41,65 | 5,2 | +2,84 | 107,31 |
| Пардозҳои ҷубронӣ аз ҷумла кумаки башардустона | 3,56 | 0,7 | 1,23 | 0,2 | 17,85 | 2,2 | +14,29 | 501,4 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромад аз моликият | 23,05 | 4,4 | 16,97 | 2,5 | 17,47 | 2,2 | -5,58 | 75,79 |
| Даромад аз фӯруши моликияти ғайриманқул | 1,71 | 0,3 | 3,85 | 0,6 | 4,83 | 0,6 | +3,12 | 282,45 |
| Даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ | 36,75 | 7,1 | 42,18 | 6,2 | 42,25 | 5,3 | +5,5 | 114,97 |
| - дигар даромадҳои нақдӣ (аз ҷумла даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ, ва фаъолияти мустақили касбӣ) | 200,94 | 38,8 | 300,57 | 43,9 | 328,42 | 41,4 | +127,48 | 163,44 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2023.

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дар маҷмӯъ даромади аҳолӣ афзоиш ёфта, танҳо даромад аз моликият нишондиҳандаи манфиро соҳиб буда, он соли 2022 нисбат ба соли 2020 ба маблағи 5,8 сомонӣ кам гаштааст. Афзоиши аз ҳама бештар пардозҳои ҷубронӣ аз ҷумла кумаки башардустона (401,4%), даромад аз фӯруши моликияти ғайриманқул (182,45%), даромадҳои меҳнатӣ (60,18%) ва аз дигар даромадҳои нақдӣ (аз ҷумла даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ, ва фаъолияти мустақили касбӣ) (63,44%) мебошад.

**Ҷадвали 11. Музди меҳнати миёнаи кормандони корхона ва ташкилотҳои соҳаҳои иқтисодиёти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои бо доллари ИМА)**

| | 1995 | 2010 | 2015 | 2020 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи кормандон | 8,8 | 80,9 | 142,6 | 135,0 | 194,6 |
| Аз ҷумла; | | | | | |
| Саноати коркард | 2,7 | 175,4 | 308,3 | 165,5 | 220,2 |
| Саноати истихроҷ | 15,3 | 94,4 | 150,3 | 246,7 | 338,6 |
| Кишоварзӣ, шикорчигӣ ва хоҷагии ҷангал | 11,6 | 24,1 | 45,1 | 55,5 | 71,4 |
| Нақлиёт, хоҷагиҳои хоҷагиҳои анборӣ ва алоқа | 22,5 | 209,9 | 303,6 | 150,9 | 238,9 |
| сохтмон | 12,2 | 192,5 | 327,2 | 239,2 | 270,2 |
| Савдо, хуроки омма ва дигар соҳаҳои муомилоти мол | 6,4 | 94,2 | 132,6 | 120,8 | 152,5 |
| Тандурустӣ, варзиш ва таъминоти иҷтимоӣ | 4,9 | 58,8 | 110,0 | 94,7 | 113,9 |
| Муассисаҳои қарзӣ ва суғурта | 24,8 | 245,6 | 376,4 | 346,9 | 503,9 |
| маориф | 5,2 | 63,6 | 115,3 | 108,3 | 138,6 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Дигар намуди фаъолияти хизматрасонӣ | 9,0 | 109,6 | 159,7 | 321,1 | 438,5 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023.

Музди меҳнати миёнаи кормандони корхона ва ташкилотҳои соҳаҳои иқтисодиёти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ба 194,6 доллари ИМА баробар буда, аз ҳама зиёд музди меҳнат барои ҳамин давра дар соҳаҳои муассисаҳои қарзӣ ва суғурта-503,9 доллари ИМА, саноати истихроҷ – 338,6 доллари ИМА, нақлиёт, хоҷагиҳои хоҷагиҳои анборӣ ва алоқа – 238,9 доллари ИМА, сохтмон 270,2 доллари ИМА буда, аз ҳама камтар дар соҳаҳои кишоварзӣ, шикорчигӣ ва хоҷагии ҷангал – 71,4 доллари ИМА, тандурустӣ, варзиш ва таъминоти иҷтимоӣ – 113,9 доллари ИМА ва маориф -138,6 доллари ИМА-ро ташкил намудааст[2].

Нишондиҳандаи музди миёнаи меҳнат бояд ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳонӣ мутобиқ карда шавад. Ин ҷо аз ҷониби Ҳукумати ҷкмҳурӣ ҳамасола баланд намудани музди кормандону хизматчиёни соҳаи буҷетӣ ба назар мерасад, ки ҳанӯз ҳам кам аст. Ба соҳаҳои дигар низ барои ба дараҷаи мувофиқ расонидани музди меҳнати кормандонашон зарурат ҷой дорад, зеро ба ақидаи мо захираҳо барои ин мавҷуд буда танҳо хоҳишу идроки роҳбарони субъектҳо зарур аст.

Ба ҳама тазодҳои зикргардида нигоҳ накарда, мо тахмин менамоем, ки тиҷорати электронӣ ва рушди он, зухури хизматрасонии тиҷорати электронӣ ва корхонаҳои тиҷоратӣ навъҳои нави тавдои электрониро тавлид мекунанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки тоҷирон ҳамчун намояндагони тиҷорати электронӣ ба рушди иқтисоди мидллӣ саҳми худро мегузоранд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили вазъи тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки он бомаром рушд ёфта, ба ҳисоби миёна дар солҳои охир суръати афзоиши он то 30% - ро ташкил намудааст.

Ба хулосае омадем, ки вазъи иқтисодии мамлакат ба воситаи таҳлили як қатор нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ гузаронида шуда, алоқамандии онҳо ба рушди тиҷорати электронӣ муайян карда мешавад. Дар натиҷа маълум гардид, ки бо баробари рушди иқтисоди миллӣ, ки солҳои охир он то 8%-ро ташкил кардааст, рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ таъмин гашта, дараҷаи некуаҳволии мардум баланд шудааст. Дар ҳамин замина муайян карда шуд, ки даромаднокии аҳолӣ ва хароҷотҳои он ҳамасола афзоиш ёфта, сатҳи тававарум дар дараҷиа муътадил қарор ёфта, қурби пули миллӣ низ устувор аст, ки ҳолати мазкур боз ҳам ба инкишоф ва рушди тиҷорати электронӣ боис мегардад.

Дар маҷмӯъ, тиҷорати электронӣ ва рушди он ба тадбиқи сиёсати рақамикунонии иқтисоди миллӣ боис мегардад, ки ин дар шароити муосири иқтисодӣ муҳим арзёбӣ гашта, сатҳу сифати хизматрасонӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ кунонида шуда, таъминоти аҳолӣ бо молу маҳсулот зуд ва сифатнок имконпазир мегардад.

**АДАБИЁТ**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе 28.12.23.
2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023.
3. Сомонаи электронӣ - https://www.vsemirnyjbank.org
4. Сомонаи электронӣ - https://sputnik.tj
5. Сомонаи электронӣ - https://sputnik.tj

**УДК 336.2**

**Маҳмаризозода Б. М.**

## ТАРТИБИ ПАРДОХТҲОИ ҲАТМӢ ВА АНДОЗБАНДИИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳо ва хусусиятҳои пардохтҳои ҳатми барои истифодаи воситаҳои нақлиёт ва тартиби андозбандӣ ва гузаштан аз муоинаи техникии воситаҳои нақлиёт аз ҷониби соҳибони воситаҳои нақлиёт ё истифодабарандагони онҳо, меъёрҳо барои ҳисоб намудани иқтидори муҳаррик, фишори муҳаррики реактивӣ, номгӯй, ҷойи нишаст, иқтидори борбарборӣ, соҳаи фаъолият бо ҳисоби як қувваи аспи иқтидори муҳаррик, мавриди тадқиқ қарор дода шудааст.

**Вожаҳои калидӣ***:* андоз, воситаи нақлиёт, буҷет, низоми андоз, корхонаҳо, иқтидор, муҳаррики воситаҳои нақлиёт, нобудсозӣ (утилизадсия), ҷаримаҳо, қувваи асп, пардохтҳо, соҳибони воситаҳои нақлиёт, боҷ, резидент, ғайрирезидент.

**Махмаризода Б. М.**

## ПОРЯДОК ОБЯЗАТЕЛЬНЫХ ПЛАТЕЖЕЙ И НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

В данной статье рассмотрены вопросы и особенности обязательных платежей за использование транспортных средств и порядок налогообложения и прохождения технического осмотра транспортных средств владельцами транспортных средств или их пользователями, критерии расчета мощности двигателя, исследованы тяга реактивного двигателя, паспортная табличка, пассажировместимость, грузоподъемность, область работы на одну лошадиную силу двигателя.

**Ключевые слова**: налог, транспортные средства, бюджет, налоговая система, предприятия, мощность, двигатель транспортного средства, слом (утилизация), штрафы, мощность, выплаты, владельцы транспортных средств, пошлина, резидент, нерезидент.

**Mahmarizozoda B. M.**

## PROCEDURE FOR MANDATORY PAYMENTS AND TAXATION OF TRANSPORT VEHICLES

This article examines the issues and features of mandatory payments for the use of transport vehicles and the procedure for taxation and passing technical inspection of transport vehicles by vehicle owners or their users, the criteria for calculating engine capacity, jet engine pressure, designation, seating capacity, load capacity, field of activity calculated per horsepower of engine capacity.

**Keywords**: tax, vehicle, budget, tax system, enterprises, capacity, vehicle engine, scrapping (utilization), fines, horsepower, payments, vehicle owners, duty, resident, non-resident.

Дар шароити муосир илми иқтисод паҳлуҳо ва норасоиҳои ҳар як шакли андозбандиро мавриди омӯзиш қарор дода истодааст, ки танҳо ба василаи омӯзиши андозбандиҳои мустақиму ғайримустақим метавон низоми андозеро барпо кард, ки ба манфиатҳои буҷаи давлат ва манфиатҳои иқтисодии андозсупорон ҷавобгӯ бошанд.

Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмуи андозҳои умумидавлати ва маҳаллӣ иборат буда, тартиби пардохти андозҳои маҳаллӣ солона ба меъёрҳои муқаррар намудаи Кодекси андоз аз истифодабарандагони он ситонида мешаванд.

Андозҳои умумидавлати аз рӯйи шаклҳо ҷудо шуда ба худ тартиби пардохти муаянеро доранд, ки дар давраҳои пешбинигардида ситонида мешаванд.

Андозҳои маҳаллие,ки бо кодекси мазкур муқаррар шуда, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо мавриди амал қарор дода мешаванд [1].

Андози воситаҳои нақлиёт андози маҳаллие мебошад, ки мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти ваколатдори соҳаҳои нақлиёт,мудофиа, кишоварзӣ ва дигар мақомотҳои ваколатдори бақайдгирии давлати анҷом дода мешаванд.

Супорандагони андози воситаҳои нақлиёт шахсоне мебошанд, ки истифодабарандаи воситаҳои нақлиёти дорои объекти дар ихтиёри худ дошта дар ҳолати гузаштан аз муоинаи техники ҳарсола бо меъёрҳои муқарарнамудаи кодекси андоз этироф мегарданд.

Андоз аз воситаҳои нақлиёт ҳамчун андози мустақим барои ташаккулёбии буҷетҳои маҳаллӣ накши басо муҳимро иҷро менамояд.

Асосан мутобиқи қонунгузорӣ меъёрҳои андози воситаҳои нақлиёт бо фоиз нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои ҳар як қувваи аспи муҳаррики он муқаррар карда мешавад.

Нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағи пулие мебошад, ки ҳар сол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдор” муқаррар гардида, барои ҳисоб кардани андозҳо, боҷҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва муҷозоти ҷаримавӣ, инчунин барои ҳисоб кардани ин ё он бузургии арзиши ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад [2].

Мутобиқи пешбинии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ё баъди чанд сол муқаррар намудани нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Буҷети давлатӣ барои соли ҷорӣ” бояд ҳамчун қоида бо дарназардошти сатҳи бекурбшавӣ барои соли ҷори пешбинӣ карда мешавад.

Мутобиқи тағири иловаҳои соли 2024 аз санаи 1 06 2024 ҳаҷми музди меҳнати ҳадди ақал ба андозаи 800 сомонӣ баробар бошад, нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба72 сомонӣ баробар аст.

Соҳибони васитаҳои нақлиёт ҳангоми гузаронидани муоинаи техники пеш аз ҳама дар шуъбаҳои бонки амонатгузори мутобиқи моддаи 360 кодекси андоз, ки меъёрҳои пардохти андоз дар он пешбинӣ гардидааст бо қуваи муҳаррики воситаи нақлиёт, яъне қувваи асп, ки дар шиносномаи воситаи нақлиёт нишон додашудааст пардохта мешавад.

Мутобиқи моддаи 358 кодекси андоз банди сеюм чунин пешбини гардидааст, новобаста ба корношоямии воситаи нақлиёт ва бо сабабҳои гуногун истифода нашудани он инчунин дар қайди давлатӣ набудани воситаи нақлиёт, андозсупоранда ухдадор аст андоз аз воситаи нақлиётро пардохт намояд [3].

Аз чунин пешниҳод дар кодекси андоз дар бораи воситаҳои нақлиёте, ки кайҳо ба нобудӣ рафтаанд соҳибони онҳо ухдадоранд андозҳои воситаҳои нақлиёти корношоям ва дар қайди давлатӣ ҳастанд ё нестанд ҳамчун андозсупоранда дар мақомоти андози маҳалӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Қарзи андозӣ ба души соҳибони воситаҳои нақлиёте, ки корношоям гардидаанду ҳаракати ин воситаҳои нақлиёт ғайриимкон шуморида мешаванд, онҳо низ дар назди мақомоти андоз ухдадории андозӣ доранд.

Имрӯзҳо аксарияти воситаҳои нақлиёт ба садамаҳо дучор гардида таъмири онҳо ғайри имкон аст ва соҳибони бисёри воситаҳои нақлиёт дар ин ҳолат мефавтанд.

Аз ин бармеояд, ки дорандагони воситаҳои нақлиёт мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми корношоям, ё гирифтор шудан ба садамаи воситаҳои нақлиёт ба Раёсати бозрасии автомабилии Вазорати корҳои дохилӣ, ки воситаи нақлиётро ба қайд гирифта, ба он рақами бақайдгирии воситаи нақлиёт супорида шудааст аз қайди давлатӣ бароварда ва беэтибор донистамешавад.

Ҳолатҳое ба назар мерасад, ки аксарияти шаҳрвандони кишвар худсарона, бе огоҳии Раёсати бозрасии автомобилии Вазорати корҳои дохили воситаҳои наклиёти худро ба соҳибкороне, ки ба истеҳсоли маводҳои сохтмонӣ (арматур) машғуланд, бурда ғайри қонунӣ месупоранд. Аз ин огоҳи надошта, ки ба зимаи худ барои воситаҳои нақлиёт дар номашон дошта пардохти андози доранд бояд мутобиқи фармоиши мақомоти дар боло зикргардида воситаи нақлиёти худро бо пардохтҳои муаян гардида аз этибор соқит кард.

Моҳи декабри соли 2023 Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет” тағирот ворид намудан, ки тибқи он соҳибони ҳами намудҳои воситаҳои нақлиёт мувazzaф гаштанд ба давлат ҳаққи якдафинаро барои нобудсозӣ (утилизадсия)- и ин мошинҳо пардохт кунад [4].

Бо қабули қонун дар бораи дигар пардохтҳои ҳатми ба буҷет аз якуми январи соли 2024 ҳангоми гузаштан аз муоинаи техники соҳибони воситаҳои нақлиёт уҳдадоранд, ки пардохт барои нобудсозӣ ( утилизадсия ) пардохта сипас муоинаи техникӣ воситаи нақлиёт гузаронида мешавад.

Аз ин бар меояд, ки соҳибони нақлиёти корношоямгардида ҳам пардохт барои нобудсозӣ (утилизадсия)-и воситаи нақлиёт, яъне як маротиба пардохта мешавад бо ҳаҷми муаянгардида бо намуди воситаи нақлиёти дар номаш дошта.

Мутобиқи Қонун дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмии меъёрҳо барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёт бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи декабри соли 2023 ҳаҷми маблағҳо аз навъи воситаҳои нақлиёт вобаста мебошад. Бо тартиби пешбинишуда воситаҳои нақлиёте, ки дораи муҳаррик мебошанд ва дар қайди бозрасии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мавриди пардохти нобутсозӣ қарор мегиранд. Барои мотосиклҳо дар ҳаҷми панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо воситаҳои нақлиёти сабукрав ва воситаҳои нақлиёте, ки зиёда аз даҳ нафар ҷойи нишаст доранд ба андозаи бисту ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо, воситаҳои нақлиёти боркаш ва борбардор ба андозаи чил нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар гардидааст (Расми 1).




**Расми 1. Пардохтҳои ҳатмии меъёрҳо барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёт (таҳияи муаллиф)**

Тартиби ҳисобнамудани ин меъёрҳо бо нишондиҳанда барои ҳисоб чунин аст, ки мотосиклҳо 5 x 75 = 375 сомонӣ воситаҳои нақлиёти сабукрав, ва воситаҳои нақлиёте, ки зиёда аз даҳ нафар ҷойи нишаст 22 x 75= 1650 воситаҳои нақлиёти боркаш ва борбардор 40 x75 = 3000 сомониро ташкил медиҳад.

Яъне пас аз супоридани маблағи нобудсозӣ (утилизатсия)- и воситаи нақлиёт аз зиммаи соҳибони воситаҳои нақлиёте, ки мавриди истифода қарор доранд андоз аз воситаҳои нақлиёт озод карда намешаванд.

Мутобиқи моддаи 360 кодекси андоз меъёрҳои андоз аз воситаҳои нақлиёт вобаста ба иқтидори муҳаррик, фишори муҳаррики реактивӣ, номгӯй, ҷойи нишаст, иқтидори борбарборӣ, соҳаи фаъолият бо ҳисоби як қувваи аспи иқтидори муҳаррик, як квт/ соат қувваи барқи иқтидори муҳаррик ва як килограм – фишори муҳаррики реактивӣ, ба андозаҳои зерин муқаррар карда мешавад [5].

Солона соҳибони воситаҳои нақлиёт ҳангоми гузаштани муоинаи техникӣ дар нуқтаҳои муайянгардида, пеш аз ҳама уҳдадории андози воситаҳои нақлиёт бо иқтидори муҳаррики воситаи нақлиёт, ки дар шиносномаи техники бо иқтидорри қувваи асп нишон дода шудааст бо меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 360 кодекси андоз ҳисоб карда мешавад.

**Ҷадвали 1 (меъёри андоз аз востаҳои нақлиёт)**

| **Номи обектҳои андозбандӣ** | **Меъёри андоз бо фоиз нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо** |
|---|---|
| Мотосикл ва мотороллерҳо (Барои ҳар як қувваи асп) | 2,5 |
| Автомобилҳои сабукрав (барои ҳар як қувваи асп):<br>- то 250 қувваи асп<br>- аз 250 то 300 қувваи асп<br>- аз 300 то 350 қувваи асп<br>- зиёда аз 350 қувваи асп | <br>7,5<br>10<br>12<br>15 |
| Автобусҳо то 12 ҷой (барои ҳар як қувваи асп) | 7,5 |
| Автобусҳо то 13 -30 ҷой (барои ҳар як қувваи асп) | 8,5 |
| Автобусҳо зиёда аз 30 ҷой (барои ҳар як қувваи асп) | 9,5 |
| Автомобилҳои боркаш ва воситаҳои нақлиёти дигари иқтидори борбардориашон то 10 тонна (бораи ҳар як қувваи асп) | 11 |
| Автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон аз 10 то 20 тонна (барои ҳар як қувваи асп) | 12,5 |
| Автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон аз 20 то 40 тонна (барои ҳар як қувваи асп) | 13,5 |
| Автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон зиёда аз 40 тонна (барои ҳар як қувваи асп) | 14,5 |
| Тракторҳо, воситаҳои нақлиёти муҳаррикдор барои сохтумон, механизмҳо худгарди пневматикӣ ва тасмачарх, ба истисноӣ дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда (барои ҳар як қувваи асп) | 2 |
| Барфгард, чанаҳои муҳаррикдор (барои як қувваи асп) | 1,8 |
| Завракҳо, киштиҳои муҳаррикдор, яхтаҳо, киштиҳои бодбондор, обгардҳои муҳаррикдор ва воситаҳои нақлиёти дигари обӣ (барои як қувваи асп) | 15 |
| Лакомотивҳои дар роҳи оҳан истифодашаванда (барои як қувваи асп) | 1 |
| Ҳавопаймоҳо, чархболҳо ва воситаҳои нақлиёти дигари ҳавоӣ (барои ҳар як килограмм – фишор муҳаррики рективӣ) | 10 |

Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 2 млн. адад воситаҳои нақлиёти гуногун мавҷуд аст, ки ҳамасола аз ҷониби истифодабарнодагон, соҳибонашон андоз барои воситаҳои нақлиёт пардохт карда мешавад.

Мутобиқи кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе аз воситаҳои нақлиёт аз пардохти андози воситаҳои нақлиёт имтиёз пешбинӣ карда шудааст, ки он ба ҷамоварии ин андоз таъсири манфии худро мерасонад. Ба ғайр аз ин воситаҳои нақлиёти зиёд дар қайди давлатӣ буда, истифода бурда намешаванд, ки ин ҳам метавонад ба кам гардидани пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт оварда мерасонад.

Агар тибқи нишондиҳандаҳои омори барои 2 млн. воситаҳои нақлиёт ба ҳисоби миёна 1000 сомонӣ пардохти андоз бошад, он гоҳ ин нишондиҳанда ба 2 миллиярд сомонӣ мерасад.

Чуноне, ки мо дар боло таҳқиқ намудем, имрӯз тартиби пардохти андоз барои воситаҳои нақлиёт аз соҳибон, истифодабарандагони он дар ҷумҳурӣ аз рӯйи қувваи аспи муҳаррики воситаҳои нақлиёт ҳисоб карда мешавад.

Андози воситаҳои нақлиёт чунин формуларо дорад;

АВН = ҚА x (НБҲ x МА)

Дар инҷо: АВН – андози воситаҳои нақлиёт;

ҚА – қувваи аспи иқтидори муҳаррик;

НБҲ – нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

МА – меъёри андоз;

**Мисол** андози воситаи нақлиёт барои воситаҳои нақлиёти собукрави тамғаи лексус (Lexus RX350 ), ки 275 қувваи асп дорад, чунин ҳисоб карда мешавад;

275 x ( 75 x 10%) = 275 x 7,50 сомонӣ =2062,5 сомонӣ.

Ҳамин тавр, барои ҳисоб намудани андози воситаҳои нқлиёт вобаста ба вазнбардорӣ ва қувваи муҳаррик меъёри андози воситаҳои нақлиёт метавонад то 15 % - и нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад.

**Мисол** соҳибони воситаҳои нақлиёти, ки иқтидори вазнбардориаш зиёда аз 40 тона мебошад ва иқтидори муҳаррикаш 550 қувваи аспро ташкил менамояд;

550 x (75 x 14,5% ) = 550 x10,8 сомонӣ =5940 сомонӣ

Маълум мегардад, ки ба ҳар як воситаҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, ба ҳисоб миёна 1000 сомонӣ рост ояд, он бояд ба ду миллиард сомонӣ мерасад.

Баъзе ҳолат бо ҳисобҳои оморӣ кам иҷро гардидани нақшаи пардохти андоз барои воситаҳои нақлиёт нишон медиҳад, ки на ҳамаи воситаҳои нақлиёт аз қайди давлатӣ гузашта, корношоям буда, мавриди истифода қарор намегирад.

Як қисми дигари воситаҳои нақлиёт тибқи қонунгузорӣ аз андоз озод мебошад, мисол воситаҳои нақлиёти соҳаи кишоварзӣ, таъиноти ҳарбидошта, воситаҳои нақлиётии барои тиб махсусгардонидашуда, автобусҳои истифодаи умум як воситаҳои нақлиёти сабукрави ба маъюбони гурӯҳи як ё ду тааллукдошта ва ғайра.

Тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандагони андози воситаҳои нақлиёт бояд ҳар сол ҳангоми гузаштани муоинаи техникӣ андози мазкурро пардохт намоянд, вале бо сабабҳои истифода нагардидаи воситаҳои нақлиёт он аз муоинаи техникӣ гузаронида намешавад.

Сабаби дигари кам ҷамъоварӣ шудани андози мазкурро боз дар баланд будани нархи умумии муоинаи техникӣ мебинем, ки он метавонад барои мошинҳои сабукрав қариб ба 1,5 ҳазор сомонӣ ва баъзе аз воситаҳои нақлиёте, ки иқтидорри муҳарикаш бо қувваи аспаш аз 250 зиёд бошад 4 -4,5 ҳазор сомонӣ ва баъзеи дигар воситаҳои нақлиёте, ки иқтидори муҳаррикашон зиёд аст то 4 ҳазор сомонӣ баробар буда, на ҳама аз гузаштани муоинаи техникӣ ва пардохти он баромада метавонанд.

Дар натиҷаи тадқиқоти илмӣ ба чунин хулоса омадем, ки барои боз ҳам беҳтар гаштани андозбандии воситаҳои нақлиёт пешниҳодҳои зерин ҷоиз аст:

1. Меъёри андоз тибқи нархи бозории востаҳои нақлиёт бо % муқаррар карда шавад. Мисол тибқи қоидаҳои амалкунанда, соҳибони воситаҳои нақлиёт фарсуда ҳам якхел андоз месупоранду, соҳибони воситаҳои нақлиёти наву қиматбаҳо низ, ки ба назари мо ин аз рӯйи адолат нест.
2. Новобаста аз муоинаи техникӣ бояд соҳибони воситаҳои нақлиёт андози худро пардохт намоянд, имрӯз маблағҳои муоина техникӣ ва андоз дар як вақт бояд парадохта нашаванд, ки ба андозсупоранда гаронӣ ба миён меорад, зеро аксар аз қиммат будани нархи муоинаи техникӣ аз пардохти андоз саркашӣ менамоянд.

3. Барои воридоти воситаҳои нақлиёти нав, бо қувваи барқ ҳаракаткунанда имрӯз имтиёзи 0 % пардохтани боҷҳои гумрукӣ фароҳам оварда шудааст, ки пешниҳод менамоям, ин имтиёз ба тамоми воситаҳои нақлиёт амалӣ гардонида шавад.
4. Давраи пардохти андоз муайян карда шавад, зеро дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мухлати аниқи пардохти андоз аз ҷониби шахсони воқеӣ муайян нагаштааст.

**АДАБИЁТ**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. С. 12,189. ЗАО “Нашриёти муосир”
2. Сомонаи интернети - https://mmk.tj
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» Душанбе-2009.
4. ҚурбоновА.Р., Қурбонов Б.М. хусусиятҳои андозбандии воситаҳои нақлиёт [Матн] / Маводи конфронси шашум байналмилалӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: мубрамияти муаммоҳои рушди иқтисодиёти иноватсионӣ ». -Душанбе, 2018. -С. 339-342.

**УДК 338.48**

**Машокиров Ҷ.Н.**

## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҚИЁС БО ДИГАР ДАВЛАТҲОИ ПЕШСАФИ САЙЁҲӢ

Дар ин мақола як ба баррасии вазъи ҳозираи соҳаи сайёҳии Тоҷикистон ва рушди он дар қиёс бо кишварҳои пешсаф дар ин соҳа, монанди Испания ва Туркия, бахшида шудааст. Дар мақола омилҳои асосии рушди сайёҳӣ, аз ҷумла инфрасохтор, таблиғ ва пешниҳоди хизматрасониҳо таҳлил карда мешаванд. Муаллиф инчунин мушкилотҳои асосии рушди сайёҳиро дар Тоҷикистон нишон дода, роҳҳои тақвият бахшидани рақобатпазирии кишварро дар бозори ҷаҳонӣ пешниҳод мекунад. Мақола баррасии дастовардҳои кишварҳои пешрафтаро пешниҳод намуда, зарурати такмили инфрасохтор, рушди туризми экологӣ ва таърихӣ, ва инчунин беҳтар намудани хизматрасониҳои сайёҳиро ҳамчун калидҳои асосии пешравии соҳаи сайёҳии Тоҷикистон таъкид мекунад.

***Калидвожаҳо:*** сайёҳӣ; таҳлили муқоисавӣ, омор, ширкати сайёҳӣ, стратегия, консепсияи сайёҳӣ, барномаҳои сайёҳӣ.

**Машокиров Дж.Н.**

## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ РАЗВИТИЯ ТУРИСТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ ТАДЖИКИСТАНА ПО СРАВНЕНИЮ С ДРУГИМИ ВЕДУЩИМИ ТУРИСТИЧЕСКИМИ ГОСУДАРСТВАМИ

В данной статье рассматривается текущее состояние туристической отрасли Таджикистана и ее развитие в сравнении с ведущими странами в этой сфере, такими как Испания и Турция. В статье анализируются основные факторы развития туризма, включая инфраструктуру, продвижение и предоставление услуг. Автор также указывает на ключевые проблемы развития туризма в Таджикистане и предлагает пути повышения конкурентоспособности страны на мировом рынке. В статье рассматриваются достижения передовых стран и подчеркивается необходимость улучшения инфраструктуры, развития экологического и исторического туризма, а также улучшения качества туристических услуг как основных факторов для продвижения туристической отрасли Таджикистана.

***Ключевые слова:*** туризм; сравнительный анализ, статистика, туристическая компания, стратегия, концепция туризма, туристические программы.

**Mashokirov J.N.**

**COMPARATIVE ANALYSIS OF THE DEVELOPMENT OF THE TOURIST INDUSTRY IN TAJIKISTAN COMPARED TO OTHER LEADING TOURIST COUNTRIES**

This article examines the current state of the tourist industry in Tajikistan and its development in comparison to leading countries in this field, such as Spain and Turkey. It analyzes several factors influencing tourism development, including the state of infrastructure, marketing methods, and the quality of services provided. The author also highlights the main problems faced by the tourism sector in Tajikistan, such as inadequate infrastructure and the lack of an effective marketing strategy. An important aspect of the research is the proposal of ways to enhance the country's competitiveness in the international tourism market. The article discusses successful practices from leading countries, emphasizing the necessity of improving infrastructure, developing ecological and historical tourism, and enhancing the quality of tourist services as key factors for successfully promoting the tourist industry in Tajikistan.

***Key words:*** tourism; comparative analysis; statistics; travel companies; strategy; tourism concept; tourism programs.

Дар шароити муосир соҳаи сайёҳӣ ба рушд ва инкишофи самтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатҳои гуногун таъсири амиқи худро мерасонад. Тибқи оморҳои солҳои охир ба қатори даҳгонаи давлатҳои пешрафта аз лиҳози сайёҳӣ Фаронса, Испания, ИМА, Хитой, Италия, Туркия, Мексика, Таиланд, Олмон ва Британияи Кабир дохил мешаванд [1, с. 12]. Тоҷикистон дар ин соҳа ҳоло иштирокчии нав бошад ҳам, қадамҳои устувори худро барои таҳким ва рушди соҳаи сайёҳӣ гузошта истодааст.

Ҷанги шаҳрвандӣ, ки ба марҳилаи якуми рушди соҳаи сайёҳӣ рост меояд, нагузошт то натиҷаи дилхоҳ дар ин самт ба даст оварда шавад. Номуътадилии вазъияти сиёсӣ сайёҳонро аз сафар ба Тоҷикистон боз дошт. Инчунин, мисли давлатҳои пешоҳанги сайёҳӣ таҷрибаи кофӣ ва донишҳои зарурӣ дар самти сайёҳӣ ҳоло дуруст ташаккул наёфта буданд. Новобаста ба ин аз солҳои 2000-ум инҷониб соҳаи сайёҳӣ аз шакли догматикӣ(карахтӣ) баромада, ба сӯи рушд рӯ ниҳод. Имрӯз бошад, дар ин самт Тоҷикистон миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар минтақаҳои олам мақоми намоёни худро ишғол намудааст [1, с. 243].

Бартарии давлатҳои пешсафи сайёҳӣ аз Тоҷикистон дар он мебошад, ки истиқлолияти онҳо нисбатан хело пештар ба даст оварда шудааст. Истиқлолият шароити мусоид муҳайё месозад, ки таъриху фарҳанг, расму анъана ва тамаддуни миллатҳо дар шакли олӣ муаррифӣ гарданд. Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, инак тӯли шаш сол аст, ки дар мамлакат Стратегияи рушди сайёҳӣ, ки давраи анҷоми он то соли 2030 пешбинӣ шудааст, қабул гардида, амалӣ гашта истодааст [2, с. 43].

Иқтидори молиявии давлатҳои сайёҳӣ замина мегузорад, ки барои ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон биноҳои баландошёна ва инфрасохторҳои шаклашон гуногун бо истифода аз техника ва технологияҳои навро ба истифода диҳанд. Дар қиёс бо ин, Тоҷикистон барои сайёҳон табиати биҳиштосо, доройи ҳавои тозаву беғубор, кӯҳҳои сартобафалак, фарҳанги бою ғанӣ, қалъаҳо ва нигораҳои таърихӣ, инчунин санъати баланди меъморӣ ва меҳмондориро пешниҳод менамояд.

Тӯли 30 сол мешавад, ки Фаронса дар шохисти (рейтинги) давлатҳои серсайёҳитарин мақоми аввалро ишғол менамояд. Дар ин радиф, Тоҷикистон низ тамоюл ба сӯи рушд дорад. Масалан, тибқи оморҳои расмӣ дар соли 2023 шумораи сайёҳони хориҷӣ 1 млн. 201 ҳаз. одамро ташкил медод, ки нисбат ба соли қаблин тақрибан 20% зиёд аст.

Маврид ба зикр аст, ки ба шаклгирии сайёҳии мамлакат кишварҳои ҳамсоя низ таъсир мерасонанд. Дар ин асос , дар соли 2023 ба Тоҷикистон ҳудуди 806 ҳаз. ӯзбекҳо ҳамчун сайёҳ ташриф оварданд. Ҳамзамон, худи ҳамин сол Тоҷикистон ба рӯйхати беҳтаринҳо дар соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби Федератсияи Русия ворид карда шудааст. Ҳамаи ин далолат аз он медиҳад, ки зарфиятҳои сайёҳӣ, шароити мусоид, мероси фарҳангӣ ва аз ҳама муҳим оромию осудагии кишвари зебоманзари Тоҷикистон диққати тамоми сайёҳони ҷаҳонро ба худ ҷалб намудааст [3, с. 224].

Агар Манораи Эйфел дар Фаронса таърихи 125-сола дошта бошад, агар соати Биг-Бен дар Англия таърихи 165-сола дошта бошад, ё манораи Пиза дар Италия таърихи 851- сола ва Девори Бузурги Чин 2243- солагии худро ҷашн гирифта истода бошад,қалъаи Ҳисори Шодмон, ки дар Тоҷикистон воқеъ аст соли 2015, 3000- солагии онро бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил намуданд. Дар баробари ин, Саразм - маркази тамаддун ва сайёҳии Тоҷикистон, ки таърихи 5500- сола дорад, ба қатори мероси фарҳангии умумиҷаҳонии ЮНЕСКО дохил мебошад. Далелҳои болозикр шаҳодати он аст, ки миллати тоҷик аз қадимулайём соҳиби тамаддуни пешрафта ва санъати волои шаҳрдорӣ ва шаҳрнишинӣ мебошад.

Рушди соҳаи сайёҳӣ бе сармоягузории дохилию хориҷӣ номумкин аст. Қисми муайяни ҳаҷми ММД кишварҳои сайёҳиро, маҳз соҳаи мазку ташкил медиҳад. Масалан, соли 2022 61% болоравии рушди иқтисодии Испанияро маҳз соҳаи сайёҳӣ ташкил намуд. Дар Тоҷикистон барои солҳои 2023-2026 дар маҷмӯъ 178,6 млн. сом., аз ҳисоби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 35,6 млн.сом., шарикони рушд 93,4 млн.сом. ва бахши хусусӣ 49,6 млн.сом. пешбинӣ шудааст.

Таҷрибаи давлатҳои сайёҳӣ нишон медиҳад, ки муаррифии имкониятҳои сайёҳӣ маҳз аз симои зоҳирии шаҳр-пойтахт вобастагии калон дорад. Зеро маҳз пойтахт ҳамаи он истеъдоду санъатро ба оламиён нишон медиҳад. Дар ин пайвастагӣ, мушоҳида кардан мумкин аст, ки Душанбе дигар чинористони пешина нест, балки ба маркази маъмурӣ ва фарҳангии тоҷикон табдил ёфтааст.

Фаронса, Олмон, Хитой, Испания, ва амсоли онҳо давлатҳое, ки дар қиёс бо Тоҷикистон қарор додем, дар баъзе аз мамлакатҳо дар рӯйхати кишварҳои ноамн дохил мешаванд. Тоҷикистон бошад миёни ин давлатҳо бо оромию осоиштагии сартосарӣ имиҷи хоси худро дорад.

Бо дарназардошти андешаҳо баёнгардида, хулоса кардан мумкин аст, ки Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар давлатҳои сайёҳӣ захираҳои сайёҳии табии зиёд дорад. Аммо ҳамаи онҳо ҳоло пурра истифода нашудаанд. Умед аст, ки бо иҷроиши Стратегияи рушди сайёҳӣ камбудҳои соҳа бартараф гардида, Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи сайёҳӣ дар ҷаҳон табдил меёбад [5, с. 298].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 338 субъекти хизматрасонии сайёҳӣ ва зиёда аз 214 ширкати сайёҳӣ дар соли 2024 тариқи иҷозатнома фаъолият дорад [2, с. 224].

Соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнокӣ иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даврони аввали Истиқлоли давлатӣ дар маркази таваҷӯҳи ҳадафҳои рушди стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, дар даврони аввали соҳибистиқлолӣ масъалаи танзим ва рушди соҳаи сайёҳӣ ба зимаи як қатор вазорату идораҳо вогузор шуда буд. Бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 ҳамчун ниҳоди ваколатдор Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дарвоқеъ, сиёсати бунёдкоронаи Пешвои муаззами миллат дар робита ба соҳаи сайёҳӣ ба он мусоидат кард, ки соҳави мазкур бо маром рушд ёбад ва дар ин самт пешравиҳо ба назар бирасанд. Дар робита Роҳбари давлат соҳаи сайёҳиро самти афзалиятноки иқтисоди миллӣ арзёбӣ намуданд.

Фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва инфрасохторҳои онҳо дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон густариш ёфта, дар асоси маълумотҳои оморӣ, аз ҷумла Кумитаи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум, имрӯз дар кишвари мо 214 ширкатҳои сайёҳӣ фаъолият

доранд, ки аз ин 41 ширкат ба ВМКБ, 101 ширкат ба шаҳри Душанбе, 46 ширкат ба вилояти Суғд, 17 ширкат ба вилояти Хатлон ва 9 ширкат ба шаҳру навоҳии тобеи марказ мувофиқ меояд.

Ҳамчунин дар кишвари мо 338 субъектҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла 209 меҳмонхона, 46 хостел ва мотел, 54 осоишгоҳ, 5 осоишгоҳи кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ, 7 маркази муоличавӣ ва дармонгоҳи солимгардонӣ, 10 хонаи истироҳатӣ, 3 кемпинг ва 4 базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ дар самти сайёҳӣ фаъолияти бомаром доранд [4].

Дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар он ифода меёбад, ки дар ин мавриди як қатор имтёзҳои андозӣ ва гумрукӣ муайян карда шудааст. Яъне, ширкатҳои сайёҳӣ дар панҷ соли аввали фаъолият аз андоз аз фоида озоданд. Ҳамчунин, ширкатҳо барои ворид кардани таҷҳизоти техникӣ ва масолеҳи сохтмонӣ ҷиҳати бунёд кардани иншооти сайёҳӣ ва инфрасохтори онҳо аз андоз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод мебошанд. Дар баробари ин, мошинҳои наве, ки барои хизматрасонии соҳаи сайёҳӣ аз хориҷ ба кишвар ворид мешаванд, 50 фоиз аз боҷи гумрукӣ озод шудаанд [11, 12].

“Дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат дар Тоҷикистон якчанд стратегияву консепсияҳо ва қонуну барномаҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», «Барномаи давлатии рушди туризм дар Тоҷикистон барои солҳои 2004-2009», «Консепсияи миллии рушди туризм барои солҳои 2009-2019», «Барномаи давлатии рушди туризм барои солҳои 2010-2014», «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017», «Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020», «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» амалӣ мешаванд, ки дар рушди соҳаи сайёҳӣ заминаи мусоид мегузоранд” [4].

Дар ин замина воридшавии сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 нисбат ба соли 2010 840 ҳазор ва ё 6,3 маротиба зиёд гардидааст.

Шумораи умумии санадҳои ҳамкории бо давлатҳои хориҷӣ (Амороти Муттаҳидаи Араб, Шри-Ланка, Урдун, Узбекистон, Қазоқистон, Русия, Швейтсария, Фаронса, Туркманистон, Озарбойҷон, Эрон, Покистон, Беларус, Қатар, Италия ва Созмони ҳамкории Шанхай) баимзорасида 20 ададро ташкил медиҳад. Тибқи маълумоти оморӣ, дар шашмоҳаи якуми соли 2024 ба Тоҷикистон 748,3 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ омадаанд. Аз ин шумора 580,5 ҳазор нафар тибқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ ҳамчун сайёҳ ворид гардидаанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 19,1 фоиз зиёд мебошад. Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз аз 127 давлати ҷаҳон сайёҳон ворид шудаанд. Ба панҷгонаи беҳтарин давлатҳо аз ҷиҳати теъдоди воридшавии шумораи сайёҳон Узбекистон бо 205,1 ҳазор нафар, Русия бо 31,9 ҳазор нафар, Қазоқистон бо 7,1 ҳазор нафар, Чин бо 2,8 ҳазор нафар ва Туркия бо 2,5 ҳазор нафар ворид гардидаанд [4].

Дар қатори 10 давлати ҷолибтарин барои тамошои сайёҳон эълон шудани ҷумҳурӣ, ба 10 роҳи зеботарини дунё ворид намудани шоҳроҳи Помир, ба ҳайси даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона эътироф шудани пойтахти Ватанамон – шаҳри Душанбе, ба даҳгонаи давлатҳои беҳтарин аз рӯи сайёҳии пиёдагардӣ ва саргузаштӣ ворид шудани Тоҷикистон ва ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯи низоми соддаи пешниҳоди раводид дохил шудани ҷумҳурӣ далели дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудани соҳаи сайёҳии Тоҷикистон ва дастовардҳои замони Истиқлолияти давлатӣ мебошанд. Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат чунин ташаббусҳои созандаро идома дода, бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат, инчунин бунёди инфрасохтори таҳсилӣ барои омодасозии кадрҳои баландихтисос тадбирҳои судмандро амалӣ менамоянд [4].

Ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва бунёди инфрасохтори он, инчунин шароит муҳайё кардан дар муассисаҳои таълимӣ барои омда кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи сайёҳи аз ташаббусҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Натиҷаи тадбирҳо ин аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 10 давлати ҷолибтарин барои тамошои сайёҳон эълон шудааст. Шоҳроҳи Помир ба 10 роҳи зеботарини дунё ворид гардид ва пойтахти кишвар-шаҳри Душанбе ба ҳайси даҳгонаи мавзеъҳои бехатар эътироф шуд. Ҳамчунин, аз рӯи сайёҳии пиёдагардӣ ва саргузаштӣ ба даҳгонаи давлатҳои беҳтарин ва дар мавриди низоми содаи пешниҳоди раводид ба панҷгонаи беҳтарин дохил шудани Тоҷикистон ин дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудани соҳаи сайёҳии кишвари азизи мо маҳсуб меёбад, ки ҳамаи ин маҳсули дастовардҳои соҳибистиқлолӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳи афзалиятноки миллӣ эълон шуда, аз таҳлилҳо бармеоянд, ки дар ин самт чорабиниҳои зиёде, аз ҷумла тақвият бахшидани инфрасохтори сайёҳӣ ҷиҳати чалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ, ба роҳ мондани сайёҳии истироҳативу табобатӣ, татбиқи барномаҳои сармоягузории давлатӣ ва инчунин ҷалби сармоягузориҳо аз тариқи грантҳо, тақвият бахшидани фаъолияти сайёҳӣ барои дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мавқеъ пайдо кардан ва ба ин восита муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, омода кардани мутахассисони баландихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ҳадафмандона зиёд кардани теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва ба ин восита зиёд кардани ҷойҳои нави кориву баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ амалӣ мешаванд.

Ҳамаи ин ҳадафҳои созанда, ки аз меҳнати софдилона, азми қавӣ ва муттаҳидии мардум сарчашма мегирад, барои рушди сайёҳии кишвар мусоидат мекунанд ва дар ояндаи наздик Тоҷикистони офтобии мо ба яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти сайёҳӣ мавқеи устуворро пайдо мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Beissembayeva Dilnaz. Mukatayeva Madina. Urazakova Malika Digitalization of the tourism market in Kazakhstan: problems and prospects (transition from state management to private) Submitted in partial fulfillment of the requirements for the degree of Bachelor of Service Management In Tourism Maqsut Narikbayev KAZGUU University School of Liberal Arts 10, June, 2023 year. (http://repository.kazguu.kz )
2. Агентии Миллии Иттилоотии Тоҷикистон «ХОВАР» https://khovar.tj
3. Интернет портал СНГ https://e-cis.info/cooperation/3013/79266/
4. Агентии Миллии Иттилоотии Тоҷикистон «ХОВАР» https://unefficaciously65.rssing/
5. Машокиров Ҷ.Н. Асоҳои назариявии фалсафаи сайёҳӣ // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, 2023. № 4/1(49). С. 243-247.
6. Машокиров Ҷ.Н. Умный туристический город (Smart Tourism City): развитие и трансформация// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, 2024. № 4/1(50). С. 223-229.
7. Машокиров Ҷ.Н. Преимущество развитие туризма в Таджикистан в условиях зелёное эконоомика. Материалы научно методической конференции «Актуальные проблемы современной науки». Душанбе 24-26 апреля 2024 г. Стр. 225-233
8. Машокиров Ҷ.Н. Экономические показатели туризм регионы Таджикистан в условиях зелёное экономика. Материалы международной научно-теоритической конференции на тему «Проблемы и перспективы развития внешней торговли Республики Таджикистан в условиях ускоренной индустриализации» 31 мая 2024 года. Душанбе. Стр. 258-265
9. Машокиров Ҷ.Н. Формирование и финансирование развития туризм в Таджикистане в условиях «Зелённое экономика Материалы международной научно-теоритической конференции на тему «Проблемы и перспективы развития внешней торговли Республики Таджикистан в условиях ускоренной индустриализации» 31 мая 2024 года. Душанбе. Стр. 296-300
10. Машокиров Ҷ.Н. Рушди каластерҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити низоми “Иқтисоди сабз”. Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Муаммоҳо

ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат». 31 майи 2024 сол. Саҳ. 264-369
11. Шарифзода, Ш. Р. Экономическая роль и подходы к развитию горнодобывающего сектора Республики Таджикистан / Ш. Р. Шарифзода // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2023. – № 4-1(55). – С. 195-202. – EDN HWUZPU.
12. Шарифзода, Ш. Р. Особенности развития горнодобывающих предприятий в Республике Таджикистан / Ш. Р. Шарифзода // Таджикистан и современный мир. – 2024. – № 1(85). – С. 191-202. – EDN JMGTXH.

**УДК 338.4**

**Мирзоалиев А.А., Худойқулова Ё.К.**

## ЗАМИНАИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ШАРОИТИ ТАБДИЛИ РАҚАМИИ ФАЪОЛИЯТ

Мақола ба мушкилоти муҳими тайёр кардани кадрҳо барои соҳаи сайёҳӣ дар шароити рақамикунонӣ бахшида шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки истифодаи фаъолонаи технологияҳои рақамӣ ба дигаргунсозии тамоми соҳаи сайёҳӣ мусоидат карда, дар навбати худ ба рушди соҳаи сайёҳӣ замина мегузорад. Дар мақола нақши Стратегияи рушди сайёҳӣ ва аҳамияти давраҳои татбиқи он зикр гардидааст. Ҳамзамон тамоюли рушди соҳаи сайёҳӣ дар шароити рақамикунонӣ ё иқтисоди рақамӣ нишон дода шудааст. Зарурати ташаккули салоҳиятҳои рақамии мутахассисони ояндаи сайёҳӣ дар раванди таҳсил дар донишгоҳҳо дар шароити табдили рақамии соҳаи сайёҳӣ хеле муҳим аст.

**Калидвожаҳо**: туризми рақамӣ, стратегия, рушди сайёҳӣ, саноати сайёҳӣ, рақамикунонӣ, технологияҳои рақамӣ, трансформатсияи рақамӣ, салоҳиятҳои рақамӣ.

**Мирзоалиев А.А., Худойкулова Ё.К.**

## ПРЕДПОСЫЛКИ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ТРАНСФОРМАЦИИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Статья посвящена важным проблемам подготовки кадров для туристической отрасли в условиях цифровизации. Автор подчеркивает, что активное использование цифровых технологий способствует трансформации всей туристической отрасли и, в свою очередь, закладывает основу для развития туристической отрасли. В статье отмечена роль Стратегии развития туризма и важность сроков ее реализации. При этом показана тенденция развития туристической отрасли в условиях цифровизации или цифровой экономики. Необходимость развития цифровых компетенций будущих специалистов в сфере туризма в процессе университетского образования очень важна в условиях цифровой трансформации туристической отрасли.

**Ключевые слова:** цифровой туризм, стратегия, развитие туризма, туриндустрия, цифровизация, цифровые технологии, цифровая трансформация, цифровые компетенции.

**Mirzoaliev A.A., Khudoikulova Y.K.**

## THE BASIS FOR TOURISM DEVELOPMENT IN THE CONDITIONS OF DIGITAL TRANSFORMATION OF ACTIVITY

The article is devoted to the important problems of training personnel for the tourism industry in the conditions of digitalization. The author emphasizes that the active use of digital technologies contributes to the transformation of the entire tourism industry, which in turn lays the foundation for the development of the tourism industry. The article highlights the role of the Tourism Development Strategy and the importance of the periods of its implementation. At the same time, the development trend of the tourism industry in the conditions of digitalization or digital economy is shown. The need to form digital competencies of future tourism specialists in the process of studying at universities in the conditions of digital transformation of the tourism industry is very important.

**Keywords**: digital tourism, strategy, tourism development, tourism industry, digitalization, digital technologies, digital transformation, digital competencies.

Технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ва унсурҳои рақамисозӣ пайваста ва босуръат рушд мекунанд, ки ин дар навбати худ ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон таъсири бевосита мерасонад. Дар партави рӯйдодҳои ахири марбут ба суқути тиҷорати сайёҳӣ бар асари COVID-19, таваҷҷӯҳи зиёди илмӣ ба бахши хидматрасонӣ, яъне ба соҳаи “туризми рақамӣ” зоҳир мешавад. Туризми рақамӣ ба қабули густурдаи технологияҳои нав, аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ ва технологияҳои мобилӣ, дастгоҳҳои интеллектуалӣ ва сенсорҳо барои ҷамъоварӣ ва истифодаи миқдори зиёди маълумот барои эҷоди пешниҳодҳои нави арзишӣ такя мекунад.

Дар робита ба ин, муаллиф кӯшиш намудааст, ки шарҳи адабиётро дар бораи «туризми рақамӣ» аз нуқтаи назари дискурси илмӣ ва ВАО пешниҳод кунанд. Рушди босуръати информатика, интернет, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар рушди иҷтимоии ҷомеа ва вектори иқтисодии рушд таъсир мегузорад. Дар асри рақамӣ, миқдори зиёди иттилооти сохторӣ ва сохторнашуда эҷод, захира, сабт ва ҷамъоварӣ карда, додаҳои калонро ташкил медиҳанд. Ҳамаи ин ширкатҳоро маҷбур мекунад, ки дар бораи дурнамо андеша кунанд ва моделҳои нави бизнес эҷод кунанд [7].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2018, №372 Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тасдиқ шудааст.

Тавре ки маълум аст, стратегия тавассути се давраи миёнамуҳлат: марҳалаи рушди суръатнок (2019-2022), марҳалаи ба анҷом расидани саноатикунонии босуръат (2023-2026) ва марҳалаи ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо (2027-2030) амалӣ карда мешавад [6].

Дар интиҳои соли 2022 марҳалаи дуюми татбиқи Стратегия барои солҳои 2023-2026 аз ҷониби Ҳукумат қабул карда шуд ва аз оғози соли 2023 марҳалаи дуюми амалишавии Стратегия шуруъ гардид. Бисёр рамзист, ки номи марҳала бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Точикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки солҳои 2022-2026-ро ҳамчун Солҳои рушди саноат эълон доштанд, мувофиқат карда, дар як ҷараён қарор доранд.

Таҳаввулоти рақамӣ дар соҳаи сайёҳӣ тағйироти мувофиқро дар омодасозии кадрҳои сайёҳӣ, ки қодиранд дар фазои рақамӣ рақобатавонӣ кунанд ва технологияҳои рақамиро хуб медонанд, тақозо менамояд. Дар айни замон, аксарияти ташкилотҳо ва ширкатҳои сайёҳӣ аллакай ба кадрҳои сайёҳӣ ниёз доранд, ки ба воқеияти тағйирёбанда зуд мутобиқ мешаванд ва технологияҳои пешрафтаи рақамиро фаъолона истифода мебаранд. Зеро муваффақияти ширкатҳо дар бозори сайёҳӣ на танҳо аз тағйироти куллии сохтори ташкилии онҳо, тағйирот дар стратегияҳои рушд ва пешбурди маҳсулот ва хидматҳои сайёҳӣ, балки пеш аз ҳама ба сиёсати кадрӣ, ки ба тамоюлҳои рақамии муосир ҷавобгӯ аст, вобаста аст. Аҳамияти мушкилоти зикргардида инчунин бо он шарҳ дода мешавад, ки соҳаи сайёҳӣ дар воқеияти муосир бо иқтисодиёти рақамӣ зич алоқаманд аст [2].

Дар таҳқиқоти мазкур муҳимияти омӯзиши рақамикунонии сайёҳӣ асоснок карда шудааст. Истифодаи технологияи рақамӣ дар таъмини стратегияи рушди сайёҳӣ нақши калидӣ дорад. Тайи солҳои охир раванди рақамикунонӣ ё худ иқтисоди ба рақамикунонӣ майл дошта, восита ва таъмингари идоракунии оқилона гардидааст. Дар сурати истифода аз ҳама гуна имкониятҳо, манзур аз технологияи иттилоотӣ рақобатпазирӣ ва тавонмандии ширкати сайёҳиро дар муҳити бозор метавон эҳсос кард. Ҳоло замонест, ки низоми иттилоотӣ ва раванди рақамикунонӣ бо суръати кайҳонӣ рушд менамояд. Аз ин лиҳоз, кормандони дорои салоҳияти рақамӣ ва тахассусманди самти инфрасохтори сайёҳӣ бояд дар ҳалли мушкилоту муаммоҳо натиҷабахш ва таъсиргузор бошанд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйири муносибатҳои меҳнатӣ нақш ва мақоми инсони рақамӣ пайваста меафзояд. Низоми иттилоотӣ ва фаъолияти дилхоҳ объект дар шароити ташаккули технологӣ қарор дорад. Бозори сайёҳӣ бештар ба киҳо ниёзмандӣ дорад. Албатта ба кормандони босалоҳият ё «коргари рақамӣ» чаро? Истифодаи неруи ин гуна ашхос дар таъмини рақобаттавонии ширкати сайёҳӣ ва афзалиятҳои бозорӣ ниҳоят муҳим аст.

Фаъолияти ширктаҳои сайёҳӣ он замоне натиҷабахш арзёбӣ мегардад, агар сатҳи рақамикунонӣ ва фановарии рақамӣ тамоми бахши қисматҳоро фарогир бошад [4].

Иқтисоди рақамӣ дар партави фановариҳои рақамӣ соҳаҳои мухталифро водор месозад то тафаккури кормандон ва муштариёнро дар доираи фарҳанги рақамӣ тақвият бахшанд. Истифода аз шабакаву сайтҳо ва сомонаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ баҳогузорӣ мешавад. Ин ба он маъноест, ки барномаҳои компютерӣ ва платформаҳои рақамӣ судмандии фаъолияту амали ширкатҳои сайёҳиро дар фазои рақамӣ таъмин менамояд.

Рақамкунонии фаъолият заминаест дар роҳи иҷрои суръатбахшии кору амалиётҳо. Барои татбиқи ин раванд пеш аз ҳама кормандони дорои касбият ва фарҳанги рақамӣ зарур мебошанд. Мақсад аз ин раванд идоракунии фосилавии амалиётҳо ва низомҳои кории ширкатҳои сайёҳӣ мебошад. Ташаккули иқтисоди рақамӣ дар татбиқи раванди рақамикунонӣ заминасозӣ мекунад. Ниёзмандон ва муштариён аз фосилаи муайян метавонанд дар харид, интихоби шакли хадамот, бронкунӣ, фармоиш, муҳлати буду бош, нарху сифати хизматрасонӣ, хизматҳои иловагии инфрасохтори сайёҳӣ истифода намоянд. Ин гуна амал аз рақамикунонӣ ва сарфаи вақт, инчунин иштироки ғайриҳузурӣ дарак медиҳад.

Дар замони муосир менеҷменти вақт аҳамияти хосаро касб кардааст. Ҳангоми мушоҳидаҳо метавон эҳсос кард, ки аксари муштариён ба сарфаи вақт ва истифода он диққати ҷиддӣ зоҳир менамоянд, яъне ҳамеша мехоҳанд ҳама ҷараёнҳо бо суръат ва харҷи ками вақт сурат гирад. Дар ширкатҳои сайёҳӣ ин аз ҳама бештар ба чашм мерасад ва сайёҳон доимо ба тайм-менеҷмент аз ҳама беш марок доранд.

Бинобар ин, рақамикунонӣ як шакли нави ҳамкории мутақобилаи харидорон ва фурӯшандагони хизматрасонӣ, аз ҷумла сайёҳӣ буда, дар пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ нақши муҳим дорад.

То солҳои наздик ширкатҳои сайёҳӣ бо туроператорон мехостанд турпакетҳои худро ба фурӯш гузоранд. Ҳоло бошад ин гуна амалиётҳо бидуни иштироки расмӣ ё ҳузури ҷисмонӣ ба роҳ монда мешавад.

Яъне, бо дарназардошти талаботи давру замон, афзоиши саводнокии рақамии иштирокчиёни бозор, провайдерҳои хидматрасонии сайёҳӣ маҷбур мешаванд, ки шаклҳои нави муҳити рақамиро дар фаъолияти тиҷоратии худ ҷорӣ кунанд, то афзалиятҳои иловагии рақобатиро дар бозори соҳа муяссар гарданд.

Ҳоло бе шубҳа, сатҳи рушди инноватсияҳои рақамӣ яке аз омилҳои муайянкунандаи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбанд. Тавре маълум аст, иқтисоди рақамӣ дар таъмини навовариҳои рақамӣ музафав аст, як низоми муайяни муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро нишон медиҳад, ки тавассути истифодаи ТИК-и рақамӣ роҳандозӣ карда мешавад[3].

Раванди рақамикунонӣ гузариш аз интиқоли иттилооти анъанавӣ ё иттилоотиву ҳуҷҷатӣ ба фановарии рақамиро дар назар дорад. Маврид ба зикр аст, ки афзалиятҳои рақамикунонӣ ин ба коҳиши арзиши хидматрасонӣ дар муқоиса бо иқтисоди анъанавӣ замина гузошта, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва пайдоиши имкониятҳоро барои эҷоди арзиши иловашуда дар соҳаҳои мухталиф таъмин менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки дар доираи таҳқиқот мо масоили рақамикунонии сайёҳиро, иқдоми муҳим ва саривақтӣ меҳисобем.Таҷрибаи ҷаҳони муосир ва таҳаввулоти низоми идоракунӣ нишон медиҳад, ки шурӯъ аз ибтидои солҳои 2000-ум аввалин хидматҳои рақамӣ барои сайёҳон ба чашм мерасиданд. Онҳо дар навбати худ системаҳои фармоиши манзил ва харидани чиптаҳоро ифода мекарданд. Истифодаи ин гуна платформаҳои рақамӣ, ба монанди Booking, Aviasales ва амсоли онҳо муҳити сайёҳии дар фазои рақамикунонӣ таҷассум мекарданд.

Ҳоло дар раванди тағийрёбии низоми муносибаҳо бе истифода аз платформаҳои болозикр натиҷабахшии амалиётҳоро тасаввур кардан ғайримумкин аст [7].

Мувофиқи таҳлил ва назарсанҷии ширкати Travelport маълум мегардад, ки танҳо 51% сайёҳон турҳои аз ҷониби туроператорон ташкилкардаро харидорӣ кардаанд [8]. Яъне гап дар сари он аст, ки мурочиат ба шикркатҳои сайёҳӣ на он қадар маъмул аст. Танҳо сеяки сайёҳон ба ширкат ё агентии сайёҳӣ бевосита ташриф меоранд. Ҳангоми таҳқиқот маълум гардид, ки дар замони муосир кулли сайёҳони аврупоӣ ва ҳатто нисфи сайёҳон дар тамоми ҷаҳон ҳангоми банақшагирии масири сайёҳӣ аз дастовардҳои рақамисозии сайёҳӣ истифода карда истодаанд. Дар ин замина, тамоми фаъолияти инсонро бидуни порталҳои рақамӣ ва фановариҳои рақамӣ тасаввур кардан номумкин аст.

Ҳамин тавр, дар асри XXI сайёҳии рақамӣ дар шаклҳои гуногун рушд кардааст, ки сатҳу сифат ва натиҷабахшии онро дар маълумотҳои оморӣи ташрифи сайёҳон ба ин ё он кишвар мушоҳида кардан мумкин аст. Сайёҳон бо истифода аз порталҳои ширкатҳои сайёҳӣ фаъолияти будубош ва шароиту тартиби ташрифориро аз захираҳои интернети ва сайтҳои мехмонхонаҳо дастрас мекунанд.

Дар натиҷаи таҳқиқи масоили мазкур мо метавонем ба хулосае омода бошем, ки фазо ва муҳити имрӯза дар таҳаввулоти рақамӣ қарор гирифтааст. Раванди рақамикунонии фаъолияти ширкатҳои сайёҳиро бояд тақвият дод. Ба масъалаҳои мазкур бояд диққати аввалиндараҷа зоҳир кард, то дар самти рушди сайёҳии рақамӣ боз ҳам муваффақ бошем:

-омӯзиши пайвастаи низоми технологияи иттилоотии муосир;

- ташаккул ва татбиқи технологияи рақамӣ дар соҳаи сайҳӣ;

-ҳамкории тарафайн ва судманд байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти омодасозии мутахассисони сайёҳӣ;

- тақвияти маърифати рақамӣ дар ҷомеа;

-такмили салоҳиятҳои рақамӣ байни кормандон;

-вусъатдиҳии сомона ва порталҳои сайёҳӣ;

-омодасозии кадрҳо ё мутахассисони соҳавӣ дар самти сайҳӣ;

- пешниҳоди маҳсулоти сайёҳии рақамӣ ва ғайра.

## АДАБИЁТ

1. Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. Мушкилоти рушди маркетинги рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №2 (46).

2. А.А. Мирзоалиев, Ё.К. Худойқулова Омодагии кадрҳо дар шароити рақамикунонии саноати сайёҳӣ / А.А. Мирзоалиев, Ё.К.Худойқулова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2/2(47) Душанбе, 2023 -С.26-33

3. Масъалаҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ / А.А. Мирзоалиев, М.С. Тулиев, П.И. Холиқова // Ахбори ДДҲБСТ, Силсилаи илмҳои гуманитарӣ.-Хуҷанд, 2022,№3 -С.124-135

4. Нақши соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар / А.А. Мирзоалиев, А.М.Сафаров// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2020 №3(32) –С.138-145
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри соли 2023
6. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
7. Ф.Р.Шаропов, А.А.Мирзоалиев, Рақамикунонӣ ва рушди иқтидорӣ кадрӣ / Ф.Р.Шаропов , А.А.Мирзоалиев// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2023 №1, 2/2(47) -С. 248 – 253.
8. Цифровизация туризма: кто не успел, тот опоздал. URL: https://www.tourprom.ru/articles/42/ (дата обращения: 27.11.2018).

**УДК 339.138**

**Мирсаидов А.Б., Одинаева С.Р.**

## СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ РЕГИОНА КАК УСЛОВИЯ И ФАКТОР ЕГО ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ
### (на материалах Хатлонской области)

В статье обосновывается, что в новом этапе развития страны все усилия направлены в конечном счете на повышение уровня социально-экономической безопасности реионов страны, поскольку безопасность в первую очередь характеризует защищенность и низкий уровень риска для человека, общества и любых других субъектов, объектов или их систем. Авторы, экономическую безопасность региона связывают с таким состоянием экономики, которое позволяет защищать ее жизненно важные интересы, рассматривается как совокупность условий, защищающих хозяйство страны от внешних и внутренних угроз. В связи с этим более подробно анализируется состояние и тенденции развития социально-экономических показателей экономики Хатлонскгой области. Предложены алгоритмы диагностики проблем экономической безопасности Хатлонской области как неотъемлемым элементом разработки и реализации стратегии социально-экономического развития региона, а также инструментом систематизации мероприятия, которое направлено на нейтрализацию влияния угроз экономической безопасности.

***Ключевые слова:*** экономика региона, экономическая безопасность региона, угрозы экономической безопасности, стабильность, устойчивость, поступательность развития региона, факторы, устойчивое развитие, социально-экономическое развитие.

**Мирсаидов А.Б., Одинаева С.Р.**

## РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА ҲАМЧУН ШАРОИТ ВА ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ОН.
### (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)

Дар мақола асоснок карда мешавад, ки дар марҳалаи нави тараққиёти мамлакат тамоми нерӯи дар ниҳояти кор ба баланд бардоштани дараҷаи амнияти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои мамлакат нигаронида шудааст. Зеро, ки маҳз амният пеш аз ҳама амният ва сатҳи пасти хатарро барои одамон, ҷомеа ва дигар субъектҳову объектҳо ва ё системаҳои онҳо тавсиф мекунад. Муаллифон амнияти иқтисодии минтақаро бо вазъи иқтисодӣ, ки он имкон медиҳад, ки манфиатҳои ҳаётан муҳими худро ҳифз кунад ва ҳамчун маҷмӯи шартҳое, ки

иқтисодиёти кишварро аз таҳдидҳои беруна ва дохилӣ муҳофизат мекунанд, алоқаманд медонанд. Вобаста ба ин ҳолат ва тамоюлҳои рушди нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Алгоритми ташхиси мушкилоти амнияти иқтисодии минтақа ҳамчун унсури ҷудонашавандаи таҳия ва татбиқи стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, инчунин воситаи низомсозии фаъолиятҳо, ки ба безараргардонии таъсири таҳдидҳо нигаронида шудаанд, пешниҳод шудаанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** иқтисодиёти минтақа, амнияти иқтисодии минтақа, таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, субот, устуворӣ ва рушди мутассили минтақа, омилҳо ва сарчашмаҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва амният.

**Mirsaidov A.B., Odinaeva S.R.**

**SOCIAL AND ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGION AS CONDITIONS AND FACTOR OF ITS ECONOMIC SECURITY**
**(based on the materials of the Khatlon region)**

The article substantiates that in the new stage of the country's development, all efforts are ultimately aimed at increasing the level of socio-economic security of the country's regions. Since security primarily characterizes the security and low level of risk for a person, society and any other subjects, objects or their systems. The authors associate the economic security of the region with such a state of the economy that allows protecting its vital interests, is considered as a set of conditions that protect the country's economy from external and internal threats. In this regard, the state and trends of the development of socio-economic indicators of the economy of the Khatlon region are analyzed in more detail. Algorithms for diagnosing problems of economic security in the region are proposed as an integral element of the development and implementation of the strategy of socio-economic development of the region, as well as a tool for systematizing the event, which is aimed at neutralizing the impact of threats to economic security.

**Key words**: regional economy, regional economic security, threats to economic security, stability, sustainability and progressive development of the region, factors and sources of sustainable socio-economic development and security.

В Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года подчеркнуто, что "Развитие регионов страны является самым важным уровнем осуществления экономических реформ и рассматривается как конечная точка приложения всех усилий правительства в приоритетных направлениях: обеспечение приемлемых уровней энергетической и продовольственной безопасности, развитие коммуникационных возможностей страны и расширение продуктивной занятости" [1.46]. В новом этапе развития страны все усилия направлены в конечном счете на повышение уровня социально-экономической безопасности реионов страны, поскольку понятие безопасность в первую очередь характеризует защищенность и низкий уровень риска для человека, общества и любых других субъектов, объектов или их систем. Важной задачей сегодня является установление содержательного наполнения категории экономическая безопасность с учетом современной экономической среды, динамично развивающейся в условиях неопределенности и повышенных рисков.

Российские ученые Г. Гутман, Ю. Н. Лапыгин, А. И. Прилепский, В. Сенчагов, связывают экономическую безопасность с таким состоянием экономики страны, которое позволяет защищать ее жизненно важные интересы [13]. Советский экономист Абалкин Л. И. определяет понятие «экономическая безопасность» как совокупность условий, защищающих хозяйство страны от внешних и внутренних угроз [2]. По мнению Городецкого А. и Караваева И. В. экономическая безопасность – это способность экономики обеспечивать эффективное удовлетворение общественных потребностей на межнациональном и международном уровне

[3]. В.П. Быков, О.А. Дембовская, Е.М. Лебедько трактуют экономическую безопасность региона «как совокупность условий и факторов, характеризующих текущее состояние экономики, стабильность, устойчивость и поступательность ее развития; и комплекс мер, направленных на устойчивое, постоянное развитие и совершенствование экономики региона, обязательно предполагающий механизм противодействия внешним и внутренним угрозам» [13].

Отечественные ученые, также выдвигали различные определения экономической безопасности. Например, отдельные авторы "национальную экономическую безопасность определяют как экономическую категорию, отражающую системы социально-экономических отношений, связанные с поддержанием устойчивого общественного воспроизводства на том уровне развития, способствующие нормальной жизнедеятельности населения страны их занятости, возможности дальнейшего экономического роста, сбалансированности состояния всех элементов социально-экономической системы страны и его регионов" [8.234].

Ф.А. Джабборов, М. Файзиев пишут, что понятие «экономическая безопасность» отражает в себе состояние социально-экономической системы, которое позволяет ей динаично развиваться и решать социальные задачи» [4]. Обобщая предложенные в экономической литературе трактовки исследуемого понятия - "экономическая безопасность" можно рассматривать его как способность, перспективу и готовность экономики обеспечить стабильность и устойчивый экономический рост, удовлетворение потребностей общества и защиту интересов участников социально-экономических отношений в различных сферах от внутренних и внешних угроз.

В обеспечение национальной экономичской безопасности страны ключесвую роль играет экономическая безопасность регионов страны. В годы государственного суверенитета Республики Таджикистан социально-экономическое развитие регионов страны принимало устойчивый характер. Такая тенденция более явно наблюдается в экономике Хатлонской области, которая вносит весомый вклад в развитие экономики страны и его экономической безопасности, поскольку Хатлонская область является самым крупным регионом среди других регионов и областей Республики Таджикистан. На развитие отраслей экономики Хатлонской области ощутимый импульс дает развитие инфраструктуры, прежде всего развитая сеть автомагистралей, железнодорожных путей, информационно-коммуникационные институты. Исследуемый регион, также является крупным аграрным регионом, имеются в его распоряжении самая большая площадь пахотных земель, интенсивно развивается орошаемое земледелие, развиты хлопководство (главным образом выращивается тонковолокнистый хлопчатник) зерноводство, овощеводство, картофелеводство, виноградарство, плодоводство, в том числе цитрусоводство и др.

В постепенном переходе к аграрно-индустриальному типу экономики является одна из государственных стратегических целей. Эти цели реализуются, прежде всего на территории Хатлонской области, потому что в экономике области наблюдаются основные параметры аграрно-индустриального региона: высокий уровень доля населения сельской местности, сочетается с высокой долей отраслей перебалтывающий промышленности, занимающий переработку сырья сельскохозяйственного происхождения, а также развитой образовательной и рыночной инфраструктурой, способствующей развитие АПК. Между прочим, наличие развитого аграрно-промышленного комплекса является основным критерием отнесения региона к типу аграрно-индустриальных. В связи с этим принято Постановление Правительство Республики Таджикистан «О Программе комплексного индустриально-аграрного развития Хатлонской области на 2022-2026 годы» (от 1 марта 2022 года, №91). В рамках данного постановления разработан Программу комплексного индустриально-аграрного развития Хатлонской области на 2022-2026 годы и План мероприятий по реализации данной Программы [10].

Фактором и источником устойчивого социально-экономического развития региона является рост объема валового регионального продукта (ВРП). Этот показатель выступает как

обобщающий показатель развития региона, его экономической деятельности, характеризующий уровень производства экономических благ для конечного потребления. Валовой региональный продукт (ВРП) является ключевым макроэкономическим показателем, который служит индикатором экономического здоровья и конкурентоспособности региона. Его расчет осуществляется путем суммирования валовой добавленной стоимости, созданной всеми экономическими субъектами в рамках представителей различных отраслей. Важно отметить, что ВРП определяется как разница между общим объемом выпуска и промежуточным потреблением, что позволяет избежать двойного учета и более точно отразить реальный вклад каждой единицы в экономическую деятельность региона. ВРП основной показатель, характеризующий внутреннее экономическое состояние региона и уровня его экономической безопасности. Данный обобщающий показатель позволяет оценить изменения (рост или снижение) экономической конъюнктуры и активности региона, а также благосостояние участников производственно-экономических отношений, населений, уровень роста, структурные сдвиги в экономике региона, соотнесение уровня инфляции и реальный рост, оценить инвестиции в экономике региона и др. Производство валового регионального продукта определяет объем и уровень развития валового внутреннего продукта страны. Как свидетельствуют данные таблицы 1 в период 2018-2022 гг. объем ВВП республики увеличился от 71 до 115, 7 млрд сомони или более чем на 62,9%. За этот анализируемый период объем ВРП увеличился от 61,3 до 108,8 млрд сомони, или более чем на 77,4%. Его доля в валовом внутреннем продукте страны увеличилась от 89,1 до 94% или более чем на 4,9 процентного пункта. Опережающий темп роста производства ВРП обеспечил рост объема ВВП страны.

**Таблица 1. Динамика производства ВРП по регионам республики**

| Показатели | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022 в % к 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Объем ВВП в стране, млн. сомони | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 115739,4 | 162,9 |
| Объем ВРП в стране | 61368,4 | 68691,3 | 73870,5 | 91932,0 | 108831,0 | 177,4 |
| Удельный вес в ВВП,% | 89,1 | 88,8 | 89,5 | 92,9 | 94,0 | 4,9 пп |
| в том числе: | | | | | | |
| ГБАО | 1035,6 | 1063,4 | 1065,0 | 1278,8 | 1365,3 | 131,8 |
| Согдийской области | 18343,8 | 20537,1 | 21621,9 | 27465,4 | 31939,2 | 174,3 |
| Хатлонской области | 17107,5 | 19664,0 | 22080,5 | 26967,8 | 33832,1 | 197,6 |
| РРП | 11073,5 | 12287,6 | 13532,6 | 17314,1 | 19173,7 | 174,5 |
| Г. Душанбе | 13808,0 | 15139,2 | 15570,5 | 18905,8 | 22520,7 | 163,0 |

**Рассчитан по:** Статистический ежегодник Республики Таджикистан. 2023, с. 215.

В анализируемый период, т.е. за пять последних лет, во всех регионах страны, несмотря на их неравномерный уровень развития, наблюдается устойчивый рост производства ВРП. Так в ГБАО в 2022 г. объем ВРП составлял 1365,3 млн. сомони, что по сравнению с 2018 г. увеличился на 31,8%. В Согдийской области в 2022 г. произведенной ВРП составлял 31939,2 млн сомони, что по сравнению с 2018 увеличился на 13595,4 млн сомони или рост составил 174,3%. Самый высокий уровень роста объема производства ВРП приходится в исследуемый нами региона - Хатлонской области: в период 2018-2022 г его объем увеличился от 17107,5 до 33832,1 млн сомони, абсолютной прирост ВРГ в области составил 16724,6 млн сомони, рост по сравнению с 2017 составлял 197,6%. В 2022 г. производства ВРП в районах республиканского подчинения (РРП) по сравнению с 2018 увеличился на 74,5%, что по сравнению других регионах (ГБАО, г. Душанбе) наблюдается относительно высокий рост, увеличилось от 11,1 до 19,1 млрд сомони, абсолютной прирост составлял 8 млрд. сомони.

В индустриально-инновационном городе республики – Душанбе объем ВРП в 2022 г. составил 22,5 млрд. сомони что по сравнению с 2017 г. увеличился на 63%. Качественные параметры совокупности ВВП и ВРП страны характеризуют и показывают уровень структурных сдвигов их производства по регионам страны, т.е., доля участия регионов страны в совокупный валовой региональный продукт республики.




**Рисунок 1. Структурнее сдвиги в производства ВРП по регионам страны**

Анализ показывает, что ТЭ осуществляется на основе положения Таможенного кодекса Республики Таджикистан и рассматривается - исследования, проводимые таможенными экспертами с использованием специальных и научных знаний для решения задач, возложенных на них [12].

Кроме того, ТЭ следует рассматривать как систему исследования для организации «фискально-контрольной, экономическо-правоохранительной, статистической и защитной экспертизы».

В нашей республики ТЭ проводит «Центральная таможенная лаборатория Таможенной службы при Правительстве Таджикистан» (ЦТЛ ТСРТ), как специализированный орган, проводящих судебно-экспертную, экспертно-криминалистическую, экспертно-исследовательскую, научно-исследовательскую и методическую деятельность для обеспечения экономической безопасности республики.

ЦТЛ осуществляет экспертизу по 97 группам ТН ВЭД и имеет необходимый парк оборудования, и эксперты при выполнении экспертиз используют новейшие методы анализа: газовую, ионную и высокоэффективную жидкостную хроматографию; хромато-спектрометрию; ультрафиолетовую и инфракрасную спектрометрию; электронную микроскопию, а также рентгено-флюоресцентные и рентгеноструктурные методы анализа.

На основе применения оптических приборов проводятся криминалистическое изучение документов. Также эксперты применяют комплекс технологического оборудования для изучения сырьевых товаров и продукты их переработки.

Следует отметить, что ЦТЛ имеет современная МТБ, организует исследования для идентификации различных товарных групп, документов и других грузов, выявляются факты фальсификации импортных товаров, руководствуя действующие стандарты.

Экспертно-криминалистическое обеспечении таможенной системы для проведения таможенного контроля проводится экспресс-методами исследования товаров и других объектов. Наблюдается поступления в госбюджет за счет проведенных исследований лабораторией более один миллион сомони.

Значительное внимание уделяется взаимодействию ЦТЛ ТСРТ с экспертными организациями таможенных служб стран ЕАЭС и успешно прошло аккредитацию и осуществляет идентификацию товаров на основе различных видов экспертиз, в проведении которого возникает необходимость [11,13].

Также проведения таможенной экспертизы связана для установления физических и химических свойств, их количества и качества товара, для идентификации товара и для принятия меры тарифного и нетарифного регулирования.

Материаловедческая экспертиза связана с определение физических и химических свойств, структуры и материала товаров, химических соединений, товароведческая проводится для исследования товаров, их таможенной стоимости, а технологическая осуществляется по согласованию норм выхода продуктов переработки товаров в условиях технологического процесса при применении таможенных режимов переработки на и вне таможенной территории, а искусствоведческая применяется для установления исторической, художественно-культурной, научной значимости произведений искусства и антиквариата.

В целом наблюдается рост показателей работы ЦТЛ по проведению ТЭ. Нами установлено, что «…за 2015-2023гг. общее количество проводимых ТЭ по отношению экспортных и импортных товаров увеличилась на 35,0% и возросли таможенные платежи, перечисляемые в доходной части бюджета за счет ТЭ».

Вместе с тем имеются много проблем организацию и управления ТЭ товаров. Учитывая данное обстоятельство предлагаем такие важнейшие направления совершенствования ТЭ товаров в Таджикистане:

1. Разработка рациональной схемы размещения филиалов ЦТЛ;
2. Формирование оптимальной модели развития производственно-технической базы ЦТЛ и применении современных технических средств проведения таможенного контроля;
3. Переход на цифровизации осуществления проведения таможенной экспертизе экспортируемых и импортируемых товаров;
4. Подготовка и повышения квалификации сотрудников таможенных лабораторий;
5. Сокращении времени проведения таможенной экспертизе в Центральной таможенной лаборатории и обеспечении ее необходимыми ресурсами и др.

Таким образом реализация вышеуказанных направлений способствует улучшения таможенного обслуживания субъектов ВЭД, развития интеграционных процессов, повышения эффективности таможенной экспертизе товаров для таможенных целей в условиях реализации НСР-2030 в Таджикистане.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Агамагомедова С.А. // Вопросы безопасности, 2016. - № 5. - url: http://e-notabene. ru

2. Бабкин К. А., Кузнецов А. В., Корчевой Е. А., Пронин В. В., Самохвалов В. А. Последствия присоединения России к Всемирной торговой организации [Электронный ресурс]. URL: http://wto- inform.ru

3. Болдырева Н. А. Роль таможенной политики в решении актуальных проблем экономической безопасности в условиях членства России в ВТО // Вестник Российской таможенной академии. 2013. № 2. –С89-102.

4. Бондаренко И. И. ВТО и «продовольственный» суверенитет России: проблема доступности и качества сельхозпродукции остается актуальной [Электронный ресурс]. URL: http://wto.

5. Дюмулен И. И. Международная торговля. Тарифное и нетарифное регулирование. 2-е изд. -М.: ВАВТ, 2009.-235с.
6. Калинина О.В. Роль таможенных органов в обеспечении экономической безопасности // Ученые записки Тамбовского отделения РоСМУ. - 2016.- № 5-С.123-132.
7. Круглова О.В. Таможенные аспекты обеспечения продовольственной безопасности//Вестник российской таможенной академии. № 2. 2014.-С.119-126.
8. Макрусев В.В. Управление таможенным делом- СПб.:Троицкий мост, 2012. -423с.
9. Николаева С.Л., Решетова Т.В. Экспертиза как инструмент таможенного контроля продовольственных товаров // Ученые записки Санкт-Петербургского имени В.Б. Бобкова филиала Российской таможенной академии. 2018. № 1 (65). С.27–32.
10. Новиков В. Е. Предпосылки учета потребительной стоимости в таможенном регулировании товарных потоков // Вестник Российской таможенной академии. 2013. № 3.-114-121.
11. Раҷабзода Н.Р. Масоили идоракунии индентификатсия ва экспертизаи гумрукии молҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.Монография.-Душанбе: “Абдураҳмон-Р”, 2024.-189с. ISSN 978-99985-982-7-6.
12. Таможенный кодекс Республики Таджикистан.-Душанбе: ТСРТ, 2016.-423с.
13. Товароведение и экспертиза в таможенном деле: учебник. - СПб.: Издательство Университета при МПА ЕАЭС, 2021. - 320 с.

**УДК 338.339**

**Рауфӣ А., Шарафова М.Ҷ.**

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ФАЪОЛИЯТИ ФУРӮШИ МОЛҲОИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ (ДАР МИСОЛИ МОИ “СУҒД”)

Мақола марҳилаҳои таъсисёбии минтақаҳои озоди иқтисодӣ вобаста аз фурӯши молҳо, заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодии таъсисдиҳии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, истифодаи таҷрибаи таҷрибаи хориҷии фаъолияти фурӯши молҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ, такмили асосҳои назариявии рушди фурӯши молҳои истеҳсолии минтақаи озоди иқтисодӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ баррасӣ менамояд. Исбот шудааст, ки барои боз ҳам инкишоф ёфтани муносибатҳои нави иқтисодӣ фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ имкон медиҳад, ки рушди иқтисодиёти миллӣ тавассути афзоиши савдои байналмилалӣ, гардиши молиявӣ, табдили технологияҳо, моликияти зеҳнӣ, захираҳои иттилоотӣ, инчунин мустаҳкам гардидани муносибатҳои иқтисодии байни кишварҳои алоҳида, ба роҳ монда шавад. Дар маҷмуъ истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ аз ҷумла омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ИМА, ИДМ, Германия ва Чин барои ташаккули институти муосири МОИ дар Тоҷикистон муҳим аст.

**Вожаҳои калидӣ:** минтақаҳои озоди иқтисодӣ, тақсимоти байналмилалии меҳнат, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, рушди барномавии минтақа, субъекти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, имтиёзҳои андозӣ.

**Рауфи А., Шарафова М. Дж.**

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ПРОДАЖИ ТОВАРОВ В СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОНАХ (НА ПРИМЕРЕ СЭЗ «Сугд»)

В статье обосновывается этапы создания свободных экономических зон, связанные с реализацией товаров, нормативно-правовые и организационно-экономические основы создания свободных экономических зон, использование зарубежного опыта реализации

товаров в свободных экономических зонах, совершенствование теоретической основы развития реализации товаров, произведенных в свободной экономической зоне, на внутреннем и внешнем рынках. Доказано, что для дальнейшего развития новых экономических отношений деятельность свободных экономических зон позволяет развивать национальную экономику за счет роста международной торговли, финансовых потоков, трансформации технологий, интеллектуальной собственности, информационных ресурсов, а также поскольку укрепление экономических связей между отдельными странами должно быть разрешено. В целом, использование мирового опыта, в том числе изучение опыта США, СНГ, Германии и Китая, важно для формирования современного института СЭЗ в Таджикистане.

**Ключевые слова:** свободные экономические зоны, международное разделение труда, мировая экономика, развитие региональных программ, субъекты предпринимательства и инвестиций, налоговые льготы.

**Raufi A., Sharafova M.J.**

**FOREIGN EXPERIENCE OF SALES OF GOODS IN FREE ECONOMIC ZONES (FOR EXAMPLE (FEZ “Sughd”)**

The article substantiates the stages of creating free economic zones related to the sale of goods, the regulatory, organizational and economic basis for the creation of free economic zones, the use of foreign experience in the sale of goods in free economic zones, improving the theoretical basis for the development of the sale of goods produced in a free economic zone, in the domestic and foreign markets. It has been proven that for the further development of new economic relations, the activities of free economic zones allow the development of the national economy through the growth of international trade, financial flows, transformation of technologies, intellectual property, information resources, and also because the strengthening of economic ties between individual countries must be allowed. In general, the use of global experience, including studying the experience of the USA, CIS, Germany and China, is important for the formation of a modern institution of SEZ in Tajikistan.

**Key words:** free economic zones, international division of labor, world economy, development of regional programs, business and investment entities, tax incentives.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷии фурӯши маҳсулотҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) нишон медиҳад, ки минтақаҳои озоди савдо ё минтақаҳои озоди тиҷоратӣ аз ҳудуди минтақаи миллии гумрукӣ ҷойгир шуда, дар онҳо ҳаргуна корҳои тиҷоратӣ, хариду фурӯш, хизматрасониҳои савдо ва миёнаравӣ ба анҷом расонида мешавад. Инҳо қитъаҳои маҳдуди ҳудуди бандари баҳрӣ, фурудгоҳ ё дар наздикии онҳо воқеъ буда, аз фазои гумрукии миллӣ хориҷ карда шудаанд. Дар ин ҷо амалиёти анбор, нигоҳ доштан, ба навъҳо ҷудо кардан, борпечкунӣ, тамғагузорӣ ва ғайраро ба ҷо овардан мумкин аст. Дар МОИ инчунин имкони дар марказҳои намоишгоҳҳо нишон додани молҳо бо мақсади фурӯши минбаъдаи онҳо пешбинӣ шудааст. Дар ин ҳолат, мол метавонад танҳо яклухт фурӯхта шавад. Ин минтақаҳо сармоягузориҳои зиёдро талаб намекунанд ва пули сарфшударо зуд бармегардонанд.

Дар кишварҳои мутараққӣ минтақаҳои озоди тиҷоратие, ки дар ҳудуди кишвар фаъолият мекунанд, ба минтақаҳои таъиноти умумӣ ва махсусгардонидашуда (зерминтақаҳо) тақсим мешаванд. Минтақаҳои таъиноти умумӣ майдони хурдро (чанд километри мураббаъ) ишғол намуда, берун аз ҳудуди гумрукии миллӣ ҷойгир шудаанд. Онҳо барои нигоҳдорӣ ва коркарди моли воридотӣ (бастабандӣ, навъбандӣ, тамғагузорӣ, такмилдиҳӣ ва ғ.) пешбинӣ шудаанд. Зерминтақаҳо барои ширкатҳои алоҳидаи калоне таъсис дода мешаванд, ки фаъолияташон аз минтақаҳои таъиноти умумӣ берун аст. Зерминтақаҳо маҳсулоти содиротӣ ё ивазкунандаи воридот истеҳсол мекунанд.

Агар ба таърихи пайдоиши МОИ назар андозем пас онҳо аз соддатарин шаклҳои савдои озод, ба мисли аввалин бандари озод дар ҷазираи Делоси Юнон ё шаҳрҳои озод, аз қабили Ватикан, Копенгаген ташкил ёфта, тадриҷан аз бандарҳои озод ва шаҳрҳои озод ба шаклҳои муосири минтақаҳои озод мубаддал гардида, барои рушди минтақа ва кишвар мусоидат намуданд, ки фаъолияти онҳо на танҳо бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузории миллӣ, инчунин бо аҳднома ва созишномаҳои байналмилалӣ низ ба расмият дароварда мешавад. Чунончӣ Конвенсияи Киото 18 маи соли 1973, дар мамалакатҳои аъзои Ҳамкории иқтисодии Аврупо қарори Шӯрои ҳамкорӣ «Дар бораи минтақаҳои гумрукии озод ва анборҳо» 25 июли соли 1988 ба тасвиб расида буд[2, саҳ.30].

Инчунин дар кишварҳои мутараққи ва рӯ ба рӯшд дар давраҳои гуногун қонунҳои миллӣ, ки фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро танзим мекунанд, таҳия ва тасдиқ гардидаанд. Дар ИМА дар соли 1934, Мексика (соли 1946), Куриёи Ҷанубӣ (соли 1970), Руминия (соли 1978), Маҷористон (соли 1982), Инглистон (соли 1984), Колумбия (соли 1985) ва дигар кишварҳо дар давраҳои гуногун қабул гардида мавриди амал қарор доранд [1, саҳ.41].

Соддатарин минтақаҳои савдои озод мағозаҳои махсуси бебоҷ дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва бандарҳоро дар бар мегиранд. Аз нигоҳи реҷа онҳоро берун аз марзҳои давлатӣ медонанд. Минтақаҳои тиҷорати озод инчунин бандарҳои (бандарҳои) анъанавии озодро дар бар мегиранд, ки дорои низоми имтиёзноки савдо мебошанд. МОИ роҳи дарозеро тай намуда, тадриҷан аз шакли аввали ибтидоӣ, яъне тиҷоратӣ ба шаклҳои мураккаб, истеҳсолӣ, саноатӣ, хизматрасонӣ, технологӣ мубадал гардиданд.

Ҳамин тавр интихоби навъи МОИ-ро сохтори иқтисодӣ ва сатҳи рушди иқтисодии кишвар муайян мекунад. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ тавассути ташкили МОИ кишварҳои дорои сатҳи гуногуни рушди иқтисодӣ навъҳои гуногуни МОИ-ро истифода мебаранд. Дар ташкили чунин ҳудудҳо, бисёр кишварҳои ҷаҳон, ҳам мутараққӣ ва ҳам дар ҳоли рушд аллакай таҷриба доранд. Шакли дуюми минтақаҳои махсуси иқтисодии тиҷоратӣ минтақаҳои озоди гумрукӣ мебошанд. Ин минтақаҳо мисли минтақаҳои озоди тиҷоратӣ ба минтақаҳои насли аввал таалluқ доранд. Онҳо аз асрҳои 17-18 вуҷуд доранд. Минтақаи озоди гумрукӣ – минтақаи маҳдуди қаламрави гумрукии кишваре мебошад, ки дар он низоми махсуси фаъолияти соҳибкорӣ муқаррар карда мешавад.

Тибқи кодексҳои гумрукии кишварҳои гуногун моли хориҷӣ дар минтақаи озоди гумрукӣ бидуни ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз ҷойгир ва истифода мешавад ва моли миллӣ бо шартҳои барои содирот мувофиқи низоми содироти гумрукӣ ҷойгир ва истифода мешавад, ки онҳоро анборҳои гумрукӣ ё худуди озоди гумрукӣ меноманд.

Минтақаҳои озоди тиҷоратӣ асосан дар назди бандарҳои баҳрӣ ва дарёҳо, назди фурудгоҳ, роҳи оҳан ва роҳҳои нақлиётӣ таъсис дода мешаванд, зеро дар ин ҷойҳо тоҷирони хориҷӣ ва ватанӣ бе мушкилот амалиётҳои гумрукӣ, воридотиву содиротии молро анҷом медиҳанд.

Ҷумҳурии мардумии Чин дар охири солҳои 70-ум ба ташкили минтақаҳои махсуси иқтисодӣ шурӯъ кард. Дар баробари ин аз таҷрибаи дигар кишварҳо ва қаламравҳои Осиё – аз қабили Сингапур, Ҳонконг, Макао, Тайван, Малайзия, Индонезия ва ғайра истифода мешуд.

Дар соли 1979 қарор дода шуд, ки аввалин чор минтақаи махсуси иктисодӣ: Шэнчжэн, Чжухай, Шантоу, Сямэн ташкил карда шавад. Ҳеҷ яке аз ин минтақаҳо базаи пешрафтаи саноатӣ ё инфрасохтори муосир надоштанд.

Дар ин минтақаҳо дар масоҳати ҷудошуда сохтмон оғоз гардида, корхонаҳои нави саноатӣ ва истеҳсолӣ ба вуҷуд оварда шуданд. Ба рушди ин минтақаҳо мавқеи мусоиди географӣ хос аст, яъне ҳамаи минтақаҳо дар сохили баҳр воқеъ гардида, ба нақлиёти арзони баҳрӣ роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан бо маҳалҳои дохилии мамлакат таъминанд. Ҳоло дар Чин 5 минтақаи махсуси иқтисодӣ (соли 1988 ҷазираи Хайнань мақоми МОИ гирифтааст), 14 шаҳри бандарии кушод (Далян, Цинхуандао, Шанхай, Фучжоу ва гайра) ва 5 ноҳияи кушоди иқтисодӣ дорад. Минтақаҳои махсуси иқтисодии навъҳои гуногун 288 шаҳру ноҳияро дар бар мегиранд, ки масоҳати умумии онҳо 320 ҳазор км. метри мураббаъро ё ин ки 3,3 фоизи

территорияи мамлакат ва шумораи 160 миллион нафар аҳолӣ ё ин ки 14,6 фоизи шумораи умумии аҳолиро дарбар мегирад[5, саҳ 93-96].

Дар Ҷумҳурии мардумии Чин 14 адад «шаҳрҳои наздибаҳрии озод» мавҷуданд. Дар ин ҷо маблағгузориҳои асосӣ ва дигар хароҷотҳо дар муддати кӯтоҳтарин истифода мешаванд, инфраструктураи лозимӣ бо зудӣ бунёд гашта, ободонии мавзеъ босуръат анҷом меёбад. Дар «минтақаҳои саноатии истеҳсолӣ» инфрасохтори саноатии истеҳсолии таъиноти содиротӣ таъсис дода шудаанд, ки дар онҳо маҳсулоти нимтайёр ё қисмҳои эҳтиётии воридотӣ коркард шуда, маҳсулоти тайёр ба хориҷ бароварда мешавад. Амалан дар ингуна корхонаҳо амалиёти васлкунии маҳсулоти тайёр дар асоси қисмҳои воридшаванда ҷой дошта, маҳсулоти ниҳоии тайёршуда бештар ба хориҷа ба фурӯш бароварда мешавад. Ин ингуна минтақаҳоро «минтақаҳои коркарди саноатӣ», «минтақаҳои истеҳсолкунанда» ё «минтақаҳои озоди содиротӣ» баҳогузорӣ мекунанд.

Яке аз минтақаҳои тиҷорати озод ин минтақаҳои савдои хориҷӣ (FTAs) мебошад, ки дар ИМА васеъ истифода мешаванд. Онҳо аз ҷониби қонун дар соли 1934 барои рушди тиҷорати хориҷии ИМА таъсис дода шудаанд. Он замони бӯҳрони амиқи иқтисодӣ буд ва тавассути таъсиси МОИ бояд сатҳи бекориро дар кишвар ба таври назаррас коҳиш диҳад. Ширкатҳое, ки дар минтақаҳои савдои хориҷӣ фаъолият мекунанд, метавонанд пардохтҳоро ба таъхир андозанд, тарифҳоро барои молҳое, ки аз ин минтақа мегузаранд, кам кунанд ва ғайра. Ин молҳо тахти назорати гумрукӣ қарор намегиранд, аммо агар онҳо аз минтақа ба қаламрави гумрукии Иёлоти Муттаҳида интиқол дода шаванд, онҳо бояд ҳама расмиёти гумрукӣ дошта бошанд. Масалан, баъзе молҳо ба минтақа ворид карда мешаванд ва сипас ба кишвари сеюм ё ИМА интиқол дода мешаванд, дар ҳоле ки молҳои дар дохили кишвар истеҳсолшуда то содироти ниҳоӣ ба хориҷа барои коркард ба минтақа фиристода мешаванд. Дар ИМА минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба хотири мусоидаткунӣ барои рушди савдои хориҷӣ бо роҳи озод намудани молҳои хориҷӣ аз пардохти бочи гумрукӣ мавриди воридшавӣ онҳо ба ИМА таъсис дода шудаанд. Дар Британияи Кабир бошад, дар ноҳияҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва саноатӣ қафомонда таъсис дода шуданд[3, саҳ.112].

Ташкили минтақаҳои озоди соҳибкорӣ ва савдои озод дар ноҳияҳои қафомонда ва додани имтиёзҳо ва ёрии бебозгашт (грант) ба воҳиди маъмурӣ дар Британияи Кабир имкон дод, ки ин кишвар ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардад. Бо ҷалби ҷалби технологияи хориҷӣ дар ин кишвар аз соли 1981 дар шаҳрҳои Ливерпул, Бирмингем, Кардифф, Саусантон, Престрих, Белфаст фурудгоҳҳои озод ташкил карда шуданд, ки шуданд, ки барои дар зинаи миллӣ суръатбахшии фаъолияти иқтисодӣ мусоидат намуданд[4, саҳ.64].

Баъдтар минтақаҳои истеҳсолию саноатӣ ба вуҷуд омаданд, ки ба фаъол гардондани тақдиди сохтори иқтисоди миллӣ равон гашта, мамлакатҳои Африка, Америкаи Лотинӣ, Осиёи Ҷануби Шарқро фаро гирифтанд. Аз таҷрибаи хориҷи минтақаҳои истеҳсолию саноатӣ аз рӯйи таъиноти маҳсулоти истеҳсолменамудаашон ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:
-минтақаҳои ивазкунандаи воридотие, ки бештар барои бозори дохилӣ нигаронида шудаанд;
-минтақаҳои ба содирот нигаронидашудае, ки бештар барои бозори беруна маҳсулот истеҳсол мекунанд;
-минтақаҳое, таъиноти маҳсулоташон омехта буда, чӣ ба бозори хориҷӣ ва чӣ ба бозори дохилӣ якзайл нигарон мебошанд.

Минтақаҳои саноатию тиҷоратӣ фаъолияти истеҳсоливу тиҷоратиро дарбар гирифта ин навъ минтақаҳо бештар дар ИМА рушд ёфта дар онҳо тартиботи воридшавӣ, қоидаҳои гумрукӣ, молиявию қарздиҳӣ, арзӣ риоя гардида, барои резидентони минтақаи мазкур тамоми шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст. Ин таҷриба дар намуди «минтақаи истеҳсолот ва савдои озод» дар як қатор давлатҳои ҷаҳон ҷорӣ мешавад.

Имрӯз дар АМА зиёда аз 45 МОИ мавҷуд аст, ки аксари онҳо дар ш. Дубай мутамарказ шудаанд. Модели МОИ-и шаҳр барои бисёре аз кишварҳо ба як меъёр табдил ёфтааст, зеро он аз ҷиҳати тиҷорат ва ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ пеш гузашт.

Минтақаи озоди Ҷебел Алӣ (JAFZA) аввалин минтақаи озоди иқтисодӣ дар АМА мебошад, ки соли 1985 таъсис ёфтааст, бе шубҳа имрӯз яке аз минтақаҳои озоди иқтисодии тараққикарда ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо беш аз 7500 ширкат сабти ном шудаанд, ки 135 ҳазор нафарро бо ҷойи кор таъмин мекунанд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Дубай кластерҳоро ташкил медиҳанд, ки ширкатҳои як соҳаро муттаҳид мекунанд ва ин имкон медиҳад, ки шабакаи маҳаллӣ барои табодули дониш ва таҷриба ба манфиати як кори умумӣ таъсис дода шавад.

Кишварҳои собиқ ИДМ низ ба мақсади ворид шудан ба равандҳои савдои байналмилалӣ ва тақсимоти байналхалқии меҳнат ба таъсис ва рушди МОИ аҳамияти махсус медиҳанд.

Дар Федератсияи Россияаз ибтидои солҳои 90-ум сар карда ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ сурат гирифтанд. Дар давоми даҳсола дар мамлакат кӯшиш карда шуд, ки таҷрибаи хориҷии ташкили минтақаи озоди иқтисодӣ барои ташкили минтақаҳои озодӣ дар кишвари худ истифода намояд. Дар натиҷа дар Федератсияи Россия 27 минтақаи озоди иқтисод, аз ҷумла минтақаи истеҳсолоти саноатӣ, логистика, сайёҳӣ ва инноватсионию иттилоотӣ бунёд гардиданд. Дар байни онҳо Минтақаҳои иқтисодии саноатии Алабуга ва Липецкро пешсаф мебошад, ки аз рӯи маълумоти адабиётҳо дар онҳо ҳаҷми сармояи ҷалбшуда нисбат ба саҳми давлат дар рушд ва фаъолияти минтақа бештар аст.

Дар ин давра дар Ҷумҳурии Қазоқистон низ минтақаҳои озоди иқтисодӣ ташкил карда шуданд. Имрӯз дар Қазоқистон 13 минтақаи озоди иқтисодӣ амал мекунад, ки аз онҳо МОИ «Онтӯстик» барҷаста аст, ки ба як тангаи буҷетӣ 15,5 тин сармоягузорӣ ҷалб шудааст. МОИ-ҳои Қазоқистон нишондиҳандаҳои хуби сармоягузориҳои азхудшуда ва афзоиши маҳсулоти истеҳсолкардаи аҳолиро нишон медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Беларус 6 минтақаи озоди иқтисодӣ мавҷуд аст, ки аксари онҳо аллакай дар солҳои 90-ум таъсис дода шудаанд. Дар давоми зиёда аз бист сол таҷрибаи истифодаи воситаҳои МОИ Беларус ба афзоиши сармоягузорӣ дар саноати истеҳсолӣ, хусусан МОИ “Минск” шарофати қисман инфрасохтори реҷаи махсуси иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ тавонист нишондиҳандаҳои тиҷорати хориҷии худро афзоиш диҳад. Новобаста ба ин ҳиссаи содироти резидентҳои МОИ дар низоми нишондиҳандаҳои савдои хориҷии кишвар аз рӯи меъёрҳои байналмилалӣ ҳамчунон паст эътироф карда мешавад.

Минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Арманистон хеле ҷавонанд. Аввалин минтақаи озоди иқтисодӣ дар Арманистон, МОИ «Альянс» дар кишвар танҳо дар соли 2013 ташкил карда шудааст. Қобили зикр аст, ки се минтақаи озоди иқтисодии Арманистон ба рушди бахши IT ва тиҷорати заргарӣ ё соат нигаронида шудааст.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон минтақаҳои озоди иқтисодӣ нисбат ба кишварҳои дигари ИДМ камтар рушд кардааст. Аввалин МОИ дар кишвар ҳанӯз соли 1991 таъсис ёфта буд, аз панҷ минтақаи озоди иқтисодии ба қайд гирифташуда нишондиҳандаҳои МОИ «Бишкек» назаррас мебошад. Дар ҳудуди ин минтақаи иқтисодӣ истеҳсоли молҳои саноати сабук, озуқаворӣ, молҳои истеъмоли халқ, масолеҳи бинокорӣ таъмин карда мешавад.

Албатта, дар маҷмуъ ба самаранокии МОИ кишварҳои ИДМ баҳо додан ғайриимкон аст. Минтақаҳои озоди иқтисодии кишварҳои ИДМ аз ҳамдигар бо ҳадафҳои ташаккул, хусусияти татбиқи лоиҳаҳо, ҳаҷми имтиёзҳои давлатӣ ва дигар омилҳои фаъолияти онҳо фарқ мекунанд. Бо вуҷуди ин, бо назардошти ҷавонии ҳудудҳои дорои низомҳои махсуси иқтисодӣ дар кишварҳои ИДМ як қатор мушкилоти асосии чунин лоиҳаҳоро метавон муайян кард, ки барои аксари МОИ-ҳои мавҷуда хосанд. Таҷрибаи ҷаҳонии ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба идеяи ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар тавассути фароҳам овардани шароити махсуси имтиёзнок барои соҳибкорони хориҷӣ асос ёфтааст.

Минтақаҳои озоди иқтисодии кишварҳои ИДМ бо як қатор сабабҳо ва омилҳо рақобати сармоягузориро аз даст медиҳанд. Масалан, имрӯз кишварҳои ИДМ бӯҳрони шадиди молиявиро аз сар гузаронианд ва дар Ҷумҳурии Украина муноқишаи маълум бо давлати ҳамсоя шадидтар шудааст. Омилҳои ноустуворӣ нишондиҳандаи хатарҳои эҳтимолии

сармоягузорӣ ва паст шудани сатҳи ҳифзи сармояи хориҷӣ барои ҳар як сармоягузори имконпазир мебошанд.

Ҳамин тавр пажӯҳиш нишон медиҳад, ки ноустувории равандҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ тайи соли охир ба тағйири ҳайати ширкатҳои суннатии ҷаҳонӣ – пешвоёни тиҷорати байналмилалӣ таъсир расонида истодааст. Зарурати таҷдиди самти стратегӣ ва ҳадафҳои ширкатҳо барои фаъолият дар МОИ ба далели рушди инқилоби нави саноатӣ, инчунин тағйир додани шаклҳои истеҳсолоти байналхалқӣ рӯз то рӯз тезтар мегардад.

Дар МОИ ширкатҳо имкониятҳои нави соддагардонии логистика ва татбиқи расмиёти имтиёзноки андоз ва гумрукиро доранд Ширкатҳои пешрафтаи ҷаҳон институти МОИ-ро ҳамчун модели муосири инкубаторҳои саноатӣ истифода бурда, онҳоро ба марказҳои инноватсионии истеҳсолот табдил медиҳанд. Барои ворид шудан ба бозори байналмилалӣ ва нигоҳ доштани мавқеъҳои бадастомадаи ширкатҳои русӣ бо риояи тамоюлҳои ҷаҳонӣ чунин як ниҳоди рушд ба мисли МОИ, ки боиси фаъол шудан ва мубодилаи самараноки захираҳо ва мусоидат ба ишғол намудани мавқеи пешсафи дар тиҷорати байналмилалӣ зарур аст (ҷадвали1).

**Ҷадвали 1. Арзёбии бартариҳои рақобатии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишварҳои гуногун**

| Кишвар | Афзалиятҳои рақобатпазирии минтақаи махсуси иқтисодӣ |
|---|---|
| Федератсияи Россия | - дастрасӣ ба кадрҳои баландихтисос;<br>- суботи нисбӣ дар сатҳи сиёсӣ ва иқтисодӣ;<br>- доираи васеи имтиёзҳо (андоз ва гумрук), инчунин бартариҳои дигар;<br>- дастрасии васеъ ва соддакардашуда ба канданиҳои фоиданок ва захираҳо |
| ИМА | - дастрасӣ ба кадрҳои баландихтисос;<br>- инфрасохтор дар ҳама сатҳҳо инкишоф ёфтааст;<br>- равандҳои иқтисодии муқарраршуда;<br>- субот дар сатҳи сиёсӣ ва иқтисодӣ;<br>– имконияти интихоби намуди пардохти боҷ, инчунин мавҷуд набудани боҷҳои реэкспортӣ; |
| Чин | - дастрасӣ ба қувваи кории арзон;<br>- имтиёзҳои васеи андоз барои резидентҳои минтақаҳои махсуси иқтисодӣ; |
| Кишварҳои Аврупо | - дастрасӣ ба кадрҳои баландихтисос;<br>- инфрасохтор дар ҳама сатҳҳо инкишоф ёфтааст;<br>- наздикӣ ба маркази рушди иқтисодии Аврупо. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф.

Дар ибтидои асри XIX содироти ҷаҳонӣ ҳамагӣ 1-2 фоизи маҳсулоти миллии ҷаҳонро ташкил медод, ки он вакт дар солхои 50-уми асри 20 он тақрибан ба 7% истеҳсоли ҷаҳон расид ва дар ибтидои асри 21 тибқи баъзе ҳисобҳо, аллакай 17-20% ташкил дод[6, саҳ. 198 - 201].

Вақте ки маблағҳои гузошташуда дар давоми 3-3,5 сол пардохта мешаванд, муқаррарӣ ҳисобида мешавад. Дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ аз 30 то 80% тамоми сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисоди онҳо тавассути МОИ ворид мешаванд[7, саҳ. 17].

Дар ин росто кишварҳои рӯ ба тараққӣ бештар ба истеҳсоли саноат ва содирот кӯшиш мекунанд, дар ҳоле ки кишварҳои пешрафта ба технологияҳои баланд ва рушди хадамоти сайёҳӣ кӯшиш мекунанд. Нуктаи калидӣ дар ташкили ҳар як минтақаи озоди иқтисодӣ давлатро зарур аст, ки ба таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ ва ҳам дар ҳоли рушд такя кунад.

Вазифаи асосӣ дар мамлакатҳои рӯ ба тараққиёбанда зиёд кардани содирот мебошад, зеро ба шарофати ин мамлакат метавонад иқтидори иқтисодии худро афзун гардонад, ба арсаи савдои байналмилалӣ дохил шавад ва қобилияти рақобатпазирии худро инкишоф диҳад.

Ҳамин тавр истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ташкили МОИ барои ташаккули институти муосири МОИ дар Тоҷикистон муҳим аст. Аммо таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ танҳо яке аз унсурҳои стратегияи рушди ин ё он кишвар ё минтақаи муайян аст. Он танҳо дар якҷоягӣ бо татбиқи сиёсати фаъоли сохторӣ ва минтақавӣ, татбиқи кӯшишҳо барои рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва фароҳам овардани заминаҳои рушди босуръат тавассути ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ маъно дорад.

Вобаста ба ин, барои самаранокии рушди иқтисод ва ворид шудан ба бозорҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 минтақаи озоди иқтисодӣ: МОИ «Суғд», МОИ «Данғара», МОИ «Панҷ», МОИ «Ишкошим» ва МОИ “Кулоб” таъсис дода шудааст.

Дар ин минтақаҳои Тоҷикистон дар масоҳати ҷудошуда сохтмон оғоз гардида, корхонахои нави саноатӣ ва истеҳсолӣ ба вуҷуд оварда шуданд. Мукаммалгардонии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ талаб менамояд, ки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, ки дар таъсиси ин гуна минтақаҳо ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд, мавриди истифода қарор дода шавад.

Айни замон дар байни минтақаҳои озоди кишвар МОИ “Суғд” ва “Данғара” пешсаф мебошанд, ки дар рушди иқтисоди миллӣ нақш гузошта истодаанд. Аз ҷумла маҳсулоти истеҳсолнамудаи МОИ “Суғд” дар бозори дохилӣ ва хориҷи кишвар, ба Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Афғонистон, Қазоқистон ва Федератсияи Россия содирот карда мешаванд (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти иқтисодии МОИ “Суғд” дар солҳои 2019-2023**

| Солҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи субъектҳо: (адад) | 29 | 30 | 30 | 30 | 35 |
| Ҷойи корӣ:(нафар) | 599 | 668 | 774 | 799 | 910 |
| Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонӣ (млн. сомонӣ) | 167,5 | 169 | 302,1 | 412,5 | 422,7 |
| Ҳаҷми фурӯши маҳсулоти содиротии субъектҳо (млн. сомонӣ) | 42,5 | 43,5 | 105,2 | 135,3 | 134,7 |
| Ҳаҷми сармоягузории мустақим (млн. сомонӣ) | 9,5 | 17 | 18,1 | 23,7 | 32,0 |

**Манбаъ:** муаллиф аз рӯи ҳисоботҳои солонаи фаъолияти МОИ “Суғд” таҳия намудааст.

Фаъолияти истеҳсолии минтақаҳои кишвар, аз ҷумла МОИ “Суғд” номгӯи гуногуни маҳсулоти саноатиро дарбар гирифта, бо дарназардошти талаботи бозори дохилӣ, пурра ба роҳ мондани коркарди маҳсулотҳои пиллагӣ ва истеҳсоли матоъҳои шоҳӣ, атласу адрас, маҳсулоти бофандагӣ, мебелсозӣ, таъсиси корхонаҳои нав, коркарди пӯст, маҳсулоти чармӣ, коркарди пурраи маъдан ва зарурати ҷорӣ намудани технологияҳо ва таҷҳизотҳои муосири истеҳсолӣ ва маҳсулнокии корхонаҳои саноатиро талаб менамояд.

Ҳамин тавр таҷрибаи хориҷии мукаммалгардонии фаъолияти фурӯши молҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолияти ҳамоҳангшудаи давлат мебошад, ки ба татбиқи сиёсати минтақавӣ ва қисмҳои таркибии он нигаронида шудааст. Дар ин росто таъмини самараноки фаъолияти МОИ бояд ба объектҳои инфрасохторӣ, ки тавассути онҳо барои фаъолияти бозори муътадил ва дар соҳаи истеҳсол ва фурӯши молу хизматрасониҳо раванди воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба корхонаҳое, ки фаъолияти назаррас доранд, хусусан ба мақсади ташкили корхонаҳои муштарак оид ба ташкили корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти баландтехнологӣ барои таъмини истеҳсоли маҳсулот баҳри қонеъ кардани талаботҳои рӯзафзуни аҳолӣ ба маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ нигаронида шавад.

## АДАБИЁТ

1.Бабаджанов Д.Д., Бабаев Х.С., Теоретические основы и зарубежный опыт формирования СЭЗ. Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. 2013. Серия гуманитарных наук, 1 (53): 47–51.
1.Конвансияи Киото «Дар бораи минтақаҳои озод». Дар шаҳри Киото 18.05.1973 баста шудааст.
3.Шеховцев А., Шестакова М., ГраммовА. Свободные экономические зоны: мировой опыт и перспективы в России//Вопросы экономики. - М., 2000. - №10. - С.112.
4.Смородинская Н., Белова Г., Богачева О. и др. Свободные экономические зоны: уроки мировой практики. - Москва-Находка. - 1993. - С. 64.
5.Коробова О.В., Наумова Н.В. 2010. История создания свободных экономических зон в России: проблемы и перспективы. Социально-экономические явления и процессы, 6 (022): 92–96.
6. Хелд. Д. и др. Глобальные трансформации: Политика, экономика, культура / Пер. с англ. В.В. Сапова. М.: Праксис, 2004. С. 182, 198 – 201. [10. С. 182, 198 – 201.].
7.Зименков Р.И. Свободные экономические зоны: Учеб. пособие. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005. С. 17.
8.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 марти соли 2011 «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» - Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011. № 5, моддаи 335

**УДК 332.339**

**Раҳимова Н.Ш.**

## ИМКОНИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ДАР АМАЛИГАРДОНИИ ЛОИҲАҲОИ ИНВЕСТИТСИОНИИ МИНТАҚА

Мақсади тадқиқот таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар доираи лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ мебошад. Дар ин замина имконоти мутобиқсозии ин таҷриба ба барномаҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дорад. Дар мақола вариантҳои гуногуни мутобиқгардонии таҷрибаи хориҷӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ баррасӣ шудааст. Тадқиқот ба методологияи умумии илмӣ асос ёфтааст, ки истифодаи усулҳои таҳлили системавӣ, муқоисавӣ ва омориро дар бар мегирад, марҳилаҳои асосӣ омӯхта ва омилҳои асосии навсозии иқтисоди минтақа муайян карда шудаанд. Муайян шудааст, ки дар воқеияти муосир яке аз монеаҳои асосии рушди иқтисоди кишвар фаъолияти иқтисодиёти "пинҳонӣ" мебошад. Бо дарназардошти тамоюлҳои кунунии рушди сармоягузории минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафта, воситаҳои муассири татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** сармоягузории хориҷӣ, минтақа, лоиҳаҳои инвеститсионӣ, самаранокӣ, таҷрибаи хориҷӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, иқтисоди минтақа.

**Рахимова Н.Ш.**

## ВОЗМОЖНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗАРУБЕЖНОГО ОПЫТА ПРИ РЕАЛИЗАЦИИ РЕГИОНАЛЬНЫХ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ

Целью исследование является анализ опыта зарубежных стран в рамках региональной инвестиционных проектов. В этом контексте изучается возможности адаптации данного опыта

применитель к региональным программам Республики Таджикистана. В статье исследуются различные варианты адаптации зарубежного опыта при реализации региональных инвестиционных проектов. Исследование основывается на общенаучной методологии, которая предусматривает применение методов системного, сравнительного и статистического анализа исследованы основные этапы и выявлены ключевые факторы модернизации экономики региона. Выявлено что в современных реалиях одним из главных препятствий на пути развития экономики страны выступает деятельность «теневой» экономики. Учитывая современные тенденции регионального инвестиционного развития в Республике Таджикистан на основе опыта развитых государств, стран предложены эффективные инструменты реализации региональных инвестиционных проектов.

**Ключевые слова:** иностранные инвестиции, регион, инвестиционный проект, эфективность, зарубежный опыт, экономические реформы, инвестиционные привлекательность, региональная экономика.

**Rahimova N. Sh.**

## OPPORTUNITIES FOR USING FOREIGN EXPERIENCE IN THE IMPLEMENTATION OF REGIONAL INVESTMENT PROJECTS

The purpose of the study is to analyze the experience of foreign countries in the framework of regional investment projects. In this context, the possibilities of adapting this experience to the regional programs of the Republic of Tajikistan are studied. The article explores various options for adapting foreign experience in the implementation of regional investment projects. The author's positioning is of certain interest. The study is based on the general scientific methodology, which provides for the use of methods of system, comparative and statistical analysis, the main stages and key factors of modernization of the region's economy were investigated. It is revealed that in modern realities one of the main obstacles to the development of the country's economy is the activity of the "shadow" economy. Taking into account the current trends of regional investment development in the Republic of Tajikistan on the basis of the experience of developed countries, countries proposed effective tools for the implementation of regional investment projects.

**Keywords:** foreign investments, region, investment project, efficiency, foreign experience, economic reforms, investment attractiveness, regional economy.

Таҷрибаи ҷаҳонии амалигардонии лоиҳаҳои инвеститсионӣ хусусиятҳои хоси иқтисоди миллии ҳар як давлат вобаста ташаккул меёбад. Татбиқи таҷрибаи ҷаҳонии амалигардонии лоиҳаҳои инвеститсиоӣ имкон медиҳад, ки нуқсонҳои ҷойдоштаро дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз байн барад, низоми амалигардонии лоиҳаҳои инвеститсиониро дар кишвар ва минтақаҳо такмил диҳад. Инчунин, имкон медиҳад, ки самараи татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ баланд бардошта шуда, омилҳои мавҷудаи низоми амалигардонии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба мадди назар гирифта шаванд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар шароити рақобати иқтисодии ҷаҳонӣ ва кофӣ набудани манобаъи молиявии худӣ барои рушди иқтисодиёти миллию ҳудудҳои он яке аз вазифаҳои мубрами иқтисоди миллӣ, ин ҷалби инвеститсияҳо ҳамчун омили рушди босуботи минтақа ва ҳудудҳои он ба ҳисоб меравад. Инвеститсияҳо дар рушди ҳар як кишвар нақши муҳим дорад, аммо аҳаммияти онҳо, махсусан, барои он кишварҳое бузург аст, ки ба иқтисодиёти инноватсионӣ нигаронида шудаанд [10, с. 306]. Дар шароити саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ ва давраи баъд аз саноатикунонӣ амалигардонии лоиҳаҳои инвеститсионӣ хусусиятҳои хос гирифта, самараи он дар ин марҳила тафовут дорад. Дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давраи саноатикунонии босуръати иқтисодиёт амали мегардад, вижагиҳои хоси амалигардонии лоиҳаҳои инвеститсиониро дар мақола таҳлилу баррасӣ менамоем.

Ҳамзамон зарур мешуморем, ки таҷрибаи давлатҳои то давраи баъд аз саноатикунонӣ ҳаллу фасл гардад. Аз ин лиҳоз, барои таҳлил, пеш аз ҳама, ба мо зарур аст, ки ҳаҷми воридоти сармоягузориро дар иқтисодиёти мамлакатҳо низомбандӣ намоем. Дар ин ҳолат, мо раддабандии мамлакатҳои пешқадамро аз рӯи ҷалби сармоягузории мустақим таҳлил менамоем, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. – Раддабандии мамлакатҳои ҷаҳон аз рӯи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ барои соли 2023**

| № | Мамлакатҳо | млн. доллар | бо % |
|---|---|---|---|
| | Давлатҳои ҷаҳон | 440290,73 | |
| 1. | Сингапур | 140844,05 | 31,98 |
| 2. | Америкаи Лотинӣ ва баҳри Кариб | 118390,77 | 26,88 |
| 3. | Бразилия | 90572,48 | 20,57 |
| 4. | Америкаи Шимолӣ | 53306,27 | 12,10 |
| 5. | Канада | 53306,27 | 12,10 |
| 6. | Индонезия | 21652,07 | 4,91 |
| 7. | Куриё | 17996,00 | 4,08 |
| 8. | Калумбия | 17047,55 | 3,87 |
| 9. | Малазия | 15113,59 | 3,43 |
| 10. | Туркия | 13005,00 | 2,95 |

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст дар асоси маълумотҳои The World Bank Group: Foreign Direct Investment [манбаи электронӣ] URL: https://data.worldbank.org/indicator/BX.KLT.DINV.CD.WD (санаи истифодабарӣ: 08.06.2024)

Бешубҳа, Сингапур пас аз ба даст овардани истиқлолият давраҳои душвори таърихиро паси сар кард. Дар ҳоле, ки стратегияи рушди минбаъдаи иқтисодии Сингапур бо ҷалби сармояи хориҷӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, имкониятҳои васеъ барои сармоягузорони хориҷӣ ва пешбурди сиёсати фаъоли “дарҳои кушод” асос ёфтааст [12, с. 20].

**Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.** Тибқи раддабандии рақобатпазирии ҷаҳонӣ (2019), Сингапур аз рӯи рақобатпазирии иқтисодӣ дар байни 140 кишвар бо 84,8 хол (аз 100 хол) дар ҷои 1-ум қарор дорад (барои маълумот дар ҷои 2-юм ИМА (83,7), 55 – Қазоқистон (62,9) , 96 - Қирғизистон (54), 104 - Тоҷикистон (52,4)) [19, с. 116]. Дар асоси тадқиқот, Сингапур аз ҷиҳати рушди инфрасохторӣ яке аз беҳтарин кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Сингапур аз рӯи самаранокии бозори мол дар ҷаҳон ҷои 1-ум, аз рӯи самаранокии муассисаҳо ва бозори меҳнат дар ҷои 3-юм ва аз рӯи сатҳи рушди низоми молиявӣ дар ҷои 5-ум қарор дорад.

Дар ҷадвали мазкур 10 давлати ҷаҳон нишон дода шудааст, ки дар ҷалби сармоягузории мустақим ба иқтисодиёти худ 10 ҷойи аввалро ишғол менамоянд. Дар раддабандӣ сархати аввалро Сингапур ишғол менамояд, ки 31,98%-и воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ ба ин давлат рост меояд. Бинобар ин, ба фикри муаллиф таҳлили усулҳои ҷалбнамоӣ ва таҷрибаи Сингапур барои рушд додани фазои ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи таҳлилҳо муайян гардид, ки барои ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Сингапур афзалиятҳои зерин истифода шудааст [25]:

1. Дар арсаи ҷаҳонӣ мутахассисони соҳибкасбу гуногунсоҳа, чандир ва ба вазифаҳои байналмилалӣ мувофиқ маҳсуб меёбанд;
2. Инфрасохтори молиявӣ (низоми боэътимоди бонкӣ), нақлиёт ва телекоммуникатсия дар сатҳи баланд рушд ёфтааст;
3. Ҷойгиршавии стратегии он дар чорроҳаи масирҳои боркашонӣ ба бозорҳои асосии рушдёбанда (Осиё ва Шарқи Наздик), ки онро ба маркази муҳимми минтақаи тиҷоратӣ ва байналмилалӣ табдил медиҳад;

4. Ҳукумат барои нигоҳ доштани низоми ҷолиби андоз ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, шартҳои сабуки қарз ва дигар имтиёзҳои сармоягузориро барои ҷалби бештари сармоягузории мустақими хориҷӣ ба Сингапур пешниҳод намудааст;
5. Мавҷуд набудани коррупсия, инчунин қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии барои фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқ амал мекунад.

Низоми андози кишвар дар саросари ҷаҳон ҳамчун самаранок ва рақобатпазир эътироф шудааст, ки он ба сармоягузорони хориҷӣ имкон медиҳад, то ки аз меъёрҳои пасти андоз ва имтиёзҳои зиёди андоз истифода баранд. Андоз аз даромади корпоративӣ ҳам барои ширкатҳои хориҷӣ ва ҳам барои ширкатҳои маҳаллӣ бо меъёри 17% ситонида мешавад, ки ин пасттарин меъёр дар байни ҳамаи кишварҳои узви Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН) мебошад.

Тафовути назаррасро дар нишондиҳандаҳои макроиқтисодии давлатҳое, ки дар ҷадвали 2 оварда шудааст, дидан мумкин аст. Иқтисодиёти Сингапур ба иқтисоди ҷаҳонӣ зич муттаҳид шудааст: қарзи берунии кишвар аз маҷмуи маҳсулоти дохилии (ММД) кишвар 7,1 маротиба зиёд аст. Ҳаҷми содирот дар квотаи савдои хориҷӣ бартарӣ дошта, аз ММД 29 фоиз зиёд аст. Иқтисодиёти Сингапур аз содирот вобаста аст, алалхусус, дар соҳаҳои техникаи маишӣ, технологияҳои иттилоотӣ, дорусозӣ ва хадамоти молиявӣ.

**Ҷадвали 2. – Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии давлатҳои Тоҷикистону Сингапур барои соли 2022**

| Нишондиҳандаҳо | Тоҷикистон | Сингапур |
|---|---|---|
| **Қарзи беруна** (ба ҳисоби % нисбати ММД) | 66,68 | 7,1 |
| **Таваррум** (%) | 10,1 | 4,6 |
| **Воридот** ((ба ҳисоби % нисбати ММД) | 47,64 | 28 |
| **Содирот** (ба ҳисоби % нисбати ММД) | 24,18 | 29 |

**Сарчашм**а:https://datacatalog.worldbank.org/search., https://tradingeconomics.com/tajikistan/indicators-wb data.html., (санаи муроҷиат 05.08.2024).

Баръакс, қарзи берунаи Тоҷикистон нисбати қарзи берунаи Сингапур зиёдтар мебошад, муомилоти воридоту содирот бошад, мутаносибан 47,64% ва 24,18%-и маҷмуи маҳсулоти дохилии давлатро ташкил медиҳад. Аз рӯи маълумотҳои Фонди байналмилалии асъор, сатҳи таваррум нисбатан баланд аст, аммо ин нишондиҳанда барои давлатҳои дар иқтисодиёти гузариш қарордошта хос мебошад, ки дар ҷараёни либерализатсиякунонӣ қарор доранд.

Яке аз монеаҳои асосии рушди иқтисоди кишвар – ин фаъолияти иқтисодиёти "пинҳонӣ" мебошад. Аз ин рӯ, маълумотҳои коршиносон, ҳиссаи иқтисодиёти "пинҳонӣ" дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ беш аз 50% аст. Дар натиҷаи барҳам додани чунин фаъолият, иқтисодиёт тараққӣ карда, даромади буҷет зиёд мешавад ва базаи андоз васеъ мегардад. Омили дигаре, ки ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонад, сатҳи баланди бекорӣ мебошад (26,42% - 2022), аз ин ҷавонони синни аз 15-24 сола 17,4%-ро ташкил медиҳад. Вазни қиёсии аҳолии қобили меҳнат 73,58 фоизи тамоми аҳолиро ташкил медиҳад (аз рӯи маълумотҳои бонки байналмилалӣ). Сармояи инсонӣ сарвати бебаҳотарин ва тамомнашаванда дар ҷаҳон аст ва агар он ба самти дуруст равона карда шавад, Тоҷикистон метавонад ба марҳалаи нави рушди иқтисодӣ ворид шавад.

Дар ин радиф, минтақаҳои Ҷумҳурии мардумии Чин низ мавриди тадқиқот қарор дода мешавад. Сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии мардумии Чин яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ба шумор меравад, зеро суръати рушди иқтисодии Ҷумҳурии мардумии Чин, ки имрӯз дар ҷалби сармояи хориҷӣ дар ҷои намоён аст, аз он шаҳодат медиҳад.

Дар натиҷаи сиёсати ҳавасмандгардонии сармоягузории хориҷии давлат дар даҳсолаи охир ба Ҷумҳурии мардумии Чин қариб 25% ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба давлатҳои рӯ ба инкишоф равонашуда ворид гардид [4]. Бинобар ин, ба сиёсати инвеститсионии он эътибор додан бамаврид хоҳад буд.

Ҳанӯз дар охири солҳои 1970-ум Ҳукумати Чин тасмим гирифт, ки самтҳои ҷалби сармояи хориҷӣ раванди афзалиятноки сиёсати давлат мебошад. Ҷумҳурии мардумии Чин аввалин шуда оид ба таъсис ва ташкили «минтақаҳои махсуси иқтисодӣ» (дар вилоятҳои Гуандонг ва Фуян) қарор қабул кард. Ин минтақаҳо ҳам бо низоми либералии андоз ва ҳам коҳиши назарраси монеаҳои маъмурӣ ҷиҳати пешбурди тиҷорати нав фарқ мекард. Сармоягузориҳои Гонконг ва Тайван ба иқтисодиёти Чин дар муваффақияти минтақаҳои таъсисёфтаи иқтисодӣ аҳаммияти калон дошт. Аллакай дар охири асри XX беш аз 50 % -и тамоми сармояи хориҷӣ ба ин минтақаҳо ҷалб карда шуд.

Муваффақияти минтақаҳои махсуси иқтисодии Чин таваҷҷуҳи тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб мекунад, зеро онҳо майдони озмоиши ислоҳоти иқтисодии Чин буда, дар сафи пеши омезиши мутаносиби иқтисодиёти нақшавӣ ва бозорӣ қарор доранд. Таъсиси минтақаҳои махсуси иқтисодии Чин боиси воридшавии сармояи хориҷӣ гардид, вале дар баробари ин, дар рушди иқтисодии вилоятҳо ва ҳудудҳо фосилаи бузурге ба вуҷуд овард. Аз ин рӯ, дар соли 1992 сиёсати нави сармоягузории хориҷӣ қабул карда шуд, ки таваҷҷуҳи худро аз муносибати махсус барои сармоягузорони хориҷӣ ба як кишвари ҷолиб табдил додани Чин гашт. Дар доираи ин стратегия, Чин ба сармоягузорон афзалиятҳои зиёде пешниҳод кард. Ҳама лоиҳаҳои сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Чин мувофиқи феҳристи лоиҳаҳо дар асоси чаҳор категория: ҳавасманд, маҳдуд, манъкунанда ва иҷозатдодашуда арзёбӣ ва тасниф карда шуданд.

Барои Чин капитали хориҷӣ дар тараққиёти иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим мебозад, зеро ширкатҳои хориҷӣ ба кишвар технологияҳои нав ворид мекунанд. Аз ин рӯ, маҷмуи тамоми тадбирҳои дастгирии давлатӣ ба ҳавасмандгардонии ҷалби сармояи хориҷӣ нигаронида шудааст. Ҳукумати Чин бо ҳадафи ҳавасмандгардонии сармоягузории мустақими хориҷӣ ба технологияҳои дараҷаи баланд ва сармояталаб мутобиқи ҳадафҳои сиёсати саноатии кишвар ислоҳоти иқтисодӣ анҷом дод. Дар натиҷаи фаъолияти самараноки давлат барои ҷалб намудани сармояи хориҷӣ Чин дар фатҳ намудани бозорҳои хориҷӣ муваффақ гардид. Афзалияти лоиҳаҳои ба содирот нигаронидашуда, инчунин, истеҳсоли таҷҳизоти нав ва масолеҳ бо истифода аз технологияҳои нав, аз ҷумла лоиҳаҳое, ки ба коркарди конҳои захираҳои табиии Чин равона шудаанд, истифодаи қувваи кори нисбатан арзон дода шуд. Аммо ҳиссаи маблаггузорӣ ба хоҷагии қишлоқ ҳанӯз паст аст.

Ба андешаи олимони рус Л.А. Ахмедова, У.Б. Булатова амалҳои мақомоти Чин вобаста ба ҳавасмандгардонии раванди ҷалби сармоя, ангезаи асосии сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Чин, ки арзиши пасти омилҳои истеҳсолӣ, бахусус, қувваи корӣ мебошад, афзоиши талаботро дар бозори Чин муайян мекунад, ки он сармоягузории хориҷиро ба худ ҷалб мекунад [1, с. 303].

Боз дигар омилҳои объективӣ вуҷуд доранд, ки ба ворид шудани сармояи хориҷӣ ба Чин мусоидат мекунанд. Аз ҷумла:

- иқтидори зиёди бозори дохилӣ;
- захираҳои бузург;
- қурби мусоиди асъор;
- меъёрҳои тарифии мусоид;
- суботи сиёсӣ.

Ин ҷо мавҷудияти имтиёзҳоеро, ки ба корхонаҳои муштарак дода мешаванд, қайд кардан бамаврид аст:

- озод кардан аз андоз аз даромад ба муҳлати 5 соли баъди оғози фаъолият;
-ҳуқуқи воридоти бебоҷи ашёи хом ва воситаҳои истеҳсолот;
-ҳуқуқи озод ба хориҷи кишвар барои содироти фоида, фоизҳо ва дивидендҳо.

Дар охири соли 2006 Чин сиёсати нави давлатӣ эълон кард, ки дар он гузариш аз равиши миқдорӣ дар ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ бо усули сифатӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин раванд диққати махсус ба сармоягузории хориҷӣ дар истеҳсоли маҳсулоти арзони содиротӣ ва корхонаҳои васлкунӣ, сармоягузорӣ ба бахшҳои бо ҳиссаи зиёди арзиши иловашуда дода шуд. Инчунин, майлу хоҳиши беамон ва бетартибонаи ҷалби сармояи хориҷиро аз тарафи мақомоти маҳаллӣ маҳдуд кард ва талаботи экологиро нисбати лоиҳаҳои аз ҷониби ширкатҳои хориҷӣ иҷрошаванда сахттар намуд [8].

Имрӯз Ҷумҳурии мардумии Чин кушиш мекунад, ки нисбат ба сармояи хориҷӣ сиёсати муътадилро пеш гирад. Ин дар маҷмуи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудкунанда зоҳир мегардад ва назорати маъмурӣ ба истифодаи фаъолонаи фишангҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ барои таъсир расондан ба тақсимоти минтақавию соҳавии сармоя мухолиф нест. Натиҷа ҳамин аст, ки сармояи хориҷӣ ба омили муҳимми дарозмуддати тараққиёти иқтисодиёти мамлакат табдил ёфт.

Дар айни замон, иқтисодиёти Тоҷчикистон то андозае ба иқтисодиёти Чин дар солҳои аввалиислоҳот монанд аст: ҳам Тоҷикистон ва ҳам Чин аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ гузаштанд. Ҳарду кишвар қаламрави васеъ доранд, синхронӣ ва мутаносиб инкишоф меёбанд, минтақаҳои гуногуни ҳарду давлат наметавонанд ислоҳот гузаронанд. Аз ин рӯ, мо метавонем, дар тарҳрезии рушди иқтисоди дохилӣ аз таҷрибаи Чин ҷонибдорӣ ё истифода намоем.

Омӯзиши таҷрибаи Чин имкон медиҳад, ки ба сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳот ворид карда шавад. Барои татбиқи таҷрибаи Чин дар шароити Тоҷикистон аз чунин афзорҳои сиёсати давлатӣ, ба мисли фаъолгардонии нақши давлат, суботи молиявӣ, рақобат, ошкорбаёнӣ, воридоти технология ва фазои мусоиди сармоягузорӣ бамаврид аст. Дар Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, стратегияи рушди тамаддун танҳо баъзе унсурҳои иқтисод ва сиёсати Чинро истифода бурдан мумкин аст, аммо ин маънои онро надорад, ки мо бояд пурра модели идоракунии Чинро нусхабардорӣ намоем.

Намунаи истифодаи бомуваффақи сармоягузории хориҷии Ҷопон ва Кореяи Ҷанубиро метавон мисол овард, зеро таҷрибаи Чин дар Кореяи Ҷанубӣ, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ василаи асосии татбиқи сиёсати сармоягузорӣ мебошад. Дар давраи муосири кишвар чор намуди минтақаҳои махсус амал мекунад, ки аз ҷиҳати таркиби соҳаҳои саноат, фаъолияти иқтисодӣ ва механизми андоз аз ҳам фарқ мекунанд. Сиёсати сармоягузории Кореяи Ҷанубӣ дар тамоми давраҳои мавҷудияти кишвар бештар ба сармоягузории хориҷӣ, ки хусусияти инноватсионӣ дорад ва қобилияти ҷорӣ намудани технологияи муосир дар раванди истеҳсолотро дорост, нигаронида шудааст. Боиси қайд, ки то таъсисёбии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, махсусан, дар самти сармоягузориҳои хориҷӣ, вақте ки сармоягузории хориҷӣ ба лоиҳаҳои калонтарини минтақа равона мешавад, минтақа мақоми махсусро гирифта, ин минтақаҳо ҳамчун маҷмуаҳои саноатии сатҳи маҳаллӣ инкишоф меёбад [2, с. 133].

Хусусияти фарққунандаи сиёсати сармоягузории Ҷопон – ин ҳамкории фаъоли бахши хусусӣ бо сектори давлатӣ мебошад. Мувофиқи сиёсати нави макроиқтисодии кишвар ШДБХ ҳамчун воситаи стратегии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ ҷойгир шудааст. Шакли маъмултарини ҳамкорӣ бо соҳибкорон ва давлат ҳамчун як қисми ташаббуси молиявии хусусӣ, ба моликияти ҷамъиятӣ дар назди давлат мемонанд ва оператори хусусӣ имконият пайдо мекунад, ки онро идора кунад ва барои ин хизматрасонӣ маблағ гиранд, тиҷоратро инкишоф диҳад ва сифати хизматрасониро беҳтар гардонанд, ки дар доираи он зиёда аз 400 лоиҳа ба маблағи 23,5 миллиард доллар амалӣ карда мешавад [11]. Таваҷҷуҳи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ба ҷузъи инфрасохтор тасодуфӣ нест. Ҳамин тариқ, тибқи Стратегияи ҷаҳонии сармоягузорӣ ба инфрасохтор, яке аз муҳаррикҳои асосии рушди иқтисоди Ҷопон дар ояндаи наздик ба ҳисоб рафта, минбаъд пешбурди технологияҳои пешрафтаи Ҷопон ба бозорҳои хориҷӣ ҳамчун самти асосии сиёсати миллӣ муайян карда шудааст [22]. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои минтақавӣ институти махсусгардонидашуда– Корпоратсияи Ҷопон оид ба пешбурди ташаббусҳои молиявии хусусӣ вуҷуд дорад.

Дар робита ба рушди сармоягузории минтақаҳои Ҷопон аз соли 2016 сиёсати эҳёи ҳудудҳо бо мақсади бемайлон такмил додани иқтисодиёти кишвар ва афзоиши ММД амалӣ карда мешавад. Илова бар ин, эҳёи иқтисодиёти минтақаҳои ҷудошудаи ҷазираҳои депрессия (масалан, ҷазираҳои Амами ва Огасавара) ба стратегияҳои алоҳидаи рушди минтақавӣ бахшида шудааст. Дар доираи сиёсати давлатии сармоягузорӣ ҷиҳати дастгирии корхонаҳои инноватсионӣ ва ширкатҳои рушдёбанда, дар шакли додани қарзҳои венчурӣ ва субсидияи лоиҳаҳои афзалиятноки минтақавӣ амалӣ шуда истодааст.

Дар таҷрибаи сармоягузории ИМА, инчунин Ҷопон, шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Натиҷаи таҳаввулоти сиёсати сохторӣ ва сармоягузории Амрико шаклҳои гуногуни институтсионалии маҳаллисозии сармоягузорӣ дар асоси механизми ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ - кластерҳои шабакавӣ, гурӯҳҳои саноатӣ ва технологӣ, созишномаҳои ҳамкорӣ ва ғайра мебошад. Аммо, бартарии Ҷопон, «сармоягузории ҳукумат ба инфрасохтор дар ҳолати зарурӣ сурат мегирад ва дар ҳолатҳои истисноӣ инфраструктураи маблағғузорӣ унсурҳои стратегияи умумии иқтисодӣ мегарданд[13].

Дар сиёсати сармоягузории ИМА ба механизмҳои маблағгузории соҳаи илму техника ва илму таҳқиқот ҷои махсус дода мешавад. Таъкид карда мешавад, ки: Дар ИМА стратегияи ҳукмронии дар соҳаи илму техника қабулшуда ба тараққиёти штатҳо таъсири калон мерасонад» [6]. Чунин мешуморанд, ки: Дараҷаи баланди рақобатпазирии иқтисодиёти ИМА маҳз аз хисоби сиёсати ҳавасмандгардонии маблағгузорӣ ба фаъолияти илмӣ ва инкишофи технологияҳои нав ба даст оварда мешавад. Вақте ки давлат нисфи тамоми тадқиқоти фундаменталӣ ва тадқиқоти илмиро бо маблағ таъмин мекунад, боқимондааш аз ҷониби бахши хусусӣ, донишгоҳҳо ва сармоягузорони хориҷӣ таъмин карда мешаванд» [7, с. 65].

Умуман, таҷрибаи амрикоии татбиқи сиёсати сармоягузорӣ дар тамоми марҳилаҳои рушди иқтисодии кишвар бо либерализатсияи максималии шароити сармоягузорӣ дар давлатҳои алоҳида ва дахолати ҳадди ақали давлат ба раванди сармоягузорӣ хос аст.

Намунаи истифодаи бомуваффақи сармоягузории хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро метавон мисол овард, ки барои дурнамои рушди фаъолияти худ дар Стратегияи амал оид ба рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон вазифаи аввалиндараҷаи пешбурди сиёсати фаъолонаи сармоягузорӣ, ки навсозии техникӣ ва технологии истеҳсолот, татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтори саноатӣ, нақлиётӣ, коммуникатсия ва иҷтимоӣ нигаронида шудааст, пешбинӣ шудааст[21]. Татбиқи сиёсати самарабахши сармоягузорӣ дар амал аз бисёр омилҳо ва шароитҳои танзими ҷалб ва рушди сармоя, аз ҷумла сармоягузориҳои хориҷӣ вобаста аст. Бо дарназардошти нокифоя будани захираҳои дохилӣ барои сармоягузорӣ дар чунин барномаҳои бузурги рушди кишвар, сармоягузории ширкатҳои хориҷӣ ва қарзҳои бонкҳои онҳо як манбаи муҳим ба шумор меравад. Бо назардошти ин, ҳукумати Ӯзбекистон дар шароити афзояндаи рақобати байни кишварҳо дар бозори ҷаҳонии сармоягузорӣ барои фаъолона ҷалб намудани сармоя, бахусус, хориҷӣ ба соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар тамоми шароити заруририо фароҳам овардааст. Аз ҷумла, ҳукумат ҷиҳати содагардонии раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ чораҳои иловагӣ меандешад. Пул барои азназаргузаронии комплексии асосҳои техникию иктисодии лоиха 4 баробар кам карда шуд. Талабот оид ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ ва қарзӣ оид ба қарзҳои созмонҳои молиявии байналмилалӣ бекор карда шуд. Минбаъд як тартиби нав ва ҳам содашуда барои таҳия, санҷиш ва тасдиқи ҳуҷҷатҳо оид ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва инфрасохторӣ таҳия карда мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, инчунин, тамоюлҳои кунунии рушди сармоягузории минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун роҳнамои муфид барои баланд бардоштани самаранокии татбиқи сиёсати сармоягузорӣ дар асоси таҷрибаи мамлакатҳои гуногун, чунин пешниҳод мекунем:

- Стратегияҳои рушди сармоягузорӣ дар якҷоягӣ бо фаъолияти соҳибкории хурду миёна, ҳамоҳангсозии афзалиятҳои рушди минтақавӣ ба манфиатҳои гурӯҳи сармоягузорон ташаккул меёбад. Дар айни замон, дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти

сармоягузории хурд ва миёна маълумотҳои расмии Раёсати омори минтақа оид ба ҳолати молиявии онҳо маълумотҳо кофӣ дода намешавад. Ин боиси коста шудани сармоягузорӣ ба минтақа мегардад ва мо бояд фақат ба сармоягузориҳои калон не, балки ба сармоягузориҳои хурд ҳам диққат диҳем.

- Ҷалби воситаҳо дар раванди сармоягузории минтақавӣ тавассути олотҳои низоми молиявӣ ва низоми бонкӣ қулай аст. Дар айни замон, захираи бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар маблағгузории барномаҳои сармоягузорӣ мустақим ва ҳам тавассути қарздиҳӣ дар сатҳи паст истифода мешаванд. Мисли таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки бонкҳо ва олотҳои молиявӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ бояд фаъол карда шавад. Дар доираи татбиқи сиёсати инвеститсионӣ равона кардани саъю кушиш ва барқарор намудани робита бо сектори бонкӣ ва маблағгузории муштараки лоиҳаҳои сармоягузории бахши хусусӣ иштироки давлатро талаб мекунад.

- Тартиби додани субсидия ва дотатсияҳо барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз буҷети чумҳуриявӣ то сатҳи минтақавӣ минбаъд такмил меёбад. Ҳамчун воситаи татбиқи амалигардонии сиёсати сармоягузорӣ механизми "баробаргардонии" субсидияҳо муҳим ба назар мерасад, ки минтақаҳо метавонанд бо ихтиёри худ сарф кунанд (ин махсусан, барои ҳудудҳои сусттараққикарда ва дигар минтақаҳое, ки дар шароити душвори иқтисодӣ, табиӣ ва иқлимӣ ҷойгиранд, зарур аст).

- Такмили шаклҳои институтсионалӣ, ки тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар муқоисаи таҷрибаи Ҷопон) татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро (кластерҳо, марказҳои тадқиқотӣ, паркҳои технологӣ ва ғайра) таъмин мекунанд (дар муқоисаи таҷрибаи ИМА).

- Муайянсозии татбиқи ҳадафҳои сиёсати сармоягузорӣ дар сатҳи ҳудудҳои дар сатҳи таназзул қарордошта, на танҳо барои ба даст овардани дараҷаи зарурии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақа ва ҳаҷми сармоягузории фондҳои асосӣ ба ҳар сари аҳолӣ, балки барои ҳалли масъалаҳои бо кор таъмин намудани аҳолӣ ва ташкили инфрасохтори нав равона мегардад.

Ҳамин тавр, ҳангоми истифодаи бомуваффақияти таҷрибаи хориҷӣ дар татбиқи сиёсати сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ ва рушди сармоягузории худро баланд бардоранд, иқтидори сармоягузориро мувофиқи эҳтиёҷоти инфиродӣ амалӣ созанд, ки ин ба афзоиши устувори фаъолияти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати тараққиёти минтақаҳо мусоидат мекунад.

Бо татбиқи маҷмӯи тадбирҳо оид ба беҳтар намудани шароити ташкилию ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ бо дарназардошти таҷрибаи хориҷӣ минтақаҳо метавонанд самаранокии ҷалби сармоягузории хориҷиро баланд бардоранд.

## АДАБИЁТ

1. Ахмедова Л.А., Булатова У.Б. Оценка уровня инвестиционного потенциала в Северокавказскому федеральном округе / Л.А. Ахмедова, У.Б. Булатова // Экономика и предпринимательство. – 2016. – № 4–1 (69–1). – С. 300–304
2. Беликова К.М. Инвестиционная политика и стратегии привлечения инвестиций в Южной Корее: ретроспектива и современное состояние / К.М. Беликова // Проблемы экономики и юридической практики. – 2018. – №2. – С. 131-136
3. Булатова У.Б., Ахмедова Л.А. Модель экономики региона с учетом влияния макроэкономических тенденций на инвестиционную активность Республики Дагестан / У.Б. Булатова, Л.А. Ахмедова // Экономика и предпринимательство. – 2014. – № 11–2 (52–2). – С. 229–232
4. Ван Гуаншэн. Иностранный капитал в экономике КНР / Ван Гуаншэн // Международный журнал «Проблемы теории и практики управления». URL: http: // www.vasilievaa.narod.ru
5. Гаджиев Н.Г., Гумбатова С.И. Исследование государственного регулирования в аграрном секторе (зарубежный опыт) / Н.Г. Гаджиев, С.И. Гумбатова // Научный обозреватель. – 2016.

6. Гэлбрейт Дж. Новое индустриальное общество. / Дж. Гэлбрейт. – М.: ТРАНЗИТКНИГА, 2004.
7. Зюбан Е.В. Сравнительный анализ развития политики инвестиционной привлекательности на региональном уровне в России и за рубежом / Е.В. Зюбан // Ученые записки российской академии предпринимательства. – 2014. – № 38. – С. 62–71.
8. Инвестиционный климат в России: мнение иностранных инвесторов URL: http: // www.fiac.ru.
9. Китайское информационное агентство Синьхуа. URL: http: // www.russian.xinhuanet.com.
10. Кокушкина И.В. Региональные аспекты формирования инвестиционного климата и инвестиционной политики Китая // Проблемы современной экономики. 2014. № 2 (50). С. 305–308.
11. Кузнецов А.В. Особенности инвестиционной стратегии Японии и перспективы сотрудничества с Россией // Финансы: теория и практика. 2017. Т. 21. № 6. С. 108–117.
12. Ли Куан Ю. Сингапурская история: Из третьего мира – в первый. / Ю. Ли Куан. – М.: МГИМО, 2005. – 20 с.
13. Литвиненко В.А. Направления и механизмы государственной инвестиционной политики стабилизации и экономического роста / В.А. Литвиненко // Аудит и финансовый анализ. – 2009. – № 2. – С. 1–10.
14. Магомедова З.О., Аджиева Н.К. Основные направления инвестиционного и инновационного развития Республики Дагестан / З.О. Магомедова, Н.К. Аджиева // Научное обозрение. Сер. 1: Экономика и право. – 2011. – № 6. – С. 253–255
15. Навроцкая Н.А., Сопилко Н.Ю. Трансформация инвестиционно-производственного пространства как условие экономической интеграции / Н.А. Навроцкая, Н.Ю. Сопилко // Вопросы региональной экономики. – 2013. Т. 15. – № 2. – С. 63–69.
16. О состоянии и перспективах международных и внешнеэкономических связей Республики Дагестан. URL: http: // www.mid.ru/ru.
17. Рахимова Н.Ш., Исматов Х.Х. Вопросы инвестиционной превлекательности национальной экономики / Н.Ш. Рахимова, Х.Х. Исматов // В сборнике: XII Ломоносовские чтения. Материалы Международной научно-практической конференции, посвященной Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией. Душанбе, 2022. – С. 352-356.
18. Рахимова Н.Ш. Особенности и структура механизма реализации региональных инвестиционных проектов / Н.Ш. Рахимова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2019. № 1 (78). – С. 84-94
19. Таирова М.М., Рахматуллаева Ф.М. Условия формирования инновационной экономики / М.М. Таирова, Ф.М. Рахматуллаева // Наука 21 века: вопросы, гипотезы, ответы. – 2015. – № 1. – С. 115-118.
20. Точицкая И. Политика привлечения прямых иностранных инвестиций: обзор международного опыта и рекомендации для Беларуси. Аналитическая записка / И. Точицкая. Исследовательский центр ИМП. – Минск, 2009.
21. Указ Президента Республики Узбекистан «Стратегия действий по пяти приоритетным направлениям развития Республики Узбекистан в 2017-2021 годах» от 7 февраля 2017 года №УП-4947.
22. Япония: консервативный поворот / Рук. проекта Э. Молодякова. М.: АИРО-XXI, 2015
23. Foreign direct investments in China: some lessons for other countries // IME policy discussion paper / international monetary fund. – Washington D.C., 2012.
24. Электронный ресурс - https://datacatalog.worldbank.org
25. Электронный ресурс - https://iqdecision.com
26. The World Bank Group: Foreign Direct Investment [интернет ресурс] URL: https://data.worldbank.org

УДК 502.335, 502.37

**Рустамджони С.К., Ятимзаде Х.М.**

# ПЕРЕРАБОТКА ОТХОДОВ КАК ОДИН ИЗ ФАКТОРОВ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ

За последние 60 лет объем различных выбросов в мире увеличивался геометрической прогрессией. Это приводит к тому, что с каждым годом площадь свалок существенно увеличивается. В будущем такая ситуация может привести к катастрофической трагидии, не только нашу страну, но и всю планету. С этой точки зрения, каждая страна мира должна бороться с этим процессом как в объединенной, так и в индивидуальной форме. В случае правильного использования выбросов можно получить от этого огромный доход. В то же время этот процесс приведет к быстрому развитию зелёной экономики переход к зелёной страны.

**Ключевые слова**: зелёная экономика, зелёная страна, зелёная энергетика, отходы, переработка, производство, промышленность, загрязнение, рентабельность, пластиковые отходы, твердые отходы.

**Рустамджони С.К., Ятимзаде Х.М.**

# ИСТИФОДАБАРИИ ПАРТОБҲО ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ

Дар зарфи зиёда аз 60 соли охир ҳаҷми партобҳои гуногун дар ҷаҳон ба маротиб афзоиш ёфта истодааст. Ин боиси он градида истодааст, ки сол то сол масоҳати майдони партобгоҳҳо дар шакли назаррас зиёд мегарданд. Дар оянда ин ҳолат метавонад натанҳо кишвари моро балки тамоми сайёраро ба як ҳолати фавцулодавь дучор намояд. Аз ин лиҳоз ҳар як кишвари ҷаҳон ҳам дар шакли муттаҳиди ва ҳам дар шакли инфироди ба ин раванд бояд мубориза баранд. Дар ҳолати дуруст истифода намудани партобҳо метавонад аз он даромади зиёд ба даст оварда шавад. Ҳамзамон ин ҷараён боис мегардад, ки иқтисодиёти сабз босуръат ривоҷ ёбад.

**Калимаҳои калидӣ**: иқтисодиёти сабз, кишвари сабз, нерӯи сабз, партоб, боқимондаҳо, коркард, истеҳсол, саноат, ифлосгардии табиат, даромаднокӣ, партобҳои пластикӣ, партобҳои сахт.

**Рустамджони С.К., Ятимзаде Х.М.**

# THE USE OF EMISSIONS IS ONE OF THE FACTORS OF ENSURING THE DEVELOPMENT OF THE GREEN ECONOMY

Over the past 60 years, the volume of various emissions in the world has been increasing exponentially. This leads to the fact that every year the area of the landfills increases significantly. In the future, this situation may bring not only our country but the entire planet into a state of catastrophe. From this point of view, every country of the world should fight this process both in a united and individual form. In the case of proper use of emissions, you can get a lot of income from it. At the same time, this process will cause the green economy to develop rapidly.

**Keywords:** green economy, green country, green energy, emissions, residues, processing, production, industry, pollution, profitability, plastic waste, solid waste.

Сегодня в связи с быстро меняющейся ситуацией в современном мире, изменением климата и его последствиями, в том числе и засухой, необходимо использовать имеющийся потенциал и ресурсы для повышения устойчивости экономики Таджикистана к негативным воздействиям внешних факторов и обеспечения продовольственной безопасности страны. Важнейшими задачами в этом направлении являются устойчивое продолжение реализации конструктивных и созидательных планов, создание новых рабочих мест, привлечение всё больше отечественных и иностранных инвестиций, эффективное использование ресурсов и ряда других мер. Для этого нужно изучить, что необходимо для улучшения человеческой жизни.

Человечество само является единственным существом, который после себя оставляет отходы, и этим приносит убыток природе. Этой статьёй хотелось бы напомнить о факторах, которые могут изменить нашу жизнь и природу. Эффективно использовав эти факторы мы можем перерабатывать отходы, просветить Таджикистан как зеленную страну, а также получить доход.

Мусор – это неотъемная часть нашей повседневной жизни, который выбрасывается каждый день, огромное количество отходов, который не нужен для окружающей среды. Мировые статистические показатели говорят, что ежедневно один человек генерирует в среднем 1,2 кг мусора, который в год может достигать до 438 кг. Но в зависимости от региона этот коэффициент может быть больше или меньше. Например, согласно исследованиям Word watch institute в США этот показатель может достигать до 2 кг, а в странах Африки и Индии 0,5 кг [3]. К сожалению не весь мусор перерабатываются и большинство из них остаются в свалках Океанов. В мире перерабатывается только 13% мусора, большая част которых относиться к развитым странам.

Подсчитано, что человечество производит 2,24 миллиарда тонн твердых бытовых отходов ежегодно, из которых только 55 процентов утилизируются на контролируемых объектах. Ежегодно около 931 миллиона тонн продуктов питания теряется или выбрасывается, в водные экосистемы и в том числе до 14 миллионов тонн пластиковых отходов. Около 80 миллионов тонн пластиковых отходов выбрасывается в окружающую среду без надлежащего регулирования. По оценкам экспертов, к 2060 году ежегодное количество пластиковых отходов, загрязняющих окружающую среду, может увеличиться до 265 миллионов тонн[6].

В выводах нового доклада Программы ООН по окружающей среде (ЮНЕП) отмечается, что в настоящее время 85 процентов морских отходов — это пластиковые отходы. Эксперты предупреждают, что к 2040 году его объем в океане увеличится почти втрое, увеличившись с 23 до 37 миллионов тонн ежегодно. Это составит около 50 кг пластика на метр береговой линии по всему миру. Загрязнение морской среды и пластиковые отходы оказывают значительное влияние на мировую экономику. Глобальный экономический ущерб от загрязнения морской среды пластиком с точки зрения его воздействия на туризм, рыболовство и Аква культуру, а также затраты на очистку как минимум в 6–19 раз и в 2018 году, до 2040 году предприятия могут терять 100 миллиардов долларов США ежегодно[2].

Новый доклад ЮНЕП «От загрязнения к решениям: глобальная оценка морского мусора и пластика» был опубликован за 10 дней до начала 26-й конференции по изменению климата, в которой авторы исследования отмечают, что пластик способствует глобальному потеплению и что выбросы парниковых газов, связанных с пластиком, эквивалентны 1,7 гигатоннам эквивалента CO2 (GtCO2e) в 2015 году. По прогнозам, к 2050 году их выбросы вырастут примерно до 6,5 Гт CO2-экв[4].

Примерно 33 % из этих отходов являются органическими (пылевой остаток или садовый остаток), около 13 % это пластические, а остальные бумаги, стекло металлы и другие материалы. Хотелось напомнить, что наибольшее количество мусора производится в развитых странах как США (624 млн тонна в 2020), Китай (около 520 млн тонна в 2020) Германия (211 млн тонн в 2020 году), и в других развитых странах.

Для решения этих проблемы в первую очередь необходимо предпринять следующие меры.

1) Прежде всего нужно начинать из идеологических подходов и культуры выбрасывания мусора. Все люди говорят о проблеме мусора и отходов, но забывают о том, что кто их бросает или откуда оно появляется. Для этого нужно в первую очередь знать, как выбрасывать свой мусор, чтобы не приносить вред окружающей среде. Если нет этого подхода тогда, остальные факторы не могут быть полезны или эффективны.

2) Необходимо создавать инфраструктуру для выбрасывания или утилизации мусора. До тех пор, пока у человека есть потребности, всегда есть мусор или отходы. Поэтому создание инфраструктуры для утилизации мусора — необходимо.

3) Переработка мусора до готового продукта. Для перерабатывания мусора не нужен очень большой капитал. Если этого мы не выполним тогда культура утилизации мусора, и его инфраструктура будет не очень эффективна.

В связи с этим, в первую очередь надо начинать и понимать культуру выбрасывания мусора (начиная из дома, что мы загрязняем нашу планету). Сначала надо сортировать мусор дома, например, на органические (то что остаётся из остатков еды), пластиковые (пакеты разные, пластмассы, одноразовые продукты, изготовленные из пластика) и химические (батарея, аккумулятор, лампы и другие). Такими поступками мы помогаем не только себе, также помогаем работникам коммунальных служб и нашей природе.

Следующий шаг для первого этапа (то есть культура выбрасывания мусора) осознание людьми того, что почти от 30 до 50% используемых продуктов станет мусором. Поэтому нужно выбирать экологически чистые продукты или использовать многоразовые вещи. Нельзя забыть, что природные ресурсы восстанавливаются через 6 месяцев или больше. А люди выбрасывают мусор каждый день, который станет огромным неиспользованным веществом. Это проблема не только предприятия или какой-то развитой страны, но и каждого человека. У каждого человека есть потребности, человек, достигший 25 лет минимум выбрасывает 10 тонна мусор на природу.

Второй этап — это управление отходами и их превращение в доходы, а также инфраструктура для выбрасывания мусора. Для этого необходимо оставить два или три мусорных бака (на котором написано мусорный бак для чего-то): первый для органических отходов, второй бак сухой для неорганических – пластик, метал и другие. Необходимо в деревнях поставить два бака, а также ещё место для сельскохозяйственных отходов. Все предметы, особенно все пластиковое предметы, которые находятся в сухом баке можно перерабатывать (до 90%), а если всё выбрасывать смешано, то 70% невозможно перерабатывать или переработка станет очень трудным. [2]

Во многих странах в мусорных свалках ставят камеру, с помощью которых можно увидеть всех людей, которые приносят мусор и как они выбрасывают. Для этого необходимо объяснить людям и постоянно пропагандировать во всех СМИ. Если мы создадим такую инфраструктуру, мы не только поможем себе для достижения цели «из отходов сделать доход», а также сбалансируем зелёную природу в стране. К этому во многих странах уже готовят волонтёров для поддержания чистоты окружающей среды и регионов.

Например, в город, в котором живёт один миллион человек каждый день выбрасывается 1,2 млн кг мусора и в год это показатель достигнет до млн тонна, мусора. Следует отметить, что также две палочки батареи, загрязняет 1 $м^3$ земли. Поэтому особую вниманию надо обратить для утилизации батареи и аккумуляторов во всех больших городах и необходимо готовить место для их нейтрализованные.

Третий этап: переработка. Если не реализовать третий этап переработку (строить заводы, мини цех для переработки мусора), то тогда две предыдущие этапы не дадут результат. Потому. что около 17 процентов продуктов питания оказывается на помойке – и это при том, что 800 миллионов человек в мире недоедают.

Лишь 25 процентов всех электронных отходов подвергаются безопасной утилизации. И только 55 процентов твердых бытовых отходов утилизируется на контролируемых предприятиях – при этом их объемы продолжают расти с каждым годом. К 2050 году количество таких отходов может вырасти с 2,24 миллиарда тонн до 3,88 миллиарда тонн в год[5].

Всё, что можно переработать повторно относятся к вторсырью. Это понятие включает огромное количество наименований материалов, бытового, промышленного, крупногабаритного, строительного, автомобильного мусора и отходов жизнедеятельности. Его различают по нескольким основным критериям:

1. Органический (продукты жизнедеятельности живых организмов) и неорганический (в его составе отсутствует водород).
2. По агрегатному состоянию: твёрдый, жидкий, газообразный.
3. Категории опасности: токсичный или нетоксичный.
4. Типу образования: промышленный и бытовой.
5. Возможности обработки.

**Таблица 1.**

**Основные критерии распределения мусора по видам**

| № | Виды вторсырья | Наименование материалов и составляющих, входящих в данный вид | Наименование готовых продукты |
|---|---|---|---|
| 1. | Древесина | Ветви и листья деревьев, опилки, древесно-стружечные плиты, обрезки древесины | Их можно использовать (в случае созревания) как органическое удобрение для обрабатываемых полей, что повышает урожайность. При этом это экологически чистый и не содержащий химических элементов отход, не наносящий вреда здоровью человека. |
| 2. | Биологические отходы | Пищевые отходы, жиры, древесные отходы, макулатура, фекалии, трупы животных (только те, которые органы ветеринарного надзора допустили к переработке) | Органические отходы перерабатывают в компост с последующей переработкой в гумус. Его используют для удобрения в садоводстве и в сельском хозяйстве. Переработка биологических отходов осуществляется путем компостирования и перегнивания органического мусора, а полученный в результате компостирования газ можно в дальнейшем использовать для получения электроэнергии. |
| 3. | Полимеры | Пластиковые бутылки, мешки, сломанные пластиковые ведра и тазы, а также полиэтиленовая пленка, ПВХ изделия. | Пластиковые мелочи, от пишущих ручек и офисных дыроколов до кошачьих туалетов или новых бутылок взамен переработанных.<br>• Строительные материалы (черепицу, тротуарную плитку и т.д.).<br>• Сумки, чемоданы и рюкзаки, которые ничем не уступают изделиям из первичного сырья.<br>Спортивный инвентарь, велосипеды и пр.<br>• Баки для мусора.<br>• Пакеты, упаковочные материалы. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | • Одежду, обувь. Такие всем известные материалы, как полиэстер, синтепон и нейлон, изготавливают именно из переработанного пластика. Спортивные костюмы, куртки, футболки, кроссовки – это далеко не полный перечень предметов, производимых из использованных пластиковых бутылок.<br>• Мебель. Столы, стулья, скамейки из пластика больше не считаются непрактичными и не ассоциируются с дешевизной. Современные пластмассы качественны, прочны и долговечны, а изделия из них выглядят достаточно стильно и элегантно.<br>Дорожные покрытия. Пока идея создания дорог из пластиковых модулей находится на стадии разработки, но не исключено, что по прошествии нескольких лет экологичный и термостойкий пластик сможет составить достойную конкуренцию обычному асфальту. |
| 4. | Строительные отходы | Кирпич, бетон, старые обои, железобетон | Из вторичного сырья изготовляют широкий ассортимент изделий, которые в дальнейшем могут прослужить не один год. Так, из битого стекла можно изготовить новую вазу или стекловату. Из ненужных газет и картона – произвести полезную в быту туалетную бумагу, а из биологических отходов: компост и удобрения для растений. |
| 5. | Текстиль | Спецодежда, постельное белье, скатерти, покрывала, шторы, лоскутки материи, обреки тканей. Все подобные изделия, которые образуются вследствие брака или изношенности на предприятиях, в домашнем хозяйстве, производствах. | |
| 6. | Макулатура | Бумаги, картон, бумажные мешки, книги, журналы (кроме глянцевых), упаковочная бумага, шпагат | Разны бумаги, особенно туалетная бумага |
| 7. | Стекло | Бутылки, банки, стеклобой, пробирки | После переплавки, стеклянную массу снова превращают в готовую стеклянную тару. |
| 8. | Металлолом | Лом различных сплавов: алюминиевый, медный, титановый и свинцовый, а также отходы обрабатывающих | Металлолом перед непосредственной переработкой сортируется по виду металла. Затем удаляют грязь и различные примеси, если они присутствуют. Крупные куски металла режут с помощью |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | производств (стальная стружка, обрежки) | специального электроинструмента и отправляют на переплавку. Цветные металлы извлекают из микросхем, радиодеталей, процессоров. |
| 9. | Химикаты | Кислота, щелочные и органические элементы | |
| 10. | Нефтепродукты | Асфальт, битум, мазут, гудрон | Можно его перерабатывать и использовать его вторично |
| 11. | Электроника | Электроприборы, их платы, провода, флешки, компьютерные и телефонные чипы, бытовая техника | |
| 12. | Резина | Автомобильные шины, покрышки, манжеты, РТИ | Можно его перерабатывать и использовать его вторично |
| 13 | Сточные воды | Сточные воды из производительных предприятий | |

**Источник:** Составлено автором на основе данных (promusor.info) .

Современные методы переработки различных отходов не только помогают сберечь природные ресурсы, но и позволяют получить значительную экономическую выгоду для общества в целом. Поэтому следует развивать экологическую культуру и пропагандировать правильные методы сбора вторичного сырья среди населения.

Для всего этого в 2008 году Организация Объединенных Наций объявила об Инициативе «зеленой» экономики (Green Economy Initiative), целью, которой является содействие правительствам различных стран изменить свою экономическую политику, выдвигая приоритеты использования экологически чистых технологий, возобновляемых источников энергии и услуг в области водоснабжения и экологически чистого транспорта, необходимости управления отходами, строительства «зеленых» зданий, устойчивого развития сельского хозяйства и т.д.

С внедрением «зеленой» экономики Таджикистан может стать мировым лидером по использованию возобновляемых источников энергии (солнечная, ветровая и др.), стать экспортером экологически чистой (органической) сельскохозяйственной продукции и одной из стран с наименьшим уровнем выбросов парниковых газов (углерода) и развитого экологического туризма.

Следует отметить, что уровень роста, необрабатываемого мусора, может негативно повлиять на развитие экономики. При этом, переработка отходов и доступ к вторичной переработке составило всего -0,5 процентов.

**Проблемы сектора**

Стоит отметить, что миллионы людей в мире работают в сфере переработки выбросов и тысячи других людей открыли собственный бизнес. Например, только в Российской Федерации в этой сфере работают 4,2 тыс. людей. Еще 1,25 миллиона человек заняты в обрабатывающей промышленности США[1]. На территории Республики Таджикистан имеется более 80 полигонов твердых бытовых отходов, их общая площадь составляет 372,7 га. В среднем по стране ежегодно образуется 2689,8 тысяч квадратных метров твердых бытовых отходов.

В нашей стране общая система сбора, переработки и утилизации отходов не развита на должном уровне. В этом процессе важно стимулировать и из разных источников финансировать инновационные технологии утилизации и повторного использования отходов для создания добавленной стоимости, которые решают следующиее проблемы:

- отходы практически не сортируются, а их транспортировка и переработка не соответствуют стандартам;

- отсутствие единой системы сбора твердых бытовых и промышленных отходов в большинстве городов и районах;

- недостаточный уровень государственного стимулирования и коммерциализации процесса переработки и повторного использования отходов.

Основные цели сектора, прежде всего значительное сокращение количества отходов, с принятием мер по их предотвращению, сокращению, переработке и повторному использованию (ЦУР-12.5). Во-вторых, широко внедрить процесс «зеленой» экономики в систему управления отходами. В третьих, нужно внедрение системы государственного стимулирования и коммерциализации процесса переработки и повторного использования отходов. Коммерциализация сектора переработки отходов в стране приведёт к ожидаемым результатам в этой области, если широко будет внедряться государственное стимулирование утилизации и повторного использования отходов в различных отраслях.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Охистамох Вафобек. Пластиковые отходы: предотвращается их воздействие на окружающую среду. Журнал «Окружающая среда и развитие». По теме Жизнь без пластика приятна. С. 15. С. 35.

2. Рустамҷони С.Қ. Сомонаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон //номи макола[Сарчашмаи электрони, линк].

3. Из отходов сделать доходы: технологический подход к утилизации - Российское Общество «Знание» (znanierussia.ru).

4.Новости веб - сайта Организации Объединенных Наций https://news.un.org/ru/story/2021/10/1412272

5. Сайт интернета https://plus-one.ru/ecology/2022/02/28/ezhegodnye-othody-plastika-vesyat-stolko-zhe-skolko-naselenie-zemli

6. https://plus-one.ru/ecology/2022/02/28/ezhegodnye-othody-plastika-vesyat-stolko-zhe-skolko-naselenie-zemli.

**УДК 336.12 (575.3)**

**Сабурзода Ф.М.**

## НАҚШИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАНЗИМИ МОЛИЯВИИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба буҷети давлатӣ ҳамчун механизми асосии танзими молиявии иқтисодиёт пешниҳодҳои илмиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаян гардид, ки буҷети давлатӣ дар шароити муосир на танҳо як ҳисобномаи хароҷот ва даромад, балки воситаи стратегӣ барои таъмини рушди устувор ва баробарии иҷтимоӣ мебошад. Он ба тақсимоти дурусти манбаъҳои молиявӣ байни соҳаҳо ва минтақаҳо, коҳиш додани нобаробарии иқтисодӣ ва таъмини сиёсати иқтисодии давлат мусоидат мекунад. Буҷети давлатӣ ҳамчун механизм барои муайян кардани аҳамияти силсилаи тадбирҳои давлат барои рушди иқтисодиёт ва таъмини устуворӣ истифода мешавад.

**Вожаҳои калидӣ:** буҷети давлатӣ, танзими молиявӣ, танзими давлатии иқтисодиёт, рушди устувори иқтисодӣ, даромади буҷети давлатӣ, хароҷоти буҷети давлатӣ, захираҳои молиявӣ ва механизмҳои танзими молиявӣ.

**Сабурзода Ф.М.**

**РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА В ФИНАНСОВОМ РЕГУЛИРОВАНИИ ЭКОНОМИКИ**

В данной статье автор рассмотрел научные предложения о государственном бюджете как основном механизме финансового регулирования экономики. Установлено, что государственный бюджет в современных условиях является не только расчетом расходов и доходов, но и стратегическим инструментом обеспечения устойчивого развития и социального равенства. Это способствует правильному распределению финансовых ресурсов между отраслями и регионами, снижению экономического неравенства и обеспечению экономической политики государства. Государственный бюджет используется как механизм определения важности ряда государственных мер для развития экономики и обеспечения стабильности.

**Ключевые слова:** государственный бюджет, финансовое регулирование, государственное регулирование экономики, устойчивое экономическое развитие, доходы государственного бюджета, расходы государственного бюджета, финансовые ресурсы и механизмы финансового регулирования.

**Saburzoda F.M.**

**THE ROLE OF THE STATE BUDGET IN FINANCIAL REGULATION OF THE ECONOMY**

In this article, the author examined scientific proposals on the state budget as the main mechanism of financial regulation of the economy. It was established that the state budget in modern conditions is not only a calculation of expenses and incomes, but also a strategic instrument for ensuring sustainable development and social equality. This contributes to the correct distribution of financial resources between industries and regions, reducing economic inequality and ensuring the economic policy of the state. The state budget is used as a mechanism for determining the importance of a number of state measures for economic development and ensuring stability.

**Key words:** state budget, financial regulation, state regulation of the economy, sustainable economic development, state budget revenues, state budget expenditures, financial resources and financial regulation mechanisms.

Иқтисодиёти муосир ба низоми молиявии ҷаҳонӣ торафт бештар ворид мешавад, ки ин боиси афзоиши вобастагии байниҳамдигарии иқтисодиёти миллӣ мегардад.

Танзими давлатии молиявӣ ба дараҷаи зиндагии аҳолӣ, баробарии имкониятҳо ва адолати иқтисодӣ бевосита таъсир мерасонад. Дар шароити афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ ва мушкилоти иқтисодӣ (масалан, бекорӣ, таваррум, камбизоатӣ) вазифаҳои танзими молиявӣ барои нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ, ҳифзи истеъмолкунандагон ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ муҳимият пайдо мекунанд. Дар ин замина нақши танзим дар таъмини рушди мутаносиб ва одилонаи иқтисодиёти кишвар махсусан муҳим мегардад. Буҳрони ҷаҳонии соли 2008 ё бӯҳроне, ки дар натиҷаи пандемияи COVID-19 ба вуҷуд омадааст, нишон медиҳад, ки то чӣ андоза муҳим будани механизмҳои муассири танзими давлатии молиявӣ барои коҳиш додани оқибатҳои ин бӯҳронҳо муҳим аст.

Бояд қайд намуд, ки танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи тадбирҳо ва сиёсатест, ки ба эътидол, рушд ва ҳифзи низоми молиявии кишвар нигаронида шудааст. Он ҳам ҷанбаҳои дохилӣ (иқтисодӣ, қонунгузорӣ, институтсионалӣ) ва ҳам берунӣ (созишномаҳо ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ) - ро фаро мегирад. Марҳилаи кунунии рушди иқтисоди бозорӣ дар кишварҳои гуногун бо дахолати фаъоли давлат ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хос аст, аз сабаби маҳдуд будани имконияти истифодаи усулҳои маъмурӣ, молия воситаи бештар истифодашавандаи иқтисодӣ мебошад. Аз ин рӯ, субъекти асосии танзими молиявӣ давлат ба ҳисоб меравад [3, с.80].

Мавриди зикр аст, ки яке аз механизмҳои асосии танзими молиявии давлатӣ ин буҷети давлатӣ ба шумор меравад. Омӯзиши он ҳамчун механизми асосии танзими молиявии иқтисодиёт бе баррасии худи мафҳуми "буҷети давлатӣ" ғайриимкон аст. Вобаста ба ин мафҳуми "буҷети давлатӣ" дар моддаи 2-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" чунин шарҳ дода шудааст: "фонди асосии маблағҳои пулӣ, шакли ташаккул ва хароҷоти маблағҳои пулии мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва фондҳои мақсадноки буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад" [1, с.1]. Дар заминаи таҳқиқотҳои илмӣ маълум гардид, ки аксарияти муаллифон мафҳуми буҷети давлатиро ҳамчун "... нақшаи асосии давлат, ки дар он манбаҳои даромад ва самтҳои хароҷоти давлат барои вақти муайян (одатан барои як сол) таҳия шудааст", шарҳу тавсиф менамоянд.

Таъсири буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва молиявӣ хело назаррас мебошад, ки ин боиси афзоиши таваҷҷӯҳ ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ мегардад. Вобаста ба ин, омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва татбиқи буҷети давлатӣ ҳамчун воситаи танзими иқтисодиёт барои қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ муҳим ба ҳисоб мераванд.

Таҷрибаи имрӯзаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки буҷети давлатӣ ҳамчун воситаи танзими молиявӣ, унсури муҳими низоми молиявӣ буда, барои идоракунии иқтисодиёти кишвар, азнавтақсимкунии захираҳо ва ноил шудан ба ҳадафҳои иқтисодию иҷтимоӣ истифода мешавад. Он нақшаи даромад ва хароҷоти давлатро барои давраи муайян, одатан як сол ифода мекунад ва ҳамчун татбиқгари асосии сиёсати фискалӣ хизмат мекунад. Буҷети давлатӣ воситаи муҳим барои амалӣ кардани танзими молиявии рушди иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад. Он ба сиёсати иқтисодӣ таъсири назаррас мерасонад ва ҳамзамон барои рушди иқтисоди миллӣ, мубориза бо таваррум, баробарии иҷтимоӣ ва рушди соҳаҳои асосӣ кӯмак мекунад. Аммо, барои натиҷаҳои босамар бояд касри буҷети давлатӣ то андозае пешгирӣ карда шавад ва дар баробари ин самаранокии истифодаи маблағҳоро назорат кардан лозим мебошад. Буҷети давлатӣ ҳамчун воситаи танзими молиявӣ шаффофият, масъулият ва суботи сиёсиро барои бомуваффақият амалӣ намудани сиёсати молиявии давлат талаб мекунад. Маҳз, ба воситаи захираҳои молиявии давлат молиякунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт амалӣ гардида, фондҳои эҳтиётӣ ва захиравӣ барои мақсадҳои муайян ташкил карда мешаванд ва ҳамзамон ин захираҳои молиявӣ барои рушди иқтисоди миллии мамлакат ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум дар натиҷаи амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ равона мегарданд [4, с.348].

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ буҷети давлатӣ ҳамчун нақшаи молиявӣ тавсиф мекунад, ки чӣ гуна давлат барои иҷрои вазифаҳои худ маблағ ҷамъ мекунад ва сарф мекунад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун кишвари рӯ ба инкишоф аст, буҷети давлатӣ вазифаҳои асосии зеринро иҷро мекунад:

**1.Вазифаи захиравӣ:** Буҷети давлатӣ воситаи асосии тақсимоти захираҳои миллӣ мебошад. Тавассути буҷет, давлат маблағҳоро ҷамъ мекунад ва сипас онҳоро барои иҷрои ҳадафҳои муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона мекунад. Он барои маблағгузории бахшҳои асосии иқтисодиёт, аз қабили мудофиа, маориф, тандурустӣ, варзиш, фарҳанг, энергетика, нақлиёт ва кишоварзӣ истифода мешавад.

**2. Вазифаи танзимкунанда:** Дар шароити имрӯза буҷети давлатӣ тавассути тағйирот дар меъёрҳои андозҳо, хароҷоти давлатӣ, барномаҳои молиявӣ ва тақсимоти маблағҳо байни соҳаҳо таъсир мерасонад. Буҷети давлатӣ имконият медиҳад, ки ҷараёни пулро дар иқтисодиёт самаранок сарф намуда, онҳоро ба эҳтиёҷҳои аҳолӣ ва бахши тиҷорат истифода намоем.

**3.Вазифаи иҷтимоӣ:** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети давлатӣ имрӯзҳо хусусияти иҷтиомиро доро мебошад, чунки қисми зиёди маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ ба монанди хизматрасониҳои тиббӣ, таҳсилот, нафақахӯрон ва кӯмак ба оилаҳои серфарзанд бевосита аз ҳисоби он сурат мегирад. Ин ба беҳтар шудани сифати зиндагии шаҳрвандон ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ мусоидат мекунад. Қисми маблағҳои буҷетӣ инчунин ба дастгирии категорияҳои осебпазири шаҳрвандон, аз қабили маъюбон, пиронсолон ва маблағгузории имтиёзҳо ва субсидияҳои иҷтимоӣ равона карда мешаванд.

**4. Вазифаи ҳавасмандкунанда:** Буҷети давлатӣ ба рушди иқтисодиёт тавассути субсидияҳо, имтиёзҳои андозӣ ва сармоягузорӣ кӯмак мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ хароҷоти давлатӣ барои ҳавасманд кардани талабот, нигоҳ доштани шуғл ва рушди иқтисодӣ истифода мешавад. Даромадҳои буҷети давлатӣ барои маблағгузории хароҷоти давлатӣ, рушди иқтисодиёт, дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ хело муҳим мебошанд. Қисми даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи ҳамаи даромадҳои молиявӣ ба хазинаи давлатӣ мебошанд, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун махсусан андозҳо ба вуҷуд меоянд. Имконияти давлат барои маблағгузории ӯҳдадориҳои худ аз самаранокии низоми ҷамъоварии маблағҳо вобаста мебошад.

Даромадҳои буҷети давлатӣ - ин захираҳои марказии молиявии давлат мебошанд, ки бо санадҳои меъёрӣ танзим карда мешаванд ва барои иҷрои вазифаҳои давлат истифода карда мешаванд. Он муносибатҳои иқтисодии байни давлат бо ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва шаҳрвандонро, ки дар раванди пардохтҳои буҷетӣ пайдо мешаванд, инъикос менамоянд. [2, с.456].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори даромади буҷети давлатӣ гуногун буда, аз сарчашмаҳои гуногун, аз қабили андозҳо, даромад аз савдои хориҷӣ, захираҳои табиӣ, қарзҳо ва грантҳои байналмилалӣ, инчунин даромад аз истифодаи амволи давлатӣ иборат мебошад.

Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки даромадҳои буҷети давлатӣ низ муҳимтарин қисмати буҷети давлатӣ мебошанд. Онҳо ба давлат имконият медиҳанд, ки фаъолияти худро маблағгузорӣ кунад, равандҳои иқтисодиро танзим кунад, захираҳоро аз нав тақсим кунад ва дар маҷмӯъ рушди иқтисодиро ҳавасманд гардонад. Аммо барои он ки даромадҳои буҷети давлатӣ нақши худро босамар иҷро кунанд, низоми одилона ва самараноки андозро таъмин намудан лозим аст. Ҳамзамон масъалаҳои дуруст ҷудо кардани маблағҳоро барои рушди устувори соҳаҳои асосии иқтисодиёт ва сарбории аз ҳад зиёди андозҳоро пешгири намудан лозим аст. Идоракунии дурусти даромадҳои буҷети давлатӣ ба суботи иқтисодӣ, баробарии иҷтимоӣ ва рушди дарозмуддати кишвар мусоидат мекунад (ниг. ба ҷадвали №1).

**Ҷадвали 1. Динамикаи даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2023 (иҷроиши аслӣ бо млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | 2023/2020 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| **Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ** | **25064,9** | **30053,8** | **36056,8** | **43903,4** | **1,7** |
| Даромадҳои ҷорӣ ва грантҳо | 18414,9 | 21508,0 | 25263,7 | 28644,6 | **1,5** |
| **Воридоти андозҳо** | **15366,5** | **19669,5** | **21824,2** | **25769,1** | **1,6** |
| -андоз аз даромад ва андоз аз фоида | 3575,6 | 4712,7 | 5906,1 | 6861,2 | **1,9** |
| -андоз аз даромад | 1878,1 | 2345,2 | 2856,9 | 3341,1 | **1,7** |
| -андоз аз фоида | 1697,4 | 2336,6 | 3049,2 | 3520,0 | **2,0** |
| -андозҳои иҷтимоӣ | 1686,8 | 2037,2 | 2001,0 | 2257,1 | **1,3** |
| -андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замин | 374,2 | 456,9 | 869,5 | 1015,3 | **2,7** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| аз ҷумла: андоз аз замин | 56,4 | 69,2 | 113,9 | 121,4 | **2,1** |
| андоз аз арзиши иловашуда | 6393,1 | 8215,9 | 8949,0 | 10619,6 | **1,6** |
| аксизҳо | 621,0 | 745,2 | 902,0 | 1253,7 | **2,0** |
| -дигар даромадҳои берунӣ барои савдо ва амалиётхо | 701,4 | 907,4 | 1092,9 | 1547,5 | **2,2** |
| -андозҳои дигари дохилӣ ва пардохтҳо аз молу хизматрасониҳо | 331,5 | 389,5 | 188,0 | 220,8 | **0,6** |
| **Воридоти ғайриандозӣ** | **1895,4** | **1601,2** | **2418,5** | **2333,2** | **1,2** |
| -воридот аз моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ | 297,0 | 313,2 | 477,9 | 465,3 | **1,5** |
| -дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет | 237,9 | 310,2 | 421,1 | 590,7 | **2,4** |
| -ҷаримаҳо ва муҷозотҳо (санксияҳо) | 210,7 | 278,0 | 304,0 | 356,0 | **1,6** |
| -воридоти дигари ғайриандозӣ ва пардохтҳои маъмурӣ | 459,2 | 628,1 | 648,2 | 728,3 | **1,5** |
| Даромад аз сармоя | 690,3 | 68,4 | 567,1 | 192,8 | **0,2** |
| Грантҳо | 1150,7 | 237,2 | 1020,9 | 542,2 | **0,4** |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин тартиб ва ҳисоб карда шудааст: Молия Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе: АОНПҶТ, 2024с. С. 15-21.

Динамикаи даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2023 нишон медиҳад, ки онҳо дар ин давраи таҳлилӣ (2020-2023) афзоиш ёфтаанд. Масалан, даромади умумии буҷети давлатӣ дар соли 2020 25064,9 млн. сомонӣ буд, ки дар соли 2023 ба 43903,4 млн. сомонӣ расидааст, ки ин 1,7 маротиба зиёд шудааст. Даромадҳои ҷорӣ ва грантҳо бошанд, дар солҳои таҳлилӣ низ мутаносибан аз 18414,9 млн. сомонӣ ба 28644,6 млн. сомонӣ омада расидаанд ва ё 1,5 маротиба афзоиш ёфтаанд.

Муриди зикр аст, ки дар танзими молиявии давлат даромадҳои андози нақши асосиро мебозанд. Маълум аст, ки манбаи асосии даромади буҷети давлатиро андозҳо таъмин мекунанд. Ин маблағҳо барои маблағгузории эҳтиёҷоти давлатӣ, аз қабили тандурустӣ, маориф, инфрасохтор ва мудофиа истифода мешаванд. Тавассути андоз давлат суботи макроиқтисодиро танзим мекунад, тавваррумро назорат мекунад ва рушди иқтисодиро ҳавасманд мекунад. Ҳамин аст, ки воридотҳои андозӣ дар солҳои 2020-2023 афзоиш ёфта, аз 15366,5 миллион сомонӣ дар соли 2020 ба 25769,1 миллион сомонӣ дар соли 2023 расидааст, ки ин 1,6 маротиба зиёдшавиро дар давраи таҳлилӣ (2020-2023) нишон медиҳад. Воридотҳои ғайриандози низ тибқи нишондиҳандаҳои ҷадвали зерин мутаносибан рӯ ба афзоиш овардаанд. (диаграммаи 1).

**Диаграмаи № 1. Динамикаи даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2023 (млн.сомонӣ)**




**Сарчашма:** Молия Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе: АОНПҶТ, 2024с. С. 15-21.

Вобаста ба ин бояд қайд кард, ки андозҳо воситаи асосии танзими молиявии давлат буда, ба суботи иқтисодӣ, баробарии иҷтимоӣ ва рушди устувор таъсир мерасонанд.

Дар баробари қисми даромади буҷети давлатӣ бояд зикр кард, ки хароҷоти буҷети давлатӣ низ яке фишанги асоси дар танзими молиявии давлат ба шумор меравад ва нақши муҳимро низ дар ин раванд дорост. Яке аз вазифаҳои асосии хароҷотҳои давлатӣ ин аз нав тақсим кардани захираҳо дар байни соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт мебошад. Ин пеш аз ҳама ба давлат имкон медиҳад, ки маблағҳоро ба соҳаҳои афзалиятнок, равона кунад. Вобаста ба ин яке аз вазифаҳои муҳими буҷети давлатӣ таъмини суботи иҷтимоӣ мебошад. Хароҷоти иҷтимоӣ, ба монанди кӯмакпулиҳо, нафақа, маблағгузории соҳаҳои маориф ва тандурустӣ барои таъмини эҳтиёҷоти асосии мардум ва сатҳи зиндагии шаҳрвандон, бахусус дар давраи бӯҳрон ё тағйироти бозори меҳнат хело муҳим арзёбӣ мешаванд.

Бояд қайд кард, ки аз тарафи дигар, зиёд кардани хароҷоти давлатӣ бидуни назорати дуруст метавонад боиси таваррум ё касри буҷет гардад. Вобаста ба ин ба андешаи мо хароҷоти буҷети давлатӣ бевосита ба танзими молиявӣ таъсир мерасонад, зеро давлат стандартҳо ва механизмҳои назорати истифодаи маблағҳоро муқаррар мекунад. Тақсимоти самараноки буҷет ба нигоҳ доштани суботи молиявӣ мусоидат мекунад ва ислоҳот дар сиёсати хароҷот метавонад барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддати иқтисодӣ истифода шавад. Аз ин лиҳоз, хароҷоти буҷети давлатӣ воситаи муҳими танзими молиявӣ дар шароити имрӯза ба ҳисоб меравад.

Хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз афзалиятҳои сиёсати кишварро инъикос менамояд. Ин хароҷот ба дастгирии рушди иқтисодӣ, таъмини суботи иҷтимоӣ, беҳтар кардани сифати зиндагии шаҳрвандон ва рушди инфрасохтор равона карда шудааст. Дар шароити маҳдудияти захираҳо ва вобастагии зиёд аз кӯмаки молиявии беруна, хароҷотҳои буҷети давлатӣ бояд назорат карда шаванд ва ба ҳалли вазифаҳои муҳимтарин равона карда шаванд.

Мавриди зикр аст, ки соҳаи иҷтимоӣ чун анъана яке аз самтҳои асосии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар шароити имрӯза барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ ҳиссаи назарраси буҷети давлатӣ ба дастгирии аҳолӣ дар соҳаҳое, ба монанди тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, нафақа ва кӯмакпулиҳо равона карда мешавад. Ҳамин тариқ бояд зикр кард, ки хароҷотҳои буҷети давлатӣ ҳам ба соҳаҳои иқтисоди ва ҳам ичтимоӣ дар давраи таҳлилӣ рӯ ба афзоиш овардаанд (ба ҷадвали № 2, диаграммаҳои 2 ва 3 нигаред).

**Ҷадвали 2. Динамикаи хароҷотҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020 – 2023 (иҷроиши аслӣ бо млн. сомонӣ)**

| Хароҷот | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2023/2020 маротиба** |
| Хароҷот – ҳамагӣ | **24812,5** | **29342,7** | **35338,8** | **43034,8** | **1,7** |
| Бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ | 1380,0 | 1947,7 | 1941,3 | 2284,7 | **1,6** |
| Хароҷотҳо ба соҳаҳои иҷтимоӣ | **13166,6** | **15135,6** | **16277,2** | **18725,2** | **1,4** |
| Маориф | 4311,4 | 5259,9 | 6240,8 | 7108,5 | **1,6** |
| Тандурустӣ | 2583,1 | 2850,1 | 2618,0 | 3277,4 | **1,2** |
| Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 3865,9 | 4193,5 | 4582,0 | 4625,3 | **1,2** |
| ХМК, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал | 1419,1 | 1669,7 | 1758,3 | 2242,4 | **1,5** |
| Фарҳанг ва варзиш | 987,1 | 1162,4 | 1078,1 | 1471,6 | **1,4** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷотҳо ба соҳаҳои хоҷагидорӣ-иқтисодӣ | **7010,7** | **7311,8** | **10422,7** | **13465,2** | **1,9** |
| Комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ | 4976,5 | 4647,9 | 6511,2 | 7270,2 | **1,4** |
| Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор | 612,9 | 662,4 | 1027,5 | 1634,9 | **2,6** |
| Саноат ва сохтмон | 171,5 | 239,4 | 287,1 | 465,8 | **2,7** |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 1025,7 | 1714,5 | 2396,9 | 3973,4 | **3,8** |
| Фаъолияти дигари корхои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ | 224,1 | 47,6 | 200,0 | 120,9 | **0,5** |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин тартиб ва ҳисоб карда шудааст: Молия Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ.-Душанбе: АОНПҶТ, 2024с. С. 16-22.

Аз ҷадвали боло маълум шуд, ки хароҷоти буҷети давлатӣ дар давраи таҳлилӣ (2020-2023) афзоиш ёфтааст. Агар дар соли 2020 ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 24812,5 млн. сомонӣ бошад, пас дар соли 2023 ин рақам ба 43034,8 млн. сомонӣ расида, ки ин 1,7 маротиба зиёд гардидааст. Маблағгузорӣ ба соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ дар ин давраи таҳлилӣ (2020-2023) афзоиш ёфтааст, хароҷот ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 13166,6 млн. сомонӣ дар соли 2020 ба 18725,2 млн. сомонӣ дар соли 2023 расидааст, ки ин 1,4 маротиба зиёдшавиро нишон медиҳад.

Маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф мутаносибан 1,6 маротиба, ба соҳаи тандурусти 1,2 маротиба, ба соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 1,2 маротиба ба соҳаи ХМК, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал 1,5 маротиба ва ба соҳаи фарҳанг ва варзиш бошад 1,4 маротиба маблағгузори афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳандаҳои хуб арзёбӣ мешаванд. Сохтори маблағгузори ба соҳаҳои ичтимоӣ дар диаграммаи № 2 инъикоси худро ёфтаанд.

**Диаграммаи № 2. Сохтори маблағгузории хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ дар соли 2023, (бо ифодаи %).**




**Сарчашма:** Молияи Тоҷикистон: // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: АОНПҶТ, 2024. С. – 26.

Аз диаграммаи №2 мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар соли таҳлилии 2023 маблағгузории бештар ба соҳаи маориф 16,5 фоиз гардидааст. Ҳамзамон ба соҳаҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 10,7 фоиз ва тандурустӣ мутаносибан 7,6 фоиз ба ХМК, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал 5,2 фоиз ва ба Фарҳанг ва варзиш бошад 3,4 фоиз маблағгузори гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки маблағгузорӣ ба соҳаҳои иқтисодӣ низ дар давраи таҳлилӣ зиёд гардидаанд. Масалан агар ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба ин соҳаҳо дар соли 2020, 7010,7 млн. сомониро ташкил дода бошад, вале ин рақам дар соли 2023 ба 13465,2 млн. сомонӣ омада расидааст ё 1,9 маротиба дар маҷмӯъ афзудааст.

Қобили тазаккур аст, ки ба соҳаи комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ мутаносибан 1,4 маротиба, ба соҳаи саноат ва сохтмон 2,6 маротиба, ба соҳаи кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор 3,6 маротиба ва ба соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия 3,8 маротиба дар давраи таҳлилӣ (2020-2023) афзудааст. Сохтори маблағгузорӣ ба соҳаҳои иқтисодӣ дар диаграммаи №3 инъикоси худро ёфтаанд.

**Диаграммаи № 3. Сохтори маблағгузории хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иқтисодӣ дар соли 2023, ( бо ифодаи %).**




**Сарчашма:** Молияи Тоҷикистон: // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: АОНПҶТ, 2024. С. – 26.

Нишондиҳандаҳои диаграммаи №3 аз он шаҳодат медиҳанд, ки маблағгузори дар соҳаҳои иқтисодӣ бештар ба соҳаи комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ (16,9) % гардидааст. Ҳамин тариқ, ба андешаи мо хароҷоти давлат ба иқтисодиёт таъсири дутарафа дорад. Оқилона ва самаранок истифодабарии онҳо ба рушди иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунанд, аммо афзоиши аз ҳад зиёди онҳо бидуни назорати дуруст метавонад боиси мушкилоти молиявӣ гардад. Идоракунии самараноки хароҷот ва қарз калиди бомуваффақияти сиёсати фискалӣ ва танзими иқтисодӣ мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ва таҳлилӣ амиқ, метавон хулоса кард, ки буҷети давлатӣ воқеан ҳам яке аз механизмҳои асосии танзими молиявии давлат ба ҳисоб меравад.

## АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.ш. Душанбе, 2016 с.
2. Артемов А. Модернизация государственного управления экономикой / А. Артемов, А. Брыкин, В. Шумаев // Экономист. - 2008. -№2. -С.3-14.
3. Икромов Ф.Н. Танзими давлатии фаъолияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Н. Икромов, Сабурзода Ф.М // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбн, 2020. -№10. – қ.1. -С.76-80.
4. Сабурзода Ф.М. Ҳолати муосири танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, 2022. - №11. С.80-87.

**УДК 330.15, 332.144**

**Садриддинов М.И., Пираков Р.М., Расулов С. Ғ.**

# АСОСҲОИ УСЛУБИИ ТАШАККУЛИ СОХТОРИ НАВИ ФАЗОИИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБ

Дар мақолаи илмӣ ҷанбаҳои гуногуни назариявӣ ва амалии усулҳои ташаккулёбии фазои нави сохтории дараҷаи истифодаи самаранокии захираҳои табиӣ, махсусан обӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Махсусан қайд мегардад, ки муҳиммият ва мавқеи интихоби усули

арзёбии таъсири захираҳои табиӣ дар шакли интихоби соҳаи алоҳида (гидроэнергетика), ки он ҳамчун пешбарандаи рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ баромад менамоям. Диққати асоси ба ҷанбаҳои иқтисодиёти фазоӣ ҳамчун самти таҳқиқи самаранокии истифодаи захираҳои обӣ дода мешавад. Сохтори иқтисодиёти фазоӣ нисбати мафҳуми иқтисодиёти минтақавӣ васеътар буда, вобаста аз таъсири захираҳои иқтисодӣ метавонад сохтори он дигаргун шавад. Дар ин гуна шароит зарур аст, ки кадом намуди захира ва чӣ гуна истифода бурда мешавад (вобаста аз ҷойгиршавии захираи табиӣ) ва ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ чӣ гуна таъсири бевоситаи худро мерасонад. Ҳамчунин дар мақола хусусиятҳои фарққунандаи классификатории умумии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ) гузаронида шудааст, ки он алоқамандии соҳаҳо ва гурӯбандии онро нишон медиҳад.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти миллӣ, захираҳои обӣ, обистифодабарӣ, обистеъмолкунӣ, усули арзёбӣ, самаранокӣ, иқтидори иқтисодӣ, давлатҳои Минтақаи Осиёи Марказӣ, ҷадвали хароҷот-истеҳсол, классификатор.

**Садриддинов М.И., Пираков Р.М., Расулов С. Г.**

## МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ НОВОЙ ПРОСТРАНСТВЕННОЙ СТРУКТУРЫ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ

В научной статье исследованы различные теоретические и практические аспекты методики формирования новой пространственной структуры эффективного использования природных ресурсов, в частности водных. Особо отмечается важность и роль выбора методики оценки влияния водных ресурсов в виде выбора отдельной отрасли (гидроэнергетики) как триггера развития всех отраслей национальной экономики. В статье основной акцент делается на пространственной экономике как направления исследования эффективного использования водных ресурсов. Пространственная структура экономики гораздо шире чем понятия региональной экономики, и в зависимости от влияния экономического ресурса может быть изменена ее структура. В этих случаях необходимо иметь ввиду какой ресурс используется и каким образом (в зависимости от местоположения природного ресурса) влияет на другие отрасли национальной экономики. Также в статье приведены отличительные особенности общего классификатора видов экономической деятельности (отраслей национальной экономики), который показывает взаимодействие отраслей и их группировка.

**Ключевые слова:** национальная экономика, водные ресурсы, водопользование, водопотребление, методика оценки, эффективность, экономический потенциал, Центрально-Азиатский регион, таблица «затраты-выпуск», классификатор.

**Садриддинов М.И., Пираков Р.М., Расулов С. Г.**

## METHODOLOGICAL BASIS FOR THE FORMATION OF A NEW SPATIAL STRUCTURE OF EFFECTIVE USE OF WATER RESOURCES

The scientific article examines various theoretical and practical aspects of the methodology for forming a new spatial structure for the efficient use of natural resources, in particular water. Particular attention is paid to the importance and role of choosing a methodology for assessing the impact of water resources in the form of choosing a separate industry (hydropower) as a trigger for the development of all sectors of the national economy. The article focuses on spatial economics as a direction for studying the efficient use of water resources. The spatial structure of the economy is much broader than the concept of a regional economy, and its structure can be changed depending on the impact of an economic resource. In these cases, it is necessary to keep in mind which resource is used and how (depending on the location of the natural resource) it affects other sectors of the national economy. The article also presents the distinctive features of the general classifier of types of

economic activity (branches of the national economy), which shows the interaction of industries and their grouping.

**Key words:** national economy, water resources, water use, water consumption, assessment methodology, efficiency, economic potential, Central Asian region, input-output table, classifier.

Дигаргуниҳои иқтисодӣ, ки дар шароити иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омада истодаанд, тақозо менамоянд, ки сохтори фазоии иқтисодиёт ҳангоми истифодаи самараноки захираҳои бойи табиӣ-захиравӣ дигаргун ва васеъ карда шаванд. Худи низоми иқтисоди бозорӣ дарбаргирандаи консепсия (фаҳмиш)-и васеъшавии доираи намудҳои фаъолияти иқтисодии субъектонро дар назар дошта бошад, пас дар ин гуна ҳолат ибораи сохтори фазоӣ мавқеи махсусро ғасб намуда, ҳамчунин дигаргунӣ ва васеъшавиро низ талаб менамояд. Ин аст, ки таҳқиқи масъалаи сохтори нави фазоӣ ҳангоми истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, махсусан захираҳои об дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои бо он ҳамсоя, яъне давлатҳои Минтақаи Осиёи Марказӣ муҳим, мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад. Сабаби асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки захираҳои об барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун афзалият (имконият)-и мутлақ, яъне бой дар назар дошта мешавад ва дар баробари ин вобастагии амиқи иқтисодии дигар давлатҳо низ дар ин самт аз Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида карда мешавад.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ қайд гардид, ки қобили ёдоварист, ки соли гузашта бо ташаббуси панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон кардани соли 2025, инчунин, 21-уми март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряххо ва таъсиси Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряххо барои ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳим ва мояи ифтихори мардуми шарафманди Тоҷикистон аст [1]. Ин гуфтаҳо аз он далолат мекунанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои аз лиҳози мавҷудияти захираҳои об бой ба ҳисоб меравад ва арзёбии вазъи обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ дар ҷумҳурӣ низ бояд дар мадди аввал истад.

Тӯли таърихи бисёрсолаи истифодаи захираҳои об дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳилаи “истифодабарии самаранок”-и он ба даврони ҳокимияти шӯравӣ рост меояд. Чунки маҳз дар ҳамин давра истифодаи васеи технологияҳои захираистифодакунанда, яъне аз лиҳози иқтисоди истифодаи самараноки захираҳои обӣ ба миён омаданд. Коркард ва таҳияи механизм ва фишангҳои иқтисодии дараҷаи самаранокии захираҳои обӣ дар ҳудуди кишвар ба он оварда расонид, ки дар маҷмуъ, ҳолати тавозунии захираҳои обӣ дар асоси услубҳои хос, яъне аз лиҳози методологӣ мусбӣ арзёбӣ гардиданд.

Истифодаи механизмҳои танзимкунандаи истифодаи дараҷаи самаранокии захираҳои об барои қонеъгардонӣ, аз як тараф барои аҳолӣ ҳамчун истеъмолкунандаи асосии захираҳои об, аз ҷониби дигар барои обёрикунонӣ, обистифодабарӣ ва обистеъмолкунии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар заминаҳои гуногуни пешбурди фаъолияти иқтисодӣ гузоштанд. Дар ин давра қисмати муҳими истифодаи усулҳои дараҷаи обистифодабарӣ ба он асос мeёбанд, ки ин захираҳои муҳими иқтисодиро натанҳо барои қонеъгардонии талаботҳои соҳаҳои иқтисодиёти хоҷагии халқ дар ҳудуди ҷумҳурӣ, инчунин барои дигар давлатҳое, ки истифодабарандаи захираҳои обӣ ҳамчун ҷумҳуриҳои ҳамсоя (Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон ва қисман Қазоқистон) баромад менамуданд. Дар ин ҳолат таҳияи тавозуни захираҳои обӣ бодарназардошти манфиатҳои ҳамаи кишварҳое, ки дар ҳавзаи дарёҳои обӣ, ки аз ҳудуди ҷумҳурии мо маншаъ мегиранд, таҳия ва коркард карда мешуд.

Маълум аст, ки низоми идоракунии раванди обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ дар худ усулҳоро вобаста аз чораёнҳои танзимкунӣ, нақшабандӣ ва назорат дигаргун менамояд. Дар даврони шӯравӣ диққати асосӣ ба усулҳои директивӣ (супоришҳое, ки иҷроишаш барои зинаи поёнӣ ҳатмист) равона гардида буд. Бо мазмуни дигар, танзими давлатӣ, ки солҳои мавҷудияти ИҶШС дар давлатҳои аврупоӣ истифода бурда мешуд, аз индикативҳо

(супоришҳои зинаи болоӣ ба зинаи поёнӣ дар асоси тавсияҳое, ки иҷроиши онҳо дорои хислатҳои тавсиявӣ мебошанд) равона мегардид. Дар шароити муосири иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар низоми иқтисоди бозорӣ қарор дорад, танзими давлатӣ бештар хислатҳои тавсиявиро ғасб намудааст.

Ҳолати куллан дигаргун ҳангоми барҳамхӯрии шуравӣ ва ба вуҷуд омадани давлатҳои мустақил (соҳибистиқлол аз лиҳози сиёсӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ) дар қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби ҳамаи давлатҳои Минтақаи Осиёи Марказӣ (МОМ) ба миён меояд. Дар таҳқиқотҳои илмии қаблии худ бобати масъалаи мазкур қайд гардидааст, ки баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ аз ҷониби ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ дар дохили ҳар як давлат вобаста аз мавҷудияти иқтидори техникӣ ва технологии ба меросмонда, низомҳои худкор ташаккул ёфт. Сабаби асосии барҳам хурдани низоми ягонаи болозикр дар он буд, ки манфиатҳои миллии дохилиикдисодии ҳар як кишвар алоҳида арзёбӣ мегардид ва тақсимоти захираҳои обӣ вобаста аз меъёрҳои истеъмолоти обӣ ба роҳ монда шуд. Дигар қисмати муҳими мавзуъ дар он зоҳир мегардид, ки вобаста аз самти рушди иқтисодиёт ҳар як давлати пасошӯравӣ бинобар интихоб намудани сиёсати дарҳои кушод, ҳарчи бештар ба воридот, ё ин ки коркарди технологияҳои обистифодабарӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд [8].

Якчанд таҳқиқотҳои муаллифон ба масъалаҳое бахшида шудаанд, ки бештар фарогири иқтисодиёти фазоии истифодаи самараноки захираҳои обӣ, махсусан ҷанбаҳои услубии истифодаи самараноки захираҳои обӣ, чӣ дар ҳудуди дохилии кишвар ва чӣ дар асоси ҳамгироии иқтисодӣ бо давлатҳои МОМ [9,10,11,12].

Дорандаи ҷоизаи Нобел Л.Н. Канторович асоси таҳия ва коркарди барномасозии хаттӣ ҳалли масъалаи истифодаи захираҳои табииро дар асоси "фазои векторӣ" мавриди таҳқиқ қарор додааст [4, с.26]. Масъалаҳои истифодаи оптималии захираҳои табиӣ, ки асоси таҳқиқотҳои Л.Н. Канторович мебошанд, инъикосгари дараҷаи самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ дар ҳудуди муайян (фазои иқтисодӣ) мебошанд ва барномасозии хаттӣ (линейное программирование) ҳамчун усул барои ҳисоби дараҷаи самаранокӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Олими машҳури рус, академик А.Г. Гранберг масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои табииро мавриди таҳқиқ қарор дода қайд менамояд, ки истеҳсолоти ҷамъияти дар асоси шаклҳои гуногуни амалӣ карда мешавад ва вобаста аз фазо (пространство)-и иқтисодӣ, инчунин баҳамоии унсурҳои таркибии қувваҳои истеҳсолкунандаи доираи истифодабарии онҳо дигаргун мешаванд [3, с.76]. Дар инҷо академик хусусиятҳои фарққунандаи иқтисодии ҳама намуди захираҳои табииро дар шароити иқтисодиёти ИҶШС дар назар дорад ва таъкид месозад, ки сохтори фазоии иқтисодиёт дар асоси нақшаҳои генералии ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда ба роҳ монда мешаванд. Дар мисоли захираҳои обӣ бошад, дараҷаи истифодабарии об ҳамчун захира дар асоси технологияҳои обистифодабаранда ва обистеъмолкунанда амалӣ шавад, дигар паҳлӯи масъала вобаста ба усулҳои ҳисоби дараҷаи обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ дар ҳудуди муайян дар назар дошта мешавад.

Дар мақола қайд мегардад, ки ҳангоми таҳлили ҳолати кунунӣ ва ташаккули сохтори нави фазоии истифодаи самараноки захираҳои обӣ усулҳои гуногун мавриди истифода қарор дода мешаванд ва ба андешаи мо истифодаи усули ҷадвали "хароҷот-истеҳсол"-и В.В. Леонтев, ки баҳри саҳм гузоштан ҳамчун поягузори ин усул ба ӯ ҷоизаи Нобелро лоиқ донистанд, аз манфиат холӣ нест. Ба андешаи В.В. Леонтев захираҳои иқтисодӣ (захираҳои табиӣ) дар асоси ошкор гардидани алоқамандӣ ва ба ҳамоии онҳо тавозуни байнисоҳавиро ташкил медиҳанд ва он имкон медиҳад, ки дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ хароҷотҳои истеҳсолии як соҳа барои истеҳсол намудани як воҳиди маҳсулоти дигар мусоидат намояд. Бо ибораи дигар зарибй истеҳсолоти моддии соҳаи тавлидкунандаи мол (маҳсулот) барои соҳаи дигар, ки метавонад ҳамчун соҳаи хизматрасон баромад намояд, то чӣ андоза арзиш дошта бошад [5, с. 124].

Истифодаи ҷадвали “хароҷот-истеҳсол”-и В.В. Леонтев ҳамчун усули истифодаи самараноки захираҳои обӣ имкон медиҳад, ки ҳиссаи соҳаи гидроэнергетикаро ҳамчун соҳаи афзалият ва авлавиятдошта интихоб намоем. Дар ин ҳолат, тибқи шартҳои усулҳои математикӣ-иқтисодӣ матритсаҳои зарибҳои нишондиҳандаҳои иқтисодӣ лозим мегарданд, ки яке аз онҳо зарибҳои технологӣ ва хароҷотҳои моддӣ мебошанд. Дар ин маврид ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ки дар натиҷаи истифодаи самараноки захираҳои обӣ ба даст оварда мешавад, нишондиҳандаи асосӣ баромад менамояд:

$$X = A*X+Y \qquad (1),$$

Дар инҷо, X – самт (вектор)-и истеҳсол; A – матритсаи зариби технологӣ; Y – самти истеъмолоти ниҳоии маҳсулот. Аз (1) бар меояд, ки хароҷотҳои иқтисодӣ ба хароҷотҳои пурра, яъне он гурӯҳи хароҷотҳое, ки барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулот лозиманд, асосӣ қабул карда мешавад:

$$X = (I – A) * Y = L * Y \qquad (2),$$

Дар инҷо (I - A) – матритсаи зариби хароҷотҳои пурра $I_{ij}$ , ё ин ки матритсаи баръакси Леонтев.

Дар баробари нишондиҳандаҳои болозикр, инчунин зарур аст, ки параметрҳои меъёргузорӣ (маҳдудият) муайян карда шаванд. Дар доираи мақола маҳдудиятҳое, ки барои истифодаи самараноки захираҳои обӣ барои қонеъ гардонидани талаботҳои соҳаҳои истеҳсолӣ сафарбар карда мешаванд, чунин намудро пайдо менамоянд:

$$\sum_{j=1}^{n} W_{\mathbf{j}}^{\mathbf{0r}} x_j^{0r} + \sum_{j=1}^{n} \Delta W_{\mathbf{j}}^{\mathbf{Tr}} \Delta x_j^{Tr} \le W^{\mathbf{r}}; \qquad (3),$$

Дар инҷо,

$W_{\mathbf{i}}^{\mathbf{0r}}$ - зариби «обғунҷоиш», ки таъмини ҳаҷми истеҳсоли соҳаи i-и минтақаи r-ро дар охири соли ҳисоботӣ нишон дода, ҳаҷми истеҳсоли соли базавиро намегузарад;

$W_{\mathbf{i}}^{\mathbf{Tr}}$- зариби «обғунҷоиш»-и соли охири ҳисоботӣ, ки таъмини рушди ҳаҷми истеҳсоли соҳаи i-и минтақаи r-ро дар ҳамаи давр нишон медиҳад.

Бояд дар назар дошт, ки ҷадвали хароҷот ва истеҳсол раванди тақсимоти ҳолати мувозинатӣ дар мадди аввал бояд ошкор карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки то чӣ андоза хароҷотҳои истеҳсолии як соҳа барои соҳаи дигар дар натиҷаи таъсири омили технологӣ метавонанд дигаргун карда шавад. Яъне барои як воҳиди маҳсулот дар ҳудуди як минтақаи муайян ва дар муҳлати муайяни вақт, хароҷотҳо якзайл арзёбӣ карда мешаванд, ё ин ки зери таъсири омили вақт, яъне таъсири прогресси илмию техникӣ метавонанд дигаргун шаванд. Маълум ва маъмул аст, ки гузариш аз ҳолати экстенсив ба интенсив ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро аз ҳисоби кам намудани хароҷотҳо афзоиш медиҳад. Нуқтаи муҳим дар ин самт ҷараёни таҷдид ва азнавсозии ҳолати истеҳсолии воҳидҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Дар доираи назарияи иқтисодӣ, махсусан назарияи иқтисодии сарватистифодабарӣ инчунин усулҳои монанд тамсилаи захираистифодабарии Х. Ченерӣ васеъ истифода бурда мешавад [13]. Усули пешниҳоднамудаи Х. Ченерӣ ду минтақаро дар фазои муайяни иқтисодӣ дар бар гирифта, ҳамчун усули тавозунӣ барои иқтисодиёти Италия мавриди истифода қарор дода шудааст. Таҳқиқи масъалаҳои истифодаи усулҳои алоқамандӣ ва ҳолати тавозунии байни соҳаҳои алоҳида, ки дар натиҷаи интихоби захираи табиӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд, инчунин ба гурӯҳи калони тамсилаҳои бисёромила (мультифакторы) такя менамоянд ва доираи истифодаи ин гуна усулҳо аз ҷониби Институти байналмилалии таҳқиқи системавӣ пешниҳод гардидааст [15]. Ба доираи ин гуна тамсилаҳо дохил мешаванд: тамсилаҳои меъёрӣ, тақлидӣ ва тамсилаҳои иқтисодӣ. Мазмун ва мундариҷаи гурӯҳи тамсилаҳои охир ба он асос меёбад, ки муносибатҳои иқтисодӣ вобаста аз тақсимоти маъмурӣ ва хусусиятҳои фазоии давлатҳои бо ҳам наздик ошкор карда шаванд, то ин ки таъсири як захираи иқтисодӣ барои истеҳсоли маҳсулотҳои дигар тавонад, ки ошкор карда шавад.

Яке аз мушкилотҳои асосӣ дар доираи тамсилаҳои усулии ошкорсозии раванди таъсиррасонии як захираи табиӣ барои истеҳсоли маҳсулотҳои дигар, яъне усулҳои тавозунӣ дар он аст, ки маълумотҳои омории зарурӣ дарёфт намудан душвор аст. Душворӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳудуди истифодабарии захираҳо дар муҳлатҳои кӯтоҳи вақт дигаргун мешаванд. Ба сифати мисол яке аз мушкилоти асосии таҳияи тавозуни захираҳои табиӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ин муносибатҳои иқтисодии давлатҳои ҳамсоя баҳри аз худ намудани ҳиссаи захираҳои обӣ арзёбӣ карда мешавад. Масалан, мавзӯи тартиб ва таҳияи тавозуни обӣ ҳиссаи Афғонистон аз ҳаҷми умумии ҳавзаи Амударё мебошад, ки солҳои охир ба яке аз масъалаҳои норавшан аз лиҳози меъёр ва ҳиссаи онҳо мебошад. Маълум аст, ки тӯли солҳои мавҷудияти шӯравӣ масъалаи тақсимоти захираҳои обии ҳавзаи Амударё танҳо хос ба давлатҳои шӯравӣ буд ва солҳои охир ҳангоми сохта ба истифода додани "Ҷӯйбори Қӯштепа", тибқи баъзе аз сарчашмаҳо бештар аз 15% ҳавза ба ҳудуди Афғонистон ворид мегардад ва ҳаҷми он аз 6 то 10 $км^3$ рост меояд [2].

Нуқуи муҳими дигар дар он зоҳир мегардад, ки дар иқтисодиёти давлатҳои Иттиҳоди Аврупо тӯли солҳои охир, шуруъ аз солҳои 90-ум фаъолона усулҳои тавозунӣ ҳангоми азхуд намудани захираҳои табиӣ, махсусан обӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд [14]. Новобаста аз таъсири омилҳои гуногуни таъсиррасони ғайриқтисодӣ (омилҳои сиёсӣ) ба давлатҳои аврупо муяссар гардид, ки тавозуни захираистифодабарӣ (аз ҷумла обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ) барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёт дар бахши давлатӣ ва муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ таҳия ва тартиб дода шудааст. Ин ҳолат яке аз муваффақият ва дастоварди беназири давлатҳои Иттиҳоди Аврупо маҳсуб меёбад. Бисёр муҳим аст, ки дар доираи давлатҳои МОМ, ки доираи иштирокчиёни захираистифодабарандагон маҳдуд аст, таҷрибаи давлатҳои болозикр мавриди таҳқиқ қарор дода шавад ва баҳри амалӣ сохтани он кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Як гурӯҳи олимони ватанӣ ҳангоми таҳқиқи усулҳои тавозунӣ, махсусан тавозуни байнисоҳавӣ қайд менамоянд, ки он ҳамчун фишанги танзими давлатии макроиқтисодӣ баромад намуда, барои муътадил нигоҳ доштани ҳолати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат метавонад мавриди истифода қарор дода шавад [6, с.14]. Дар таҳқиқотҳои дигари Ф. Мирзоахмедов истифодаи усули балансӣ (тавозунӣ) ҳамчун механизми амалкарди танзими муносибатҳои берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикисон, яъне амалиётҳои иқтисодии содиротӣ ва воридотӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд [7, с. 16].

Ҳама сола дар доираи салоҳиятҳои Комиссияи доимоамалкунандаи ҳамгироии хоҷагии обӣ (МКВК) гурӯҳи махсус таъсис дода мешавад ва ҳадафи асосии он тақсимоти захираҳои обии ҳавзаи дарёҳои обии давлатҳои Минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Дар доираи ин Комиссия Федератсияи Россия ҳамчун мушоҳид иштирок менамояд. Маҳз дар ҳамин комиссия масъалаҳои истифодаи самаранок, тақсимоти захираҳои обӣ ва истифодаи технологияҳои обӣ мавриди ошкор қарор мегиранд. Дар ҳоли имрӯз бисёр масъалаҳои дараҷаи обистифодабарӣ дар доираи салоҳияти комиссия мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Ба сифати мисол, на дар ҳамаи давлатҳои минтақаи болоӣ технологияҳои якранги обзахиракунӣ мавҷуданд ва ҳолати истифодаи сахираҳои обӣ норавшан аст. Инчунин нишон додани тавозуни обии ҳар як давлат дар маҷрои асосии дарё, ки дар ҳудуди давлат ҷорист ва ғ. Ба андешаи мо, дар баробари ниҳоди болоӣ, инчунин дигар ниҳодҳои минтақавӣ баҳри қабули қарорҳои идоракунӣ бояд сафарбар карда шаванд. Дар баробари ин, барои қонеъ гардонидани талаботи соҳаҳои мухталифи обистифодабаранда ва обистеъмолкунанда зарур аст, ки тавозуни обӣ дар маҷрои асосии дарёҳо тартиб ва пешниҳод карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки дар сохтори умумии истифодаи захираҳои обӣ ҳиссаи соҳаҳои обистифодабаранда ва обистеъмолкунанда муайян карда шавад. Ин иқдом имкон медиҳад, ки технологияҳои сарфаи об, ё ин ки баландбардорандаи самаранокии об гурӯҳбандӣ карда шаванд.

Яке аз муаммоҳои ҳалнашуда дар самти истифодаи усулҳои тавозунӣ ҳамгоми истифодаи захираҳои табиӣ (обӣ), чӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва чӣ дар сатҳи давлатҳои МОМ дарёфти маълумотҳои омории зарурӣ вобаста ба мавҷудияти амиқи захираҳо, ҷойгиршавии

онҳо, ҳолати истифодабарӣ бодарназардошти технологияҳои коркард ва азхудкунӣ ва аз ҳама муҳим гурӯҳбанди (классификатор)-и ҳисоб ва ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ ба ҳисоб мераванд. Бояд қайд намуд, ки дар низоми ҳисобҳои миллӣ (СНС) баъзе нишондиҳандаҳои соҳаҳои алоҳида то ҳол аз рӯйи классификатори қаблӣ, ки хоси иқтисодиёти шӯравӣ буд, боқӣ мондааст.

Аз маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум мегардад, ки ҳангоми пешбурди фаъолият Классификатори умумии намудҳои фаъолияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ОКВЭД) мавриди истифода қарор дода шудааст [7, с. 16]. Вале баъзе нишондиҳандаҳо аз рӯуи Классификатори умумии соҳаҳои хоҷагии халқ (ОКОНХ) истифода мешаванд. Классификатори охирин, ба андешаи мо, имкони таҳлили пурраи соҳаҳои иқтисодиёти миллиро нишон дода наметавонад. Бодарназардошти оне, ки шуруъ аз соли 2012 ОКОНХ ба ОКВЭД иваз шуда бошад ҳам, вале баъзе маълумотҳои омориро дар доираи он низ пешниҳода менамоянд ва ин ҳам бошад, мушкилотро ҳангоми истифодаи усулҳои балансӣ (тавозунӣ) ба миён меорад. Масалан, агар истеҳсоли n- маҳсулот дар минтақаи муайян ба m% баробар бошад, пас дар ҳудуди дигар минтақаи таҳқиқшаванда бошад ҳиссаи ҳамин маҳсулот метавонад, ки ба 1% баробар бошад. Ҳол он ки нишондиҳандаҳо дар маҷмуъ ба ҳолати балансӣ (тавозунӣ) бояд оварда расонанд.

Дар мақола пешниҳод карда мешавад, ки ҳамаи усулҳое, ки ҳангоми истифодаи захираҳо ва ошкор сохтани дараҷаи таъсиррасонии онҳо ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар якҷоягӣ гурӯҳбандӣ карда шаванд. Дар бештари давлатҳои тараққикардаи дунё ин ё он соҳа вобаста аз хусусиятҳои ҳисоб, яъне мавҷудияти маълумотҳои оморӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд (расми 1).




**Расми 1. Усулҳои арзёбии иқтисодиёти соҳавӣ**

**Маъхаз**: Таҳияи муаллиф дар асоси Маълумотномаи номгӯи нишондиҳандаҳои омории Иттиҳоди Аврупо.

Аз расм маълум мегардад, ки ҳамаи усулҳои овардашуда хислатҳои иқтисодиёти соҳавӣ, яъне сатҳи “мезоиқтисодиёт”-ро инъикос намуда, баҳри муътадил нигоҳ доштани вазъи муносибатҳои иқтисодии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ истифода бурда мешаванд. Байни ҳамаи усулҳои пешниҳоднамуда, барои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар усули В.В. Леонтев рост меояд, чунки дар шароити иқтисодиёти кишвар ва дигар давлатҳои ҳамсоя, яъне давлатҳои МОМ ҳанӯз дар давраи шӯравӣ ҷадвали тақсимоти мол ва хизматрасониҳо барои соҳаҳои хоҷагии халқи ондавра тартиб дода шуда буданд ва он имкон медиҳад, ки дар оянда дар асоси интихоби классификатори нави намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ҳисобҳои худро амалӣ намоем.

Олими барҷастаи шотландӣ (падари иқтисодиёт) Адам Смит қайд менамоянд, ки ҳар як давлат, новобаста аз оне ки дар кадом сатҳи рушди иқтисодӣ қарор дорад (давлати тараққикарда, ё ин ки рӯ ба тарақӣ) дорои имкониятҳои мутлақ аст.

Ба андешаи мо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати имкониятҳои мутлақ соҳаи гидроэнергетика баромад менамояд. Афзалият ва авлавиятҳои соҳаи гидроэнергетика дар сатҳи муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мегардад. Имрӯзҳо Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Дар баробари ин, таъкид намудан зарур аст, ки соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». ш. Душанбе. 28.12.2023. Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – (Prezident.tj).
2. Влияние строительства афганского канала Куштепа на водный баланс в Центральной Азии. Аналитическая экспертная встреча. CABAR.asia. 31.10.2023.
3. Гранберг А. Г. Оптимизация территориальных пропорций народного хозяйства / А. Г. Гранберг. – Москва : Издательство "Экономика", 1973. – 248 с.
4. Канторович Л. В. Математические методы организации и планирования производства / Л. В. Канторович. – Ленинград: Издательство ЛГУ, 1939.
5. Леонтьев В. Экономические эссе. Теории, исследования, факты и политика. М.: Политиздат, 1990. - 416 с.
6. Мирзоахмедов Ф. Межотраслевой баланс Леонтьева - основа стратегического планирования экономики / Ф. Мирзоахмедов, У. М. Вохидов // Финансово-экономический вестник. – 2018. – № 2(14). – С. 13-18. – EDN JDDBZH.
7. Мирзоахмедов Ф., Наджмиддинов А. М. Расчёт и анализ экспорта с помощью модели" затраты-выпуск" //Финансово-экономический вестник. – 2019. – №. 2. – С. 12-20.
8. Садриддинов, М. И. Оценка и построения точечного межотраслевого баланса Республики Таджикистан / М. И. Садриддинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – № 2/10-1(152). – С. 162-173.
9. Садриддинов М.И. Институциональные аспекты специализации экономической интеграции стран Центральной Азии в современных условиях // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. 2022. №2. Т.61. С.153-159 (на таджикском).
10. Садриддинов М.И. Развитие отраслей национальной экономики в контексте эффективного использования водного баланса / Вестник ТУТ. 2022. №2 (49). С. 248-254. (в соавторстве, Усманова Т.Дж.).
11. Садриддинов М.И. Эволюция научных подходов к проблеме региональной экономической интеграции / Вестник ТГУПБП. 2022. №1 (90) С.69-77.
12. Садриддинов М.И., Ершов Ю.С., Малов В.Ю. Оценка значимости водных ресурсов Республики Таджикистан / ИЭОПП СО РАН. - Новосибирск: Изд-во ИЭОПП СО РАН, 2017. - 138 с.
13. Chenery, Hollis B., and Moshe Syrquin. 1975. Patterns of Development, 1950-1970. New York: Oxford University Press.
14. Konijn P. Input-output Systems in Current and Constant Prices in the European Union after the Introduction of ESA95. Eurostat, Luxembourg. Paper presented at the XII International Conference on Input-Output Techniques. N.Y., 1998. 18—22 May.

15. Multiregional Economic Modeling: practice and prospect. North-Holland publishing company, 1982. 230 p.
16. Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маъхази интернетӣ- stat.tj.

**УДК 334+338**

**Сафаров Ҷ.А., Ҷафархони Ш., Турахонзода С.**

## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ бо ҷорӣ намудани моделҳои инноватсионӣ ба монанди рақамикунонии равандҳо ва гузариш ба иқтисоди сабз имконпазир мегардад. Соҳибкорони инфиродӣ ҳамчун субъектҳои хоҷагидорӣ қариб аз 3/2 ҳиссаи тамоми шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии бақайди давлатӣ гирифташударо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намуда, барои ташкили ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли молу маҳсулот ва иҷрои кору хизматрасонӣ саҳми худро дар рушди иқтисодии мамлакат мегузоранд. Инчунин масъалаи танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва тартиби андозбандии он дар мамлакат мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Ҷараёни рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир тамоюли устувори рушдро соҳиб буда, теъдоди шахсоне, ки ба чунин фаъолият машғул мебошанд рӯ ба инкишоф ниҳода, нақши онҳо дар иқтисоди миллӣ боз ҳам устувор гашта истодааст.

**Вожаҳои калидӣ**: соҳибкории инфиродӣ, такмилдиҳии соҳибкории инфиродӣ, стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсоли молҳо, афзоиш додани ҳосилнокии меҳнат, фаъол намудани ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, муҳити рақобатноки солим, истеҳсоли молу маҳсулот, хизматрасонӣ тибқи талаботи истеъмолгарон.

**Сафаров Ж.А., Джафархони Ш., Турахонзода С.**

## ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ СТРАТЕГИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ИНДИВИДУАЛЬНОЙ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В условиях рыночной экономики развитие индивидуальной предпринимательской активности возможно при внедрении таких инновационных моделей, как цифровизация процессов и переход к зеленой экономике. Индивидуальные предприниматели как субъекты хозяйствования составляют почти 3/2 всех юридических и физических лиц, зарегистрированных в Республике Таджикистан, и способствуют экономическому развитию страны путем создания новых рабочих мест, производства товаров и услуг. Также изучен вопрос регулирования и государственной поддержки индивидуальной предпринимательской деятельности и порядка ее налогообложения в стране. Ход развития индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан в последние годы имеет устойчивую тенденцию развития, количество людей, занимающихся такой деятельностью, растет, а их роль в национальной экономике становится все более стабильной.

**Ключевые слова**: индивидуальное предпринимательство, совершенствование индивидуального предпринимательства, стратегия развития индивидуального предпринимательства, государственная поддержка предпринимательства, регистрация субъектов предпринимательства, повышение конкурентоспособности производства товаров,

повышение производительности труда, активизация бизнес-объединений, здоровая конкурентная среда, производство товаров и услуги в соответствии с требованиями потребителя.

**Safarov J.A., Jafarkhoni Sh., Turakhonzoda S.**

**PRIORITY DIRECTIONS OF STRATEGIC DEVELOPMENT OF INDIVIDUAL BUSINESS ACTIVITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In a market economy, the development of individual entrepreneurial activity is possible with the introduction of innovative models such as digitalization of processes and the transition to a green economy. Individual entrepreneurs as business entities make up almost 3/2 of all legal entities and individuals registered in the Republic of Tajikistan and contribute to the economic development of the country by creating new jobs, producing goods and services. The issue of regulation and state support of individual entrepreneurial activity and the procedure for its taxation in the country has also been studied. The development of individual entrepreneurship in the Republic of Tajikistan in recent years has had a steady development trend, the number of people engaged in such activities is growing, and their role in the national economy is becoming more stable.

**Key words:** individual entrepreneurship, improvement of individual entrepreneurship, strategy for the development of individual entrepreneurship, state support for entrepreneurship, registration of business entities, increasing the competitiveness of goods production, increasing labor productivity, activation of business associations, healthy competitive environment, production of goods and services in accordance with the requirements consumer.

Нақши соҳибкории инфиродӣ аз рӯйи ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар ММД кам ҳам бошад, аз ҷиҳати субъектҳои фаъолияткунанда онҳо аз дигар шаклҳои субъектҳои хоҷагидорӣ миқдоран ба маротиб зиёд мебошанд.

Зарурати рушди соҳибкории инфиродӣ аз он бармеояд, ки марҳилаи аввали соҳибкорӣ буда, дар оянда чунин субъектҳои хурди хоҷагидорӣ ба корхонаҳои ҳаҷман калонтар мубаддал мегарданд. Қариб ҳамаи оғози фаъолияти корхонаҳои азим аз фаъолияти шахси воқеӣ ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ оғоз меёбад, ки фаъолияти соҳибкории инфиродиро ҳамчун гирифтани таҷриба барои ташкили корхонаҳои муқтадир ҳам ном мебаранд.

Дар “Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар самти вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул:

-дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар шаҳру деҳот, ҳамчун роҳи самарабахши афзун намудани теъдоди ҷойҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ;

-ҳавасмандкунии рушди “шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии низоми соҳибкории эколдогӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ;

-таъмини аҳолии деҳот бо ҷойҳои кор тавассути азхудкунии партов ва нав;

-рушди шабакаи таълимӣ барои ба даст овардани малакаҳои касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, ки талаботи занон, ҷавонон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла, маъюбонро ба инобат мегирад;

-ҳавасмандии ҳаматарафаи фаъолияти фермерӣ ва соҳибкории хурд дар бахши аграрӣ тавассути такмили низоми қонунгузорӣ, бахусус, барои ҷавонон;

- диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ, аз ҷумла, бо назардошти омили гендерӣ ва таҳкими танзими давлатии раванди бозгашти муҳоҷирон;

- рушди бахшҳои меҳнатталаби иқтисодиёт, ки маҳсулоти он ба содирот равона карда мешавад (комплекси агросаноатӣ, саноати бофандагӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок);

-амалӣ намудани сиёсати давлатии шуғл, ки бо сиёсати соҳаи маориф ҳамоҳанг аст;

-истифодаи васеи хизматрасониҳои телекомкникатсионӣ дар раванди мубодилаи маълумот оид ба ташкили ҷойҳои корӣ дар байни ҷавонон ва мусоидат ба соҳибкориро муайян

шудааст”.

Вобаста ба самтҳои зикргардида дар ҷумҳурӣ барои амалӣ намудани нуқтаҳои “Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” то ба имрӯз корҳои зиёд ба анҷом расонида шуда, ба як қатор натиҷаҳои мусбат ноил гаштааст.

Дар баробари ин, дар рафти таҳқиқоти илмӣ собит карда шуд, ки фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муваффақиятҳои алоҳидаи худ нигоҳ накарда, аз талаботи доимо ивазшавандаи муосири бозор қафо мондааст, ки вобаста ба ин такмили самтҳои зеринро зарур мешуморем (расми 1).




**Расми 1. Самтҳои асосии такмилдиҳии соҳибкории инфиродӣ**

**Таҳияи муаллифон**

Новобаста сол то сол баландтар шудани нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳибкории инфиродӣ ҳануз чунин натиҷаҳо қонеъкунанда набуда, барои рушди босуръати соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чораҳои иловагӣ андешид, зеро соҳаи мазкур барои ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъмини бозор бо маҳсулоту хизматрасониҳои босифат ва он боиси баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад.

Муҳити созгори фаъолияти соҳибкорӣ ба воситаи ташкили муҳити солими рақобатнок, фазои қонунгузории мусоид ва фароҳам овардани механизми дастгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ бояд таъмин гардад. Яке аз хусусиятҳои хоси рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин вазъи ноустувор доштани фаъолияти истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ба вазъу ҳолати зудтағийрёбандаи бозор ва унсурҳои он саривақт мутобиқат накардани субъектҳои соҳибкории инфиродӣ ва инчунин менеҷменти номукаммалу номураттаб монеа эҷод кардааст.

Тавре ки маълум аст бозор муҳити ба худ хосро пайгир аст ва дар он ҷо молу маҳсулоти хушсифат калиди рақобаттавониро нишон медиҳад. Албатта молу маҳсулоти ба кишвари мо воридшаванда дар асоси технологияву таҷҳизоти замонавӣ ва камхарҷ тавлид гашта, бозори соҳибкорони инфиродии моро танг намудааст. Бинобар ин, соҳибкорони ватаниро зарур аст, ки молу маҳсулоти хешро бо диди замони нав тибқи технологияҳои муосир тавлид намоянд ва дар муҳити бозор ба рақобат тобовар бошанд.

Иқтисоди бозории ташаккулёфта шароити мусоидро баҳри дарёфти муҳити рақобатпазири истеҳсолкунандагони молу хизматрасонӣ барои пайдо намудани шароити мусоиди тақвияти сармояи худӣ муҳайё месозад. Ҳамчунин, барои ҳаллу фасли таносуби истеҳсолоти ҷамъиятӣ рақобат механизми асосӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз самтҳои афзалиятнок ва шарти муҳими рушди соҳибкории инфиродӣ истеҳсоли молу маҳсулоти ниёзманди аҳолӣ буда ва дар навбати худ истифодаи мақсадноки лизинг ва франчайзинги таҷҳизотҳо аз аҳамият холӣ нест. Ҳар як соҳибкори инфиродӣ бояд дар доираи бизнес нақша ва мақсаду стратегияи муайян фаъолияти худро ташкил ва такмилу тақвият бахшад. Ҳамчунин, такмили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба андешидани як қатор чорабиниҳое алокамандӣ дорад, ки характери ташкилию техникӣ дошта, ба баландбардории сифати хизматрасониҳо нигаронида шудааст. Чорабиниҳои мазкур аз бисёр ҷиҳат мақоми соҳибкорро боло бурда, рақобатпазирии онро таъмин менамояд.

Таҳлилу тадқиқи ҳолати истеҳсолот, имкониятҳои ба зудӣ роҳ пайдо намудани соҳибкории инфиродиро дар бозор ошкор намуд. Дар ин ҷараён афзуншавии тамоюли фардикунонии талаботро дидан мумкин аст. Дар самти талаботи инфиродӣ талаботи хосаи гурӯҳи на он қадар калони истеъмолгарон нақши бориз дорад.

Талаботҳои мазкурро танҳо ширкатҳои хурд ё соҳибкорони инфиродӣ метавоннанд қонеъ намоянд, зеро баҳри корхонаи нисбатан калон истеҳсол кардани молҳо, бо ҳаҷми камтар метавонад фоидаи дилхоҳ наорад. Дар ҳоли афзоиши бозори молу маҳсулоти нав, соҳибкорони инфиродӣ метавонанд ба ширкати миёна ё ширкати азим мубаддал гардад. Шаркатҳои азим худ ба худ ва яку якбора пайдо нашудаанд.

Дар ин баробар барҳри фаъолияти ширкатҳои бузург шароитҳои зерин заруранд: бозори доманадору васеъи дорои талаботи устувору бардавом; молу маҳсулоти талаботи умум, ки ба шароити бозор мувофиқат мекунанд; захираи воситаҳои молиявию пулӣ; қувваи арзони корӣ.

Таҷриба собит менамояд, ки соҳибкори инфиродӣ имкониятҳои зудтар ва хубтар ба талаботи бозор истеъмолкунандагони мушаххас, бо вуҷуди содагии идоракуниии сохторашон мутобиқ шударо доранд. Сохтори содаи идоракунӣ ба соҳибкори инфиродӣ имкон медиҳад, қарорҳои идоракуниро ба таври фаврӣ бароранд. Нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, соҳибкорони инфиродӣ ба сатҳу сифати таъмини қисматҳои пурракунандаи маҳсулотҳои истеҳсолшаванда метавонанд баромад кунанд, ки ин имкониятҳои истифода намудани махсусгардониро на танҳо дар соҳаи истеҳсолӣ, зеро дар соҳаҳои фурӯши мол, кор ва хизматрасонии техникӣ кафолат медиҳад.

Соҳибкори инфиродӣ пудратчиёни хурди ширкатҳои дигар ба шумор рафта, бо истифода аз махсусгардонии истеҳсолот қодир аст, баҳри омода кардани қисматҳои алоҳидаи молу маҳсулоту тақсимоти меҳнатро бо мақсади ба натиҷаҳои хуби молиявӣ расидан фаъолият намояд.

Дар маҷмуъ ба рушди босуръати соҳибкории инфиродии соҳаи истеҳсолӣ дар маҳалҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ чорабиниҳои зерин метавонад мусоидат намоянд:

- баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсоли молҳо, афзоиш додани ҳосилнокии меҳнат, дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;
- фаъол намудани ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва рушд бахшидани муҳити рақобатноки солим;
- истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасонӣ тибқи талаботи истеъмолгарон.

Мукаммалгардонии базаи меъёрию ҳуқуқии соҳибкории инфиродӣ масъалаи муҳим буда, барои тақвияти он қабули “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти соҳибкори”-ро зарур мешуморем. Ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷой дода шудаанд ва ҳамаи паҳлуҳои онро ба пуррагӣ дар бар намегиранд. Қабули қонуни мазкурро аз он лиҳзоз зарур мешуморем, ки он имкон медиҳад, ки дар доираи як сананди меъёри ҳуқуқӣ фаъолияти соҳибкории инфиродӣ танзими ҳуқуқӣ карда шавад. Қонунгузории мамлакат фаъолияти соҳибкории инфиродиро дар доираи 1млн. сомонӣ дар як сол маҳдуд намудааст, ки соҳибкори инфиродӣ баъд аз гузариш аз ин ҳад бояд ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шавад ва тибқи низоми умумӣ фаъолияти худро ба роҳ монад, ки ин нишондиҳанда ба ақидаи мо дар шароити имрӯза кам буда, ҷиҳати то 3млн. расонидани он пешниҳод менамоем.

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ доир ба дастгирии соҳибкории инфиродӣ ва шаклҳои дигари он дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мавҷуданд ва бо баробари он, такмилдиҳии қонунҳои амалкунандаро дар соҳаи коркарди механизмҳои самараноки дастгирии соҳибкории инфиродиро пешниҳод менамоем.




**Расми 2. Механизми рушди соҳибкории инфиродӣ**

Аз рӯйи таҷриба, дастгирии давлатии иқтисодиёт барои рушди устувори тамоми соҳаҳои иқтисодӣ манфиатнок аст. Алалхусус, дар марҳилаи афзоиши муносибатҳои истеҳсолӣ, рушди тиҷорати молу маҳсулот, зиёд шудани рақобат ва пайдоиши монополияҳо, дахолати давлатӣ ба танзими фаъолияти соҳибкорӣ ногузир буда, дар баробари ин дастгирии давлатии соҳибкорӣ низ зарурат дорад.

Ҳангоми баррасии самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо ба хулосае омадем, ки дар шакли механизм рушди фаъолияти соҳибкории инфиродиро чунин тасвир намоем (расми 2).

Ҳадафи ин механизми мазкур омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни таъсиррасон ба рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ буда, дар натиҷаи ба инобатгирифтани ҳамоҳангсозии онҳо таъмини рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба ақидаи мо, муҳайё намудани шароит барои соҳибкории инфиродӣ, алалхусус дар самти истеҳсолӣ, расонидани хизматрасониҳои мухталиф ва иҷрои корҳо бояд яке аз мақсадҳои асосии сиёсати давлатиро дар шароити муосир ташкил намояд. Барои рушди мунтазами иқтисодиёт танҳо ба корхонаҳои калон такя намудан кифоя нест. Аз ин рӯ, дастгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ имкон медиҳад, ки саҳми онҳо дар тақвияти истеҳсолот ва соҳаи хизматрасонӣ боис гардад.

Масъалаи ҷудо намудани замин, базаи истеҳсолӣ ва маъмурии бо пояҳои қонунгузорӣ тасдиқшударо бояд ҳал намуд. Ҳамчунин пешниҳод менамоем, ки ба соҳибкорони инфиродӣ имкони харид намудани биноҳо бо шароити мавқуф гузоштани пардохтҳо ба роҳ монда шавад.

Кор карда баромадани имтиёзҳоро ба соҳибкорони инфиродие, ки биноҳои моликияти давлатиро мехоҳанд ба иҷораи дарозмуддат гиранд зарур мешуморем. Ба воситаи вогузории объектҳои моликияти давлатӣ ба соҳибкорони инфиродӣ баргаштани маблағҳо ба шакли андозҳо ба буҷети давлатӣ боис мегардад.

Ба ақидаи мо, фаъолияти самараноки маркетологӣ яке аз шартҳои муҳими рушду равнақи соҳибкории инфиродӣ баҳисоб меравад. Дар ҳамин радиф, аз ҷониби ниҳодҳои марбутаи давлатӣ ташкил намудани марказҳои омӯзишии соҳибкорони инфиродиро пешниҳод менамоем, ки дар он ба ҷуз аз масъалаҳои маркетологӣ ҷанбаҳои дигари рушди соҳибкорӣ мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

Алалхусус, марказҳои мазкур бояд ба соҳибкорони инфиродӣ шаклҳои мухталифи хизматҳои машваратиро доир ба тарзи дурусти ташкил ва бурдани муҳосибот, гузаронидани аудит, дуруст ҳисоб намудани андозҳо ва сари вақт пешниҳод намудани ҳисоботи онҳо, тарзи дуруст сохтани нақшаи соҳибкорӣ (бизнес-план), пешниҳоди дурусти молҳо ва банду басти онҳо, ташкили дурусту самараноки корҳои таблиғотӣ, ба роҳ мондани менеҷмент, ташкили муносибати хуб бо мизоҷон, ташкили дурусти муносибатҳои логистикӣ ва ғайра расонанд.

Дар ҷумҳурӣ дар баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ заминаҳои муайян баҳри таъмини рушди устувори соҳибкории инфиродӣ ба вуҷуд омад.

Дарояндаи наздик пайдоиш ва рушди бозори хизматрасонии маркетингӣ ва машваратӣ имкон дорад, ки дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ амалӣ карда шуда, ба манфиати кор аст ва барои баланд шудани сатҳу сифати хизматрасонӣ оварда мерасонад. Дар ҳамин баробар бояд қайд намоем, ки қариб дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат, ки соҳибкории инфиродӣ беҳтар рушд намудааст, нақши ташкили бизнес-инкубаторҳо басо муҳим арзёбӣ мегардад.

Инчунин, ба андешаи мо ба сифати яке аз омилҳое, ки ба суръати рушди соҳибкории инфиродӣ таъсири бад мерасонад, ин мушкилоти қарздиҳӣ ба соҳибкорони инфиродӣ маҳсуб мешавад. Аз сабаби пешниҳоди нокифояи қарзҳо аз ҷониби бонкҳо ва дигар муассисаҳои моливию қарзӣ ва тул кашидани ҳуҷҷатгузорӣ дар ин самт барои соҳибкорони инфиродӣ мушкилӣ эъҷод мегардад. Таҳлилҳо нишон дод, ки бисёре аз бонкҳои тиҷоратӣ бештар бо соҳибкорони нисбатан калон ҳамкорӣ намуда, бо соҳибкорони инфиродӣ камтар ҳамкорӣ менамоянд.

Дар ҳамин замина истифода аз таҷрибаи хориҷӣ, ки ба соҳибкорони навкори инфиродӣ қарзи дарозмудати имтиёзнокро пешбинӣ менамояд, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиз мешуморем.

“Фонди дастгирии соҳибкории Тоҷикистон фақат барои ташкили тиҷорати хурд дар бахшҳои истеҳсолӣ (корхонаҳо ва фабрикаҳо), ҳунарҳои мардумӣ, сайёҳӣ ва технология қарзи имтиёзноки 12%- и солонаро ба муҳлати 2-3 сол пешниҳод менамояд”, ки барои бахшҳои дигари соҳибкории инфиродӣ низ пешниҳоди чунин қарзҳоро аз тарафи фонди мазкур ҷонибдорӣ менамоем.

Тибқи қонунгузории амалкунанда ба соҳибкорони инфиродӣ дар бобати пардохти андозҳо баъзе аз имтиёзҳои воқеӣ пешниҳод менамояд, алалхусус ба соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд. Аммо дар самти андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият менамоянд мушкилии ба андозаи 6% супоридани андоз аз даромади умумӣ бе тарҳкуниҳо, боқӣ мемонад.

Инчунин, ба ақидаи мо барои соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти худро нав оғоз менамоянд бояд имтиёзи озод намудан аз андозҳо то 2 соли фаъолият дода шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ ба онҳо таътилҳои андозӣ дода шаванд Дар бобати такмили низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ ҳамчун саволи алоҳида, дар рисолаи мазкур таҳқиқот бурда шуда, пешниҳодҳо карда шудаанд.

Барои баланд бардоштани дараҷаи тахассусии соҳибкорони инфиродӣ ташкили курсҳои бозомӯзиро ҷоиз меҳисобем, зеро чигуна дар боло қайд намудем, аксари соҳибкорони инфиродӣ фаъолияти худро бе доштани дониши касбӣ оғоз намуданд, ки ин метавонад ба самаранокии фаъолияти онҳо таъсири манфӣ расонад.

Вобаста ба хусусиятҳои рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ як қатор омилҳои муайянкунандаро метавонем ҷудо намоем, ки барои баланд бардоштани дараҷаи тахассусии соҳибкорони инфиродӣ боис мегардад:

1) ташкили курсҳои кутоҳмуддат вобаста ба самти фаъолияти соҳибкорӣ;

2) ташкили муассисаи махсуси давлатии таълимӣ, ки маҳз ба ташкили бозомӯзии соҳибкорони инфиродӣ машғул гардад;

3) гузаронидани аттестатсияи соҳибкорони инфиродӣ ҳар 5 сол;

4) дастгирии давлатӣ бобати ба хориҷа сафарбар намудани соҳибкорони инфиродӣ баҳри омӯзиши малакаи мамлакатҳои пешрафтаи дунё дар бахши мазкур (расми 3).




**Расми 3. Омилҳои ба такмили ихтисоси соҳибкорони инфиродӣ таъсиррасонанда (таҳияи муаллифон).**

Ба андешаи мо нақши ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ дар мавриди ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ басо муҳим аст. Чунин ассотсиатсияҳо имрӯз қариб дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасанд, ки ёрии амалии худро бобати пешниҳоди ҳар гуна машваратҳои ҳуқуқӣ, ташкили муҳосибот, ҳимояи онҳо дар назди мақомоти андоз ва ғайра мерасонанд.

Инчунин, фаъолияти ассотсиатсияҳо аз мусоидат намудан ба аъзоёни худ бобати кафолатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ баҳри мустақилона фаъолият кардан, дастгирӣ кардани фаъолияти мухталифи соҳибкорони инфиродӣ, ки машварати махсусро талаб менамояд, ташкили ҳамкории самараноки соҳибкорони инфиродӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, Вазорату идораҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ дар ҷойҳо, танзими фаъолияти истеҳсолӣ, мусоидат кардан ба такмили касбияти соҳибкорони инфиродӣ ва ғайра иборат аст.

Аз рӯйи таҷриба, ташкили чунин ассотсиятсияҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқи мақсад буда, ба фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ таъсири мусбӣ мерасонанд, ки ин ба афзоиши шумораи соҳибкорони инфиродӣ боис шуда, муҳити рақобатнокро дар бозори ҷумҳурӣ ташкил мекунад.

Истифода аз дастовардҳои илмӣ дар раванди тақвият додани фаъолият барои соҳибкории инфиродӣ махсусан зарур аст.

Ба андешаи мо барои рушди фаъолияти инноватсионии соҳибкории инфиродӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва ташкили фаъолияти электронии тиҷорат зарурат дорад, зеро имрӯз дар шароити тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ ва истифодаи шаклҳои вертуалии фаъолият, соҳибкоронро водор менамояд, ки аз чунин шаклҳо инноватсионӣ васеъ истифода баранд.

Беҳтарнамоии равандҳои ҳамгироӣ яке аз самтҳои дигари рушди соҳибкории инфиродӣ маҳсуб шуда, он ташкили фаъолияти якҷояи чанд соҳибкори инфиродиро дар бар гирифта, таъмини сармоягузориҳоро аз сарчашмаҳои иловагӣ ва равнақ додани ҳамкориҳоро дар байни соҳибкорон ифода менамояд.

Дар солҳои охир як қатор таҷрибаи самараноки рушди соҳибкории инфиродӣ дар мамлакат ҳосил шудааст, ки ташкили марказҳои махсуси истеҳсолӣ ва технологиро дар бар мегирад. Чунин марказҳо дар шаҳрҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе ва Хуҷанд фаъол мебошанд. Мақсад аз фаъолияти марказҳои мазкур ташкил намудани раванди самараноки истеҳсолию технологӣ, пояҳои иттилоотию иқтисодӣ баҳри омодагӣ ва ташкили фаъолияти мустақили субъектҳои соҳибкории хурд маҳсуб мешавад.

Муҳити рақобатӣ дар бозор, ки дар он соҳибкорони инфиродӣ ҳамчун иштирокчӣ маҳсуб мешаванд, ба онҳо зарурати талаботи доимо ивазшавандаи истеъмолкунандагонро муайян намуда, мунтазам сифати маҳсулоти истеҳсол кардаашонро беҳтар намоянд.

Ба ақидаи мо барои рушди соҳибкории инфиродӣ ва бартараф намудани монеаҳо, инчунин андешидани чунин чораҳои иловагӣ хеле зурур аст (расми 5).




**Расми 5. Самтҳои асосии такмилдиҳии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ (таҳияи муаллифон)**

Ҳамчун давраҳои баҳодиҳии рушди босамар, фаъолияти соҳибкории инфиродӣ як қатор амалиётҳои пай дар пайро дар бар мегирад, ки онҳоро мувофиқи нишондиҳандаҳои миқдорию сифатӣ таҳлил намудан аз аҳамият холӣ нест. Онро дар доираи ташаккули маҳилаҳои зерин бояд такмил дод:

- ❖ стратегияи рушди соҳибкории инфиродии миёнамуддат (3-5 сол) ва дарозмуддат (10-15 сол);
- ❖ лоиҳаҳои стратегӣ ва барномаҳои миёнамуддати мақсадноки рушди соҳибкории инфиродӣ;
- ❖ баҳодиҳии ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ;
- ❖ таҳияи нишондиҳандаҳои асосии самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ;
- ❖ таъмини стратегияи рушди соҳибкорони инфиродӣ.

Баҳодиҳӣ ба самаранокӣ ва манфиатнокии рушди соҳибкории инфиродӣ дар минтақаҳои гуногун ба воситаи муқоиса намудани ченакҳои миқдорию ҳиссавӣ ба амал бароварда мешавад. Нишондиҳандаҳои муҳими самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар ҷумҳурӣ дар ҷадвали 1 оварда шудаанд:




**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳияи муаллифон).**

Ҳадафи нишондиҳандаҳои мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бо истифода аз усулҳои болозикр натиҷабахшӣ ё самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ арзёбӣ гардида, тибқи он тавсияву хулосаҳои аз нигоҳи илмиву амалӣ асоснокшуда баҳри рушди соҳибкории инфиродӣ дар тамоми гӯшаву канори Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шаванд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои ҳосилшуда имкони татбиқи мақсадҳои асосии стратегияи рушди соҳибкории инфиродиро дар кишвар дар доираи гузаронидани мониторинг мушаххас карда мешавад.

Усули пешниҳодшуда имконияти гузаронидани таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои гуногунро медиҳад, ки ин нишондиҳандаҳо дар асоси пурсишҳои иҷтимоии рушди соҳибкории инфиродӣ ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои таҳлил ва пурсишҳои иҷтимоиро дар варақаҳои маълумотӣ ва нашриёти даврӣ, дар лавҳаҳои оид ба масъалаҳои тараққиёт ва дастгирии субъектҳои соҳибкории инфиродӣ нашр намудан ба мақсад мувофиқ аст. Ин ба рушди соҳибкории инфироди таконе ҷиддӣ мебахшад, яъне натиҷаҳо таҳлилу хулоса ва муқоисаву чораҷӯӣ ё мотиватсияи ҳақиқиро дар фаъолияти дилхоҳ соҳибкор ба вуҷуд меоранд.

Ақидаҳои пешниҳодшуда имкони онро медиҳанд, ки чунин масоили рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар мамлакат ҳалли худро пайдо намоянд:

- ❖ ташаккули низоми танзиму дастгирии соҳибкории инфиродӣ, дар ҳудудҳои мушаххаси маъмурӣ;
- ❖ ҳалли мушкилиҳое, ки ба рушди соҳибкории инфиродӣ дар минтақаҳо монеа мешаванд;
- ❖ назорати нишондиҳандаҳои динамикаи рушди соҳибкории инфиродӣ;
- ❖ ҷудокунии нишондиҳандаҳо барои муайянкунии гурӯҳи соҳибкории инфиродии самаранок фаъолияткунанда.

Маврид ба зикр аст, ки ҳалли масоили рушду такомули соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир, барои ҷараёни ташаккул ва рушди устувор он ҳатмӣ ба шумор меравад. Тамсилаи ташаккул ва рушди устувори соҳибкории инфиродӣ ба амалӣ намудани самтҳои зерин нигаронида шудааст:

- ❖ ба низом даровардани ҳолати иқтисодии соҳаҳои дорои мавқеи калидии иқтисоди миллӣ;
- ❖ ташкили зерсохтори истеҳсолӣ ва қонунгузории рушди фаъолияти соҳибкорӣ;
- ❖ баланд бардоштани сатҳу сифати зисту зиндагонии аҳолии ҷумҳурӣ.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти илмӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки чунин афзалиятҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мавҷуд аст: осон ташкил карда мешавад; мустақилияти пурра дорад, соҳиби озодӣ ва фаврият мебошад; дорои махфияти фаъолият мебошад; доштани хароҷоти хурди ташкилӣ; чандирият дар ташкили фаъолият; минималӣ будани муқаррароти давлатӣ, ки имконияти тақсими мустақилонаи фоидаро фароҳам меорад; нисбати соҳибкории инфиродӣ низоми содакардашудаи муҳосибӣ ва андозбандӣ истифода бурда мешавад; меъёрҳои мувофиқи андозҳо барои соҳибкорони инфиродӣ нисбати шахсони ҳуқуқие, ки тибқи низоми умумӣ фаъолият менамоянд ва ғайраҳо.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе 23.12.22.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе – 2016. Саҳ 11.
3. Курбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А. / Фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва нақши он дар рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ш. Душанбе. №3 (54) 2023с.,– С. 150-157. 0.4 ҷ.ч.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Шарқи озод, 2021. - 670с.
5. Қурбонов Б.М. Чанд тавсия оид ба рушди низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2021. -№4/2 (39). ISSN 2308-054X.
6. Қурбонов Б.М. Андозбандии муассисаҳои таълимӣ дар шароити муосир [Матн] / Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе, 2022. -№2 (14). ISSN 2707-9996. - С. 61-64.
7. Қурбонов Б.М. Хусусиятҳои андозбандии воситаҳои нақлиёт [Матн] / А.Р Қурбонов, Б.М. Қурбонов / Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи – Таджикистан и соврменный мир: Актуальные проблемы развития инновационной экономики. – ш. Душанбе 2018. - С. 339-342.
8. Қурбонов Б.М. Фалсафаи андоз ва андозбандӣ [Матн] / Қурбонов. А.Р., Қурбонов Б.М. // Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар шароити муосир. -Душанбе, 2019. -С. 56-63.
9. Қурбонов Б.М. Мавқеи андозбандӣ низоми муносибатҳои тақсимотии арзиш [9-М]. А.Р Қурбонов., Н.Д. Максумова., Б.М. Қурбонов / Маводи конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инновасионнӣ». - Душанбе, 2021. -С. 211-216.
10. Оймаҳмадов Г.Г. Нақши андозҳои мустақим дар танзими иқтисодиёти миллӣ. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ №3-4 (11-12), Душанбе 2021. 436с.
11. Раджабов Р.К., Хамидова С.Х. Налоговая система Республики Таджикистан как фактор перехода национальной экономики к устойчивому развитию [Текст] / Р.К. Раджабов, С.Х. Хамидова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научный журнал). Серия социальные науки, экономика и бизнес. - Душанбе: Точир, 2023. №2/2 (47). С. 7-17. (0,63 п. л.) ISSN 2308-054X
12. Сафаров Ҷ.А. / Рақамикунонии ҷараёни фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва роҳҳои такмили он. Паёми Донишгоҳии давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. – 2023. - № 2/2 (47). – С. 170-177. 0.4 ҷ.ч.
13. Сафаров Ҷ.А. / Такмили низоми андозбандии соҳибкории инфиродӣ дар шароити муосир. Паёми Донишгоҳии давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. – 2023. - № 4 (48). – С. 160-172. 0.75 ҷ.ч.
14. Халифазода С. Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз. – Душанбе, 2022. 192 с.

15. Хамидова С.Х. Современное состояние и оптимизация уровня налоговой нагрузки в Республике Таджикистан. Дисс. соиск. уч. доктора философии (PhD)-доктора по специальности 6D050900 – Финансы (6D050901 – Финансы, денежное обращение и кредит). Душанбе – 2023, 194с.

**УДК 330.332**

**Собирзода Ш. С.**

## МУНОСИБАТИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ДОИР БА ТАҲҚИҚИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ

Муаллиф дар ин мақола муносибати институтсионалӣ доир ба таҳқиқи фаъолияти сармоягузорӣ, яке аз масъалаҳои мубрами руз пешниҳод намудааст. Таҳлили равандҳои ташаккули захираҳои сармоягузорӣ ё андӯхт таҳлили иқтисодии манбаъҳо, самтҳо, шароит ва натиҷаҳои васеъшавии истеҳсолот ва умуман рушди иқтисодиро дар бар мегирад. Намояндагони мактабхои гуногуни тафаккури иқтисодӣ барои муайян кардани категорияи «сармоягузорӣ» равишҳои гуногунро пеш гирифта, ба он мазмуни умумӣ ва ё хосро гузоштанд. Ҳамин тариқ, шароити мавҷудияти институтҳо ба раванди фаъолияти сармоягузорӣ таъсири назаррас мерасонад: онҳо метавонад ҳам амали иштирокчиёни раванди сармоягузорӣ ба низом оварад ва ҳам чаҳорчӯбаи муайяни маҳдудкунанда эҷод кунад. Дар асоси таҳлили онҳо механизмҳои дахлдори танзим ва идоракуниро бояд таҳия гардад. Таҳлили сохтори институсионалӣ имкон медиҳад, ки тағиротҳои институтсионалӣ сари вақт назорат карда шаванд ва барои бартараф кардани мушкилоте, ки онҳо ба вуҷуд меоянд, сари вақт андешида шаванд.

**Калидвожаҳо:** буҷет, сармоядорӣ, сармоягузорӣ, идоракунӣ, иқтисод ва савдо, корхонаҳои саноатӣ, амнияти озуқаворӣ, хавфҳои сармоягузорӣ, стратегияи милии рушд, такрористеҳсолот, таҳлили иқтисодӣ, иқтисоди сиёсӣ, ҳокимияти давлатӣ.

**Собирзода Ш. С.**

## ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЙ ПОДХОД К ИССЛЕДОВАНИЮ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В данной статье автор представил институциональный подход к исследованию инвестиционной деятельности, одной из наиболее актуальных проблем современности. Анализ процессов формирования инвестиционных ресурсов или накопления включает экономический анализ источников, направлений, условий и результатов расширения производства и экономического развития в целом. Представители разных школ экономической мысли по-разному подходили к определению категории «инвестиции», придавая ей общий или специальный смысл. Таким образом, условия существования институтов оказывают существенное влияние на процесс инвестиционной деятельности: они могут как регулировать действия участников инвестиционного процесса, так и создавать определенные ограничительные рамки. На основе их анализа должны быть разработаны соответствующие механизмы регулирования и управления. Анализ институциональной структуры позволяет своевременно отслеживать институциональные изменения и своевременно принимать меры по устранению возникающих проблем.

**Ключевые слова:** бюджет, капитализация, инвестиции, управление, экономика и торговля, промышленные предприятия, продовольственная безопасность, инвестиционные

риски, стратегия национального развития, воспроизводство, экономический анализ, политическая экономия, правительство.

**Sobirzoda Sh. S.**

**INSTITUTIONAL APPROACH TO THE STUDY OF INVESTMENT ACTIVITY**

In this article, the author presented an institutional approach to the study of investment activity, one of the most pressing problems of our time. Analysis of the processes of formation of investment resources or accumulation includes an economic analysis of the sources, directions, conditions and results of the expansion of production and economic development in general. Representatives of different schools of economic thought took different approaches to defining the category of "investment," giving it a general or special meaning. Thus, the conditions of existence of institutions have a significant impact on the process of investment activity: they can both regulate the actions of participants in the investment process and create certain restrictive frameworks. Based on their analysis, appropriate regulatory and management mechanisms should be developed. Analysis of the institutional structure allows you to timely monitor institutional changes and timely take measures to eliminate emerging problems.

**Key words**: budget, capitalization, investments, management, economics and trade, industrial enterprises, food security, investment risks, national development strategy, reproduction, economic analysis, political economy, government.

Муаммоҳои сармоягузорӣ дар радифи муаммоҳои асосии илмии иқтисодиёт дохил шуда, ҳалли ҳамаи дигар масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ бештар ба он вобаста аст. Таҳлили равандҳои ташаккули захираҳои сармоягузорӣ ё андӯхт таҳлили иқтисодии манбаъҳо, самтҳо, шароит ва натиҷаҳои васеъшавии истеҳсолот ва умуман рушди иқтисодиро дар бар мегирад. Намояндагони мактабҳои гуногуни тафаккури иқтисодй барои муайян кардани категорияи «сармоягузорй» равишҳои гуногунро пеш гирифта, ба он мазмуни умумӣ ва ё хосро гузоштанд. Дар иқтисодиёти сиёсии классикӣ сармоягузорӣ (аз лотинии «инвестисия» - маблағгузорӣ кардан) бо андӯхти сармоя алоқаманд менамоянд. Ба далели бартарияти методологияи натуралистӣ иқтисодшиносони классикӣ сармояро ҳамчун "таъмини андӯхти маҳсулоти меҳнатӣ", яъне. ҳамчун маҷмуи воситаҳои истеҳсолот тавсиф додаанд. Масалан, Ҷон Стюарт Милл сармояро ҳамчун захираи қаблан ҷамъшудаи маҳсулоти меҳнати гузашта барассӣ намудааст. Он биноҳо, асбобҳо ва масолеҳ, ки барои фаъолияти истеҳсолӣ зарур аст ва инчунин воситаҳои зиндагии коргаронро дар ҷараёни истеҳсолот таъмин мекунад, дар бар мегирад. Милл сармояро (капиталро) як қисми моликияти соҳибкор (истеҳсолкунанда), ки фонди татбиқи маҳсулоти навро ташкил медиҳад, медонист. Ӯ дар асарҳои худ навишта буд: «Капитал — маҳсули моддии пештар ҷамъшудаи меҳнат буда, барои хариди воситаҳои истеҳсолот ва меҳнат пеш бурда шудааст»[5].

Бинобар ин онҳо андӯхти сармояро раванди афзудани массаи моддии воситаҳои истеҳсолот, базаи моддй ва умуман афзоиши иқтисодиёт ҳисоб мекарданд.

Дар иқтисоди сиёсии марксистй методологияи иҷтимоию иқтисодии таҳлили сармоя ҳамчун муносибатҳои асосии истехсолии чамъияти буржуазй ҳукумфармо буд. Ба гуфтаи Маркс, «ба сифати капитал ба кор бурдани арзиши изофа ё табдили баръакси арзиши изофӣ ба капитал андӯхти сармоя номида мешавад» [8].

Ҳамин тавр, К.Маркс таҳлили динамикаи истеҳсолоти капиталистиро бо тариқи таҳқиқи равандҳои такрористеҳсолкунӣ, яъне. раванди капиталистии васеъ намудани истеҳсолот, гузаронидааст. Назарияи иқтисодии марксистй ҷиҳати хоси маблағгузориро ҳамчун шакли андӯхти сармоя, ҳамчун вазифаи асосии соҳибмулк таъкид мекунад, зеро ҷанбаи модии моликият маҳз дар натиҷаи андӯхт инкишоф меёбад.

Дар назарияи муосири иқтисодӣ муносибат ба андӯхти сармоя ҳамчун афзоиши массаи мошинҳои мураккаб, заводу фабрикаҳои калон, захираи фаровони маҳсулоти тайёр, нимтайёр ва ашёи хом барассӣ шудааст. Аммо чун «иқтисодиёт» чои «иқтисоди сиёсӣ»-ро гирифт, дар назарияи иқтисодӣ равандҳои дур шудан аз муносибатҳои мушахасси ичтимоию иқтисодии фаъолияти системаи иқтисодӣ нерӯ гирфт. Инъикоси ин тамоюл дар ҳама моделҳои мувозинати умумии макроиқтисодӣ истифодаи мафҳуми “сармоягузорӣ” –ро на “андухти сармоя”.-ро рӯи кор овард. Ин хам аз он сабаб буд, ки дар мафҳуми «сармоягузорӣ» мазмуни техникию иқтисодии он, ҷихатхои микдорию моддии муносибатҳо ва равандҳои иқтисоди дар мадди аввал қарор гирифт. Аз ин ру, дар «Экономика» сарфи назар аз тамоми тафовути муносибатҳо ба мазмуни истилоҳи сармоягузорӣ, аксарияти муаллифон [9] мазмуни моддии маблағгузориро ҳамчун хароҷот барои сохтани заводу фабрикаҳои нав, мошинҳо ва таҷҳизоти дорой муҳлати хизматашон дароз таъкид мекунанд.

Намояндаи иқтисодиёти неоклассикӣ, Альфред Маршалл хусусияти асосии сармояро қобилияти ба вуҷуд овардани даромад ҳисоб мекард ва ин қобилиятро маҳсулнокии сармоя ҳамчун омили истеҳсолот муайян мекунад [7].

Намояндагони мактаби дигари назарияи иқтисодӣ - кейнсианӣ Ҷ.М.Кейнс дар асараш «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» нигоҳи нав ба мавқеи сармоягузорӣ дар системаи такрористеҳсолкунии васеъ гузошт ва бо ҳамин васила ба ташаккул ва рушди муносибати институтсионалӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат намуд. Тибқи назарияи кейнсӣ сармоягузорӣ танҳо дар сурате самарабахш хоҳад буд ва фоидаи воқеӣ меорад, агар фоидаи софи гирифташуда ба меъёри фоиз баробар ё бештар бошад [4].

Дар назарияи классикӣ талабот ба мол аҳамияти зиёд дода намешавад ва дар модели неоклассики низ талабот ба молҳои истеъмолӣ ва саромягузори функсияи сатҳи даромад намебошад. Дар модели кейнсианӣ бошад на пешниҳоди маҷмӯӣ талаботи худро ба вуҷуд меорад, балки баръакс, талаботи маҷмӯӣ пешниҳоди худро, сармоягузорӣ пасандозҳои худро ба вуҷуд меорад.

Ҷ.М.Кейнс мисли иқтисоддонҳои классикӣ эътироф кард, ки пасандозҳо ба сармоягузорӣ баробаранд. Аммо, ба андешаи Ҷ.Кейнс, ин баробарӣ хусусияти оморӣ дошта, танҳо дар миқёси ҷамъиятӣ вуҷуд дорад ва худи мафҳумҳои пасандоз ва сармоягузорӣ ҷанбаҳои гуногуни такрористеҳсолкуниро инъикос намуда, бо омилҳои гуногун муайян карда мешаванд. Ҷ.М.Кейнс дар таҳлили худ аз фарзияе баромад, ки вай қувваи қонунӣ гирифтааст: «психологияи ҷомеа чунин аст, ки баробари зиёд шудани даромади умумии воқеӣ истеъмоли маҷмӯӣ низ меафзояд, вале на ба андозаи афзоиши даромад» [4]. Ин гузориш ба инкишофи назарияи рафтори саромягузори, ки хусусияти институтсионалӣ дорад, мусоидат кард. Қонуни таъкиднамудаи Кейнс чунин маъно дорад, ки афзоиши истеъмол назар ба афзоиши даромад камтар аст ва аз ин ру хиссаи пасандоз дар даромад меафзояд.

Дар мавриди сармоягузорӣ бошад, онҳо функсияи даромад нестанд, балки худашон ҳамчун омили тавлидкунандаи даромад амал мекунанд. Аммо бар хилофи пасандоз, сармоягузорӣ аз меъёри фоиз вобаста аст ва аз ин рӯ сармоягузорӣ ва пасандоз ҳатман якхела нестанд. Ҷ.М.Кейнс аз муносибату консепсияи худтанзимкунии автоматии бозории раванди сармоягузорӣ даст кашида, нотавон будани фоизро дар танзими бозори сармоя эътироф кард. Нуқтаи асосии бозсозии васеъ барои вай на ба вуҷуд овардани захираҳо саромягузори, балки ба вуҷуд овардани талабот ба ин захираҳо буд. Ҷ.М.Кейнс дар асоси фаҳмиши худ дар бораи такрористеҳсоли васеъ, нақши иқтисодии давлатро ба тарзи нав дида баромад.

Дар соҳаи сиёсати иқтисодӣ давлат бояд ба афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳадди аксар мусоидат намояд. Афзоиши сармоягузориҳои хусусӣ бояд бо муътадили тавварум, паст шудани фоиз ва баланд шудани фоизи фоида дар натиҷаи паст шудани музди воқеии меҳнат мусоидат кунад. Ҷ.М.Кейнс нокофии механизми молиявию қарзиро эътироф намуда, ба сармоягузории давлатӣ, ки метавонад талаботи самарабахшро ба андозаи зарурӣ пурра намояд, диққати махсус дод.

Барои асоснок кардани мавкеи худ, вай чунин далелҳоро асонок намуд: аввалан, консепсияи мултипликатор, яъне. падидаҳое, ки сармоягузорӣ ба як соҳаи тавлидкунанда талаботро дар дигар соҳаҳо ба вуҷуд меорад ва афзоиши умумии талабот аз такони аввалия ба таври назаррас зиёд мешавад; дуюм, механизми акселатор, вақте ки афзоиши талабот ба молҳои истеъмолии ниҳоӣ сармоягузориро ба истеҳсоли воситаҳои асосӣ ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тариқ, марҳилаи навбатии таҳлил - муайян кардани таъсири сармоягузорӣ ба системаи иқтисодӣ гузаронида шуд. Ин масъаларо Дж. М. Кейнс аз нуқтаи назари таъсири сармоягузории худмухтор ва ё автономӣ (сармоягузориҳои давлатӣ ва хусусӣ, ки ба ҷорӣ намудани ихтироот ва навоварӣ нигаронида шудаанд ва бо дараҷаи баланди таваккал хосанд) дар шакли як такони аввалия ба системаи иқтисодӣ аст, мавриди омӯзиш қарор додааст. Тафсири мултипликатор ҳамчун муносибати миқдорӣ байни афзоиши сармоягузорӣ ва Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) нуқтаи ибтидоии модели Кейнсӣ мебошад.

Илми иқтисоди муосир ба ин мафҳум мазмуни васеътар мегузорад. Мултипликатор таъсири омилҳои идоракуниро ба параметрҳои ҳосили системаи иқтисодӣ ифода мекунад ва варианти Кейнсӣ ҳамчун ҳолати махсуси он амал мекунад. Намудҳои дигари мултипликатор, ки таъсири сиёсати андоз ё танзими пулию қарзӣ, муносибатҳои иқтисодии беруниро ба динамикаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ғайра тавсиф мекунанд, аз ҷониби Ҷ.Тинберген, Р.Манделл, Г.Тейл таҳия шудаанд, ки тадқиқоти онҳо барои моделсозии иқтисодӣ асос гузоштаанд.

Рушди минбаъдаи илми иқтисод дар методологияи таҳлил тавзеҳоти сершумор ва унсурҳои навро ба модели Ҷ.М.Кейнс ворид кард. Ҳамин тавр, И.Шумпетер нобаробар будани навоварихои техники ва мувофиқан сармоягузориҳои автономиро таҳлил намуда, онҳоро омили пешбарандаи тағйирёбии даврагии истеҳсолот ҳисоб кардааст. Тибқи муқаррароти назариявии Ҷ.Шумпетер, фаъолияти сармоягузории субъектҳои хоҷагидор дар системаи фаъолияти иқтисодии одамон бо таъхир андохтани қонеъ гардондани талаботи ояндаи онҳо бо интизории афзоиши истеъмоли мол дар оянда ташаккул меёбад. Аз ин бармеояд, ки фаъолияти саромягузори як бахши фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ мебошад. Ҷ.Шумпетер чунин мешуморид, ки муносибатҳои сармоягузорӣ дар системаи омилҳои ибтидоии истеҳсолот, ки аз ҷониби соҳибкорон дар комбинатсияи муайян муттаҳид карда мешаванд, бо назардошти мақсадҳои иқтисодие, ки барои онҳо истифода мешаванд, тағйирёбии вазъияте, ки ба субъекти хоҷагидор фаъолона таъсир мерасонад; захираҳое, ки бе онҳо ин фаъолияти хоҷагӣ имконнопазир аст, сурат мегирад [12]..

Ба ибораи дигар, фаъолияти сармоягузории субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун муносибатҳои махсус на танҳо аз рӯи ҳолатҳои объективии фаъолияти иқтисодӣ, балки бо мантиқи дохилии субъективии даркшудаи рушд, мавҷудияти захираҳо, харҷи онҳо барои маблағгузории нави асосӣ дар фаъолият ва ташаккули сармоягузории омилҳои ибтидоии системаи иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Дар шароити муосир аҳамияти методологияи институтсионалии таҳлили равандҳо ва фаъолияти сармоягузорӣ меафзояд, ки он аз доираи мушкилот ва усулҳои соф иқтисодӣ берун рафта, ба истифодаи равишҳои фанҳои гуногуни илмӣ: сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, технологӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра асос ёфтааст. Иқтисодиёти нави институтсионалӣ ба принсипҳои неоклассикии тадқиқот асос ёфтааст: дар алоҳидаги методологӣ, зиёдкунонии фоида, оқилонаи маҳдуди агентҳои иқтисодӣ ва рафтори имконияти онҳо. Дар баробари ин объектхои таҳлил низ тағйир меёбанд:

- таҳлили мол бо таҳлили маҷмуи муносибатҳои моликият иваз карда мешавад;
- таҳлили фоида - таҳлили ҳуқуқ ба даромади боқимонда;
- таҳлили тарзи истеҳсолот ҳамчун таъсири мутакобилаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истехсолй — таҳлили институтҳо;
- таҳлили зиддият - таҳлили низоҳо ва ғ.

Иқтисодиёти нави институтсионалӣ солҳои 60-ум дар Иёлоти Муттаҳидаи Америко ҳамчун самт ба вуҷуд омад, ки дар он танзими иқтисодии Кейнсӣ мавриди интиқод қарор гирифт, ки ба кофии муқаррар кардани қоидаҳои бозории бозӣ ва дар санадҳои қонунгузорӣ барои идоракунии самарабахш ворид намудани онҳо асос ёфтааст.

Асоси методологии инкишофи иқтисоди нави институтсионалй инхо буданд: назарияи ҳуқуқи моликият (Р. Коуз, Р. Познер, С. Пейович), назарияи хароҷоти трансаксионӣ (Р. Коуз, О. Вильямсон), шартномаи ратсионалии давлат, ки барои таъсис ва ҳифзи самараноки ҳуқуқҳои моликият масъул аст (Ҷ. Стиглиц, Ҷ. МакНейл), назарияи интихоби ҷамъиятӣ (Ҷ. Бюкенен, Г. Туллок), иқтисоди конститутсионӣ (В. Ванберг). Иқтисодиёти нави институтсионалӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ Д.Норт (назарияи пайдоиш ва тағирёбии институтҳо), Г.Симон (назарияи оқилонаи маҳдуд), Л.Тевено (иқтисоди созишҳо), О.Фавро (дар бораи иқтисодиёти институтсионалӣ), (назарияи конвенсияҳо), Р.Бойер (назарияи танзим) ва ғ. боз ҳам инкишоф ёфт.

Ба муваффақиятҳои назарияи институтсионалӣ дар шароити муосир метавон ҷудо намуд:

- амиқтар кардани назарияи умумии институтҳо ва консепсияи инкишофёби генезиси институт;

- эндогенизатсияи омили институтсионалии истеҳсолот дар модели умумӣшудаи функсияи истеҳсолӣ, тафриқаи мафҳумҳои инсититугари ва институт;

- татбиқи таҳлили институтсионалии раванди табодули иҷтимогардии иқтисоди бозорӣ бо ташаккули асосҳои назарияи ислоҳоти институтсионалӣ; - таҳияи назарияи институтсионалии корхона ва ҳамгироӣ байни ширкатҳо;

- диверсификатсияи падидаҳои манфии институтсионалӣ, аз ҷумла иқтисоди сояафкан, дисфунксияҳо ва «домҳо»;

- ворид намудани институтсионализм ба парадигмаи танзими давлатӣ [11].

Унсурҳои асосии назарияи институтсионалӣ мафҳумҳои институттгардӣ ва институтҳо мебошанд, ки хусусиятҳои асосии онҳо. Инчунин тобеияти онҳо мавзӯи баҳсҳои сершумор мебошанд. Бинобар он институтҳо мазмуни функсионалии фаъолияти иқтисодӣ ва ташкилотҳо бошад ҳамчун шаклҳои сохтории он ё шакли иҷтимоии сохтори субъектҳо ва объектҳои муносибатҳои иқтисодӣ амал мекунанд. Зиёда аз он, агар ташкилотҳо системаи амалиёти коллективӣ бошанд, пас институтҳо ба онҳо мувофиқ шаклҳои махсуси субъективии фароколлективӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, институтҳо барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси фаъолияти иқтисодӣ тавассути тавлиди қоидаҳои зарурӣ таъсис дода мешаванд. Меъёру коидаҳо натиҷаҳо ва омилҳои такрористеҳсолкунии институтҳо, воситаҳои механизми фаъолияти онҳоро таҷассум мекунанд.

Дар бисёр кишварҳои хориҷӣ (ИМА, Олмон, Британияи Кабир) раванди сармоягузорӣ мувофиқи стандартҳои таҳияшуда, қоидаҳои муайян барои пешгирӣ кардани вайронкунии мӯҳлати корҳо, сметаҳои хароҷот, нақшаҳо ва шартномаҳо, нишондиҳандаҳои самаранокӣ (NPV, IRR, PI) хатарҳо ва ғайра амалӣ карда мешавад. Ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳи фаъолияти сармоягузорӣ таҳти таъсири шароити беруна ба равандҳои сармоягузорӣ аз сифати муҳити институтсионалӣ, ки «маҷмӯи шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, технологӣ ва дигар шароитҳоест, ки барои мусоидат намудан ба табдили самарабахши пасандозҳо ба бунёди сармояи нав таъин шудаанд», алоқаманд мебошад [1].

Ба рафтори иштирокчиёни раванди сармоягузорӣ бештар чунин шароитҳои институтсионалӣ, аз қабили рафтори ппортунистӣ ва асимметрияи иттилоотӣ, ки қабули қарорҳои оқилонаро маҳдуд мекунад, таъсир мерасонад. Мо набояд дар бораи хароҷоти трансаксионӣ, ки боиси мавҷудияти институтҳо мегарданд ва ҳам дар дохили ташкилот ва ҳам берун аз он ба вуҷуд меоянд, фаромӯш накунем. Унсурҳои монанди мушкилоти муҳити институтсионалӣ метавонанд ба идоракунӣ ва умуман ба рушди фаъолияти сармоягузорӣ таъсир расонанд.

Муҳити институтсионалӣ на танҳо дар тарҳу шаклгирии қарорҳои идоракунии оқилонаи фаъолияти сармоягузорӣ, балки фазои фарогирии муҳити институсионалӣ ва инъикоси он дар низоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ бардошти самаранокии иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологии охиринро муаяйн менамояд [6].

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (аз 15 марти соли 2016 № 1299) фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба иштирок дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ ё таъсиси ё зиёд кардани воситахои асосие, ки барои фаъолияти соҳибкори истифода мешаванд, инчунин барои воситаҳои асосие, ки констессионер дар асоси шартномаи консепсия истеҳсол гирифтааст [2]..

Бе тафсири муфассали интиқодӣ, мо яктарафагии муайяни истилоҳро қайд мекунем, ки дар санади қонунгузорӣ фаъолияти сармоягузори дар соҳибкорӣ маҳдуд менамояд, пеш аз ҳама имкони амалӣ намудани фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ сарфи назар карда мешавад. Илова бар ин, ба ҷои мафҳуми умумӣ ва васеи объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки қаблан дар санадҳои қонунгузории амалкунанда истифода мешуданд, танҳо ду намуди объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ҷорӣ карда мешаванд: сармояи оинномавӣ ва фондҳои асосӣ, ки бояд воқеан рушди соҳаи истеҳсолотро ҳавасманд намуда, бозори дохилии кишварро ғани мегардонад.

Ҳамин тариқ, қонуни мазкур меъёри ҳуқуқӣ буда, ҳудуди муносибатҳои ҷамъиятии субъектҳои фаъолияти сармоягузориро дар ҷумҳурӣ, амали шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақоми сармоягузор, яъне. ҳудуди муносибатҳои байни субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ мутобиқи қонун фаъолияти тиҷоратӣ ва соҳибкорӣ мебошад.

Мутобиқи методологияи иқтисоди нави институтсионалӣ, пайдоиши меъёрҳо ва қоидаҳо натиҷаи такроpистеҳсоли институтҳо мебошад, зеро онҳо дар натиҷаи такрориш ва ташкили амалҳои танзимкунандаро ба иҷро мерасонанд, ки имкон медиҳад аҳамияти махсуси ҷой ва нақши институтҳоро дар раванди фаъолияти сармоягузорӣ ҷудо намоем. Дарки мавқеъ ва нақши институтхо дар идоракунии иқтисодиёт дар баробари хеле васеъ шудани маҷмуи онҳо ва афзудани таъсири онҳо ба равандҳо ва муносибатҳои иқтисодӣ амиктар мешавад. Шакли олии иҷтимоии мустаҳкам намудани вазифадои умумиинсонии аъзоёни ҷамъият Конститусия мебошад. Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими соҳаи иқтисодӣ тавассути институти ҳокимияти президентӣ дар муайян намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат зоҳир мегардад; муаяйн намудани сохторҳои давлатӣ; интихоби ва ё таъини раиси Бонки Миллӣ; тасдиқи қонунҳо ва барномаҳои давлатй.

Парламент дар ҷаласаҳои алоҳидаи палатаҳо бо роҳи баррасии пайдарпай масъалаҳо қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо, аз ҷумла:

– буҷети Ҷумхуриро тасдик мекунад, ба он тағйироту иловахо медаророад; – андозу пардохтхои давлатиро муқаррар ва бекор мекунад;

– тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурй-ҳудудии мамлакатро муқаррар менамояд;

– масъалаҳои қарзҳои давлатй ва аз тарафи Ҷумхурият расондани ёрии иқтисодӣ ва дигарро ҳал мекунад.

Дар идоракунии равандҳои иқтисодӣ мақоми махсус ба Бонки миллӣ тааллуқ дорад, ки низоми дузинагӣ дорад. Бонки Миллӣ бонки марказии Ҷумхурии Тоҷикистон буда, сатҳи болоии (якумин) низоми бонкии кишварро ифода мекунад. Хамаи бонкхои дигар дар сатхи поёнии (дуюм) низоми бонкиро ишғол мекунанд. Мақсади асосии Бонки миллӣ таъмини суботи нархҳо дар кишвар мебошад, ки барои татбиқи он ба зиммаи Бонки миллӣ вазифаҳои зерин гузошта шудааст: таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзии давлат; таъмини фаъолияти низоми пардохт; татбиқи танзими асъор ва назорати асъор; мусоидат ба устувории системаи молиявӣ.

Дар идоракунии равандҳои иқтисодӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурӣ, ки дар ин самт ваколатҳои калон дорад: самтҳои асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлатро тавассути ташаккули буҷети давлатӣ ва таъмини иҷрои он таҳия менамояд; пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳо ба Маҷлиси Олӣ; ташкили идораи моликияти давлатӣ; таҳияи тадбирҳо оид ба татбиқи сиёсати

хориҷии Ҷумҳурӣ; роҳбарӣ ба фаъолияти вазоратҳо, кумиаҳои давлатӣ, дигар сохторҳо марказию иҷроияи маҳаллӣ. Ҳамин тавр, хар як институти номбаршуда таркиби ба худ хоси институтҳо дорад, ки имконияти ташкили фаъолияти иқтисодию сармоягузориро дар шароити муайян мекунанд. Пайдоиши институтҳои дар боло зикршуда натиҷаи зарурати ноил шудан ба ҳамбастагии оптималии қобили иқтисодии фаъолияти корхонаю ташкилотҳо ҳамчун гурӯҳҳои мақсадноки агентҳои муассисаҳои ба ҳам алоқаманд бо сатҳи ба даст омадаи рушди конститутсионӣ мебошад. Барои амалӣ намудани вазифаҳои дар боло зикргардида аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурӣ сохтори онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, яъне. системаи институтҳои иқтисодӣ, ки ба институтҳои муташаккил дар раванди тақсимоти ҷамъиятӣ ва кооператсияи меҳнат асос ёфтааст (расми 1).

Ба онҳо дохил мешаванд: Вазорати саноат ва технологияҳои нав (РИНТ), Вазорати рушди иқтисод ва савдо (ВРИС), Вазорати молия (Вазорати молия). Ба ғайр аз ин, институтҳои зерини бозори сармоягузорӣ муайян карда мешаванд: Бонки миллӣ (БМ), ки сиёсати пулию қарзиро ташаккул ва татбиқ менамояд, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷӣ (ВКХ) ва вазоратҳои соҳавӣ.

Вазифаҳои асосии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд:

- мусоидат ба ҷалби сармоя ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар, фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ ва дигар шароитҳои мусоид барои ҷалби сармоя;

Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба кор бо сармоягузорон;

-таъмини фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ;

- мусоидат ба ҷалби захираҳои молиявӣ барои татбиқи барномаҳои давлатӣ, лоиҳаҳои афзалиятнок ва ғайра.

Яке аз проблемахои инкишофи бомуваффакияти фаъолияти сармоягузорӣ дар чумхурй дар доираи муносибати институтсионалй вуҷуд надоштани стандартҳои муайяни идоракунии лоиҳаҳои саромягузори мебошад, ки ин боиси хавфи муайяни сармоягузорони калон мегардад. Ҳоло дар мамлакат дар заминаи Институти иқтисодиёт ва демография, мутахассисони соҳаи идоракунии лоиҳаҳо тайёр карда мешавад, ки он дар мамлакат ба ҳайси маркази фаъолияти таълимй-тадқиқотӣ дар ин самт хизмат менамояд.

Дар мамлакат бояд ассотсиатсияи идоракунии лоиҳаҳо таъсис дода шавад, ки он иттиҳодияи ихтиёрии мутахассисоне мебошад, ки корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва конструкторӣ, таълим ва сертификатсияи мутахассисони соҳаи идоракунии лоиҳаҳоро анҷом медиҳанд. Бо вуҷуди ин, чунин равандҳои сармоягузорӣ, ба монанди оғоз, банақшагирӣ, иҷро, идоракунӣ ва назорат, анҷом додани стандарти махсуси қоидаҳоро талаб мекунанд, ки метавонанд фаъолияти идоракуниро ба соҳаҳои муайян, ки мақсади иҷрои саривақтии онҳоро бидуни осеб расонидан ба сифати кори иҷрошуда мусоидат менамояд, ҷудо намоем. .

Ҳамин тариқ, шароити мавҷудияти институтҳо ба раванди фаъолияти сармоягузорӣ таъсири назаррас мерасонад: онҳо метавонад ҳам амали иштирокчиёни раванди сармоягузорӣ ба низом оварад ва ҳам чаҳорчӯбаи муайяни маҳдудкунанда эҷод кунад.

Дар асоси таҳлили онҳо механизмҳои дахлдори танзим ва идоракуниро бояд таҳия гардонад.

Таҳлили сохтори институсионалӣ имкон медиҳад, ки тағиротҳои институтсионалӣ сари вақт назорат карда шаванд ва барои бартараф кардани мушкилоте, ки онҳо ба вуҷуд меоянд,сари вақт андешида шаванд.




**Расми 1. Дарачаҳои сиёсати давлатии сармоягузорӣ, ки сохтори институтсионалии фаъолияти сармоягузориро муайян мекунанд.**

Вазорати рушди иқтисод ва савдо мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ ва байниминтақавии таҳияи самтҳои асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлатиро амалӣ намуда, аз ҷумла, вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

- банақшагирии стратегӣ ва ташаккули афзалиятҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди минтақаҳо;
-муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ва молиявӣ;
-танзим ва рушди фаъолияти савдои беруна ва савдои дохилӣ;
- инкишоф ва дастгирии соҳибкории хусусӣ;
- шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- идоракунии дороиҳои давлатӣ дар бахшҳои иқтисодӣ; — инкишофи системаи идоракунии давлатй ва гайра.

Вазифаҳои асосии Вазорати молияи Ҷумҳурӣ Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ аз инҳо иборатанд:

- ташаккул ва татбиқи сиёсати буҷети давлатӣ ва андоз; – танзими давлати дар сохаи фаъолияти гумруки;

- идораи амволи давлатӣ, қарздиҳии буҷетӣ; идоракунии низоми хариди давлатӣ;

– барориши коғазҳои қиматноки давлатии муомилоти давлатии Ҷумхурият ва ғайра.

Дар сатҳи байналмилалӣ ташкили фаъолияти сармоягузориро Раёсати ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Вазифаҳои муҳимтарини онҳо инҳоянд:

– мусоидат ба ҷалби сармоя ва технологияҳои хориҷӣ ба кишвар; таҳияи пешниҳодҳо дар соҳаи ҳамкориҳои байналмилалӣ, такмили механизмҳои ҳамкорӣ бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ;

– ҷустуҷуи шарикон ва муқаррар намудани робитахои дарозмуддати тиҷорати, таъмини тақия ва бастани созишномаҳои байналмилали оид ба фаъолияти сармоягузорию иқтисоди;

– мусоидат ба комиссияҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба муассисаҳои давлатии идоракунии фаъолияти сармоягузори дар чумхури институтҳои рушд, ки дар шакли ташкилотҳои махсуси давлати пешниҳод шудаанд ва фондҳои бо иштироки давлат барои идоракунии самарабахши захираҳо сармоягузори тавассути системаҳои рушди соҳибкори ва дастгири таъсисёфта дохил мешаванд. Ташкили институтҳои тараққиёт дар Ҷумхурӣ ба барҳам додан ё сабук кардани «шикастиҳои бозор» — вазъиятзое нигаронида шудааст, ки механизмҳои бозорӣ ҳалли самарабахши проблемаҳои иқтисодию сармоягузориро таъмин карда наметавонанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло мо ҷой ва нақши ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракуниро дар танзими равандҳои фаъолияти сармоягузориро метавон ба низом дарорем. Дар доираи институти ҳокимияти президентӣ ва институти парламент заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии танзими фаъолияти сармоягузорӣ ташаккул ёфта, афзалиятҳо ва самтҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ тавассути тасдиқи барномаҳои давлатӣ муайян карда мешаванд. Вазифаҳои асосии мақомоти идоракунии давлатӣ инҳоянд:

- иттилоотӣ - субъектҳои бозори сармоягузориро бо иттилооти (қоидаҳои) зарурӣ таъмин намуда, салоҳияти онҳоро афзун намуда, барои рафтори оқилонатар шароит фароҳам меорад;

– созишномаҳое, ки дар доираи онҳо манфиатҳои субъектҳои бозори сармоягузори дар асоси ҳамоҳангсозии амалҳо тибки стереотипҳои рафтори иқтисоди, ки дар дохили як институт кабул шудаанд, мувофиқ карда мешаванд;

– тобеият — вобастагии мутақобилаи инкишофи институтҳои идораи давлатӣ: тағйир ёфтани ҳайати вазифаҳои як институт боиси ба дигараш гузаштани онҳо мегардад.

**АДАБИЁТ**

1. Аузан А.А. Институциональная экономика: новая институциональная экономическая теория: учебник / под общей ред. А.А. Аузанова. – М.: ИНФА-М, 2017. – 416 с. С 43

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (аз 15 марти соли 2016 № 1299)

3. Кейнсианская модель инвестиции -= https://spravochnick.ru

4. Кейнсианская модель инвестиции -= https://spravochnick.ru

5. Кириленко В. В. История экономических учений / под ред. В. В. Кириленко.Тернополь: Экономическая мысль, 2007. 233 с. С. 123

6. Мирсаидов А.Б.Развитие институциональной структуры Экономики Республики Таджикистан Экономика Таджикистан, 2016, № 2-3, С. 46-59

7. Маршалл А. Принципы экономической науки: в 5 т. // пер. с англ. М.: Прогресс, 1993. Т. 1. 416 с. с. 114
8. Маркс К. Капитал: Т. 1. К критике политической экономии. М.: Политиздат, 1961. С. 245.
9. Макконнелл К. Р., Брю С. Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика. 11-е изд. / пер.с англ. М.: Республика, 1992. 400 с. С 203.
10. Сопко В. В. Бухгалтерский учет капитала предприятия (собственности, пассивов): монография // Киев: Центр учебной литературы, 2006. 310 с
11. Фролов Д.П. Эволюционная перспектива инстициональной экономики России: монография / ГОУВПО “ВолГУ”; науч. консультант О. В. Иншаков. Волгоград, 2018.
12. Шумпетер, Й. А. Теория экономическогоразвития. Капитализм, социализм и демократия :пер. с нем. и англ. / Й. А. Шумпетер. – М. : Эксмо,2007. – 862 с. с. 64–69

**УДК 339.138**

**Собирова Ш. Р.**

## СТРАТЕГИЯИ МАРКЕТИНГИИ КОРХОНАҲОИ ИСТИХРОҶИ МАЪДАН, ТАҲИЯ, АРЗЁБӢ ВА ТАТБИҚИ ОН

Дар шароити пурзӯр гаштани рақобат дар бозор ҳар як корхона барои нигоҳдории мавқеи худ ва забти бозорҳои нав кӯшиш менамояд. Барои амалигардории фаъолият дар ин шароит пешгӯи намудани тамоми самтҳои фаъолият зарур буда, таҳия ва татбиқ намудани стратегияи маркетингӣ яке аз унсурҳои муҳими он ба шумор меравад. Дар мақолаи мазкур аҳамияти стратегияи маркетингӣ дар корхонаҳои истихроҷи маъдан мавриди баррасӣ қарор дода шуда, як қатор фарқиятҳои он нисбат ба стретегияҳои дигар соҳаҳо нишон дода шудааст. Принсипҳои таҳияи стратегияи маркетингӣ, омилҳо ва шароитҳои ба он таъсиррасон, хусусиятҳои хоси соҳавӣ қайд карда шудаанд. Раванди арзёбии иқтисодӣ ҳамчун раванди муҳиму калидӣ эътироф карда мешавад, ки самаранокии таҳия ва амалигардонии стратегияи маркетингӣ аз дақиқии натиҷаҳои таҳлилу арзёбии маҳакҳои он вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, марҳилаҳои асосии татбиқи самараноки стратегияи маркетингӣ шарҳ дода шудаанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда мусоидат менамоянд.

**Калидвожаҳо:** стратегияи маркетингӣ, корхона, истихроҷи маъдан, самаранокӣ, фаъолият, маҳак, арзёбӣ, бозор.

**Собирова Ш. Р.**

## МАРКЕТИНГОВАЯ СТРАТЕГИЯ ГОРНОРУДНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ, ЕЕ РАЗРАБОТКА, ОЦЕНКА И РЕАЛИЗАЦИЯ

В условиях усиления конкуренции каждое предприятие стремится удерживать свои позиции, а также завоевать новых рынков. Для того, чтобы осуществлять деятельности в таких условиях необходимо прогнозировать всех направлений деятельности, а разработка и реализация маркетинговой стратегии являются одними из важных ее элементов. В данной статье рассматривается значение маркетинговой стратегии на горнодобывающих предприятиях и показан ряд ее отличительных особенностей от стратегий в других отраслях. Отмечены принципы разработки маркетинговой стратегии, отраслевые специфики, факторы и условия, влияющие на нее. Процесс экономической оценки признан важным и ключевым процессом, так как эффективность разработки и реализации маркетинговой стратегии зависит от точности результатов ее анализа и оценки. При этом отмечаются основные этапы

эффективной реализации маркетинговой стратегии, которые способствуют достижению поставленных целей.

**Ключевые слова:** маркетинговая стратегия, предприятие, добыча полезных ископаемых, эффективность, деятельность, критерии, оценка, рынок.

**Sobirova Sh.R.**

**MARKETING STRATEGY OF MINING ENTERPRISES, ITS DEVELOPMENT, EVALUATION AND IMPLEMENTATION**

In the conditions of increasing competition, each enterprise strives to maintain its position, as well as to conquer new markets. In order to carry out activities in such conditions, it is necessary to forecast all areas of activity, and the development and implementation of a marketing strategy are some of its important elements. This article examines the importance of a marketing strategy in mining enterprises and shows a number of its distinctive features from strategies in other industries. The principles of developing a marketing strategy, industry specifics, factors and conditions influencing it are noted. The process of economic evaluation is recognized as an important and key process, since the effectiveness of the development and implementation of a marketing strategy depends on the accuracy of the results of its analysis and evaluation. At the same time, the main stages of effective implementation of a marketing strategy are noted, which contribute to the achievement of the set goals.

**Key words:** marketing strategy, enterprise, mining, efficiency, activity, criteria, evaluation, market.

Фаъолияти муваффақиятноки корхонаҳои истихроҷи маъдан ва рушди он дар муҳити рақобатӣ ҳангоми таъсири мунтазами омилҳои гуногун аз сатҳи муқовимат ба оқибатҳои он вобастагӣ дорад, ки ҳам ба нуфӯзи корхона дар бозор ва ҳам ба эътимоднокӣ нисбати фаъолияти он таъсири назаррас мерасонад. Бо дар назардошти ташаккулёбӣ ва тезу тунд гаштани рақобат таҳия стратегияи фаъолияти корхона дар давраи дарозмуддат бо нишон додани самтҳои афзалиятноки рушди ва татбиқ намудани он аҳамияти хоса дорад.

Сатҳи самаранокии татбиқи стратегияи корхонаҳои истихроҷи маъдан бевосита бо асосноккунии он аз лиҳози маркетингӣ алоқамандии зич дорад, зеро дар шароити муосир ҳаҷм ва нархи фурӯши маҳсулотҳои саноати истихроҷи маъдан хусусияти ноустувор пайдо карда, ба як қатор корхонаҳои соҳавӣ таъсири манфӣ расонидааст.

Таҳия ва амалигардонии стратегияи маркетингии корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан дар айни замон масъалаи бисёр баҳсталаб ба шумор рафта, консепсияи он зарурияти асосноккунии назариявӣ ва амалии худро талаб менамояд. Барои ин татқиқи стратегияи маркетингии корхона, моҳият, хусусият, маҳаки арзёбӣ ва принсипҳои таҳияву амалигардонии он аҳамияти хоса дорад. Асосҳои фаъолияти маркетингии субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар корҳои илмии Томпсон А., Котлер Ф., Фатхутдинов Р. ва дигар олимон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар корҳои илмии олимони ватанӣ Бойматов А.А., Бозоров Ш.Ш. назария, хусусиятҳои методологӣ ва амалигардонии стратегияи маркетингӣ акси худро ёфтанд. Махсусан татқиқотҳои олими ватанӣ Бойматов А.А. оид ба стратегияи маркетингӣ ҷолиби диққат мебошад, ки тибқи он дар шароити пуршиддат гардидани рақобат дар солҳои охир, таваҷҷуҳ ба фаъолияти стратегии маркетингии идораҳои давлатӣ ва корхонаю ширкатҳои ватанӣ меафзояд ва ба омили асосии ҳаллу фасли масъалаҳои рушду равнақи устувор табдил меёбад [3].

Бо вуҷуди он, ки дар самти фаъолияти маркетингии стратегии корхонаҳо корҳои илмии зиёд ба анҷом расонида шудааст, ба як қатор ҷабҳаҳои он, махсусан ба масъалаҳои таҳия, асосноккунӣ ва амалигардонии стратегияи маркетингӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан диққати хоса дода нашудааст. Ҳолати мазкурро чунин тавр шарҳ додан мумкин аст, ки тадқиқотҳои

маркетингӣ бо нишондиҳандаҳои ниҳоии фаъолияти корхона робитаи мустақим надошта, таъсири онҳо ҳангоми таҳия ва амалигардонии қарорҳои идоравӣ мушоҳида карда мешавад. Дар ин робита, фаъолияти маркетингӣ ба бузургии хароҷотҳо таъсир расонида, ҳангоми васеъ гаштани миқёси гузаронидани татқиқотҳо онро афзоиш медиҳад, ки ба ғайрисамаранок гаштани тамоми самтҳои фаъолияти маркетингӣ меорад. Ҳамаи ин ҳолатҳо роҳбарон ва мутахассисон-маркетологҳои корхонаҳоро водор месозад, ки баҳри оқилона роҳандозӣ намудани фаъолияти маркетингӣ кӯшиш намоянд. Маҳз, яке аз олотҳои асосии идоракунии стратегии рушди ташкилоту корхонаҳои гуногун стратегияи маркетингӣ мебошад [2].

Стратегияи маркетингии корхона нақшаи дар асоси ҳадафҳои маркетингӣ таҳиягардидаи он мебошад, ки барои устувор намудани рақобатпазирии стратегии корхона равона карда шуда, марҳилаҳои рушди оянда, бартарӣ ва маҳакҳои рақобатии онро нишон медиҳад. Ҳангоми таҳия ва ба амал татбиқ намудани стратегияи маркетингӣ вазъи муҳити дохила ва беруна ба инобат гирифта мешавад. Барои таҳия ва ба амал татбиқ намудани стратегияи маркетингии корхонаҳои истихроҷи маъдан риоя намудани як қатор шароитҳо зарур аст, ки аз қисматҳои асосии зерин иборат мебошад:

— ба таври мушаххас татқиқ ва мавриди баррасӣ қарор додани ҳадафҳои асосии корҳои истихроҷӣ дар давраҳои оянда ва ташаккулдиҳии стратегияи корхона марбут ба фаъолияти он дар самти фурӯши консентратҳои коркардшуда;

— мавҷуд будани маълумотҳои дақиқ оид ба бозори маҳсулотҳои соҳаи истихроҷи маъдан ва хусусиятҳои хоси талаботҳо дар бозорҳои мазкур;

— ба таври мушаххас татқиқ намудани имкониятҳои корхона ва захираҳои истеҳсолӣ, моддию техникӣ, молиявӣ, меҳнатӣ ва фурӯшии он.

Ҳангоми таҳияи стратегияи маркетингӣ вазифаи асосӣ дар он акси худро меёбад, ки фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратии корхонаро ба таври мушаххас зери тадқиқ қарор дода, сатҳи рушди он ва марҳилаҳои сикли ҳаётиро арзёбӣ карда шавад. Дар ин ҷо ба инобат гирифтани баҳодиҳии иқтисодию геологии конҳои канданиҳои фоиданок, ҷудо намудани захираҳои омӯхташудаи канданиҳои фоиданок ба фоидаовар ва фоиданаовар, инчунин дигар омилҳое, ки ба сатҳи самаранокии фаъолияти корхона таъсир мерасонанд.

Ба таври дуруст интихоб намудани самти стратегияи маркетингӣ ва таҳияи асосноки он дар ҳадафи баланд бардоштани сатҳи нишондиҳандаҳои ниҳоии фаъолияти тиҷоратии корхонаҳои истихроҷи маъдан нақши назаррасро дорад. Таҳияи стратегияи маркетингӣ дар корхонаҳои истихроҷи маъдан принсипҳои зеринро дар бар мегирад (расми 1).




**Расми 1. Принсипҳои таҳияи стратегияи маркетингӣ дар корхонаҳои истихроҷи маъдан**

***Эзоҳ**: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст*

Ба мисли дигар соҳаҳо, соҳаи истихроҷи маъдан низ принсипҳои ба худ хосро дорад. Бинобарин, раванди таҳия намудани стратегияи маркетингии корхонаҳои истихроҷи маъдан равиши комплексӣ ва ба инобат гирифтани хусусияти хоси соҳаи мазкурро талаб менамояд, ки ба онҳо дохил намудан мумкин аст:

1. Таҳлили бозор ва муҳити рақобатӣ.

Таткиқи бозор тавассути арзёбии вазъи ҷории бозори металлҳо, ҳаҷм, тамоюл ва афзалиятҳои он гузаронида мешавад.

Ҳангоми таҳлили рақибон ҷиҳатҳои заиф ва бартариҳои рақибони асосӣ, стратегияҳои маркетингӣ ва сиёсати нархгузории онҳо мавриди таткиқ ва омӯзиш қарор дода мешавад. Бояд дар назар дошт, ки принсипҳои нархгузорӣ дар корхонаҳои истихроҷи маъдан нисбат ба нархгузорӣ дар корхонаҳои коркардкунанда фарқ намуда, дар ин ҷо мавҷудияти металлҳои ҳамроҳ, таркиби консентрат ва дигар омилҳо ба инобат гирифта мешавад.

2. Муайян намудани аудиторияи мақсаднок.

Қисматбандии бозор, яъне муайян намудани қисматҳои аудиторияи мақсаднок, ки маҳсулотҳои корхонаҳои истихроҷи маъданро харидорӣ менамоянд: корхонаҳои металлургӣ, мошинсозӣ, химиявӣ ва ғайраҳо.

Муайян намудани талабот: муайян намудани талабот ва хоҳишҳои қисматҳои гуногун бо мақсади мутобиқсозии таклифоти маҳсулоти истеҳсолшаванда.

3. Тасвияти таклифоти тиҷоратии беҳамто.

Муайян намудани хусусиятҳои хос ва фарқиятҳои афзалиятдоштаи маҳсулоти пешниҳодшаванда нисбат ба маҳсулоти рақибон (сифат, нарх, дар таркиби консентрат мавҷуд будани дигар металлҳои нодир ва қиматбаҳо, ҳаҷми пешниҳодшаванда, мунтазамӣ ва суръати истеҳсол ва интиқоли маҳсулот ба харидор ва ғайраҳо).

4. Муайян намудани мақсад ва вазифаҳо.

Муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳо барои давраи дарозмуддат баҳри амалисозии стратегияи маркетингӣ (масалан, афзоиш додани ҳиссаи бозор ва ғ.).

5. Интихоби самтҳои ҳаракати маҳсулот.

Оффлайн-самтҳо: самти мазкур иштирок дар намоишҳо, конфронсҳо, вохӯриҳо бо миҳозон, ташкили дарҳои кушод ва монанди онҳоро дар бар мегирад.

Онлайн-самтҳо: SEO, контент-маркетинг, реклама дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайраҳо.

6. Таҳияи стратегияи иртиботӣ.

Брендинг: ташаккулдиҳии бренди устувор бо миссия ва арзишҳои мушаххас.

Робита ба ҷомеа ва иртибор: Истифодабарии пресс-релизҳо, нашриётҳо дар нашрияҳои махсус ва ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳавӣ.

7. Сиёсати нарх.

Гузоштани нархҳои ба талаботҳои рақобати бозорӣ мутобиқбуда. Нархгузорӣ бо дар назардошти хароҷотҳо ва шарту шароитҳои бозорӣ муайян карда мешаванд. Дар ин ҳолат бояд дар назар дошт, ки сатҳи хароҷотҳо дар корхонаҳои истихроҷи маъдан вобаста ба омилҳои кӯҳӣ-геологӣ, табиӣ-иқлимӣ тағйир меёбад ва дар корхонаҳои гуногуни намуди фаъолияташон якхела аз ҳамдигар фарқ мекунад.

8. Мониторинг ва таҳлили самаранокӣ

Муайян намудани нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ ва таҳлили мунтазами натиҷаҳо бо мақсади ба стратегия воридсозии ислоҳкуниҳо.

9. Рушди устувор.

Ҳамгироии принсипҳои рушди устувор ва масъулияти иҷтимоӣ бо стратегияи маркетингӣ барои мутобиқсозии он бо талаботҳои мусоир ва эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон.

10. Технологияҳои инноватсионӣ.

Истифодабарии технологияҳо ва усулҳои нави корӣ, ки бевосита барои афзоиш додани сатҳи самаранокӣ ва коҳишдиҳии хароҷотҳо мусоидат менамоянд.

Истифодабарии принсипҳои мазкур барои таҳия намудани стратегияи маркетингии мукаммал, ки ба хусусиятҳои хоси корхонаҳои истихроҷи маъдан мутобиқ мебошад, мусоидат менамояд.

Ҷузъи муҳим ва ҷудонашавандаи таҳия ва амалигардонии стратегияи маркетингӣ дар раванди роҳандозӣ намудани тамоми намудҳои фаъолияти корхона сарфи назар аз соҳа ва самти он — раванди арзёбии иқтисодии он ба шумор меравад. Амалиёти мазкур бо мақсади муайян намудани сатҳи самаранокии он чорабиниҳое, ки мувофиқи стратегияи мазкури маркетингӣ дар корхона ба роҳ монда мешаванд, роҳандозӣ карда мешавад. Арзёбии стратегияи маркетингӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан аҳамияти хоса дошта, дар ҷодаи амалигардонии фаъолияти дар самти ба фурӯш баровардани консентратҳои коркардшуда бевосита истифода мешавад.

Ҳамзамон, арзёбии стратегияи маркетингӣ баҳри муқарраркунии сатҳи самаранокии таҳия ва аалигардонии он гузаронида мешавад, азбаски дар соҳаи истихроҷи маъдан таткиқотҳои маркетингӣ хароҷотҳои назаррасро талаб менамоянд, ки муайян намудани сатҳи рӯйпӯшкунии онҳо дар асоси афзоиш додани ҳаҷми фурӯш ва баромад ба бозорҳои нави фурӯш барои ҳар як корхона нақши калидӣ дорад. Арзёбии стратегияи маркетингии корхонаҳои истихроҷи маъдан дар асоси як қатор маҳакҳо гузаронида мешавад, ки дар расми 2 оварда шудааст.




**Расми 2. Маҳакҳои арзёбии стратегияи маркетингӣ**

***Эзоҳ:*** *аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст*

Дар асоси маҳакҳои болозикр барои арзёбии самаранокии стратегияи маркетингӣ гузаронидани таҳлили як қатор нишондиҳандаҳо ба мақсал мувофиқ мебошад:

— таҳлили аскуламали харидорон;

— таҳлили самтҳои ҳаракати махсулоти истеҳсолшаванда;

— арзёбии буҷети фаъолияти маркетингӣ.

Роҳандозӣ намудани стратегияи маркетингӣ дар корхонаҳои истихроҷи маъдан нақшаи мушаххаси амалиётҳо ва ҳамгироии равандҳои гуногунро талаб менамояд, ки самаранокии нишондиҳандаҳои ниҳоии чорабиниҳои муқарраргардидаро афзоиш медиҳад. Ба марҳилаҳои асосии ба таври самаранок амалӣ гардонидани стратегияи маркетингӣ дохил намудан мумкин аст:

1. Ташкили гурӯҳи корӣ: марҳилаи мазкур ташаккулдиҳии гурӯҳ ва муайян намудани вазифаву масъулиятҳоро дар бар мегирад. Гурӯҳи корӣ аз қабили мутахассисон оид ба маркетинг, фурӯш, логистика ва истеҳсол иборат буда, фаъолияти онҳо барои амалигардонии

стратегияи муқарраргарида равона карда мешавад. Дар ин ҷода, ба таври мушаххас тақсим ва ба зиммаи ҳар як иштирокчӣ вогузор кардани вазифаву ӯҳдадориҳо барои ҳар як қисмати стратегия аҳамияти хоса дорад, ки тибқи он фаъолияти аъзоёни гурӯҳ ба роҳ монда мешавад ва иҷрои вазифаҳо танзиму назорат карда мешавад.

2. Таҳияи нақшаи муфассали амалиётҳо. Дар марҳилаи мазкур нақшаи тақвимӣ тартиб дода мешавад, ки дар он барои иҷрои чорабиниҳои калидӣ мӯҳлатҳо муқаррар карда мешаванд. Ҳамзамон, барои ҳар як чорабинӣ ва ё амалиёти гузаронидашаванда буҷет тартиб дода шуда, иҷрои он таҳти назорат қарор гирифта мешавад, азбаски иҷрои саривақтӣ ва самараноки стратегияи маркетингӣ аз иҷрои саривақтӣ ва самараноки ҳар як қисмати он вобастагӣ дорад.

3. Татбиқ ва истифодабарии самтҳои интихобгаридаи ҳаракати маҳсулот. Оффлайн-фаъолнокӣ: ташкили иштирок дар озмоишҳо ва конфронсҳо, гузаронидани вохӯриҳо бо мизоҷон ва ғайраҳо; онлайн-фаъолнокӣ: амалигардонии SEO, контент-маркетинг, реклама дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва email-хабарҳо.

4. Омӯзиши ходимон. Ташкили омӯзиш ва тренингҳо барои аъзоёни гурӯҳ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тахассусмандии онҳо дар самти фурӯши маҳсулот ва хизматрасонии мизоҷон. Шиносоии онҳо бо стратегияи маркетингии таҳиягардида, мақсад, вазифаҳо ва қисматҳои асосии он.

5. Мониторинг ва таҳлили натиҷаҳо. Барои арзёбии сатҳи муваффақиятнокии чорабиниҳои тибқи стратегия гузаронидашаванда нишондиҳандаҳои асосӣ муайян карда мешаванд ва таҳлили онҳо гузаронида мешавад. Ҳамзамон, гузаронидани вохӯриҳо ва мулоқотҳо барои таҳлили натиҷаҳо ва ворид сохтани ислоҳкуниҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

6. Ислоҳ ва тағйирот дар стратегияи маркетингӣ. Дар ин марҳила ду механизми асосӣ истифода мешаванд: чандирии стратегия ва робитаи мутақобил бо мизоҷон. Стратегия бояд сатҳи муайяни чандирӣ дошта бошад, ки дар асоси таҳлили бозор ва хулосаҳои мизоҷон ба он тағйиротҳову ислоҳкуниҳо ворид карда шаванд. Хулосаҳои мизоҷон ва ходимон барои муайян намудани муаммо ва имкониятҳои беҳтаргардонии фазои бавуҷудомада низ истифода мешаванд.

7. Рушди устувор ва масъулияти иҷтимоӣ. Дар марҳилаи мазкур барномаҳои рушди устувор ва масъулияти иҷтимоӣ роҳандозӣ карда мешавад, то ки нуфӯзи корхона ҳам дар бозори дохила ва ҳам дар бозорҳои беруна устувор гардад. Бо ин мақсад ҳисоботҳо ва зинаҳои муваффақиятҳои корхона марбут ба рушди устувор мунтазам нашр карда мешаванд.

8. Фаъолнокии рекламавӣ. Таҳия ва роҳандозӣ намудани чорабиниҳои рекламавӣ, ки ба аудиторияи мақсаднок равона карда шудааст, аз ҷумла, татбиқи ҷорабиниҳо ҷиҳати ҷалби мизоҷони нав ва нигоҳдории мизоҷони мавҷудбуда.

Марҳилаҳои мазкур барои муваффақиятнок татбиқ намудани стратегияи маркетингии корхонаҳои истихроҷи маъдан мусоидат намуда, устуворӣ ва сатҳи баланди рақобатпазирии онро дар бозор таъмин месозад.

Ҳамин тавр, стратегияи маркетингӣ яке аз механизмҳои рушди фаъолияти тироҷатии корхонаҳои истихроҷи маъдан ба шумор рафта, таҳия ва амалигардонии он ба самаранокии фаъолият таъсири худро мегузорад. Бинобарин, ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияи маркетингӣ дар корхонаҳои истихроҷи маъдан ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси соҳаи мазкур ва бозори маҳсулотҳои дар соҳа истеҳсолшаванда ба мақсад мувофиқ мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Азрилиян А.Н.: Большой экономический словарь, 25000 терминов. Издание пятое и дополнения. М. – Институт новой экономики 2012, с 469

2. Беляева, С. С. Проблемы формирования маркетинговой стратегии организации / С. С. Беляева, Ю. В. Вылгина // Управление финансами и маркетингом в России и за рубежом :

Сборник научных трудов. – Иваново : Ивановский государственный энергетический университет им. В.И. Ленина, 2024. – С. 119-131.
3. Бойматов, А. А. Нақшакашии стратегии маркетингӣ: назария ва хусусиятҳои методологӣ / А. А. Бойматов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – No. 4(89). – P. 47-56.
4. Буданов И.А. Устранения противоречий отечественного рынка металла в условиях кризиса. Проблемы прогнозирования. 2009. №6. С. 49
5. Козлов С.В. Особенности разработки маркетинговой стратегии на предприятии теплоэнергетической отрасли / С.В. Козлов [Электронный ресурс]. — Режим доступа: edu.tltsu.ru/sites/sites_content/site1238/html/media66811/063-Kozlov.pdf'(дата обращения: 03.10.2024).
6. Кретов И.И. Организация маркетинга на предприятии. М. 2001. 96 с.
7. Куденко Н.В. Принципы стратегического маркетинга / Н.В. Куденко // Ученые записки КНЭУ им. В. Гетьмана / Сборник научных трудов. — 2012. — № 14, Ч. 1. — С. 125–133.
8. Лузин В.П. Маркетинг минерального сырья: Учеб. пособие. — Мурманск: Изд-во МГТУ, 2007.
9. Портер М. Конкурентная стратегия. Методика анализа отраслей и конкурентов. — М.: Альпина Паблишер, 2011.
10. Романов С. М. Основы маркетинга в горной промышленности. М.: МГГУ, 2003. 154 с.
11. Фатхутдинов Р.А. Стратегический маркетинг. – СПб.: Питер, 2008.

**УДК: 336.71:334.72:332.1 (575,3)**

**Солиев Н.Н., Азизов С.А., Назарзода Н.Н.**

## АРЗЁБӢ ВА ТАҲЛИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ САВДОИ ХИЗМАТРАСОНИИ ПУЛАКӢ БА АҲОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Савдои хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ аз як ҷониб дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши тавоноро мебозад, ва аз ҷониби дигар – рушди босуботонаи бахши мазкур дар солҳои оянда метавонад ба яке аз сарчашмаҳои асосии вайроншавии экологӣ табдил ёбад. Бахусус раванди амалигардонии иқтисоди “сабз” мустаъқиман аз самти афзалиятноки пешниҳоди хизматрасонии экологӣ алоқамандии зич дорад. Самаранокии сиёсати иқтисоди сабз, аз ҷумла хизматрасонӣ ба таъмини рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва расидан ба ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон, яъне баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ меорад. Ҷиҳати андозагири сатҳи рушди устувори хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон усули бисёрченаи таҳлили муқоисавӣ мавриди татбиқ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** савдо, хизматрасонии пулакӣ, иқтисоди “сабз”, рушди устувор, талаботи аҳолӣ, соҳибкории фардӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодию оморӣ, хизматрасонии пулакии сарикасӣ, нархҳои бозорӣ, маишӣ, нақлиёти мусофирбар, алоқа, манзилӣ - коммуналӣ, соҳаи маориф, фарҳанг, саёҳат ва экскурсия, варзиш ва тарбияи бадан, тиббӣ, санаторӣ ва табобат, муассисаҳои бонкӣ, индекси Салаи, бисёрченаи таҳлили муқоисавӣ.

**Солиев Н.Н., Азизов С.А., Назарзода Н.Н.**

## ОЦЕНКА И АНАЛИЗ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ТОРГОВЛИ ПЛАТЕЖНЫМИ УСЛУГАМИ НАСЕЛЕНИЮ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Торговля платными услугами населению, с одной стороны, играет мощную роль в развитии национальной экономики, а с другой – устойчивое развитие этого сектора в ближайшие годы может стать одним из основных источников экологического ущерба. В частности, процесс внедрения «зеленой» экономики напрямую связан с приоритетным направлением оказания экологических услуг. Эффективность политики зеленой экономики, включая услуги по обеспечению устойчивого развития в сферах экономики, социальной стабильности, экологического баланса и достижения высшей цели долгосрочного развития Таджикистана, т.е. повышения уровня жизни населения страны на основу обеспечения устойчивого экономического развития. Для измерения уровня устойчивого развития платных услуг населению в Республике Таджикистан применен многомерный метод сравнительного анализа.

**Ключевые слова:** торговля, платные услуги, «зеленая» экономика, устойчивое развитие, спрос населения, индивидуальное предпринимательство, экономико-статистические показатели, индивидуальные платные услуги, рыночные цены, домашнее хозяйство, пассажирский транспорт, связь, жилищно-коммунальное хозяйство, образование, культура, путешествия и экскурсионное, спортивное и физкультурное, лечебное, санаторно-курортное и лечебное, банковские учреждения, индекс Салаи, многомерный сравнительный анализ.

**Soliev N.N., Azizov S.A., Nazarzoda N. N.**

**ASSESSMENT AND ANALYSIS OF THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF PAID SERVICES TO THE POPULATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

On the one hand, paid services to the population play a powerful role in the development of the national economy, and on the other hand, the stable development of this sector in the coming years may become one of the main sources of environmental degradation. In particular, the process of implementing the “green” economy is directly related to the priority direction of providing environmental services. The effectiveness of green economy policy, including services, contributes to ensuring sustainable development in the economy, social stability, ecological balance and achieving the highest goal of long-term development of Tajikistan, namely, raising the standard of living of the country's people based on ensuring sustainable economic development. In order to measure the level of sustainable development of paid services to the population in the Republic of Tajikistan, a multidimensional comparative analysis method has been applied.

**Keywords:** trade, paid services, "green" economy, sustainable development, population demand, individual entrepreneurship, economic and statistical indicators, paid services per capita, market prices, household goods, passenger transport, communications, housing and communal services, education, culture, travel and excursions, sports and physical education, medicine, sanatoriums and treatment, banking institutions, Salai index, multidimensional comparative analysis.

Иқтисодиёти миллӣ омили пуриқтидори муҳити бозорӣ ва таҳкими субъектҳои нави он ба ҳисоб меравад. Дигаргунсозиҳои марбут ба иқтисодиёт, хусусан гузариш ба фаъолияти иқтисоди сабз мувофиқан рушди устувори хизматрасониҳои байналмилалию дохилии кишварро талаб менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки нақши соҳаи хизматрасонӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ назаррас мебошад. Тибқи маълумоти омори солонаи ҷумҳурӣ (2023), агар дар соли 2015 ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли хизматрасонӣ дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 37,7 фоизро ташкил дода бошад, пас дар соли 2022 ин рақам ба 41,4 фоиз расонида шудаст. Зимнан дар соли 2022 ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ 27,7 фоизро ташкил дода, дар муқоиса нисбати соли 2015-ум ба андозаи 0,7 фоиз коҳиш ёфтааст.

Бо вуҷуди ин, метавон арзёбӣ намуд, ки таъмини рушди устувори соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар шароити гузариш ба фаъолияти иқтисоди сабз имконият фароҳам меорад, ки барои ҳалли як қатор масъалаҳои муҳими макроиқтисодӣ, аз қабили таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, паст намудани сатҳи бекорӣ, сатҳи камбизоатӣ ва ғайра мусоидат менамояд.

Дар айни ҳол масъалаи муҳими таҳқиқот ин арзёбии вазъи рушди устувори хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ мебошад. Рушди устувор ин таҳкимии тамоюли маҷмӯъ ва ҳар намуди хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ мебошад. Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, аз як ҷониб натиҷаи фаъолияти корхонаю ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки барои қонеъ кардани талаботи шахсии аҳолӣ бо фармоиши худи онҳо равона шудааст ва аз ҷониби дигар бошад, ин хароҷоти пулии аҳолӣ барои истифода ё истеъмоли хизматҳои пешниҳодгардида мебошад. Дар амалия ба таркиби ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ, инчунин хизматҳои шахсони алоҳида дохил мешаванд, ки ба соҳибкории фардӣ машғуланд.

Қайд бояд кард, ки арзёбии хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ асосан тавассути истифодаи низоми нишондиҳандаҳои иқтисодию оморӣ тавсиф карда шуда, ҳаҷм ва сохтори хизматҳои истеъмолшаванда, инчунин динамикаи истеъмолотро инъикос менамоянд. Ба нишондиҳандаҳои мазкур, асосан ҳаҷми умумии хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ва ба ҳар нафар аҳолӣ, ки дар аксари мавридҳо хизматрасонии пулакии сарикасӣ ном гирифта мешавад, сохтори истеъмолоти хизматҳо аз рӯи намудҳо ва хароҷоти пулии миёнаи сарикасии аҳолӣ барои пардохти хизматҳо дохил мешаванд.

Нишондиҳандаи муҳиме ки барои арзёбии хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ истифода карда шудааст, ин ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ буда, бо нархҳои бозории ҳақиқии амалкунанда ҳисоб карда мешавад ва таркиби он андоз аз арзиши илова ва андоз аз фурӯшро дар бар мегирад.

Дар солҳои 2015 – 2022 ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли зиёдшавиро дорад ва ба ҳисоби миёнаи солона нишондиҳандаи суръатафзоӣ 2,9 фоизро ташкил медиҳад. Дар давраи муқоисашаванда, ба ҳисоби миёнаи солона суръатафзоии ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба ҳар нафар аҳолӣ 8,9 фоиз афзудааст. Суръатафзоии баланди ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, асосан аз ҳисоби афзоиши суръатафзоии ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ назар ба суръатафзоии шумораи аҳолии ҷумҳурӣ ба вуҷуд омадааст. Зимнан дар ҳамин давраи таҳқиқӣ ба ҳисоби миёнаи солона суръатафзоии шумораи аҳолии кишвар ҳамагӣ 2,3 фоизро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1. Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ва сарикасӣ дар солҳои 2015 – 2022 дар минтақаҳо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон [6, с. 354-357] [3, с. 27]**

| Нишондиҳанда | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 с. | 2021 с. | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумурии Тоҷикистон Хизматрасонии пулакӣ, млн. Сомонӣ | 16658,0 | 16574,7 | 16956,0 | 16616,8 | 16899,3 | 15040,4 | 16183,5 | 20358,8 |
| Ба ҳар нафар аҳолӣ, сомонӣ (бо нархҳои амалӣ) | 1131,3 | 1161,2 | 1231,7 | 1247,7 | 1409,4 | 1389,5 | 1581,6 | 2058,4 |
| Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон Хизматрасонии пулакӣ, млн. Сомонӣ | 64,9 | 67,5 | 74,5 | 88,7 | 99,9 | 98,0 | 149,3 | 151,0 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ба ҳар нафар аҳолӣ, сомонӣ (бо нархҳои амалӣ) | 302,8 | 310,5 | 338,3 | 396,7 | 440,3 | 428,1 | 653,7 | 694,6 |
| Вилояти Суғд Хизматрасонии пулакӣ, млн. Сомонӣ | 3010,7 | 3137,8 | 3335,7 | 3527,2 | 3603,3 | 3291,6 | 3602,3 | 4114,6 |
| Ба ҳар нафар аҳолӣ, сомонӣ (бо нархҳои амалӣ) | 1226,1 | 1249,6 | 1302,6 | 1352,2 | 1355,4 | 1215,8 | 1294.4 | 1433,6 |
| Вилояти Хатлон Хизматрасонии пулакӣ, млн. Сомонӣ | 1569,0 | 1565,4 | 1686,7 | 1868,4 | 2064,5 | 2070,5 | 2170,3 | 2327,0 |
| Ба ҳар нафар аҳолӣ, сомонӣ (бо нархҳои амалӣ) | 528,0 | 513,6 | 539,8 | 584,1 | 630,4 | 618,4 | 627,3 | 644,4 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ Хизматрасонии пулакӣ, млн. Сомонӣ | 1011,1 | 973,7 | 1005,5 | 961,6 | 1037,9 | 1007,4 | 1123,4 | 1294,9 |
| Ба ҳар нафар аҳолӣ, сомонӣ (бо нархҳои амалӣ) | 526,1 | 493,7 | 497,5 | 464,7 | 489,6 | 465,1 | 545,3 | 603,9 |
| ш. Душанбе Хизматрасонии пулакӣ, млн. Сомонӣ | 3962,2 | 4289,3 | 4781,6 | 5684,9 | 6178,0 | 6737,6 | 8120,0 | 12471,3 |
| Ба ҳар нафар аҳолӣ, сомонӣ (бо нархҳои амалӣ) | 5023,7 | 5343,6 | 5858,4 | 6837,7 | 7299,1 | 7803,6 | 6850,0 | 10213,2 |

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2023, с. 354,357; Демогрфияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023, с.27.

Маълумоти овардашудаи ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар соли 2022 дар муқоиса ба соли 2015 дар сохтори хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои тағйирёбӣ ба таври номутаносиб мушоҳида мегардад. Агар дар соли 2022 дар муқоиса ба соли 2015 ҳиссаи хизматрасонии нақлиёти мусофирбар – 1,0 фоиз, муассисаҳои бонкӣ ва хусусияти ҳуқуқидошта – 4,05 фоиз ва дигар хизматҳо – 11,4 фоиз зиёд гардида бошанд, он гоҳ ҳиссаи хизматрасониҳои маишӣ – 14,3 фоиз, алоқа – 1,1 фоиз, маданият – 0,3 фоиз, саёҳат ва экскурсия – 0,01 фоиз, тиббӣ – 0,14 фоиз, санаторӣ ва табобатӣ – 0,1 фоиз коҳиш ёфтаанд. Дар ҳамин давраи ҳиссаи хизматрасонии манзилӣ – коммуналӣ, маориф, варзиш ва тарбияи бадан бетағйир мондаанд. Дар баробари тавсифи тағйирёбии ҳар ҳиссаи намудҳои хизматрасонӣ, инчунин зарур дониста мешавад, ки тайироти сохтории маҷмӯи (ҷамъи умумии) хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ арзёбӣ карда шавад.

Татбиқи индекси Салаи (I) яқинан аз он шаҳодат медиҳанд, ки тайироти сохтории маҷмӯи (ҷамъи умумии) намудҳои хизматрасонии пулаки ба аҳолӣ дар давоми солҳои 2015 – 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на он қадар назаррас мебошанд.

Аз рӯи арзёбии шкалаи эконометрӣ индекси Салаи (I), ки ба 0,2090 баробар аст, доир ба ҷиҳати суст рушд ёфтани тайироти сохтории маҷмӯи (ҷамъи умумии) хизматрасонии пулакӣ ба аҳолиро тасдиқ менамояд.

**Ҷадвали 2.**

**Динамикаи сохтори намудҳои хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар солҳои 2015 ва 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [6, с.355-356]**

| Намуди хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ | Сохтор, % | | $(V_1-V_2)$ | $(V_1-V_2)^2$ | $V_1^2$ | $(V_1+V_2)$ | $V_2^2$ | $[\frac{(V1-V2)}{(V1+V2)}]^2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015с. $(V_1)$ | 2022с. $(V_2)$ | | | | | | |
| Маишӣ | 39,1 | 24,3 | 14,8 | 219,04 | 1528,81 | 63,4 | 590,49 | 0,0545 |
| Нақлиёти мусофирбар | 18,1 | 19,1 | -1 | 1,0 | 327,61 | 37,2 | 364,81 | 0,0007 |
| Алоқа | 13,8 | 12,7 | 1,1 | 1,21 | 190,44 | 26,5 | 161,29 | 0,0017 |
| Манзилӣ – коммуналӣ | 0,8 | 0,8 | 0 | 0 | 0,64 | 1,6 | 0,64 | 0 |
| Соҳаи маориф | 10,3 | 10,3 | 0 | 0 | 106,09 | 20,6 | 106,09 | 0 |
| Маданият | 0,60 | 0,3 | 0,3 | 0,09 | 0,36 | 0,9 | 0,09 | 0,1111 |
| Саёҳат ва экскурсия | 0,03 | 0,02 | 0,01 | 0,0001 | 0,0009 | 0.05 | 0,0004 | 0,04 |
| Варзиш ва тарбияи батдан | 0,01 | 0,01 | 0 | 0 | 0,0001 | 0,02 | 0,0001 | 0 |
| Тиббӣ | 4,2 | 4,06 | 0,14 | 0,0196 | 17,64 | 8,26 | 16,4836 | 0,0003 |
| Санаторӣ ва табобат | 0,4 | 0,3 | 0,1 | 0,1 | 0,16 | 0,7 | 0,09 | 0,0204 |
| Муассисаҳои бонкӣ ва хусусияти ҳуқуқидошта | 6,8 | 10,85 | -4,05 | 16,4025 | 46,24 | 17,65 | 117,7225 | 0,0526 |
| Дигар хизматҳо | 5,86 | 17,26 | -11,4 | 129,96 | 34,3396 | 23,12 | 297,9076 | 0,2431 |
| Ҳамагӣ | 100,00 | 100,0 | - | 367,8222 | 2252,3306 | - | 1655,6142 | 0,5244 |

***Сарчашма:** ҷадвал аз ҷониби муаллифон дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2023) с. 355 – 356 таҳия ва ҳисоб карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки истеъмолоти хизматрасонии пулакӣ аз ҷониби аҳолӣ тақозо ба гузаронидани таҳлили нишондиҳандаҳои онро дорад, зеро хароҷоти истеъмолии хонавода (хоҷагии хонагӣ) қисми хароҷоти пулӣ буда, барои хариди хизмтрасонӣ равона гардидааст[1].

Исбот карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баробари афзудани даромади умумии хонаводаҳо мувофиқан ҳиссаи хароҷоти аҳолӣ асосан барои харидани молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ меафзояд, вале ҳисаи хароҷот барои пардохти хизматрасонӣ дар муқоиса ба хароҷоти молҳои озӯқаворӣ ва ғайриозӯқаворӣ зиёд нест, лекин дар динамика бо тағйироти назаррас ба чашм мерасад.

Дар солҳои 2015 - 2022 динамикаи даромади умумии хонаводаҳо ба ҳисоби миёнаи солона 15,0 фоиз зиёд шудааст, вале ба ҳисоби миёна ҳиссаи хароҷоти аҳолӣ асосан барои харидани молҳои озуқаворӣ – 16,92 фоиз ва ғайриозуқаворӣ – 20,42 фоиз, инчунин ҳисаи хароҷот барои пардохти хизматрасонӣ 26,47 фоиз афзудааст.

Бо ибораи дигар, маълум мегардад, ки қисми зиёди ҳаҷми даромади умумии хонаводаҳо барои хариди молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ истифода карда шуда, танҳо ҳиссаи муайяни он барои пардохти хизматрасонии пулакӣ сарф карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки сохтори хароҷоти хонаводаҳо барои пардохти баъзе намуди алоҳидаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва собиқ аз баъзеи давлатҳои Иттиҳоди Шуравӣ гуногун мебошанд. Агар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 аз ҳаҷми маблағи умумии хароҷот барои пардохти хизматрасонӣ ҳиссаи хароҷот ба хизматрасониҳои коммуналӣ 34,1 фоизро ташкил диҳад, пас ин нишондиҳанда дар Беларус – 27,0 фоиз,

Узбекистон – 31,8 фоиз, Қирғизистон – 32,0 фоиз, Қазоқистон – 32,2 фоиз, Русия – 36,5 фоиз, Арманистон – 52,0 фоиз ва Украина -56,2 фоизро ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали 3.**

**Нишондиҳандаҳои даромади умумии хонаводаҳо ва истифодаи он дар тайироти сохтории маҷмӯи (ҷамъи умумии) намудҳои хизматрасонии пулаки ба аҳолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022 [6, с. 29]**

| Нишондиҳанда | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019. | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромади умумии хонаводаҳо, ба ҳисоби миёна ба як аъзои хонавода дар як моҳ, сомонӣ | 297,61 | 351,14 | 374,12 | 409,78 | 475,72 | 518,19 | 684,50 | 794,100 |
| Истифодаи даромади умумии хонаводаҳо, ба ҳисоби миёна ба як нафар аъзои хонавода дар як моҳ, сомонӣ | 265,68 | 321,36 | 329,68 | 358,49 | 429,89 | 649,09 | 781,93 | 923,36 |
| аз ҷумла, ҳиссаи хароҷот барои: а) озуқа ба ҳисоби миёна ба як нафар аъзои хонавода дар як моҳ | 139,03 | 174,53 | 162,05 | 166,67 | 197,26 | 391,45 | 380,84 | 415,24 |
| б)барои молҳои ғайриозуқаворӣ ба ҳисоби миёна ба як нафар аъзои хонавода дар як моҳ | 66,31 | 76,32 | 89,37 | 100,09 | 106,35 | 170,06 | 212,70 | 243,55 |
| в)пардохти хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ба ҳисоби миёна ба як нафар аъзои хонавода дар як моҳ | 35,04 | 38,75 | 44,78 | 51,04 | 62,57 | 68,34 | 172,15 | 181,37 |

***Сарчашма:** ҷадвал дар асоси Нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023, с.29 таҳия ва ҳисоб карда шудааст.

Дар соли 2021 аз ҳаҷми маблағи умумии хароҷот барои пардохти хизматрасонӣ ҳиссаи хароҷот барои хизматрасониии нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 16,7 фоизро ташкил медиҳад, ҳол он ки ҳиссаи хароҷот барои хизматрасонии нақлиёт дар ҳамин давра дар Украина – 6,5 фоиз, Арманистон – 6,7 фоиз, Беларус – 9,4 фоиз, Русия – 12,4 фоиз, Қазоқистон – 13,6 фоиз, Узбекистон – 15,8 фоиз ва Қирғизистон – 19,4 фоизро ташкил медиҳанд.

Бояд зикр намуд, ки аз ҳаҷми маблағи умумии хароҷот барои пардохти хизматрасонӣ ҳиссаи хароҷот барои алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – 16,0 фоизро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи мазкур, дар Арманистон – 10,4 фоиз, Узбекистон – 10,4 фоиз, Русия – 11,1 фоиз, Украина – 12,6 фоиз, Қирғизистон – 19,0 фоиз, Қазоқистон – 19,6 фоиз ва Беларус – 22,1 фоиз аст. Дар миқёси собиқ давлатҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар соҳаи хизматрасонии тиббӣ бошад, аз ҳаҷми маблағи умумии хароҷот барои пардохти хизматрасонӣ ҳиссаи камтарини хароҷот дар Қирғизистон мушоҳида гардида, 4,0 фоизро ташкил медиҳад. Дар дигар давлатҳо

аз ҳаҷми маблағи умумии хароҷот барои пардохти хизматрасонӣ ҳиссаи хароҷот барои хизматрасонии тиббӣ чунин аст: Русия – 5,7 фоиз, Беларус – 6,2 фоиз, Украина – 8,0 фоиз, Қазоқистон – 8,7 фоиз, Тоҷикистон – 9,6 фоиз ва Арманистон – 17,8 фоиз.

Бояд қайд кард, ки дар сохтори хароҷоти умумӣ барои пардохти хизматрасонӣ ҳиссаи хароҷот барои маориф дар давраи таҳлилшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,1 фоизро ташкил медиҳад. Дар дигар мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ нишондиҳандаи мазкур ба тарзи зайл арзёбӣ карда мешавад: Украина – 4,3 фоиз, Русия – 5,2 фоиз, Беларус – 6,3 фоиз, Қазоқистон – 6,5 фоиз, Арманистон – 7,1 фоиз, Қирғизистон – 8,4 фоиз ва Узбекистон – 12,4 фоиз. Ниҳоят дар сохтори хароҷоти умумӣ барои пардохти хизматрасонӣ ҳиссаи хароҷот ба фарҳанг ва истироҳат дар ҳамин давра, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 0,8 фоизро ташкил медиҳад. Дар дигар давлатҳои муқоисашаванда нишондиҳандаи мазкур чунин арзёбӣ карда мешаванд: Арманистон – 0,4 фоиз, Қирғизистон – 0,5 фоиз, Узбекистон – 0,9 фоиз, Қазоқистон – 2,6 фоиз, Украина – 3,1 фоиз, Беларус – 6,3 фоиз ва Русия – 12,9 фоиз. (давом дорад).

## АДАБИЁТ


1. Ахмадов, Ф. М. Экономико-статистический анализ уровня жизни населения Республики Таджикистан: специальность 08.00.12 "Бухгалтерский учет, статистика": автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Ахмадов Фарахманд Муфазалович. – Душанбе, 2020. – 27 с. – EDN TNNKKN.
2. Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти хатлон / Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии тоҷикистон дар вилояти Хатлон http://stat-khatlon.tj
3. Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023
4. Зарифзода З. К. Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон) http://tgfeu.tj
5. Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳо. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023,86 с.
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023,429 с.
7. Платное обслуживание населения в рязанской области/ статистический сборник. Рязань - 2019. http://dspace.rsu


**УДК 338.48**

**Сохибов А. Н.**

# НАҚШИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ ДАР РУШДИ УСТУВОРИ РЕКРЕАТСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақола нақши сайёҳии экологӣ дар рушди устувори иқтидори рекреатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Муаллиф тамоюлҳои имрӯзаи соҳаи сайёҳии экотуризм, таъсири онро ба ҳифзи захираҳои табиӣ ва беҳбуди вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар таҳлил кардааст. Ба иқтидори экотуризм ҳамчун воситаи рушди устувор, ки ба ҳифзи муҳити зист, таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми маҳаллӣ мусоидат мекунад, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда мешавад. Дурнамои ҳамгироии таҷрибаҳои экологӣ ба сайёҳӣ, инчунин мушкилот ва мушкилоте, ки Тоҷикистон дар роҳи рушди устувори ин соҳа рӯбарӯ аст, баррасӣ шудааст. Дар ҷамъбаст, хулоса мешавад, ки равиши ҳамгироӣ дар рушди сайёҳии экологӣ барои нигоҳ доштани таносуби байни рушди иқтисодӣ ва ҳифзи мероси табиии Тоҷикистон муҳим аст.

**Калидвожаҳо:** сайёҳии экологӣ, рушди устувор, потенсиали рекреатсионӣ, ҳифзи табиат, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, муҳити зист, индустрияи сайёҳӣ, усулҳои тадқиқотӣ.

**Сохибов А. Н.**

**РОЛЬ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ТУРИЗМА В УСТОЙЧИВОМ РАЗВИТИИ РЕКРЕАЦИИ ТАДЖИКИСТАНА**

В статье рассматривается роль экологического туризма в устойчивом развитии рекреационного потенциала Республики Таджикистан. Автор анализирует текущие тенденции в сфере экологического туризма, его влияние на сохранение природных ресурсов и улучшение социальной и экономической ситуации в регионах страны. Особое внимание уделено потенциалу экологического туризма как инструмента для устойчивого развития, который способствует охране окружающей среды, созданию рабочих мест и повышению уровня жизни местных сообществ. Рассматриваются перспективы интеграции экологических практик в туризм, а также проблемы и вызовы, с которыми сталкивается Таджикистан на пути к устойчивому развитию этой отрасли. В заключении сделан вывод о важности комплексного подхода в развитии экологического туризма для поддержания баланса между экономическим ростом и сохранением природного наследия Таджикистана.

**Ключевые слова:** экологический туризм, устойчивое развитие, рекреационный потенциал, охрана природы, социально-экономическое развитие.

**Sohibov A. N.**

**THE ROLE OF ECO-TOURISM IN SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF RECREATION IN TAJIKISTAN**

The article examines the role of eco-tourism in the sustainable development of the recreational potential of the Republic of Tajikistan. The author analyzes current trends in the field of eco-tourism, its impact on the conservation of natural resources and the improvement of the social and economic situation in the regions of the country. Particular attention is paid to the potential of eco-tourism as a tool for sustainable development, which contributes to environmental protection, job creation and improving the standard of living of local communities. The prospects for integrating environmental practices into tourism, as well as the problems and challenges that Tajikistan faces on the path to sustainable development of this industry are considered. In conclusion, a conclusion is made about the importance of an integrated approach to the development of eco-tourism to maintain a balance between economic growth and the preservation of the natural heritage of Tajikistan.

**Keywords:** eco-tourism, sustainable development, recreational potential, nature conservation, socio-economic development.

Гектор Себальос-Ласкурейн, предложивший в 1983 году концепцию "зеленого туризма", акцентировал внимание на заботе о природе и её сохранении. Экологический туризм помогает охранять биосферу и формировать экологическую ответственность у туристов, а также способствует сохранению культурных традиций местных жителей через образовательные программы.

Хотя экология туризма существует более сорока лет, общее определение этого явления все еще не установлено. Исследования М.Б. Биржакова подчеркивают, что это многоаспектная концепция, в которой важным является гармоничное сочетание взаимодействия с природными и культурно-историческими ценностями, при минимальном негативном влиянии на окружающую среду. Экологический туризм включает не только наблюдение за дикой природой или изучение местных традиций; его цель шире — это активная защита природных

ресурсов, сохранение экосистем и поддержка устойчивого социально-экономического развития сообществ [1].

Ориентация на экологичность в туризме характеризуется особыми признаками, среди которых основным является неуклонное стремление уменьшить вред окружающей среде. Этот подход представляет собой сильный стимул для охраны природных ресурсов и содействует устойчивому социально-экономическому благосостоянию местного населения в регионах, привлекающих туристов. В последние годы наблюдается растущий интерес к экологическим аспектам туристической индустрии, что связано с тесной взаимосвязью между туристическими потоками и социальными, экономическими и природоохранными вопросами.

Тем не менее, несмотря на зависимость от состояния природных ресурсов как основы для туризма, непродуманная деятельность может привести к негативным последствиям в экологии популярных туристических направлений. В связи с этим актуальность и необходимость применения принципов экологически ориентированного подхода возрастает: он становится ключом к поддержанию гармонии между развитием туризма и сохранением природы, обеспечивая долгосрочную устойчивость обоих этих важных аспектов.

Одной из центральных миссий в контексте экологического туризма стоит грамотное управление потоком посетителей и контроль доступа к охраняемым природным зонам, что напрямую связано с защитой целостности местных экосистем. Однако такая стратегия неизбежно сопряжена со снижением финансовых поступлений от туристической индустрии.

Экологические туристы стремятся к непосредственному взаимодействию и наслаждению природными красотами, что ставит перед отраслью сложную задачу двойственного влияния: с одной стороны – стимулирование социально-экономического благополучия территорий; с другой – угроза ухудшения состояния экосистем и утраты культурного наследия. Исследования, проводимые А.Л. Бобровой в этой области, подчеркивают необходимость глубокого изучения вопросов устойчивости данного направления туризма.

Для минимизации негативных последствий на природу критически важно разрабатывать и внедрять стратегии, которые позволят сбалансировать потребности развития туристической индустрии с требованиями сохранения экосистем. Это включает в себя инновационные подходы к планированию маршрутов, ограничение антропогенной нагрузки и активное вовлечение местного сообщества в процессы управления туризмом для обеспечения долгосрочной устойчивости природных ресурсов и культурных традиций [2, с.88].

Взаимодействие туристической индустрии с окружающей средой обусловлено сложным переплетением множественных факторов: от объема и периодичности притока туристов до типов их активностей на местности, а также текущей устойчивости экосистем. Природное разнообразие флоры и фауны, визуальная красота ландшафтов служат магнитом для путешественников по всему миру.

Для смягчения негативного воздействия на окружающую среду необходимо предпринять комплекс мер:

1. Разработка стратегий рационального использования природных ресурсов, включая: - Оптимизацию маршрутов и зон посещения - Ограничение потребления воды и энергоресурсов в туристической инфраструктуре - Применение технологий для снижения экологического следа

2. Современные подходы к управлению потоками туристов: - Внедрение системы лицензирования и регулирования числа посетителей - Разработка сезонного расписания туров с учетом пиков нагрузки - Привлечение технологий для мониторинга антропогенной активности

3. Интеграция местных сообществ: - Содействие в вовлечении жителей в процессы управления туризмом и охраны природы - Поддержка экологического образования среди населения - Развитие альтернативных видов деятельности для снижения зависимости от массового туризма

4. Применение инноваций: - Использование "зеленых" технологий в строительстве и обслуживании туристической инфраструктуры - Внедрение цифровых решений (например, виртуальных экскурсий) для снижения физического воздействия

Эти меры направлены на создание условий, при которых туризм не только способствует экономическому развитию регионов, но и становится активным участником в сохранении природного наследия.

При разработке туристических маршрутов необходимо учитывать возможные негативные последствия и исследовать альтернативные формы туризма. В последнее время наблюдается растущий интерес к экотуризму, который предлагает устойчивые способы взаимодействия с окружающей средой. В условиях быстрого процесса урбанизации крайне важно, чтобы общественные пространства и зеленые насаждения занимали ключевую роль в стратегии устойчивого развития городов, оказывая влияние на их физические и социальные аспекты. Эффективное проектирование зеленых зон стало одной из главных задач в области архитектурного и градостроительного планирования [3, с.21-33].

Необходимость интеграции зелёных насаждений в городскую среду требует особого внимания. Природные, эстетические и социальные аспекты такого использования земельных ресурсов придают ему уникальную ценность. Увеличение численности населения и его сосредоточение влияют на здоровье экосистем. В странах с низким уровнем дохода наблюдается взаимосвязь между ростом численности, бедностью и экологическим ухудшением. С развитием экотуризма возникают трудности, включая конфликты между управляющими природными ресурсами и защитниками экологии, которые требуют устойчивых решений. В ряде развивающихся стран всё больше людей начинают беспокоиться о климатических изменениях, охране окружающей среды и углеродном следе, связанного с активным образом жизни, что привлекает значительное внимание.

В связи с ростом численности населения, нехваткой природных ресурсов и необходимостью их охраны, путешественники всё чаще обращают внимание на природные пейзажи и культурные обычаи. Интерес к растительному и животному миру, а также к уникальным природным богатствам побуждает людей заботиться об экологии. Люди находят утешение в природе, чтобы справиться с напряжением, вызванным жизнью в мегаполисах, что связано с процессами урбанизации, миграцией и другими вызовами. Устойчивый туризм способствует удовлетворению потребностей, как настоящего, так и будущего, обеспечивая защиту планеты и её культурного наследия [4, с.98].

Принципы устойчивого туризма могут служить вдохновением для местных сообществ, побуждая их заботиться о сохранении природных ресурсов. Этот тип туризма акцентирует внимание на интеграции в повседневную жизнь и подчеркивает долгосрочные выгоды для региона. Экотуризм доказал свою эффективность в разных странах, так как он содействует охране природных ландшафтов и культурного наследия, а также способствует национальному развитию и созданию новых рабочих мест. Главной целью экотуризма является защита окружающей среды. Он играет важную роль в экономическом прогрессе региона, обеспечивая такие выгоды, как увеличение рабочей занятости, привлечение инвестиций и рост валютных поступлений. Ярким примером успешного внедрения экотуризма служат некоторые африканские государства, где этот подход помогает в борьбе с бедностью. В частности, в Южной Африке устойчивый туризм улучшает финансовое положение местного населения и создает новые рабочие места, заменяя традиционные виды сельского хозяйства, такие как охота и земледелие, и становится значимой частью экономики региона [5, с.119].

Важно отметить, что экологический туризм имеет значительное значение и оказывает существенное влияние на экономическое развитие страны, а также на создание новых рабочих мест. Его устойчивое развитие зависит от социальных и культурных аспектов. Экотуризм не только enriches культурное и социальное пространство регионов, но и способствует увеличению доходов местных жителей и укреплению местных сообществ. Он также помогает восстановить связи между различными регионами. Благодаря экотуризму улучшается местная

экономика, обеспечивается доступ к медицинским услугам и распространяются знания о культурных традициях. Более того, он способствует снижению негативных последствий от таких видов деятельности, как охота, рыбалка и вырубка лесов.

В 1993 году Организация Объединенных Наций учредила международную комиссию, задачей которой стало сохранение природных ресурсов и содействие устойчивому развитию. В первом отчете комиссии, основанном на исследованиях Г. Х., были выделены основные принципы устойчивого развития, акцентируя внимание на защите экосистем и биоразнообразия, сохранении культурных ценностей и противодействии глобальному экономическому неравенству.

Идея устойчивого развития в сфере туризма начала активно внедряться в начале 1990-х годов, что способствовало появлению термина "устойчивый туризм". Этот подход предлагает новые, инновационные способы наслаждения отдыхом, отличающиеся от традиционного массового туризма. Однако распространенное мнение о безупречности такого туризма не всегда соответствует действительности. Недостаток единых стандартов для устойчивых и экологически чистых форм туризма может приводить к нарушению экологических норм, что, в свою очередь, вызывает значительные экологические проблемы из-за интенсивного использования природных ресурсов и зон отдыха.

На сегодняшний день экологический туризм является одной из наиболее перспективных и активно развивающихся областей в сфере путешествий. Таджикистан, известный своими удивительными природными ландшафтами и заповедными территориями, начал активно развивать этот вид туризма только в начале 21 века. Это связано с тем, что здесь экологический туризм все еще находится на стадии становления. В настоящее время уровень развития этого направления в Таджикистане значительно уступает тем показателям, которые наблюдаются в более развитых странах [6 с.13].




**Диаграмма 1. Численность иностранных туристов, въехавших в страну как «туристы» (по данным ГУ пограничных войск, тыс. человек, в период с 2019 по 2023 годы)**
**Источник:** Составлен автором по данным из Статистического ежегодника Республики Таджикистан [7].

В 2019 году Таджикистан принял 1 миллион 257 тысяч туристов. Однако из-за пандемии COVID-19 поток туристов значительно уменьшился: в 2020 и 2021 годах их число составило лишь 350 000 и 296 000 соответственно. Тем не менее, в 2022 и 2023 годах наблюдается позитивная динамика: количество туристов снова приблизилось к уровням, которые были до пандемии, и в 2023 году зафиксировано около 1,2 миллиона посетителей. Это указывает на то, что Таджикистан, обладая богатым природным и культурным наследием, имеет большой потенциал для развития экологического туризма. Это может способствовать экономическому росту, сохранению природных ресурсов и поддержке местных сообществ, предлагая устойчивые альтернативные варианты традиционному туризму [7, с 121-128].

Таджикистан поражает разнообразием своих природных ландшафтов, богатой культурной историей и особым подходом к использованию природных ресурсов, что делает экотуризм здесь особенно привлекательным. В стране существует множество форм экотуризма — от научных исследований до оздоровительных программ, направленных на защиту окружающей среды и поддержку устойчивого развития местных сообществ.

Яркие примеры эко туристических направлений включают Поморский национальный парк, который манит любителей природы и исследователей, а также Национальный парк Фанских гор, известный своими живописными пейзажами и возможностями для активного отдыха. Развитие экотуризма в Таджикистане способствует экологической устойчивости, экономическому росту и охране природного и культурного наследия.

В разных уголках Республики Таджикистан можно наблюдать успешные примеры устойчивого туризма, которые явно иллюстрируют как достижения, так и возможности экотуризма. Чтобы облегчить восприятие этой информации, мы создадим таблицу.

**Таблица 1. Перспективы развития устойчивого туризма по областям Республики Таджикистан.**

| Область | Возможности для развития устойчивого туризма |
|---|---|
| Согдийская область | Развитие экологический туризма с акцентом на горные регионы и природные заповедники. |
| | Развитие культурного туризма посредством сохранения исторических памятников и традиций. |
| | Развитие туристической инфраструктуры, включающее строительство гостиниц и ресторанов, а также улучшение транспортных услуг. |
| | Взаимодействие с соседними странами для разработки совместных туристических маршрутов. |
| Хатлонская область | Развитие агротуризма и сельского туризма для укрепления местных сообществ. |
| | Создание и популяризация туристических маршрутов, охватывающих исторические и культурные достопримечательности. |
| | Повышение качества обслуживания туристов через обучение и подготовку персонала. |
| | Развитие экологический туризма с упором на природные парки, реки и водопады. |
| Горно-Бадахшанская автономная область | Развитие горного и активного туризма с использованием возможностей Памира и горных хребтов. |
| | Содействие развитию туристической инфраструктуры, включая жилье, питание и транспортировку. |
| | Популяризация культурного и этнографического туризма, основанного на местных традициях и обычаях. |
| | Расширение сотрудничества с соседними странами и международными партнерами для привлечения инвестиций и развития туризма в регионе. |

**Источник.** Составлено автором на основе обзора литературы.

Сохранение окружающей среды и её ресурсов является важнейшим элементом устойчивого туризма. Исследования подчеркивают роль экотуризма в охране экосистем и природного наследия. Этот вид отдыха способствует защите лесов и дикой природы, а также

поддерживает использование возобновляемых источников энергии. Финансовые поступления от экотуризма оказывают положительное влияние на экологическую ситуацию, способствуя сохранению биоразнообразия и защите природных территорий. Однако растущий интерес к туризму может увеличить нагрузку на природные ресурсы, что необходимо учитывать при разработке стратегий устойчивого развития.

Сектор туризма обязан активно внедрять принципы устойчивого развития для привлечения инвестиций. Ключевым моментом является акцент на экологически безопасных технологиях, включая системы водосбережения и использование возобновляемых источников энергии. Интеграция устойчивого подхода в бизнес-модели туристических компаний не только способствует охране окружающей среды, но и повышает их привлекательность для сознательных инвесторов.

В данном контексте экотуризм понимается как деятельность, ориентированная на сохранение природы в качестве главного ресурса, что включает в себя защиту заповедников и редких видов растений и животных. Участие местного населения в экотуризме способствует их ответственному отношению к природным ресурсам.

Основными аспектами экотуризма являются:

- Посещение природных территорий для изучения дикой природы и культурных традиций.
- Снижение негативного воздействия на природную среду и культурные сообщества, сохранение стабильности экосистемы.
- Поддержка охраны природы и культурного наследия местных жителей.
- Организация образовательных мероприятий по экологии.
- Вовлечение населения в туристические инициативы, что создает финансовый стимул для охраны окружающей среды.
- Предоставление экономической выгоды и поддержка устойчивого развития территорий, посещаемых туристами.

Экотуризм включает в себя как природные, так и культурные достопримечательности, в том числе различные охраняемые территории, где обычаи и традиции местного населения тесно связаны с окружающим миром.

Экологический туризм можно разделить на четыре ключевые группы:

- Исследовательские экспедиции.
- Экскурсии, ориентированные на изучение природы.
- Приключенческие путешествия.
- Визиты в охраняемые природные территории.

Некоторые аналитики указывают, что агротуризм и сельский отдых тоже можно считать подвидом экологического туризма. Эко-туристы не представляют собой стандартных путешественников, стремящихся к развлечениям; их мотивация укореняется в этических принципах, желании помочь восстанавливать экосистемы, поддерживать местные сообщества и финансировать охрану биоразнообразия.

Экологический туризм занимает важное место в индустрии путешествий, усиливая связь человека с природой. Он поддерживает устойчивое развитие как для местных сообществ, так и для планеты в целом. Этот тип туризма пересматривает методы использования природных ресурсов, защищая культурные и экологические традиции, а также способствуя социально-экономическому прогрессу. Все эти аспекты взаимосвязаны и влияют друг на друга.

Успешное продвижение экологического туризма должно быть направлено на решение экологических проблем, а не на извлечение прибыли. Приоритет в получении дохода может привести к негативным последствиям.

Развитие туристической отрасли, игнорирующее принципы устойчивости, угрожает экосистемам и их обитателям. Увеличение числа туристов и их безответственное поведение могут нанести серьезный ущерб окружающей среде. Строительство отелей и курортов

зачастую приводит к вырубке лесов и другим экологическим бедствиям, вызывая загрязнение и накопление отходов.

При правильном подходе экологический туризм способен существенно содействовать экономическому и образовательному развитию, привлекая новых туристов, поддерживая сохранение природных ресурсов и осознание значимости экосистем. Таджикистан располагает необходимыми ресурсами для развития этого направления, что может помочь решить многие давние проблемы в сфере туризма.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Биржаков М.Б., Воскобойникова Н.Н., Григорьева В.В. Экологический туризм // Большой Глоссарий терминов международного туризма. – СПб; М.: Невский фонд: Издательский дом «Герда», 2006. – С. 881-906.
2. Бобров А.Л. Устойчивое развитие и экономика природопользования. – М., 2002. – 368 с.
3. Дроздов А.В. Экологический туризм: определения, принципы, признаки, формы // Актуальные проблемы туризма. – 2005 – 272 с.
4. Колбовский Е.Ю. Экологический туризм и экология туризма: Учеб. пособие. – 2-е изд. – М.: ИЦ «Академия», 2010. – 253 с.
5. Сергеева Т.К. Экологический туризм: Учебник. – М.: Финансы и статистика, 2004. – 267 с.
6. Давлатзода Д. А. Теоретические и практические основы формирования устойчивого развития туризма в условиях рынка / Д. А. Давлатзода, Е. Н. Сахибов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 5. – С. 130-137. – EDN PDXWFE.
7. Л Н. Лаптиева, Г И. Индушко Экотуризм: состояние и перспективные направления развития в Республике Беларусь // Веснік МДПУ імя І. П. Шамякіна. 2016. №2 (48). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ekoturizm-sostoyanie-i-perspektivnye-napravleniya-razvitiya-v-respublike-belarus (дата обращения: 12.11.2024).
8. Овсянникова С. А. Экологический туризм как одно из направлений въездного туризма в Республике Алтай / С. А. Овсянникова // Актуальные вопросы преподавания в высшей школе: теория и практика: Сборник научных трудов: В 2 частях. Vol. Часть 2. – Горно-Алтайск: Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего профессионального образования "Горно-Алтайский государственный университет", 2015. – Р. 146-148. – EDN VERJPX.
9. Сахибов Е. Н. Анализ основных направлений государственной поддержки туристической отрасли в Республике Таджикистан / Е. Н. Сахибов // Экономика Таджикистана. – 2021. – № 4-1. – С. 121-128. – EDN AMPEJB.
10. Сохибов Аъзам Нурурллоевич Экологический туризм и его вклад в устойчивое развитие рекреационных возможностей Республики Таджикистан // ELS. 2024. №сентябрь 6. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ekologicheskiy-turizm-i-ego-vklad-v-ustoychivoe-razvitie-rekreatsionnyh-vozmozhnostey-respubliki-tadzhikistan (дата обращения: 12.11.2024).
11. Писаревского Е.Л.Основы туризма: учебник / коллектив авторов; под ред. Е.Л. Писаревского. -М.: Федеральное агентство по туризму, 2014. -384 с
12. Пономарева И.Ю. Устойчивое развитие туризма и его влияние на социальные процессы / И.Ю. Пономарева, А.С. Малафий // Известия Тульского государственного университета. Гуманитарные науки. – 2010. -№1. -С.209-215.

**УДК 331.1**

**Султонзода Н., Имачоев З.Х.**

## ТАКМИЛИ СТРАТЕГИЯИ ТАШКИЛ, ИДОРАКУНӢ ВА РУШДИ БОЗОРИ МОЛӢ

Дар мақола муаллиф андешаҳои олимонро дар ташкили стратегияи идоракунӣ ва рушди бозори молӣ мавриди омӯзиш ва пешниҳоди худ қарор додааст. Қайд карда мешавад, ки соҳаи саноат унсури асосии иқтисод аст. Муаллиф қайд мекунад, ки рушд ва ташаккули бозори молиро санадҳои меъёриҳу ҳуқуқӣ, барномаҳои гуногуншакли соҳавӣ, стратегияҳо ва дигар ҷузъҳои таркиби соҳаи мазкур танзим ва рушд медиҳад. Муаллиф ин сегменти иқтисоди кишварро дар асоси маводи мавҷуда таҳқиқ кардааст. Муаллиф аз ҷумла қайд мекунад, ки дар шароити муосири рушди ин соҳаи саноат ба ҳар ҷиҳат ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот мусоидат мекунад. Инчунин, дар рафти тадқиқот муаллиф нишондиҳандаҳои рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2021, мавриди таҳлил қарор додаст

**Калидвожаҳо**: механизми бозор, иқтисод, рушд, саноат, бозори молӣ, сармоягузорӣ, стратегия, корхона, истеҳсолот.

**Султонзода Н., Имачоев З.Х.**

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СТРАТЕГИИ ОРГАНИЗАЦИИ, УПРАВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ФИНАНСОВОГО РЫНКА

В статье автор изучил и предложил мнения ученых по вопросам организации стратегии управления и развития финансового рынка. Отмечается, что промышленность является основным элементом экономики. Автор отмечает, что развитие и формирование финансового рынка регулируется и развивается нормативно-правовыми актами, различными отраслевыми программами, стратегиями и другими составляющими данной отрасли. Автор исследовал этот сегмент экономики страны на основе имеющихся материалов. В частности, автор отмечает, что в современных условиях развития данной отрасли это всемерно способствует увеличению объемов производства. Также в ходе исследования автор проанализировал показатели промышленного развития Республики Таджикистан в период 2016-2021 гг.

**Ключевые слова:** рыночный механизм, экономика, развитие, промышленность, финансовый рынок, инвестиции, стратегия, предприятие, производство.

**Sultonzoda N., Imachoev Z.KH.**

## IMPROVING THE STRATEGY OF THE ORGANIZATION, MANAGEMENT AND DEVELOPMENT OF THE FINANCIAL MARKET

In the article, the author studied and proposed the opinions of scientists on the organization of management strategy and development of the financial market. It is noted that industry is the main element of the economy. The author notes that the development and formation of the financial market is regulated and developed by regulations, various industry programs, strategies and other components of this industry. The author studied this segment of the country's economy based on available materials. In particular, the author notes that in the current conditions of development of this industry, this in every possible way contributes to an increase in production volumes. Also, during the study, the author analyzed the indicators of industrial development of the Republic of Tajikistan in the period 2016-2021.

**Keywords:** market mechanism, economy, development, industry, financial market, investments, strategy, enterprise, production.

Гароншавии молҳои ниёзи аввал дар бозорҳои кишварҳои ба мо шарики стратегӣ, бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақа ба методикаи нархгузорӣ дар бозорҳои молӣ таъсиргузор мебошад. Муаммое, ки дар кишвар та бо ҳол боқӣ мемонад ин нархгузории молҳои итсеҳсолоти ватанӣ ба арзишҳои баробарии молҳои хориҷӣ мебошад, ё ин ки баръакси он. Ҳамчунин, барои таҳияи стратегия нав моро омилҳои молиявӣ низ водор месозад. Ба омилҳои мазкур, чуноне, ки дар боло қайд кардаем ин сатҳи қурби миллӣ нисбати асъорҳои хориҷӣ (хусусан доллари ИМА) ва сатҳи таваррум.

Дар замони муосир, рушд ва ташаккули бозори молиро санадҳои меъёриҳу ҳуқуқӣ, барномаҳои гуногуншакли соҳавӣ, стратегияҳо ва дигар ҷузъҳои таркиби соҳаи мазкур танзим ва рушд дода истодааст. Барнома ва санадҳои меърёрию ҳуқуқӣ дар самти мазкур яке хуҷҷатҳои асосии стратегию банақшагирии рушди бозорҳои молӣ маҳсуб меёбанд.

Яке аз онҳо "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" (минбаъд СМР-2030) ба ҳисоб меравад, ки дар асоси он барномаҳои миёнамӯҳлати ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти кишвар таҳия гардида, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои СМР-2030 он мусоидат мекунанд.

Дар стратегияи мазкур, мушкилотҳои рушди ҳамаи соҳаҳои пешниҳод гардида, вазифагузориҳо то давраи соли 2030 гузошта шудааст.

Чуноне, ки маълум гашт иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон модели нави рушдро касб кард, ки он саноатикунонии босуръати кишвар ба ҳисоб меравад, ки он яке аз усули асосии баланд бардоштани сатҳи истеҳсолот, бунёди ҷойҳои нави корӣ ва истеҳсолоти молҳои рақобатпазирро дар назар дорад.

Барои расидан ба ҳадафҳои асосии саноаткунонии иқтисодиёти кишвар, дар СМР-2030 такя ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт карда шудааст, ки он аз истеҳсоли молҳои саноатӣ иборат мебошад.

Рушди саноат дар кишвар бевосита ба рушди бозорҳои молӣ дар кишвар мусоидат намуда, шакл, услуб ва пешниҳоди молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ дар бозорҳои мухталиф тағйир меёбанд. Ин чунин маъноро дорад, ки ба бозорҳои молии кишвар молҳои хушсифат ва камарзиш ворид гардида, рақобатпазирии истеҳсолгарон молҳои марбута таъмин карда мешавад.

Ба андешаи мо, бо дарназардошти ба миён омадани зарурати таҷдид ва бознигарии стратегияҳо, санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои соҳавӣ дар идомаи таҳқиқот муайян намудани заминаҳои асосии ташаккулёбӣ ва мураттабшавии стратегияи рушди бозори молӣ. Ҳодисаҳои солҳои охир гувоҳи он мебошад, ки бозори молии кишвар осебпазир буда, аксари воқеаҳои иқтисодию сиёсӣ ба он таъсиргузор мебошанд, ки вобастагии бозори молии кишвар аз омилҳои беруна дар сатҳи баланд боқӣ мемонад.

Дар доираи СМР-2030, татбиқи вазифаҳои стратегӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт заминаҳои моддиро барои шуғли пурмаҳсул, диверсификатсияи истеҳсолот ва содирот фароҳам оварда, дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро барои ҳама табақаҳои аҳолӣ баланд мебардорад, ки мустақиман ба дараҷаи амалисозии тамоми вазифаҳои ҳадафҳои рушди устувор дар Тоҷикистон алоқаманд аст.

Рушди бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ, истифодаи самараноки сарватҳои табииро, ки дар фаъолияти сармояи инсонӣ, табиӣ ва физикӣ, инчунин тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ ифода ёфтаанд, дар назар дорад [1. С. 60-67].

Яъне, барои расидан ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт диверсификатсия истеҳсолот пешниҳод гардидааст, ки ин ба пурра гардидани шаклҳои молҳо дар бозорҳои кишвар таъмин мегардад. Ҳамчунин, дивверсифатксия истеҳсолот хавфҳоро метавонад дар самти истеҳсолот мунтазам мудирият намояд.

Диверсификатсияи истеҳсоли молҳои саноатии кишвар метавонанд, бозорҳои мамлакатро ба молҳои гуногунии соҳаи саноат таъмин намуда, рушди онро таъмин кунад. Ҷиҳати таҳлил, аксари нишондиҳандаҳои соҳаи саноат дар ҷадвли 1. оварда шудааст

Маълумотҳои ҷадвали 1 нишон медиҳанд, ки сохтори молҳои саноатӣ панҷ қисм ҷудо мегарданд, онҳо аз молҳои саноати истихроҷ (истехроҷи маводҳои энергетикӣ ва ғайриэнергетикӣ) саноати коркард (истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нушокиҳо ва тамоку; истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ; истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол; коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маснуот аз чӯб; истеҳсоли селюлозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр; истеҳсоли маҳсулоти нафт; истеҳсоли кимиёвӣ; истеҳсоли маснуоти резини ва пластмасӣ; истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ; истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ) мошинасозӣ, ҳаргуна соҳаҳои саноат ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об иборат мебошанд.

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2021**

| **Сохтори молҳои саноатӣ** | **Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (млн. сомонӣ)** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Давраҳои таҳлил** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **Тағйирёбӣ 2020 / 2016** |
| Саноати истихроҷи маъдан | 3004 | 4524 | 4686 | 4853 | 4309 | 143,4 |
| Саноати коркард | 9368 | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 | 2,03 баробар |
| Мошинсозӣ | 114 | 142 | 203 | 308 | 291 | 2,5 баробар |
| Ҳаргуна соҳаҳои саноат | 30 | 37 | 38 | 117 | 138 | 4,6 баробар |
| Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об | 2718 | 3729 | 5688 | 6808 | 7527 | 2,8 маротиба |
| **Сохтори корхонаҳои саноатӣ** | **Шумораи корхонаҳои саноатӣ (ҳазор адад)** | | | | | |
| **Давраҳои таҳлил** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **Тағйирёбӣ 2020 /2 016** |
| Саноати истихроҷи маъдан | 232 | 229 | 249 | 250 | 264 | 113 |
| Саноати коркард | 1772 | 1732 | 1806 | 1746 | 1846 | 104,2 |
| Мошинсозӣ | 53 | 57 | 58 | 32 | 36 | 67,9 |
| Ҳаргуна соҳаҳои саноат | 60 | 59 | 61 | 83 | 83 | 138 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об | 39 | 38 | 106 | 168 | 173 | 4,43 маротиба |

Сохтори соҳаи саноатӣ кишвар гувоҳи он ҳаст, ки ҳамаи молҳои истеҳсол гардидани он дар бозорҳои молии кишвар ба фурӯш рафта, қисми он талаботи аҳолиро қонеъ мегардонад.

Бо истифода аз маълумотҳои ҷадвали 1 рушди соҳаро таҳлил намоем, мо гувоҳи рушди мунтазам мегардем. Дар соли 2017, истеҳсоли молҳои истихроҷи маъдан нисбати соли 2016 1520 млн. сомонӣ зиёд гардидаанд, ки қисми дигар ҷадвали мазкур нишон медиҳанд, ки дар ҳамин давра шумораи корхонаҳои истихроҷӣ коҳиш ёфтаанд. Чуноне, ки таҳлили рақамҳо нишон медиҳанд ба 3 адад кам гардида корхонаҳои истихроҷӣ ба ҳаҷми маҳсулоти соҳаи мазкур таъсири ҷиддӣ нагузоштааст. Баръакс дар соли мазкур он ба 1520 млн. сомонӣ афзоиш ёфтаанд.

Дар соли 2019 истеҳсоли молҳои саноати истихроҷи маъдан 4853 млн. сомнонӣ расидаанд, ки нисбати соли 2018 ба 167 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, ки афзоиши солона 3,5%-ро ташкил додааст, ки нишондиҳандаи рушди мунтазам арзёбӣ мегардад.

Дар давраи солҳои 2019-2018 корхонаҳое, ки ба истихроҷи маъдан машғули фаъолият мебошанд ба як адад зиёд гардидаанд. Афзоиши молҳои маъдани дар соли 2020, идома наёфта, дар соли 2020, онҳо ба 544 ҳазор сомонӣ ё ба (-11%) кам мушоҳида мешавад, ки корхонаҳои самти мазкур ба 14 адад зиёд гардидаанд. Руботи ба таносуби мазкур, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки ин 14 корхонаҳои навтаъсис баъди бақайдгирӣ ба истеҳсолот фаъолият надоштаанд, ки сабабҳои гуногун доранд.

Саноати коркард ин ядрои саноати кишвар ба ҳисоб мераванд, ки дар он коркарди такрории ашёи хоме, ки дар кишвар истеҳсол мешаванд, мавриди коркард қарор гирифта, аз он молҳои тайёри саноатӣ истеҳсол гардида ва бозорҳои молии кишвар интиқол меёбанд, ки дар рушд ва мукаммалгардонии самти саноат саҳми арзанда дорад.

Рақамҳои ҷадвали 1 нишон медиҳанд, ки дар соҳаи коркард рушди мунтазам мавҷуд буда, коҳишёбӣ дар солҳои алоҳида мушоҳида намешавад. Дар соли 2017 ҳаҷми коркарди молҳои саноатӣ ба 11776 млн. сомонӣ расида 25,7% афзоиши солонаро касб кардааст. \

Ҳамчунин, дар соли 2020 молҳои саноати корард нисбати соли 2018 ба 41% афзоиш ёфтаанд. Кохонаҳои саноатие, ки ба коркардҳои молҳо машғул мебошанд дар соли 2019 ба 60 адад кам гардидаанд, аммо дар давраи солҳои 2017-2020 онҳо ба 74 адад зиёд гардидаанд, ки молҳои саноати коркардро истеҳсол намуда истодаанд.

Соҳаи дигари саноат ин мошинасозӣ ба ҳисоб меравад, ки рушди он зери омилҳои гуногун қарор дошта, истеҳсоли молҳои соҳавиро ба роҳ мондааст.

Дар соли 2017, истеҳсоли молҳои соҳаи мазкур бо нархи соли мазкур 142 млн. сомониро ташкил додаанд.

Дар солҳои баъди низ рушди мунтазам мушоҳида гардида, танҳо дар соли 2020 ҳаҷми молҳои соҳаи мазкур ба (-5,5) коҳиш ёфтаанд.

Корхонаҳое, ки дар самти соҳаи мазкур молҳои гуногунро истеҳсол намуда онҳоро ба бозорҳои молии кишвар интиқол медиҳанд то соли 2018 ба панҷ адад зиёд гардида, дар солҳои минбаъда аз 58 адад ба 36 адад расидаанд, ки 22 адади онҳо аз фаъолият боз мондаанд. Коҳишёбии корхонаҳои самти саноат бевосита ба сохтор ва шакли молҳое, ки дар бозорҳои молӣ мавҷуд мебошанд, таъсири ҷиддӣ расонида метавонад, ки дар натиҷаи воридоти онҳо аз дигар давлатҳо афзоиш меёбад.

Истеҳсоли молҳо дар дигар соҳаҳои саноат ба роҳ монда шуда, динамикаи онҳо мунтазам дар раванди афзоиш мебошад. Дар соли 2018, молҳои ҳаргуна соҳаҳои саноати кишвар дар ҳаҷми 38 млн. сомонӣ молу маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки нисбати соли 2016

ба 26,6% афзоиш ёфтаанд. Дар ҳамин давра, корхонаҳои ҳаргуна соҳаҳои саноат ба як адад зиёд гардидаанд.

Дар соли 2020, истеҳсоли молҳо дар соҳаи мазкур аз 38 млн. сомонии соли 2018 ба 138 млн. сомонӣ расонида шудааст, ки 263% фзоишро дар ду соли охир касб кардааст. Корхонаҳои ҳаргунаи соҳаи саноат ба 83 адад расидаанд, ки 22 адад зиёд гардидаанд.

Истеҳсоли нерӯи барқ яке аз молҳои муҳимтарини тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар маҳсуб гардида, рушди ҳамаи корхонаю муассисаҳоро дар ду сатҳи зарурӣ таъмин мекунад. Истиқлолияти энергетикӣ яке аз ҳадафҳои миллии кишвар ба ҳисоб рафта, ҳама сола барои ноил гаштан ба ин ҳадафи миллӣ чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Яъне, бунёди неругоҳҳои хурду бузург яке аз муҳимтарин чораҳо мебошанд, ки амалӣ гардида истодаанд. Дар ин самт бунёди НБО “Роғун” муҳим буда, сохтмони он то ба ҳол идома дорад. Маълум мебошад, ки аллакай ду агрегати он ба истеҳсоли нерӯи барқ машғул мебошанд.

Бояд қайд кард, ки нерӯи барқие, ки бо истифода аз неругоҳҳои оби истеҳсол мегарданд, комилан аз ҷиҳати экологи тоза буда, дар рушди соҳаи энержӣ саҳми арзанда доранд. Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об дар раванди афзоиш мебошанд, ки дар солҳои алоҳида зиёдшавии онҳо тибқи рақамҳои ҷадвали 1. мушоҳида мегардад, ки дар ин росто, корхонаю НБО-ҳо низ зиёд гардида истодаанд.

Таҳлили ҷадвали 1 натиҷаҳоеро инъикос мекунад, ки дар аксар ҳолатҳои камшавии корхонаҳои санотӣ ба ҳаҷми истеҳсолоти молҳои саноатӣ бетаъсир боқӣ мемонанд. Дар аксар, ҳолат шоҳиди аксул амал гаштем, ки адади корхонаҳои саноатӣ зиёд гаштаанду, ҳаҷми истеҳсолот коҳиш ёфтааст.

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки стратегияи идоракунии бозорҳои молии кишвар бояд бо корхонаҳои саноатию истеҳсолии кишвар алоқамандии зич дошта бошад. Стратегияи нави идоракунии бозорҳои молӣ ба ҳадафҳои стратегияҳои корхонаҳое, ки дар кишвар мавҷуд мебошанд бояд ҷавобгӯ бошад. Зеро, корхонаҳои саноатию истеҳсолӣ мебошанд, ки бозорҳои молии кишварҳо бо молҳои хушсифат ва хизматрсониҳои баланду босифат таъмин мекунанд. Дар доираи омӯзиши таҳияи нави стратегияи идоракунӣ бозорҳои молии кишвар ва такомули механизмҳои он якчанд ақидаю андешаҳоро таҳлил хоҳем кард.

Дар замони муосир шарт ва имкониятҳои тиҷоратӣ дар бозори молии ҷаҳон ва минтақаҳои гуногун куллан тағйир ёфтааст. Механизмаҳои бозор, ки бояд аз тарафи давлат ё корхонаҳои алоҳида мудирият ва танзим карда шаванд, қариб ки онҳо худкор гардидаанд. Бештар ба онҳо омилҳои беруна таъсир намуда истодаанд [2. С. 12-18]. Истеъмолчиён дар рушди бозорҳои молӣ саҳми арзанда дошта, дар замони муосир онҳо бештар ба консепсияи сифати молҳо диққати махсус дода истодаанд.

Технологияҳои рақамӣ ва татбиқи онҳо дар фаъолияти бозорҳои молӣ густурда буда, истеъмолчиён имконият пайдо намуданд, ки дилхоҳ молро аз бозорҳои ватанӣ, хориҷӣ ва минтақавӣ супориш дода, онро харидорӣ кунанд. Корхонаҳое, ки метавонанд дар ингуна бозорҳо лидер гарданд, танҳо бояд консепсияи сифати моли худро беҳтар кунанд. Онлайн савдо дар замони муосир яке аз каналҳое ба ҳисоб меравад барои харидории мол ва хизматрасониҳо бештар истифода мешавад, ки босуръати баланд рушд дорад. Дар бахши мазкур, пешравиҳо зиёд буда, қариб 10% молҳои чакана дар ИМА ва 15% дар Британияи бузург маҳз бо воситаи онлайн савдо ба роҳ монда шудааст. Мутахассисон чунин андеша доранд, ки дар солҳои охир аз чор се ҳиссаи савдо дар ҷаҳон ба воситаи интернет порталҳо амалӣ мегардад [1. С. 123-129].

Сатҳи нарх ё арзиши мол аллакай ба истеъмолчиён таъсургузор нест, танҳо дар замони мусоир сифати мол дар ҷои аввал мебошад. Чун омилҳои молиявӣ нишон додаанд, ки пул ва воситаҳои пулӣ ақаллияти худро нисбати молҳои хушсифат аз даст дода истодаанд [4. С. 34-39].

Аз ин лиҳоз, аҳолии башар такя ба молҳои хушсифат намуда, талаботи худро қонеъ намуда истодаанд.

Наумов В.Н. корҳои илмии худро дар самти фурӯши молу маҳсулот дар бозорҳои молӣ анҷом дода, чунин андеша мекунад, ки стратегияи идоракунии муносибат бо харидорон барои он равона карда шавад, ки ҳамаи харидорон "харидорони худӣ" дониста шаванд, ки ин шакл фикрро ни яке стратегияҳои нави функсианалии бозори молӣ ба ҳисоб меравад, ки дар асоси принсипҳои он, молҳо дар бозор бо таври васеъ пешниҳод карда мешавад.

Старетгияи пешниҳоднамудаи муаллиф аз зинаҳои зерин иборат мебошад [3. 289 с] муайян намудаани ҳадафҳои стратегии дар бозор зимни фурӯши молу маҳсулот ва таҳлили стратегии омилҳои дохила ва берунае, ки ба ҳаҷми савдо ва ҳолати бозори молӣ таъсиругзор мебошанд; коркард ва арзёбии ҳаммонадҳои стратегӣ дар бозор ва интихоби стратегияи мукаммал ва коркарди минбаъдаи он; корнамои намудани статегияи интихобгардида дар бозор ва бардошти натиҷаҳои интихоӣ.

Хулоса, бояд қайд кард, ки зинаҳои мазкур барои пурра идоракунии бозори молӣ имконият намедиҳанд, ки бозори молӣ аз ҷиҳати идоракунии механизмҳои он танзим карда шавад. Яке аз принсипҳои муҳим бояд он дониста шавад, ки дар бозор механизмҳои он бояд аз тарафи давлат ё корхонаҳо алоҳидаи давлат мунтазам идора карда шаванд.

## АДАБИЁТ

1. Кузьменко Ю.Г., Власова А.Е. Анализ тенденций развития торговли как вида предпринимательской деятельности: опыт России и США // Вестник ЮУрГУ. Серия «Экономика и менеджмент». – 2017. – Т. 11. – № 1. С. 123-129.
2. Михайлюк М.В. Отличительные особенности развития системы товародвижения в стационарной торговле и интернет-торговле // Школа Науки. – 2018. – № 5 (5). – С. 12-18.
3. Наумов В.Н. Управление взаимодействием в системе сбыта: теория, методология, стратегии. – СПб.: Изд-во «Политехника», 2011. – 289 с.
4. Петренко Е.С. Построение универсальной маркетинговой модели выбора эмоциональных продуктов // Управленец. – 2017. – № 5 (69). – С. 34-39.
5. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020/ ҶДММ "Контраст" ш. Душанбе, 2016. Саҳ 60-67

**УДК 331.1**

**Султонзода Ҷ.У.**

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақолаи мазкур таҷрибаи хориҷии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Соҳаи саноат яке аз афзалиятноктарин соҳа барои Ҷумҳурииии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, заминаи муфидро ҷиҳати рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ фароҳам месозад. Аз н рӯ муҳаққиқони соҳавиро зарур аст, ки раванди мазкурро боз ҳам амиқтра омӯхта, роҳҳои такмилдиҳии низоми рушди инноватсионии корхонаҳои саноатиро пешниҳод намоянд. Барои корхонаҳои соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки таҷрибаи хориҷиро азхуд намуда, технологияҳои инноватсиониро, ки дар дигар кишварҳо васеъ истифода гардидаанд, фаъолона ҷорӣ намояд, то дар бозори ҷаҳонии нассоҷӣ мавқеи пешрафтатар пайдо кунад.

**Калидвожаҳо.** саноат, инноватсия, рушд, технология, истеҳсолот, тамоюл, ташаккул, низом, идоракунӣ, самаранокӣ.

**Султонзода Дж.У.**

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТОЙ НАСЕЛЕНИЯ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

В данной статье изучен зарубежный опыт инновационного развития промышленных предприятий. Промышленный сектор считается одним из наиболее приоритетных секторов для Республики Таджикистан и обеспечивает полезную основу для дальнейшего развития национальной экономики. Поэтому исследователям отрасли необходимо более глубоко изучить этот процесс и предложить пути совершенствования системы инновационного развития промышленных предприятий. Предприятиям легкой промышленности Республики Таджикистан необходимо изучать зарубежный опыт и активно внедрять инновационные технологии, которые широко используются в других странах, чтобы найти более передовые позиции на мировом текстильном рынке.

**Ключевые слова.** промышленность, инновации, развитие, технология, производство, тенденция, формирование, система, управление, эффективность.

**Sultonzoda J.U.**

## THEORETICAL BASIS OF MANAGEMENT OF SOCIAL PROTECTION OF THE POPULATION IN THE CONDITIONS OF THE DIGITAL ECONOMY

This article examines foreign experience in the innovative development of industrial enterprises. The industrial sector is considered one of the highest priority sectors for the Republic of Tajikistan and provides a useful basis for the further development of the national economy. Therefore, industry researchers need to study this process more deeply and propose ways to improve the system of innovative development of industrial enterprises. Light industry enterprises of the Republic of Tajikistan need to study foreign experience and actively implement innovative technologies that are widely used in other countries in order to find more advanced positions in the global textile market.

**Key words.** industry, innovation, development, technology, production, trend, formation, system, management, efficiency.

Агар ба таърихи ташаккули саноатикунонӣ назар афканем, дилхоҳ раванди саноатикунонӣ аз саноати сабук сарчашма мегирад, зеро ки дар ин раванд на он қадар сармоягузории зиёд лозим аст.

Саноатикунонӣ- ин раванди интенсивии гузаштан аз ҷомеи анъанавӣ ( аграрӣ) ба ҷомеаи индустриалӣ мебошад.

Саноатикунонии босуръат барои аксар кишварҳо имконияти инкишофи бахши воқеии иқтисодиро ба миён оварда, ба ин восита як қатор мушкилотҳои макроиқтисодиро ҳал менамояд.

Аввалин раванди саноатикунонии босуръат ё "инқилоби саноатӣ" дар охирҳои асри 18 дар як қатор минтақаҳои Аврупои Ғарбӣ, Америкаи Шимолӣ, сараввал дар Британияи Кабир ва баъдан дар Олмону Франсия ба амал омадааст. Дар охирҳои асри 20 яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ муваффақ ин Осиёи Шарқӣ, махсусан Гонконг маҳсуб меёфт.

Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 1930 саноатикунонии пурраи иқтисодиёт шурӯъ гардида, дар як муддати кӯтоҳ қариб тамоми ҳайати Шӯравиро фаро гирифт.

Барои омӯзиши таҷрибаи хориҷии идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, тасмим гирифтем, ки як қатор давлатҳои дорои иқтидорнокии саноатии баландро мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Дар охирҳои асри 20 фаъолияти инноватсионӣ асоси рушди иҷтимоию иқтисодӣ гардида, ҳамчун воситаи асосии самаранокгардонии ин ё он фаъолият гардид. Фаъолияти иноватсионӣ ҳамчун воситаи таъсирбахш ҷиҳати дигаргунсозии муносибатҳои иқтисодӣ гардида, барои қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Ба воситаи молу хизматрасониҳои нав дараҷаи некуаҳволии аҳолиро метавонад фаъолияти инноватсионӣ баланд бардорад.

Аксарият равандҳои иқтисодии муосир ё ба шакли шартӣ ва ё ба воситаи инноватсия инкишоф меёбад. Фаъолияти инноватсионӣ соҳаҳои итсеҳсолои моддӣ ва хизматрасониро фаро гирифта, ҳамчун омили таъсирбахш ҷиҳати инкишофи минбаъда баромад менамояд.

Соҳаи саноат бошад, ҳамчун захираи бемаҳдуд дар дигаргунсозии инноватсионӣ амал менамояд. Рушди бемайлони фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноат дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи хориҷӣ мушоҳида мегардад.

Нимаи солҳои 80-ум дар Олмон тамоми талошҳо барои таҳияи стратегияи рушди миёнаи соҳаи саноат равона гардида буд. Ҳадафи асоси дар он замон истифодаи босуръат ва васеи технологияҳои такмилёфта дар раванди истеҳсолот маҳсуб меёфт [5].

Мақсади асосии стратегяи мазкур ин санотикунонии пурраи иқтисодиёти Олмон арзёбӣ мегардид. Бинобарин ҳиссаи маблағгузорӣ ҷиҳати татбиқи ин стратегия аз се ду ҳиссаи ҳаҷмии умумии маблағгузориҳоро дар самти гузаронидани тадқиқотҳо ташкил медод.

То ибтидои соли 1990 нақши ташаккулдиҳандаро дар инкишофи сиёсати технологӣ ва инноватсионӣ, фонди федералӣ мебозид.

Соли 2006 Олмон Стратегияи рушди инноватсионӣ ва технологиро қабул намуд. Дар ин ҳуҷҷати мазкур инкишофи 17 бахши асосӣ, ки барои иқтисодиёти миллӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд, нишон дода шудааст.

Ташкили иттиҳодияҳои инноватсионӣ ва шарикии стратегӣ яке аз воситаҳои асосии татбиқи инноватсия дар истеҳсолот маҳсуб меёфт.

Баҳри саривақт иҷро гардидани ин ҳадаф аз ҷониби Ҳукумаи Олмон барномаи дарозмуддати инкишофи инноватсионӣ ва технологӣ қабул карда шуд, ки бомуваффақият иҷро шуда истодааст.

Дар Ҷопон бо қарори ҳукумат, технопракҳо таъсис дода шуда буд, ки натиҷаи фаъолияти онҳо пурра аз андозҳо озод буданд. Дар солҳои 80-ум аз ҷониби роҳбарияти Ҷопон барномаи умумиҷаҳонии истеҳсоли технополисҳо таҳия ва қабул карда шуд, ки мақсади асосии он ҳамоҳанг намудани раванди истеҳсолот бо инноватсия буд [1].

Ба ташкилотҳое, ки дар самти баландбардории технологӣ фаъолият менамуданд, дар соли аввали фаъолияташон 30 %-и арзиши таҷҳизотҳо ва 15 %-и сохтмони биноҳояшон аз ҷониби давлат маблағгузорӣ карда мешуд.

Бояд қайд намоем, ки сеяки хароҷотҳо барои гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба озмоишгоҳҳо ва ташкилотҳои алоҳида аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷудо карда мешуд.

Сиёсати асосии додани имтиёзҳо ба ташкилотҳое, ки ба ҷорисозии инноватсия дар истеҳсолот машғул буданд, ҳамеша сол ба сол аз ҷониби ҳукумати Ҷопон такмил дода, оид ба муқаррар намудани имтиёзҳои иловагӣ чораҳои зарурӣ андешида мешуд.

Финландия шурӯъ аз солҳои 1990 ба муайян намудани инкишофи иқтисоди миллӣ ба воситаи фаъолияти инноватсионӣ мароқ зоҳир намуда, дар сатҳи мамлакат як қатор ислоҳотҳои навро аз қабили технологиякунонии истеҳсолот, саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ ва ҷорисозии инноватсия дар истеҳсолот мароқ зоҳир намуд [2].

Инкишофи тедекоммуникатсионӣ ин боиси коҳиш ёфтани назорати давлатӣ дар бозор гардида, сатҳи рақобатро барои фурӯши молу маҳсулот зиёд намуд. Низоми тадқиқотӣ ба рушди кластерҳои технологияҳои иттилотию коммувникатсионӣ мусоидат намуд. Ташкили кластерҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, боиси ташкили ҳамкориҳои корпоративӣ дар гузаронидани тадқиқотҳои илмию амалӣ гардид.

Хусусияти фарққунандаи инкишофи иқтисодиёти Финландия ин ҳиссаи пасти воридсозии технологияҳо ва сармоягузории хориҷӣ ба дохил маҳсуб меёфт, яъне қонеъсозии талаботи аҳолӣ ба молҳои баландсифати дохилӣ ба ин кишвар муяссар гарпдид.

Дар давоми даҳсолаҳои охир сармоягузорӣ ба гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ дар Финландия афзоиш ёфта, нисбат ба дигар кишварҳо суръати бениҳоят баландро доро мебошад.

Ҳиссаи миёнаи солона баҳри пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ 10 %-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми хароҷот баҳри пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз 1, 2 %-и ҳаҷми умумии маҳсулоти дохилии соли 1982 ба 9 %-и соли 2022 расоиида шудааст.

Дар самти ташаккули системаи инноватсионии саноат мисоли Финляндия ва минтақакҳои он низ хуб арзёбӣ мегардад. Дар ин ҷо ҳаҷми киёсии маҳсулроти аз ҳисоби технологияҳои инноватсионӣ тавлидёта, дар содирот зиёда аз 22 фоизро ташкил дода, хиссаи махсулоти илмталаб дар истеҳсоли махсулоти саноатӣ бештар аз 50 фоизро ташкил медихад [6].

Дар ин ҷо қайд намудан ба маврид аст, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатии Финландия ба воситаи истифодаи технологияҳои иноватсионӣ самаранкотар аст, зеро ки маҳз сиёсати инноватсионӣ метапвонад, иқтисодиёти ин кишварро ба нишондиҳандаҳои баланд оварда расонад.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико соли 1970 барномаи махсуси иттилоотӣ барои омма таҳия ва қабул гардид, ки ҷиҳати такмилдиҳии технологияи инноватсионӣ дар корхонаву ташкилотҳои истеҳсолӣ равона карда шуда буд [4].

Дар солҳои 80-ум як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқие қабул карда шуданд, ки истеҳсолкунандагонро вазифадор менамуданд, ки мунтазам роҳҳои нави ихтироотро ҷустуҷӯ намуда, воситаҳои нави истеҳсолирпо пайдо намоянд. Дар асоси ин қонунҳо идораҳои давлатӣ вазифадор буданд, ки дар якҷояги̅ бо озмоишгоҳҳои илмӣ фаъолият намуда, ғояҳои навро пайдо менамоянд ва барои татбиқсозӣ ба истеҳсолот равона месозанд.

Корхонаҳои истеҳсолӣ вазифадор гардида буданд, ки ҳадди аққал 15 %-и буҷети солонаи худро барои гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ равона месозанд.

Дар иқтисодиёти ИМА механизми тиҷоратикунонии маҳсулоти илмию техникӣ, ки моликияти давлатӣ маҳсуб меёфт ва ё аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои ба роҳ мондани корҳои илмӣ тадқиқотӣ ва истифодаи натиҷаи онҳо дар соҳаи саноат равона мегардид, истифода мешуд.

Дар Фаронса системаи мутамаркази рушди тадқиқоти инноватсионӣ мавҷуд аст. Франсия бар хилофи дигар мамлакатхо «... бо фишангхои маъмурию хукукӣ аз пеш бурдани сиёсати чахонӣ дар сохаи илм ва техника худдорӣ мекунад. Давлат бо максади мухайё намудани шароити мусоидтарин барои рушди илму истехсолот ба ислохоти инфрасохторӣ машгул аст» [6]. Аз ин ру, дар ин мамлакат комплекси иқтидорноки илмӣ ба вучуд оварда шудааст, ки ба чустучӯю тадкикоти амалӣ машгул аст.

Сарфи назар аз мутамаркази мавҷудаи рушди фаъолияти илмию техникӣ дар Фаронса, равиши минтақавӣ барои дастгирии рушди инноватсионӣ ба таври возеҳ вуҷуд дорад. «Вобаста ба хусусиятҳои минтақаҳои кишвар стратегияҳои гуногуни инноватсионии минтақавӣ барои таъмини рушди системаҳои саноатии минтақаҳо амалӣ карда мешаванд. Масалан, дар минтақаи аз чихати иктисодӣ тараккикардаи Лион, ки дар он системаи инкишофёфтаи саноатӣ (минтакахо ва паркхои илмӣ) амал мекунад, стратегияи устуворнок татбик карда мешавад»[6], ки такмили механизмхои инкишофи инноватсионии системаи саноатиро таъмин менамояд.

Таъсиси марказҳои минтақавии соҳибкорӣ ва инноватсия дар доираи кластери саноатӣ хусусияти хоси низоми инноватсионии минтақавии ин кишвар аст. Гузашта аз ин, ҳар яке аз ин марказҳо бояд ҳадди ақалл ба 20 корхонаи нав хизмат расонанд. Масалан, Маркази бизнес ва инноватсияи Innotek дар музофоти Антверпен (Фландрия) ҳадаф ва вазифаҳои зеринро дорад:

-ташкили низоми ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои навтаъсиси хурду миёна;

-таъмини рушди иқтидори дохилии иқтисоди минтақа ҳамчун самти афзалиятноки стратегияи рушди минтақа [6];

Корхонаҳои калони саноатӣ, марказҳои тадқиқотӣ ва институтҳо, мақомоти давлатӣ, сохторҳои бахши давлатӣ ва Донишгоҳи Кемпен аъзои ин марказ мебошанд.

Маркази бизнес ва инноватсия "Innotek" узви шабакаи тиҷоратии Аврупо мебошад. Ин созмон 160 марказҳои инноватсионӣ ва тиҷоратӣ (BIC) - EBN (Шабакаи тиҷоратии Аврупо) - ро фаро мегирад. Дохилшавӣ ба ин шабака ба Innotek имкон медиҳад, ки сифати татбиқи лоиҳаҳои инноватсиониро нигоҳ дорад, робитаҳои васеъро дар дигар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо барои интиқоли технологияҳо ва табодули иттилоот фаъол созад ва дар лоиҳаҳои бузурги байналмилалии ЕС иштирок намояд. Марказ дар корҳои зерин фаъол аст:

-таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои нави инноватсионӣ дар корхонаҳои хурд;

-тадқиқоти бозорҳои фурӯш – амалӣ намудани тадқиқоти маркетингӣ;

-мукаррар намудани параметрхои техникӣ-иктисодӣ ва нишондихандахои тачҳизоти нав;

- кумак ба корхонахои системаи саноатии минтақавӣ дар чустучуи тарафхои (шарикони) манфиатдор барои лоихахои нав ва сармоягузории он.

- татбиқи лоиҳаҳо: таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо оид ба истифодаи манбаъҳои алтернативии энергия (биноҳо бо панелҳои офтобӣ), ҷорӣ намудани раванди рақамӣ ва ғ[3].

Бояд гуфт, ки дар ин марказ пажӯҳишҳои асосии илмӣ аз ҷониби Донишгоҳи Кемпен амалӣ карда мешавад, ки дар он дар 10 самт:

- идоракунии захираҳои энергетикӣ;
- ҳифзи муҳити зист, экология;
- биотиббӣ ва саноати хурокворй;
- ITK - технологияҳои иттилоотӣ;
- масъалахои таъминоти ичтимой ва чихатхои иктисодии он;

Дар баробари ин, фаъолияти илмии Донишгох дар атрофи лоихахое, ки аз хисоби маблагхои фондхои махсуси давлатӣ ё сохторхои тичорати (аз чумла корхонахои калони саноатй) маблаггузори карда мешаванд, нигаронида шудааст.

Дар минтақаҳое, ки рушди саноатии суст доранд, стратегияҳое истифода мешаванд, ки ташаккул ва рушди системаи саноатии инфрасохтори инноватсиониро пешбинӣ мекунанд.

Чуноне, ки аз таҷрибаи Фаронса дар самти истифодаи инноватсия дар соҳаи саноат бармеояд, мушоҳида намудан мкумкин аст, ки механизми ташкилӣ-иқтисодиии инкишофи инноватсионӣ ба таври комил ба рроҳ монда шудааст. Дар ҳақиқат ташкили пойгоҳҳое, ки раванди инноватсияро дар истеҳсолот исбот намуда, назарияи истифолаи амалии онро ба миён меорад, таконе дар инкишофи соҳаи саноат ба миён меорад.

Инкишофи саноати сабуки Чин бо ёрии бевоситаи давлат алокаманд аст. Корхонахои саноатӣ ҳамчун объекти асосии барномаҳои гуногуни рушди иҷтимоӣ-иктисодии давлат гардиданд.

Дар Ҷумҳурии мардумии Чин истифодаи технологияҳои иноватсионӣ дар истеҳсолот ба тарви васеъ ба роҳ монда шуда, аз тамоми корхонаҳои саноатӣ тақозо менамояд, ки ба ин раванд фаъолона ширкат варзанд.

Тибқи баъзе маълумотҳо раванди ҷорисозии инноватсия дар ин ё он соҳа, махсусан соҳаи саноат тибқи нақшаи пешакӣ тарҳрезишудаи Ҳукумати Чин ба роҳ монда мешавад. Яъне, Ҳукумати Чин дар раванди фаъолсозии инноватсия ва истифодаи он дар истеҳсолот аз низоми нақшавӣ-маъмурӣ истифода мебарад [7].

Барои инкишоф додани фаъолияти инноватсионӣ ва истифодаи онҳо дар истеҳсолот аз ҷониби Ҳукумати мардумии Чин ба соҳибкороне, ки ин равандро шурӯъ менамоянд чунин имтиёзҳоро муқаррар намудааст:

- озод будан пурра аз ҳама намудҳои андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ, то рӯйпуш намудани хароҷотҳо;
- пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ ва дарозмуддат;
- ба роҳ намондани ҳамагуна тафтишҳо ва ё эълони мороторияи;
- аз ҷониби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ намудан, ҷиҳати гузаронидани тадқиқотҳои маркетингӣ дар хориҷи кишвар;
- мусоидат намудан ҷиҳати такмили ихтисоси кадрҳо [8];

Яке аз муваффақиятҳои асосии Чин дар самти фаъолияти инноватсионӣ ин саривақт гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ мебошад.

Тадқиқоти маркетингӣ имконият медиҳад, ки раванди пешгӯйикунии тамоюли инкишофи фаъолияти инноватситонӣ ва истеъмоли натиҷаҳои он саривақт ошкор карда шавад. Раванди пешгӯйикунии ин фаъолият, самаранокии минбаъдаи онро дар асоси принсипҳои мушаххас муайян менамояд.

Аз ин рӯ Ҳукумати мардумии Чин ҷиҳати саривақт роҳандозӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ дар истеҳсолот барномаҳои дарозмуддати рушди инноватсиониро ҳатто барои 30-40 сол таҳия ва қабул менамояд [10].

Истифодаи таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон тақозои таҷдиди як қатор омилҳои таъсиррасонро ташкил менамояд.

Чуноне, ки ба мо маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ аз солҳои 1997-1998 таҷдиди пурраи иқтисодиёти миллиро роҳандозӣ намуд, ки ин раванд басо сангин арзёбӣ карда мешуд, зеро ки иқтисодиёти кишвар дар ин давра пурра фалаҷ гардида буд. Яке аз сиёсатҳои оқилонае, ки самраи хубро ба бор овард, ин сиёсати дарҳои боз арзёбӣ карда мешавад.

Аллакай то ин давра силсила санадҳои меъёриву ҳуқуқие қабул карда шуд, ки соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи кишварро ба танзим даровард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пешбурди фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноат тамоми талошҳои пайвастаи худро ба роҳ монда, имрӯзҳо ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Истифодаи таҷрибаи Чин махсусан дар самти пешбурди тадқиқотҳои маркетингӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муфидтар мебошад.

Ба мо маълум аст, ки яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати кишвар ин саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ мебошад ва барои содироти онҳо ба хориҷи кишвар аз мо тақозои самаранок ба роҳ мондани тадқиқотҳои маркетингиро талаб менамояд.

Тадқиқотҳои маркетингӣ махсусан дар самти инкишофи инноватсионӣ зарур мебошад.

Бинобарин зарур мешуморем, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри дастгирии давлатии инкишофи иноватсионӣ барномаи мушаххасе қабул карда шавад, ки пурра фарогири иқтидори кадрӣ бошад.

Системаҳои инноватсионии саноатии минтақавӣ дар кишварҳои ИДМ дар Ҷумҳурии Қазоқистон бомуваффақият татбиқ карда мешаванд. "Стратегияи рушди индустриалӣ-инноватсионии Қазоқистон барои солҳои 2003-2015”равишҳои кластерӣ дар ташкили системаҳои саноатии минтақавӣ ва ташаббусҳо муайян карда шуданд, ки татбиқи онҳо ба рушди иқтидори саноатӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо дар асоси иттиҳодияи инноватсионии субъектҳои низоми саноатии минтақа нигаронида шудааст.

Қазоқистон сиёсати нави саноатиро таҳия кардааст, ки тавассути он ба афзоиши рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ мусоидат мекунад ва дарк намудани иқтидори ҳамкории самарабахши байни корхонаҳои гуногун – иштирокчиёни низоми саноатӣ, ки аз ҷиҳати ҷойгиршавии онҳо дастрасӣ ба инноватсияҳо, технологияҳо, хизматрасониҳои махсус, инчунин кам кардани хароҷоти транзаксияҳо дар самти фароҳам овардани шароити зарурӣ барои татбиқи лоиҳаҳои муштарак созгор мебошанд.

Таҷрибаи Қазоқистон дар ташаккули системаҳои саноатии минтақавӣ ба мо имкон медиҳад, ки чаҳор намуди дастгирии давлатиро дар ин самт ҷудо кунем:

1. Сиёсати кластерии каталитикӣ – ҳукумат ҷонибҳои манфиатдорро (масалан, ширкатҳои хусусӣ ва ташкилотҳои тадқиқотӣ) ба ҳам меорад, вале дастгирии молиявии маҳдудро ба роҳ мемонад;

2. Дастгиркунанда – вазифаи каталитикии давлат бо сармоягузории он ба инфрасохтор – маориф, илм, маркетинг ва гайра пурра мегардад, ки ба рушди инноватсионии системаи саноатии минтакахо мусоидат ва хавасманд менамояд;

3. Директивӣ – вазифаи дастгирии давлат бо татбиқи барномаҳои махсус, ки ба табдил додани махсусгардонии минтақаҳо тавассути системаи инноватсионии саноатӣ нигаронида шудаанд, мукаммал мегардад;

4. Интервентсионистӣ – хукумат дар аснои қабули қарор рушди минбаъдаи системаи саноатии минтақавӣ, инчунин бо роҳи трансфертҳо, субсидияҳо, маҳдудиятҳо ё танзим, инчунин назорати фаъол аз болои иштирокчиён, ташкил медихад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай ба ин ё он дарача тачрибаи мамлакатхои дар боло зикршударо истифода бурда истодааст. Ҳуҷҷатҳои барномавии соҳавӣ, ки дар солҳои гуногун аз ҷониби роҳбарияти ин кишвар қабул гардида буданд, такони пурқуввате барои дигаргуниҳо дар саноати сабуки Ӯзбекистон гардид. Фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва муқаррар намудани имтиёзҳо ба сармоягузорони дохилию хориҷӣ ва густариши сармоягузориҳои асосӣ, инчунин татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ оид ба таҷдиди технологии заминаи истеҳсолӣ, дастрас намудани техникаи нав мусоидат намуд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар ҳоли ҳозир Узбакистон аз рӯйи тавлиди нахи пахта дар ҷаҳон ҷойи шашум ва аз рӯи содирот панҷум аст. Дар мамлакат соле кариб 3,5 миллион тонна пахтай хом руёнида, кариб як миллион тонна нахи пахта истехсол карда мешавад.

Шурӯъ аз соли 1995 то ин давра ба ин соҳа беш аз 2,5 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ҷалб шудааст. Танҳо дар солҳои охир бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ аз Британияи Кабир, Олмон, Швейтсария, Италия, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон, Сингапур, Ҳинд ва дигар кишварҳои шарик беш аз 200 лоиҳа амалӣ гардидааст.

Корхонаҳои замонавии нассоҷӣ, ки бо технологияҳои иноватсиони муҷаҳҳаз мебошанд ва дар ин корхонаҳо давраи пурраи истеҳсолӣ – аз коркарди нах то истеҳсоли маҳсулоти тайёр омода карда мешавад, ба истифода дода шуданд.

Саноати сабук аз чихати содиротӣ махсулоти сердаромад ба яке аз соҳаҳои пешкадам табдил ёфтаст. Иқтидори саноатии корхонаҳои нассоҷӣ оид ба коркарди нах аз ҳафт фоизи ҳаҷми умумии пахтаи соли 1991 то 58 фоиз дар соли 2021 афзоиш ёфт. Интизор меравад, ки то охири соли 2023 ба маблағи беш аз 2,6 миллиард доллар маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ба хоричи кишвар фиристода шавад.

Бояд қайд намоем, ки имрӯзҳо соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои иқтидорноки пешбарандаи иқтисодиёти ин кишвар гардидааст. Тибқи таҳлилҳо имрӯзҳо қариб дар 40 давлати дунё корхонаҳои муштараки саноатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон фаъолият менамоянд, ки имконияти боз ҳам хубтар муаррифӣ гардидани молҳои саноатии ин кишвар дар миқёси давлатҳои ҷаҳонӣ мегардад.

Маҳсулот бо тамғаи «Made in Uzbekistan» ба зиёда аз 50 давлат, аз ҷумла кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Амрикои Лотинӣ, Кореяи Ҷанубӣ, Чин, Сингапур, Эрон, Исроил ва ИМА ворид карда мешавад. Бозорхои Покистон, Гурчистон, Хорватия, Нигерия низ азхуд карда шудаанд.

Дар рушди саноати сабук ба татбиқи лоиҳаҳои соҳаи технологияҳои муосир диққати махсус дода мешавад. Аз ин ру, ба карибӣ дар Институти бофандагӣ ва саноати сабуки Тошкент таҳкурсӣ барои сохтани технопарки таълимию тадкикотии бофандагӣ гузошта шуд.

Мархалаи мухими тараккиёти соҳаи саноати сабуки Узбекистон ин дар барпо намудани маркази конструктории миллӣ мебошад, ки вай ба кор карда баромадани модели либосхои замонавӣ бо назардошти анъанахои миллӣ ва шароити иклим мутобиқ карда шудааст. Мутахассисони ин марказ пайваста тамоюлҳои навтарини мӯди ҷаҳониро меомӯзанд, инчунин дар бозорҳои берунӣ ва дохилӣ тадқиқотҳои маркетингӣ мегузаронанд.

Имрӯзҳо саноати нассоҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро ба яке аз соҳаҳои рақобатпазиртарин табдил ёфтааст.

Тибқи Барномаи рушди саноати нассоҷӣ ва сабук барои солҳои 2015-2020 дар Ӯзбекистон татбиқи беш аз 80 лоиҳа ба маблағи тақрибан як миллиард доллар амалӣ карда шуд. Корхонаҳои саноатӣ бо мақсади васеъ намудани доираи маҳсулоти содиротӣ дар намоишгоҳу ярмаркаҳои байналмилалӣ дар Олмон, Ҷумҳурии Корея, Чин, Русия, Белорус, Латвия ва дигар кишварҳо фаъолона иштирок мекунанд.

Афзоиши бештари арзиши изофа дар силсилаи истеҳсоли бофандагии пахта дар истеҳсоли трикотаж ва либосҳои тайёр мебошад. Бо дарназардошти аҳамияти саноати нассоҷӣ дар рушди иқтисоди кишвар, дар Ӯзбекистон Барномаи рушди минбаъдаи саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ва трикотажӣ барои солҳои 2017-2019 амалӣ карда шуд.

Тибқи Барнома дар соли 2020 афзоиши тавлиди риштаи пахтагӣ 2,5 баробар, матоъҳои тайёр 2,8 баробар, матоъҳои абрешимӣ 2,7 баробар, матоъҳои бофташуда 1,5 баробар, матои трикотажӣ 2,7 баробар расонида шуд.

Аз 01-уми январи соли 2020 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон як қатор имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳои санотие, ки молҳои рақобатпазирро истеҳсол мекунанд, дода шуд. Додани имтиёзҳо ба корхонаҳои саноатӣ имконияти истеҳсолии молҳои саноатиро зиёд намуда, марҳила ба марҳила инкишофи иқтисоди миллиро таъмин менамояд. Имтиёзҳои муқаррарнамудаи Ҷумҳурии Ӯзбекистонро баҳри пешбурди самараноки инкишофи корхонаҳои саноатӣ ба таврни зайл мушоҳида намудан мумкин аст [9]:

| |
|---|
| -озод намудан аз пардохти андоз аз даромад ва молу мулк барои корхонаҳои навтаъсис, фаъолияти соҳибкории хурд ва ғайраҳо; |
| -озод намудан аз пардохтҳои гумрукӣ ҳангоми ворид намудани таҷҳизотҳои нав ва димгар молу маҳсулотҳое, ки дар кишвар истеҳсол намешаванд; |
| -– ба таъхир андохтани пардохти бочхои гумруки ба мухлати то 60 рӯз аз рӯзи қабули декларатсияи гумрукӣ барои воридоти ашёи хом, масолех ва лавозимоти зарурӣ барои истехсоли молҳои худие, ки ба номгӯйи молҳои истеҳсолшаванда дар кишвар дохил намешаванд; |
| -расонидани хизматрасонии маркетингӣ, иттилоотӣ ва машваратӣ ба корхонаҳои саноати сабук, пешбурди маҳсулоти саноати сабук барои содирот тавассути чорабиниҳои таблиғотӣ, муаррифии васеи иқтидори содиротӣ дар намоишгоҳҳо ва васоити ахбори омма; |
| - мусоидат дар ворид намудани таҷҳизоти технологӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, ҷузъҳо, ашёи хом ва мавод, инчунин дигар намуди лавозимоте, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсол намешаванд ва дар рушди кооператсияи дохилисоҳавӣ тавассути таъмин намудани маҳсулоти нимтайёри бофандагӣ барои истехсол ва содироти махсулоти тайёр. |

Илова бар ин аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон як қатор имтиёзҳои дигар барои субъектони навташкиле, ки мақсади асосиаашон ҷорисозии инноватсия дар истеҳсолот мебошад муқаррар карда шуд.

Ҷиҳати дастгирии фаъолияти илмӣ-инноватсионие, ки аз ҷониби муассисаҳои ин кишвар ба роҳ монда мешавад, грантҳо ва маблағгузориҳои буҷетӣ расонида мешавад.

Ҳамин тариқ низоми дастгирии давлатии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба таври кофӣ ба роҳ монда шуда, марҳила ба марҳила дар доираи имкониятҳои мавҷуда такмил дода мешавад.

## АДАБИЁТ

1. Белов В.Н. К вопросу о российской инновационной политике. Зарубежный опыт // Инновациооная политика и инновационный бизнес в России. Аналитический Вестник. -2006. -№ 5/-С. 16-27

2. Гончар К.Р. Иновационные поведение промышленности : разрабатывать нельзя заимствовать // Вопросы экономике.-2009.- № 12. -С.125-141
3. Диваева Э.А. Управление региональной инновационной системой. Методология и практика. - М.: Палеотип, 2010. - 153 с.
4. Иванов С.И. Промышленная политика Китая.очередное достижения // Экономист.-2006.- № 1, -С. 56-60
5. Климова Н.В., Ларина Н.В. Зарубежный опыт стимулирования инновационной деятельности в промышленном секторе// Фундаментальные исследования.-2014, -№6-7. -С. 1442-1446
6. Мухамедьяров А.М., Диваева Э.А. Зарубежный опыт формирования инновационной системы в регионах. http://infomanagement.ru/avtorskaya_statya/zarubezhniy_opit_formirovaniya_innovacionnoy_sistemi/3
7. Отчет по исследованию вопросов в области корпоративного управления китайскими предприятиями / Научная группа по исследованию вопросов в области корпоративного управления китайскими предприятиями. — Пекин: Издательство машиностроит. пром-сти Китая, 2013. — 361 с.
8. Радаев В.В. (рук. исслед. кол.), Данилина В.Н., Котельникова З.В., Назарбаева Е.А. Текущее состояние и перспективы развития легкой промышленности в России. — М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2014. — С. 333.
9. Шабакаи электронӣ - http://www.lex.uz/acts/3080758#3080870
10. Шабакаи электронӣ - https://dic.academic.ru/dic.nsf/bse/90542/Индустриализация

**УДК 336.2**

**Султонов З.С., Маҳмаризозода Б. М.**

# БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ ИҚТИСОДИИ МУАССИСАҲОИ ҒАЙРИБУҶЕТИИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ТАҚВИЯТ ЁФТАНИ ОН ТАВАССУТИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ

Соҳаи маориф яке аз соҳаҳои калидии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии тамоми мамлакатҳо маҳсуб шуда, баҳри баланд гардидани маърифату маънавиёти аҳолӣ боис гашта, барои рушди захираҳои инсонӣ, ки асоси инкишофи ҳар як мамлакатро ташкил менамоянд, оварда мерасонад. Масъалаи маблағгузории соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол тақвият ёфта, Ҳукумати мамлакат барои рушди соҳа аз ҳамаи роҳу воситаҳо истифода мебарад. Дар баробари ин дастгирии давлатӣ бобати рушди муассисаҳои таҳсилотии ғайрибуҷетӣ дар шароити муосир амри воқеӣ буда, барои озод намудани онҳо аз баъзе андозҳо зарурати воқеӣ ба вуҷуд омадааст. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки бо баробари тақвият ёфтани муассисаҳои таҳсилотии ғайрибуҷетӣ тариқи додани имтиёзҳо, сарбории буҷети мамлакат барои соҳаи маориф камтар гашта, маблағҳои озодгашта ба зиёд намудани маоши кормандони муассисаҳои таҳсилотии буҷетӣ метавонад истифода шавад.

**Вожаҳои калидӣ**: иқтисоди миллӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, даромади буҷет, хароҷоти буҷет, рушди иҷтимоӣ, соҳаи маориф, андозбандии соҳаи маориф, муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилотии олии касбии буҷетӣ, муассисаҳои таҳсилотии олии касбии ғайрибуҷетӣ.

**Султанов З.С., Махмаризода Б. М.**

# ОЦЕНКА ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОСТОЯНИЯ НЕБЮДЖЕТНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ И ЕГО УКРЕПЛЕНИЕ ЗА СЧЕТ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ

Сфера образования считается одним из ключевых направлений социально-экономического развития всех стран, она ведет к повышению знаний и духовности населения и ведет к развитию человеческих ресурсов, которые составляют основу развития. каждой страны. Вопрос финансирования сферы образования в Республике Таджикистан обостряется с каждым годом, и Правительство страны использует все пути и средства для развития отрасли. В то же время государственная поддержка развития внебюджетных образовательных учреждений является реальным императивом в современных условиях, и существует реальная необходимость освобождения их от некоторых налогов. При этом следует отметить, что с усилением внебюджетных образовательных учреждений за счет предоставления льгот нагрузка на бюджет страны в сфере образования снизится, а высвободившиеся средства можно будет использовать для повышения заработной платы сотрудники бюджетных образовательных учреждений.

**Ключевые слова:** национальная экономика, макроэкономические показатели, валовой внутренний продукт, доходы бюджета, расходы бюджета, социальное развитие, сфера образования, налогообложение образования, высшие профессиональные учебные заведения, бюджетные высшие профессиональные учебные заведения, небюджетные профессиональные высшие учебные заведения.

**Sultonov Z.S., Mahmarizozoda B. M.**

# ASSESSMENT OF THE ECONOMIC CONDITION OF NON-BUDGETARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS AND THEIR STRENGTHENING THROUGH STATE SUPPORT

The education sector is considered one of the key sectors of social and economic development of all countries, contributing to the improvement of the education and spirituality of the population, leading to the development of human resources, which are the basis for the development of any country. The issue of financing the education sector in the Republic of Tajikistan is growing from year to year, and the Government of the country uses all means and means to develop the sector. At the same time, state support for the development of non-budgetary educational institutions in modern conditions is a real necessity, and there is a real need to exempt them from some taxes. At the same time, it should be noted that with the strengthening of non-budgetary educational institutions through the provision of privileges, the burden on the country's budget for the education sector is reduced, and the funds released can be used to increase the salaries of employees of budgetary educational institutions.

**Keywords:** national economy, macroeconomic indicators, gross domestic product, budget revenues, budget expenditures, social development, education sector, education sector taxation, higher professional educational institutions, budgetary higher professional educational institutions, non-budgetary higher professional educational institutions.

«Соли 2024-ум ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба беш аз 150 миллиард сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз расонида шуд.Қобили зикр аст, ки дар панҷ соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,7 фоизро ташкил дод» [1].

Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ дар солҳои охир иқтисоди миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати баланд рушд намуда, заминаи устуворро барои тақвият ёфтани тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳими мамлакат мегузорад, ки он дар асоси сиёсати суботкоронаю бунёдкоронаи Ҳукумати мамлакат ва меҳнати садоқатмандонаи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омадааст. "Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ҳамаи пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад" [2].

Оре, рушду нумуи соҳаи илму маориф ҳамешагӣ дар меҳвари асосии сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, барои амалисозии ин раванд ҳамеша дар баромадҳои худ ёдовар шуда, дастгирии соҳаро бо роҳи ҳамасола бештар намудани маоши кормандони соҳа амалӣ менамоянд.

Афзоиш ёфтани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ алалхусус буҷети давлатӣ, ва боз ҳам маблағгузории бештари соҳаҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад, ки дар шароити кунунӣ басо муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар ин росто, бо маблағҳои зарурӣ таъмин намудани соҳаи маориф басо муҳим арзёбӣ мегардад, ки он сол то сол рӯ ба афзоиш ниҳода, ба нишондиҳандаҳои миёнаҷаҳонӣ мутобиқ гардонида мешавад.

Дар ҳамин замина, таҳлил ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъминоти соҳаи иҷтимоӣ басо мубрам арзёбӣ карда мешавад, ки дар ҷадвали 1. оварда мешавад:

**Ҷадвали 1 [3]. Динамикаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023 нисба ба соли 2018 (+, - бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД дар солҳои гуногун, млн. сомонӣ | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 118181,7 | 130791,5 | 165,33 |
| Миқдори аҳолӣ дар охири сол, ҳаз. нафар. | 9313,8 | 9716,8 | 9886,8 | 10078,4 | 10288,5 | 110,47 |
| Ҳаҷми ММД ба ҳар як сари аҳолӣ (Сомонӣ) | 849,38 | 864,05 | 1022,33 | 1172,62 | 1271,24 | 149,67 |
| Даромадҳои пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ | 47986,3 | 65347,0 | 80508,8 | 95124,6 | 120715,1 | 251,16 |
| Хароҷоти пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ | 48857,2 | 72555,7 | 91885,0 | 110606,2 | 145634,1 | 298,08 |
| Даромади буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 23469,4 | 25065,0 | 30053,8 | 36056,8 | 43903,4 | 187,07 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ | 23806,6 | 24812,5 | 29342,7 | 35338,9 | 43034,8 | 180,77 |
| Маблағгузории соҳаи маориф, млн. сомонӣ | 4185,3 | 4311,4 | 5229,9 | 6240,8 | 7108,5 | 169,84 |
| Вазни қиёсии маблағгузории соҳаи маориф нисбати хароҷоти буҷети давлатӣ, бо % | 17,56 | 17,37 | 17,82 | 17,65 | 16,52 | - |

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1. чунин маълумот ҳосил шуд, ки дар солҳои 2019-2023 вазни қиёсии маблағгузории соҳаи маориф нисбати хароҷоти буҷети давлатӣ аз 16,52 то 17,83%-ро ташкил намудааст. Инчунин, соли 2023 нисбат ба соли 2019 маблағгузории буҷетии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4185,3 млн. сомонӣ то ба 7108,5 млн. сомонӣ дар соли 2023 расидааст, ки суръати афзоиш дар ҳамин давра 169,84%-ро ташкил менамояд.

Ба ақидаи мо, барои боз ҳам рушд ёфтани соҳаи маориф ва афзоиш додани вазни қиёсии маблағгузории он нисбати хароҷоти буҷети давлатӣ боз ҳам шароиту имкониятҳо мавҷуданд, ки онҳоро дар оянда бояд хубтар истифода бурд.

Алалхусус, дар барномаю стратегияҳои давлатии рушди соҳаи маориф дар солҳои минбаъда афзоиши маблағгузорӣ он пешбинӣ карда шудааст, ки имкон медиҳад шароити кормандони соҳа боз ҳам беҳтар карда шавад.

Аз ташкили шароити мусоид барои кормандони соҳаи маориф пешрафти мамлакат вобастагӣ дошта, дар ин раванд бо ташаббусу дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи июли соли 2023 маоши кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаи мариф, 40 дарсад зиёд карда шуда, дар моҳи сентябри соли 2025 боз 30 дарсади дигар афзоиш додани маоши кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаи мариф дар назар аст.

Инчунин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ қайд карда шуд, ки “...Хотирнишон менамоям, ки дар панҷ соли охир маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба (солҳои 2020, 2022, 2023, 2024) ва дар маҷмуъ, ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шуд” [4].

Албатта, баланд намудани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, алалхусус кормандони соҳаи маориф ба он боис гашт, ки нуфузи омӯзгор дар ҷомеа ҷойи худро гирад ва ҷавонон рӯ ба фаъолияти педагогӣ биёваранд. Бо боварии комил гуфта метавонем, ки дар оянда барои интихоби касби муаллим ҷавонон зиёдтар шавқ пайдо менамоянд, ки ин барои рафъи мушкилии норасоии кадрҳои педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилотии тамоми зинаҳо метавонад боис гардад.

Оид ба вазъи музди меҳнати кормандони соҳаҳо мухталифи ҷумҳурӣ дар ҷадвали 2. маълумоти оморӣ ҷамъ оварда шудааст, ки чунин мебошад [5].

**Ҷадвали 2 Музди меҳнати миёнаи кормандони корхона ва ташкилотҳои соҳаҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2019-2023 бо сомонӣ)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Соли 2023 нисбат ба 2019 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи кормандон | 1335,52 | 1393,78 | 1540,84 | 1760,29 | 2013,11 | 150,73 |
| Аз ҷумла; | | | | | | |
| Саноати истихроҷ | 2597,48 | 2546,65 | 2840,75 | 3395,17 | 3646,93 | 140,40 |
| Кишоварзӣ, шикорчигӣ ва хоҷагии ҷангал | 544,37 | 572,79 | 633,91 | 716,16 | 811,73 | 149,11 |
| сохтмон | 2435,08 | 2403,84 | 2452,67 | 2708,81 | 3004,25 | 123,37 |
| Савдо, хуроки омма ва дигар соҳаҳои муомилоти мол | 1235,43 | 1246,97 | 1339,88 | 1528,82 | 1672,53 | 135,38 |
| Тандурустӣ, варзиш ва | 900,00 | 977,22 | 1023,12 | 1141,48 | 1349,74 | 149,97 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| таъминоти иҷтимоӣ | | | | | | |
| Муассисаҳои қарзӣ ва суғурта | 3333,05 | 3580,17 | 4296,47 | 5051,87 | 5679,65 | 170,40 |
| маориф | 1058,55 | 1117,6 | 1247,60 | 1386,36 | 1645,79 | 155,47 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 1253,20 | 1319,92 | 1915,65 | 2215,22 | 2388,00 | 190,55 |

Музди миёнаи меҳнати ҳамаи кормандони ҳамаи соҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ба 2013,11 сомонӣ баробар гашта, музди меҳнати кормандони соҳаи маориф ба 1645,79 сомонӣ баробар гаштааст.

Музди меҳнати кормандони соҳаи маориф сол то сол тақвият ёфта, суръати афзоиши музди меҳнати тамоми кормандон дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба 150,73% афзоиш ёфта, суръати нисбатан баланди нишондиҳандаи мазкур ба соҳаи фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ мансуб буда, он 190,55%-ро ташкил намуда, суръти нисбатан пасти афзоиши музди миёнаи меҳнат ба соҳаи сохтмон мансуб буда, суръати афзоиш дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба 123,37% баробар аст.

Дар соҳаи маориф низ музди меҳнати миёна тайи солҳои охир тақвият ёфта, рушди он дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба шишондиҳандаи 155,47% баробар шудааст.

Бо дар назардошти дар соли 2024 то 40% ва дар соли 2025 афзоиш ёфтани ин нишондиҳанда дар ҳаҷми 30% ин нишондиҳанда қариб ду маротиба афзоиш меёбад.

Ба ақидаи мо, бо тақвият ёфтани муассисаҳои ғайридавлатии соҳаи маориф метавонад ба рушди музди меҳнати кормандони тамоми соҳа боис шавад.

Ин ақида дар он асос меёбад, ки имрӯз муассисаҳои ғайридавлатии соҳаи маориф дар умум фисади камтарро ташкил намуда, он қариб ба 10% -и ҳаҷми умумии тамоми муассисаҳои соҳаи маориф баробар буда, миёни муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ ба 10.4% баробар аст (аз 48 муассисаҳои олии касбӣ ҳамагӣ 5 адади онҳо дар асоси худмаблағгузорӣ фаъолият менамоянд).

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки баъзе аз муассисаҳои олии касбӣ қисман аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мегарданд, аммо низоми андозбандиашон аз муассисаҳои худмаблағгузор фарққунанда мебошад, ки ин асосро барои таснифоти онҳо ҳамчун муассисаҳои таҳсилоти олии касбии буҷетӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайрибуҷетӣ фароҳам меоварад.

Дар сурати зиёд гаштани муассисаҳои таҳсилотии дар асоси худтаъминкунӣ фаъолияткунандаи тамоми зинаҳо, хароҷоти буҷети давлатӣ асосан ба самти муассисаҳои буҷетии таҳсилотӣ равона карда шуда, маблағгузорӣ низ ба маротиб метавонад афзоиш ёбад.

Ба ҳамин мақсад ба омори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ назар меафканем, ки тамоюли зиёдшавии шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, теъдоди кормандони онҳо, шумораи донишҷӯёни фарогири таҳсил дар ин самт давоми солҳои таҳқиқшаванда тасдиқи гуфтаҳои боло аст (ҷадвали 3.)

Аз ҷадвали мазкур хулоса бар меояд, ки теъдоди муассисаҳои олии касбӣ дар соли таҳсили 2023-2024 ба 46 адад баробар буда, ҳамагӣ 6 адад муассиса олии касбии ғайри буҷавӣ амал менамояд. Ҳоло он, ки дар мамлакатҳои рушдкарда ва мамлакатҳои ҳамҷавор ин нишондиҳанда ба маротиб фарққунанда буда, то ба 50% ва аз ин ҳам зиёд мерасад. Ин ҷо таснифоти муассисаҳои олии касбии ҷумҳуриамонро ҳамчун муассисаҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ аз рӯйи маблағгузорӣ шудан ё нашуданашон аз буҷети давлатӣ амалӣ намудем.

**Ҷадвали 3. Динамикаи афзоиши шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, теъдоди кормандон ва шумораи донишҷӯён давоми солҳои таҳсили 2018-2019 то 2023-2024**

| Солҳои таҳсил | Шумораи муассисаҳои олии касбӣ | Аз ҷумла ғайрибуҷетӣ | Теъдоди кормандон | Шумораи донишҷӯён | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Ҳамагӣ | буҷетӣ | Шартномавӣ |
| 2018-19 | 39 | 3 | 10581 | 209768 | 65132 | 144636 |
| 2019-20 | 40 | 3 | 11681 | 229626 | 67316 | 162310 |
| 2020-21 | 41 | 4 | 11746 | 245900 | 63564 | 182336 |
| 2021-22 | 41 | 4 | 12642 | 239539 | 60797 | 178742 |
| 2022-23 | 46 | 5 | 11762 | 218098 | 55917 | 162181 |
| 2023-24 | 48 | 6 | 13989 | 214435 | 62648 | 151787 |

***Сарчашма:*** Маҷмуаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 2 . – Душанбе, 2024. С. 128,167. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2024. С. 65,98.

“Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард.

Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст” [6].

Дар даврони соҳибистиқлолӣ теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва шумораи донишҷӯён низ афзоиш ёфтааст, ҳамчунин ба сатҳу сифати таълим бояд диққати ҷиддӣ дод, ки ин нуқта ҳангоми ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 28.12.2024 баррасӣ карда шуд.

“Бояд гуфт, ки дар зинаи таҳсилоти олӣ масъалаҳои сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ ҳанӯз ба тақвият ниёз доранд” [7].

Яъне, баҳри ташкили шароити хуби таълимӣ истифодаи тамоми воситаю имкониятҳои муосири техникиро бояд истифода намуд, ки ба ақидаи мо имрӯз ҳамаи имкониятҳо барои амалӣ намудани талаботи роҳбарияти олии сиёсии кишвар мавҷуд буда, бо роҳи таъмини шароити мусоид баҳри фаъолияти муассисаҳои олии касбии кишвар новобаста аз шакли онҳо метавонад муяссар гардад.

Дар ҳамин радиф зиёдтар додани диққат ба дастгирии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайрибуҷетӣ бобати пардохти андозҳоро чораҳои ногузир мешуморем. Зеро, имрӯз онҳо чун ташкилотҳои тиҷоратӣ андоз месупоранд.

Барои дастгирии давлатии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайрибуҷетӣ озод намудани онҳоро аз андозҳои даромади шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз моликияти ғайриманқул, ки ҳамасола афзоиш меёбад, зарур мешуморем.

Хулоса, барои боз ҳам тақвият ёфтани иқтисоди миллӣ тамоми заминаҳо мавҷуд буда, сиёсати хирадмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, он стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатие, ки барои рушди бо мароми мамлакат қабул карда шудааст ва меҳнати софдилонаи ҳар як сокини мамлакат ба он метавонад боис гардад.

**АДАБИЁТ**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. Душанбе - 28.12.2024
2. Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2024.
3. Маҷмӯаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 2 . – Душанбе, 2024. С. 128,167. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2024. С. 65,98.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. С. 12,189. ЗАО “Нашриёти муосир”
5. Қурбонов Б.М. Тартиби андозбандии муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Маводи конфронси дуюми байналмилалӣ дар мавзӯи «Рушди техналогияҳои рақамӣ дар шароити муосир». -Душанбе, 2023. -С. 132-135.
6. Қурбонов Б.М. Вазъи муосири андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳлили он дар Ҷумҳурии Таҷикистон [Матн] / Б.М. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2023. -№4/2 (50).С.195-202. ISSN 2308-054X.

**УДК 331.5:338.1**

**Тохирдҷонов Б.Т., Гулов И.Х.**

## МАФҲУМҲОИ АСОСӢ ВА ҶАНБАҲОИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба таҳлили мафҳумҳо ва ҷанбаҳои асосии идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар мақола хусусиятҳои асосии қувваи корӣ, аз ҷумла шумора, малака, ҳаракат ва муҳоҷирати қувваи корӣ баррасӣ карда мешавад. Ба вазифаҳои кунунии идоракунии меҳнат дар Тоҷикистон, аз қабили ҷалби кадрҳои соҳибихтисос, коҳиши сатҳи бекорӣ, идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ва таҳияи системаи ҳавасмандгардонӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Ғайр аз ин, дар мақола ба зарурати такмил додани системаи маориф ва такмили ихтисос, проблема ва дурнамои бо кор таъмин намудани деҳоти ҷумҳурӣ диққати калон дода шудааст. Дар охир аҳамияти истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ барои рушди устувори иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон таъкид шудааст.

**Калидвожаҳо:** идоракунии захираҳои меҳнат, захираҳои меҳнат, бозори меҳнат, шуғл, бекорӣ, тахассуси қувваи корӣ, ҳавасмандии меҳнат, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, бозори меҳнат дар Тоҷикистон.

**Тохирджонов Б.Т., Гулов И.Х.**

## ОСНОВНЫЕ ПОНЯТИЯ И АСПЕКТЫ УПРАВЛЕНИЯ ТРУДОВЫМИ РЕСУРСАМИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена анализу основных понятий и аспектов управления трудовыми ресурсами в Республике Таджикистан. В работе рассматриваются ключевые характеристики трудовых ресурсов, включая численность, квалификацию, мобильность и миграцию рабочей силы. Особое внимание уделяется актуальным задачам управления трудовыми ресурсами в Таджикистане, таким как привлечение квалифицированных кадров, снижение уровня безработицы, управление трудовой миграцией и развитие системы мотивации. Кроме того, статья акцентирует внимание на необходимости совершенствования системы образования и

повышения квалификации, а также на проблемах и перспективах занятости в сельских районах страны. В заключение подчеркивается важность эффективного использования трудовых ресурсов для устойчивого экономического роста и социальной стабильности в Таджикистане.

**Ключевые слова:** управление трудовыми ресурсами, трудовые ресурсы, трудовой рынок, занятость, безработица, квалификация рабочей силы, мотивация труда, социально-экономическое развитие, рынок труда в Таджикистане.

**Tokhirjonov B.T., Gulov I.Kh.**

## BASIC CONCEPTS AND KEY ASPECTS OF LABOR RESOURCES MANAGEMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article is devoted to the analysis of the main concepts and aspects of labor resources management in the Republic of Tajikistan. The work examines the key characteristics of the labor force, including the number, qualification, mobility and migration of labor. Particular attention is paid to the current tasks of labor resources management in Tajikistan, such as attracting qualified personnel, reducing unemployment, managing labor migration and developing a motivation system. In addition, the article focuses on the need to improve the education system and advanced training, as well as the problems and prospects of employment in rural areas of the country. In conclusion, the importance of effective use of labor resources for sustainable economic growth and social stability in Tajikistan is emphasized.

**Key words:** labor resources management, labor resources, labor market, employment, unemployment, labor qualifications, labor motivation, socio-economic development, labor market in Tajikistan.

*Введение.* Управление трудовыми ресурсами является одной из важнейших составляющих эффективного функционирования экономики, социальной сферы и государственного аппарата любой страны. Оно включает в себя комплекс мер, направленных на обеспечение эффективного использования трудового потенциала, улучшение условий труда и создание благоприятной социальной среды.

В условиях Республики Таджикистан управление трудовыми ресурсами приобретает особую значимость. Основная часть населения страны занимается сельским хозяйством, что обуславливает низкий уровень диверсификации экономики и ограниченные возможности для занятости в других секторах. Дополнительно, значительная миграция рабочей силы за рубеж создает как возможности (в виде денежных переводов мигрантов), так и вызовы (утечка квалифицированных кадров и зависимость экономики от внешних рынков труда).

Грамотное управление трудовыми ресурсами играет ключевую роль в социально-экономическом развитии государства. Это требует комплексного подхода, направленного на увеличение численности и качества рабочей силы, улучшение условий труда, социальной защиты работников, а также оптимизацию процессов трудовой миграции. В современных условиях такие меры способствуют достижению устойчивого развития страны [3, с. 45].

*Понятие трудовых ресурсов.* Трудовые ресурсы Республики Таджикистан представляют собой совокупность всех трудоспособных граждан, участвующих в экономической деятельности страны. Это не только количество работников, но и их квалификация, профессиональные навыки, мотивация и способность адаптироваться к изменениям в требованиях рынка труда. Основными характеристиками трудовых ресурсов являются:

– численность рабочей силы – общее количество людей, занятых в экономике страны [1, с. 102].

– качество трудовых ресурсов – совокупность навыков, образования, опыта и компетенций работников, что непосредственно влияет на их производительность [9, с. 78].

– мобильность трудовых ресурсов – способность рабочей силы перемещаться между секторами экономики, регионами и странами в зависимости от спроса на рабочую силу.

Для Таджикистана характерно наличие значительного числа мигрантов, работающих в других странах СНГ, что влияет как на внутреннюю экономику, так и на потребности в трудовых ресурсах на внешнем рынке [4, с. 55].

*Основные задачи управления трудовыми ресурсами в Таджикистане.* Управление трудовыми ресурсами в Таджикистане связано с рядом ключевых задач, решение которых влияет на развитие экономики и социальной сферы.

*Привлечение и подготовка квалифицированных кадров.* Одной из важнейших задач является подготовка и привлечение квалифицированных специалистов в различные сектора экономики, особенно в сферу высоких технологий, сельское хозяйство, энергетику и промышленность. Важным направлением является модернизация системы образования и повышение качества профессиональной подготовки [2, с. 134].

*Образовательная реформа* – для соответствия требованиям рынка труда необходима реформа системы образования, ориентированная на развитие профессиональных и технических навыков. Включение практической подготовки, стажировок, а также улучшение качества высшего образования способствуют формированию высококвалифицированных кадров для ключевых отраслей [2, с. 88].

*Снижение уровня безработицы.* Несмотря на улучшения в экономике, безработица остается значительной проблемой, особенно среди молодежи и сельского населения. Программы по созданию рабочих мест, развитие малого и среднего бизнеса и улучшение условий для инвестиций в сельские районы являются важными мерами для уменьшения уровня безработицы [9, с. 115].

*Управление трудовой миграцией.* Трудовая миграция играет важную роль в экономике Таджикистана, так как большое количество граждан работает за рубежом, главным образом в России. Программы, направленные на улучшение условий для мигрантов, защиту их прав и предоставление им необходимых социальных услуг, имеют важное значение как для самих мигрантов, так и для экономики страны в целом [4, с. 50].

*Теоретические основы управления трудовыми ресурсами*. Управление трудовыми ресурсами представляет собой процесс планирования, организации, мотивации и контроля над использованием человеческого капитала в целях достижения экономической эффективности и социального благополучия. Как отмечено в работе Б.Т. Тохирджонова, мониторинг трудовых ресурсов в сельской местности представляет собой важный инструмент анализа социально-экономической ситуации, а также требует разработки методологических подходов для его эффективного применения [5, с. 247]. Основные элементы управления включают:

1. *Анализ и прогнозирование рынка труда.* Оценка текущих потребностей в рабочей силе и прогнозирование изменений в структуре занятости.
2. *Планирование трудовых ресурсов.* Разработка стратегий по подготовке, распределению и использованию рабочей силы.
3. *Мотивация и стимулирование труда.* Создание условий, которые повышают вовлеченность работников и их производительность.
4. *Развитие профессиональных навыков.* Повышение квалификации и переподготовка кадров для соответствия требованиям рынка труда.

В основе управления трудовыми ресурсами лежит концепция человеческого капитала, которая рассматривает работников как главный ресурс, определяющий конкурентоспособность экономики.

*Характеристика трудовых ресурсов Таджикистана*. Республика Таджикистан обладает рядом уникальных особенностей, которые необходимо учитывать при разработке политики в области труда:

– *Молодое население.* Более половины населения находится в трудоспособном возрасте, что создает высокий потенциал для роста экономики. Однако молодежь сталкивается с проблемами трудоустройства, особенно в сельских районах.

– *Зависимость от сельского хозяйства.* Большая часть трудоспособного населения занята в аграрном секторе, который характеризуется низкой производительностью и отсутствием современных технологий.

– *Трудовая миграция.* Ежегодно значительное число граждан выезжает на заработки за рубеж, что обеспечивает приток денежных переводов, но также приводит к утрате квалифицированной рабочей силы.

*Ключевые проблемы управления трудовыми ресурсами в Таджикистане:*

1. Высокий уровень безработицы. Особенно остро проблема безработицы стоит среди молодежи, женщин и жителей сельской местности.

2. Низкая квалификация рабочей силы. Система образования и профессиональной подготовки не всегда отвечает требованиям современного рынка труда.

3. Нерегулируемая трудовая миграция. Отсутствие достаточной правовой и социальной поддержки мигрантов снижает их вклад в развитие национальной экономики.

4. Ограниченные инвестиции в человеческий капитал. Низкий уровень государственных и частных вложений в развитие профессиональных навыков и улучшение условий труда.

*Аспекты управления трудовыми ресурсами.* Для решения обозначенных проблем необходимо сосредоточиться на следующих аспектах:

1. Планирование трудовых ресурсов. Разработка долгосрочных стратегий, включающих прогнозирование демографических изменений, потребностей в кадрах для ключевых отраслей экономики и оптимизацию структуры занятости.

2. Реформирование системы образования. Образовательная система должна быть адаптирована к требованиям рынка труда, включая развитие профессионального образования, внедрение программ дуального обучения и сотрудничество с работодателями.

3. Создание рабочих мест. Важным направлением является развитие малого и среднего бизнеса, создание новых рабочих мест в отраслях с высокой добавленной стоимостью, таких как энергетика, промышленность и ИКТ.

4. Социальная поддержка. Государственная политика должна включать программы социальной защиты, медицинского страхования и пенсионного обеспечения для повышения уровня жизни работников.

Совершенствование управления трудовыми ресурсами в сельской местности связано с внедрением современных подходов к планированию, мотивации и профессиональной подготовке работников [8, с. 128].

*Трудовая миграция и ее влияние на рынок труда Таджикистана*. Трудовая миграция играет двойственную роль в экономике Таджикистана. С одной стороны, она обеспечивает значительный приток денежных переводов, составляющих около трети ВВП страны. С другой стороны, миграция приводит к утечке квалифицированных кадров, снижению внутренней занятости и ослаблению профессионального потенциала страны.

Для управления миграционными процессами необходимо:

– Разрабатывать соглашения с принимающими странами о защите прав мигрантов.

– Создавать условия для возвращения мигрантов, включая программы профессиональной реинтеграции.

– Повышать осведомленность граждан о легальных способах трудоустройства за рубежом.

*Мотивация и повышение производительности труда.* Эффективное управление трудовыми ресурсами требует создания систем мотивации, которые включают в себя не только материальное вознаграждение, но и нематериальные формы стимулирования, такие как признание заслуг, предоставление возможности карьерного роста и профессионального

развития. Развитие корпоративной культуры и улучшение условий труда способствуют повышению общей мотивации работников и их продуктивности [2, с. 121].

*Особенности трудовых ресурсов Республики Таджикистан.* Таджикистан характеризуется несколькими особенностями в области трудовых ресурсов, которые требуют особого внимания.

– *Молодое население.* Таджикистан имеет относительно молодое население, что создает потенциал для увеличения трудоспособного населения. Однако также необходимо уделить внимание вопросам занятости молодежи, особенно в условиях ограниченных рабочих мест [1, с. 91].

– *Сельское население и занятость в сельском хозяйстве.* В Таджикистане сельское хозяйство занимает значительное место в экономике, при этом существует проблема низкой производительности труда в этом секторе. Важно развивать агротехнологии, повышать квалификацию работников и создавать новые рабочие места в сельских районах [9, с. 117].

– *Миграция рабочей силы.* Значительная часть трудоспособного населения выезжает за рубеж, что влияет на рынок труда внутри страны и формирует необходимость защиты прав мигрантов, а также улучшения условий труда для их возвращения и интеграции в экономику [4, с. 52].

*Роль государства в управлении трудовыми ресурсами.* Государственные органы играют ключевую роль в управлении трудовыми ресурсами. Важными инструментами в этой области являются:

- *Государственные программы и реформы.* Правительство разрабатывает программы по занятости, повышению квалификации работников и улучшению условий труда [2, с. 138].
- *Трудовое законодательство.* Важным аспектом является создание и совершенствование законодательства, защищающего права работников и регулирующего отношения между работодателями и работниками [3, с. 78].
- *Социальная защита работников.* Программы социальной поддержки, включая медицинское страхование, пенсии, социальные пособия, также являются неотъемлемой частью государственной политики в области труда [9, с. 102].

*Заключение.* Управление трудовыми ресурсами в Республике Таджикистан требует комплексного подхода, включающего подготовку высококвалифицированных кадров, улучшение условий труда, создание рабочих мест и развитие системы социальной защиты. Важным аспектом является также эффективное управление трудовой миграцией и привлечение инвестиций в экономику. Инвестиции в человеческий капитал, реформирование системы образования, создание рабочих мест и поддержка мигрантов являются ключевыми элементами стратегии устойчивого развития. Стратегия устойчивого развития трудовых ресурсов должна стать частью общей экономической и социальной политики, направленной на повышение качества жизни граждан и устойчивое развитие страны [3, с. 45][2, с. 122].

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Ким, В.С. Управление трудовыми ресурсами в условиях переходной экономики. – Душанбе: Издательство ТГУ, 2020. – С. 88-102.
2. Мирзаев, Ш.С. Рынок труда и трудовые ресурсы в Центральной Азии. – Душанбе: Группа компаний «Таджикпресс», 2018. – С. 122-138.
3. Негритян, В.М. Экономика труда: теория и практика. – М.: Высшая школа, 2018. – С. 45-78.
4. Пономарев, Ю.В. Мотивация и производительность труда: концепции и практика. – М.: Инфра-М, 2017. – С. 50-121.
5. Тоҳирҷонов, Б.Т. Асосҳои усулии таҳқиқоти мониторинги захираҳои меҳнатии деҳот / Б.Т. Тоҳирҷонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No.1(30). – Р. 243-248. – EDN YGMMCZ.

6. Тохирджонов, Б.Т. Концептуальные аспекты содержания трудовых ресурсов / Б.Т. Тохирджонов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – №1-4-1(57). – С. 193-198. – EDN PPCTCV.
7. Тохирджонов, Б.Т. Методологические подходы к мониторингу и выявлению показателей использования трудовых ресурсов сельской местности в республике Таджикистан / Б.Т. Тохирджонов, И.Х. Гулов // Международные отношения и безопасность. – 2024. – №2(10). – С. 151-158. – EDN KCYMHV.
8. Тохирджонов, Б.Т. Пути совершенствования управления трудовыми ресурсами в сельской местности / Б.Т. Тохирджонов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2021. – №1-4-2(92). – С. 127-130. – EDN JGFVAW.
9. Файзуллоев, С.А. Трудовая миграция из Республики Таджикистан: проблемы и перспективы. – Душанбе: Академия наук Республики Таджикистан, 2019. – С. 78-117.

**УДК 336**

**Турсунов Х.М., Гаюри Р.С.**

## ТАМОЖЕННЫЙ ОРГАН И ЕГО РОЛЬ В ПРАВИЛЬНОМ КОНТРОЛЕ НАД ТАРИФНЫМИ И НАЛОГОВЫМИ ЛЬГОТАМИ, БЫСТРОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ СТРАНЫ И ОБЕСПЕЧЕНИИ СБОРА ТАМОЖЕННЫХ ПЛАТЕЖЕЙ

В данной статье авторы сосредоточили внимание на изучении роли таможенных органов в таможенном контроле за тарифными и налоговыми льготами, сбором таможенных платежей и механизма управления ими, в целях обеспечения эффективности деятельности таможенных органов в этой сфере. Действительно, из анализа, представленного в статье, видно, что в 6-м месяце 2024 года по показателям внешнеторгового оборота страны большая часть товаров пользуется таможенными льготами, а также надлежащим контролем за применением этих льгот, которой осуществляется таможенными органами для ускоренной индустриализации страны, и в то же время в правильном результате использования механизмов корректировки и сбора удалось выполнить план таможенных платежей.

**Ключевые слова:** таможенные органы, механизмы, тарифные и налоговые льготы, таможенные платежи, импорт, экспорт, показатели, участники внешнеэкономической деятельности, ускоренная индустриализация, сбор.

**Турсунов Х. М., Ғаюрӣ Р.С.**

## МАҚОМОТИ ГУМРУК ВА НАҚШИ ОН ДАР НАЗОРАТИ ДУРУСТИ ИМТИЁЗҲОИ ТАРИФИЮ-АНДОЗӢ, САНОАТИКУНОНИИ БО СУРЪАТИ МАМЛАКАТ ВА ТАЪМИНИ ҶАМЪОВАРИ ПАРДОХТҲОИ ГУМРУКӢ

Дар мақолаи мазкур муалифон диқати асосиро ба омузиши нақши мақомоти гумрук дар назорати гумрукии имтиёзҳои тарифию-андозӣ, ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ ва механизми идоракунии онҳо, ҷиҳати таъмин намудани самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук дар ин самт равона кардаанд. Воқеан ҳам аз таҳлилҳои дар мақола овардашуда маълум мегардад, ки дар 6 моҳи соли 2024 аз нишондиҳандаҳои гардиши савдои хориҷӣ мамлакат қисми зиёди молҳо аз имтиёзҳои гумрукӣ бархурдоранд ва назорати дурусти татбиқи ин имтиёзҳоро мақомоти гумрук ҷиҳати саноатикунонии босуръати мамлакат ба амал бароварда,

ҳамзамон, дар натиҷаи дуруст истифода бурдани механизмҳои танзикунӣ ва ҷамъоварӣ аз уҳдаи иҷрои нақшаи пардохтҳои гумрукӣ баромадаанд.

**Вожаҳои калидӣ**: мақомоти гумрук, механизмҳо, имтиёзҳои тарифию-андозӣ, пардохтҳои гумрукӣ, воридот, содирот, нишондиҳандаҳо, иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, саноатикунонии босуръат, ҷамъоварӣ.

**Tursunov H.M., Gayri R.S.**

## CUSTOMS AUTHORITY AND ITS ROLE IN PROPER CONTROL OF TARIFF AND TAX BENEFITS, RAPID INDUSTRIALIZATION OF THE COUNTRY AND ENSURING COLLECTION OF CUSTOMS PAYMENTS

In this article, the authors focused on the study of the role of customs authorities in customs control of tariff and tax benefits, collection of customs payments and their management mechanism, in order to ensure the effectiveness of the activities of customs authorities in this area. Indeed, from the analysis presented in the article, it is clear that in the 6th month of 2024, from the indicators of the country's foreign trade turnover, most of the goods benefit from customs privileges, and the proper control of the application of these privileges is carried out by the customs authorities for the rapid industrialization of the country, and at the same time, in the correct result the use of adjustment and collection mechanisms have failed to implement the plan of customs payments.

**Key words:** customs authorities, mechanisms, tariff and tax benefits, customs payments, import, export, indicators, participants of foreign economic activity, rapid industrialization, collection.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМР ҶТ) барои солҳои то 2030 "Рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда", ки ба густариши минбаъдаи алоқаҳои ҷаҳонии хоҷагидорӣ ва истифодаи самараноки афзалиятҳои муносибатҳои иқтисодии берунӣ асос меёбад, дар пешбурди муносибатҳои иқтисодии берунӣ тағйироти қатъиро тақозо мекунад. Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМР ҶТ) барои солҳои 2021-2025 низ доир ба тақвияти чораҳои институтсионалӣ оид ба ҳавасмандгардонии афзоиши содирот "тақвият бахшидани ҳамкориҳои тарафайн бо кишварҳои шарикони асосии тиҷоратӣ дар самти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти гумрукӣ ва сарҳадӣ бо мақсади соддагардонии расмиёти савдо" ҳамчун тадбири мақсаднок муайян карда шудааст [2-3].

Таҳлили фаъолияти иқтисодии берунаи солҳои охир нишон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ ҳанӯз дар бахши воқеии иқтисодиёт муҳити тавонои соҳибкорӣ таъсис дода нашудааст. Қисми зиёди иштирокчиёни муносибатҳои иқтисоди берунӣ барои иштироки фаъолона дар алоқаҳои берунӣ таҷрибаи кофӣ ва сатҳи дониши лозимаро надоранд. Ғайр аз ин, аксари иштирокчиён барои амалисозии манфиатҳои худ ва мақсадҳои умумии хислати савдоӣ-тиҷоратидошта маҳдуд карда шудаанд, ки дар аксар маврид ба манфиатҳои давлат дар соҳаи бехатарии иқтисодии ҷумҳурӣ мувофиқат намекунанд. Дар ин шароит эҳтиёҷот ба вазифаи танзимкунанда ва назораткунандаи давлат баландтар мегардад, ки ин шароит зарурати махсуси муайян намудани нақш ва мақоми мақомоти гумрук дар низоми идоракунии фаъолияти иқтисодии берунӣ, шомил намудани он ба низоми ҳамкории байниҳамдигарӣ бо мақомоти дигари блоки иқтисодӣ ва субъектҳои муносибатҳои иқтисодии беруниро ба миён меорад [1-2-3.]

Дар шароити гузариши ҷумҳурӣ ба марҳилаи нави рушд ва тавсеаи фаъолияти иқтисоди беруна - масъалаи таъмини рушди муносибатҳои гумрукӣ ва такмили усулу воситаҳои танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии берунӣ талаб карда мешавад. Ин пеш аз ҳама, ба ҷустуҷӯйи механизмҳои нави такмили фаъолияти гумрукӣ дар самти мувофиқгардонии он ба меъёрҳои байналмилалӣ ва рушди таъминоти илмӣ-методӣ, ҳуқуқӣ ва иттилоотии умуман

низоми гумрук боис мегардад [3].

Дар мақола мақомоти гумрук ҳамчун маҷмуи элементҳо ва ҷузъҳои таркибии бо ҳам алоқанди ниҳоди гумрук баррасӣ шудааст, ки он дар пояи муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ташаккул ва рушд ёфта, танзими давлатии фаъолияти иқтисоди берунаи мамлакатро таъмин менамояд. Тавре аз таҳлилҳо ба назар мерасад, унсурҳои таркибии сохтори мақомоти гумрук ба ташаккули мақомоти гумрук асос мегузоранд [3].

Таҳқиқот нишон дод, ки мақомоти гумрук на танҳо дар низоми танзими фаъолияти иқтисодии берунӣ ва пур кардани даромади буҷети давлат, балки дар низоми таъмини кулли намудҳои амнияти миллӣ, пеш аз ҳама амнияти иқтисодии мамлакат, аҳамияти махсусан калон дорад.

Ба андешаи мо вазифаи назарияи фаъолияти гумрук таъмини таҷрибаи воситаи интихоби асоснокшудаи муносибатҳои иқтисодии оқилона ва батартибдарории ҳуқуқии роҳҳои амалкарди низоми гумрукие мебошад, ки барои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ, умуман амнияти миллии давлат мусоидат мекунад. Зеро мақомоти гумрук дар худ ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва функсионалиеро таҷассум мекунад, ки онҳо дар механизмҳои идоракунии мақомти гумрук таҷассум меёбанд.

Идоракунии фаъолияти гумрук яке аз соҳаҳои идоракунии давлатӣ дар самти иҷтимоию иқтисодӣ буда, ҳамзамон шароити зарурии таъмини амалигардии маҷмӯии самараноки фаъолияти гумрук маҳсуб меёбад [3].

Дар шароити муосир дар ҷанбаи идоракунии иқтисодии мақомоти гумрук гузариш аз шакли «Гумрук барои давлат» ба шакли муосири он «Гумрук барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ» муҳим мебошад, зеро дар натиҷа тағйири тамоюли сиёсати гумрукӣ, яъне ба самти ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ ва бахши соҳибкорӣ майл кардани он, ба амал меояд. Инчунин имрӯз дар баробари рушди системаи идоракунии мақомоти гумрук пайваста мухтаво, шаклҳо ва асосҳои ташкилӣ - идоракунии мақомоти гумрук ба як механизми нисбатан мураккаби мунтазам рушдкунандае табдил ёфтаанд, ки маҷмӯи шартҳо, омилҳо, усулҳо ва воситаҳои бо ҳамдигар алоқамандро фаро мегирад [3].

Арзёбии ҳолати муосири рушди мақомоти гумрук ва механизми иқтисодии идоракунии он ва тамоюли густариши иштироки иқтисодиёти мамлакат дар муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ таҳлил карда шуда, гардиши савдои хориҷӣ, содирот ва воридот ба таври зайл иҷро шудааст: дар 6 моҳҳаи аввали соли 2024 гардиши савдои хориҷӣ ба 4 417,4 млн доллари ИМА баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 (3 364,3 млн доллари ИМА) ба қадри 1 053,1 млн доллари ИМА зиёд мебошад. Аз ҷумла воридори мол 3 421,2 мдн долларро ташкил дод, ки нисбат юа ҳамин давраи соли 2023 (2 712,1 млн доллар) бо маблағи 709,1 доллар ё 26,1% зиёд мебошад. Содирот бошад, ба 996,2 млн доллар бароабр шуда, нисбат ба соли гузашта (652,2 млн доллар) ба андозаи 344 млн доллар ё 52,7% афзоиш ёфтааст. Дар сохтори гардиши умумии мол ҳиссаи воридот 77,4% ва содирот бошад 22,6%-ро ташкил дод [4].

Дар ин давра ба ҷумҳурӣ ба маблағи 79,4 млн доллар ёрии башардӯстона ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (36,2 млн доллар соли 2023) ба маблағи 43,2 млн доллар ё 219,3% зиёд мебошад.

Дар содироти молҳои ватанӣ вазни қиёсии асосиро маъданҳо ва консентратҳо - 9,1% ё ин, ки 90,5 млн доллар, нахи пахта - 9,6%ё ин, ки 95,6 млн доллар, алюминийии коркарднашуда-9,1% ё ин, ки 90,5 млн доллар, қувваи барқ -3,4;ё33,5млн доллар, маҳсулоти меваги сабзавот-2,4% ё23,6 млн доллар, ресмони пахтагӣ 2,2% ё 21,9 илн доллар, семент-1,2% ё 12,1 млн доллар ва пуст 0,2 % ё2,4 млн долларро ташкил додаанд. Нисбат ба нимсолаи аввали соли 2023 содироти мол ба кишварҳои Хитой 40,1 млн доллар, туркия 26,5 млн доллар, Авғонистон 22,9 млн доллар, Узбекистон 8,9 млн доллар афзоиш ёфта, ба давлатҳои Қазоқистон 33,6 илн доллар, Россия 25,6 млн доллар, Белорус 108 млн доллар коҳиш ёфтааст [5].

Дар сохтори воридоти мол вазни қиёсии асосиро молҳо ба монанди маҳсулоти нафтӣ 12,1% ё414,3 млн доллар, воситаҳои нақлиёти сабукрав 5,7% ё 193,8 млн доллар, гази моеъ3,9% ё 133,1 млн доллар, гандум 3,9% ё 132,2 млн доллар чубу тахта 2,4% ё 82,8 млн доллар, шакар 2,1 % ё 71,5 млн доллар, равғани растанӣ 1,2% ё 41,7 млн доллар, орд 0,4% ё 12,2 млн доллар, барқ 0,3% ё 10,5 млн долларро ташкил додаанд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки баъди эълон гардидани солҳои 2022-2026 "Солҳои рушди соҳаи саноат" ва татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ, аз ҷониби иштирокчиёни ФИБ таҷҳизотҳои нави истеҳсоли ордбарорӣ ба ҳудуди ҷумҳурӣ васеъ ба роҳ монда шудааст, ки нишондиҳандаи воридоти орд нисбат ба гандум аз лиҳози зиёд шудани корхонаҳои истеҳсоли ватанӣ паст гардидаст.

Дар ин давра воридоти воситаҳои нақлиёти сабукрав ба миқдори 22029 адад ё 58%, равғани растанӣ ба миқдори 3069 тонна ё 6,6% коҳиш ёфтааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2024 иҷроиши нақшаи пардохтҳои гумрукӣ ба маблағи 4 612,8 млн сомонӣ ба буҷети давлатӣ таъмин гардид, ки ин ба 106,5% нақшаи пешбини гардида баробар мебошад. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ба маблағи 457,5 млн сомонӣ зиёд мебошад [4].

Инчунин бояд қайд намуд, ки дар нимсолаи аввали соли 2024 имтиёзҳои тарифию андозии дар шакли пурра ва қисман озодкардашуда 75,8% ҳаҷми умумии воридоти мол дар низоми гумрукии "Иҷозат барои муомилоти озод"-ро ташкил дод. Яъне дар ин давра аз ҳаҷми умумии воридоти молу воситаҳои нақлиёти дар низоми гумрукии "Иҷозат барои муомилоти озод" воридшуда танҳо 24,2% он (734,0 млн доллар) пурра мавриди андозбандӣ қарор гирифта, арзиши гумрукии молҳое, ки нисбат ба онҳо имтиёзҳои тарифию-андозӣ қисман тадбиқ гардидаанд, 1465,2 млн доллар ё 48,4 % ва арзиши гумрукии молҳои пурра аз имтиёзҳои тарифию-андозӣ бархурдор 831,2 млн доллар ё 27,4 % ташкил намудаанд. Дар маҷмуъ, арзиши гумрукии моли воридотие, ки аз имтиёзҳои тарифию-андозӣ бархурдор ба маблағи 2 296,4 млн доллар баробар буда, пардохтҳои гумрукии озодкардашуда аз он маблағи 3 330,4 млн сомониро ташкил намудааст. Дар нимсолаи аввали соли 2024 тадбиқи имтиёзҳои тарифию-андозӣ нисбат ба молҳои воридотӣ ба тариқи зайл сурат гирфитааст:[4].

-воридоти молҳо барои иншооти махсусан муҳими давлатӣ ба маблағи 76,6 млн доллар ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 175,9 млн сомонӣ;

-воридоти молҳо барои тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузории маъқулдонистаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонба ба маблағи 57,5 млн доллар ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 136,5 млн сомонӣ;

-воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва қисми такмили онҳо, ки маҷмуи ягонаи технологиро ташкил медиҳанд, ба маблағи 77,8 млн доллар ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 174,3 млн сомонӣ;

-воридоти техникаи кишоварзӣ ба маблағи 18,0 млн доллар ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 46,2 млн сомонӣ;

-воридоти маводи доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ ба маблағи 4,4 млн доллар ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 7,7 млн сомонӣ;

-воридоти молоҳо, ки дар асоси моддаи 15-и "қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024" аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ ба маблағи 167,3 млн доллар ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 177,7 млн сомонӣ озод карда шудаанд;

-воридоти техналогияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаи паррандапарварӣ, моҳипарварӣ ва ё ҳангоми ворид намудани молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи субъектҳои хоҷагидорӣ, соҳаҳои паррандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паррандa ва чорво ба маблағи 125,3 млн доллар ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 274,2 млн сомонӣ;

-воридоти автомашинаҳои нав ба маблағи 66,3 млн доллар ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 105,3 млн сомонӣ;

-воридоти технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони ташхису табобат ба маблағи 3,4 млн доллар ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 8,2 млн сомонӣ;

-воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ ба маблағи 6,4 млн доллар ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 11,9 млн сомонӣ;

-воридоти ашёи хом барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ба маблағи 72,1 млн доллар ва маблағи пардохтҳои гумрукии озодкардашудаи он 163,3 млн сомонӣ;

-воридоти воситаҳои нақлиёти танҳо бо муҳарики баркӣ ҳаракаткунанда ба маблағи 76,8 млн доллар ва маблағи пардохӣҳои гумрукии озодкардашудаи он 304,0 млн сомонӣ;

Тавре аз мушоҳида маълум мегардад мақомоти гумрук барои ноил гардидан ба назорати дурусти имтиёзҳои тарифию-андозӣ, ҳамзамон ҷиҳати иҷроиши ҷамъоварии нақшаи пардохтҳои гумрукӣ механизмҳои гуногуни идоракуниро истифода мебарад, ки онҳо барои таъмини амалисозии вазифаҳои мақомоти гумрук равона гардидаанд. Ба чунин қисматҳо ё механизмҳо дар навбати аввал: механизмҳои пешгӯӣ ва банақшагирии фаъолияти гумрукии мамлакат; механизмҳо ва усулҳои идоракунии захираҳои молиявӣ; ташкили низоми ҳавасмандгардонии иқтисодии ҳайати кормандони низоми гумрук; муносибатҳои меҳнатӣ мансуб меёбанд [3].

Дар мавриди идоракунии мақомоти гумрук, пеш аз ҳама, бояд ба истифодаи механизмҳои фаъолияти иқтисодии гумрук такя намуд. Зеро дар низоми идоракунии Хадамоти гумрук усулҳои иқтисодии идоракунӣ нақши калидӣ доранд. Фаъолияти иқтисодии мақомоти гумрук ба механизмҳои истифодаи самараноку судманди захираҳо дар раванди иҷрои вазифаҳои гумрук, ки дар шакли хизматрасониҳои гумрукӣ рӯйи кор меояд, алоқамандӣ дорад.

Самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук дар он асоснок гардидааст, ки маҷмуи вазифаҳои ҳамаи сатҳҳои мақомоти гумрук ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоотро тақозо менамояд, ки дар заминаи он низоми нишондиҳандаҳои самаранокӣ ташаккул меёбад. Бинобар ин, дар раванди натиҷагирии самараноки фаъолияти мақомоти гумрук дар ҳама зинаҳои идоракунии он бо таҳия намудани нишондиҳандаҳо дар ҳама самти фаъолият ва таҳлили дурусти онҳо муайян гардида, нақшаву чорабиниҳои минбаъда таҳия карда мешаванд.

Дар фаъолияти сохтори иттилоотию таҳлилӣ тартиби ташаккули низоми нишондиҳандаҳо яке аз самтҳои муҳимтарин мебошад. Ба андешаи мо, ҳангоми интихоб ва коркарди низоми нишондиҳандаҳо бояд ба меъёрҳои баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрук такя кард, зеро ифодакунандаи самаранокии фаъолияти хизматии мақомоти гумрук дар он ифода меёбад. Чунки ба андешаи мо, баҳогузории фаъолияти мақомоти гумрук тавассути як нишондиҳанда дар заминаи амалиёти расмикардашуда амалан ғайриимкон аст.

Мувофиқи талаботи мақомоти гумруки мамлакат низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории хизматрасониҳои гумрукӣ бояд манфиати тарафҳоро дар бар гиранд, зеро сифати хизматрасониҳои гумрукӣ сатҳи қаноатмандии талаботи истеъмолкунандагонро муайян мекунад. Ба андешаи мо, барои такмили усулҳои баҳогузории сифати хизматрасонӣ бояд хизматрасониҳои гумрукӣ ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо карда шаванд. Ба гурӯҳи асосӣ натиҷаи фаъолияти хизматии сохторҳои мақомоти гумрукро метавон мансуб донист ва ба хизматрасониҳои иловагӣ бошад, хизматрасониҳои хосияти ёрирасондоштае дохил мешаванд, ки ҳамон рӯз дар доираи тартиботи маъмурӣ амалӣ мегарданд.

Ба андешаи мо дар раванди ташаккули нишондиҳандаҳои сифати хизматрасониҳои гумрукӣ бояд *манфиатҳои давлат ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ* қарор гиранд.

Ҳамин тариқ таҳлилҳо нишон медиҳад, ки новобаста аз он, ки дар нимсолаи аввали соли 2024 ҷиҳати саноатикунонии мамлакат, рушди соҳаи сайёҳӣ, паррандапарварӣ ва дигар имтиёзҳои тарифию-андозии аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии беруна татбиқ гардида, ки арзиши гумрукии онҳо 2 296,4 млн доллар ва пардохтҳои гумрукии озодкардашуда 3 330,4 млн сомониро ташкил дода бошад ҳам, аз ҷониби мақоти

гумрук бахри иҷрои ҷамъоарии пардохтҳои гумруки як қатор чорабиниҳои иловагии такмили низоми маъмурикунонии гумрукӣ - аз қабили дуруст муайян намудани арзиши гумрукии моли воридотӣ, таъмини сифатноки барасмиятдарории гумрукӣ, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо субъектҳои фаъолияти иқтисодии беруна, пурзӯр намудани фаъолият дар самти пешгирии воридоти ғайриқонунии мол, назорати баъди барасмиятдарории гумрукӣ ва дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо мақомотҳои гумруки дигар кишварҳо, амали гардидааст, ки он ба мақомоти гумрук даст дод, ки нақшаи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукиро ба маблағи 4 612,8 млн сомонӣ ба буҷети давлати таъмин намуд, ё ин, ки ба андозаи 106,5% иҷро гардидааст [4-5].

Ҳамзамон, илова ба гуфтаҳои боло омили дигари иҷрогардидани нақшаи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ, ин, истифодаи воситаҳои иттилоотию камуникатсионӣ, технологияи таҳлилу коркарди маълумотҳо дар шакли электронӣ, бо низоми ғайринақдӣ ва электронӣ пардохт намудани пардохтҳои гумрукӣ, самаранок истифодабарии низоми Равзанаи ягона (РЯ) ва лоиҳаи мукамалгардонии системаи идораи таваккал дар Системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи ягона (СИАЯ)-и Хадамоти гумрук ба иҷрои босифат ва барзиёди нақшаи ҷамъоварии пардотҳои гумрукӣ мусоидат намудааст.

## АДАБИЁТ

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 бо тағйиру иловаҳояш
2.Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 саҳ 775-805
3.Турсунов Х.М., Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон /Монография»/ Душанбе-2024с, 178 саҳ.
4.Маҷалаи расмии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумщурии Тоҷикистон №3(67) 2024.
5. Ҳисоботҳои Хадамоти гумрук соли 2023 ва 6 моҳҳаи аввали соли 2024.

**УДК 334**

**Турсунова З.Ғ.**

# РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР ВАЗЪИ ИМРӮЗА

Мақола низоми дастгирии соҳибкории хурд дар вилояти Суғдро таҳлил мекунад, ки ҳамчун омиле барои рушди иқтисодии минтақа нақш мебозад. Муаллиф масъалаҳои асосии дастгирии соҳибкориро, аз ҷумла таҳкими заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, рушди инфрасохтори тиҷоратӣ ва технологӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои молиявӣ ва андозбандиро баррасӣ менамояд. Таваҷҷуҳ ба таҷрибаи татбиқи сиёсатҳои давлатие дода мешавад, ки ба ташкили ҷойҳои корӣ ва коҳиши бекорӣ мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, мушкилоти молиявӣ ва ҳамоҳангсозии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки рушди минбаъдаро маҳдуд мекунанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Калид важаҳо: с**оҳибкории хурд, инфрасохтор, рушди иқтисодӣ, дастгирии давлатӣ, паркҳои технологӣ, бизнес-парваришгоҳҳо, сиёсати иқтисодӣ, фаъолияти соҳибкорӣ.

**Турсунова З.Г.**

# РАЗВИТИЕ ИНФРАСТРУКТУРЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматривается система поддержки малого предпринимательства в Согдийской области, играющая ключевую роль в экономическом развитии региона. Автор акцентирует внимание на укреплении нормативно-правовой базы, развитии коммерческой и технологической инфраструктуры, внедрении финансовых и налоговых механизмов. Отмечается успешный опыт реализации государственной политики, направленной на создание рабочих мест и снижение безработицы. Также обсуждаются финансовые и координационные проблемы общественных организаций, ограничивающие дальнейшее развитие малого предпринимательства.

**Ключевые слова:** малое предпринимательство, государственная поддержка, экономическое развитие, инфраструктура, технологические парки, бизнес-инкубаторы, экономическая политика, предпринимательская деятельность.

**Tursunova Z.G.**

**DEVELOPMENT OF INFRASTRUCTURE FOR STATE SUPPORT OF SMALL ENTREPRENEURSHIP IN THE CURRENT CONTEXT**

The article examines the system of small business support in the Sughd region, which plays a crucial role in the region's economic development. The author highlights the strengthening of the legal framework, the development of business and technological infrastructure, and the introduction of financial and tax mechanisms. Emphasis is placed on the successful implementation of state policies aimed at job creation and reducing unemployment. At the same time, financial and coordination challenges of public organizations limiting further development are discussed.

**Keywords:** small business, state support, economic development, infrastructure, technological parks, business incubators, economic policy, entrepreneurial activity.

Дар се даҳсолаи охир дар минтақаҳои Тоҷикистон низоми дастгирии соҳибкории хурд ташкил гардид. Он ду унсури калонро дар бар мегирад, ки дар навбати худ моҳияти низомро доранд. Ин ду унсур - пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва низоми ниҳодҳои амалкунандаи дастгирии соҳибкории хурд мебошад.

Пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ асоси заминавии таъмини намудҳои гуногуни муносибатҳои байни субъектҳо дар ҷомеаи муосир, аз ҷумла муносибатҳои молиявӣ-иқтисодӣ мебошад. Дар солҳои ахир "майдони ҳуқуқӣ" оиди танзими муносибатҳои мутақобилаи соҳибкории хурд ба тағйиротҳои назаррас дучор шуд.

Низом дорои унсурҳои сершуморе мебошад, ки дар муносибат ва робитаҳои мутақобила қарор доранд ва ягонагии муайянро ташкил медиҳанд. Низом ҳангоми миқдори зиёд ва мустаҳкамии робитаҳои байни унсурҳо нисбатан устувор мегардад ва самарабахш амал мекунад, ки ин ҳамчун қоидаи асосии сохтори падидаҳои мазкур хизмат мекунад.

Ҳадаф ва вазифаҳои низоми дастгирии давлатии соҳибкории хурд амали унсурҳои алоҳидаи онро муайян мекунанд.

Ҳадафи асосии низоми давлатии дастгирии соҳибкории хурд ташкили шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти иқтисодии онҳо ва рушди минбаъдаи субъектҳои соҳибкории хурд; шароите, ки дар он соҳибкорон фишори маъмуриро эҳсос намекунанд, балки тибқи муносибатҳои бозорӣ ва дар доираи қонунҳои қабулшуда рушд ва амал мекунанд, ки ин барои ташаккул ёфтани бахши асосии иқтисод имконият фароҳам меорад, мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки барои иҷрои ҳадафи мазкур чораҳо гуногун мебошанд, ки мо муҳимтарини онҳоро дар шароити муосир ҷудо мекунем.

Аввалин, иқдоми зарурӣ иборат аз таҳияи асосҳои ҳуқуқии мустаҳками илмӣ ва таҷрибавӣ буда, он бояд маҷмӯи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро фаро гирад, ки мутобиқ ва бидуни ихтилоф ҳамдигарро тақвият бахшанд. Ин санадҳо бояд ба танзими фаъолияти соҳибкорӣ равона шуда, сиёсати давлатии дастгирӣ ва рушди ин бахши иқтисодиро низ дар бар гиранд.

Ҳамчунин, ухдадориҳо, ҳуқуқҳо ва вазифаҳои сохторҳои алоҳидаи низом дақиқ муайян ва расман тасдиқ шаванд, то иҷрои самараноки онҳо таъмин гардад.

Дуюм, бо мақсади рафъи камбудиҳои сохторию иқтисодӣ ва маъмурӣ ҳамоҳангсозии ҳамаҷонибаи тадбирҳои дастгирии мустақим ва ғайримустақим, ки ба соҳибкории хурд равона шудаанд ва фаъолияти субъектҳои мазкурро дар марҳилаҳои гуногун маҳдуд месозанд ва ба таъмин намудани устувории мувозинатӣ мусоидат мекунанд.

Сеюм, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз чораҳои аввалиндараҷа ин таҳия ва татбиқи самараноки барномаҳои мақсадноки рушди субъектони соҳибкории хурд дар сатҳҳои минтақа ва маҳал мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои соҳавӣ ва мақсадноки рушди соҳибкории хурд дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ, мисли "барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027" қабул карда шудааст. Вале масъалаи мутобиқ будани онҳо дар фазои кластерҳои алоҳида кушода боқӣ мемонад. Механизмҳои ташкилӣ ва идоракунӣ бояд ба хосиятҳои муассир сохта шаванд, ки дар онҳо захираҳо бо зарари кам ва дар муҳлати кӯтоҳтарин ба субъектҳои соҳибкории хурд расонида шаванд, ки ин боиси таҳкими манфиатҳои дуҷониба барои субъектҳои соҳибкории хурд ва давлат мегардад. Дар ин замина, муҳим аст, ки масъулияти мақомоти дастгирии соҳибкории хурд барои ҳар як чорабинии барномавӣ ба таври аниқ ва фарогир муайян карда шавад, то ки иҷрои барномаҳо ва назорати он дар сатҳи баланд ва самаранок сурат гирад.

Чорум, барои татбиқи самараноки лоиҳаҳои рушди корхонаҳои хурд, механизмҳои мавҷудаи дастгирии соҳибкории хурд бояд шароите фароҳам оранд, ки ҷудо кардани маблағҳои зарурӣ аз буҷети давлатӣ имконпазир гардад. Дар ин замина, риояи принсипҳои зерин ногузир аст: татбиқи равишҳои гуногун ва шаклҳои мухталифи маблағгузорӣ; истифодаи самараноки низоми андозбандӣ барои ҳавасмандгардонии соҳибкории хурд; ташаккули механизмҳои мустаҳками суғуртавӣ, қарзӣ, молиявӣ ва сармоягузорӣ; таҳкими фаъолияти сармоягузорӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои қарздиҳӣ барои лоиҳаҳои соҳибкории хурд бо истифодаи кафолатҳои давлатӣ, иштирок дар сармоягузории саҳмиявӣ, татбиқи механизмҳои суғурта ва таъмини ҷубронпулӣ.

Панҷум, дар шароити иқтисодии ҳозира, ки рушди соҳибкории хурд ҳамчун омили муҳими беҳбудии иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ мешавад, таҳкими дастгирии ин бахш тавассути механизмҳои муассири ташкилии давлатӣ аҳамияти хоса дорад. Таҳлил нишон медиҳад, ки барои самаранок намудани дастгирии соҳибкории хурд ташкили сохторҳои махсуси давлатӣ бо истифода аз принсипҳои амудӣ ва уфуқӣ бояд ба таври оқилона ва муназзам сурат гирад. Такроршавии ухдадориҳо ва салоҳиятҳо дар сатҳҳои гуногун боиси ғайрифаъолии манбаъҳо, сустшавии амалӣ намудани сиёсатҳо ва ғайрисамарабахш гардидани дастгирии соҳибкорӣ мегардад. Барои пешгирӣ аз ин ҳолат, лозим аст, ки сохторҳои ташкилии давлатӣ мутаносибан тақсим ва ҳамоҳанг карда шаванд. Инчунин, дар сатҳи миллӣ муайян намудани стратегияҳои рушди соҳибкории хурд ва ташкили заминаи ҳуқуқӣ ва маъмурӣ муҳим аст. Ин имкон медиҳад, ки сиёсати дастгирии соҳибкорӣ бо назардошти манфиатҳои умумимиллӣ таҳия ва амалӣ гардад. Дар сатҳи минтақавӣ бошад, сохторҳои дахлдор бояд бевосита бо соҳибкорон кор карда, масъалаҳои мушаххаси онҳоро бартараф намоянд. Инҳо метавонанд аз ташкили машваратҳо, дастгирии молиявӣ, таъмин бо маълумот ва расонидани кумак дар ҳалли мушкилот иборат бошанд.

Баробари ин, лозим аст, ки нақши ҳар як сатҳ (миллӣ ва минтақавӣ) боэътимод муайян ва мушаххас карда шавад, то аз такроршавии ухдадорӣ ва ихтилофот пешгирӣ гардад. Дар навбати худ, барои беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳидсозии амалиётҳо миёни сатҳҳои гуногун, ташкили пойгоҳи иттилоотӣ, ки тамоми маълумотро дар бораи имкониятҳо ва хизматрасониҳои дастгирии соҳибкорӣ дарбар мегирад, зарур аст. Бовуҷуди ин ташкили механизми мунтазами мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки камбудиҳо дар фаъолияти сохторҳо сари вақт ошкор ва бартараф карда шаванд. Таҷриба нишон медиҳад, ки барои устувории фаъолияти сохторҳо ва зиёд намудани имкониятҳои молиявӣ, ҳамкории зич бо бахши хусусӣ ва созмонҳои байналмилалӣ бояд ташвиқ гардад.

Шашум, бо дарназардошти нақши калидии соҳибкории хурд дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, зарур аст, ки сиёсати давлатии дастгирии иқтисодӣ на танҳо ба фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорон, балки ба ташкили ҳамкориҳои самарабахш байни субъектҳои гуногуни соҳибкорӣ низ равона гардад. Зеро, дар шароити иқтисоди бозорӣ, қонунгузории мувофиқ бояд кафолат диҳад, ки субъектҳои соҳибкории хурд ва бузург дар доираи лоиҳаҳои муштарак ҳамкорӣ намуда, ба ҳадафҳои умумӣ ноил шаванд.

Ҳамзамон, муҳим аст, ки низоми қонунӣ барои пешгирии ихтилофот ва танзими манфиатҳои тарафҳо пешбинӣ гардад. Дар навбати худ, механизмҳои амалкунанда бояд чунин танзим карда шаванд, ки соҳибкорони хурд бо дастгирии ташкилотҳои бузург ба технологияҳо, бозорҳо ва таҷрибаҳои муосир дастрасӣ пайдо кунанд. Моделҳои муваффақи иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки шарикии устувор байни субъектҳои гуногуни соҳибкорӣ метавонад манфиатҳоро барои ҳамаи ҷонибҳо афзоиш диҳад. Дар айни замон, ҳамоҳангсозии мақсадноки чунин ҳамкориҳо тавассути сиёсати давлатӣ хеле муҳим аст.

Барои ин муҳим аст, ки қонунҳои махсус барои мусоидат ба ташкили ҳамкориҳои мутақобила байни субъектҳои соҳибкорӣ таҳия ва қабул шаванд. Ин қонунҳо бояд механизмҳои ҳифзи манфиатҳо ва ҳалли ихтилофоти эҳтимолиро фароҳам оранд. Инчунин, ташкили платформаҳои ҳамкорӣ миёни субъектҳои соҳибкории хурду бузург барои мубодилаи таҷриба, ҷалби сармоя ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак тавсия мешавад. Ташкили платформаҳои ҳамкорӣ миёни субъектҳои соҳибкории хурду бузург барои мубодилаи таҷриба, ҷалби сармоя ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак тавсия мешавад. Бо ҷалби ташкилотҳои соҳибкории калон, субъектҳои хурд метавонанд аз технологияҳои навтарин, захираҳои молиявӣ ва шабакаҳои васеи маркетингӣ истифода баранд.

Илова ба танзими қонунӣ, бояд низоми ҳавасмандкунии молиявӣ ва маъмурӣ (субсидияҳо, грантҳо ва имтиёзҳо) барои субъектҳои соҳибкории хурде, ки дар лоиҳаҳои муштарак иштирок мекунанд, таҳия гардад. Баробари ин, ташкили як низоми мониторинг барои назорат ва арзёбии самаранокии механизмҳои татбиқшуда имкон медиҳад, ки дар ҳолати зарурӣ тағйироти лозим ворид карда шаванд.

Мақомоти маҳаллӣ ва минтақавии дастгирии соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ шароити заруриро барои татбиқи сиёсати рушди соҳибкории хурд муайян ва таъмин менамоянд.

Вазорати рушди иқтисодӣ ва савдо вазифадор аст, ки сохторҳои давлатиро, ки масъули соҳаи соҳибкории хурд мебошанд, таъсис диҳад ва роҳбарии коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин бахшро ба зимма гирад. Ин мақомот бояд вазифаҳои муҳим ва омили амалӣ барои рушди соҳибкории хурд дар якҷоягӣ бо дигар вазоратҳо ва мақомоти маҳаллӣ иҷро намоянд [1, с. 86].

Соҳибкории хурд яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодии минтақаҳо ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ маҳсуб меёбад. Таҳлили фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо нишон медиҳад, ки татбиқи самараноки вазифаҳои ин ниҳод метавонад ба таври назаррас низоми дастгирии давлатии соҳибкории хурдро таҳким бахшад.

Истифодаи механизми бозорӣ дар ҳамоҳангсозии муносибатҳои байни мақомоти миллӣ ва минтақавӣ ба манфиати соҳибкории хурд хидмат мекунад. Бо пайвастани усулҳои банақшагирии барномавии мақсаднок, роҳандозии чорабиниҳо ва тадбирҳо барои рушди устувори ин бахш осонтар мешавад. Барои дастгирии соҳибкории хурд, махсусан дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, инфрасохторе зарур аст, ки ҳамчун воситаи миёнаравӣ байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон хидмат кунад. Зеро, набудани чунин инфрасохтор боиси маҳдуд шудани дастрасии субъектҳои соҳибкории хурд ба бозорҳо мегардад. Мутаносибан, рушди низоми миёнаравии бидуни биржа барои беҳтар намудани робитаҳои тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ муҳим аст. Ин раванд ба субъектҳои соҳибкории хурд имкон медиҳад, ки бидуни монеаҳои иловагӣ ба шарикони тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ дастрасӣ пайдо кунанд.

Дар навбати худ, тақсимоти нобаробари субъектҳои соҳибкории хурд дар минтақаҳо ба самаранокии рушди инфрасохтор таъсири манфӣ мерасонад. Ин нобаробарӣ метавонад боиси афзоиши таносуби байни марказҳои иқтисодӣ ва минтақаҳои дурдаст гардад.

Муҳим аст, ки Вазорати рушди иқтисод ва савдо бояд бо мақомоти минтақавӣ ва маҳаллӣ ҳамоҳангӣ намуда, банақшагирии мақсаднокро дар асоси талаботи воқеии минтақаҳо татбиқ кунад. Баробари ин, ташкили марказҳои логистикӣ ва хизматрасонии миёнаравӣ дар минтақаҳо, ки ба тиҷорат ва тақсимоти маҳсулоти соҳибкорони хурд мусоидат мекунанд.

Ҷорӣ намудани платформаҳои рақамӣ барои осон кардани робита байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон низ муҳим аст. Инчунин, ҳавасманд намудани ташкили шабакаҳои ғайрибиржавӣ тавассути грантҳо, имтиёзҳо ва шарикии давлатӣ-хусусиро муҳим арзёбӣ мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки соҳибкорони хурд бе хароҷоти зиёд шарикони боэътимод пайдо кунанд. Барои минтақаҳое, ки аз лиҳози рушди соҳибкорӣ ақиб мондаанд, лоиҳаҳои махсуси дастгирӣ, аз ҷумла субсидия ва имтиёзҳо ҷорӣ карда шаванд.

Ташкилотҳои ҷамъиятии гуногун, ки дар ҷараёни дастгирии субъектҳои соҳибкории хурд нақши ҳалкунанда мебозанд, унсури муҳимтарини механизми умумии таҳкими рушди тиҷорат дар сатҳҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ мебошанд. Дар ҳамин замина, ин ташкилотҳо масъулияти ҷиддии ҳамоҳангсозии фаъолияти шӯъбаҳои маҳаллиро ба дӯш доранд, ки барои таҳкими манфиатҳои бахши соҳибкории хурд дар доираи сохторҳои минтақавӣ ва муваффақияти стратегияи рушди иқтисодӣ муҳим мебошанд. Бо таваҷҷӯҳ ба нақши намоёни онҳо дар эҳёи иқтисоди маҳаллӣ, чунин ташкилотҳо ҳамчун вакилони расмии манфиатҳои субъектҳои соҳибкории хурд дар муассисаҳои давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ амал мекунанд, ва бо ин тартиб, сиёсати давлатӣ ва амалӣ намудани он дар сатҳҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ ҳамоҳанг ва пайваста таъмин мегардад.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи минтақавӣ ҳамчун воситаи муҳим барои дастгирӣ ва пешбурди соҳибкории хурд хидмат мекунанд. Онҳо метавонанд бо таъсири мусбат дар ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон, рушди инфрасохтор ва таъмин намудани хизматрасониҳои зарурӣ саҳми назаррас гузоранд. Бо вуҷуди ин, камбудиҳо дар сифати хизматрасонӣ ва набудани ҳамоҳангии самаранок бо мақомоти давлатӣ ва бахшҳои хусусӣ мушкилоти ҷиддиро ба миён меорад. Ин ташкилотҳо масъулияти намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои субъектҳои соҳибкории хурдро ба зимма доранд. Онҳо метавонанд дар равандҳои қабули қарорҳо ва сиёсатгузориҳо ширкат варзида, ба ҳалли мушкилоти соҳибкорон мусоидат намоянд.

Хизматрасониҳое, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ пешниҳод мекунанд, аз омӯзонидани кормандон, таъмин намудани иттилоот, консалтинг ва дигар кумакҳои амалӣ иборатанд. Аммо сатҳи пасти хизматрасонӣ, ки аз набудани касбият ва таҷрибаи кофӣ дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ бармеояд, метавонад самаранокии умумии ин корро коҳиш диҳад. Аз ин лиҳоз, ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба муҳокима ва таҳияи қарорҳои муҳим, ки ба рушди соҳибкорӣ таъсир мерасонанд ва ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба муҳокима ва таҳияи қарорҳои муҳим, ки ба рушди соҳибкорӣ таъсир мерасонанд ҳоло масъалаи муҳим боқӣ мондааст.

Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки як нодири бунёди заминаи ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ дар кишвар мебошад, нақши калидӣ дар танзими фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна иҷро мекунад.

Дар Тоҷикистон шабакаи палатаи савдо ва саноат таъсис дода шудааст, ки 1 палатаи субъектҳои иқтисодӣ ва 6 шӯъбаҳои минтақавии палатаи ташкилаҳои маъмурӣ-ҳудудӣ дар бар мегирад, ташаккули иттиҳодияҳои соҳибкорон ва палатаҳои ҳунармандӣ ба таври иқдом амалӣ мегардад.

Таҳлилҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки Палатаҳои савдо ва саноат ҳамчун ниҳодҳои мураккаб ва муҳими сохторӣ барои ҳамгироии субъектҳои иқтисодии бахшҳои гуногуни тиҷоратӣ амал мекунанд. Гарчанде, ки онҳо метавонанд шаклҳои ҳуқуқии гуногун дошта бошанд, аммо як қатор хосиятҳои асосии муштарак мавҷуд аст:

1. Аксарияти Палатаҳои савдо ва саноат ҳамчун ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амал мекунанд ва дар доираи ҳудудҳои маъмурии алоҳида, ба монанди шаҳру вилоятҳо шохаҳо ва

намояндагиҳои худро таъсис медиҳанд, ки мутобиқ ба хусусиятҳои маҳаллӣ ва ниёзҳои бозори онҳо фаъолият мекунанд.

2. Фаъолияти ин созмонҳо дар асоси принсипи худидоракунӣ танзим мешавад, ки ба аъзоёни онҳо имконияти ишғоли ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххасро дар доираи Оинномаҳо медиҳад, ки як чаҳорчӯбаи аниқ ва равшан барои фаъолияти тиҷоратии онҳо фароҳам меорад.

3. Палатаҳо ба аъзоёни худ хадамоти гуногуни тиҷоратиро пешниҳод мекунанд, аз ҷумла омӯзиш, консалтинг ва дастгирии молиявӣ.

4. Ин ташкилотҳо дорои эътибори баланди муассир дар шохаҳои қонунгузорӣ ва иҷроия мебошанд, ки барои ҳимояи манфиатҳои соҳибкории хурд ва таъсиси муҳити ҳуқуқии дуруст барои рушди соҳибкорӣ аҳамияти муҳим доранд.

5. Палатаҳои савдо ва саноат вазифаи миёнаравиро байни субъектҳои соҳибкории хурд ва мақомоти давлатӣ иҷро мекунанд, ки дар таҳияи, иҷро ва такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки фаъолияти иқтисодиро танзим мекунанд, нақши ниҳоят муҳим мебозанд.

Соли 2014 дар Тоҷикистон Ассотсиатсияи рушди соҳибкории хурд таъсис ёфт, ки аъзоёни он соҳибкорон, роҳбарони фондҳо ва сохторҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Ассотсиатсия бо ташкили сохторҳои минтақавӣ, аз ҷумла марказҳои тиҷоратӣ, технопаркҳо ва бизнес-парваришгоҳҳо, ба дастгирии соҳибкорӣ ва татбиқи сиёсати рушди тиҷорати хурд мусоидат мекунад.

Солҳои охир дар минтақаи вилояти Суғд объектҳои инфрасохторӣ хеле афзоиш ёфтаистодааст. Ҳамчун амсол, мо динамикаи рушди инфрасохтори соҳибкорӣ дар вилояти Суғд барои солҳои 2012-2022 аз рӯи маълумоти оморӣ дар поён пешниҳод менамоем.

Чи тавре, ки дар ҷадвали мазкур маълум аст, дар вилояти Суғд, аз соли 2010 то 2022, корхонаҳои хурд дар шаҳр ба 97,8%, дар ноҳияҳои водӣ ва кӯҳи ба 50,1 ва 25 фасад расид, ки ин хеле хуб мебошад, ва бо андешаи мо, яке аз сабабҳои болоравӣ шояд бештар эътибори Хукумати маҳаллӣ ба соҳибкории хурд бошад. Инчунин, дар корхонаҳои ғайриистеҳсолӣ, яъне, объектҳои иҷтимоии, бозорӣ ва дигар намудҳои ифрасохтор боз ҳам нишондод хуби мусбиро мушоҳида намуда, дидан мумкин аст, ки дар ин давра, яъне, дар соли 2022, нисба ба соли 2010, танҳо дар водӣ 179,6% ва дар марзҳои кӯҳи то 280 фасад расид, ки онро дар ҷадвали навбатӣ дар поён дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 1.** [7]

**Динамикаи рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳои вилояти Суғд, бо воҳид**

| Гурӯҳҳо/Солҳо | 2010 | | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2022 | 2022 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | Бо % нисбати натиҷа | | | | | | | | Ҳамагӣ бо ҳисоби миёна | Нисбат ба соли 2012 бо % |
| **Корхонаҳои хурд** | | | | | | | | | | | |
| Шаҳрҳо, ҳамагӣ | 365 | 53,0 | 465 | 734 | 751 | 567 | 472 | 451 | 377 | 545,7 | 96,8 |
| Аз ҷумла Хуҷанд | 290 | 43,0 | 412 | 600 | 585 | 421 | 345 | 326 | 351 | 434,3 | 85,2 |
| Ноҳияҳои водӣ | 297 | 44,0 | 416 | 747 | 825 | 742 | 665 | 583 | 212 | 598,6 | 50,1 |
| Ноҳияҳои кӯҳӣ | 17 | 3,0 | 20 | 36 | 52 | 57 | 52 | 48 | 25 | 41,4 | 25 |
| Дигар ноҳияҳо | 290 | 10 | 83 | 134 | 166 | 146 | 128 | 113 | 74 | 120,6 | 89,1 |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 670 | - | 931 | 1517 | 1628 | 1366 | 1190 | 1070 | 662 | 1195 | 71,1 |
| **Корхонаҳои инфрасохторӣ (ғайристеҳсолӣ, иҷтимоӣ, бозорӣ)** | | | | | | | | | | | |
| Шаҳрҳо, ҳамагӣ | 217 | 52,0 | 386 | 500 | 537 | 492 | 418 | 393 | 295 | 444,6 | 76,4 |
| Аз ҷумла Хуҷанд | 144 | 35,0 | 332 | 410 | 405 | 374 | 319 | 295 | 254 | 341,3 | 76,5 |
| Ноҳияҳои водӣ | 189 | 46,0 | 279 | 567 | 631 | 560 | 478 | 466 | 503 | 497,7 | 179,6 |
| Ноҳияҳои кӯҳӣ | 9 | 2,0 | 15 | 30 | 40 | 40 | 40 | 38 | 42 | 35 | 280,0 |
| Дигар ноҳияҳо | 73 | 17 | 54 | 90 | 132 | 118 | 92 | 84 | 88 | 94 | 163,0 |
| Ҳамагӣ | 415 | - | 680 | 1097 | 1208 | 1092 | 929 | 883 | 785 | 953,4 | 115,4 |
| Шумораи умумии корхонаҳои хурд ва миёна | 1085 | - | 1611 | 2614 | 2836 | 2458 | 2116 | 1953 | 1818 | 2200,7 | 112,8 |

**Манбаъ:** Солномаи омории вилояти Суғд. 30-солгии истиқлолияти Тоҷикистон. – Хуҷанд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 171-176; 185-192; 210-216.

Бояд қайд кард, дар шароити иқтисоди бозорӣ инфрасохтори дастгирии давлатии соҳибкории хурд, ки бештар дар шакли тиҷоратӣ фаъолият мебаранд, муҳим ва самаранок мебошад.

Бизнес-мактабҳо сохторҳои муосири таълимӣ буда, нақши муҳим дар омодасозӣ ва такмили ихтисоси роҳбарон, соҳибкорон, кормандони корхонаҳои хурд (ба монанди роҳбарони молиявӣ, муҳосибон, маркетологҳо ва ғ.) ва хизматчиёни давлатӣ мебозанд. Ҳадафи аслии ин муассисаҳо дастгирии соҳибкорӣ, рушди малакаҳои идоракунӣ ва тавонмандсозии иқтисодии минтақаҳо мебошад. Онҳо инчунин барои шаҳрвандоне, ки мехоҳанд тиҷорати худро барпо кунанд, ёрии амалиро таъмин мекунанд ва имкониятҳои бозомӯзӣ барои бекорон фароҳам меоранд.

Дар шароити иқтисодиёти муосири ҷаҳонӣ, нақши бизнес-мактабҳо ҳамчун платформа барои баланд бардоштани савияи дониши кадрҳои роҳбарикунанда ва соҳибкорон аҳамияти афзоянда пайдо мекунад. Бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, ин муассисаҳо имконият медиҳанд:

1) омӯзиши муосир ва методологияҳои инноватсионӣ ба роҳбарон ва соҳибкорон имкон медиҳад, ки бо тағйироти бозор мутобиқ шаванд;

2) бизнес-мактабҳо фазои муфид барои мубодилаи таҷриба ва ташкили ҳамкории тиҷоратиро пешниҳод мекунанд;

3) тавассути барномаҳои махсус, ин муассисаҳо ба шахсоне, ки мехоҳанд тиҷорати худро оғоз кунанд, воситаҳои амалӣ ва донишҳои заруриро пешниҳод мекунанд.

Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар минтақаҳои камтараққӣ, аз ҷумла дар вилояти Суғд, нарасидани захираҳои моддӣ ва кадрҳои баландихтисос монеаи асосӣ дар рушди муассисаҳои мазкур мебошад. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бизнес-мактабҳо дар вилояти Суғд, пешниҳод мешавад:

1) дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ, ҷалби сармояи хусусӣ барои таъсиси муассисаҳои таълимӣ ва тавсеаи инфрасохтори онҳо метавонад мушкилоти молиявиро ҳал кунад;

2) тавассути субсидияҳои давлатӣ ва грантҳои байналмилалӣ, барномаҳои омӯзишӣ барои шаҳрвандони бекор бояд густариш ёбанд;

3) фаъолияти онлайн-платформаҳо ва курсҳои фосилавӣ метавонад дастрасии таълимро васеъ кунад.

Паркҳои технологӣ як навъ сохторҳои инфрасохторӣ мебошанд, ки бар асоси муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба вуҷуд меоянд, бо мақсади татбиқи истифодабарии дастовардҳои илмӣ ва ворид кардани онҳо ба амалияи тиҷоратӣ. Ин структураҳо асосан барои рушди корхонаҳои хурд ва инноватсионӣ, ки дар ҳудудҳои махсуси ин паркҳо ҷойгир мебошанд, таъсис меёбанд. Одатан, паркҳои технологӣ дар марказҳои донишгоҳии мукаммал ва муассисаҳои таҳқиқотии калон, ки маркази талошҳои илмӣ ва амалӣ мебошанд, ташкил мешаванд. Ба тадриҷ, онҳо на танҳо барои ҷалби мутахассисони соҳаи илму техника, балки барои муҳити мусоиди инноватсионӣ дар баробари саноат ва тиҷорат мусоидат мекунанд. Аммо, ба хотири таъсиси чунин системаву сохторҳо ва дастгирии онҳо дар марҳилаҳои аввалин, сармоягузориҳои молиявӣ ва захираҳои рафторноки зиёд зарур мебошанд, ки барои амалӣ сохтани чунин тарҳҳо ва идеяҳои инноватсионӣ ниёз аст [2].

Паркҳои технологӣ барои амалишавии як қатор вазифаҳои муҳим дар рушди инноватсия ва технологияи пешрафта масъул мебошанд:

1) интихоби барномаҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки барои ҷорӣ намудани технологияҳои илман рушдёфта ва навтарин техника, мувофиқи талаботи ҷаҳонии илм ва саноат, пешбинӣ шудаанд;

2) таҳлили ва арзёбии хавфҳо ва хатарҳое, ки бо амалӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ вобаста ба истифодаи навгониҳои илмӣ дар истеҳсолот метавонанд пайдо шаванд;

3) мусоидат дар таҳияи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳия намудани механизмҳои барои ворид кардани натиҷаҳои илмӣ ба равандҳои истеҳсолӣ ва бо ин васила, баланд бардоштани самаранокии корхонаҳо;

4) фароҳам овардани шароити зарурӣ барои корхонаҳои хурди инноватсионӣ, бо пешниҳоди утоқҳои истеҳсолӣ ва инфрасохтори муҳим барои рушди онҳо;

5) "пешниҳод намудани кӯмакҳои гуногун, аз ҷумла ташкилотӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва маркетингӣ, ки ба корхонаҳо дар татбиқи амалҳои кӯмакрасон барои рушди муваффақонаи лоиҳаҳо кӯмак мерасонанд" [4, с. 67].

Марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, паркҳои саноатӣ ва паркҳои саноатӣ-технологӣ [8] дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим доранд. Дар шароити муосир, барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва рушди технологияҳои нав, таъсиси иншоотҳои зикршуда метавонад ба рушди устувори саноат ва ҷалби сармоягузориҳо мусоидат намояд. Марказҳои инноватсионӣ-технологӣ воситаи асосӣ барои рушди тадқиқотҳои илмӣ ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот мебошанд. Онҳо механизмҳои муҳими трансфери технологияро пешниҳод мекунанд, ки имкон медиҳад, натиҷаҳои илмӣ ба истеҳсолоти воқеӣ татбиқ шаванд.

Дар шароити муосир, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории хурди истеҳсолӣ ташаккул ёфта истодааст, паркҳои саноатӣ бо пешниҳоди инфрасохтори мукаммал ва хизматрасониҳои дастгирӣ ба корхонаҳо имкон медиҳанд, ки самаранокии худро баланд бардоранд. Аз тарафи дигар, паркҳои саноатӣ ва саноатӣ-технологӣ шароити мусоид барои сармоягузорӣ фароҳам меоранд ва бо таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба коҳиши сатҳи бекорӣ мусоидат мекунанд. Муҳим аз он, ҳамгироии донишкадаҳо, марказҳои тадқиқотӣ ва корхонаҳои саноатӣ муҳити созгор барои рушди технологияи муосирро фароҳам меорад.

Ба ақидаи мутахассисон дар рушди инфрасохтори мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеаҳо ба монандӣ: норасоии сармоягузории мустақим барои рушди паркҳо ва марказҳо; маҳдуд будани иқтидори илмӣ ва таъминоти кадрӣ барои марказҳои технологӣ; дар сатҳи минтақаҳо татбиқи заифи сиёсати дастгирии паркҳо ва марказҳо ба назар мерасанд.

Ба ақидаи мо барои рушди минбаъдаи онҳо таъсиси қонунгузориҳои махсус барои дастгирии марказҳо ва паркҳо, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ; ташкили шароитҳои мусоид барои сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, махсусан дар инфрасохтори боэътимод; ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва марказҳои тадқиқотӣ бо корхонаҳо тавассути

барномаҳои муштарак; шарҳ додани аҳамияти паркҳо ва марказҳо барои рушди иқтисодиёт ва ҷалби таваҷҷуҳи соҳибкорон; нақшаи стратегӣ барои рушди паркҳо бо нишондиҳандаҳои мушаххас ва назорати мунтазам оид ба татбиқи онҳо муҳим мебошад.

Марказҳои иҷтимоӣ-тиҷоратӣ дар марказҳои шуғл ташкил карда мешаванд. Бори аввал дар Тоҷикистон онҳо 1998 сол, дар ҳудуди вилояти Суғд ба вуҷуд омаданд. Таҷрибаи маркази нахустин дар Хуҷанд дар вилояти Суғд, баъдан дар минтақаҳои дигари Тоҷикистон паҳн гардид [5]. Мақсади асосии ин гуна ташкилотҳо - кӯмак ба аҳолии бекор дар дарёфти ҷойҳои корӣ тавассути рушди соҳибкории хурд мебошад.

Бизнес-парваришгоҳҳо ташкилотҳое мебошанд, ки дар ҳудуди худ бо шароитҳои имтиёзнок корхонаҳои хурди махсус интихобшударо ҷойгир мекунанд ва ба онҳо хизматрасонии маърифатӣ, машваратӣ мерасонанд ва дар ташкили кор дар дафтарҳои корӣ кӯмак мекунанд. Дар айни замон дар ҳудуди Тоҷикистон тахминан 200 бизнес-парваришгоҳҳо фаъолият мекунанд. Дар бизнес-парваришгоҳҳо мӯҳлати саҳеҳи дастгирӣ мавҷуд аст, дар се сол ғояи мазкур бояд ба сатҳи намунаи озмоишӣ гузарад.

Яке аз вазифаҳои муҳим дар самти дастгирии соҳибкории хурд ин мебошад, ки субъектҳои мазкур бо утоқҳо ва биноҳои махсуси ғайриистиқоматӣ ва истеҳсолӣ таъмин шаванд. Ин мақсад ба созмон додани тақсимоти муассир ва оқилонаи субъектҳои соҳибкории хурд, бо дар назар гирифтани шумораи истеъмолкунандагон ва талаботи бозори кор, равона аст. Ҳадафи асосии чунин иқдомот аз як тараф, кам кардани хароҷоти вобаста ба фаъолиятҳои ғайримуқаррарӣ, ва аз ҷониби дигар, таъмини шуғли аҳолӣ ва эҳтиёҷоти инфрасохторӣ мебошад. Барои таъмин кардани рушди устувори соҳибкории хурд, зарур аст, ки объектҳои нав дар соҳаи инфрасохтор, ки мувофиқи стандартҳои муосир ва талаботҳои технологӣ, сифатӣ ва амалӣ сохта мешаванд, мавҷуд бошанд [6].

Феҳрасти амвол дар воситаҳои ахбори умум нашр мешаванд, ки дар онҳо маълумот дар бораи харидории амволи маҳаллӣ ва давлатӣ бо мӯҳлати баробар ба даҳ рӯз аз санаи тасдиқ нашр карда мешавад. Дар шабакаи интернет дар сомонаи расмии агентии омор маълумоти мазкур дар мӯҳлати серӯза нашр карда мешавад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими мусбати сиёсати давлатии дастгирии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин фароҳам овардани шароити афзалиятнок барои соҳибкорон ҷиҳати харидани амволи ғайриманқули ба иҷорагирифта мебошад. Ин ҳуқуқ бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2010, № 159, “Дар бораи хусусиятҳои гузариши амволи ғайриманқул, ки дар соҳибияти давлатии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ қарор дорад ва аз ҷониби субъектҳои хурду миёна ба иҷора гирифта шудааст, ва ворид намудани тағйирот ба санадҳои алоҳидаи қонунгузорӣ” расман танзим карда шуд.

Қонуни мазкур на танҳо имконият медиҳад, ки субъектҳои соҳибкорӣ амволи иҷорагирифтаашонро ба моликияти худ табдил диҳанд, балки бо ин роҳ “барои рушди соҳибкории хурду миёна заминаи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ фароҳам меорад” [4]. Бо моддаи 3-и қонуни зикршуда шартҳое муқаррар карда мешаванд, ки ҳангоми иҷрои онҳо ба корхона ҳуқуқи афзалиятноки хариди амволи давлатӣ пешниҳод мешавад. Ба онҳо дохил мешаванд:

1) амвол бояд дар истифодаи муваққатӣ ё ихтиёрдории муваққатӣ бефосила дар давоми ду ё зиёда сол қарор дошта бошад.

2) субъект дар санаи бастани шартномаи хариду фурӯши амволи иҷора нисбати амволи мазкур қарзи иҷора, маблағи ноустуворӣ (ҷаримаҳо, ҷурмона (пеня)) надошта бошад;

3) масоҳати амволи (утоқҳои) ба иҷора гирифташуда набояд аз ҳудуди бо санадҳои қонунӣ муқарраршуда зиёд бошад;

4) амволи ба иҷора гирифташуда набояд дар феҳрасти амволи маҳаллӣ ё давлатӣ, ки барои ба ихтиёрдорӣ ё истифода супоридан ба субъектҳои соҳибкории хурд таъин шуда бо қисми 4 моддаи 18 Қонуни “Дар бораи рушди соҳибкории хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тасдиқ шудааст, қарор дошта бошад.

Ҳангоми ташаккул ва дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои гуногун дар онҳо мушкилоти зиёде сар мезанад, дар бештари мавридҳо мушкилоти молиявӣ. Иттиҳодияҳои мазкур дар намуди шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ таъсис дода дода мешавад, ки қисми шакли ташкилотҳои ҷамъиятии ғайритиҷоратӣ ва қисми дигар шакли тиҷоратӣ доранд. Шумораи аъзоён дар чунин ташкилотҳо кам аст. Дар чунин иттиҳодияҳо барои самаранок дифоъ кардани ҳуқуқи соҳибкории хурд ва аз ҷумла аъзоёни худ таҷрибаи нокофӣ ва захираҳои молиявӣ вуҷуд надоранд. Инчунин бояд гуфт, ки иттиҳодияҳои мазкур аслан бо ҳам ҳамкории зич надоранд.

Ҳамин тариқ, низоми дастгирии соҳибкории хурд ҳамчун як қисми муҳими рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ёфтааст. Ин низом, ки ба эҷоди шароитҳои мусоид барои соҳибкорӣ равона шудааст, аз заминаи қавии меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва инфрасохтори дастгирӣ иборат мебошад. Ташаббусҳо ба ҳамоҳангсозии тадбирҳои дастгирӣ, рушди инфрасохтори технологӣ ва иҷтимоӣ, инчунин татбиқи механизмҳои молиявӣ ва сиёсати амудӣ-уфуқӣ нигаронида шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти соҳибкории хурд бо ташкили шароитҳои мусоид ва дастгирии ҳадафманд рушди назаррас ёфтааст, ки аз зиёдшавии корхонаҳои хурд ва инфрасохтор бармеояд. Дар натиҷа, ин сиёсат ба коҳиши бекорӣ, ташаккули ҷойҳои корӣ, ва рушди минтақаҳои кӯҳӣ мусоидат намудааст. Бо вуҷуди ин, мушкилоти молиявӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шарикони давлатӣ мавҷуданд, ки барои ҳалли онҳо тадбирҳои иловагӣ лозиманд. Умуман ба фикри мо барои рушди инфрасохтори дастгирии давлатии соҳибкории хурд муҳим аст:

1) ташаккули бизнес-парваришгоҳҳо, паркҳои технологӣ ва марказҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ бояд идома дода шавад, то шароитҳои инноватсионӣ барои соҳибкорӣ фароҳам гардад;

2) барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас, муҳим аст, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ, сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ тавассути барномаҳои муштарак ва тадбирҳои амалӣ бо ҳам ҳамкории мустаҳкам ба роҳ монанд. Ин гуна ҳамкориҳо метавонанд ба ҳалли мушкилоти умумӣ мусоидат намуда, асоси пешрафти иқтисодӣ гарданд;

3) ҷорӣ намудани раванди содда ва шаффоф барои иҷора ва хариди амвол аз ҷониби корхонаҳои хурд метавонад ба фаъолияти онҳо нерӯи тоза бахшад. Ин иқдом, бо коҳиш додани монеаҳои бюрократӣ, шароити мусоиди ҳуқуқӣ ва иқтисодиро фароҳам хоҳад овард;

4) барномаҳои омӯзишӣ барои соҳибкорон ва кормандони онҳо дар самтҳои менеҷмент, маркетинг ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ таҳия ва амалӣ гарданд. Ин раванд на танҳо донишу малакаи кадрҳоро баланд мебардорад, балки заминаи мустаҳкам барои рақобатпазирии онҳо фароҳам меорад.

## АДАБИЁТ

1. Абдукодиров Х.А. Пути повышения и усиление инновационных процессов в отраслях промышленности Республики Таджикистан // Ученые записки ХГУ. – Худжанд. 2022. № 1. – С. 85-95.

2. Карманов И.А. Государственное управление структурными преобразованиями в сфере малого бизнеса с учетом перестройки народного хозяйства: дис... канд. эконом. наук: 08.00.05. – Москва, 2010. - 135 с.

3. Немец А. В. Оценка эффективности финансовой поддержки малого предпринимательства /А.В. Немец// Новые направления социальноэкономического развития и инновации: взгляд молодых ученых. Новосибирск: ИЭиОПП СО РАН, 2006. – С. 71-75.

4. Никитина С.А. Предпринимательство сущность, формы и современные особенности, 2008. – С. 67.

5. Реализация муниципальных программ по развитию и поддержке малого предпринимательства [Электронный ресурс]. - Режим доступа - http://coolreferat.com/

6. Старостин Ю.Л., Лапуста М.Г. Малое предпринимательство. – М.: Инфра-М. 2008. – С. 320.
7. Солномаи омории вилояти Суғд. 30-солгии истиқлолияти Тоҷикистон. – Хуҷанд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 171-176; 185-192; 210-216.
8. Юрьев В.М., Владимирова С.В., Дмитриева Е.И. и др. Предпринимательство в странанах переходного процесса: результаты и противоречия развития. Кн 2. Поддержка малого бизнеса в условиях экономической нестабильности: монография / Тамбов: ТГУ им. Г.Р. Державина. 2009. - 265 с.

**УДК 338.242**

**Файзуллоева М.М., Кароматова Т.М.**

## ИННОВАТСИЯ ВА ТАСНИФОТИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявии тадқиқи тараққиёти фаъолияти инноватсионӣ дар соҳибкорӣ баррасӣ мегардад. Дар асоси таҳлилҳои ретроспективии гузаронидашудаи корҳои тадқиқотӣ оид ба муайянкунии моҳияти чунин мафҳумҳо, ба монанди «инноватсия» ва «фаъолияти инноватсионӣ» диққат дода шуд. Муҳимияти тадқиқоти мазкур дар он аст, ки агар мазмуни умумиқабулшудаи ин мафҳумҳо ё категорияҳои иқтисодӣ коркард нашаванд, он гоҳ ин метавонад ба мазмунҳои гуногуни самтҳои тадқиқот таъсир расонад, ки дар охир имконияти дарк кардани ҳақиқати воқеиро медиҳад. Хусусан гурӯҳбандӣ аз рӯи самтҳои зерини истифодаи инноватсия пешниҳод карда шудааст: техникӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ. Дар оянда тараққиёти гурӯҳҳбандии мазкур дар кори илмӣ ошкор шуда, системаи таснифотӣ нишон дода шудааст, ки дар асоси он омилҳои гуногуни таснифшаванда истифода мешаванд. Дар асоси гуруҳбандии овардашуда ва ҷорӣ кардани ислоҳоти муайян ва иловаҳо, гурӯҳбандии инноватсионии пешниҳодшуда оварда шудааст. Тадқиқоти гузаронидашуда нишон доданд, ки таҳлили шароитҳои махсуси ошкоркунии фаъолияти инноватсионӣ беҳамтоии ҳар як намуди фаъолияти инноватсиониро нишон медиҳад, ки дар навбати худ мавҷудияти маҷмӯи таъриф ва гуруҳбандии мафҳуми «инноватсия» – ро вобаста менамояд. Ин зарурияти муайянкунии аз ҳамдигар вобаста ва байни ҳам вобастагии чунин таърифҳо ба монанди «сармояи зеҳнӣ» ва «инноватсия» – ро менамояд. Дар натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда дар мақола шарҳи муаллифии мафҳуми тадқиқшавандаи «инноватсия» оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** инноватсия, фаъолияти инноватсионӣ, тасниф, омили мақсаднок, омили сохторӣ, иқтидори инноватсионӣ, соҳибкорӣ, технологияи инноватсионӣ, сармояи зеҳнӣ.

**Файзуллоева М.М., Кароматова Т.М.**

## ИННОВАЦИЯ И ЕЕ КЛАССИФИКАЦИЯ В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В статье рассматриваются теоретические вопросы исследования развития инновационной деятельности в предпринимательстве. На основании проведенного ретроспективного анализа научных работ по определению сущности таких понятий как «инновация» и «инновационная деятельность». Важность данного исследования состоит в том, что если не выработать общепринятое значение этих терминов или экономических категорий, то это может повлиять на разные трактовки исследуемых направления, что в конечном итоге даст возможность познания объективной реальности. В частности, предложена классификация по следующим направлениям применения инноваций:

техническое, экономическое и организационное. В дальнейшем развитии данной классификация в работе выявлена и предложена классификационная система, в основе которой используются различные классификационные признаки. На основе приведенной классификация и введения определенных корректировок и дополнений, приводится предложенная классификация инноваций. Проведенные исследования показали, что анализ специфических условий проявления инновационной деятельности показывает уникальность каждого вида инновационной деятельности, что, в свою очередь, обусловливает существование множества определения и классификаций термина «инновация». Это обусловливает необходимость определения взаимозависимого и взаимообусловленного отношения таких определений как «интеллектуальный капитал» и «инновация». В результате проведенного исследования в статье предложена авторская интерпретация исследуемого термина «инновация».

**Ключевые слова:** инновация, инновационная деятельность, классификация, целевой признак, структурный признак, инновационный потенциал, предпринимательство, инновационная технология, интеллектуальный капитал.

**Faizulloeva M.M., Karomatova T.M.**

**INNOVATION AND ITS CLASSIFICATION IN ENTERPRISE ACTIVITY**

The article deals with theoretical issues of research of development of innovative activity in entrepreneurship. On the basis of the retrospective analysis of scientific works on the definition of the essence of such concepts as "innovation" and "innovation activity". The importance of this study is that if the common meanings of these terms or economic categories are not defined, then this can affect the different interpretations of the directions studied, which ultimately gives the opportunity to know the objective reality. In particular, a classification is proposed for the following areas of application of innovations: technical, economic and organizational. In the further development of this classification, a classification system was identified and proposed in the work, based on various classification characteristics. Based on the above classification and the introduction of certain adjustments and additions, the proposed classification of innovations is presented. The conducted researches have shown that the analysis of specific conditions for the manifestation of innovation activity shows the unique nature of each kind of innovation activity, which, in turn, causes the existence of a set of definitions and classifications of the term "innovation". This makes it necessary to determine the interdependent and interdependent relationship of such definitions as "intellectual capital" and "innovation". As a result of the research, the article proposes the author's interpretation of the term "innovation".

**Key words:** Innovation, innovative activity, classification, target attribute, structural feature, innovative potential, entrepreneurship, innovative technology, intellectual capital.

Таҳқиқоти фаъолияти соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосии рушди он истифодаи инноватсия ва технологияҳои инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Чунин ҳолати муҳими рушди устувори соҳибкорӣ зарурияти таҳлили мафҳумҳои мавҷудаи ин категорияи иқтисодиро тақозо менамояд.

Дар асоси ин, муайян кардани мафҳумҳои калидӣ ба мисли "инноватсия" ва "фаъолияти инноватсионӣ" муҳим аст, зеро муайянкунӣ ва ба низом даровардани истилоҳи илмии истифодашуда ҳамчун категорияи ягонаи тафсиршуда, барои гузаронидани тадқиқоти илмӣ дар соҳаи муайяни илм замина ташкил медиҳад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти бозорӣ тадқиқи мафҳуми "инноватсия" ба яке аз самтҳои мубрами тадқиқот ва таҳлил табдил ёфтааст, ки аҳамияти бузурги истифодаи рушди инноватсиониро барои ба даст овардани афзоиши иқтисодии корхона тасдиқ менамояд.

Аҳамияти тадқиқоти мазкур боиси пайдо шудани маҷмӯи хеле назарраси истилоҳоти фаъолияти инноватсионӣ дар адабиёти илмии иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ гардид.

Аз ин рӯ, муайянкунии мафҳумҳои мавҷуда ва дар асоси он тартиб додани таърифҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок, имкон медиҳад, ки дар анҷоми кор заминаи заруриро барои тадқиқоти минбаъда тартиб диҳем.

Аввалин маротиба, олими австриягӣ Ҷозеф Шумпетер истилоҳи “инноватсия” (аз лотинии innovation – муаррифии чизи нав) – ро ҳамчун категорияи иқтисодии нав ба адабиёти илмӣ ворид намудааст. Дар корҳои худ ӯ таърифи “инноватсия” – ро ҳамчун «номунтазам иҷро кардани комбинатсияҳои нав» ифода намудааст, ки дар ҳолатҳои мушаххас истифода мешаванд:

- Таҳия ва татбиқи навъи нави маҳсулот бо хосиятҳои нави истеъмолӣ, ё навъҳои нави ҳаргуна маҳсулот;
- Истифода бурдани технологияи нави истеҳсолот, ки пештар дар ин соҳаи истеҳсолот амалан истифода нашуда буд;
- Кушодашавӣ ва ворид шудан ба бозори нав, ки дар он дилхоҳ соҳаи истеҳсолии мамлакат қаблан иштирок надошт;
- Гузаштан ба истифодаи манбаи нави ашёи хом ё маҳсулоти нимтайёр;
- Гузаронидани азнавташкилдиҳии ягон соҳаи истеҳсолот бо мақсади ба даст овардани мавқеи инҳисорӣ дар бозор [1, с.283-309].

Аз таърифи овардашуда самтҳои истифодабарии инноватсияро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст: техникӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ. Рушди назарияи иқтисодӣ ва технологияҳои муосирро ба назар гирифта, дар шароити имрӯза ба категорияи инноватсия ибора ва мафҳумҳои гуногун дохил карда шудаанд.

Хусусан, дар адабиёти иқтисодии ғарб ду варианти тафсири мафҳуми инноватсияро истифода мебаранд: васеъ ва хурд.

Маънои қабули мафҳуми инноватсия дар доираи васеъ ин ба ҳисоб гирифтани тағйироти имконпазир ё ҷорӣ намудани технологияҳои навтарин дар истеҳсолот, ташкилот, раванди таъминот ва фурӯш, ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайра мебошад.

Саҳми махсусро дар таърифи мафҳуми инноватсия П.Ф. Друкер гузоштааст, ки таърифи худро чунин пешниҳод намудааст: “Инноватсия як воситаи мушаххаси соҳибкорӣ – амалест, ки ба захираҳо барои эҷоди сарват имкониятҳои нав медиҳад” [4, с.39]. Минбаъд П.Ф. Друкер таърифи инноватсияро васеъ намуда, менависад, ки соҳибкорон бо ёрии инноватсия ба фаъолияти нави хоҷагидорӣ шурӯъ мекунанд ё намудҳои нави хизматрасониро пешниҳод мекунанд. Ҳадафи соҳибкорон бояд пайваста ба дарёфти манбаъҳои инноватсия равона карда шавад.

Дар адабиёт як қатор системаҳои таснифот пешниҳод шудаанд, ки дар асоси онҳо хусусиятҳои гуногуни таснифот истифода мешаванд. Ба ақидаи мо, барои интихоби конструктивӣ, бояд системаи хусусиятҳои таснифотӣ, аз қабили мақсад, шакл ва ҷои дархост ба назар гирифта шавад. Аз рӯи хусусиятҳои мақсад ба вазифаҳои гузошташуда ноил шуданро дар назар доранд ва бояд ҳадафи пешбинишудаи инноватсияро муайян кунанд.

Дар ин маврид бояд шакли ҷорӣ намудани инноватсия ба назар гирифта шавад. Чунин элемент ба монанди хусусияти сохторӣ муайян мекунад, ки ин инноватсия барои кадом бахши иқтисодиёт ё барои кадом соҳаи фаъолият пешбинӣ шудааст. Тахминан чунин фикр ба таснифоти инноватсияҳо дар кори илмӣ оварда шудааст [4, с.14].

Аммо мо чунин мешуморем, ки таснифот даровардани баъзеислоҳу иловаҳоро талаб менамояд. Аз ҷумла, ин таснифот дар мақола оварда шудааст [5, с.18-25]. Бо дарназардошти эродҳо ва иловаҳои воридшуда, мо таснифоти зерини инноватсияҳоро пешниҳод менамоем (расми 1).




**Расми 1. Таснифи инноватсияҳо**

Омили мақсаднок ҳисобгирии инноватсияҳои устуворкунандаро дар назар дорад, ки ба пешгирӣ намудани буҳрони ташкилӣ, истеҳсолӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ё молиявӣ нигаронида шудааст. Ба инноватсияҳои стратегӣ инноватсияҳое дохил мешаванд, ки ба рушд нигаронида шудаанд. Мувофиқан, инноватсияҳои устуворкунанда ва стратегӣ аз рӯи дараҷаи навоварӣ ва иқтидори мавҷудаи инноватсионӣ фарқ мекунанд.

Ба гурӯҳи муаллифоне, ки таърифи инноватсияро ба маънои васеъ қабул мекунанд, М.Ҳолштейн-Бек дохил мешавад. Ба ақидаи ӯ, ба инноватсияҳо ҳар як арзиши фарҳангӣ дахл дорад, ки дар фосилаи муайяни вақт ҳамчун инноватсия қабул карда мешавад [6, с.21].

Омӯзиши адабиёти иқтисодии Русия ва Ватанӣ нишон медиҳад, ки вариантҳо ва тафсирҳои гуногуни истилоҳи "инноватсия" низ истифода мешаванд.

Масалан, дар нашрияҳои энсиклопедӣ оид ба иқтисодиёт мафҳуми "инноватсия" ҳамчун навоварӣ дар соҳаи техника, технология, ташкили меҳнат ва идора шарҳ дода мешавад, ки ба татбиқи дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадам, инчунин истифодаи ин навовариҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолият асос ёфтаанд [7, с.155, 8, с.142-145].

Дар асоси таҳлили таҳқиқоти олимон оид ба мафҳуми "инноватсия" метавон ба хулосае омад, ки тафсири ягонаи ин мафҳум то ҳол ба даст наомадааст. Дар расми 2 фикрҳои гуногун барои муайян кардани мафҳуми "инноватсия" оварда шудаанд.




**Расми 2. Намудҳои самтҳои тафсири мафҳуми «инноватсия»**

Тадқиқот доираи хеле васеи андешаҳоро оид ба муайянкунии мафҳуми "инноватсия" нишон медиҳад, ки дар адабиёти иқтисодӣ пешниҳод шудаанд.

Таҳлили шароити мушаххаси зуҳуроти фаъолияти инноватсионӣ нишон медиҳад, ки ҳар як зуҳуроти инноватсия хусусияти хос дорад. Ин боиси мавҷудияти таърифу таснифоти зиёди истилоҳи "инноватсия" мегардад.

Бояд қайд кард, ки бештар дар адабиёти иқтисодӣ таснифоти зерини истилоҳи "инноватсия" истифода мешавад [9, с. 27-32]:

- Асосӣ (базисӣ), яъне, технологияи навтарини фарққунанда, навъҳои нави маҳсулот ва қарорҳои идоракунии қабулшуда, ки чӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва чӣ дар тамоми фаъолияти ҳаётии аҳолӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал меоваранд. Онҳо ғояҳои нави илмиро татбиқ менамоянд ва барои рушди қувваҳои истеҳсолкунанда такони муайян мебахшанд;
- Инкишофӣ (эволютсионӣ), яъне, дар асоси гузаштан ба насли ояндаи воситаҳои техникӣ, азхудкунии технологияи нав бо шарти нигоҳ доштани хусусияти мавҷудаи бунёдии илмӣ;
- Тағйирдиҳанда, ки ба такмил додан, пурра кардани қисмҳои алоҳидаи маҳсулоти нав, технологияҳо ва усулҳои системаи идоракунии иқтисодиёт равона карда шудааст.

Ба андешаи мо, бояд ба он таваҷҷуҳ кард, ки дар баъзе асарҳо ба сифати асоси сарчашмаи аввалаи мафҳуми "инноватсия" чунин параметр ба монанди манбаи зеҳнӣ баромад мекунад. Аз ҷумла, "инноватсия" ҳамчун "фаъолияти зеҳнӣ" ифода шудааст.

Сармояи зеҳнӣ маҷмӯи донишҳои муфид ё маводи зеҳнӣ мебошад, ки метавонад барои истеҳсоли маҳсулоти бештар арзишманд ва серталаб истифода шавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда чунин таърифи истилоҳи "инноватсия" пешниҳод карда мешавад: ин ҳама гуна навоварӣ мебошад, ки дар фосилаи муайяни вақт дар асоси дастовардҳои пешқадами тараққиёти илму техника бо мақсади қонеъ

гардонидани талаботи омма бо роҳи дар истеҳсолот ҷорӣ намудан ва ба даст овардани самараи иҷтимоӣ – иқтисодӣ истифода мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Шумпетер Й. Теория экономического развития. Монография / Й. Шумпетер – Москва: Прогресс, 1982. – 400 с.
2. Walkowski J. Kierowanie innowacjami w przemsly. Монография / J. Walkowski. – Warszawa: Instytut Wydaw. Związków Zawodowych, 1986. – 125 p.
3. Whitfield P.R. Innowacje w przemysle. Монография / P.R.Whitfield. – Warszawa: Panstwowe Wydawnictwo Ekonomiczne, 1979. – 268 p.
4. Zachorowska A. Ekonomiczne instrumenty sterowania chlonnościa innowacyjna. Монография / A. Zachorowska. – Katowice: Prace Naukowe / Akademia Ekonomiczna im.Karola Adamieckiego, 1989. – 221 p.
5. Drucker P.F. Innovation and Entrepreneurship. Монография / P.F. Drucker. – New-York: Harper & Row, 1985. – 39 p.
6. Holstein-Beck F. Problemy kierowania postępem. Монография / F. Holstein-Beck. – Warszawa: PWE, 1987. – 21 p.
7. Балабанов И.Т. Инновационный менеджмент. Монография / И.Т. Балабанов. – СПб: Питер, 2001. – 208 с.
8. Райзберг Б.А. Современный экономический словарь. Монография / Б.А. Райзберг, Л.Ш. Лозовский, Е.Б. Стародубцева. – Москва: ИНФРА–М, 2000. – 155 с.
9. Сохибов Г.О. Теоретические вопросы развития инновационной деятельности в предпринимательстве / Г.О. Сохибов // Вестник ТНУ, Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2018. - №1. – С. 27-32.
10. Гришин В. Управление инновационной деятельностью в условиях модернизации национальной экономики. Монография / В. Гришин. – Москва: Дашков и К, 2010 – 132 с.
11. Stuart T.A. Intellectual Capital. Монография / T.A. Stuart The New Wealth of Organizations. – New-York, Currency Doubleday, 1997. – 67 p.


**УДК 332**

**Фақеров Ҳ.Н., Расулзода Ҳ.**

## ШАРОИТИ ТАБИӢ – ИҚТИСОДИИ ҲУДУДИ МАЪМУРӢ ВА МУСОИДАТИ ОН БА РУШДИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРӢ

Дар мақолаи мазкур шароитҳои табиӣ-иқтисодии ҳудуди маъмурӣ ҷиҳати рушди истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ пурра мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аз ҷониби муаллиф дар мақола ҷанбаҳои асосии омӯзиши шароитҳои табиӣ-иқтисодии минтақа мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷузъҳои он ба пуррагӣ таҳлил карда шудааст. Инчунин, нишондиҳандаҳои асосии ҳудуди маъмурӣ дар мисоли шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Файзобод мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар баробари ин, мақолаи мазкур дар худ таносуби аҳолии шаҳру деҳот, ҳиссаи аҳолии фаъоли иқтисодӣ ва сатҳи музди меҳнат, шумораи субъекти соҳибкории истеҳсолӣ, заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои ҳудуди маъмурии Ваҳдат ва Файзобод дар солҳои 2010-2022-ро муттаҳид намудааст.

**Калидвожаҳо:** бозори истеъмолӣ, шароити табиӣ, шароити иқтисодӣ, рушд, мусоидат, истеҳсол, маҳсулоти хӯрокворӣ, музди меҳнат, таносуб, аҳолии фаъоли иқтисодӣ, субъектҳои соҳибкорӣ, хоҷагии деҳқонӣ, категорияҳои хоҷагӣ

**Факеров Х.Н., Расулзода Х.**

## ПРИРОДНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ АДМИНИСТРАТИВНОЙ ТЕРРИТОРИИ И ЕЕ СОДЕЙСТВИЕ РАЗВИТИЮ ПРОИЗВОДСТВА ПРОДУКТОВ ПИТАНИЯ

В данной статье полностью изучены природно-экономические условия административной территории для развития производства пищевой продукции. Со стороны автора в статье рассматриваются основные аспекты изучения природно-экономических условий региона и дается полный анализ их компонентов. Также изучаются основные показатели административной территории на примере Вахдатского города и Файзабадского района. При этом данная статья объединяет в себе соотношение городского и сельского населения, долю экономически активного населения и уровень заработной платы, количество субъектов производственного предпринимательства, пахотные земли во всех категориях хозяйств административной территории Вахдат и Файзабад на 2010-2022 годы.

**Ключевые слова:** потребительский рынок, природные условия, экономические условия, развитие, продвижение, производство, продукты питания, заработная плата, соотношение, активное экономическое население, субъекты предпринимательства, дехканское хозяйство, категории хозяйств

**Fakerov H.N., Rasulzoda H.**

## THE NATURAL AND ECONOMIC CONDITIONS OF THE ADMINISTRATIVE TERRITORY AND ITS PROMOTION OF FOOD PRODUCTION

This article fully examines the natural and economic conditions of the administrative territory for the development of food production. On the part of the author, the article examines the main aspects of studying the natural and economic conditions of the region and provides a complete analysis of their components. The main indicators of the administrative territory are also studied using the example of the Vakhdat city and the Fayzabad district. At the same time, this article combines the ratio of urban and rural populations, the share of the economically active population and the level of wages, the number of industrial enterprises, arable land in all categories of farms in the administrative territory of Wahdat and Fayzabad for 2010-2022.

**Keywords:** consumer market, natural conditions, economic conditions, development, promotion, production, food, wages, ratio, active economic population, business entities, dehkan economy, categories of farms

Сармояи табиӣ-иқтисодӣ асоси рушди индустриалӣ ва инноватсионии ҳудудҳои маъмуриро ташкил намуда, иқтидори азими оби тоза, замин ва иқлими мусоид, олами наботот, захираҳои назарраси меҳнатӣ, захираҳои бойи минералӣ ва канданиҳои фоиданок барои инкишофи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, бунёди бахшҳои муосири саноати хӯрокворӣ, комплекси агросаноатии аз ҷиҳати экологӣ тоза имкониятҳои навро ҷиҳати таъмини маводҳои хӯрокворӣ дар ҳудудҳои маъмурӣ фароҳам меоварад.

Шароити табиӣ дар иктисодиёти минтақа, махсусан дар хоҷагии қишлоқ ва истеҳсоли хӯрокворӣ нақши муҳим ва асосӣ мебозад. Ба онҳо хусусиятҳои иклимию ҷуғрофӣ, обӣ, хок ва дигар махсусиятҳои табиӣ шомил мегардаднд, ки имконияту маҳдудиятҳои ҳудуди маъмурӣ ва истеҳсолоти маҳсулоти хӯрокворӣро муайян мекунанд. Саҳми шароитҳои табиӣ - иқтисодии минтақа ва рушди истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣро метавонем вобаста ба як чанд ҷанбаҳои асосӣ баррасӣ кард, ки асоси онро мо дар расми 1 пешкаш намудем.




**Расми 1. - Ҷанбаҳои асосии омӯзиши шароитҳои табиӣ-иқтисодии минтақа**

Шароитҳои табиӣ-иқтисодии ҳудуди маъмурӣ дар ҳақиқат барои рушди истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ заминаи асосӣ фароҳам меорад ва таҳлили паҳлуҳои гуногуни он яке аз масъалаҳои муҳим дар илми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Барои таҳлили шароитҳои табиӣ-иқтисодӣ ҷанбаҳои асосии он бояд мавриди омӯзиш қарор дода шавад, пеш аз ҳама баҳодиҳии шароити табиии минтақа хеле муҳим ва зарур мебошад. Вобаста ба ин, мо дар идомаи мақола ба шароитҳои табиӣ-иқтисодии ҳудудҳои маъмурии шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Файзобод диққати асосӣ равона менамоем.

Шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Файзобод ҳудудҳои маъмурии тобеи марказ башумор рафта, дар шарқ аз маркази ҷумҳурӣ ҷойгир гардидаанд. Дар қаторкӯҳҳои Ҳисору Рашт ҷойгир гардида бо шаҳру ноҳияҳои Душанбе Норак, Нуробод, Роғун, Рашт, Дарбанд, Данғара, Ёвон ҳамсарҳад мебошанд. Шуғли асосии аҳолии ҳарду ҳудудҳои маъмуриро чорводорӣ, зиминдорӣ, боғпарварӣ ва тиҷорат ташкил медиҳанд. Файзобод 50 км дар шарқ аз маркази шаҳри Душанбе ҷойгир гардида, Ваҳдат бо маркази ҷумҳурӣ ҳамсарҳад мебошад, ки ин дар таъмини аҳолӣ бо маводҳои озуқаворӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Масоҳати умумии шаҳри Ваҳдат 3,7 ҳаз. км$^2$ ва ноҳияи Файзобод 0,9 ҳаз. км$^2$-ро ташкил дода, зичии аҳолӣ ба як км$^2$ 94,5 ва 118,1 нафарро ташкил медиҳад. Дар ҳудудҳои шаҳру ноҳияҳои маъмурӣ ҷамъ 17 деҳот — Вашгирд, Ҷавонон, Дусмурод Алиев, Калаи Дашт, Меҳробод, Мискинобод, Чашмасор, Баҳор, Кофарниҳон, Ромит, Симиганҷ, Чорсӯ, Хоҷабойкул, Ҷӯянгарон, Эскигузар, Янгибозор, Қаросу амал мекунанд. Ҳудудҳои маъмурӣ асосан дар ҳавзаи болооби дарёи Кофарниҳон, ки нишебиҳои ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор ва шимоли қаторкӯҳҳои Қаротегинро дар бар мегирад, ҷой гирифтааст. Элок аз дарёи Кофарноиҳон сарчашма гирифта аз ҳудуди маъмурии Файзобод 54 км убур намуда бо воситаи ҳудуди шаҳри Ваҳдат ҷорӣ мешавад, ки манбаи асосии таъмини обии заминҳои кишоварзии ҳудудҳои маъмурӣ маҳсуб мегардад.

Иқлими ҳудудҳои маъмурӣ континенталии хушк бо радиатсияи бузурги хушкӣ ва ҳарорати зудтағйирёбанда мебошанд. Ҳарорати ҳаво дар муддати сол ба ҳисоби миёна дар қисмати ғарбии ҳудудҳои маъмурӣ 14°C буда, дар қисмати шарқи бошад 7.6°C-ро ташкил медиҳад. Ҳарорати ҳадди аксари ҳаво дар ҳудудҳои маъмурӣ моҳҳои июл (30°-39.2°C) мушоҳида гардида, ҳадди ақал моҳҳои январ (-19°C) баназар мерасад. Ин шаҳодати он аст, ки иқлими ҳудудҳои маъмурӣ континенталӣ буда, давомнокии миёнаи давра бо ҳарорати манфӣ аз 40-50 рӯз дар як сол зиёд нест.

Дар ҳудудҳои маъмурӣ фурӯнишинии (осадка) тақсимоти ҳаво дар фаслҳои сол нобаробар буда, аз ҳама моҳи боронӣ март ва моҳи хушкӣ август маҳсуб мегардад. Дар муддати сол ба ҳисоби миёна фурӯнишинӣ 700-1370 мм-ро ташкил дода, намнокии нисбӣ баҳисоби миёна 40% буда, моҳҳои феврал-май то 70-80% баланд мегардад. Норасоии намнокӣ дар тобистон то 20-22 мбар ва дар зимистон 3-6 мбар-ро ташкил медиҳад. Балндии максималии барф то 0,5 м, ташкил дода, дар деҳаҳои наздикӯҳии ҳудудҳои маъмурӣ муддати 2-3 моҳ барф нигоҳ дошта мешавад. Бориши барф асосан моҳҳои октябр ва февралро дар бар мегирад. Дар ҷадвали 1 сурати афзоиши аҳолии ҳудуди маъмурӣ дар солҳои 2010 - 2022 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Таносуби аҳолии шаҳру деҳот нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ дар охири сол, ба ҳисоби фоиз**

| Ҳдуди маъмурӣ | Солҳо | | | | | | | | | | Фарқияти соли 2022 нисбат ба соли 2010, +,- | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | | 2015 | | 2020 | | 2021 | | 2022 | | | |
| | шаҳрӣ | деҳотӣ | шаҳрӣ | деҳотӣ | шаҳрӣ | деҳотӣ | шаҳрӣ | деҳотӣ | шаҳрӣ | деҳотӣ | шаҳрӣ | деҳотӣ |
| НТҶ | 13,5 | 86,5 | 13,1 | 86,9 | 12,9 | 87,1 | 14,7 | 85,3 | 14,8 | 85,2 | 1,3 | -1,3 |
| ш.Ваҳдат | 18,1 | 81,9 | 17,0 | 83,0 | 16,3 | 83,7 | 18,7 | 81,3 | 18,8 | 81,2 | 0,7 | -0,7 |
| н.Файзобод | 10,6 | 89,4 | 10,2 | 89,8 | 10,0 | 90,0 | 11,0 | 89,0 | 10,9 | 89,1 | 0,3 | -0,3 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маҷмуаи омории Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷиуистон. – Душанбе, 2023. – С. 28-32.

Вобаста ба таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2.1 чунин хулоса кардан мумкин аст, ки сурати афзоиши аҳолӣ соли 2022 дар ҳудудҳои маъмурӣ 102,1%-ро ташкил дода, таносуби аҳолии шаҳру деҳот дар соли 2022 нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ дар шаҳри Ваҳдат, шумораи аҳолии шаҳрӣ 18,8%, шумораи аҳолии деҳотӣ 81,2% ва дар ноҳияи Файзобод, шумораи аҳолии шаҳрӣ 10,9 фоиз, шумораи аҳолии деҳотӣ 89,1 фоизро ташкил менамояд. (Диаграммаи 1)

**Диаграммаи 1. - Таносуби аҳолии шаҳру деҳот нисбат ба шумораи умумии аҳолии ш. Ваҳдат ва н. Файзобод дар охири сол, ба ҳисоби фоиз**




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маҷмуаи омории Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷиуистон. – Душанбе, 2023. – С. 28-32.

Нишондиҳандаҳои диаграммаи 1 аз он шаҳодат медиҳанд, ки шумораи аҳолии шаҳрӣ ва деҳотӣ дар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, истеъмол ва нархи он таъсири бевосита мерасонанд. Фарқияти шумораи аҳолии шаҳрӣ дар ш. Ваҳдат ва н. Файзобод соли 2022 нисбат ба соли 2010 –ум 0,7 банди фоиз ва 0,3 банди фоиз афзоиш ёфтааст ва дар баробари ин аҳолии деҳотӣ аз ҳисоби афзоиши аҳолии шаҳрӣ - 0,7% ва - 0,3 фоиз коҳиш ёфтааст. Инчунин афзоиши табии аҳолӣ соли 2022 дар шаҳри Ваҳдат 1146 нафар ё ба ҳазор нафар 26,3 нафар рост ояд, пас дар ноҳияи Файзобод ин нишондиҳанда ба 2715 нафар ё ба ҳазор нафар 25,9 нафар рост меояд. (Ҷадвали 2)

**Ҷадвали 2. - Шумораи аҳолӣ ва тамоюли демографӣ дар ҳудудҳои маъмурӣ, ҳазор нафар**

| | Солҳо | | | | | | | | Соли 2022 нисбат ба соли 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| **ш. Ваҳдат** | | | | | | | | | |
| Аҳолӣ, ҳамагӣ | **283,5** | **317,1** | **330,2** | **336,9** | **342,8** | **353,9** | **359,8** | **366,8** | **129,4** |
| **Аз он ҷумла:** | | | | | | | | | |
| Мардҳо | 146,2 | 166,7 | 171,5 | 177,8 | 179,4 | 183,3 | 183 | 185,6 | 126,9 |
| Занҳо | 137,3 | 150,4 | 158,7 | 159,1 | 163,4 | 170,6 | 176,8 | 181,2 | 132,0 |
| Таваллуд | 798 | 775 | 478 | 778 | 947 | 1422 | 1294 | 1549 | 194,1 |
| Фавт | 216 | 253 | 139 | 194 | 244 | 276 | 287 | 172 | 79,6 |
| **Бо фоиз** | | | | | | | | | |
| **Аҳолӣ, ҳамагӣ** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **-** |
| Мардҳо | 51,6 | 52,6 | 51,9 | 52,8 | 52,3 | 51,8 | 50,9 | 50,6 | -1,0 |
| Занҳо | 48,4 | 47,4 | 48,1 | 47,2 | 47,7 | 48,2 | 49,1 | 49,4 | +1,0 |
| **н. Файзобод** | | | | | | | | | |
| **Аҳолӣ, ҳамагӣ** | **94,5** | **100,3** | **103,2** | **106,0** | **108,8** | **109,6** | **111,7** | **113,9** | 120,5 |
| **Аз он ҷумла:** | | | | | | | | | |
| Мардҳо | 48,3 | 50,6 | 51,7 | 53,4 | 54,7 | 55,4 | 56,6 | 57,2 | 118,4 |
| Занҳо | 46,2 | 49,7 | 51,5 | 52,6 | 54,1 | 54,2 | 55,1 | 56,7 | 122,7 |
| Таваллуд | 3202 | 2758 | 2152 | 2852 | 2879 | 3136 | 2554 | 2629 | 82,1 |
| Фавт | 298 | 334 | 321 | 375 | 344 | 421 | 380 | 298 | 100,0 |
| **Бо фоиз** | | | | | | | | | |
| **Аҳолӣ, ҳамагӣ** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **-** |
| Мардҳо | 51,1 | 50,4 | 50,1 | 50,4 | 50,3 | 50,5 | 50,7 | 50,2 | -0,9 |
| Занҳо | 48,9 | 49,6 | 49,9 | 49,6 | 49,7 | 49,5 | 49,3 | 49,8 | +0,9 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маҷмуаи омории Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷиуистон. – Душанбе, 2023. – С. 49-56.

Тавре аз ҷадвали 2 маълум гардид тамоили рушди аҳолӣ дар ҳафт соли охир дар ҳудудҳои маъмурӣ 1,3 ва 1,2 маротибаро ташкил дода, шумораи мард ва занҳо низ қариб якхел афзоиш ёфта, ки дар таъмини аҳолӣ бо маводҳои хӯрокворӣ бетаъсир намемонад. Афзоиши аҳолӣ дар навбати худ ба зиёдшавии аҳолии фаъоли иқтисодӣ таъсири мусбӣ расонида, ҳам ба рушди истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳам истеъмоли он мусоидат менамояд.

Инчунин рушди шумораи аҳолии фаъоли иқтисодӣ ба зиёд шудани шуғл ва аҳолии меҳнатдӯст мусоидат намуда, сафарбаркунии қувваи корӣ ба бахши воқеӣ зиёд гардида, дар баланд гардидани сатҳи зиндагӣ ва таъмини даромади аҳолӣ, музди меҳнат таъсири мусбӣ мерасонад (Ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - Ҳиссаи аҳолии фаъоли иқтисодӣ ва сатҳи музди меҳнат дар ҳудудҳои маъмурии Ваҳдат ва Файзобод (ҳазор нафар)**

| Солҳо | шаҳри Ваҳдат | | | | ноҳияи Файзобод | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аҳолии фаъоли иқтисодӣ | Шуғл | Бекорӣ | Музди маош | Аҳолии фаъоли иқтисодӣ | Шуғл | Бекорӣ | Музди маош |
| **2015** | 182,5 | 15,7 | 90 | 708,9 | 50,0 | 5,6 | 9,0 | 598,0 |
| **2016** | 183,1 | 15,3 | 100 | 845,7 | 55,0 | 5,3 | 10,0 | 615,6 |
| **2017** | 185,2 | 16,2 | 115 | 1058,6 | 57,0 | 5,0 | 5,6 | 752,2 |
| **2018** | 191,9 | 16,2 | 140 | 1140,9 | 58,5 | 4,9 | 2,5 | 781,4 |
| **2019** | 194,8 | 16,5 | 150 | 1281,3 | 59,0 | 5,3 | 5,5 | 841,4 |
| **2020** | 197,7 | 16,8 | 180 | 1520,7 | 60,0 | 5,5 | 4,0 | 887,6 |
| **2021** | 199,2 | 17,2 | 192 | 1688,6 | 63,6 | 5,5 | 4,4 | 952,6 |
| **2022** | 205,6 | 17,4 | 210 | 1849,5 | 66,5 | 5,6 | 4,7 | 1070,2 |
| **С. 2022 нисбат ба с. 2015, +,-** | 23,1 | 1,7 | 120 | 1140,6 | 16,5 | 0 | -4,3 | 472,2 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маҷмуаи омории Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷиуистон. – Душанбе, 2023. – С. 46-48.

Мувофиқи маълумотҳои чадвали 3 афзоиши аҳолии фаъоли иқтисодӣ соли 2022 нисбат ба соли 2015 дар шаҳри Ваҳдат (1,1%) ва ноҳияи Файзобод (1,3%), шуғл мувофиқан 1,1% ва 1,6%, бекорӣ 2,3 ва 2,5%-ро ташкил медиҳад. Соҳаҳои афзалиятноки шуғли аҳолии ҳудудҳои маъмуриро кишоварзӣ 70%, савдо ва хизмати майишӣ 21%, иҷтимоӣ 7% ва дигар шаклҳои шуғл 2%-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 4. - Заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои ҳудуди маъмурӣ (ш. Ваҳдат, н. Файзобод) дар солҳои 2010-2022, гектар**

| | | Солҳо | | | | | | | с. 2022 / с. 2010, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2015 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | **839475** | **830578** | **826704** | **846990** | **856734** | **861692** | **859768** | **102,4** |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | | 143289 | 143062 | 138888 | 139791 | 141188 | 136805 | 132192 | 92,3 |
| аз ҷумла: | | | | | | | | | |
| ш. Ваҳдат | | 16972 | 16999 | 17349 | 17240 | 17236 | 17673 | 16742 | 98,6 |
| н. Файзобод | | 8728 | 9002 | 8569 | 8755 | 8848 | 9438 | 8821 | 101,1 |
| Вазни хос, бо фоиз | | | | | | | | | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | | 17,1 | 17,2 | 16,8 | 16,5 | 16,5 | 15,9 | 15,4 | -1,7 |
| аз ҷумла: | | | | | | | | | |
| ш. Ваҳдат | 1 | 2,0 | 2,0 | 2,1 | 2,0 | 2,0 | 2,1 | 1,9 | -0,1 |
| | 2 | 11,8 | 11,9 | 12,5 | 12,3 | 12,2 | 12,9 | 12,7 | 0,9 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| н. Файзобод | 1 | 1,0 | 1,1 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,1 | 1,0 | - |
| | 2 | 6,1 | 6,3 | 6,2 | 6,3 | 6,3 | 6,9 | 6,7 | 0,6 |
| Эзоҳ: 1- заминҳои кишти ҳудуди маъмурӣ нисбати заминҳои кишти ҷумҳурӣ, бо фоиз<br>2 - заминҳои кишти ҳудуди маъмурӣ нисбати заминҳои кишти ШНТҶ, бо фоиз | | | | | | | | | |

**Сарчашма:** Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023. саҳ. 186-192

**Ҷадвали 5. - Истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар ҳудудҳои маъмурии Ваҳдат ва Файзобод (тонна)**

| | **шаҳри Ваҳдат** | | | **ноҳияи Файзобод** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Растани-парварӣ** | **Чорводорӣ** | **Ҳамагӣ** | **Растани-парварӣ** | **Чорво-дорӣ** | **Ҳамагӣ** |
| **2015** | 39818 | 34678 | 74496 | 16083 | 85764 | 101847 |
| **2016** | 39895 | 72427 | 112322 | 27057 | 95037 | 122094 |
| **2017** | 40123 | 84302 | 124425 | 28038 | 19148 | 47186 |
| **2018** | 46030 | 110175 | 156205 | 37390 | 43739 | 81129 |
| **2019** | 47401 | 111320 | 158721 | 33983 | 82631 | 116614 |
| **2020** | 46999 | 149103 | 196102 | 35305 | 84871 | 120176 |
| **2021** | 48293 | 150205 | 198364 | 36257 | 85196 | 121453 |
| **2022** | 52078 | 156175 | 208253 | 38653 | 91236 | 129889 |

**Сарчашма:** Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023. - С. 190-200

Шароити табиӣ-иқлимии ҳудудҳои маъмурӣ барои рушди соҳаҳои растанипарварӣ ва чорвопарарӣ мусоид буда, имкони истеҳсоли маҳсулотҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаро фароҳам меорад. Дар доираи растанипарварӣ зерсоҳаҳои: растанипарварӣ, обчакорӣ, ангурпарварӣ, картошкапарварӣ, боғдорӣ, пахтакорӣ ва чорводорӣ: парвариши чорвои ширдеҳ, парвариши чорвои гӯштӣ, хукпарварӣ, гӯсфандпарварӣ; мурғпарварӣ, замбури асалпарварӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд, ки дар ҳафт соли охир ин соҳаҳо тамоюли мусбӣ доранд (Ҷадвали 5).

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 5 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар соли 2022 аз рӯйи ҳамаи категория (гурӯҳҳо)-и хоҷагиҳо дар шаҳри Ваҳдат 208253 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Файзобод 129889 ҳазор сомони (аз рӯйи нархҳои ҷорӣ)-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2015 шаҳри Ваҳдат 2,8% ва ноҳияи Файзобод 1,3%, зиёд мебошад, аз он ҷумла аз рӯйи соҳаҳои растанипарварӣ шаҳри Ваҳдат ба 12260 ҳазор сомонӣ ё ин, ки ба 1,3% ва ноҳияи Файзобод ба 22570 ҳазор сомонӣ ё ин, ки ба 2,4% зиёд ва чорводорӣ шаҳри Ваҳдат 121479 ҳазор сомонӣ ё ин, ки 4,5% ва ноҳияи Файзобод 5472 ҳазор сомонӣ ё ин, ки 1,1% зиёд мебошад.

Бояд қайд намуд, ки ҳиссаи шаҳри Ваҳдат дар таъмин намудани маҳсулоти хӯрокворӣ аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, алалхусус, маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ нисбат ба ноҳияи Файзобод зиёдтар мебошад. Ин нишондиҳанда аз он далолат медиҳад, ки имрӯз шаҳри Ваҳдат барои таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа ва кишвар нақши калидӣ мебозад. Омили асосии истеҳсоли кишоварзӣ дар шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Файзобон ин пеш аз ҳама аз шароитҳои табиӣ-иқтисодӣ вобаста мебошанд.

Вобаста ба иқтидори майдони кишт, рушди инфрасохтори соҳа ва тақозо ба маҳсулоти муайяни кишоварзӣ дар бозорҳои ҳудуди маъмурӣ истеҳсоли маҳсулот дар бахшҳо низ тамоюли мусбиро касб намудааст [2. С. 114].

Дар ҷадвали 6 истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи бахшҳо оварда шудааст.

Яке аз шароитҳои зиёд шудани маҳсулоти кишоварзӣ истифодаи самараноки заминҳое мебошад, ки ҳосилнокии оянддаи киштҳои растанипарвариро фароҳам меоранд. Дар доираи ду ҳудудҳои маъмурии шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Файзободи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҳои

кишт нобаробар тақсим шудаанд, ки дар натиҷа бо озуқа таъмин кардани аҳолӣ ҳам дар миқёси мамлакат ва ҳам ҳудудҳои он дар алоҳидагӣ мушкил мегардад.

**Ҷадвали 6. - Истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ аз рӯйи бахшҳо дар ҳудудҳои маъмурии Ваҳдат ва Файзобод (тонна)**

| | Солҳо | | | | | | | | соли 2022 нисбат ба соли 2015, % ё маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| **шаҳри Ваҳдат** | | | | | | | | | |
| Ғалладона | 39895 | 39966 | 40123 | 46030 | 47401 | 46999 | 48293 | 52078 | 130,5 |
| Каротшка | 17983 | 17812 | 17892 | 17931 | 15959 | 16395 | 16712 | 16728 | 93,0 |
| Сабзавот | 65051 | 67856 | 70017 | 77245 | 82977 | 86004 | 104189 | 98887 | 152,0 |
| Полизӣ | 2304 | 2563 | 2601 | 3070 | 3246 | 3580 | 3287 | 3751 | 162,8 |
| Меваҷот | 13535 | 13896 | 14587 | 14924 | 14970 | 15660 | 15637 | 16925 | 125,0 |
| Ангур | 8587 | 8756 | 9057 | 9161 | 9209 | 10224 | 10567 | 11431 | 133,1 |
| Гӯшт | 10663 | 10965 | 11426 | 11889 | 12458 | 12646 | 13421 | 15468 | 145,1 |
| Шир | 29414 | 29632 | 30985 | 33295 | 33669 | 33751 | 34010 | 34152 | 116,1 |
| Тухм (дона) | 32116 | 36562 | 41645 | 64744 | 64915 | 102451 | 98956 | 99203 | 3,1 мар. |
| Асал | 234 | 241 | 246 | 247 | 251 | 255 | 45 | 281 | 120,1 |
| **ноҳияи Файзобод** | | | | | | | | | |
| Ғалладона | 7729 | 7905 | 7869 | 6377 | 6489 | 6879 | 6356 | 7969 | 103,1 |
| Картошка | 13894 | 12156 | 11752 | 14580 | 14112 | 14126 | 13067 | 13829 | 99,5 |
| Сабзавот | 10649 | 10963 | 11436 | 13837 | 13854 | 14602 | 15502 | 15323 | 143,9 |
| Полезӣ | 155 | 162 | 177 | 159 | 159 | 303 | 19 | 20 | 12,9 |
| Меваҷот | 1989 | 2020 | 4070 | 8009 | 5042 | 5457 | 5475 | 8409 | 4,2 мар. |
| Ангур | 370 | 460 | 603 | 805 | 816 | 817 | 860 | 742 | 2,0 мар. |
| Гӯшт | 1316 | 1386 | 1492 | 1497 | 1525 | 1675 | 3208 | 2977 | 2,3 мар. |
| Шир | 13494 | 13896 | 14276 | 14437 | 14690 | 14710 | 14635 | 15729 | 116,6 |
| Тухм (дона) | 80150 | 15632 | 3293 | 27718 | 66329 | 68402 | 71769 | 70826 | 88,4 |
| Асал | 71 | 78 | 87 | 87 | 87 | 84 | 86 | 86 | 121,1 |

**Сарчашма:** Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023. саҳ. 192-195

Мувофиқи маълумотҳои омории ҳудуди маъмурӣ заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои шаҳри Ваҳдат агар соли 2015-ум 16972 ҳазор гектар бошад, пас соли 2022 ин нишондиҳада ба 17230 ё 1,1% зиёд баназар мерасад. Дар ноҳияи Файзобод низ аз 8728 ҳазор гектар соли 2015 ба 8862 ҳазор гектар дар соли 2022 ё дар ҳаҷми 134 гектар зиёд нисбат ба ҳафт соли пеш баназар мерасад.

Васеъгардонии майдони кишт ба ташаккули захираҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва афзоиш ёфтани шумораи соҳибкории истеҳсолӣ дар шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Файзобод таъсири мусбӣ мерасонад. Соҳибкории истеҳсолӣ захираҳоро бо мақсади истеҳсол мансуба намуда, барои истеъмолкунандагон роҳҳои нави истеҳсолот (технология), каналҳои нави фурӯши мол, бозорҳои нави пешбарии мол ва сарчашмаҳои нави захираҳоро дарёфт месозад, дар соҳа барои яккаҳукмрон гардидан ташкилотҳоро пешбарӣ менамояд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ дар ҳудудҳои маъмурӣ субъектони соҳибкории истеҳсолӣ оид ба истеҳсоли маводҳои хӯрокворӣ устувор рушд ёфта истодаанд. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шаҳри Ваҳдат соли 2022 ба 496,8 ҳазор адад баробар шудаст, ки назар ба соли 2015 -ум 193,9 ҳазор адад афзоиш ёфтааст. Шумораи корхонаҳои саноатӣ бошад дар соли 2022 ба 265 адад баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2015 ба андозаи 54 адад зиёд шудааст.

Дар умум, шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар шаҳри Ваҳдат соли 2022 ба 5233 адад баробар шудааст, ки аз ин нишондиҳанда 94,9 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 5,1 фоиз ба дигар субъектҳои соҳибкорӣ рост меояд (Ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7. Шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар шаҳри Ваҳдат соли 2022**

| | Солҳо | | | | | | | | Фарқият и соли 2022 нисбати соли 2015, врҳид |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| **шаҳри Ваҳдат** | | | | | | | | | |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 3029 | 3343 | 3485 | 3672 | 3741 | 3852 | 4751 | 4968 | 1939 |
| Соҳибкори ҳуқуқӣ | 211 | 208 | 201 | 208 | 281 | 232 | 241 | 265 | 54 |
| **Ҳамагӣ** | **3240** | **3551** | **3686** | **3880** | **3762** | **4084** | **4992** | **5233** | **1993** |
| **ноҳияи Файзобод** | | | | | | | | | |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 2632 | 2852 | 2965 | 3121 | 3502 | 3628 | 3669 | 3865 | 1233 |
| Соҳибкори ҳуқуқӣ | 111 | 196 | 185 | 158 | 150 | 148 | 148 | 152 | 41 |
| **Ҳамагӣ** | **2743** | **3048** | **3150** | **3279** | **3652** | **3776** | **3817** | **4017** | **1274** |

**Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои омории ҳудуди маъмурӣ**

Тибқи таҳлили маълумотҳои омории ҷадвали 7 дида мешавад, ки дар ноҳияи Файзобод соли 2022-ум шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 4017 адад баробар шуда, назар ба соли 2015 ба андозаи 1274 адад зиёд гардидааст. Дар ноҳияи Файзобод соли 2022-ум хоҷагиҳои деҳқонӣ 3865 ададро ташкил намудааст, ки нибат ба шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ 96,2 фоиз буда, дар фарқият нисбат ба соли 2015 -ум 1233 адад зиёд мебошад. Дигар субъектҳои соҳибкорӣ дар соли 2022-ум 152 ададро ташкил намуда, нисбат ба соли 2015-ум 41 адад зиёд мебошад. Дар таркиби шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ 3,8 фоизро соҳибкории ҳуқуқӣ ташкил додааст.

Мувофиқи маълумотҳои ҷадвали 7 дар шаҳри Ваҳдат соли 2022 ба сари ҳар аҳолӣ 0,02 корхона ва дар ноҳияи Файзобод бошад ин нишондиҳанда ба 0,01 корхона рост меояд, ки ниҳоят кам буда, барои таъмини аҳолӣ бо ҷойи корӣ ва маводҳои хӯрокворӣ кифоя нест. Ба андешаи мо агар сохторҳои ҳудуди маъмурӣ барои боз ҳам зиёд гардонидани субъектҳои соҳибкорӣ бояд чораҳои мушаххас андешанд, зеро аз таҳлили анҷомдодашуда маълум мешавад, ки шароитҳои табиӣ-иқтисодии ҳудуди маъмурии зикргардида барои амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ мусоид мебошад.

Дар ин давра маҷмӯи маҳсулоти хоҷагии қишлоқи ҳудудҳои маъмурӣ ҷамъ аз 188,9 ҳазор сомонӣ дар соли 2015 то 326,9 ҳазор сомонӣ дар соли 2022 расида, маҳсулоти саноати хӯрокворӣ мувофиқан 3,6 млн. сомонӣ дар соли 2015 то 4,9 млн. сомонӣ дар соли 2022-ро ташкил додааст [6. С. 19].

Сохтори иқтисодиёти ҳудудҳои маъмурӣ дар шароити муосир ба се самти фаъолияти хоҷагидорӣ тафриқабандӣ гаштааст, ки чунин мебошанд:

- ташкилотҳои соҳаи муҷтамеи агросаноатӣ, ки пойгоҳи ашёи хоми иқтисодиёти ҳудудҳои маъмуриро ташаккул медиҳанд;
- корхонаҳое, ки саноат ва сохтмонро коркард мекунанд;
- корхонаҳое, ки фаъолияти воситаҳои нақлиёт, бахши молиявӣ, муассисаҳои савдо, маориф ва тандурустиро ташкил медиҳанд.

Бо мақсади рушди зерсохтори ҳудудҳои маъмурӣ ва вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019 - 2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шуд [1. С. 14].

Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ низ бо роҳҳои рушди хоҷагиҳои деҳқонии ҳудудҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз нишондиҳандаҳои муҳим барои муайян намудани сатҳи бехатарии озуқаворӣ ба шумор меравад.

**Ҷадвали 8. - Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолӣ (кг) дар шаҳри Ваҳдат**

| | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
| Ғалладона | 70,2 | 72,7 | 71,2 | 65,1 | 55,1 | 60,5 | 61,2 | 61,8 |
| Каротшка | 42,7 | 50,2 | 54,1 | 53,2 | 46,5 | 46,8 | 47,9 | 48,5 |
| Сабзавот | 23,5 | 25 | 28,6 | 27,1 | 24,4 | 24,6 | 25,8 | 26,2 |
| Полезӣ | 1,2 | 1,5 | 0,01 | 0,08 | 0,09 | 0,1 | 1,1 | 1,4 |
| Меваҳо ва буттамеваҳо | 20,3 | 22,8 | 39,4 | 75,5 | 46,3 | 50,4 | 52,9 | 53,7 |
| Ангур | 3,7 | 4,2 | 5,8 | 7,5 | 7,5 | 6,4 | 7,7 | 8,1 |
| Гӯшт (дар вазни кушташуда) | 0,02 | 0,014 | 0,018 | 0,018 | 0,020 | 0,025 | 0,036 | 0,045 |
| Шир | 0,11 | 0,15 | 0,15 | 0,13 | 0,11 | 0,12 | 0,11 | 0,14 |
| Тухм, дона | 72,1 | 108 | 32 | 31,3 | 49,2 | 42,2 | 54,8 | 58,5 |

**Сарчашма:** Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2023. саҳ. 192-195

Чуноне, ки аз ҷадвали 8 ба мо маълум гашт маҳсулоти ғалладона дар шаҳри Ваҳдат соли 2022 ба сари аҳолӣ ба 61,8 кг. рост омадааст, ки ин нисбат ба соли 2015-ум 8,4 кг. кам мебошад. Инчунин истеҳсоли картошка 48,5 кг., сабзавот 26,2 кг., полизӣ 1,4 кг., меваҳо ва буттамеваҳо 53,7 кг., ангур 8,1 кг., гӯшт дар вазни кушташуда 0,045 кг., шир 0,14 литр, тухум бошад 58,5 донаи шартӣ рост меояд. Истеҳсоли тухм ба ҳар сар аҳолӣ дар шаҳри Ваҳдат аз 72,1 донаи соли 2015 ба 54,8 дона дар соли 2022 баробар шудааст, ки ин нишондиҳанда хеле нигаронкунада мебошад. Вобаста ба ин, дар ҳудуди маъмурии шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Файзобод бояд ҳамаи имкониятҳои мавҷудаи шароитҳои табиӣ-иқтисодӣ самаранок истифода бурда шаванд. Барои самаранок истифода бурдани ин шароитҳо бояд субъектҳои соҳибкорӣ, махсусан дар соҳаи аграрии иқтисодиёт ҳарчи бешктр зиёд карда шаванд.

Мувофиқи маълумотҳои ҷадвали 8 маҳсулоти ғалладона дар ноҳияи Файзобод соли 2022 ба сари аҳолӣ ба 57,2 кг. рост омадааст, ки ин нисбат ба соли 2015-ум 22,0 кг. кам мебошад.

Ҳамчунин истеҳсоли картошка 117,1 кг., (25,6 кг. кам) сабзавот 132,5 кг., полизӣ 1,4 кг., (0,1 кг. кам), меваҳо ва буттамеваҳо 52,9 кг., ангур 7,7 кг., гӯшт дар вазни кушташуда 0,025 кг., шир 0,13 литр, тухум бошад нисбат ба соли 2015 7,9 маротиба афзоиш ёфтааст. Яъне аз 82,1 донаи соли 2015 ба 644,8 дона дар соли 2022 баробар шудааст.

Баъди ба даст овардани истиқлолият, бо пешниҳоди ташкилотҳои ҷамъиятӣ меъёри истеъмоли маҳсулотҳои хӯрокворӣ бо маҷмӯи озуқаворӣ дар сабади истеъмолӣ иваз карда шуд. 31 августи соли 2018 аз ҷониби Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дар бораи меъёрҳои физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии хӯрокворӣ ба сари ҳар нафар аҳолӣ ба имзо расид ва аз тарафи Ҳукумати мамлакат «Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Тоҷикистон» тасдиқ гардид. [5] Барои расидан ба ин мақсад барномаи бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019- 2023 аз тарафи ҳукумат қабул гардид.

Аз маълумотҳои оморӣ маълум аст, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти алоҳидаи хӯрокворӣ дар ҳудудҳои маъмурӣ ба ҳар сар аҳолӣ, хусусан маҳсулоти картошка 5,8 кг, сабзавот ва полезӣ 52,6 кг, тухм 167 дона зиёд буда, ба меъёри тавсиявӣ мувофиқ аст. Аммо ҳолати таъминнокии маҳсулоти дигари ғизоии аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ: маҳсулоти нонӣ 32,7 кг, маҳсулоти гӯштӣ - 10,7 кг, шир ва маҳсулоти ширӣ – 14,1 литр аз меъёри муайяншуда кам буда, боиси нигаронӣ аст.

Дар ин маврид зарур аст, ки дар ҳудудҳои маъмурӣ бо мақсади таъминнокии комил мувофиқи меъёри муайяншуда истеҳсоли маҳсулоти нонӣ 325,7 ҳазор тонна, маҳсулоти гӯштӣ ба 387,6 ҳазор тонна, шир ва маҳсулоти ширӣ ба 1710,0 ҳаз. тонна расонида шаванд.

Мавриди ба қайд аст, ки принсипҳои асосии таъминоти маводи хӯрокворӣ аз чунин омилҳо бояд таркиб ёбанд: [4. С. 29]

- таъмини муҳити рақобатнокӣ дар бозори маҳсулотҳои хӯрокворӣ ва озуқаворӣ (бо иҷозат додан барои иштирок дар бозор ба ҳамаи намуди соҳибкорон ва хоҷагидориҳо);
- ҳамкории байни мақомотҳои давлатӣ бо соҳибкорон, аз байн бурдани яккаҳукмронӣ дар бозори маҳсулоти хӯрока ва озуқаворӣ;
- қабул намудани қарорҳо дар асоси мониторинги захираҳои озуқаворӣ, маълумоти кушод дар бораи ҳолати бозори маҳсулоти озуқаворӣ ва роҳ надодан ба пастравии дараҷаи таъминоти озуқаворӣ.

Иқтидори истеҳсолӣ-саноатии комплекси агросаноатӣ имкон медиҳад, ки талаботи мардум бо маводҳои хӯрокворӣ ба монанди маҳсулотҳои ширӣ, гӯштӣ, моҳигӣ, мевагӣ ва ғайра қонеъ гардонида шаванд. Вазни қиёсии воридоти маҳсулотҳои гӯштӣ, ширӣ, моҳигӣ ва мевагӣ бошад солҳои охир дар худудҳои маъмурӣ то 40% кам гардида истодааст. Сабаби асосии онро коршиносон дар рушди соҳаи чорвопарварӣ ва боғпарварӣ рабт дода, дастгирии давлатиро дар соҳаҳои марбут самаранок баҳогузорӣ мекунанд. Рушди минбаъдаи соҳаҳои мавҷударо дар таъмини инфраструктура, маҳсулотҳои нафтӣ, энергетикӣ, техникаҳои кишоварзӣ, чорвои хушзот ва тухмиҳои босифат вобаста медонанд.

Чунин ба назар мерасад, ки самти муҳим дар сиёсати нархгузории давлатӣ мутобиқсозии муносибатҳои худтанзимкунӣ ва танзими нархҳои давлатӣ мебошад. Худтанзимкунӣ ин ҷараёни фурӯши маҳсулот бо нархҳои бозорӣ (шартномавӣ) мебошад, ки он бо таъсири талаботи харидору фурӯшанда ва истифодаи ҳамагуна каналҳои тақсимот (савдои биржавӣ, гарав, форвард, фючерс, амалиёти бартерӣ) инкишоф мeёбад. Танзими давлатии нархҳо дар он акс меёбад, ки давлат бо истифода аз шаклҳои нархномавӣ ва ғайрнархномавӣ, усулҳои мустақим ва ғайримустақим ба ташаккул ва рушди иқтисоди бозор ва мутобиқсозии беҳтар ба шароити бозор, бахусус истеҳсолкунандагони деҳот мусоидат менамояд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба номгӯи мол ва маҳсулотҳои аҳмияти иҷтимоидошта, ки аз тарафи давлат нархҳояшон батанзим даровaрда мешавад аз 31.05.2018 сол. №287 ба тавсиб расида номгӯи зеринро дар бар мегирад [5]: орд (навъи 1 ва 2), хлеби омодашуда, молҳои макаронӣ, ғалла, биринҷ, картошка, сабзавот: сабзӣ, пиёз, карам, шакар,

қанд, равғани растанӣ, равғани пахта ва офтобпараст, маска, маҳсулотҳои ширӣ: шир, кефир, қаймоқ, сметана, творог, наск, нахӯд, гречка, каша, перловка, гӯшт: говӣ, гӯсфандӣ, мурғӣ, тухми мурғ, намак, чой: навъи кабуд ва сиёҳ, хӯроки кӯдакон.

Дар иқтисоди бозаргонӣ муносибати нархномавӣ ба маҷмӯи нархгузории озод ва танзими давлатии нарх; ташаккули нархҳои мутавозин таҳти таъсири талабот ва пешниҳод; таъмини даромаднокии ҳадди аксар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ; ҳавасмандгардонии пешрафти илмию техникӣ; баланд бардоштани самаранокӣ ва хароҷоти истеҳсолӣ; муносибгардонии муносибатҳо бо муносибатҳои молиявию қарзӣ асос бояд ёбанд.

Муаллифон дар мақола тавзеҳ медиҳанд, ки ҳар як минтақаи маъмурӣ барои рушди соҳаи хӯрокворӣ дар як қатор шароити табиӣ ва иқтисодӣ қарор дорад, ки онҳо метавонанд имконот ё монеаҳои махсусро ба вуҷуд оваранд.

Хулоса, ҳаминро бояд қайд намуд, ки барои рушди устувори истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, якчанд омилҳо бояд ба назар гирифта шаванд. Онҳо аз як тараф ба шароити табиӣ, монанди иқлим, замин ва захираҳои обӣ, ва аз тарафи дигар ба омилҳои иқтисодӣ, масалан, дастрасии сармоя, инфрасохтор ва сиёсати давлатӣ дахл мекунанд. Вақте ки шароити табиӣ ва иқтисодӣ мувофиқ бошанд, рушди соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли хӯрокворӣ ба осонӣ имконпазир мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 23.12.2018. – 62 с.
2. Бозори озуқаворӣ ҳамчун воситаи таъмини амнияти озуқаворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Пиризода Ҷ.С., Зарифзода З.К. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷалаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ и иқтисодӣ. Душанбе – 2022. - №3 (110) - С. – 112 – 121.
3. Вартанова М.Л. Продовольственная безопасность страны и пути выхода из мирового продовольственного кризиса. / Монография. - М.: ИД «БИБЛИО-ГЛОБУС», 2016. – С. 67.
4. Исайнова М.Ҳ. Худтаъминкунии озуқаворӣи минтақа: вазъи ҳозира ва дурнамоии пешрафт [Матн] / М.Ҳ. Исайнова // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2021. – № 2. – Қисми 2. – С. 28-34.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқ намудани меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ш.Душанбе аз 31 августи соли 2018, № 451
6. Маҷмуаи омории буллетени иттилоотӣ дар бораи бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. №4. 2020. – С. 20, №4. 2023. – С. 19.
7. Маҷмӯаи омории Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.
8. Нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2019; – С. 38, 2022. – С. 36, 2023 – С. 37.

УДК 33Т

**Хамидова С.Х.**

## РОҶЕЬ БА МАСЪАЛАҲОИ АСОСӢ ДАР БОРАИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ

Дар мақола тамоюлҳои рушди низоми бонкдории исломӣ, принсипҳои фаъолияти он, инчунин воситаҳои молиявие, ки дар доираи бонкдории исломӣ истифода мешаванд, баррасӣ шудааст. Хусусиятҳои фарққунандаи бонкҳои исломӣ ва анъанавӣ таҳлил карда шудаанд. Ба мушкилот ва дурнамои рушди низоми молияи исломӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** бонкдории исломӣ, бонкҳои анъанавӣ, бонкҳои исломӣ, фарқиятҳо, намудҳои амалиёт, принсипҳои амалиёт, қогазҲои киматнок, бесуботи молиявӣ, молия, пасандоз.

**Хамидова С.Х.**

## К ВОПРОСУ ОБ ОСНОВНЫХ ПРЕДСТАВЛЕНИЯХ О ИСЛАМСКОМ БАНКИНГЕ

В статье рассмотрены основы и тенденции развития системы исламского банкинга, принципы его деятельности, а также финансовые инструменты, которые применяются в рамках исламского банкинга. Проанализированы отличительные особенности исламских и традиционных банков. Особое внимание уделяется проблемам и перспективам развития системы исламских финансов.

**Ключевые слова:** исламский банкинг, традиционные банки, исламские банки, отличия, виды операций, принципы проведения операций, ценные бумаги, финансовая нестабильность, финансы, сбережения

**Khamidova S.Kh.**

## TO QUESTIONS ABOUT BASIC REPRESENTATIONS ABOUT ISLAMIC BANKING

The article discusses the fundamentals and trends in the development of the Islamic banking system, the principles of its activities, as well as financial instruments that are used within the framework of Islamic banking. The distinctive features of Islamic and traditional banks are analyzed. Particular attention is paid to the problems and prospects for the development of the Islamic finance system.

**Keywords:** Islamic banking, traditional banks, Islamic banks, differences, types of operations, principles of operations, securities, financial instability, finance, savings.

Васеъ гардидани доираи фаъолияти бонкҳои исломӣ дар шароити муосир як падидаи муҳими муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Пойдоршавӣ ва густариши фаъолияти бонкҳои исломӣ аз афзоиши аҳамияти онҳо дар таъмини рушди иқтисодии мамлакатҳо гувоҳӣ медиҳад. Ташкилотҳои бонкии дар асоси заминаҳои бонкдории исломӣ фаъолият баранда дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ аз рӯи тавлид ва ташаккули сармояи оинномавӣ нею, балки вобаста аз принсипҳои фаъолияти сармоягузории исломӣ шинохта мешаванд. Бонкдории исломӣ, ки имруз то андозае шуҳрат пайдо кардааст, як шакли ташкилоти бонкие мебошад, ки дар он хидматрасонии қарзӣ ва пасандозӣ, аз ҷумла навъҳои тафриқавии маҳсулоти амонатӣ ба мизоҷон дар асоси бефоиз пешниҳод карда мешавад.

Дар асоси иштироки саҳҳомӣ ва тақсими минбаъдаи муштараки фоида ва зиён байни бонк ва муштарии қарзгир, ба ҷои амалиёти анъанавии қарзии бонкҳои тиҷоратӣ, ки комилан

дар асоси фоизи қарз амал мекунанд, бонкдории исломӣ тадриҷан ҷорӣ карда шуда, ба пайвастани қишрҳои назарраси аҳолӣ ба бонкдории институтсионалӣ ва хизматрасониҳои мунтазами бонкӣ мусоидат мекунад.

Низоми бонкдории исломӣ ҷузъи муҳими иқтисодиёти муосир ба ҳисоб рафта, дар ин самт таҳқиқотҳои зиёде доир ба иқтисодиёти исломӣ чӣ дар кишварҳои Ғарб ва ҳам дар кишварҳои Шарқ асосан ба фаъолияти бонкҳо ба бонкҳо бахшида шудаанд. Чунин муносибат бо хислати асосии низоми бонкии исломӣ дар доираи модели иқтисодиёти исломӣ асоснок карда мешавад, ки дар он дарёфти сарчашмаҳои маблағгузории исломӣ нақши марказӣ доранд [16, с.11].

Гузариш ба чунин низоми маблағгузории бонкӣ боиси афзоиши бемайлони суръати пасандозҳои пулии институтсионалӣ ва пурзӯр шудани фаъолияти соҳибкорӣ, пеш аз ҳама фаъолияти сармоягузории соҳибкорони хурди хусусии миллӣ, аз ҷумла саноатӣ мегардад. Дар ҳамин ҳол, барои аксари ташкилотҳои бонкие, ки бонкдории исломиро татбиқ мекунанд, сатҳи хавфи воқеӣ ҳангоми татбиқи намудҳои асосии амалиёт, бахусус сармоягузорӣ дар доираи усулҳои (нақшаҳои) истифодашавандаи онҳо метавонад, ба таври объективӣ нисбат ба усулҳои анъанавӣ хеле баланд бошад. Табиист, ки сатҳи самаранокии идоракунии хавфи сармоягузорӣ дар бонки исломӣ низ мавҷуд аст. Агар бонкҳои тиҷоратӣ, ки фоизи собит ё тағйирёбандаро аз қарзҳои додашуда ситонанд ва ё фишангҲои анъанавиро дар мисоли гарав, кафолат, замонат ва гайра истифода кунанд, бонки исломӣ системаи идоракунии хавфи сармоягузориро ба таври қобили мулоҳиза нисбат ба муштариёни карзгирандаи худ истифода мебаранд.

Солҳои охир истилоҳи «бонки исломӣ» дар луғати соҳаи молияи бисёр кишварҳои пешрафта мавқеи устувор пайдо кардааст. Бонки исломӣ унсури муҳим ва марказии низоми иқтисодӣ ва молиявии исломӣ мебошад. Ҳамчун муассисаи бонкӣ, онҳо ба монанди бонкҳои анъанавӣ низоми пардохти миллиро таъмин намуда, ҳамзамон нақши миёнаравии молиявиро иҷро мекунанд. Нисбат ба бонкҳои анъанавӣ, бонкҳои аз рӯи принсипҳои исломӣ фаъолият баранда дар пояи ҳамшарикии бонк бо соҳибкорон дар таъсисёбии фоида ва зарар аз амалиётҳои мухталиф асос мегирад. Дар фаъолияти бонки исломӣ воситаҳои пулӣ аз рӯи шартҳои махсус пешкаш карда шуда, фоизбандии қарз ва ё пасандоз дар назар дошта намешавад, яъне манъ аст [12,с.58].

Бонки исломӣ ҳамчун муассисаи молиявӣ бо ҷалб намудани пулҳои муваққатан озоди субъектони хоҷагидорӣ ва пешкаш намудани қарзҳо барои пешбурди фаъолият ба ҳама субъектон маблағҳоро пешкаш менамоянд. Нисбат ба бонкҳои анъанавӣ, бонкҳои исломӣ барои амонатҳои ҷалб гардида фоиз пардохт намекунад. Яъне ваъолият дар ин самт ҳамчун ҳашарикии бонк ва музоҷ ба роҳ монда мешавад.

Бонкҳои исломӣ аз фаъолияти бонкҳои анъанавӣ асосан аз рӯи идоракунии хавҳои гуногун дар шароити номӯътадилии молиявӣ ва тарзи ҷалбкунӣ ва пешкаш намудани маблағҳо барои фаъолияти хоҷагидорӣ фарқият доранд.

Гамбеева Ю.Н. ва Медведева С.Н. тафовути байни бонҳои анъанавӣ ва исломиро ба таври саҳеҳ ифода кардаанд, ки дар ҷадвали 1 оварда мешаванд.

**Ҷадвали 1. - Фарқиятҳои асосии бонки исломӣ ва анъанавӣ** [4]

| **Хусусиятҳо** | **Бонки исломӣ** | **Бонки аньанавӣ** |
|---|---|---|
| Арзишҳои ахлоқӣ ва динӣ | Эҳтиром ба принсипҳои исломӣ | Ба даст овардани фоидаи моддӣ |
| Истифодаи фоиз | Нест | ҳаст |
| Хусусияти ҷалобии муомилот | Нест | ҳаст |
| Амалиёт бо коғазҳои қиматнок | Пассивӣ | фаъол |
| Лоиҳаҳои асосӣ | Сармоягузорӣ | Қарзӣ |
| Меъёрҳои арзёбии қарзгиранда | Этикӣ ва молиявӣ | Молиявӣ |

| Самти иҷтимоӣ | Баланд | Паст |
|---|---|---|
| Кафолат ба сармоягузорон барои гирифтани фоида | вобастагӣ аз муваффақияти лоиҳа | Фоидаи кафолатнок |
| Принсипи тақсими фоида ва таваккал | Эътимоднокӣ ва даромаднокӣ | Қобилияти қарзии қарзгиранда |

Аз маълумоти ҷадвали мазкур мушоҳида кардан мумкин аст, ки фаъолияти бонкҳои исломӣ барои инкишофи фаъолияти корӣ дар иқтисодиёт бо дарназардошти ҳифзи манифатҳои системаи бонкӣ мусоидат менамояд. Ҷоиз ба таъкид аст, ки ҳамгоми ҳамкорӣ бо соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, бонкҳои исломӣ имкониятҳои молиягузории онҳоро ба назар гирифта, дар ташаккулёбии воситаҳои пулии муваққатан озод баҳри таъмин даромади низоми бонкӣ ва дар ин васила таъмин даромади молиявиро муқаррар менамояд. Мусаллам аст, ки низоми бонкӣ суръати рушди иқтисодиро муқаррар карда наметавонадю Онҳо танҳо барои ҳавасмандгардонӣ ва заминагузории рушди иқтисодӣ хизмат мекунанд. Яъне қобилияти қарздиҳии низоми бонкӣ ҳамчун омили ғайримустақими таъмини рушди иқтисодӣ баромад мекунад.

Низоми молиявии исломӣ одатан, ҳамчун низоми молиявии бе фоиз баҳогузорӣ карда мешавад. Ташкили фаъолияти бонкдории исломӣ пеш аз ҳама ба қонунҳои шариат, яъне маҷмӯи қоидаҳо ва қонунҳои исломӣ вобаста ба муносибатҳои иқтисодӣ, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷамъият такя мекунад. Дар ҳама гуна амалиёти бонкҳои исломӣ мамнунияти рибо – ҳисоб ва ситонидани ҳама намуди фоизҳои бонкӣ ба назар гирифта мешавад. Рибо, ки калимаи арабист, афзоиш ё изофаро мефаҳмонад дар бонкҳои исломӣ ҳамчун мизони фоизи бонкӣ ва яке аз шартҳои созишнома муқаррар карда шудааст [15, с.110].

Бонки исломӣ қарзҳоро бе дарназардошти фоиз, дар асоси иштироки кафолатнок дар фоидаи ояндаи мизоҷони худ, яъне сармоягузорон ба воситаи механизмҳои маблағгузории саҳгузорӣ, ки муассисаҳо истифода мебаранд, пешкаш менамояд.

Чунин тарзи ташкили муносибатҳои қарзию пулӣ тақсимоти ҳатмии муштаракро байни бонк ва мизоҷон дар назар дорад, ки фоида ва ё зарар аз амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузории аз ҷониби бонк маблағгузорӣ шаванда таъмин карда мешавад. Ба ақидаи мо бонкҳои исломӣ ҳамчун шакли махсуси дигаргуншудаи бонкҳои сармоягузории кооперативиро ифода мекунанд, ки дар арсаи байналмилалии бонкӣ мавқеи муайянро ишғол карда, бо сохтори иқтисодии мамлакатҳои татбиққунандаи принсипҳои чунин бонкҳо мувофиқ арзёбӣ карда мешаванд. Дар як қатор мамлакатҳои дунё мавқеи мустаҳками молиявии бонкҳои исломиро дар ташаккулёбии фаъолияти сармоягузорӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

Рушди фаъолияти бонкҳои исломӣ ва фаъолияти сармоягузории онҳо асосан бо афзоиши босуръати эҳтиёҷи қарзиии корхонаҳои хусусии маҳаллӣ ва миёнаи хусусӣ, инчунин ҷамъиятҳои мусулмонони хориҷӣ дар кишварҳои ғайриисломӣ алоқаманд аст. Бонкҳои исломӣ ба хотири тавсеаи доираи нуфузи худ дар кишварҳои мизбон шаклҳои фаъолияти пасандоз ва сармоягузориро тағйир медиҳанд, то ки принсипҳои динии шариатро нақз накунанд. Дар ин росто бонкҳои исломӣ дар шароити муосир кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки таъсири берунаи худро дар тамоми мамлакатҳои дунё ба таври пайдо намудани нуфузи трансмиллӣ васеъ намоянд. Бо ин мақсад онҳо кӯшиш мекунанд, ки фаъолияти хешро ба сохтори муосири бонкӣ мутобиқ намуда, дар бозори байналмилаии сармоя ва гардиши он саҳмгузор бошанд [9, с.75].

Хидматрасонии бонкӣ ба мизоҷон-қарзгирандагон дар асоси усулҳои исломии маблағгузорӣ, яъне низоми иштироки саҳҳомӣ, ки тақсими минбаъдаи фоида ё зиёни лоиҳаи сармоягузории ҷорӣ байни бонк ва мизоҷ- сармоягузор мебошад, сурат мегирад.

Маблағҳои бонкҳои исломӣ ба мизоҷ-сармоягузор дар шакли қарзҳои бефоиз, баъзан бо баъзе шартҳои бозпардохти иловагии имтиёзнок вобаста ба намуди шартномаи басташаванда ва усули истифодаи маблағгузории исломӣ ҷудо карда мешаванд. Ҳаққи

пардохти хизматрасонии қарзгир ба бонки маблағгузор аз хароҷоти воқеии техникии бонк вобаста ба пешниҳоди қарзи мушаххас зиёд буда наметавонад.

Ҳаракати бонкдории исломӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба як алтернативаи воқеӣ ба бонкдории анъанавӣ, пеш аз ҳама ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратии хусусӣ табдил ёфтааст, ки комилан ба ӯҳдадориҳои пардохти қарз, ҳисоб ва ситонидани (пардохти) фоизи қарз ва дигар пардохтҳои фоизӣ асос ёфтааст, ки одатан бо розигии тарафайн пешакӣ муқаррар карда мешавад.

Бонкҳои исломӣ фаъолияти якҷояи субъектони хоҷагидориро дар самти таъминоти рушди иқтисодӣ ба воситаи фаъол намудани унсурҳои институтсионалии бонкӣ дар назар дошта, ин равандро ҳамчун мақсади афзалиятноки худ меҳисобанд. Сухан дар бораи сафарбар намудани пасандозҳои пулии аҳолӣ аз ҷониби бонкҳои исломӣ, алалхусус алоқаманд намудани табақаҳои васеъи аҳолиро ба воситаи амалиётҳои бонкӣ аз рӯи принсипҳои исломӣ меравад. Боиси тазаккур аст, ки дар шароити муосир дар мамлакатҳои исломӣ қисми зиёди маблағҳои аҳолӣ берун аз низоми бонкӣ интиқол дода мешаванд, ки ба нобоварӣ ба низоми бонкӣ марбут аст.

Ҷорӣ шудани бонкдории исломӣ далели нобоварии мардуми мусалмонро ба бонкҳои анъанавии тиҷоратӣ, аз ҷумла хориҷӣ, аз байн бурда, имкон медиҳад, ки қишрҳои муҳими ҷомеа дар бонкҳои маҳаллӣ пул гузоранд ва пасандозҳои бонкиро бо риояи комили меъёру қоидаҳои шариат боз кунанд. Ин амал дар навбати худ ба бонкҳои исломӣ имкон медиҳад, ки маблағҳои ҷамъкардаи худро ба иқтисодиёт дубора сармоягузорӣ кунанд.

Бо дастгирии сармоягузории амонатгузорон бонкҳои исломӣ бо гирифтани иҷозат барои гузаронидани ин амалиёт ҳамчун намояндаи сармоягузор баромад мекунанд. Фоидае, ки аз сармоягузориҳои муваффақ ба даст омадааст, мутаносибан байни сармоягузор ва худи бонк тақсим карда мешавад. Аммо ҳангоми баррасии муомилоти пешниҳодшаванда бонк ҳуқуқ дорад, пас аз бастани шартномаи пардохт аз анҷом додани он ё гузаронидани он даст кашад.

Бонкҳое, ки аз руи усулҳои исломӣ амал мекунанд, чун бонкҳои тиҷоратии одӣ манбаи аввалини фоида (фарқи байни фоизи қарзҳои додашуда ва фоизи маблағҳои қарз) надоранд. Бо вуҷуди ин, бонкҳои исломӣ то ҳол манбаи фоида доранд.

**Ҷадвали 2. – Махсусиятҳои амалиётҳое, ки дар бонкҳои исломӣ гузаронида мешаванд**

| Ном | Хусусиятҳо |
|---|---|
| Мудараба [2] | Сухан дар бораи бастани шартномаи махсуси молиявӣ меравад, ки мувофиқи он як ё якчанд соҳибони хусусии сармоя ҳуқуқи истифода бурдани онро ба агент (оператор) ё мудир — мудариб барои пеш бурдани кори муайян медиҳад. Баъди ба итмом расидани лоиҳаи сармоягузорӣ мудариб ба соҳибони (соҳибони) сармоя маблағи асосии сармояи (қарзӣ) ҷалбкардаи ӯ бо иловаи ҳиссаи қаблан муайяншудаи фоидаи умумии аз лоиҳаи сармоягузории амалӣ гирифташударо мепардозад; бокимондаи даромад пурра ба моликияти мудариб мегузарад (мувофики он хисоротро сохибони сармоя хамеша бар душ доранд); Принсипи Мудараба маъмулан барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории рушди дарозмуддат ва дар муомилот бо коғазҳои қиматнок, аз ҷумла коғазҳои қиматноки давлатӣ истифода мешавад. |
| Ширкат[4] | Принсипи иқтисодӣ, ки тибқи он ду ё зиёда соҳибкорони дигар бо сармояи худ саҳм гузошта, бевосита дар ташкили тиҷорати муштарак ширкат меварзанд ва баъд мутаносибан фоида ва зиёнро мувофиқи ҳиссаи воқеии |

| | |
|---|---|
| | сармояе, ки ҳар як сармоягузор ба лоиҳаи сармоягузорӣ гузоштааст, тақсим кунанд. |
| Мушарака [2] | корхонаи муштарак, шартномаи ҳамкорӣ ва иштироки саҳҳомӣ, вақте ки қарзгир (оператор) ва соҳиби сармоя ё мудири ширкати маблағгузор дар асоси баробарӣ амал мекунанд. |
| Мурабаха [2] | муомилоти тиҷоратӣ, ки бо шартҳои шартнома дар бораи тақсимоти якҷояи фоидаи бадастомадаи савдо дар байни хамаи иштирокчиён, аз ҷумла дар асоси саҳмияҳои пештар мукарраршуда ва устувори хар як иштирокчӣ ба амал бароварда мешаванд. Принсипи муробаҳа инчунин метавонад дар савдо бо пардохти минбаъда, аз ҷумла дар асоси пардохти боқимонда (батаъхиргузорӣ) барои таҳвили фурӯхташуда ба харидор, инчунин маблағгузории савдо аз ҷониби бонкҳои исломӣ, ки тибқи принсипи муқарраркунӣ амалӣ карда мешавад, татбиқ карда шавад. иловапулй аз тарафи бонкхо аз руи нархи ибтидоии хариди мол. Гап дар сари он аст, ки дар ин ҳолат бонк моли қаблан харидаашро ба муштарӣ бо нархи баландтари фурӯши ниҳоии қаблан бо ӯ мувофиқашуда мефурӯшад. |
| Иджара [2] | аслан аналоги амалиёти лизингӣ; ин шартномаи мақсаднок оид ба додани амвол ё азхудкунии амвол ё ҳамкории дарозмуддатест, ки баъдан ба азони худ ё додани амвол ба иҷорагир оварда мерасонад |
| Иджара ва-иктина [2] | шартномаи махсуси лизингӣ, ки тибки он муштарӣ хуқуқи бозхаридани таҷҳизот, бино ва дигар объектхои қаблан ба иҷора гирифташударо мегирад ва ба онҳо хуқуқи моликияти қонуниро дар лаҳзаи расидани пардохтҳои ҷамъшудаи иҷора ба сатҳи мувофиқ ба андозаи пештара мегирад. Байни контрагентҳо нархи ниҳоии фуруши объекти ин шартномаи лизинг мувофиқ карда мешавад. |
| Амана[4] | нигоҳдории масъулиятнокӣ боваринокӣ маблағҳои аз ҷониби бонк бе хуқуқи ихтиёрдории бевоситаи объекти худи трест ҷалбгардида (аз ҷумла дар асоси аз ҷониби бонк таъсис додани фондҳои заҳиравии иловагӣ ва кафолат). |
| Истисна [5] | аз ҷониби бонк маблағгузории истеҳсоли саноатӣ таҷҳизот ё маҳсулоти махсусгардонидашуда бо саҳми муқарраршуда (иштироки ҳиссавӣ), ки муштарӣ – қарзгир ба истеҳсолот медиҳад; саҳми он дар истеҳсолот одатан дар асоси нархи фурӯши қаблан бо бонк мувофиқашудаи таҷҳизот ё маҳсулоти саноатии истеҳсолкардаи қарзгир ҳисоб карда мешавад |
| Қарз алъ-ҳасан [7] | қарзи хайрияи бефоиз, ки дар он қарзгиранда ба бонк танҳо барои хизматрасонии хисоббаробаркуни (техники)-и худ аз қисми истифодашудаи маблағгузории ба у ҷудошуда (хати карз) пардохт мекунад |

***Сарчашма***: ҷадвал аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст

Аз ҷадвали мазкур метавон хулоса кард, ки тибқи принсипҳои низоми бонкдории исломӣ усулҳои муайяншудаи маблағгузорӣ аз ҷониби бонкҳои хусусии миллии мусулмонии маҳаллӣ иҷозат дода мешавад. Ҳамаи ин аз намудҳои маҳсулоти бонкии исломӣ пешкаш мешуда дур мебошанд. Маҳсулоти бонкии исломӣ чунин намудҳоро фарогир мебошанд:

Бай Битхаман Аджил – Шартномаи пардохти таъхир

Бай Салям – Пардохти пешакӣ

Бай уль-Ина – Фурӯш бо интихоби харид

Вакала – Хадамоти агентӣ

Вадиа – Нигаҳдории ашёи қиматбаҳо дар бонк

Сукук – Коғазҳои қиматноки исломӣ [4]

Такафул – суғуртаи исломӣ

Дар даҳсолаи охир бо мақсади мутобиқ кардан ба шароити мушаххас ва муҳити иқтисодии кишварҳои алоҳидаи қабулкунанда, аз ҷумла тавассути ҷорӣ намудани қарздиҳии векселӣ ва лоиҳаи махсуси «исломишуда» ислоҳоти гуногун ва нақшаҳои махсуси маблағгузории исломӣ таҳия ва амалӣ карда шуданд [11, с.35]

Дар айни замон вазифаи асосии бонкдории исломӣ сафарбар намудани захираҳои тамоми қишрҳои аҳолӣ, ки қаблан пасандозҳои худро дар бонкҳои маҳаллӣ нагузоштаанд ва маъмулан ба гирифтани ягон қарзи бонкӣ муроҷиат накардаанд, мебошад. Ин муҳимтарин хусусияти бунёдии бонкдории муосири исломӣ ва тафовути он аз бонкдории анъанавӣ, пеш аз ҳама амалиёти бонкҳои тиҷоратии хусусӣ, аз ҷумла бонкҳои хориҷӣ дар кишварҳои қабулкунанда мебошад.

Дар шароити номӯътадилии молиявӣ дар сатҳи хоҷагии ҷаҳонӣ институтҳои исломӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири мусбӣ мерасонанд, ки онҳо на танҳо масъалаҳои марбут ба ниёиш ва рафторро дар ҳаёти ҳаррӯза, балки муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар муносибатҳои ҷомеаро низ танзим мекунанд.

Ҳамин тавр, бонки исломӣ дар муқоиса бо бонкҳои анъанавии тиҷоратӣ ба сифати ширкати сармоягузорию амонатгузорӣ амал мекунад. Номгӯйи маҳсулоти бонкӣ, ки бонкҳои исломӣ пешниҳод мекунанд, аз маҳсулоти бонкҳои анъанавӣ низ ба куллӣ фарқ мекунад ва пеш аз ҳама, ба коҳиши хавф дар шароити бесуботии молиявӣ нигаронида шудаанд.

Аз таҳлили хидматрасонии бонкҳои исломӣ ба хулосае метавон омад, ки онҳо ба нақшаҳои маблағгузории исломӣ асос ёфтаанд. Дар он иштироки саҳомии (сахмиявии) ҳамаи тарафҳои манфиатдор ва тақсимоти минбаъдаи муштарак ва чандкаратаи фоида (ё зарар)-ро дар тартиби муқарраргардида байни қарзгир-сармоягузор ва маблағгузори лоиҳаи бонки сармоягузорӣ ба инобат гирифта мешавад. Бонкҳо аз тағйироти нав дар хидматрасонии бонкӣ истифода хоҳанд кард. Бонкҳои исломӣ ҷорӣ намудани усулҳои маблағгузории сармоягузориро вобаста ба шароити додашудаи иқтисодӣ ва қонунгузории мамлакатҳои татбиққунандаи принсипҳои бонкдории исломӣ дар назар дошта, барои диверсификатсияи маҳсулоти бонкӣ ва дар ин замина таъмини рушди иқтисодӣ муосдиат менамоянд.

## АДАБИЁТ


1. Аболихина Г. А. Деньги, кредит, банки / Г. А. Аболихина [и др.]; под общ. ред. М. А. Абрамовой, Л. С. Александровой // Денежный и кредитный рынки: учебник и практикум для академического бакалавриата. – 2-е изд., испр, и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2018. – 436 с
2. А.А. Аль Аззави. Характеристика и современные проблемы исламских банков. //Вестник университета № 7-8, 2016. -С.10-16.
3. Беккин, Р. И. Исламская экономическая модель и современность.– М.: Издательский дом Марджани, 2009. – 337 с.
4. Гамбеева Юлия Николаевна, Медведева Светлана Николаевна Исламские финансы: особенности становления и развития // Российское предпринимательство. 2018. №1.URL:https://cyberleninka.ru ( санаи муроҷиат: 11.01.2024).

5. Журавлев А.Ю. Принципы функционирования исламских банков // Исламские финансы в современном мире: экономические и правовые аспекты/ Под ред. Р.И. Беккина. – М., 2004
6. Зарипов И.А. Исламские финансы как стратегический ориентир развития России // Вестник финансового университета, 2016. – № 1 (91).
7. Куран Т. Исламская экономическая мысль и исламская экономика // Христианство и Ислам об экономике / под ред. М. А. Румянцева, Д. Е. Раскова. СПб., 2008. - С. 298.
8. Львова Н.А. Исламские банки: особенности, проблемы, перспективы развития // Вестник Санкт-Петербургского университета. Серия 5. Экономика, 2013. – № 1
9. Марчуков, В. Ф. Деньги, кредит, банк в исламских странах-Казань, 2008. - С. 130. [Электронный ресурс]
10. Рябченко Людмила Ивановна Перспективы развития исламского банкинга в России // Вестник ГУУ. 2018. №9. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/perspektivy-razvitiya-islamskogo-bankinga-v-rossii (санаи муроҷиат: 13.09.2024).
11. Таки Усмани М. Введение в исламские финансы. – М.: Исламская книга, 2013. – 140 с
12. Тахири, К. М. Исламский банкинг между реальностью и амбициями, первое издание [Электронный ресурс] / К. М. Тахири. – Режим доступа: http://ketab4pdf. blogspot.ru /2015 / 01 /pdf- Book -Islamic-banksbetweenreality-expectations.html (дата обращения: 09.06.2024).
13. Трунин П., Каменских М., Муфтяхетдинова М. Исламская финансовая система: современное состояние и перспективы развития. - М.: ИЭПП, 2009. - 56 с.
14. Харон С., Ван Нурсофиза Ван Азми. Исламские финансы и банковская система. Философия, принципы и практика. Пер. с англ. – Казань: Линова-Медиа, 2012. – 536 с.
15. Хайрзода Ш.К. Низоми молиявӣ ва бонкдории исломӣ. -Душанбе,2017- С.100-113.
16. Хайрзода Ш.К. Исламский банкинг: общие и частные принципы ее использования в зарубежных странах//Финансово-экономический вестник. 2019. № 2 (18). С. 7-11.
17. Хусейнова Д. К., Хусаинов М. К. Теоретические основы исламского банкинга // Проблемы экономики и юридической практики. 2012. №3. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/teoreticheskie-osnovy-islamskogo-bankinga (санаи муроҷиат: 9.01.2023).

**УДК 336.717.1:33**

**Холназаров М.Б.**

## ТАҲАВВУЛОТИ КОНСЕПСИЯИ АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ

Дар мақола оид ба таҳаввулоти консепсияи амнияти энергетикӣ сухан меравад. Дар шароити ташаккулёбии муносибатҳои бозоргонӣ, ки бо дигаргуниҳои амиқи иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманданд, яке аз вазифаҳои муҳим ин таъмини амнияти энергетикии кишвар мебошад. Новобаста аз возеҳ будани мафҳуми илмии амнияти энергетикӣ, бо назардошти ҳадафҳои стратегии мамлакатҳо, ҳамзамон тағйирёбии хусусиятҳои асосии бозор истеҳсол ва истеъмоли энергия, мундариҷаи консепсияи амнияти энергетикӣ дар илми иқтисодиёт мунтазам тағйир ёфта истодааст. Истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ ҳамеша суботи иқтисодӣ ва мавҷудияти осоиштаи ҷамъиятро таъмин менамуд, аммо дар оғози инқилоби саноатӣ мавқеи энергия дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоӣ бештар гардида, ҳамчун соҳаи сохторбунёдкунандаи иқтисодиёт эътироф гардид. Дар асоси муносибатҳои дар боло зикр шуда, дар ин мақола зери мафҳуми амнияти энергетикӣ таъмини эътимодноки иқтисодиёти ҷаҳонӣ, намудҳои гуногуни энергия бо арзиши инъикоскунандаи принсипи асосии иқтисодиёт бо камтарин зарар ба муҳити зист фаҳмида мешавад.

**Калидвожаҳо:** энергетика, амнияти энергетикӣ, самаранокӣ, истеҳсоли энергия, рушди устувор, сарчашмаи энергия, захираҳои энергетикӣ.

**Холназаров М.Б.**

**ЭВОЛЮЦИЯ КОНЦЕПЦИИ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ**

В данной статьи речь идёт о эволюция концепции энергетической безопасности. В условиях преобразавания рыночных отношений которые взаимосвязаны с экономическими и социальными изменениями одно из основных задач является энергетическая безопасность страны. Несмотря на кажущуюся простоту и очевидность понятия энергетической безопасности, с течением времени содержание концепции энергетической безопасности претерпело значительные изменения. Потребление энергетических ресурсов всегда сопровождало существование любого общества, однако только с началом промышленной революции роль энергии стала ключевой в обеспечении устойчивого социально-экономического развития. На основе вышеизложенных отношениях, в данной работе под понятием энергетическая безопасность подразумевается надежное обеспечение мировой экономики, различными видами энергии по ценам, отражающим основные экономические принципы, с минимальным ущербом для окружающей среды

**Ключевые слова:** энергетика, энергетической безопасности, эффективность, производство энергии, устойчивое развитие, источник энергии, энергетические ресурсы.

**Kholnazarov M.B.**

**EVOLUTION OF THE CONCEPT OF ENERGY SECURITY**

In this article has given information about the evolution of the concept of energy security. In the conditions of the formation of market relations, which are connected with deep socio-economic changes, one of the important tasks is to ensure the country's energy security. Regardless of the clarity of the scientific concept of energy security, taking into account the strategic goals of countries, along with the changes in the main characteristics of the energy production and consumption market, the content of the concept of energy security in economics is constantly changing. The rational use of energy resources has always ensured economic stability and peaceful existence of society, but at the beginning of the industrial revolution, the role of energy in ensuring sustainable economic and social development has increased, and it has been recognized as a structural sector of the economy. On the basis of the relations mentioned above, in this article, the concept of energy security is understood as the reliable supply of the world economy, various types of energy at a cost that reflects the basic principle of the economy with the least damage to the environment.

**Keywords:** energy, energy security, efficiency, energy production, sustainable development, energy source, energy resources.

Мусаллам аст, ки энергия омили калидии таъминкунандаи ташаккулёбии низомҳои иқтисодӣ ва консепсияҳои муосири амнияти энергетикӣ мебошад, ҳамзамон усулҳои арзёбӣ ва роҳҳои баландбардории он мавзуи мубрами баҳсҳои нотамом ва бомаром шиддат гирифтани таҳқиқотҳои илмӣ гардида истодааст. Новобаста аз возеҳ будани мафҳуми илмии амнияти энергетикӣ, бо назардошти ҳадафҳои стратегии мамлакатҳо, ҳамзамон тағйирёбии хусусиятҳои асосии бозор истеҳсол ва истеъмоли энергия, мундариҷаи консепсияи амнияти энергетикӣ дар илми иқтисодиёт мунтазам тағйир ёфта истодааст.

Истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ ҳамеша суботи иқтисодӣ ва мавҷудияти осоиштаи ҷамъиятро таъмин менамуд, аммо дар оғози инқилоби саноатӣ мавқеи энергия дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоӣ бештар гардида, ҳамчун соҳаи

сохторбунёдкунандаи иқтисодиёт эътироф гардид. Дар натиҷаи инқилоби саноатии соли 1700 дар Англия оғозгардида, истифодаи биомассаро ҳамчун энергиятавлидкунанда ба захираҳои ангишт, ки сарчашмаи нави энергия дониста шуда буд, иваз карда шуд.

Солҳои 1650-1740 нархи воқеии ҳезум ҳамчун сӯзишворӣ ва сарчашмаи энергия нисбатан боло рафта, ҳамзамон камшавии ин захира мушоҳида гардид, ки дар натиҷа зарурати истифодаи захираҳои ангишт пайдо гардида, баъдан истифодаи ангиштро ҳамчун сарчашмаи энергия пурра иваз намуданд [9].

Бо ҳамин сабаб, дар давоми асри XVIII дар соҳаи саноат барои истеҳсоли энергия ҳезумро бо ангишсанг ба пуррагӣ иваз намуда, маҷрои рушди саноатро тағйир доданд. Ҳамзамон, ҳангоми истифодаи захираҳои ангишт барои истеҳсоли энергия зерсоҳаҳои дигари саноат пайдо шуда, ба ташаккулёбӣ оғоз намуданд, ки дар инқилоби саноатии ҷаҳон давраи ташаккули навро ворид намуданд. Дар ҳамин давра маротибаи аввал фаҳмиши назорати сарчашмаҳои табиии шаклҳои сӯзишворӣ ҳамчун омили муваффақиятҳои ҷангӣ ва суботи низомҳои истеҳсолӣ, инчунин соҳаҳои нақлиёт ва алоқа пайдо гардид. Дар баробари ин, афзоиши бошиддати истифодаи ангишт дар асри XIX нигарониҳои (ташвишҳои) норасогии онро дар раванди истеҳсолот ба вуҷуд овард, ки барои пайдо намудани сарчашмаҳои дигари энергетикӣ ҳамчун фарзияҳои илмӣ зарур гардид.

Яке аз иқтисоддонҳои машҳури британиёгӣ У.С. Ҷевонс ҳамзамон, яке аз ҷонибдорон ва асосгузори назарияи «Фоидаи ниҳоӣ» дар таҳқиқоти худ «The coal question», ки ба масъалаҳои заминавии самаранокии энергетикӣ ва истифодаи захираҳои энергетикӣ бахшида шуда буд, ба ташаккули иқтисодиёти энергетикӣ саҳми босазо гузошта буд. Гарчанде афзоиши соҳаи саноат дар Британияи Кабир дар ангишти арзон асос ёфта буд, У. С. Ҷевонс исбот намуда буд, ки зиёдшавии арзиши (нархи) ангишт вобаста ба зарурияти коркарди он аз конҳои чуқур ба рушди иқтисодӣ монеа эҷод менамояд. Назари манфии У. С. Ҷевонс ба таъминоти энергетикии иқтисодиёти Британияи Кабир дар он асос меёфт, ки «на рушди технологӣ ва на истифодаи дигар намуд захираҳои табиӣ мушкилоти мазкури рушди иқтисодии мамлакатро бартараф карда наметавонад». Вай натиҷаи манфии истифодаи зиёди ангиштро барои истеҳсоли энергия асоснок намуда, ҳамзамон пайомадҳои манфии иқтисодиву экологиро ба инобат гирифта, исбот намуд, ки баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ба монанди ангишт, танҳо ҳаҷми талаботро ба ҳамин захира бештар мегардонад, на балки коҳишдиҳии сатҳи талаботро.

Новобаста аз он, ки У. С. Ҷевонс мушкилоту пайомадҳои манфии нестшавии захираҳои ангишро дар алоқаманди бо пайдошавии мушкилоти амиқи иҷтимоию экологӣ ва истихроҷи нефту энергетикаи обиро ҳамчун ивазкунандаи (алтернативаи) ангишт барои Британияи Кабир ва ҷаҳон чандон диққат зоҳир накарда бошад ҳам, паҳлӯҳои дигари таҳқиқоти ӯ дар рушди назарияи иқтисодиёти энергетикӣ ва экология, инчунин марҳилаи аввали таҳқиқи масъалаҳои таъмини амнияти энергетикии мамлакат заминаҳои муҳим гузоштанд.

Дар аввалҳои асри XX таваҷҷӯҳ ба таъмини амнияти энергетикӣ бештар бо мақсади таъмини намудани низоми ҳарбӣ бо сӯзишворӣ ва энергия ҷиҳати нигоҳдорӣ ва устуворгардонии иқтидори қудратмандии он бештар гардида буд. Вазъияти бӯҳрони норасогии гармидиҳии соли 1916 дар Британияи Кабир ба амал омада ҳукумати мамлакатро водор намуд, ки сиёсати ба меъёрдарории гармидиҳиро роҳандозӣ намуда, таҳияи сиёсати миллии нефтистифодабариро мувофиқа ва ҳавасманд гардонида, бо ҳамин васила таваҷҷӯҳи ҳукуматро ба масъалаҳои амнияти энергетикӣ бештар намуд [19, с.176].

Маҳз чунин ҳодисаҳо ва дигаргуншавиҳои рушди иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳон барои таҳияи консепсияҳои алоҳидаи таъмини амнияти энергетикии давлатҳо ҳамчун фарзияҳои илмӣ асос гардида, архитектураи (қолабҳои) пайдошавии амнияти энергетикӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири сиёсати иқтисодии давлатҳо мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст.

Қобили қайд аст, ки дар охирҳои ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар баробари ба мушкилоти норасогии сӯзишворӣ дучор гардидани Британияи Кабир дигар мамлакатҳо низ ба ин мушкилот дучор гардида, коҳишёбии сатҳи рушди иқтисодии худро эҳсос намуда буданд. Дар

натиҷа моҳи феврали соли 1918 конференсияи байналмилалӣ баргузор карда шуд, ки дар он давлатҳои ИМА, Британияи Кабир, Фаронса ва Италия иштирок намуда, бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва назорати ҳамаи амалиётҳои ҳамли нефтро дар байни мамлакатҳои номбурда қарорҳои дахлдор қабул намуда буданд. Низоми логистикии ҳамли нефт дар якҷояги ба тавсиб расонидашудаи давлатҳои болозикр бо пурзӯр намудани чораҳои бехатарии ҳаракати танкерҳои нефтӣ мушкилоти ҳамли нефтро то охири ҷанги якуми ҷаҳон таъмин карда буд. Аммо мутаасифона, масъалаи мазкур бо сар задани ҷанги дуюми ҷаҳон шурӯъ аз соли 1937 боз мубрам гардида, мавқеи стратегӣ доштани нефтро ҳукумати Британияи Кабир собит намуда, ҷиҳати банақшагирии беҳтарсозии иқтидори низоми ҳарбӣ масъалаҳои таъмини эътимодноки ҳамли нефтро барои мамлакат аз нав шурӯъ намуд [19, с. 366].

Дар аввалҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар натиҷаи якбора афзоиш ёфтани миқдори нақлиёт, бахусус ҳавопаймоҳо ва киштиҳои зериобии ҷангӣ мушкилоти таъмини энергия ва сӯзишворӣ дар низоми ҳарбӣ ва иқтисодиёт, инчунин афзоиши истеҳсолоти энергияталаби саноат боз ҳам мураккаб гардид. Дар натиҷаи механикунонии бошиддати саноат, талаботи ҷаҳонӣ ба нефт дар марҳилаҳои охири ҷанги якуми ҷаҳон то аввали ҷанги дуюми ҷаҳон зиёда аз 3 маротиба афзуд. Олмон дар соли 1930 аз содироти нефт бештар вобастагӣ дошт, аммо дар баробари ин захираҳои бузурги ангишт ҳам дошт ва барои таъмини амнияти энергетикии худ ба ҷанг омодагӣ дида, ба истеҳсоли босуръати сузишвории синтетикӣ машғул гардид. Дар аввали ҷанги дуюми ҷаҳон сӯзишвории синтетикӣ дар асоси истифодаи ангишт талаботи қариб нисфи истеъмолкунандагони мамлакатро қонеъ мегардонд [2]. Аммо, гарчанде, ки инфрасохтори зарурӣ барои истеҳсоли сӯзишвории синтетикӣ аз нигоҳи технологияи истеҳсолӣ мураккаб, маблағталаб ва дар ҳуҷумҳои ҳавои заифӣ дошт, истеҳсоли сӯзишвории синтетикӣ сатҳи амнияти энергетикии Олмонро начандон зиёд таъмин карда тавонист.

Эълон гардидани эмбарго (таҳрим) солҳои 1973-1974 аз тарафи давлатҳои содиркунандаи нефт (Organization of the Petroleum Exporting Countries, OPEC) ба давлатҳое, ки Исроилро дар муноқишаи байнисарҳидии Исроил бо давлатҳои Сурияву Миср ҷонибдорӣ мекарданд, ба буҳрони ҷаҳонии норасогии нефт сабаб гардид, ки ин вазъияти барои ташаккули минбаъдаи таъмини амнияти энергетикӣ ҳамчун такони нав гардид. Гузашта аз ин, давоми як сол нархи нефт дар бозори ҷаҳонӣ якбора чор маротиба баланд гардид.

Солҳои 1976-1980 дар бисёри мамлакатҳои истеҳсолкунандаи нефт (Шарқи наздик) раванди милликунонии соҳаҳои ба нефт алоқамандбуда сурат гирифт, ки якбора ба афзоиши босуръати нархи нефт ва баъдан коҳишёбии суръати рушди иқтисодӣ оварда расонид. Чунин вазъияти бозори ҷаҳонии нефт собит менамояд, ки ҳангоми таъсиррасонии ҳама гуна омилҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ мустақиман такмилдиҳии ҷузъҳои алоҳида ё ташаккули механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии консепсияи таъмини амнияти энергетикиро тақозо намуда, ба пайдошавии давраҳои нави рушди консепсияи таъмини амнияти энергетикӣ замина мегузорад.

Ҳодисаҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати таъмини эътимонокии ҳамли нефт мамлакатҳои дунёро хело нигарон менамояд. Чунки тағйирёбии муносибатҳои истеҳсолӣ, истеъмолӣ, логистика ва суғуртаи интиқолдиҳии нефт дар бозори ҷаҳонӣ татбиқшавии нақшаҳои стратегии таҳия гардида, вазифа ва ҳадафҳои дурнамои рушди мамлакатҳоро дар алоқаманди бо тағйирёбии унсурҳои бозори энергетикии ҷаҳон зери шубҳа мегузорад.

Таҳқиқотҳои илмии солҳои 1970-1990 дар самти таъмини иқтисодиёт бо захираҳои энергетикӣ гузаронидашуда, бештар фарогири мушкилоти амалкард ва самаранокии фаъолияти бозорҳои энергетикӣ мебошад. Дар маҷмуъ, қайд намудан мумкин аст, ки дар ҳамаи давраҳои дигаргуншавиҳои бозории ашёи саноатии энергиятавлидкунанда, мафҳум ва моҳияти асосии амнияти энергетикӣ дар эътимоднокӣ ва ҳамли мунтазами (бетаъхири) нефт бо назардошти таъмини муътадилии нархи он зоҳир мегардад. Аниқтараш, мафҳуми илмӣ ва фаҳмиши асосии амнияти энергетикӣ ба мавҷудияти воқеии захираҳои энергетикӣ бо назардошти ҳаҷми ашёи энергиятавлидкунандаву иқтидори саноатӣ, инчунин дар таъмини эътимодноки муътадилияти нархи он асос меёбад.

Дар китоби «Иқтисодиёти амнияти энергетикӣ» [5], ки натоиҷи таҳқиқотҳои 20 соли гузаштае, ки ба мушкилоти таъмини амнияти энергетикӣ бахшида шудааст, як қатор муҳаққиқон мафҳуми амнияти энергетикиро вобаста ба хусусиятҳои вазъи бозорӣ ва ҳадафҳои аҳамияти рушди стратегидоштаи давлатӣ чунин маънидод намудаанд: - амнияти энергетикӣ бо эҳтимолияти талафоти иқтисодии дар натиҷаи ивазшавии нархи захираҳои энергетикӣ ва ё воқеан мавҷуд будани онҳо пайдо мешавад, алоқаманд аст. Дар чунин фаҳмиши мафҳумгузории амнияти энергетикӣ, муаллифон бештар ба захираҳои энергетикӣ такя намуда, маҷрои асосии таҳқиқи онҳо дар истеҳсолу ҳамл ё доройияти воқеии нефт равона гардидааст.

Чунин нуқтаи назарро вобаста ба мафҳумгузории амнияти энергетикӣ дигар муаллифон ба монанди Д.А. Диз [8], Т. Берглунд ва Л. Моден [4] ҷонибдорӣ намуда, ҷанбаҳои назариявӣ-ташкилӣ ва консептуалии амнияти энергетикиро дар заминаи ҳадафҳои рушди иқтисодии мамлакатҳо васеътар намуданд. Ба ақидаи онҳо, амнияти энергетикии давлат тавассути имконниятҳои бетаъхир ва бо нархҳои мусоид дастрас намудани захираҳои энергетикӣ муайян карда мешавад. Бо ҳамин маънӣ Ҷ. Георгиу [10] дар аввалҳои соли 1990 сатҳи амнияти энергетикии ИМА-ро таҳлил намуда буд. Мувофиқи таҳқиқоти ӯ, бо назардошти сохтори истеҳсолӣ ва истеъмолии энергия соли 1980, нефт ҳамчун сарчашмаи калидии асри XXI чӣ барои ИМА ва ҳам барои дигар мамлакатҳои дунё дониста шуда, ҳамзамон сатҳи зиёди таваккали амнияти энергетикии ИМА маҳз бо буҳронҳои байналмилалии бозори нефт алоқаманд буд. П. Тсвейфел ва С. Бонома [20] таваккали асосии амнияти миллии энергетикиро дар кандашавии ҷараёни ҳамли нефт ва газ мебинанд.

Агентии байналмилалии энергетикӣ (АБЭ) ба мамлакатҳои воридкунандаи нефт тавсия медиҳад, ки дар ҳолатҳои кандашавии раванди ҳамли нефт, анборҳои захиравии нефту гази худро барои 90 рӯз пур кунанд. Муайянсозии чунин муҳлати захиракунии нефту газ номутобиқии байни амнияти энергетикӣ ва ҳаҷми хароҷот барои захиракунии нефту газро ба миён овард. Оид ба ҳамин масъала, муҳаққиқон зарурияти зиёд намудани меъёри ҳаҷми захиракуниҳоро асоснок намуда, иброз доштанд, ки ҳангоми муайян намудани муҳлати (90 рӯза) муқаррар намудаи АБЭ эҳтимолияти дар як вақт ё ҳолати сатҳи таваккали муваққатан кандашавии раванди ҳамли нефту газ хуб таҳлил нашудааст.

Баъди муътадилияти нархҳои ҷаҳонӣ ба нефт ва коҳишёбии сатҳи эҳтимолияти муққарар намудани эмбарго ба нефт, фаъолнокии муҳаққиқон оид ба ҳалли масъалаҳои таъмини амнияти энергетикӣ нисбатан то солҳои 2000 кам гардид. Зиёдшавии таваҷҷӯҳи муҳаққиқон ва доираҳои гуногуни сиёсӣ оид ба мушкилоти арзёбӣ ва таъмини амнияти энергетикӣ дар охири солҳои 2000-ум бо сабабҳои зерин сурат гирифта буд:

1. Садамаи кандашавии хатҳои баландшддати энергияи барқӣ ва вайроншавии объектҳои истеҳсолӣ, бахусус 19 сентябри соли 2003 обхезии «Изабел» ба вайроншавии хати таъмини электроэнергияи нуҳ штатҳои ИМА оварда расонида буд, 28 сентябри соли 2003 туфони баҳрӣ дарахтони бузургро шикаста ба хатҳои ҳамли барқ, ки давлатҳои Швейтсарияро бо Италия пайваст менамуд, қариб тамоми ҳудуди ин давлатҳо бе барқ монда буданд. Дар охирҳои моҳи августи соли 2005 обхезии «Катрина» заводҳои истихроҷ ва коркарди нефтро дар халиҷи Мексикаи ИМА зарари ҷиддӣ расонид.

2. Номувофиқӣ оид ба масъалаҳои транзити газ байни давлатҳои Россия ва Украина солҳои 2005-2006, бисёр давлатҳои аврупоиро оид ба таъмини мунтазамии ҳамлии газ аз Россия ба ташвиш овард. Аз ҷумла, васеъ гардидани ҳамин гуна носозиҳои байни давлатҳо ба тағйирдиҳии амалии сиёсати энергетикии онҳо оварда расонид.

3. Якбора баланд гардидани нархи нефт дар соли 2008, давраи нисбатан муътадилии нархи нефт байни солҳои 1980 ва охирҳои соли 1990 ба қайд гирифта шуда буд, ки баъдан нархи нефт дар бозори ҷаҳони нисбатан баланд гардидан гирифт. Аз соли 1999 то 2008 нархи нефт зиёда аз 6 маротиба баланд гардид, ки баъдан таи ду соли охир аллакай соли 2011 нархи нефти тамғаи Brent ба 111 дол. ИМА. расид. Таваҷҷӯҳи бештар ба мушкилоти амнияти энергетикӣ на танҳо дар асоси баланд гардидани нархи нефт, балки дар лаппиши сахти мушкилоти ояндабании тамаркузи (динамикаи) минбаъда пайдо гардид.

4. Афзоиши босуръати талабот ба захираҳои энергетикӣ дар давлатҳои Осиё низ мушоҳида гардид, ки ҳолати аз нав тақсимкунии селоби захираҳои энергетикии ҷаҳонро ба миён овард. Ҳиссаи Ҷумҳурии Чин дар истеъмоли ҷаҳонии захираҳои энергетикӣ дар давраи аз соли 1991 то солҳои 2008 аз 8% то 19% афзоиш ёфт, дар ҳоле, ки ҳаҷми воқеии истеъмолии захираҳои энергетикии Чин ба миқдори 3 маротиба афзоиш ёфт. Ҳиссаи давлатҳои назди уқёнуси Атлантида дар истеъмоли ҷаҳонии захираҳои энергетикӣ дар ҳамин давра аз 22,3% то 36,7% зиёд гардид.

5. Буҳрони молиявӣ-иқтисодии ҷаҳоние, ки соли 2008 сар зада буд пайомадҳои зиёдшавии таваҷҷӯҳи давлатҳоро ба масъалаҳои амнияти иқтисодиву молиявӣ зиёд гардонд, ки инро ҳам, барои таъмини эътимоднокии ҳамли захираҳои энергетикӣ зарур шумориданд.

6. Садама дар Нақби ҳастаии энергетикӣ «Фукусима-1» соли 2011 дар Ҷопон рӯх дода буд, ки дар натиҷаи заминларза туфони Сунами пайдо шуда, таназзули табииро ба миён оварда, ба бозори ҷаҳонии газ таъсири худро расонида буд, гарчанде Ҷопон ва дигар давлатҳо баъди ин ҳодиса мавқеи энергияи ҳастаиро дар рушди иҷтимоиву иқтисодии худ бознигарӣ намуда буданд. Ҳукумати Ҷопон кӯшиш ба харҷ дод, ки мавқеи ҳастаиро дар доктринаи энергетикии худ коҳиш дода, дар натиҷа истеҳсоли энергияи ҳастаиро дар давоми ду соли баъди садама нисбатан коҳиш дод. Дар натиҷаи садамаи харобиовар афзоиши истеъмоли гази табииро дар Ҷопон зиёд намуда, дар соли 2011 ҳаҷми истеъмоли гази табиӣ 11,6% ва дар соли 2012 10,8% ташкил дод. Танҳо аз соли 2015 Ҷопон дубора ба истеҳсоли энергия аз ҳисоби Нақби ҳастаии энергетикӣ шурӯъ намуд, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли энергия соли 2017 ба миқдори 75,9 млрд. кВт с. расонида шуда буд, ки ин миқдор аз ҳаҷми то давраи садамавӣ (соли 2011), ки 294,2 млрд. кВс. ташкил медод, нисбатан кам мебошад.

Ҷумҳурии Олмон таҷрибаи Ҷопонро дар иқтисодиёти худ роҳандозӣ намуда, ҳаҷми истеҳсоли энергияи ҳастаиро нисбатан коҳиш дод (аз 140,6 млрд. кВт с. дар соли 2010 то 75,9 млрд. кВс. дар соли 2017).

Чӣ тавре, ки Л. Честер [7] қайд менамояд, оид ба мушкилоти таъмини амнияти энергетикӣ новобаста аз таҳқиқотҳои сатҳи гуногун гузаронидашуда, консепсияи амнияти энергетикӣ ба таври возеҳ баён нагардидааст, балки то солҳои 2005 ба таври интуитивӣ маънидод карда шуда, баъдан ҷанбаҳои рушди назариявии он дар корҳои таҳқиқотии дигар пайдо гаридид [13, 18]. Гузашта аз ин, чӣ тавре, ки Д. А. Болдвин [3] нишон медиҳад, дар солҳои 1990 дар дохили (таркиби) худи консепсияи амнияти миллӣ, мафҳуми амнияти энергетикӣ нисбатан норавшан маънидод карда шуда буд.

Ғайр аз сабабҳои дар боло нишон дода шуда, рушди консепсияи амнияти энергетикиро пешравии уфуқҳои муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодии соли 2000-ум оғоз шуда ҳавасманд гардонид (таккони ҷиддӣ дод) [11,14,15,16]. Дар заминаи ин, консепсияи амнияти энергетикӣ масъалаҳои соҳавӣ-соҳаи амнияти экологӣ, амнияти камбизоатӣ ва устувории рушди иқтисодиётро низ фарогир гардид. Васеъшавии бомароми консепсияи амнияти энергетикӣ ва ба он зам гардидани ҷанбаҳои нави фаъолияти энергетикиву иқтисодӣ аз соли 2005-ум баъди ба амал оғоз гардидани созишномаи Киото мушоҳида гардид. Созишномаи мазкур мамлакатҳои рушдёфта ва мамлакатҳои иқтисодиёти давраи гузариш доштаро мувазаф менамояд, ки меъёрҳои маҳдудсозӣ ва коҳишдиҳии сатҳи партовҳои гази гулхонаидоштаро мувофиқи нишондиҳандаҳои мақсаднок ҷорӣ намоянд. Агар қаблан моҳияти таркиби амнияти энергетикиро ду ҷанбаи асосӣ-захираҳои воқеии энергетикӣ ва арзиши (нархи) онҳо ташкил медод, пас ҳоло бошад таркиби онро ҷанбаҳои муносиб будани экологӣ ва эътимоднокии ҳамли захираҳои энергетикӣ пурра мегардонад. Баъдан ин ҷанбаҳои мазкури амнияти энергетикиро дар адабиёти иқтисодӣ бо номи «4А» («the four As of energy security») маъмул гардидааст:

- availability – нақд будани захираҳои эҳтиётии захираҳои энрегетикӣ;
- affordability – дастрасии иқтисодии нархӣ энергиядорандагон;
- accessibility – дастарасии нақдии захираҳои энергетикӣ;
- acceptability – муносибияти экологии истифодаи захираҳои энергетикӣ;

Равиши мазкур бори аввал дар мундариҷаи консепсияи амнияти энергетикӣ дар маърӯзаи бахшида ба мушкилоти таъмини амнияти энергетикии Осиё, ки аз тарафи мутахассисони Маркази татқиқотии энергетикии Осиё ва Уқёнуси ором (Asia Pacific Energy Research Centre) соли 2007 истифода гардида буд, пешниҳод гардид [2]. Сипас дар доираи равиши «4А» таҳқиқотҳои гуногун гузаронида шуда [13], дар онҳо як қатор индикаторҳои (маҳакҳо) амнияти энергетикии нав пешниҳод гардида, инчунин алоқаи чор ҷанбаи амнияти энергетикӣ бо чор тамоюлҳои ҷаҳонии рушди иқтисодиёт ва энергетика, яъне ҷаҳонишавӣ, минтақакунонӣ, экологӣ ва самаранокии иқтисодӣ таҳлил карда шуда буд.

Баъзе ҷанбаҳои амнияти энергетикӣ метавонанд бо якдигар мухолифат намоянд. Масалан, коҳишёбии нарх ба захираҳои энергетикӣ метавонад бо коҳишёбии стандартҳои экологии истихроҷи ҳастаӣ алоқаманд бошад (на бо баландбардории самаранокии истихроҷ ва эътимоднокии ҳамл алоқамандӣ дошта бошад), ва метавонад алоқаи баръакс дошта бошад, баландбардории стандартҳои экологии истихроҷ ва истифодаи захираҳои энергетикӣ ба баландшавии нархи онҳо бурда мерасонад.

На ҳамаи муҳаққиқони таҳлилкунандаи мушкилоти таъмини амнияти энергетикӣ равиши «4А»-ро ҷонибдорӣ менамоянд, балки баъзе муҳаққиқон ин ва ё он банди ҷанбаъҳои дар боло овардашударо инкор карда, мувофиқи назари худашон дигар ҷанбаъҳоро илова менамоянд. Масалан, Л. Хюз [12] се ҷанбаи амнияти энергетикро-захираҳои накдии энергетикӣ (availability), нархи онҳоро (affordability) ва муносибияти экологиро (acceptability) баррасӣ ва ҷонибдорӣ менамояд. Муҳаққиқи дигар Б. Совакул [17] бошад, панҷ ҷанбаи амнияти энергетикиро ба таври зерин ҷудо намудааст:

- захираҳои накдии энергетикӣ (availability);
- нархи захираҳои энергетикӣ (affordability);
- рушди технологӣ ва самаранокӣ (technological development and efficiency), ки дар ин ҷо эътимоднокии ҳамли энергия ва рушди инноватсионии технологияҳои энергетикиро ҳамроҳ менамояд;
- муносибияти иҷтимоӣ ва экологӣ (environment and social sustainability), ки дар ин ҷо коҳишдиҳии зарари экологӣ, коҳишдиҳии ҳаҷми партовҳои $CO_2$, коҳишдиҳии сатҳи норозигии иҷтимоӣ низ ҳамроҳ мегардад;
- сиёсати энергетикии давлат (regulation and governance) - сиёсати шаффоф, муътадили энергетикии ба рушди бозорҳои энергетикӣ ва дастгирии татбиқи технологияҳои навин равона карда шуда мебошад, ки яке аз паҳлӯҳои таъминкунандаи амнияти энергетикӣ мебошад.

Дар адабиёт ва натиҷаҳои таҳқиқоти муосир, масъалаҳои таъмини амнияти энергетикӣ, на ҳамаи муҳаққиқон бо принсипҳои асосии равиши «4А» мувофиқ (розӣ) ҳастанд. Чуноне, ки Э. Черп ва Ҷ. Ҷевел [6] бинобар ба се саволи зерин ҷавобгӯ набудан, онҳоро танқид мекунанд:

1. Аз мавқеи кӣ бояд амнияти энергетикӣ баррасӣ карда шавад?
2. Ҳангоми таъмин намудан, амнияти энергетикӣ кадом арзишҳоро фарогир мешавад?
3. Кадом таҳдидҳои амнияти энергетикӣ ба эътибор гирифта мешавад?

Маълум мегардад, ки Э. Черп ва Ҷ. Ҷевел тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти худашон иваз намудани равиши «4А»-ро бо равиши муайянсозии сатҳи амнияти энергетикии дар арзёбии сатҳи осебпазирии (vulnerability) низоми калидии энергетикӣ зоҳир гардидаро пешниҳод менамоянд. Инҷо, зери мафҳуми низоми калидии энергетикӣ ҳамон низоми энергетикӣ фаҳмида мешавад, ки фаъолияти мунтазами объектҳо ва низоми муҳими иҷтимоиро таъмин менамоянд.

Ҳамгироии принсипҳои энергетикаи босубот дар консепсияи амнияти энергетикӣ бори аввал инъикоси худро дар принсипҳои таъмини амнияти энергетикии ИМА ёфта буд, ки аз тарафи департаменти энергетикии ИМА таҳия гардида, ҳамзамон дар фаъолияти кории худ мавриди истифода қарор медод:

1. Рушди бозори энергетикии шаффоф, рақобатпазир ва чандир, инчунин бо назардошти бозори газ;

2. Диверсификатсияи захираҳои энергетикӣ, захираҳо ва хатсайру ҳавасмандиҳои рушди захираҳои энергиятаъминкунандаи маҳалӣ;

3. Кам намудани партовҳои гази гулхонаи ва гузариши бошиддат ба иқтисодиёти сатҳи пасти партовҳои ҳастаӣ бо таваҷҷӯҳ ба саҳмгузорӣ ба амнияти босуботи энергетикӣ;

4. Баландбардории сатҳи талаботи энергияи самаранок;

5. Ворид намудани технологияҳои аз нигоҳи экологӣ тоза ва энергетикаи устувор, инчунин сармоягузории минбаъда ба таҳиқотҳои илмӣ ва инноватсияҳо;

6. Беҳдошти низомҳои устувории энергетикӣ бо роҳи таъмини таҷдиди инфрасохтории ёрирасон бар зидди ҳаргуна падидаҳои ғайричашмдошти бозори ҷаҳонӣ, ба хусус ба «афтер-шок», ҳуҷумҳои «киберӣ» ва ғайраҳо;

7. Татбиқи низомҳои бартарафкунандаи ҳолатҳои фавқулода, инчунин захираҳо ва ҳамли сӯзишворӣ барои мамлакатҳои воридкунанда, дар ҳолати кандашавии мувақаттии хати ҳамли таъмини энергия.

Таҳлили таҳаввулоти консепсияҳои амнияти энергетикӣ (ҷадв.1.) нишон дод, ки дар давраи эҳёшавии консепсияи мазкур, инчунин то имрӯз ба тағйироти зиёд рӯ ба рӯ гардида, давра ба давра масоҳати он васеътар карда шуд, ки ба пайдошавии омилҳои зерин замина гузошт, масалан**:** [1]

- рушди иқтисодии ҷамъиятӣ (мушкилоти робитаҳо байни субъектҳои иқтисодӣ, тағйиротҳои сохтории истеҳсолот ва дигарҳо);
- рушди технологии ҷамъият (пайдошавии технологияҳои нави энергияталаб ва истеҳсолот, афзоиши нақши технологияҳо дар таъмини некӯавҳолии ҷамъият ва дигарҳо);
- тағйиротҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ (афзоиши талабот оид ба сифати зиндагии аҳолӣ равона карда шудааст);

**Ҷадвали 1.**

**Таҳаввулоти консепсияҳои амнияти энергетикӣ**

| Ҳолатҳои такондиҳандаи рушди консепсияҳои амнияти энергетикӣ | Ҳолатҳои калидии консепсияи амнияти энергетикӣ |
|---|---|
| **аз с.1866 то с.1914.** | |
| Инқилоби саноатии ба афзоиши босуръати истифодаи энергия мусоидат намуд | Амнияти энергетикӣ бо мавҷудияти захираҳои воқеии ангишти осонкоркард муайян карда шудааст, ки ҳамчун сарчашма ва захираи энергетикӣ баромад менамояд. |
| **аз с.1914 то с. 1961** | |
| Ҷангҳои ҷаҳонӣ ва дигар муноқишаҳои ҳарбӣ, афзоиши босуръати истеҳсолоти саноатӣ | Амнияти энергетикӣ бо захираҳои воқеии ҳастаии мамлакат ва эътимоднокии ҳамл аз мамлакатҳои содиркунанда муайян карда шудааст.<br>Амнияти энергетикӣ дар ҳошияи ҳалли мушкилоти таъмини иқтисодиёт бо маводҳои сӯзишворӣ ва низоми ҳарбиро ҳангоми муноқишаҳои ҳарбӣ баррасӣ гардидааст ва ба сифати захираҳои энергетикӣ афзалият ба истифодаи ангишт ва нефт дода шуда аст. |
| **аз 1961 то с.1990** | |
| Буҳрони маҳсулоти нефтии соли 1973 ва якбора баланд гардидани нархи нефт. | Амнияти энергетикӣ бо назардошти мавҷудияти воқеии захираҳои ҳастаӣ дар мамлакат ва эътимоднокии нарху ҳамли онҳо аз мамлакатҳои дигар, муайян карда шудааст. |
| **аз 1990 то 2000** | |
| Афзоиши таваҷҷӯҳи (майлу рағба-ти) ҷамъият ба мушкилоти муҳити атроф; | Амнияти энергетикӣ бо назардошти мавҷудияти воқеии захираҳои ҳастаӣ дар мамлакат ва эътимоднокии нарх, амнияти экологӣ ва ҳамли онҳо аз |

| | |
|---|---|
| созишномаи соли 1992 қабул кардаи СММ оид ба тағйирёбии иқлим, ки соли 1994 мавриди татбиқ қарор дода шудааст;<br>Рушди андозбандии экологӣ, ки дар протоколи Киото соли 1997 қабул карда шуда буд. | мамлакатҳои дигар, дар ҳошияи таҳияи равиши консепсияи амнияти энергетикии «4А» муайян карда шудааст. |
| **Аз 2000 то ҳоло (имрӯз)** | |
| Иваз намудани маҷрои (самти) рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамла-катҳои рушди иқтисодидошта-таваҷҷӯҳ ба истифодаи амалии принсипҳои рушди устувори иқти-содии соҳаи энергетика<br>(дар шаҳри Доха ворид намудани тағйирот ба протоколи Киото оид ба ҷорӣ намудани андоз аз истифодаи ҳастаӣ) | Рушди консепсияи амнияти энергетикӣ ва дар он шомил намудани чунин самтҳо, ба монанди сифати зиндагии аҳолӣ, мубориза бо тағйирёбии иқлим, мубориза бо норасогии энергия, самтгирӣ ба сӯи диверсификатсияи сарчашмаҳои энергия. |

## АДАБИЁТ


1. Локтионов В. И. Эволюция концепции энергетической безопасности // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. 2019. Т. 15, №5. С. 927–941.
2. Arakawa F., Mori S., Torigoe T. Energy Security Model // IFAC Proceedings.1989. Vol. 22(17). pp. 87-92.
**3.** Baldwin D. A. The concept of security // Review of International Studies. 1997. Vol. 23. pp. 5-26.
4. Berglund T., Modén L. Optimization of the power production system taking into consideration security in supply, load and different types of production // Electrical Load-Curve Coverage. 1977. pp. 65-76. doi: 10.1016/B978-0-08-022422- 0.50010-6
5. Bohi D. R., Toman M. A. The Economics of Energy Security. – Boston: Kluwer Academic Publishers, 1996. 152 p.
6. Cherp A., Jewell J. The concept of energy security: Beyond the four As // Energy Policy. 2014. Vol. 75. pp. 415-421. doi: 0.1016/j.enpol.2014.09.005
7. Chester L. Conceptualising energy security and making explicit its polysemic nature // Energy policy. 2010. Vol. 38, iss. 2. pp. 887-895. doi: 10.1016 /j. enpol. 2009.10.039
8. Deese D. A. Energy: economics, politics, and security // International Security. 1979. Vol. 4, iss. 3. pp. 140-153.
9. Farfan J., Breyer Ch. Aging of European power plant infrastructure as an opportunity to evolve towards sustainability // International Journal of Hydrogen Energy. 2017. Vol. 42, iss. 28. pp. 18081-18091. doi: 10.1016/j.ijhydene.2016.12.138
10. Georgiou G. C. US energy security and policy options for the 1990s // Energy Policy. 1993. Vol. 21, iss. 8. pp. 831-839. doi: 10.1016/0301-4215(93)90168-F
**11.** Goldthau A., Witte J. M. Global energy governance: the new rules of the game. – Berlin: Global public policy institute, 2010. 372 p.
12. Hughes L. A generic framework for the description and analysis of energy security in an energy system // Energy Policy. 2012. vol. 42. pp. 221-231. doi: 10.1016/j.enpol.2011.11.079
13. Kruyt B., Van Vuuren D. P., De Vries H. J. M, Groenenber H. Indicators for energy security // Energy policy. 2009. vol. 37, iss. 6. pp. 2166-2181.
14. Tertzakian P., Hollihan K. The end of energy obesity. – New Jersey: John Wiley & Sons, 2009. 296 p.
15. The energy reader / edited by L. Nader. – London: WILEY- BLACKWELL, 2010. 548 p.

16. The New energy paradigm / edited by D. Helm. – New York: Oxford University Press, 2007. 518 p.
17. The routledge handbook of energy security / edited by B.K. Sovacool. – New York: Routledge, 2011. 446 p.
18. Wright P. Liberalisation and the security of gas supply in the UK // Energy policy. 2005. Vol. 33, iss. 17. pp. 2272-2290.
**19.** Yergin D. The Prize: The Epic Quest for Oil, Money, and Power. – New York: Simon & Schuster, 1991. 908 p.
20. Zweifel P., Bonomo S. Energy security: Coping with multiple supply risks // Energy economics. 1995. Vol. 17, iss. 3. pp. 179-183. doi: 10.1016/0140- 9883(95)00018-P
21. Хушвахтзода, Қ. Х. Мафҳуми бехатарии энергетикӣ - ҳамчун категорияи иқтисодӣ / Қ. Х. Хушвахтзода, М. Б. Холназаров, З. С. Раҳимов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. – No. 1-1(71). – P. 164-167. – EDN XRVWJO.
22. Barfiev, K. Kh. Такмили механизми идоракунии таъмини амнияти энергетикӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / K. Kh. Barfiev, M. B. Kholnazarov. – Душанбе: ООО "Эр-Граф", 2022. – 192 p. – ISBN 978-99985—7385-7. – EDN QZUYXK.

**УДК 338.45.001.76 (571.62)**

**Холов Хикматулло**

## ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ТЕХНОПАРКОВ В ВУЗАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается роль вузовских технопарков Республики Таджикистан в создании инновационной среды, способствующей развитию инновационных проектов и идей. Анализируется вклад инновационных идей в интеграцию образовательных процессов, а также возможности, предоставляемые студентам и преподавателям для реализации инновационных проектов в связке с предпринимателями. Особое внимание уделено научно-исследовательскому потенциалу и тенденциям развития технопарков, включая количественные и качественные показатели числа высших учебных заведений, студентов, научных учреждений и финансирования научной деятельности. Также в статье отмечается рост численности высших учебных заведений и их концентрация в столице, а также активное развитие стартапов в таких сферах, как сельское хозяйство, IT-индустрия и электронной коммерции. Приводятся данные об изменениях численности научных сотрудников, финансировании научных исследований и динамике выполнения научно-технических работ. Рассматриваются ключевые проблемы, включая сокращение числа аспирантов и недостаточное финансирование вузовских технопарков. В заключении подчеркивается значимость технопарков для подготовки специалистов и их роль в развитии национальной экономики, а также необходимость увеличения финансирования и привлечения инвестиций для усиления научного потенциала.

**Ключевые слова:** технологические парки, потенциал, развитие, экономика, научная деятельность, инновационные идеи, предпринимательство.

**Холов Ҳикматулло**

## ТАМОЮЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ ТЕХНОПАРКҲО ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола нақши технопаркҳои Донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фароҳам овардани муҳити инноватсионӣ, ки ба рушди лоиҳаҳо ва ғояҳои инноватсионӣ мусоидат мекунад, баррасӣ карда мешавад. Саҳми ғояҳои инноватсионӣ дар ҳамгироии равандҳои таълимӣ, инчунин имкониятҳое, ки ба донишҷӯен ва омӯзгорон барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар робита бо соҳибкорон пешниҳод карда мешаванд, таҳлил карда мешаванд. Ба потенсиали илмӣ-тадқиқотӣ ва тамоюлҳои рушди технопаркҳо, аз ҷумла нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ, донишҷӯен, муассисаҳои илмӣ ва маблағгузории фаъолияти илмӣ диққати махсус дода шудааст. Инчунин дар мақола афзоиши шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тамаркузи онҳо дар пойтахт, инчунин рушди фаъоли стартапҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ, IT-саноати ва тиҷорати электронӣ қайд карда мешавад. Маълумот дар бораи тағйироти шумораи кормандони илмӣ, маблағгузории тадқиқоти илмӣ ва динамикаи иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ оварда шудааст. Мушкилоти асосӣ, аз ҷумла коҳиши шумораи аспирантон ва маблағгузории нокифояи технопаркҳои донишгоҳ баррасӣ карда мешаванд. Дар хулоса аҳамияти технопаркҳо барои тайер кардани мутахассисон ва нақши онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ, инчунин зарурати афзоиши маблағгузорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ барои тақвияти иқтидори илмӣ таъкид карда мешавад.

**Каливожаҳо:** паркҳои технологӣ, потенсиал, рушд, иқтисод, фаъолияти илмӣ, ғояҳои инноватсионӣ, соҳибкорӣ.

**Kholov Hikmatullo**

**THE MAIN TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF TECHNOPARKS IN UNIVERSITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article examines the role of university technoparks of the Republic of Tajikistan in creating an innovative environment conducive to the development of innovative projects and ideas. The article analyzes the contribution of innovative ideas to the integration of educational processes, as well as the opportunities provided to students and teachers to implement innovative projects in conjunction with entrepreneurs. Special attention is paid to the research potential and development trends of technoparks, including quantitative and qualitative indicators of the number of higher education institutions, students, scientific institutions and financing of scientific activities. The article also notes the growing number of higher education institutions and their concentration in the capital, as well as the active development of start-ups in such areas as agriculture, IT industry and e-commerce. Data on changes in the number of researchers, financing of scientific research, and the dynamics of scientific and technical work are presented. Key issues are considered, including the reduction in the number of graduate students and insufficient funding for university technology parks. In conclusion, the importance of technoparks for training specialists and their role in the development of the national economy is emphasized, as well as the need to increase funding and attract investments to strengthen scientific potential.

**Keywords:** technology parks, potential, development, economy, scientific activity, innovative ideas, entrepreneurship.

В Республики Таджикистан Технологические парки при университетах играют важную роль в создании инновационной среды, которые способствуют развитию научно-технических проектов и идей. На сегодняшний день в некоторых вузах страны функционируют технопарки, способствующие интеграции образовательных процессов с научными исследованиями и бизнесом. Данные структуры дают студентам и преподавателям-исследователям возможность реализовывать свои инновационные идеи, проводить научные исследования и взаимодействовать с представителями бизнес-среды.

Для понимания сложившейся ситуации необходимо разобрать существующий научно-исследовательский потенциал для выявления тенденций развития технопарков на базе университетов Республики Таджикистан.

Динамика состояния численности населения Республика Таджикистан показывает, что за последние годы численность населения превысила отметку за 10 млн. человек, исходя из этого, спрос населения в получении профессионального образования кратно возрастает, а число высших учебных заведений не успевает покрывать все потребности населения. В таблице ниже, отображена таблица высших учебных заведений за период приобретения независимости Республики Таджикистан (таб. 1).

**Таблица 1.**

**Учреждения высшего профессионального образования по регионам**

| | 1991 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Республика Таджикистан** | | | | | | | | | | | | | |
| Число учреждений, единиц | 13 | 30 | 36 | 33 | 38 | 39 | 39 | 39 | 40 | 41 | 41 | 46 | |
| **Горно-Бадахшанская Автономная Область** | | | | | | | | | | | | | |
| Число учреждений, единиц | - | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 2 | 2 | |
| **Хатлонская область** | | | | | | | | | | | | | |
| Число учреждений, единиц | 2 | 2 | 5 | 5 | 5 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 7 | |
| **Согдийская область** | | | | | | | | | | | | | |
| Число учреждений, единиц | 1 | 11 | 10 | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | 10 | |
| **город Душанбе** | | | | | | | | | | | | | |
| Число учреждений, единиц | 10 | 16 | 20 | 20 | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | 25 | 25 | 26 | |
| **РПП** | | | | | | | | | | | | | |
| Число учреждений, единиц | - | - | - | - | - | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | |

**Источник:** Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе – 2023г. – С. 54

Согласно анализу данных можно констатировать, что самое большое количество высших учебных заведений 56,5% расположены в городе Душанбе, далее согласно данным 21,7% находятся в Согдийской области, 15,2% в Хатлонской области, 4,35% и 2,17% в ГБАО и на территории РРП соответственно [2].

Технологические парки при университетах становятся площадкой для инновационных идей молодых предпринимателей, где им предоставлен обширный доступ к научным разработкам и потенциальным заказчиков новой продукции. За годы независимости число заявок на стартапы со стороны студентов в таких секторах экономики, как в сельское хозяйство, IT индустрии, электронной коммерции из года в год увеличивается.

На базе университетских технопарков проводятся всевозможные тренинги и курсы по обучению молодых студентов для воплощения их новых идей в реальный продукт или инновационный товар. Такой подход позволяет сократить время от задуманной идеи, переходя к реальной практической ее реализации.

Анализируя ситуацию с научно-исследовательским потенциалом Республики Таджикистан стоит отметить его начальное формирование для последующей научной деятельности по всем отраслям национальной экономики (таб. 2).

Обзор таблицы наглядно показывает, что в 2022 году число учащихся студентов в учреждениях высшего и среднего профессионального образования составляло 218 тыс.

человек, что на 8,97% или 21,5 тыс. человек меньше, чем в 2021 году, но больше в 143,7% или на 66,3 тыс. человек чем в 2010 году [2].

**Таблица 2.**

**Численность студентов в учреждениях высшего и среднего профессионального образования по отраслевым группам учреждений**

*на начало учебного года, тысяч человек*

| | 1991 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Численность студентов в учреждениях высшего профессионального образования | 69,3 | 79,2 | 107,6 | 151,7 | 176,5 | 186,9 | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 245,9 | 239,5 | 218,1 |
| в том числе обучавшихся в учреждениях: | | | | | | | | | | | | |
| - промышленности и строительства | 7,3 | 7,2 | 9,2 | 18,1 | 24,9 | 25,2 | 26,3 | 29,2 | 27,7 | 33,7 | 30,5 | 33,4 |
| - сельского хозяйства | 6,3 | 4,8 | 5 | 9,8 | 10,6 | 11,1 | 12,6 | 15,5 | 10 | 11,3 | 11,6 | 8,9 |
| - экономики | 0,8 | 16 | 45 | 43,7 | 51,1 | 53,6 | 55,4 | 58,4 | 59,6 | 66,5 | 62,4 | 26,3 |
| - здравоохранения, физической культуры и спорта | 8,4 | 4,4 | 6,7 | 9,4 | 15,9 | 17,1 | 19 | 19,2 | 20,9 | 23,8 | 23,8 | 19,3 |
| - образования | 44,8 | 41,7 | 38,3 | 66,3 | 67,7 | 72,6 | 74,4 | 78,9 | 102,3 | 101 | 102 | 124,4 |
| - культуры и искусства | 1,9 | 1,1 | 1,3 | 2,3 | 3,3 | 3,8 | 4 | 4,4 | 4,7 | 5,2 | 4,9 | 4,6 |
| Численность студентов в средних профессиональных учебных заведениях | 40,7 | 23,2 | 29 | 37,9 | 68,9 | 76,7 | 82,4 | 86,5 | 90,4 | 97,7 | 95,5 | 87,2 |
| в том числе обучавшихся в учреждениях: | | | | | | | | | | | | |
| - промышленности и строительства | 11 | 3,7 | 6,4 | 6,7 | 9,5 | 11,4 | 11,8 | 11,6 | 10,3 | 10,8 | 8,2 | 6,1 |
| - сельского хозяйства | 4,2 | 1,9 | 0,6 | 0,7 | 1,3 | 1,5 | 1,8 | 1,8 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,2 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| - экономики | 5,2 | 1,8 | 1,4 | 0,9 | 3,1 | 3,7 | 3,9 | 3,9 | 3,6 | 4 | 3 | 2,4 |
| - здравоохранения, физической культуры и спорта | 11,9 | 7,1 | 10,3 | 19,7 | 36,2 | 39,2 | 42,2 | 46,7 | 50,2 | 55,6 | 60,7 | 60,9 |
| - образования | 6,9 | 7,7 | 9,2 | 8,3 | 16,5 | 18,3 | 19,5 | 19,5 | 21,9 | 22,7 | 19,6 | 14,5 |
| - культуры и искусства | 1,6 | 1,1 | 1,1 | 1,6 | 2,2 | 2,5 | 2,8 | 2,6 | 2,4 | 2,5 | 2,1 | 1,6 |
| - других | - | - | | - | - | 0,2 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 |

**Источник:** на основе данных Статистического ежегодника Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе – 2023г. – С. 55

Если внимательно рассмотреть таблицу, то можно отметить, что правительство Республики Таджикистан уделяет внимание на подготовку кадров в сфере образования в связи с большой рождаемостью населения и делает задел на будущее. Как было отмечено, на сферу образования выделяется большое количество мест по отношению к другим отраслям народного хозяйства.

Обращая внимание на научный потенциал, следует отметить существующие возможности организаций, на базе которых ведутся научно-технические исследования для развития ключевых отраслей национальной экономики. В таблице ниже, нами представлен обзор научных учреждений и организаций, которые ведут научно-технические исследования в Республике Таджикистан с 2000 по 2022 годы.

**Таблица 3.**

**Число функционирующих научных учреждений, организаций, выполняющих научно-технические работы**

| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Республика Таджикистан** | **57** | **57** | **56** | **66** | **74** | **80** | **82** | **82** | **82** | **81** | **80** |
| г. Душанбе | 42 | 44 | 42 | 51 | 59 | 64 | 66 | 66 | 66 | 66 | 66 |
| Согдийская область | 8 | 6 | 5 | 6 | 6 | 7 | 7 | 7 | 7 | 5 | 5 |
| Хатлонская область | 2 | 2 | 5 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 6 | 5 |
| ГБАО | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| РРП | 2 | 2 | 1 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 1 | 1 |

**Источник**: Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе – 2023г. – С. 68

Как мы можем наблюдать за период с 2000 года по 2022, число научных учреждение и организаций с начала исследуемого периода заметно увеличилось до 80 единиц, однако, данный показатель ниже периода с 2018 по 2021 гг. Можно констатировать, что число исследовательских учреждений и организаций в силу необходимости экономических преобразований на глобальном рынке и появлению новых инновационных направлений развития увеличились до 82 учреждений в 2018 году.

Также мы можем наблюдать, что в пандемийный период, этот показатель сократился на одну единицу в 2021 году, а в 2022 еще этот показатель составил 80 организаций ведущих научно-технические работы [2].

За последние годы актуальным становятся идеи с использованием цифровых технологий. Вузовские технопарки стараются применять инновационные технологические инструменты для повышения качества конечного продукта. Использование инновационных технологий становятся повсеместным практически во всех ключевых отраслях народного хозяйствования, что позволяет качественно подойти к подготовке молодых специалистов в области научного исследования.

Исходя из вышесказанного количество специалистов, работающих в направлении подготовке молодых специалистов и ведущие научно-исследовательскую работу на конец 2022 года нами представлена ниже (диаграмма 1).

**Диаграмма 1. Численность работников основной (научно-технической) деятельности**




**Источник**: Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе – 2023г. – С. 69

Как видно из диаграммы, следует отметить, что в подготовке молодых специалистов и ведущие научно-технические работы за отчетный 2022 год составляло 4496 сотрудников из которых 320 составляют доктора наук и 913 человек кандидаты наук разного профиля [2]. Если рассмотреть численность сотрудников, имеющих степень кандидата наук, занимающихся научно-технической деятельностью на разных временных этапах, то можно отметить, что в разные годы они варьировались от большего к меньшему и наоборот.

Пик работников с кандидатской степенью пришелся на 2005 год в количестве 1245 человек, однако, последующие годы этот показатель заметно стал уменьшаться, и как видно из рисунка на конец 2022 года он составил 913. Наивысший показатель сотрудников со степенью доктора наук также приходится на 2005 год в количестве 415 человек и на отчетный 2022 год этот показатель составил 320 человек. В процентном соотношении от общего числа сотрудников занимающиеся научно-технической деятельностью можно сказать, что 7,11% составляют доктора наук, и 20,3% это кандидаты наук, что заставляет задуматься о повышения уровня научного потенциала по республике в целом.

Основным фактором текущего состояния научно-технического потенциала является финансирование научно-исследовательских работ, которое непосредственно влияет на развитие вузовских технопарков в Республике Таджикистан. Исходя из этого, Правительством Республики Таджикистан предпринимаются усилия по привлечению как собственных

средств, так и частных компаний для поддержки и развития науки. Программы поддержки со стороны государства направлены на развитие инфраструктуры [3] не только научно-исследовательских центров, но и университетов в целом, тем самым повышая их привлекательность для потенциальных инвесторов. Вместе с тем, работа по развитию научно-технических исследований продолжается по всем ключевым отраслям народного хозяйствования. Ниже приведена таблица реализованных средств на ведение научно-технические работы.

**Таблица 5. Выполнение научно-технических работ**

тысяч сомони

| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| всего | | | | | | | |
| Выполнен объем работ с начала года | 1296,1 | 6890,7 | 22027 | 52800 | 75293 | 85626 | 99133 |
| в том числе научно-технические работы | 1247,7 | 6817,5 | 21887 | 52287 | 74907 | 85091 | 98588 |
| из них: | | | | | | | |
| научно-исследовательские работы | 704,4 | 6520,7 | 17987 | 51936 | 68296 | 77997 | 90218 |
| в том числе фундаментальные | 684,1 | 5592,3 | 8508,7 | 8806,2 | 9157,2 | 11057 | 14569 |
| проектно-конструкторские и технологические работы | 7,3 | - | 22,8 | 319 | 575 | 600 | 632,5 |
| проектные работы для строительства | 505,4 | 69,6 | 10 | - | 45,5 | 28,4 | 30,9 |
| научно- технические услуги | 10,3 | 168,2 | 3867,2 | 32,6 | 5990,8 | 6465,7 | 7706,3 |

**Источник:** Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе – 2023г. – С. 69

За анализируемый период 2022 года было реализовано работ на сумму 99133 тыс. сомони, что на 13507 тыс. сомони больше 2021 года или на 115,7% соответственно. Основные научно-технические работы проводились в области научных исследований в 2022 году на общую сумму 90218 тыс. сомони, что на 12221 тыс. сомони больше 2021 года, или на 115,6%. В области исследования фундаментальных наук на 131,7%, проектно-конструкторские и технологические исследования на 0,01%, в области проектных работ для строительства на 108,8% и научно-технические услуги на 119,1% соответственно [2].

Стоит отметить, несмотря на общую положительную динамику развития в пост-пандемийный период некоторых секторов экономики Республики Таджикистан, развитие вузовских технопарков имеет ряд проблем в финансовом отношении, что в свою очередь влияет на его инфраструктурное и технологическое развитие в целом.

**Таблица 6. Расходы государственного бюджета на образование в Республики Таджикистан с 2015-2022гг**

| № | Показатели | Годы | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| 1. | Расходы госбюджета на образование, млн. сомони | 2539,3 | 3,093,8 | 3 572,7 | 3 702,6 | 4 338,6 | 4429,7 | 5259,9 | 6379,8 |
| 2. | в %: к ВВП | 5,0 | 5,6 | 5,5 | 5,2 | 5,6 | 5,3 | 5,2 | 5,5 |
| 3. | к расходам государственного бюджета | 15,6 | 16,9 | 16,0 | 15,3 | 18,2 | 17,0 | 17,9 | 18,3 |

**Источник**: Образование в Республики Таджикистан. Статистический сборник Агентство по статистике Республики Таджикистан, 2023- с.9

В представленной таблице выше видно, где на 2022 год правительством Республики Таджикистан было выделено средств на общую сумму 6379,8 млн. сомони или 5,5% к ВВП страны, этот показатель на 121,2% больше года предыдущего. Рассматривая расходы государственного бюджета, которое в 2022 году составило 18,3%, то можно с уверенностью сказать, что руководство страны обращает пристальное внимание на развитие сферы образования [1].

В условиях развития рыночных отношений в Республике Таджикистан, за последние годы, число желающих вести научную деятельность с каждым годом значительно уменьшается. За основу нами был взят базисный период 2015 год, так как данный период является максимальным по числу аспирантов, числящихся за этот период, который насчитывал 1672 учащихся в аспирантуре на конец года.

В 2022 году этот показатель насчитывает скромные 142 учащихся из которых 51 человек были приняты и 39 аспирантов были выпущены. Из этого можно сделать вывод, что относительно базисного периода число аспирантов сократилось на 1530 человек, из них было принято на 490 аспирантов меньше, чем в 2015 году и на 375 человек было меньше выпущено.

Относительно 2021 года число учащихся также имеет тенденцию спада, так в 2021 году число учащихся в аспирантуре на конец года составляло 219 человек, из них было принято 31 и выпущено 170 человек соответственно.

Из этого можно сделать вывод, что показатели 2021 года превышают по численности всех аспирантов на 77 человек 2022 года, или на 64,8% соответственно, также на 131 выпущенных аспирантов или в 4,3 раза больше, чем в 2022 году. Однако, в 2022 году число принятых в аспирантуру было больше на 164,5% (диаграмма 2) [2].

**Диаграмма 2. Численность аспирантов в Республике Таджикистан за 2025-2022 гг.**




**Источник:** Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе – 2023г. – С. 70

Как было отмечено многими ведущими специалистами, что развития конкретно отрасли зависит в первую очередь от его научного потенциала и высококвалифицированного потенциала. В этой связи необходимо рассмотреть какие направления для исследования представляют наибольший интерес для аспирантов за анализируемый период (таб.7).

**Таблица 7. Численность аспирантов по отраслям наук на конец года, человек**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Численность аспирантов - всего | 1672 | 1576 | 1506 | 1289 | 758 | 339 | 219 | 142 |
| в том числе по отраслям наук: | | | | | | | | |
| - физико-математических | 99 | 80 | 90 | 86 | 57 | 17 | 15 | 1 |
| - химических | 58 | 69 | 62 | 44 | 21 | 6 | 6 | - |
| - биологических | 87 | 93 | 82 | 54 | 33 | 9 | 6 | 1 |
| - геолого-минералогических | - | - | - | - | - | - | - | - |
| - технических | 76 | 57 | 58 | 33 | 18 | 8 | 5 | 1 |
| - сельскохозяйственных | 80 | 51 | 12 | 58 | 24 | 2 | - | - |
| - исторических | 95 | 101 | 141 | 81 | 54 | 29 | 16 | 5 |
| - экономических | 387 | 365 | 343 | 324 | 190 | 77 | 65 | 47 |
| - философских | 46 | 48 | 33 | 33 | 12 | 15 | 5 | - |
| - филологических | 243 | 251 | 249 | 204 | 121 | 60 | 35 | 11 |
| - географических | 1 | 2 | 1 | 1 | 3 | 2 | 1 | - |
| - юридических | 110 | 121 | 132 | 139 | 68 | 49 | 28 | 43 |
| - педагогических | 128 | 129 | 70 | 53 | 45 | 22 | 9 | - |
| - медицинских | 173 | 132 | 131 | 104 | 67 | 29 | 20 | 33 |
| - ветеринарных | 4 | 4 | - | - | - | - | - | - |
| - искусствоведения и культурология | 10 | 10 | 7 | 9 | 4 | - | - | - |
| - психологических | 8 | 4 | - | - | - | 2 | - | - |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| - социологических | 4 | - | 5 | 5 | - | 1 | - | - |
| - архитектурных | - | - | - | - | - | - | - | - |
| - политических | 38 | 33 | 58 | 39 | 26 | 8 | 5 | - |
| - науки о земле | 25 | 26 | 32 | 22 | 15 | 3 | 3 | - |

**Источник:** Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе – 2023г. – С. 72

Обзор данной статьи показывает, что из общего числа аспирантов наибольший интерес в области научной деятельности представляют такие направления, как экономика, юриспруденция и медицина. По лидирующим позициям в данной таблице следует отметить экономическое направление с 33,0% от всей численности аспирантов за 2022 год, далее идет юриспруденция с показателями 30,2%, а замыкает тройку лидирующих позиций медицина – 23,2% соответственно. Также следует отметить, с относительно низким показателем заинтересованности молодых аспирантов в проведении исследовании в области филологических наук с показателями 7,7%, а также истории, что от общего числа аспирантов составляет 3,5% соответственно [2].

Рассматирвая данны таблицы, можно констатировать, что ряд ключевых направлений, которые имеют стратегическое направления для развития национальной экономики, не востребованы со стороны лиц обучающихся в аспирантуре.

Несмотря на то, что наша страна взяла стратегический курс на переход к индустриально-аграрной структуре экономики, для Республики Таджикистан предстоит сделать не мало усилий для достижения поставленных целей.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Образование в Республики Таджикистан. Статистический сборник Агентство по статистике Республики Таджикистан, 2023
2. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе – 2023г.
3. Султанов З.С. Инфраструктура предприятия и кризисные ситуации//Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2022. - № 1(40). - С. 9-14.

**УДК 311 (575.3)**

**Хоҷазода Д.Х., Пулатова Ш.Б., Алимов К.К.**

# РАСИДАН БА ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ ВА ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Расидан ба истиқлолияти энергетикӣ яке аз ҳадафҳои муҳимтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Барои истиқлолияти энергетикӣ ба даст овардан ва таъмини бехатарии энергетикӣ баъзан омилҳои муҳимро таъмин намуд: масалан бештар ҷалб намудани сармоягузорони дохилию хориҷӣ ва сохта ба истифода додани НБО хурду миёнаву калон, инчунин истифодаи дурусти неруи офтоби дар мамлакат мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар як сол зиёда аз 280 рузи офтоби мушоҳида карда мешавад, ки қариб 25% аҳолии ба неруи барқ таъмин менамояд. Боварӣ дорем, ки бо пешрафти иқтисодиёти кишвар фаъолияти соҳаи энергетика сол то сол пурзур мегардад ва қисми зиёди корхонаҳои саноатӣ ба воситаи неруи барқ фаъолият хоҳанд кард.

***Калидвожаҳо:*** бехатари, истиқлолияти энергетики, омилҳо, неруи офтоб, сармоягузорӣ

**Ходжазода Д.Х., Пулатова Ш.Б., Алимов К.К.**

## ДОСТИЖЕНИЕ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ И ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЕГО БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Достижение энергетической независимости является одной из важнейших целей Республики Таджикистан. Для достижения энергетической независимости и обеспечения энергетической безопасности иногда необходимы важные факторы: например, привлечение большего количества отечественных и иностранных инвесторов, строительство и ввод в эксплуатацию малых, средних и крупных АЭС, а также правильное использование солнечной энергии в стране. Всем известно, что солнечных дней в году более 280, что обеспечивает электроэнергией почти 25% населения. Мы считаем, что с развитием экономики страны активность энергетического сектора будет возрастать с каждым годом, и большинство промышленных предприятий будут работать с использованием электроэнергии.

***Ключевые слова:*** безопасность, энергетическая независимость, факторы, солнечная энергетика, инвестиции.

**Khodjazoda D.Kh., Pulatova Sh.B., Alimov K.K.**

## ACHIEVEMENT OF ENERGY INDEPENDENCE AND ENSURING ITS SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Achieving energy independence is one of the most important goals of the Republic of Tajikistan. To achieve energy independence and ensure energy security, sometimes important factors are necessary: for example, attracting more domestic and foreign investors, building and commissioning small, medium and large nuclear power plants, as well as the correct use of solar energy in the country. Everyone knows that there are more than 280 sunny days a year, which provides electricity to almost 25% of the population. We believe that with the development of the country's economy, the activity of the energy sector will increase every year, and most industrial enterprises will operate using electricity.

***Keywords:*** security, energy independence, factors, solar energy, investments.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо мушкилоти зиёде дучор гардид, ки ҳанӯз аз замони шӯравӣ ба мерос гирифта буд. Ба ғайр аз ин, ҷумҳурӣ ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки танҳо зарари иқтисодии он зиёда аз 10 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медод.

Дар баробари ин, баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ низоми ягонаи иқтисодии он кишвар низ аз байн рафт, ки мушкилиҳои зиёди иқтисодиву иҷтимоиро барои Ҷумҳурии Тоҷикистони тозаистиқлол ба бор овард. Чунин мушкилиҳо тамоми соҳаҳои иқтисодии кишвар, аз он ҷумла соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ ва ғайраро фаро гирифт. Баъд аз он, ки дар кишвар сулҳу субот пойдор гардид, дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар ба миён омад[3].

Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишофи минбаъдаи кишвар ҳадафҳои стратегии таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Тоҷикистон, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишварро муайян намуд.

Роҳбари давлат борҳо таъкид намудаанд, ки рушди мунтазами иқтисодиёти кишвар бе истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини пурраи ҳамаи соҳаҳо бо нерӯи барқ ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз барои истифодаи имкониятҳои берунӣ барои рушди энергетика, ки чун яке аз заминаҳои асосии рушди иқтисодии кишвар дониста мешавад, бояд саъй кард.

Соҳаи энергетика яке аз соҳаҳои муҳими самти иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Ин соҳа давлатро водор месозад, ки ҳарчи зиёдтар сохтани НБО дар мамлакат таъмин гардад ва он иқтидорҳое, ки барои таъмини амнияти энергетики лозим аст дарёфт намояд.

Дар давраи то солҳои 2009 Роҳбари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати милли Пешвои миллит Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Паёми худ ба маҳлиси Олии кишвар пешниҳод намуд, ки таъмин ва такмили ҷараёни барномаҳои мухталифи ҷанбаи соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ ва дар сатҳи оли таъмину нигоҳ дошатни ташаккулёбии иқтисодиёт, ки аз Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015-ум муайян шуда буд, барои бартараф намудани мушкилотҳои соҳаи бехатарии энергетикӣ ва истиқлолияти энергетткии ҷумҳурӣ алоқаманд буда вобаста бо ин ҳолат тадбирҳои зерин тадбиқ карда шавад:

1. Таъмин намудани НБО-и хурду миёнаву бузург ва рушд додани системаи хати ягонаи барқтаъминкуни инчунин бо ин васила таъмини сатҳи иқтисодиёти миллии мамлакат.

2. Самаранок истифода намудани технологияҳои каммасрафи энергияи барқи ва ташаккул додани низоми ягонаи соҳаи энергетика инчунин таъмирнамойии сохтмонҳои НБО дар ҷумҳурӣ бо ин васила ташакклёбии иқтисодиёти мамлакат ва таъмини барқарорсозии иқтидори онҳо ба шабакаҳои интиқоли неруи барқу газ.

3. Бо таври васеъ истифода намуданӣ сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо барои рушди соҳаи энергетика инчунин дар солҳои ояндаи наздик ба кувваи барқ таъмин намудани аҳолии ҷумҳурӣ аз он ҷумла минтақаҳои дурдаст, ки эҳтиёҷмандан, вобаста бо ин расидан ба истиқлолияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз ҷумла, дар раванди фаъолияти коркард дарёфт намудани 87 конҳои нафту газ, 12 корхонаи гуногун дар соҳаи истихроҷи ангишт бо 11 ширкату корхонаи ватаниву хориҷӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин бобат оид ба омухтани хавзахо ва конхои нефту газ ва аз тарафи фирмахои хориҷӣ истифода бурдани онхо кори зиёде ба анҷом расонида шудааст[3].

Умуман барои то давраи соли 2030 мувофиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди иқтидори соҳаи энергетика таъмин кар шуда ба ҳаҷми 10ГВт расонида хоҳад шуд. Бартараф намудан ва паст кардани талафоти қувваи барқ то ҳаҷми 10%, такомул додан ва таъмин намудани 10%-и иқтидорҳои неругоҳҳои барқию обӣ аз дигар сарчашмаҳо яъне (офтобу, боди ва дигарон) пешбинӣ гардидааст.

Аз соли 2001 инҷониб 36 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 2,7 миллиард долари ИМА амалӣ карда шуд. Дар робита ба бунёди иктидорҳои нави энергетикӣ, сохтмон ва барқарорсозии дигар иншооти энергетикӣ 18 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 1,5 миллиард доллари ИМА таҳия гардид. Дар ҳолатҳои дарёфт намуданӣ ҳадафҳои асосии соҳаи энергетика то соли 2030 татбиқи як қатор лоиҳаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ ва минтақавӣ, дошта аз ҷумла лоиҳаҳои бузурги гидроэнергетикӣ ва самаранок истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия (офтоб ва бод) бо иқтидори на камтар аз 1500 МВт баробар карда шавад[11].

Ин иқдоми давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз назари ҷомеаи ҷаҳонӣ бетаъсир намемонад ва маҳз дар рафти татбиқи ташаббуси Дабири кулли СММ «Энергияи устувор барои ҳама» Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари таҷрибавӣ дар байни панч мамлакати ҷаҳон муаррифгар гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обӣ ва энергетикӣ буда, имкони содироти нерӯи барки арзон, камхарҷ ва аз ҷиҳати экологӣ тозаро дорад. Аз ин нуктаи назар мо ояндаи рушди имкониятҳои иқтисодии мамлакатамонро дар тараққиёти соҳаи энергетика мебинем[10].

Қобилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амният ва рақобатпазирии энергетикӣ ба захираҳои мавҷуда асос ёфтааст. Дарёҳои Панҷ, Вахш, Сирдарьё, Амударьё, Оби-Хингоб, Сурхоб барин калонтарин дарёҳои ҷумҳури мебошанд, ки иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ доранд. Дар баробари ин, ки Ҷумҳурии Точикистон аз ҳисоби ҳаҷми ҷойгиршавӣ дар ҷаҳон ҷои 85-умро дарбар мегидад, пас аз ҷиҳати иқтидорҳои неруи барқ баъд аз Ҷумҳурии Чин,

Федератсияи Русия, Иёлоти Мутаҳидаи Амрико, Бразилия, Заир, Ҳиндустон ва Канада дар чои 8-ум местад ва дар як сол метавонад 527 миллиард кВт соат қувваи барқ тавлид кунад. Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтидори барқ дар Осиёи Миёна ҷои якумро ишгол мекунад. Ҳоло як қисми ками нерӯи барқи ҷумҳурӣ истифода мешавад[12].

Маълумоти дар ҷадвали 1 овардашуда бузургии нерӯи истеҳсоли қувваи барқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад.




**Расм 1. Истифодаи захираҳои гидроэнергетикии дарёи Вахш**

**Ҷадвали 1.Нақшаи нерӯгоҳҳои барқию обии дарёи Вахш**

| | **Номгӯи нерӯгоҳҳои барқии обӣ (НБО)** | **Иқтидори энергетикӣ** | **Истеҳсоли солонаи барқ** |
|---|---|---|---|
| 1. | НБО - и Роғун | 3600 МВт | 13,1 млрд.КВт- с. |
| 2. | НБО – и Шӯроб | 850 МВт | 3,0 млрд КВт – с. |
| 3. | НБО – и Норак | 3000 МВт | 11,2 млрд КВт – с. |
| 4. | НБО – и Бойғозӣ | 600 МВт | 2,7млрд КВт – с. |
| 5. | НБО - и Сангтӯда –1 | 670 МВт | 2,733 млрд кВт-с |
| 6. | НБО – и Сангтӯда –2 | 220 МВт | 0,9 млрд КВт – с. |
| 7. | НБО – и Сарбанд | 210 МВт | 1,1 млрд КВт – с. |
| 8. | НБО – и Шаршар | 29,6 МВт | 0,25 илрд КВт – с. |
| 9. | НБО-и Марказӣ | 18,0 МВт | 0,11млрд КВт- с. |

Манбаъ: Вазорти энергетика ва захираҳои обӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон[12].

**Ҷадвали 2. Нақшаи нерӯгоҳҳои барқию обии дарёҳои Панҷ ва Аму**

| | **Номгӯи нерӯгоҳ-ҳои барқии обӣ (НБО )** | **Иқтидори энергетикӣ** | **Истеҳсоли солонаи барқ** |
|---|---|---|---|
| 1. | НБО - и Баршор | 300 МВт | 1,58 млрд.кВт- с. |
| 2. | НБО – и Андароб | 650 МВт | 3,35 млрд кВт- с. |
| 3. | НБО – и Пиш | 320 МВт | 1,66 млрд кВт- с. |
| 4. | НБО – и Хоруғ | 250 МВт | 1,28 млрд кВт- с. |
| 5. | НБО – и Рӯшон | 3000 МВт | 14,8 млрд кВт- с. |
| 6. | НБО – и Язгулом | 850 МВт | 4,24 млрд кВт- с. |
| 7. | НБО– и «Дарвозаи лоҷувардӣ» | 2100 МВт | 10,5 млрд кВт- с. |
| 8. | НБО – и Хостов | 1200 МВт | 6,11 млрд кВт- с. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 9. | НБО-и Ширговат | 1900 мВт | 9,7 млрд. кВт-с. |
| 10. | НБО - и Даштиҷум | 4000 МВт | 15,6 млрд кВт- с. |
| 11. | НБО – и Ҷумар | 2000 МВт | 8,19 млрд кВт- с. |
| 12. | НБО – и Москва | 800 МВт | 3,42 млрд кВт- с. |
| 13. | НБО - и Кукча | 350 МВт | 1,48 илрд кВт- с. |
| 14. | НБО- и Болооби дарёи Аму | 1000 МВт | 4,36 млрд кВт- с. |
| | Дар маҷмӯъ | 18720 МВт | 86,3 млрд. кВт-с. |

**Манбаъ:** Вазорти энергетика ва захираҳои обӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон[12].

Қобили зикр аст, ки иқтидори энергетикии кишвар бо сохтмон ва ба истифода додани нерӯгоҳи Роғун ва фаъолияти неругоҳҳои обию барқии Норак, Сангтудаи 1 ва Сангтудаи 2 тамом намешавад. Дар ин ҳолат танҳо 8-10% ин потенсиал истифода мешаваду халос [6].

Барои лоиҳаҳое, ки дар замони шӯравӣ аз ҷониби маркази лоиҳакашӣ ба номи тадқиқоти «Гидропроект»-и муайян буд фаъолият менамуданд. Дар замони муосир бошад танҳо дар дарёи Панҷ ва Амударё сохтмони зиёда аз 14 неругоҳҳои обию барқии хурду калон (аз 300 то 4000 МВт) пешбинӣ карда шуда аст.

Ҳамин тавр, барои таъмин намудани чунин иқтидори истеҳсолй қариб 86,3 миллиард сомонӣ маблағ хароҷот мешавад, ки ин ҳам бошад аз ҷиҳати нишондиҳандаҳои иқтисодй хеле самаранок аст.

Имкониятҳои истифодаи иқтидори энергетикии дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷиҳати иқтисодй ҷолиби диққат буда ва аз ҷиҳати техникй асоснок шудаанд, бо чунин лоиҳаҳои зерини сохтмони НБО шаҳодат медиҳанд:

- дарёи Хингоб – 5 адад ҳаҷми иқтидораш дар маҷмуъ 712 МВт;
- дарёи Сурхоб – 4 ҳаҷми иқтидораш дар маҷмуъ 1077 МВт;
- дарёи Кофарниҳон – 5 адад ҳаҷми иқтидораш дар маҷмуъ 411 МВт;
- дарёи Варзоб – 3 адад ҳаҷми иқтидораш дар маҷмуъ 100 МВт;
- дарёи Зарафшон – 6 адад ҳаҷми иқтидораш дар маҷмуъ 640 МВт;
- дарёи Фондарье – 4 адад ҳаҷми иқтидораш дар маҷмуъ 510 МВт;
- дарёи Масчоҳ – 5 агрегат ҳаҷми иқтидораш дар маҷмуъ 500 МВт;
- дарёи Ғунд – 13 адад ҳаҷми иқтидораш дар маҷмуъ 356,4 МВт;
- дарёи Бартанг – 5 адад ҳаҷми иқтидораш дар маҷмуъ 485,9 МВт.

Ҳамин тавр, ба Ҳама маълум аст, ки ҳар яке аз дарёҳои номбурда даҳҳо шохобҳо дорад, ки дар онҳо аз руи тадқиқот зиёда аз 900 неругоҳи хурди иқтидори аз 100 кВт то 3000 кВт сохтан мумкин аст. Аҳамияти чунин неругоҳҳои обию барқии хурди энергетикӣ барои тараққиёти иқтисодию иҷтимоии мамлакат хеле калон мебошад.

## АДАБИЁТ

**1.** Гулюк Г.Г., Носовский В.С., Гусенков Е.П. Управление использованием водных ресурсов и мелиорация земель в Китае (по материалам XIX конгресса по ирригации и дренажу в Пекине). -//Мелиорация и водное хозяйство. -2006. -№5. –С. 64-68.

2. Ромащенко, Т.Д. Экономическая безопасность национального хозяйства: теория, методология, формирование в России. - Воронеж: Изд-во Воронеж. Гос. Ун-та, 2003.

3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи *то* соли-2030. www.https://mfa.tj

4. Исайнов Х.Р., Кимсанов У.О. Водно-энергетический потенциал Центральной Азии: современное состояние, тенденции и проблемы развития. //Вестник Таджикского национального университета. Серия 6 (70). Экономика. - Душанбе, 2011. - С. 72-79.

5. Исайнов Ҳ.Р. Захираҳои обию энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи ҳозира ва дурнамои пешрафт / газетаи Ба қуллаҳои дониш аз 30 апрели соли 2015. –С. 12-13.
6. Одинаев Ҳ.А. 50 асос барои бунёди НБО-и «Роғун». //Ба қуллаҳои Дониш. Нашрияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -№3. (1305). -2012. –С. 4-6.
7. Ҳакимов А.Ҳ. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. // Воситаи таълим барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. Душанбе, «Ирфон», 2007.
8. Хоҷаев Д.Х., Энергетический сектор Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук 2017. №2/3. – Душанбе: Сино, 2017. – С 97 – 102.
9. Хоҷаев Д.Х., Зарубежный опыт формирования и развития энергетических услуг в условиях рыночной экономики. Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук 2018. №3. –Душанбе: Сино, 2018. – С 166 – 173.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Соҳибкорон метавонанд баҳри таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва рушди иқтисодии Тоҷикистон саҳм гиранд. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо соҳибкорон, 25 декабри соли 2007. – «Ҷумҳурият», 27 декабри соли 2007.
11. Шабакаи электронӣ - www.https://mmk.tj
12. Шабакаи электронӣ - https//www/ mewr.tj

**УДК 338.22**

**Хоҷазода Д.Х., Раҷабов О.Ҷ., Исмоилзода Ф.М.**

## РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАСОИЛ ВА ДУРНАМО

Дар самти ташаккул ва инкишоф додани “иқтисоди сабз” бо тариқӣ рақамикунонии иқтисодӣ ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста чораҳои зарурираро андешида истодааст. Қобили зикр аст, ки ҳукумати мамлакат барои ворид намудани воситаҳои нақлиётии барқӣ, ки аз ҷонибӣ соҳибкорони ватанӣ тавассути минтақаҳои гумрукӣ дохили Тоҷикистон мегарданд имтиёзи бе пардохти боҷи гумрукиро роҳандозӣ намудааст. Ин дастгирии соҳибкорон аз ҷониби ҳукумати мамлакат боиси он гардидааст, ки рӯз то рӯз ба иқтисодиёти аҳолии кишвар беҳбудӣ ба мушоҳида расида истодааст.

**Вожаҳои калидӣ:** рушди деҳот, иқтисодиёти сабз, стратегия, нишондодҳои иқтисодӣ, муҳити зист, манфиатҳо, имкониятҳо, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ таҳлил, сармояи инсонӣ.

**Хоҷазода Д.Х., Раджабов О.Дж., Исмоилзода Ф.М.**

## РАЗВИТИЕ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

Правительство Республики Таджикистан постоянно принимает необходимые меры в направлении формирования и развития «зеленой экономики», а также цифровизации экономики. Стоит отметить, что правительство страны ввело беспошлинную льготу на ввоз электромобилей, которые ввозятся в Таджикистан отечественными предпринимателями через таможенные зоны. Такая поддержка предпринимателей со стороны правительства страны привела к тому, что экономика населения страны улучшается с каждым днем.

**Ключевые слова:** сельское развитие, зеленая экономика, стратегия, экономические показатели, окружающая среда, выгоды, возможности, научно-исследовательский анализ, человеческий капитал.

**Khodjazoda D.Kh., Radjabov O. J., Ismoilzoda F. M.**

## DEVELOPMENT OF GREEN ECONOMY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN PROBLEMS AND PROSPECTS

The Government of the Republic of Tajikistan is constantly taking the necessary measures towards the formation and development of a "green economy", as well as the digitalization of the economy. It is worth noting that the government of the country has introduced a duty-free exemption for the import of electric vehicles, which are imported into Tajikistan by domestic entrepreneurs through customs zones. Such support for entrepreneurs from the government of the country has led to the fact that the economy of the country's population is improving every day.

**Key words:** rural development, green economy, strategy, economic indicators, environment, benefits, opportunities, research analysis, human capital.

Дар шароити имрӯза мафҳуми рақамикунонӣ ва «иқтисодиёти сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тадриҷ рушд ёфта истодааст. Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 бо мақсади тезонидани суръати рушди иқтисоди кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои гузариш ба модели нави рушди иқтисоди рақамии оянда дар дурнамои дарозмуҳлат таҳия гардидааст.

Иқтисоди рақамӣ имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои давлатии рақамӣ, рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, даромади буҷет, шаффофият, содагардонии расмиёт, омода кардани мутахассисони лаёқатноки соҳаҳои гуногун, ҷалби технологияҳои муосир ва дар маҷмӯъ сатҳи зиндагии аҳолии кишвар беҳтар гардад.

Имрӯз бо ташаббуси бевоситаи роҳбарияти олии мамлакат дар баъзе аз донишгоҳҳои олии кишвар фанни иқтисодиёти рақамӣ ба роҳ монда шудааст, ки барои мутахассисони соҳаи иқтисод омӯхтани фанни мазкур басо муҳим мебошад. Қобили қайд аст, ки имрӯзҳо муҳаққиқону олимони ватанӣ ба мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ ва иқтисодиёти сабз диққати ҷиддӣ зоҳир намуда истодаанд. Барои боз ҳам рушд ёфтани иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебояд аз технологияи муосир истифода карда автоматикунонии механизми кориро дар сатҳи корхонаву ташкилотҳо, нообаста аз шакли фаъолияташон бароҳ монанд.

Дар ин радиф мо муаззаф ҳастем, ки дар давраи гузариши пурраи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти сабз нақшаву дурнамои амалигардонии ин тадбирро дар маддӣ аввал қарор диҳем ва ҷиҳати мутобиқгардонии ин падида пешниҳодҳои самарабахши илмиро тариқи технологияи муосир дар амалия татбиқ намоем.

Қобил ба ёдоварист, ки масоили гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, таҳқиқи ҷанбаъҳои гуногуни он аҳамияти рӯзмарра касб намудааст. Масоили мазкур соли 2018 бори нахуст аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паём ба Маҷлиси олӣ ибрози назар карда шуд. Дар паёми минбаъда ба Маҷлиси Олӣ 26.12.2019 бошад, иброз доштанд, ки «..мақомоти давлатӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ва рақамигардонии фаъолияти идоракуниву истеҳсолот бояд сиёсати ягонаи иқтисодиро танҳо бо истифодаи механизм ва шаклу усулҳои муосир ба танзим дароранд». «..Инчунин, барои амалӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ масъалагузорӣ намуданд, ки Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти

ниҳой, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳанд» [5].

Аз натиҷаи паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (26.12.2019) хулоса баровардан мумкин аст, ки рушди иқтисодиёти сабз тариқи ракамикунонӣ дар мадди аввалӣ роҳбарияти олии Ҳукумати Тоҷикистон қарор гирифта, пайваста чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаанд.

«Иқтисодиёти сабз» ин мафҳумест, ки дар гирди забони олимону муҳаққиқони на танҳо ватанӣ, балкӣ дар меҳвари илми муосири ҷаҳони паҳн гаштааст. Якчанд нуқтаи назар оид ба мафҳуми «иқтисодиёти сабз» аз ҷонибӣ олимони ватаниву хориҷии соҳаи иқтисод пешниҳод гардидааст:

Ба ақидаи Бобилев С. Н., Захаров В.М. «...Иқтисодиёти сабз - дур шудан аз амсилаи ба ашёи хоми иқтисодиёт такякунанда, баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ, ташаккули амсилаи рушди устувор, татбиқи сиёсати бурди “дукарата” вобаста ба таъмини ҳам самаранокии иқтисодӣ ва ҳам кам кардани партовҳои зараровар, кафолати истифодаи ғайрихаробиовари сарватҳои табиӣ, истеҳсоли кампартов»[3].

Бочко В.С. чунин ақидаро пешниҳод намудааст «...Иқтисодиёти сабз - ин истеҳсоли ғизои аз ҷиҳати экологӣ тоза ё рушди баъзе бахшҳо аз рӯи принсипҳои “сабз”, аз ҷумла дар заминаи гузариш ба иқтисоди истифодаи ками карбон ... гузариши тамоми истеҳсолот ба технологияҳое, ки истеҳсоли молҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаи саноатӣ ва озуқавориро таъмин мекунанд»[3].

Ба андешаи Одинаев Х.А. «..Иқтисодиёти сабз - ин рушди оқилона ва истифодаи самараноки иқтидори энергетикӣ, инчунин ҳаддалимкон кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист, афзоиши шуғли аҳолӣ тавассути ташкил ва тавсеа додани бахшҳои саноатӣ ва инфрасохтори нерӯталаб мебошад»[3].

Аз рӯӣ гуфтаҳои Салихов Ҷ. «...Иқтисодиёти сабз ба маънои васеъ чунин тарзи фаъолияти хоҷагидорӣ махсуб меёбад, ки «ба боло рафтани сатҳи зиндагии одамон ва таъмини адолати иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамзамон хатарро ба муҳити зист ва харобшавии табиат коҳиш медиҳад». Ба маънои маҳдудаш иқтисодиёти «сабз»- ро ҳамчун технологияи коркард, истеҳсол ва истифодабарии таҷҳизот барои назорат ва кам кардани партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ва газҳои гулхонаӣ, мониторинг ва пешгӯйии тағйирёбии иқлим, ҳамчунин технологияҳои нерусарфакунанда ва энергетикаи барқароршаванда маънидод кардан мумкин аст» [3].

Мо чунин ақида пешниҳод мекунем, ки зери мафҳуми иқтисодиёти сабз пеш аз ҳама сарфа намудани захираҳои молиявӣ тариқи истифодаи энергияи сабз, тоза нигоҳ доштани муҳити атроф, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, пешгирӣ аз ҳар гуна сироятҳо инчунин ғани гардонидани буҷети оила, маҳал ва давлат мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми имсолаи хеш (28.12.2023) қайд намуданд, «...мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем» [4].

Дар ҳошияи ин гуфтаҳо мо ба сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паравӣ намуда, барои ҳарчи зудтар гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «иқтисодиёти сабз» бо тариқи рақамикунонии бо суръат саҳмгузор хоҳем буд.

Гуфтан ба маврид аст, ки 30 сентябри соли 2022 Ҷумҳурии Тоҷикистон “Стратегияи рушди «иқтисоди сабз барои солҳои 2023-2037”–ро қабул кард, ки мақсади ин Стратегияи - гузаронидани ислоҳоти дастурӣ, таъмини истифодаи самараноки сармояи табиӣ, ҷалби

сармоягузорӣ, роҳандозии технологияи муосиру инноватсионӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар самти “иқтисодиёти сабз” мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин самт ташаккул ва инкишоф додани “иқтисоди сабз” бо тариқӣ рақамикунонии иқтисодӣ ҳукумати мамлакат пайваста чораҳои зарурииро андешида истодааст. Қобили зикр аст, ки ҳукумати мамлакат барои ворид намудани воситаҳои нақлиётии барқӣ, ки аз ҷонибӣ соҳибкорони ватанӣ тавассути минтақаҳои гумрукӣ дохили Тоҷикистон мегарданд имтиёзи бе пардохти боҷи гумрукиро роҳандозӣ намудааст. Ин дастгирии соҳибкорон аз ҷониби ҳукумати мамлакат боиси он гардидааст, ки рӯз то рӯз шумораи воситаҳои нақлиёти бо барқ ҳаракаткунанда афзуда истодааст.

Чунончӣ, дар соли 2022 шумораи воситаҳои нақлиёти бо барқ ҳаракаткунанда, ки дар минтақаҳои гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд 718 ададро ташкил медиҳад, ин шишондиҳанда дар соли 2023 ба 2700 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2022 74% ё (1982 адад) зиёд шудааст. Ёдовар мешавем, ки аксарияти воситаҳои нақлиёти бо барқ ҳаракаткунанда дар дохили шаҳри Душанбе ба аҳолӣ хизмат карда истодаанд.

Инчунин, санаи 18.01.2024 бо ташаббуси Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ 30 адад электробуси тамғаи “Акиа НЕРӮ” истеҳсоли корхонаи муштараки “Акиа Авесто Автоматив Индастри”– и Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, тибқи стандартҳои аврупои истеҳсол гардида, аз ҷиҳати экологӣ барои истифода дар дохили шаҳри Душанбе ҷавобгӯ буда, ба истифода дода шуданд.

Имрӯзҳо мушоҳида мешавад, ки шаҳри Душанбе аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо суръат рушд ёфта истодааст. Дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории шаҳр рақамикунонӣ ҷори гардида барои табдил додани шаҳри Душанбе ба шаҳри “Сабз” имкониятҳои васеъро фароҳам овардааст.

Олимону муҳаққиқони соҳаҳои иқтисодӣ ва техникиро зарур аст, ки ин имкониятҳои фаррохро истифода намоянд ва барои ҳарчи зудтар гузаштан ба рақамикунонӣ ва иқтисодиёти сабз таҳқиқотҳои илмии худро ҷоннок созанд ва нақшаҳоро барои дар амал татбиқ кардан пешниҳод намоянд.

Қобили қайд аст, ки соли 2024 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» татбиқ гардида, бо ин мақсад дар донишгоҳ панелҳои офтобӣ барои таъмини барқ бо иқтидори истеҳсолии зиёда аз 30 кВт- соат неруи барқ дар як шабонарӯз насб карда шудаанд, ки ин барои сарфи маблағҳои зиёдатии буҷети донишгоҳ ва кам кардани сарфаи неруи барқи аз ҷониби НБО таъминкунанда заминагузор мебошад.

Донишгоҳ нақша дорад, ки дарояндаи наздик иқтидори истеҳсолии неруи барқро ба воситаи панелҳои офтобӣ ба маротиб афзоиш диҳад. Ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳоли гузариш ба иқтисоди сабз қарор дошта дар ин замина ҳамҷоясозии назарияро бо амалия бароҳ монда истодааст.

Аз рӯйи гуфтаҳои олимони соҳа ва мақомотҳои дахлдор бар меояд, ки «...Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад. Соли 2025 агрегати сеюми неругоҳи барқи обии «Роғун» мавриди истифода қарор дода мешавад»[1].

Бо ин мақсад «дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳимми аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд.

Бо амалисозии тадбирҳои зикршуда соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100 фоиз бо «энергияи сабз» таъмин гардида (ҳоло

98 фоиз), дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад.

Яъне Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи «иқтисоди сабз» соли 2037 воқеан ба «кишвари сабз» табдил меёбад.

Ҳоло кишвари мо аз рӯйи фоизи истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон дар ҷойи 6-ум қарор дорад» [3].

Аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки гузариши пурраи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди сабз дорои манфиатҳои гуногун мебошад, аз қабили (тоза нигоҳ доштани муҳити атроф ва ҳавои атмосфера, ғани гардонидани буҷети оила, маҳал, ва давлат аз ҳисоби фарқияти истифодаи сузишворӣ аз энергияи сабз ва ғайра).

## АДАБИЁТ


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28.12.2023. Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон http://www.president.tj. сана 29.09.2024.
3. Сомонаи расмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Салихов Ҷ. https://mts.tj
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28.12.2023. Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон http://www.president.tj. сана 29.01.2024.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2019. Сайти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон http://www.president.tj. сана 29.09.2024.


**УДК 338**

**Худоёров Ш.Х.**

## ТАҲҚИҚОТИ МАРКЕТИНГИИ МАҲСУЛОТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ҶАРАЁНИ ДИСТРИБУТСИЯИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои марбут ба молҳои истеъмолӣ ва ҷараёни дистрибутсияи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар асоси таҳқиқоти маркетингии гузаронидашуда вазъи бозори озуқаровӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, зеро он дар рушди фаъолияти дистрибьюторӣ нақши асосиро мебозад. Ҷараёни дистрибутсионӣ метавонад ба кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ, сарфаи вақт ва захираҳо барои пешбурди маҳсулот ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ кӯмак расонад. Таҳқиқот нишон дод, ки ба баъзе молҳои истеҳсолшаванда низоми номукамали дистрибутсионӣ хос аст, ки онро худи корхона танзим намекунад. Баъзан низоми бесамар таксимкунии маҳсулот боиси хароҷоти иловагии молиявӣ мегардад. Мақсади таҳқиқот муайян намудани хусусиятҳои ҷараёни дистрибутсионӣ ва ба ин васила таъмин намудани дастрасии маҳсулот дар бозорҳо ва фароҳам овардани имконият барои истеъмолкунандагон, барои харидани моли зарурӣ дар вақти барои онҳо мувофиқ ва ба миқдори зарурӣ мебошад. Маълумот дар бораи дистрибутсияи муомилоти мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нархҳои воқеӣ, оид ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокв止ӣ ва нишондиҳандаҳои индекси нархҳои истеъмолӣ бо фоизи соли гузашта, аз ҷумла нишондиҳандаҳои суръати афзоиши муомилоти моли чакана дар саросари кишвар оварда шудаанд. Ҳама маҷроҳхои

фурӯш, ки бо ёрии он вазъияти бозори истеъмолиро таҳлил намуда, ба ин васила эҳтимолияти аз дистрибютор ба нуқтаҳои савдои чакана ё дистрибютор ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ тавассути нуқтаҳои савдои чаканаи мол, аз ҷумла нишон додани омилҳои таъсиррасонӣ ба сатҳи таъминотро муайян кардан мумкин аст. Дар асоси нишондиҳандаҳои маҳсулоти хӯрокворӣ хусусиятҳои асосӣ муайян карда шудаанд, ки зарурати мавҷудият ва рушди ширкатҳои дистрибюторӣ дар бозорро таъкид мекунанд. Ин хусусиятҳо иқтидори низоми дистрибутсияро ҳамчун унсури муҳими зерсохтори иқтисодии кишвар, мусоидат ба ҳамкории самарабахши байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон нишон медиҳад. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки барои мукаммалгардонидани фаъолияти дистрибутсия дар кишвар ҳамчунин ба инобат гирифтани масъалаҳои таъминоти моддӣ, барномаҳои дастгирии истеҳсолоти маҳаллӣ ва сиёсати ҳукумат муҳим аст.

**Вожаҳои калидӣ:** маҳсулоти озуқаворӣ, таҳқиқоти маркетингӣ, самаранокии дистрибутсия, фаъолияти дистрибутсия, тақсимот, тақсимоти озуқаворӣ, маҷроҳҳои дистрибутсияи маҳсулот, корхонаҳои хӯрокворӣ, бехатарии озуқаворӣ, савдои яклухт ва чакана, иттиҳодияҳои тиҷоратӣ, фаъолияти миёнаравӣ.

**Худоёров Ш.Х.**

## МАРКЕТИНГОВОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ПОТРЕБИТЕЛЬСКИХ ТОВАРОВ И ИХ ДИСТРИБУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье исследуются вопросы, связанные с потребительскими товарами и процессами их дистрибуции в Республике Таджикистан. На основе проведенного маркетингового исследования показано состояние потребительского рынка в Республике Таджикистан, так как она играет ключевую роль в развитии дистрибьюторской деятельности. Дистрибуционный процесс может поспособствовать снижения производственных издержек, экономия времен и ресурсов для продвижения продукции конечным потребителям. Исследование показало, что для некоторых производимых товаров свойственна система не организованной дистрибуции, что не регулируется самим предприятием. Иногда неэффективная система распределения товара приводит к дополнительным финансовым издержкам. Целью проведенного исследования является выявление особенностей дистрибуционного процесса и этим обеспечивает доступность продукции на рынках и создать возможность для потребителей приобретать необходимые товары в удобное для них время и в нужном количестве. Приведены данные по распределению оборота торговли в Республике Таджикистан в фактических ценах, по производству пищевой продукции и показателям индекса потребительских цен в процентах к предыдущему году, включая показателей темпов роста розничного товарооборота по всем каналам реализации, с помощью которых можно анализировать состояние потребительского рынка и этим определять вероятность продаж от дистрибьютора в торговые точки или дистрибьютора конечному потребителю, через торговые точки товаров, в том числе показаны факторы, влияющие на уровень поставки продовольственных товаров на различных каналах дистрибуции. На основе показателей продовольственных товаров выявлены ключевые особенности, которые подчеркивают необходимость существования и развития дистрибьюторских компаний на рынке. Эти особенности указывают на потенциал дистрибьюторской системы как важного элемента экономической инфраструктуры страны, способствующего эффективному взаимодействию между производителями и потребителями. Автор предлагает, для оптимизации дистрибьюторской деятельности в стране важно также учитывать вопросы логистики, программы поддержки местного производства и политику государств.

4. Додани имтиёзҳои қарзӣ барои сохтани сардхона ва амборҳо дар деҳотҳое, ки маҳсулоти кишоварзиро зиёд истеҳсол менамоянд. Аз сабаби ҷойи махсуси нигоҳдорӣ надоштан маҳсулоти кишоварзӣ аз деҳқон бо нархи якчанд карат арзон аз нархи фурӯш ба тоҷирон мегузарад. Дар ин самт беҳтар мегардад, ки ба соҳибкороне, ки ба сохтани сардхона ё амборҳо сару кор мегиранд, ба онҳо низ имтиёзҳои барқӣ дода шавад. Чунки ҳангоми сӯҳбат бо бештаре аз соҳибкорон маълум гардид, ки аз сабаби гаронии нархи барқ, арзиши аслии маҳсулот якчанд карат зиёд мегардад:
5. Кам кардани каналҳои фурӯш ва зуд ба бозор пешниҳод кардани маҳсулоти кишоварзӣ яке аз омилҳои муҳими рушди босубот ва тарақиёти иқтисодиёти деҳот низ буда метавонад.

## АДАБИЁТ


1. К вопросу о современных проблемах розвития сельскох територий. [Текст]: [электронный ресурс]. URL. https://cyberleninka.ru (дата обращения: 03.12.2024).
2. Қузратзода. Р.С. Китоби дарсӣ “Иқтисодиёти деҳот” /Р.С. Қузратзода., Н. Сидиқов,
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.–2019.– С. 27-29.
4. Село и его проблемы: социальный аспект 2.10.2015. [Текст]: [электронный ресурс]. URL https://cyberleninka.ru (дата обращения: 03.12.2024)
5. У. Валиев, Р.Ф. Ғайратов, К. Абдуназарзода. – Душанбе, “Ганҷи хирад”- 2022.: 434. С.
6. Хушвахтзода Қ.Х., Ашуров Ф.М., Аҳмадов Ф.М., Раҷабов О.Ҷ. Сатҳи зиндагии аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Монография / Душанбе: Шарқи озод, 2021. 200 саҳ.

УДК 338

**Ҳабибова С.С., Амонов С.С., Кабутзода Қ.М.**

## ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ПЕШРАФТАИ ҶАҲОН

Дар мақолаи мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии дастгирии давлатии молиявии фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ равона карда шудаст. Ҳамзамон раванди фаъолияти соҳибкории инноватсионии хурду миёна омӯхта шуда, барои рушду инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳалли роҳҳои истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон оид ба дастгирии молиявии соҳибкории хурду миёна ва як қатор чораҳои муҳим вобаста ба беҳтар кардани ҳолати он пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо**: рушди устувор, соҳибкории инноватсионӣ, дастгирии молиявӣ, корхонаҳои хурду миёна, соҳаи хизматрасонӣ

**Хабибова С.С., Амонов С.С., Кабутзода К.М.**

## ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОДДЕРЖКА ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ И ОПЫТ РАЗВИТЫХ СТРАН МИРА

В данной статье основное внимание сосредоточено на изучении мирового опыта государственной финансовой поддержки предпринимательской деятельности в зарубежных странах. При этом изучен процесс инновационной деятельности малого и среднего препринимательство и для его развития в Республике Таджикистан предложены решения по использованию опыта развитых стран мира по финансовой поддержке малого и среднего препринимательство и ряда были предложены важные меры, связанные с улучшением его состояния.

**Ключевые слова**: устойчивое развитие, инновационное препринимательство, финансовая поддержка, малые средние предприятия, сфера услуг.

**Habibova S.S., Amonov S.S., Kabutzoda Q.M.**

## STATE SUPPORT FOR BUSINESS ACTIVITIES IN TAJIKISTAN AND THE EXPERIENCE OF DEVELOPED COUNTRIES OF THE WORLD

This article focuses on studying the global experience of government financial support for business activities in foreign countries. At the same time, the process of innovative activity of small and medium entrepreneurship was studied and for its development in the Republic of Tajikistan, solutions were proposed to use the experience of developed countries in the financial support small and medium entrepreneurship and a number of important measures were proposed to improve its condition.

**Key words:** sustainable development, innovative entrepreneurship, financial support, small medium enterprises, service sector.

Рушди устувори соҳаҳои муҳимми давлатӣ, бахусус соҳаи иқтисод, таҷрибаи марҳилавии тарзи хоҷагидории бозорӣ ва ҷорӣ гардидани технологияҳои пешқадаму инноватсионӣ нишон медиҳанд, ки бо маром таъсис ёфтани корхонаҳои хурду миёна яке аз самтҳои афзалиятнок дар таъмин ва рушди устувори иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ғанӣ гардонидани буҷетҳои давлатию маҳаллӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарӣ ва дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва сохторҳои он дар солҳои истиқлолияти давлатӣ барои ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорию намудҳои гуногуни он дар кишвар маҷмӯи асосии қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ қабул карда шуданд.

Давлат барои дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт ва соҳаҳои хизматрасонӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар ин замина, барои фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ ва дигар манбаъҳои маблағгузорӣ, барои хароҷотҳое, ки ба рушди устувори иқтисоди кишвар ва ҳудуди кишвар мусоидат мекунанд, барои пурзур намудани ташаккули асосҳои модели рушди иқтисодӣ-инноватсионӣ дар асоси истифодаи комёбиҳои илм, маориф, техника ва технология шароити мусоид фароҳам меоварад.

Дар маҷмӯъ, рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ, аз ҷумла дар бахши соҳибкории хурду миёна, бартариятҳои рақобатии кишварро дар шароити тамоюли рушди ҷаҳонишавӣ дар миқёси ҷаҳонӣ тақвият мебахшад. Дар ин шароит рушди соҳибкории хурду миёна, низоми дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонии молиявӣ барои рушди фаъолияти инноватсионӣ дар самти афзалиятноки таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақа-ҳудудҳо нақш ва аҳамияти асосӣ пайдо мекунанд

Таҳлили гузаронидаи мо дар асоси маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2022 шумораи умумии шахсони ҳуқуқии амалкунанда 37 076 адад ё 71,1 фоизи шумораи бақайдгирии онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дод. Барои муқоиса бояд гуфт, ки дар соли 2017 ин рақамҳо ба 29923 адад ё 69,9 фоиз ва дар соли 2015 бошад мутаносибан 39401 адад ва 93,0 фоизро ташкил медоданд [6.С.520].

Ин ҳолат аз коҳиши назарраси шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷа барҳамдиҳӣ бо сабабҳои гуногун (меъёри баланди андозҳо, фоизи беасоси қарзҳои бонкӣ ва ғайра) ба амал омадааст.

Аз шумораи умумии шахсони ҳуқуқии (корхонаҳои) ба қайд гирифташуда ҳиссаи бештарро корхонаҳои хурди амалкунанда (шумораи миёнаи коргарони доимӣ то 30 нафар) ташкил медиҳад. Аз рӯйи натиҷаҳои кор дар соли 2022 шумораи корхонаҳои хурди амалкунанда 26209 адад ё 82,3% аз шумораи умумии шахсони ҳуқуқии амалкунанда (31840 адад)-ро ташкил дод. Дар ҳамин ҳол, корхонаҳои миёна (аз 31 то 200 нафар) 5210 адад ё 16,4 фоизро ташкил доданд.

Шумораи корхонахои калони амалкунанда (зиёда аз 201 нафар) 421 ададро дар соли 2022 ташкил медиҳад.

Бояд қайд кард, ки тиҷорати хурд амалан бо се намуди субъектҳои соҳибкорӣ намояндагӣ мекунанд:

1. Шахсони ҳуқуқӣ (корхонаҳо);
2. Хоҷагиҳои деҳқонӣ;
3. Соҳибкорони инфиродӣ.

Шумораи умумии соҳибкорони инфиродии ба қайд гирифташуда, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолият мекунанд, дар ҳудуди ҷумҳурӣ соли 2022-ум 135,2 ҳазор нафарро ташкил доданд. Қисмати боқимондаи соҳибкорон фаъолияти худро қатъ карданд, ки ин аз мавҷудияти мушкилоти ҷиддии ин бахши хоҷагии халқ шаҳодат медиҳад.

Шумораи хоҷагиҳои деҳқонии ба қайд гирифташуда дар соли 2022-ум 172,1 ҳазор ададро ташкил дод, дар ҳоле ки дар соли 2015 онҳо 130,2 ҳазор адад буданд, яъне дар ин давра шумораи онҳо 32,2 фоиз афзуд. Шумораи зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ (то 50 нафар корманд дошта бошанд) корхонаҳои хурд дониста шуданд.

Дар асоси маълумотҳои омории пешниҳодшуда метавон ба хулосае омад, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ соҳибкории хурду миёна рушди муайян ба даст овардааст ва истифодаи самараноки иқтидори онҳо бо дастгирии давлат метавонад ба суръати рушди иқтисодӣ ва ҳалли муҳимтарин проблемаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсири калон расонад. Дар баробари ин,

иқтидори он барои ташаккул ва рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ ба қадри кофӣ истифода намешавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ба таври равшан нишон медиҳад, ки соҳибкории инноватсионии хурду миёна омили ҳалкунандаи таъмин ва рушди устувори иқтисодӣ, рақобаттавонӣ дар истеҳсоли молу хизматрасониҳои ватанӣ ва иқтисоди ҳар як кишвар дар шароити афзоиши равандҳои ҷаҳонишавӣ мебошад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва алоҳидаи рӯ ба инкишофи ҷаҳон низ аз нақш ва мавқеи муҳимми иқтисоди хурд ва саҳми назарраси он дар ташаккули нишондиҳандаи асосии макроиқтисодӣ – истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ шаҳодат медиҳад. Саҳми ин бахши иқтисод дар маҷмӯъ аз 55 то 70 фоизро ташкил дода, дар шароити ҷумҳурӣ аз 75 то 85 фоизи аҳолиро бо ҷойи кор таъмин намуда, дар ташаккули даромадҳои буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ низ саҳми арзанда мегузорад.

Дар баробари ин, дар кишварҳои пешрафтаи Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Канада, Япония ва дигарҳо дар натиҷаи фаъолияти фаъоли танҳо корхонаҳои хурд, қариб 70% тамоми инноватсияҳо, ғайр аз ин, корхонаҳои хурди инноватсионӣ аз худ карда мешаванд. Корхонаҳо дар як сол ба ҳар як коргар дуюним баробар зиёд маҳсулот ва хизматҳои нав истеҳсол ва иҷро мекунанд. Барои муқоиса қайд мекунем, ки аз давраи оғози истеҳсоли маҳсулоти нав то давраи тиҷорати он, яъне то давраи ба бозор баровардани он дар корхонаҳои хурд назар ба ширкатҳои бузург якуним маротиба камтар аст маҳсулот истеҳсол шуда, индекси патентии он ба ҳисоби миёна 1,53 (барои ширкатҳои калон - 1.19) баробар мешавад [2.С.8].

Ин вазъият самаранокии соҳибкории хурди инноватсиониро нисбат ба соҳибкории калон равшан тавсиф мекунад, гарчанде иқтидори онҳо аз сабаби миқёсашон бештар аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории хурди инноватсионӣ бо сабабу шароитҳои зиёд дар ҳоли ҳозир рушди дуруст наёфта, дар марҳилаи ташаккули худ қарор дорад. Дар ин роҳ монеаҳо ва душвориҳои зиёд мавҷуданд ва тибқи натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидаи мо ҳиссаи соҳибкории хурди инноватсионӣ дар кишвар тақрибан 0,1 дарсади шумораи умумии корхонаҳои хурдро ташкил медиҳад.

Барои муқоиса, мо қайд кардан кофист, ки тибқи маълумоти ташкилоти умумироссиягии соҳибкории хурд ва миёна “Дастгирии Россия”, на бештар аз 2% тамоми фаъолияти соҳибкорӣ дар Россияро ҳамчун соҳибкории инноватсионӣ тасниф кардан мумкин аст. Дар баробари ин вазни қиёсии корхонаҳое, ки ба татбиқи технологияҳои инноватсионӣ машғуланд, андаке бештар аз чор фоизро ташкил медиҳад. Ҳиссаи молҳо, кору хизматрасониҳои инноватсионӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсол ва хизматрасонӣ ба мизоҷон камтар аз ду фоизро ташкил медиҳад. Дар ҳамин ҳол, ҳиссаи патентҳои гирифташуда барои ихтироот камтар аз як фоизро ташкил медиҳад.

Агар дар кишварҳои пешрафта ҳиссаи корхонаҳои хурду миёна дар содироти маҳсулоти инноватсионӣ аз 15 то 40 фоизро ташкил диҳад, пас дар Россия он 0,3 фоиз ва дар Тоҷикистон шояд хеле камтар бошад, зеро мақомоти расмии омор чунин маълумотро умуман нашр намекунанд, дурусттараш, ҳеҷ кас маълумоти дақиқро намедонад.

**Сабабҳои паст будани фаъолияти инноватсионии корхонаҳои хурд ба ақидаи мо инҳоянд:**

- ✓ дастнорас будани захираҳои молиявӣ;
- ✓ номукаммалии низоми танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ; набудани талабот ба мол ва хидматҳои нави соҳибкории хурд;
- ✓ сатҳи баланди коррупсия ва пардохтҳои ғайриқонунӣ ба намояндаҳое, ки ба фаъолияти корхонаҳои хурд, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ назорат мекунанд;
- ✓ баланд будани гаронии сатҳи андозҳо ва додани қарзҳои бонкӣ асосан кӯтоҳмуддат, на қарзҳои дарозмуддат (барои 5-10 сол дар солҳои оянда);
- ✓ таваҷҷуҳ надоштан ба рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ,
- ✓ сатҳи нокифояи омодасозии кадрҳои баландихтисос ва касбӣ ба ин соҳа ва ғайра.

Дар кишварҳои хориҷие, ки давлат ба соҳибкории хурд ва махсусан дар татбиқи имкониятҳои инноватсионӣ фаъолона кумак мерасонад, мақомоти ваколатдори давлатӣ ба таҳия ва қабули маҷмӯи санадҳои ҳуқуқӣ ва кафолатҳои пешбурди фаъолияти озод ва мақсаднок аҳамияти калон медиҳанд.

Дар ин маврид давлат тавассути пурзӯр намудани сиёсати иқтисодии худ бо рушду инкишофи соҳибкории хурди инноватсионӣ онро пайваста, дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати иқтисодии худ нигоҳ медорад. Дар доираи гуфтаҳои боло инчунин тадбирҳои муассири дастгирии давлатии онҳоро таҳия ва такмил медиҳад, ба рушди иқтисоди инноватсионӣ фаъолона ғамхорӣ карда, онро бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла бо роҳи дастгирии молиявӣ ҳавасманд менамояд, бо назардошти он, ки соҳибкорӣ яке аз омилҳои тавоно ва афзалиятнок барои ноил шудан ба рушди иқтисодӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, манбаи таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши шуғли аҳолӣ, ғани кардани даромади буҷети давлатӣ дар маҷмӯъ ва минтақаҳои он, афзоиши шумораи табақаи миёна дар ҷомеа ва ниҳоят, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва рушди бозор ва рақобат дар он аст.

Ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои хурду миёна дар хориҷи кишвар яке аз тадбирҳои ҳамаҷониба ва доимии дастгирии давлатӣ ҳисобида мешавад, зеро онҳо аслан ба ҳалли проблемаҳои гуногуни ҷойдоштаро ҳал мекунанд: ҷорӣ намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва конструкторӣ, фаъолонатар ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмию техникӣ, маркетингӣ, идоракунӣ, системаҳои илму маориф, интихоби кадрҳои барои касбу ҳунар зарурӣ, тайёр кардани салоҳияти онҳо дар соҳаҳои истеҳсолот, фаъоляти соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонии ҳамкории субъектҳои хоҷагидор – иштирокчиёни равандҳои инноватсионӣ.

Яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳимми низоми дастгирии давлатӣ дастгирии молиявӣ ва истифодаи самараноки механизми молиявӣ ҳамчун маҷмӯи шаклу усулҳои таъсири фаъолона ба рушди соҳибкории хурд, аз ҷумла фаъолияти хурди инноватсионӣ мебошад.

**Усулҳо ва механизмҳои умумии дастгирии давлатӣ иборатанд аз:**

- ✓ маблағгузории мустақим (қарзҳо, субсидияҳо);
- ✓ субсидияҳои мақсаднок барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- ✓ маблағҳои махсуси пулие, ки барои татбиқи инноватсияҳо аз буҷети давлатӣ ҷудо карда мешаванд ва дигар манбаъҳо (қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ);
- ✓ соддагардонии низоми андозҳо;
- ✓ андозбандии имтиёзнок;
- ✓ тарҳ кардани хароҷоти муассисаҳои илмӣ, донишгоҳӣ, озмоишгоҳҳо (ташхисгоҳҳо);
- ✓ бекор кардани боҷҳо, аз ҳисоб баровардани сармоягузорӣ, ба таъхир андохтани онҳо);
- ✓ барномаҳои давлатӣ оид ба паст кардани хавф,
- ✓ дастгирии ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон, соҳибкорон ва ғайра.

Ин тадбирҳо дар қонунҳои махсус оид ба рушди фаъолияти инноватсионӣ дар соҳибкории хурду миёна, қонун дар бораи андоз ва андозбандӣ, барномаҳои инноватсионии тадқиқот, паҳн ва татбиқи технологияҳо дар соҳибкории хурду миёна пешбинӣ шудаанд.

Акнун тадбирҳои ибратбахшро аз таҷрибаи дастгирии давлатӣ ва ҳифзи соҳибкории хурд дар баъзе кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон шарҳу тавзеҳот ва ибрози андешаҳои хешро пешниҳод менамоям.

Дар **Иёлоти Муттаҳидаи Амрико** (ИМА) миқдори корхонаҳои хурди ба қайд гирифташуда дар як сол қариб 28,0 миллион ададро ташкил медиҳад. Дар ин кишвар заминаҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкории хурд барои муддати тӯлонӣ фароҳам оварда шудааст. Ҳамин тариқ, дар соли 1890 бори аввал қонуни маъруфи зиддимонополӣ қабул карда шуд. Соли 1932 қонуни муҳимми Миллер-Гайдик дар бораи ҳифзи соҳибкори хурд қабул карда шуд. Дар мамлакат Комитети Сенат оид ба соҳибкории хурд (1940) ва соли 1941 Комитети соҳибкории хурди палатаи намояндагони Конгресс, мақоми олии ИМА таъсис дода шуд. Инчунин дар соли 1953 Қонун “Дар бораи соҳибкории хурд” қабул карда шуд ва дар заминаи он Агентии соҳибкории хурд (СБА) ҳамчун як ниҳоди муваққатӣ, аммо соли 1935

ин ниҳод ҳамчун як мақоми давлатӣ ба таври доимӣ ба Идораи соҳибкории хурд табдил дода шуд. Соли 1982 санад дар бораи соҳибкории хурди сармоягузорӣ қабул карда шуд, ки дар он на танҳо иқтидори инноватсионии соҳибкории хурд, балки зарурати дастгирии молиявии соҳибкории хурди инноватсионӣ бо аҳамияти ҳавасмандгардонии таҳвили технология ба соҳибкории хурд эътироф карда шуд.

Соли 1992 ИМА Қонуни махсус ва ислоҳшуда "Дар бораи рушди фаъолияти инноватсионии соҳибкории хурд"-ро қабул кард. Он аз ҷумлаи барномаҳои самарабахши миллиест, ки дар доираи қонуни мазкур таҳия шудаанд, ки Барномаи тадқиқоти инноватсионии соҳибкории хурд - Swire, инчунин паҳнкунии технологияҳо дар корхонаҳои хурду миёна (Барномаи таҳвили технологияҳои соҳибкории хурд - STTR)-ро дар бар мегирад.. Ин барномаҳо аз ҷониби Маъмурияти соҳибкории хурди ИМА ҳамоҳанг карда шуда, таҳқиқот ва коркардҳоро тавассути озмун аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ менамоянд. Дар айни замон ба воситаи барномаи SBIR масъалаҳои илмӣ-техникии даҳҳо муассисаҳои калони миллӣ ва вазоратҳои федералӣ ҳал карда мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо барои таҳқиқот ва тарҳрезии лоиҳаҳо дар бахши соҳибкории хурду миёна 100 миллион доллар дотатсия дода метавонанд. Қарорҳо дар бораи намудҳо ва андозаи дастгирии молиявӣ ва таҳияи нақшаҳои мавзӯии тадқиқотӣ ва тарҳрезии лоиҳаҳо дар асоси баҳодиҳии коршиносон ва таваҷҷуҳу талаботи соҳибкории пешниҳоднамудаи ширкатҳо ва ҳамзамон тавассути гузаронидани озмунҳо барои тақсими қарордодҳо, грантҳо ва субсидияҳо мустақилона муайян карда мешаванд. Ҳамасола дар доираи СБИР беш аз 6 ҳазор лоиҳа бо арзиши умумии беш аз 2 миллиард доллар амалӣ карда мешавад. Таҷрибаи татбиқи лоиҳаҳои тасдиқшуда аз он иборат аст, ки танҳо 1/3 ҳамаи лоиҳаҳо ба марҳилаи ниҳоӣ гузаронида мешаванд.

Дар **Япония** ҳанӯз соли 1947 Девони вазирони мамлакат аввалин Барномаи дастгирии соҳибкории хурду миёнаро таҳия ва тасдиқ карда буд, ки он заминаи ҳуқуқии маблаггузорӣ, машваратӣ техникӣ ва идоракуниро ба вуҷуд овард. Ҳуҷҷати мазкур механизм ва ҷанбаҳои ҳуқуқии дастгирии муносибатҳои шартномавӣ байни соҳибкории хурд ва калонро пешбинӣ мекунад.

Соли 1948 Ҳукумати мамлакат ҳуҷҷати хеле муҳимро бо номи «Роҳҳои асосии сиёсати дастгирии соҳибкории хурду миёна» тасдиқ намуд, ки механизм ва тартиби маблағгузории давлатиро барои ба вуҷуд овардани инфраструктураи институтсионалии соҳаи иқтисодро муайян намуд. Соли 1948 Ассотсиатсияи истеҳсолкунандагони хурди Япония низ таъсис дода шуд ва соли 1948 дар назди Вазорати савдои хориҷӣ ва саноати кишвар бо дастури Штаби генералӣ як ниҳоди махсус - Агентии соҳибкории хурд ва миёна таъсис дода шуд. Қувваҳои иттифоқӣ бо мақсади беҳтар намудани мавқеи корхонаҳои хурд дар иқтисоди Япония қариб ҳар сол қабули санадҳои махсуси танзимкунандаи фаъолияти корхонаҳои хурду миёнаро дар давлат идома медиҳанд.

Дар соли 1949 Корпоратсияи молияи халқ ташкил карда шуд, ки вай дар бобати бо пул таъмин намудани корхонаҳои миллӣ, аз ҷумла сектори хурди иқтисод фаъолона кори худро пеш мебурд. Баъд дар доираи ҳуҷҷати дигар (1951) — «Сиёсати мақсадноки саноатӣ» барои бо пул таъмин намудани сиёсати баланд бардоштани рақобаттавонии саноати Япония, ки дар солҳои минбаъда дар амалияи хоҷагӣ бомуваффақият ба амал бароварда шуд, тадбирҳои самарабахш кор карда баромада шуданд.

Аммо дар давраи аз соли 1952 то соли 1956 маҷмӯи санадҳои дигари муҳимми қонунгузорӣ қабул карда шуданд, аз ҷумла Қонуни "Дастгирии навсозии корпоратсияҳо" (1952), ки меъёрҳои ҳуқуқии тасниф намудани корхонаҳоро ба корхонаҳои хурд ва миёна муайян менамуд. Дар соли 1952 қонуни фавқулода дар бораи корхонаҳои хурду миёна қабул карда шуд, ки он ба муътадил гардондани бозори маҳсулоти саноат барои корхонаҳои хурду миёна, инчунин ҳавасманд гардондани муносибатҳои пудратии байни корхонаҳои калон ва хурд нигаронида шуда буд.

Дар соли 1953 Корпоратсияи молиявии соҳибкории хурд асосан бо мақсади қарздиҳӣ ба лоиҳаҳои соҳибкории хурд ташкил карда шуд. Аммо дар соли 1956 бо қарори Девони Вазирон

дар мамлакат Комитет оид ба ривоҷи корхонаҳои хурд ва миёна ташкил карда шуд. Ҳуҷҷати мазкур зарурати таҳияи чораҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ширкатҳои хурд, зарурати ҳамгироии онҳоро бо соҳибкории калон, дастгирии корхонаҳои савдои чаканаро пешбинӣ мекунад. Ниҳоят, дар соли 1956 парламенти Япония Қонунро «Дар бораи дастгирии молиявии корхонаҳои хурд ва миёна» тасдиқ кард, ки он ба ҳамаи префектураҳо амр дод, ки фондҳои ҳудудиро барои дастгирии соҳибкории хурду миёна таъсис диҳанд. Ғайр аз ин, Қонуни махсус “Дар бораи дастгирии молиявии корхонаҳои хурд ва миёна” (соли 1963) қабул карда шуд, ки дар он бахшҳо ва соҳаҳои иқтисод, ки дар онҳо корхонаҳои хурду миёна ба дастгирии молиявии имтиёзнок дастрас мебошанд, муайян карда шуд.

Қонуни дигар «Дар бораи дастгирии молиявии азнавсозии корхонаҳои хурду миёна», ки соли 1973 қабул шуда буд, ки аслан таҳрири дигари қонуни қаблан қабулшуда мебошад, вале дар ин ҷо ба дастгирии давлатӣ ба корхонаҳои хурду миёна дар бахшҳои пешқадами иқтисод, инчунин ба дигар соҳаҳо диққати махсус дода мешавад, ки ба сатҳи зиндагонии аҳолӣ бевосита дахл мекунанд.

Соли 1979 бо мақсади таъсиси Комитети корхонаҳои хурду миёна дар кишвар санади расмӣ қабул шуда буд, ки он ба татбиқи амалии тадбирҳои бозсозии сохтори соҳибкории хурду миёна барои бозгардонидани онҳо ба самти сарфаи неруи барқ ва дар сатҳи баланд ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам равона карда шудааст. Дар ин ҳуҷҷат ба зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ, ба истифодаи омилҳои интенсивии афзоиши иқтисод дар самти баланд бардоштани самаранокии системаи идоракунӣ дар корхонаҳои соҳаи истеҳсолот диққати махсус дода шудааст.

Дар мамлакат теъдоди зиёди муассисаҳои таҳқиқотӣ-илмӣ мавҷуданд, ки таҳқиқот мегузаронанд, масъалааҳои мавҷударо таҳлил мекунанд ва тамоюли инкишофи корхонаҳои хурду миёнаро муайян мекунанд, инчунин системаи дастгирии рушди инноватсионии минтақаҳои Японияро ташкил мекунанд. Мувофики маълумотҳои ҳисоботӣ [7. С. 42-50] ва пешгӯии инкишофи низоми инноватсионии Япония, ки дар адабиёти махсуси иқтисодӣ интишор шудаанд, он бо нишондиҳандаҳои зерин тавсиф кард (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Тавсифи нишондиҳандаҳои сатҳи ҳамкории соҳибкорон бо академияҳо барои рушди инноватсионии минтақаҳои Япония**

| Мафҳум | Нишондиҳандаҳо | 2008 | Пешгӯӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2010 | 2015 | 2020 | 2023 | 2030 |
| Сатҳи ҳамкории соҳибкорон ва академияҳо | Шумораи коркунони илмӣ, хазор нафар | 879 | 880-885 | 900-950 | 1000-1100 | 1200-1300 | 1400-1500 |
| | Хароҷоти илмӣ-таҳқиқотӣ, миллиард доллари ИМА. | 192 | 190-195 | 210-220 | 230-250 | 260-300 | 390-440 |
| | Ҳиссаи хароҷоти илмӣ-таҳқиқотӣ дар ММД, % | 3,6 | 3,6 | 3,7-4,0 | 4,0-4,5 | 4,2-4,6 | 4,5-5,0 |
| | Ҳиссаи хароҷоти донишгоҳо оид ба НИОКР, ки аз ҷониби саноат маблағгузорӣ кардааст | 2,9 | 3,0- 3,2 | 3,5-4,0 | 4,5-5,5 | 6,0-8,0 | 10-15 |
| | Шумораи дархостҳои патентӣ, ҳазор адад | 2,9 | 800-820 | 850-900 | 900-950 | 950-1000 | 950-1050 |
| | Шумораи мақолаҳои илмии нашршуда, ҳазор. | 78,5 | 75-80 | 85- 90 | 95-100 | 100-105 | 110-120 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Арзиши содироти технология, миллиард доллари ИМА | 12,8 | 12-13 | 15-20 | 25-35 | 40-50 | 60-80 |
| | Ҳиссаи маҳсулоти баланд-технологӣ дар содирот, % | 14,5 | 20-25 | 35-40 | 40-45 | 45-50 | 55-60 |

**Сарчашма:** сайт https://japan.mfa.gov.by> japan

Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи машваратҳои техникӣ ва идоракунӣ барои соҳибкории хурд ва миёна дар соли 1980 қабул карда шуд. Зимнан, Қонун «Дар бораи дастгирии молиявии рушди технологии корхонаҳои хурду миёна» (соли 1985) ва як қатор санадҳои ҳуқуқӣ оид ба гузаронидани ислоҳоти сохторӣ ва дастгирии фаъолгардонии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои хурд таҳия гардидаанд бомаром дар амал татбиқ карда шуда истодаанд. Ҳамаи ин амалия рушди афзалиятноки соҳибкории хурду миёнаро дар кишвар ҳамчун омили таъмини рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум таъмин менамояд.

Тавре ки аз маводи дар боло овардашуда дида мешавад, дар Япония давлат барои рушди соҳибкории хурду миёна бо роҳи ҷудо кардани маблағҳои буҷетӣ, субсидияҳо ва қарзҳо ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ кумаки назарраси молиявӣ мерасонад, инчунин ташкилотҳои қарзии хусусиро ҷалб мекунад, ки он масалан, корпоратсияҳои соҳибкории хурд, иттиҳодияҳои сершумори префектураи кафолати кредит ва суғуртаи корхонаҳои хурд аз ҳисоби таҷрибаи васеъ тақсим кардани субсидияҳо то 50 фоизи хароҷотӣ, ташкили марказҳои баланд бардоштани дараҷаи техникии корхонаҳои хурд, консултатсия ва такмили ихтисоси коргарон аз ҳисоби ҷуброни хароҷот, тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандҳоро фаро мегирад.

Таҷрибаи ибратбахши маблағгузории рушди соҳибкории хурду миёна дар кишварҳои пешрафтаи Иттиҳоди Аврупо (Германия, Франсия, Италия, Британияи Кабир), инчунин Хитой, Кореяи Ҷанубӣ, Исроил ва бисёр дигар кишварҳои ҷаҳон шоёни таваҷҷуҳи махсус аст.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҳар як кишвар барои рушди бахши инноватсионии соҳибкории хурду миёна аз сарчашмаҳои худ ва дастрасии молиявии худ истифода мебарад, аз ҷумла: маблағҳои мақсаднок аз буҷети давлатии мамлакат ва буҷетҳои маҳаллӣ; маблаӯҳои худи корхонаю ташкилотҳо; механизми дастгирии давлатӣ дар шакли кафолати қарзҳо ва ҷудо намудани субсидияҳо барои соҳибкории хурду миёна; таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки «Маблағгузории инноватсионӣ».

Илова бар ин, имкониятҳои маблағгузории венчурӣ тавассути ташкили фондҳои махсус; дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ; ҷалби маблағҳои бонкҳои тиҷоратӣ; қарзҳои хурд ва грантҳо барои корхонаҳои хурди нав ва фаъол дар самтҳои афзалиятноки рушди инноватсия дар иқтисод; доираи васеи татбиқи имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ; дастгирии молиявӣ дар дар шакли ҷуброни хароҷоти корхонаҳои хурду миёна ва корхонаҳои инноватсионӣ барои таълим ва такмили ихтисоси кадрҳо; инкишоф додан ва истифодаи системаи франчайзинг дар кори интегратсияи корхонахои калон бо корхонахои хурд; механизми маблағгузории хароҷоти объектҳои нави соҳибкории инноватсионӣ тавассути ташкили шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва бисёр шаклҳои дигари дастгирӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ ҷудо карда мешаванд.

Дар асоси ҳамаи маводи дар боло зикршуда оид ба масъалаҳои дастгирии молиявӣ ва механизмҳои маблағгузории соҳибкории хурди инноватсионӣ **хулоса ва тавсияҳои** зеринро пешниҳод намудан бамаврид аст:

1. Соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ, махсусан баъди соли 2000 инкишофи минбаъда пайдо карда, дар рушди устувори иқтисоди миллӣ самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Иқтидори мавҷудаи иқтисодии ин соҳа ва татбиқи мунтазами он метавонад дар ташаккул ва афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар,

ҷисмати даромади буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо – ҳудуди ҷумҳурӣ мусоидат намояд.

2. Иқтидори мавҷудаи иқтисодии соҳибкории хурду миёна, тавре ки таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳад, дар айни замон барои пурзӯр намудани раванди ташаккул ва рушди соҳибкории инноватсионӣ хеле кам истифода мешавад.

3. Омӯзиши таҷрибаи хориҷии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон (ИМА, Япония, Германия, Италия, Хитой ва ғ.) оид ба масоили дастгирии молиявии рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ равшан нишон медиҳад, ки давлат ин самти рушди иқтисодро ба назар мегирад. Бо ин мақсад онҳо манбаъҳои молиявии буҷетҳои давлатӣ ва вилоятӣ, бонкии бо фоиз ва имтиёзнокро бо фоизҳои паст, маблағҳои худи корхонаҳо ва субъектҳои бахши хусусиро, низоми андозбандии имтиёзнокро барои соҳибкории хурд, маблағгузории венчурӣ ва дигар манбаъҳои гуногуни ташаккули маблағҳою фондҳои махсусро барои рушди босуръати корхонаҳои хурду миёна

4. Барои таъмини маблағгузории эҳтиёҷоти корхонаҳои хурди инноватсионӣ аз ҳисоби даромадҳои буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ барои гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва рушди соҳибкории инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои ҳудудии он (шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо ва ғайра) таъсис додани фонди мақсаднокро мувофиқ мешуморем.

5. Истифодаи таҷрибаи андухтаи мамлакатҳои тараққикарда ва рӯ ба инкишофи ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои ИДМ-ро дар соҳаи ҷалби манбаъҳои гуногуни захираҳои молиявӣ барои рушди босуръати соҳибкории хурди инноватсионӣ дар бахшҳои воқеии иқтисод ва соҳаи хизматрасонӣ зарур меҳисобем.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023. Душанбе: "Шарқи озод", 2023. – 64 с.
2. Бауман У. предпринимательство, инновации и рост. В кн.: Проблемы теории и практики управления. 2005, № 2., с. 8.
3. Оморои солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2023. - 419 с.
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016.
5. Постановление Правительства Республики Таджикистан «Программа инновационного развития Республики Таджикистан на период 2011-2020 годы» от 30 апреля 2011 года, №227.
6. Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ. маҷмӯаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2021. - 702 с.
7. Яковенко С.Н. Генезис финансовых инноваций в деятельности коммерческих банков//Финансовая аналитика - Проблемы и решения - 2015, №5. - С. 42-50.


**УДК 339**

**Хабибова С.С.**

## ОСНОВНЫЕ ПОДХОДЫ ОЦЕНКИ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ СФЕРЫ УСЛУГ В ПРОЦЕССЕ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ

Развитие сферы услуг, в том числе внутренняя торговлия является объективным условием устойчивого развития национальной экономики. В развитых странах предприятия сферы услуг в настоящее время больше всего ссылаются на научго-техническое развитие, что

в большей мере даёт возможность увеличить размеры и изменять структуру предприятия, поддерживать стандарты качества услуг, адаптировать услуги к локальным потребностям населения. Накопленный опыт создания и функционирования отдельных элементов сферы услуг населения с использованием инновационных, управленческих и социальных технологий требует научного осмысления дальнейшего повышения эффективности и устойчивого развития. Достижения успешного развития сферы услуг предопределяют необходимость оценки социально-экономической эффективности как отдельных видов услуг, так и отдельных подотраслей сферы услуг. Учитывая важность оценки эффективности деятельности предприятий сферы услуг в статье изученҷ и рассмотрены несколько подходов, которые взаимосязаны с устойчивым ростом эффективности предприятий сферы услуг и которые дают возможность решить сложившиеся проблемы и повысить эффектисность на предприятиях сферы услуг

**Ключевые слова:** устойчивое развитие, эффективность, сфера услуг, конкуренция, потребитель, объем реализации, высокое качество, качество обслуживания

**Ҳабибова С.С.**

**РАВИШҲОИ АСОСИИ БАҲОДИҲИИ САМАРАНОКИИ КОРХОНАҲОИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР РАВАНДИ РУШДИ УСТУВОР**

Инкишофи соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла савдои дохилӣ шарти объективии рушди устувори иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар кишварҳои пешрафта корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ дар айни замон бештар ба тараққиёти бемайлони илм ва технология такя менамоянд. Ин имкон медиҳад, ки сохтори корхона тағйир дода шавад, стандартҳои сифати хизматрасониҳо нигоҳ дошта шаванд ва ба талаботи рӯзмарраву тағйирёбандаи аҳолӣ мувофиқ карда шаванд. Таҷрибаи касбкардашуда дар таъсис ва фаъолияти бахшҳои алоҳидаи соҳаи хизматрасонӣ бо истифода аз талаботҳои инноватсионӣ, идоракунӣ, иҷтимоӣ ва дарки илмии минбаъд баланд бардоштани самара ва самаранокии ин соҳаи басо муҳимро талаб мекунад. Бо назардошти аҳамияти арзёбии масоили самаранокии фаъолияти корхонаҳои хизматрасонӣ дар мақолаи мазкур чанд равишҳои муҳими илмӣ ки барои рушди устувори самаранокии корхонаҳои хизматрасонӣ асос шуда метавонанд, омӯхта шуда таҳлил ва баррасӣ гардидаанд.

**Вожаҳои калидӣ:** рушди устувор, самаранокӣ, соҳаи хизматрасонӣ, рақобат, истеъмолкунанда, ҳаҷми фурӯш, сифати баланд, сифати хизматрасонӣ

**Khabibova S.S.**

**MAIN APPROACHES TO ASSESSING THE EFFICIENCY OF SERVICE SECTOR ENTERPRISES IN THE PROCESS OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT**

The development of the service sector, including internal trade, is an objective condition for the sustainable development of the national and green economy. In developed countries service sector enterprises currently most often refer to scientific and technological development which makes it possible to increase and change the structure of the enterprise to a greater extent, maintain service quality standards adapt services to the local needs of the population. The accumulated experience in the creation and operation of individual elements of the public service sector using innovative management and social technologies requires scientific understanding of further improving the efficiency and sustainable development of this industry. Considering the importance of assessing the efficiency of service enter Huises this article studies and discusses approaches related to increasing the efficiency of service enterprises which make it possible to solve existing problems and increase the of service enterprises.

**Keywords**: sustainable development, efficiency, service sector, competition, consumer, sales, volume, high quality, quality of service

В процессе устойчивого развития всех социально- экономических отраслей, рыночных отношений, научных, технологических и инновационных достижений и их внедрений в производство в стране существенно повышается роль торговли потребительскими товарами, состояние, которой служит важным индикатором эффективности проводимых реформ в стране и ее регионах, уровня и качества жизни населения.

Внутренняя торговля – крупная, жизнеобеспечивающая и социально важная отрасль национальной экономики и сферы услуг каждой страны. Роль и значения устойчивого развития данной отрасли в решении задач, удовлетворении постоянно растущего платежеспособного спроса населения в потребительских товарах и услугах, пополнение доходов государственного и местных бюджетов, в обеспечение занятости населения, развития предпринимательской деятельности на всей территории страны и главное в повышении благосостояния народа трудно переоценить.

Основополагающие основы теории развития экономики и тесно взаимодействующей с ней – эффективности как конечного мерило оценки деятельности предприятий, организаций, отраслей все экономики исследовались многими учеными в разные годы.

Проблемы социально-экономической эффективности сферы услуг и повышения ее качества нашли отражение в научных исследованиях Ф. Котлера, В. Кларка и других зарубежных и отечественных исследователей. Однако по-прежнему нет единого мнения относительно социально-экономической сущности эффекта и эффективности, его критериев и показателей оценки, методических основ анализа эффективности услуг.

В специальной экономической литературе о сущности и содержании социально-экономической эффективности сферы услуг имеются совершенно различные высказывания. Экономическая эффективность услуги, как известно, зависит от соотношения результатов деятельности (эффекта) и затрат или применяемых экономических ресурсов.

Так, один из всемирно известных специалистов в области исследования проблем современного рынка и маркетинга Филипп Котлер относительно эффективности утверждает: «Экономическая эффективность - это получение максимума возможных благ от имеющихся ресурсов. Для этого нужно постоянно соотносить выгоды (блага) и затраты или вести себя рационально. Рациональное поведение заключается в том, что производитель и потребитель благ стремятся к наивысшей эффективности и для этого максимизируют выгоды и минимизируют затраты» [3., стр.856]

Необходимо отметить, что большинство показателей оценки эффективности деятельности сферы услуг построено на основе ресурсного подхода, что приводит к ограниченности результатов оценки в части эффективности затрат предприятия. В настоящее время не выработано единого подхода к определению эффективности, характеристике ее видов в зависимости от различных признаков, классификации показателей эффективности. Несмотря на проведенные исследования, в области определения эффективности отсутствует обобщенная система показателей оценки эффективности.

На наш взгляд, основной целью оценки эффективности деятельности предприятий сферы услуг является разработка заключения о конкурентоспособности и возможности их дальнейшего развития на основе комплексного анализа, проводимого посредством системы показателей, отображающих состояние и развитие субъекта оценки.

Экономическая эффективность, рассматриваемая в контексте теоретико-методологических основ развития сферы услуг, означает получение экономического результата (эффекта) от осуществления любой экономической деятельности, связанные с оказанием услуг клиентам, но главное — это соотношение между эффектом к величине текущих затрат за определенный период времени.

С экономической позиции эффективность как самостоятельная и обобщённая экономическая категория характеризует результаты хозяйственной деятельности в виде

прибыли с расходованными экономическими ресурсами: трудовыми, материальными и финансовыми (основными и оборотными) [6., стр.688]

Экономическая эффективность предприятий сферы услуг является составляющим эффективности всего общественного производства и выражается определяющим критерием и системой показателей.

Методические подходы для определения экономической и социальной эффективности услуг рассмотрены многими учеными экономистами. Так, профессор Аванесов Г. определяет: [1., стр. 318]

- затратно-ресурсный подход (экономическая эффективность);
- цели ориентированный подход (результативная эффективность). В данном случае, экономическая эффективность определяется с точки зрения достижения поставленных целей, которыми могут быть лидерство в борьбе с конкурентами, рост экономического потенциала и объема реализации, максимизация прибыли и снижения уровня текущих затрат, особенно нерациональных их видов;
- комплексный подход в проведение экономического анализа показателей хозяйственной деятельности, на базе которых целесообразно оценить достигнутые результаты в работе предприятий и выявить факторов, приведших к их изменению, неиспользованных возможностей и резервов повышения эффективности производства услуг;
- подход, ориентированный на повышение эффективности всей системы управления услугами. Здесь выделяются следующие показатели, характеризующие эффективность: объем платных услуг, оказанных клиентам за определенный отрезок времени; сумма прибыли и рентабельность; реализация инвестиционных проектов с указанием суммы инвестиций; наличие надежных деловых партнеров; группы постоянных покупателей -клиентов; участие в социально-значимых общественных и государственных программах, репутация предприятия и т.д.

Эффективность сферы услуг можно определить посредством системы показателей: экономических; организационных; социально-групповых; индивидуально-психологических и др.

Исследуя существующие в литературе различные методические подходы к проблеме оценки экономической и социальной эффективности сферы услуг, мы считаем, что будет целесообразно их объединение в четыре основные группы в зависимости от близости экономических признаков:

- повышение эффективности услуг на основе рационального использования экономических ресурсов (максимум эффекта и минимум текущих затрат) и наиболее полного удовлетворения потребностей клиентов в качественных услугах;
- рост коэффициента эффективности сферы услуг путем сопоставления полученных конкретных результатов и затратами ресурсов в стоимостном выражении;
- эффективность услуг с учетом достижения поставленных целей и задач субъектов сферы услуг;
- подход по повышению уровня благосостояния населения посредством оказания услуг, уровня потребностей клиентов в платных и не платных видах услугах.

При первом подходе ученые считают, что «сущность повышения эффективности сферы услуг состоит в том, чтобы при относительно меньших затратах общественного труда и рационального использования имеющихся ресурсов обеспечить наиболее полное удовлетворение потребностей населения при высоком качестве услуг и культуры обслуживания» [4., стр.190]; [7].

Эффективность оказания клиентам услуг определяется достижением в их интересах максимальной пользы при экономном расходовании текущих затрат или примененных экономических ресурсах. Но при этом не всегда корректным будет оценка эффективности оказания услуг только с учетом роста объема услуг и снижением уровня текущих затрат. В

процессе расчета эффективности, в данной ситуации важная роль принадлежит и социальным сторонам стабильного развития сферы услуг. В связи с этим можно констатировать не только о важности экономической, но и социальной эффективности услуг, определяемых предприятиями и организациями данной сферы национальной экономики на основе системы показателей хозяйственной деятельности.

Рассматривая теоретические и научно-методические аспекты оценки сферы услуг, можно сделать вывод о том, что особое внимание уделяется таким направлениям эффективности, как:

- изменение удельного веса затрат для оказания услуг;
- динамика размера финансирования оказания услуг;
- темпы изменения кредиторской и дебиторской задолженности предприятия;
- сравнительный анализ ставки тарифов и методов ценообразования на услуги;
- доля денежных платежей населения по услугам в общей сумме реальных доходов населения.

Другой подход к анализу эффективности сферы услуг характеризуется соотношением между достигнутыми результатами и затратами различных ресурсов (затратно-ресурсный подход). Этот прием к оценке эффективности услуг опирается на подход к проблеме эффективности производства. Он охватывает аспект «затраты-выпуск», который раскрывает связь между количеством ресурсов и результат этого выражается таким образом: чем Эффективность оказания клиентам услуг определяется достижением в их интересах максимальной пользы при экономном расходовании текущих затрат или примененных экономических ресурсах. Но при этом не всегда корректным будет оценка эффективности оказания услуг только с учетом роста объема услуг и снижением уровня текущих затрат. В процессе расчета эффективности, в данной ситуации важная роль принадлежит и социальным сторонам стабильного развития сферы услуг. В связи с этим можно констатировать не только о важности экономической, но и социальной эффективности услуг, определяемых предприятиями и организациями данной сферы национальной экономики на основе системы показателей хозяйственной деятельности.

Экономика всегда имеет дело с рациональным использованием ограниченных экономических ресурсов, в результате которого достигается максимальное удовлетворение безграничных потребностей населения в товарах и услугах.

Однако оценка объема затрат ресурсов, осложняются из-за широкого распространения частичной занятости, малого предпринимательства и т.д. В ряде отраслей сферы услуг трудно не только измерение объема производства и реализации услуг, но и тоже самое можно говорить об экономической эффективности.

Третий подход рассматривает эффективность услуги посредством уровня удовлетворенности спроса клиентов на услуги. Хозяйственные субъекты предъявляют свои специфические требования к эффективности различных видов оказываемых услуг. С одной стороны, с точки зрения потребителя к основному показателю эффективности услуг относится их качество, а с другой, производители к методике измерения и оценки относят технико-экономические характеристики. Следовательно, при оценке эффективности нужно согласование взаимовыгодных интересов каждых сторон и достижение оптимального соотношения между ними.

Четвёртый подход, предусматривающий повышение уровня благосостояния населения посредством роста величины платных услуг и уровня удовлетворения спроса клиентов на услуги. Перечень подобных целей обычно сводится к следующему:

- стремление к росту уровня повышения благосостояния населения на базе роста объема услуг, расширения их ассортимента и качества;
- повышения уровня удовлетворения спроса клиентов на услуги;

- развитие рыночной конкуренции в сфере услуг и обеспечение передовых и лидерских позиций;
- оказание населению качественных услуг, сопровождение доступным тарифам по услугам;
- максимизация объема услуг, прибыли и других финансовых результатов.

На наш взгляд, очень сложно оценить эффективность отдельных видов услуг. Показатели, которые характеризуют одни виды услуг, совершенно не отражают содержание эффективности других. Поэтому, в целях использования приемлемой методики оценки эффективности услуг необходимо классифицировать их по целевому назначению.

Отметим, что существующие методические подходы к оценке эффективности услуг носят дискуссионный характер, не подкреплены научно-обоснованной базой, что в свою очередь требуют дополнительные поиски и исследования с учетом конкретных отраслей сферы услуг.

В последние годы появляются новые подходы, критерии и акценты в понимании эффективности работы предприятий сферы услуг, но трудно различать эффективность достижения целей и ресурсно-затратный подход. Необходимым является всесторонний анализ и синтез показателей деятельности предприятий, общих критерий эффективности как качественный метод исследования.

Ключевой момент в трактовке понятия и содержания эффективности услуг связан с выяснением вопроса о том, что при помощи какой комбинации величины ресурсов получен конкретный результат, какие резервы не использованы; как повысить эффективность в будущем с учетом проделанного анализа и принятия во внимание негативные моменты.

При анализе эффективности сферы услуг необходимо учитывать факторы, влияющие на хозяйственную деятельность субъектов. В данном случае, к внутренним факторам, влияющим на состояние экономики, следует отнести: владельцев предприятия, акционеров, персонал, технология, ресурсы и др.

В свою очередь, к внешним факторам относятся: экономическая политика государства, финансово-кредитные организации, бизнес-партнеры, потребители, правовая база, налоговые органы и др.

«Цели и жизненные ценности у представителей указанных групп, как правило, различные, хотя все они сходятся в главном: устойчивое и прибыльное функционирование предприятия. В то же время каждая группа формирует свои конкретные ожидания от эффективной работы предприятия.

Такое рассмотрение проблемы эффективности складывается из многоуровневых и многоаспектных отношений, учитываемых и управляемых системой менеджмента предприятия» [5., стр. 178]. Эффективность сферы услуг целесообразно рассмотреть с позиции системного подхода.

Системный подход в процессе оценки эффективности оказания услуг означает установление разных критериев и показателей для разных уровней управления и определенную иерархию целей и соответственно им критериев эффективности. В связи с этим, представляет интерес общие признаки эффективности оказываемых услуг, предложенные отдельными исследователями применительно к специфике услуг рекреационных и санаторно-курортных учреждений:

1. Актуальность услуг (организация маркетинговых исследований, направленных на изучение интересов и потребностей различных категорий потребителей, улучшение материально- технической базы, оснащение современным оборудованием зон обслуживания посетителей, расширение и совершенствование комплекса дополнительных услуг квалификации персонала, особенно в части коммуникаций с потребителями, оптимизация ценовой политики).

2. Массовость услуг или повышение доступности услуг для различных категорий граждан (введение льготного обслуживания, использование системы скидок, гибкая ценовая политика, оснащение организаций специализированным оборудованием для лиц с ограниченными физическими возможностями, а также совершенствование информационного пространства (предоставление информации через СМИ, организация маркетинговых коммуникаций, организация специализированных разделов в массовых изданиях, создание сайтов в Интернет, возможность получать информацию об услугах, ценах, местах их оказания, вызов на дом).

2. Признательность: поддержка мероприятий, способствующих росту престижа сферы услуг, организация мероприятий по связям с общественностью, спонсорство.

3. Стабильность: сохранение «хороших традиций», повышение квалификации персонала.

Эффективность: совершенствование управления и финансово- хозяйственной деятельности (разработка системы материального поощрения работников; привлечение молодых работников, мониторинг потребностей в сферы услуг в новых специалистах, потребности персонала в повышении квалификации, расширение видов предоставляемых услуг [7., стр.131].

С учетом вышеизложенных теоретических, методологических и методических подходов к оценке общей эффективности розничной торговли, в т.ч. частных показателей эффективности по использованию основных и оборотных средств и др. можно предложить научно-обоснованную схему классификации факторов внешней и внутренней среды, влияющих на уровень и динамику эффективности розничной торговли, а также систему показателей для проведения комплексной оценки экономической и социальной эффективности розничного звена торговли (рис. 1).

Как видно из структуры рис. 1, на эффективность деятельности предприятий розничной торговли разнонаправленное влияние оказывают многие факторы. Поэтому считаем, на наш взгляд, целесообразным классификацию всех факторов среды функционирования предприятий розничной торговли с разграничением на внутренние и внешние.

К факторам внешней среды, следует отнести следующие: поставщики, кредиторы, потребители товаров и услуг, государственные органы, экономическая политика государства, общественно-политическая ситуация в стране, механизм государственной защиты и поддержки предпринимательской деятельности, уровень безработицы, инфляция, степень и нацеленность государственного регулирования развития экономики (в т.ч. торговли) и другие. Они непосредственно обуславливают определенное состояние эффективности финансово-хозяйственной деятельности, хотя оказывают, в большинстве случаев, не прямое, а косвенное воздействие.

Представляется, что обеспечение сравнительно более высоких результатов хозяйственной деятельности предприятий и организаций розничной торговли, прямое влияние оказывают основные факторы внутренней среды, к которым можно отнести - персонал, материально-техническую базу, оборотные средства, информационные и денежные ресурсы. Эти факторы, взаимодействуя между собой, как правило, оказывают существенное влияние на уровень и динамику эффективности. При этом классификация факторов внешней и внутренней среды и их анализ имеет важное научно-практическое значение, т.к. позволяет определить реальное влияние факторов на конкретные результаты хозяйственной деятельности, в том числе, вклад трудовых коллективов розничной торговли в элиминированном виде.




**Рисунок 1. – Предлагаемый автором статьи вариант классификации видов и комплексной оценки общей эффективности предприятий розничной торговли**

Научно-методический интерес представляет комплексный анализ динамики эффективности хозяйственной деятельности предприятий и организаций, что определяется, как правило, на основе системы показателей экономической и социальной эффективности.

Несмотря на важность решения этой проблемы, в учебной и научной экономической литературе имеют не совпадающие между собой взгляды по поводу измерения эффективности как розничной торговли, так и торговли в целом.

Очевидно, что экономическую и социальную эффективность торговли потребительскими товарами следует оценивать, во-первых, в масштабе торговли, как отрасли национальной экономики; а, во-вторых, на уровне хозяйствующего субъекта, осуществляющего продажу товаров и оказывающего другие услуги непосредственно покупателям на рынке.

Для оценки эффективности розничной торговли, как отрасли и основного сегмента сферы услуг в условиях функционирования рыночной системы хозяйствования практически трудно предлагать какой-то единственный, наиболее обобщенный показатель, т.к. на ее уровень и динамику оказывает разнонаправленное влияние большое число факторов – экономических, социальных, технических и др. Исходя из того, что главной задачей торговли является доведение произведенной в предприятиях производства продукции до конечных потребителей, что должен происходит при одновременном росте эффективности торговли

следует определить с учетом того, в какой мере она удовлетворяет платежеспособный спрос населения и оказывает качественные услуги, повышается величина конечных финансовых результатов и, прежде всего, прибыли.

Динамическая модель оценки эффективности предприятий сферы услуг включает:

- производительность;
- степень удовлетворения спроса населения на потребительские товары и услуги;
- адаптивность или гибкость процесса обслуживания с целью приспособления его к потребностям потребителей в будущем

Опыт показывает, что в развитых странах в процессе управления развитием экономики услуг обычно используются различные методы оценки эффективности деятельности предприятий сферы услуг, нацеленные на персонал и потребителей.

Важно иметь в виду, что многие виды услуг выполняется людьми, поэтому покупатель и продавец должны контактировать. Полученный результат зависит от их общего взаимодействия, спроса и желания. Например, в консалтинговой компании предоставляют услуги, которые будут разными для каждого конкретного потребителя.

С одной стороны, сказанное об этом позволяет утверждать, «что даже если один и тот же человек оказывает услугу нескольким покупателям абсолютно одним и тем же способом, у разных покупателей может быть разное восприятие того, что они получили, следовательно, они будут испытывать различные чувства по поводу удовлетворения своей потребности. С другой стороны, человек, оказывая одну и ту же услугу, может варьировать свои действия при каждом отдельном ее исполнении. Важную роль в этом играют его профессиональные знания, физическое и психологическое состояние, которое не может быть одинаковым каждый день [7].

Следствием этого процесса является то, что некоторые виды услуг не поддаются попыткам стандартизации, так как невозможно стандартизировать конечный продукт, если каждый клиент отличается в своих желаниях как до предоставления услуги, так и вовремя ее. Во многих случаях порядок предоставления услуг определяет тот, кто эту услугу выполняет человек, оказывающий индивидуальные услуги должен при этом ориентироваться в первую очередь на потребности и желания клиента.

Рассмотрение эффективности управления развитием сферы услуг предполагает понимание сущности многоаспектных отношений в системе «производитель услуг – потребитель услуг», которая требует использования экономических, организационных, социальных показателей, отражающих многоаспектную деятельность предприятий сферы услуг.

Таким образом, в рамках третьего подхода к проблеме оценки эффективности сферы услуг, можно выделить ее социальную составляющую.

Социальная эффективность сферы услуг означает степень удовлетворения потребностей населения в услугах, их высокое качество и доступность. Однако этот показатель является лишь одним из показателей социальной эффективности сферы услуг, его отраслей, предприятий.

Однако важно отметить, что показатели оценки качества услуг и их социальной эффективности до сих пор слабо изучены исследователями и практика нуждается в деловых рекомендациях.

Для разработки методических подходов оценки эффективности предоставления услуг на разных уровнях сферы услуг, особенно на низовом уровне – предприятиях «следует исходить из существующих общепризнанных систем, повышающих качество услуг или товаров для потребителя. Одной из таких систем является международная Система менеджмента качества услуг. Предлагается взять за основу данную систему, как апробированную на предприятиях различных сфер деятельности в мировой практике. Поэтому разработана модель системы менеджмента качества предприятий сферы услуг, деятельность которых регулируется на

региональном уровне с ориентацией на удовлетворённость клиентов, процесс постоянного улучшения системы менеджмента качества, процесс жизненного цикла услуги, вовлекающая в систему качества руководства, управление ресурсами» [7]

Следовательно, методика, позволяющая учет показателей качества услуг, на наш взгляд, должна опираться на международную систему менеджмента качества ISO 9001:2001, что в свою очередь позволяет учитывать, прежде всего, потребности покупателей и реализовать клиента-ориентированный подход в системе регулирования, так как стержнем всех усилий должно быть желание конкретного клиента.

Систему менеджмента качества трудно представить без системы оказания различных видов услуг. Дело в том, что каждая организация обязана разработать, задокументировать, внедрять, поддерживать в рабочем состоянии постоянно действующую и гармонизированную систему менеджмента качества, стремиться к постоянному улучшению ее результативности в соответствии с требованиями мировых стандартов.

Таким образом, мы считаем, что методика оценки эффективности предприятий сферы услуг включает в себя следующие элементы:

- финансовые показатели (кредиторская и дебиторская задолженность, финансово-экономические результаты, уровень рентабельности, размер инвестиций);
- показатели оценки ключевых бизнес-процессов (степени износа основных средств, уровень затрат, производительность труда);
- показатели «обучение и рост» (инновации, интеллектуальный капитал).

Методика оценки эффективности оказания услуг с учетом мнения потребителей включает качество услуги, качество послепродажного обслуживания товаров, качество коммерческих отношений, легкость в доступе информации, что позволяет все этапы жизненного цикла услуги ориентировать на ценности потребителя.

Комплексный метод оценки эффективности оказания услуг предприятиями сферы обслуживания необходимо включить в систему менеджмента качества.

В целом, постоянное стремление на повышение социально-экономической эффективности работы предприятий сферы услуг позволит обеспечить рост основных показателей: валового внутреннего продукта, налоговых поступлений в бюджет, средней заработной платы на одного работника, прибыли, качество услуг отдельных секторах данной сферы экономики.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Аванесова Г.А. Сервисная деятельность: историческая и современная практика, предпринимательство, менеджмент: учеб.пособие для вузов/ Г.А.Аванесова.-М.: Аспект Пресс, 2004.-стр.318.
2. Захарян Р.С. Совершенствование механизма управления развитием рекреационных и санитарно-курортных учреждений/ Р.С. Захарян, М.Х. Тахтамышев, Ф.Р.Бисчеков – Пятигорск: РИА – КМВ, 2007. – стр.131.
3. Котлер Ф. Маркетинг менеджмент/ Ф.Котлер. – СПб.: Питер, 2001-856.
4. Татуев А.А. Вопросы функционирования и развития сферы услуг/ Мустафаева З.А., Татуев А.А. Министерство образования и науки Рос. Федерации, агентство по образованию, Кабард.-Балк. гос.университет – Нальчик: Кабард.-Балк. Гос.университет, 2004. – стр.190.
5. Татуев А.А. Закономерности трансформаций и социально-экономического развития, региональной экономики.: монография / А.А.Татуев; ИГИ КБНЦ РАН и Правительство КБР.-Нальчик, 2004.-стр.178.
6. Экономико-математический энциклопедический словарь/ Гл.ред. В.И. Данилов-Данильян.-Большая Российская энциклопедия: ИНФРА-М, 2003..-688.
7. Электронный ресурс - http://privetstudent.com.

**УДК 339**

**Ҳабибуллозода М.Ҳ.**

## САМТҲОИ АСОСИИ ОММАВИГАРДОНИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТИИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола самтҳои асосии оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ пешниҳод карда шуда равандҳои зинавии он вобаста ба сатҳи рақамикунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд. Зарурати қабули Стратегияи давлатӣ дар соҳаи баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 асоснок карда шуда, оид ба ташкили маркази алоҳидаи дастрасии ҷамъиятӣ ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шаҳру ноҳияҳо тавсияҳои илмӣ пешниҳод карда шудааст. Механизми ҳавасмандии шаҳрвандон ва корхона барои хариди электронии хизматрасониҳо пешниҳод карда шуда дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ аз рӯи принсипҳои «сифр коғаз», «сифр мансабдорон», «мушкилоти ҳамкории сифр» муқаррар карда шудааст. Аз тарафи муаллиф алгаритми оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ пешниҳод карда шудааст. Дар алгаритми пешниҳодшуда ҳадафҳои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ, мушкилоти асосӣ дар ин самт, роҳҳои ҳали мушкилот ва тадбирандеши барои оммавӣ гардонидани хизматрасониҳои электронӣ ва натиҷаҳои интизорӣ нишон дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** бахши хизматрасонӣ, хадамоти давлатӣ, хадамоти электронии давлатӣ, бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ, сифати хизматрасонӣ, сохтори мехморӣ, архитектураи ҳукумати электронӣ.

**Хабибуллозода М.Х.**

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПОПУЛЯРИЗАЦИИ ЭЛЕКТРОННЫХ ГОСУДАРСТВЕННЫХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются ключевые направления популяризации электронных государственных услуг, а также поэтапные процессы их внедрения в зависимости от уровня цифровизации различных отраслей экономики Республики Таджикистан. Обоснована необходимость разработки Государственной стратегии по повышению цифровой грамотности населения на период до 2042 года. Кроме того, предложены научные рекомендации по созданию специализированных центров доступа к электронным государственным услугам в городах и регионах страны. Предложен механизм стимулирования граждан и предприятий к использованию электронных услуг, а также определены перспективы популяризации этих услуг на основе принципов «ноль бумаги», «ноль чиновников» и «ноль проблем сотрудничества». Автор также разработал алгоритм для популяризации электронных государственных услуг, который включает в себя цели, основные проблемы в данной области, пути их решения, меры по популяризации электронных услуг и ожидаемые результаты.

**Ключевые слова**: сфера услуг государственные услуги, электронные государственные услуги, рынок электронных государственных услуг, качество услуг, архитектура электронного правительства.

**Khabibullozoda M.Kh.**

## MAIN DIRECTIONS OF POPULARIZATION OF ELECTRONIC GOVERNMENT SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the key directions for popularizing electronic government services and outlines the phased processes of their implementation depending on the level of digitalization in various sectors of the economy of the Republic of Tajikistan. The necessity of developing a State Strategy for enhancing the digital literacy of the population by 2042 is justified. Additionally, scientific recommendations for creating specialized centers for public access to electronic government services in cities and regions of the country are proposed. A mechanism for encouraging citizens and enterprises to use electronic services is suggested, along with the identification of prospects for popularizing these services based on the principles of "zero paper," "zero officials," and "zero cooperation problems." The author has also developed an algorithm for the popularization of electronic government services, which includes goals, key issues in this area, solutions to these problems, measures for promoting electronic services, and expected outcomes.

**Keywords:** sphere of services public services, electronic public services, market of electronic public services, quality of services, architecture of electronic government.

Гузариш ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ пеш аз ҳама ба оммавигардонии он байни тамоми гурӯҳҳои аҳолӣ новобаста аз мавқеи зист ва баромади иҷтимоиашон алоқаманд аст. Чинин раванд заруририяти ба нақшагирӣ ва татбиқи тадбирҳои васеъи идоракунӣ, маъмурӣ, маркетингӣ ва ғ.-ро тақозо менамояд. Новобаста аз дастрасии нобаробари технологияи Интернет ва ё технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар қаламрави мамлакат рушди босуботи хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба дараҷаи оммавигардонии он алоқамнд аст. Ҳамин тавр, зарур мешуморем, вобаста ба мавзӯи баррасишаванда ҷанбаҳои алоҳидаи оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электрониро, ки дурнамои равшани рушди онро муқаррар менамояд пешниҳод менамоем.

Ба аншешаи мо дараҷаи оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ пеш аз ҳама ба коркарди низоми огоҳонидани аҳолӣ алоқаманд аст, ки доираи он хизматрасониҳои электронии давлатӣ бо усулҳои умумӣ, дастрас ва самараноки оммависозӣ пурра карда мешавад. Натиҷаи татбиқи чунин усулҳо боиси он мегардад, ки сатҳи огоҳии шаҳрвандон оид ба хизматрасониҳои мавҷудаи давлатии электронӣ, имтиёзҳо ва роҳҳои дарёфти онҳо баланд бардошта мешавад.

Дар баробари ин раванди оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ аз зинаҳои муайян иборат аст, ки онро дар расми 1 мушоҳида намудан мумкин аст.




**Расми 1. Равандҳои зинавии оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ**

*Аз тарафи муаллиф таҳия гардидааст.

Чи тавре, ки аз расм бар меояд зинаи аввали оммавигардонии хизматрасониҳои давалтии электронӣ ин ташкили зернизомҳои иттилоотӣ ва дастгирии шаҳрвандон ба шумор меравад. Дар ин раванд нақши махсусро фаҳмонидани усулҳо, имкониятҳои порталҳои хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва дастрасии навъҳои хизматрасониҳои муайян дар он ишғол менамояд. Дар ин ҷода бунёди хатҳои интиқоли иттилоот тавассути шабакаҳои телевизионӣ, беҳтарсозии сомонаҳои интернетии мақомоти давлатӣ, ҳамгирой бо замимаҳои дар дастгоҳҳои мобилӣ насбшуда, фароҳам овардани интерфейси дӯстона нақши муҳимро мебозад. Дар баробари ин агар портали ягонаи истифодадаи чунин хизматрасониҳоро барои аҳолӣ содда ва фаҳмо гардонида шавад он ҳавасмадии аҳолиро дучанд менамояд.

Ҳамзамон гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо аҳолӣ дар марказҳои анъанавии пешниҳоди хизматрсонии давлатии электронӣ, ва ташкили дастаҳои сайёр оид ба кумак ва огоҳонидани аҳолӣ аз бартариятҳои электронии хариди хизматрасонии давлатӣ хело муҳим аст. Дар баробари ин истифодаи маҷроҳои анъанави таблиғи хизматрасониҳои давлатии электронӣ тариқи насби тахтаҳои иттилоотӣ, эълонпахшкуни дар ВАО ва нақлиёти ҷамъиятӣ механизми ҳамкории давлат бо аҳолиро мукаммал намуда, раванди оммавигардонии онро вусъат мебахшад [1, с.42].

Заминаҳои дигари дар расм таҷассумёфта эҷоди мундариҷа ва пур кардани зернизомҳои иттилоотӣ бо мундариҷа, таҳия ва татбиқи барномаҳои мутобиқшавӣ барои ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ, пурзӯр намудани робита бо шаҳрвандон, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нави электрониро дар назар дорад. Дар ин раванд, зарур аст чораҳои саривақтӣ дар самти гузаронидани омӯзиши мунтазам дар муассисаҳои таълимӣ оид ба омодагӣ пас аз хатм барои сарукоргирӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ тариқи электронӣ, баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамии шаҳрвандон андешида шавад. Ҳамаи ин арзёбии мунтазами муҳлат ва сифати гирифтани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, таҳлили таҷрибаи муаасисаҳои пешсаф дар ин самт, амалисозиии лоиҳаҳои озмоишӣ, коркарди лоиҳаҳои истеъмолкунандаи фаъоли хизматрасониҳои давлатии электронӣ, шаҳрҳои электронӣ, корхонаи электронӣ ва ғ. муҳим аст.

Новобаста аз оне, ки лоиҳаи ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2006 оғоз гардидааст дар соли 2024 аҳолии мамлакат ба гирифтани хизматрасониҳои давлатии электронӣ пурра омода нестанд. Аммо, бояд тазаккур диҳем, ки новобаста ба ин, сатҳи огоҳии аҳолии оид ба имкониятҳои гирифтани хизматрасониҳои давлатии электронӣ хеле нокифоя аст ва шаҳрвандон аз кори хизматрасониҳои ҳукумати электронӣ пурра қаноатманд нестанд [10, с.58].

Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ дар мамлакат имрӯз ба дараҷаи назаррас ташаккул наёфтааст ва он дар байни минтақаҳои мамлакат ва сохтории демографии аҳолӣ яксон нест. Аммо новобаста аз ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт бо суръати баланд рафта аз 50 то 95%-ро ташкил мебиҳад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Сатҳи рақамикунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Бахшҳои иқтисодиёт | Сатҳи рақамикунонии соҳа |
|---|---|---|
| 1. | Бонк ва молия | 95% |
| 2. | Андозбандӣ | 95% |
| 3. | Расмиёти гумрукӣ | 90% |
| 4. | Энергетика | 80% |
| 5. | Нақлиёт | 70% |
| 6. | Адлия | 70% |
| 7. | Маориф | 70% |
| 8. | Саноат | 60% |
| 9. | Тандурустӣ | 60% |
| 10. | Кишоварзӣ | 50% |

**Сарчашма:** www.khovar.tj

Аз ин рӯ вобаста ба баландравии сатҳи рақамикунонии иқтисодиёт зарур аст дараҷаи саводнокии рақамии аҳолӣ баланд бардошта шавад. Барои боз ҳам баланд бардоштани қиммати нишондиҳандаҳои баррасишуда зарур аст, ки низоми меъёрҳои арзёбии дараҷаи қаноатмандии аҳолӣ аз хизматрасониҳои давлатӣ таҳия ва ҷорӣ карда шавад. Дар ин робита ба аҳолӣ роҷеъ ба навъҳо ва усулҳои гирифтани хизматрасониҳои давалтӣ маълумоти кофи дода шавад, шаҳрвандонро дар ҳама марҳилаҳои қабул дастгирӣ намуда, ба баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва саводнокии рақамии шаҳрвандон мусоидат намудан зарур аст.

Рушди низоми самараноки идоракунӣ ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ асос ёфтааст, ки ба беҳтар намудани сифати идоракунӣ, фароҳам овардани шаффофият дар ҳама сатҳҳои қабули қарорҳо ва соддагардонии дастрасӣ ба хизматрасониҳои электронӣ замина мегузорад. Рушди хизматрасониҳои электронӣ, таъмини намудҳои гуногуни хизматрасониҳои давлатӣ ва васеъ намудани ҳаҷми онҳо, баланд бардоштани суръати пешниҳод ва беҳтар гардонидани сифати онҳо хусусияти асосии модели муосири идоракунии давлатӣ мебошад [9, с.41].

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоягии маблағ барои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба чашм мерасад. Ҳангоми таҳияи нақшаи рушди инфрасохтори ҳукумати электронӣ дараҷаи дастрасии аҳолӣ ба Интерет ва суръати он ба инобат гирифта намешавад. Бо дарназардошти аҳамияти такмили соҳаи хизматрасониҳои давлатӣ, навсозии механизми пешниҳоди онҳо бо роҳи мутобиқ кардани он ба талаботи муосири ҷомеа, ки таҳти таъсири технологияҳои иттилоотии босуръат рушдёбанда қарор дорад, зарур мегардад. Масъалаҳои марбут ба талабот ба хизматрасониҳои давлатӣ аз ҷониби аҳолӣ, арзёбии шаҳрвандон оид ба сифати пешниҳоди онҳо, имкониятҳои порталҳои хизматрасониҳои давлатӣ мушкилоти калидӣ дар бахши пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ боқӣ мондаанд [10, с.64].

Дар баробари ин, баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ вазифаи умумии ҳалношуда дар доираи идораи хизматрасониҳои давлатӣ боқӣ мемонад. Арзёбии ҳамаҷонибаи фаъолияти муассисаҳои пешкашкунандаи хизматрасониҳои давлатиро тариқи электронӣ вобаста ба шумораи хизматрасониҳои пешниҳодшуда, шумораи муроҷиаткунандагон ва арзёбии сифати хизматрасонӣ аз ҷониби истеъмолкунандагон баҳогузорӣ намудан мумкин аст.

Гарчанде, ки хизматрасониҳои давлатии электронӣ аз рӯи принсипи равзанаи ягона ба роҳ монда мешавад, ҳолатҳое мушоҳида шуданаш мумкин аст, ба давомнокии интизорӣ дар навбатпои оид ба ҷавоби муроҷиат оварда мерасонад. Ин пеш аз ҳама ба имконнопазирии додани ҳуҷҷатҳо бо сабаби набудани варақаҳли навбатпоии электронӣ, хизматрасонии дарозмуддати оператор, кашол ёфтани мӯҳлати хизматрасонӣ, каммасъулиятии баъзе кормандон алоқаманд аст.

Яке аз омилҳои асосии оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Точикистон такмили идоракунии давлатӣ ба шумор меравад. Самаранокии фаъолияти муассисаҳои пешкашкунандаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар пешниҳоди чунин хизматрасониҳо ба аҳолӣ ва корхонаҳо аз рӯи дараҷаи талабот муайян карда мешавад. Рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар навбати худ ҷузъи муҳими баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва ташаккули иқтисоди рақамӣ ба шумор меравад. Аз ин нуқтаи назар хизматрасонии давлатӣ бояд миёнарави муфид, муносиб ва ноаён байни шаҳрвандон ва давлат гардад, ба одамон имкон фароҳам орад, ки дар ҳаёти рӯзмарраи худ аз хизматрасониҳои давлатӣ бидуни ташвишҳои зиёдатӣ бархурдор шаванд.

Дар оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ рушди технологияҳои ҳамкории электронӣ нақши босазо дорад [2, с.77]. Дар ин ҷода зарур аст дар фаъолияти ташкилотҳои хизматрасон, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ чунин технологияро истифода намуд, ки беҳбудии сифати идоракунии давлатиро дар умум таъмин намуда тавонад. Зеро баланд бардоштани самаранокии иртиботи дар тамоми

қаламрави мамлакат ба ташкили фазои ягонаи иттилоотӣ мусоидат намуда самти муҳими гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Шарикии созмон дар низоми иқтисодиёти рақамӣ дар асоси таъсиси ҳамкориҳои дохилӣ дар платформаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҷузъи муими татбиқи иқтисодиёти рақамӣ мебошад.

Ба андешаи мо, ҳадафҳои асосии оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ пеш аз ҳама ташаккули ҷомеаи донишсолор, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, рушди иқтисодиёти рақамӣ ва иҷтимоёти рақамӣ, ташаккули фазои иттилоотии рақамӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти шаҳрвандон ба шумор бояд равад. Ноил гардидан ба ин ҳадафҳо тариқи ҷойгирсозии иттилооти сифатнок ва боэътимод дар сомонаҳои хизмати давлатӣ, ташаккули зерсохтори ҳукумати электронӣ, автоматикунонии хизматрасониҳои васеъи тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ имконпазир мегардад. Ҳангоми пажӯҳиши рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ хусусияти бисёрсамтии хизматрасониҳои давлатиро ба инобат нагирифтан мумкин нест. Муҳайё намудани имконоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ барои ҳамроҳ намудани хизматрасониҳои дар сатҳи ноҳияҳо пешниҳодшаванда ба портали ягонаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар ин ҷода хело муҳим ба шумор меравад.

Ҷорӣ намудани чунин низом афзалиятҳои зиёдеро доро мебошад: Махсусан низоми ягонаи шиносоии электронӣ дастрасии истифодабарадагонро ба портали хизматрасониҳои давлатӣ таъмин намуда, шаҳрвандон метавонанд бо истифода аз ҳуҷраи ягонаи шахсии портали хизматрасониҳои давлатӣ раванди иҷрогардидани дархостхояшонро пайгирӣ намоянд. Дар баробари ин, раванди барасии хизматрасониҳои давлатиро аз ҷониби шаҳрвандон дар шакли электронӣ содда гардонида, хароҷоти такрории вақт ва маблағро сарфа мегардонад. Ҳамзамон равзанаи ягона барои хизматрасониҳои давлатӣ имкон медиҳад, ки хизматрасониҳои электронӣ ба шумораи бештари корбарон пешниҳод шуда, порталҳои шарикӣ, ташкил карда шаванд, ки чунин хизматрасониҳоро барои одамон ҷолибтар мегардонад [6, с.219].

Афзалиятҳои имконоти ташаккули фазои иттилоотӣ ба шаҳрвандон дар раванди оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар муқоиса ба хизматрасониҳои анъанавӣ имконияти ба даст овардани иттилооти босифат ва боэътимодро зиёд гардонида, имконоти инфрасохтори ҳукумати электрониро васеъ мегардонад. (расми 2.)




**Расми 2. Афзалиятҳои имконоти ташаккули фазои иттилоотӣ ба шаҳрвандон дар раванди оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ**

***Аз тарафи муаллиф таҳия карда шудааст.**

Ҳамин тариқ, мавҷудияти инфрасохтори иттилоотии баландсифат шарти зарурии оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба шумор меравад. Муоширати самараноки субъектҳои асосии иқтисодиёти инноватсионӣ калиди рушди равандҳои

инноватсионӣ дар иқтисодиёт ба шумор меравад, ки бе он усулҳои дигари ҳавасмандкунии равандҳои инноватсионӣ кор намекунанд.

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи давлатӣ дар соҳаи баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ вуҷуд надошта бошад ҳам тарҷибаи коркарди чунин стратегияҳо ба чашм меравад. Махсусан 31-уми августи соли 2022 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 қабул карда шудааст, ки дар он баъзе ҷанбаҳои баланд бардоштани саводнокии рақамӣ баррасӣ карда шудааст. Дар баробари ин мо қабули чунин стратегияиро дар мамлакат барои то солҳои 2045 зарур арзёбӣ менамоем. Аллакай ин масъала дар хориҷи мамлакат таваҷҷӯҳи зиёдро касб намудааст ва бисёр кишварҳо, аз ҷумла Австралия, Шоҳигарии Британиё, Бразилия ва ИМА, ба эҷоди лоиҳаҳои бузурги миллӣ дар соҳаи таҳсилоти электронӣ ва саводнокии рақамӣ хабар доданд.

Қабули чунин стратегия дар мамлакат имкон медиҳад маҷмӯи дониш ва малакаҳое зарурӣ дар шаҳрвандон ташаккул дода шавад, ки барои истифодаи бехатар ва самараноки технологияҳои рақамӣ ва захираҳои интернетӣ онҳоро омода намуда дараҷаи истеъмолоти рақамиро зиёд гардонад ва амнияти рақамиро таъмин намояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ зарур аст имкониятҳои таҳсилоти якумрӣ фароҳам оварда шавад. Ин дар навбари худ имконият медиҳад, ки сатҳи пасти саводнокии рақамии аҳолӣ баланд бардошта шавад, тафриқаи малакаҳои рақамӣ байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ коҳиш дода шавад, раванди омодасозии мутахассисони баландихтисос дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ҳавасманд карда шавад, малакаҳои аҳолӣ оид ба истифодаи бехатар ва самараноки технологияҳои рақамӣ ташаккул дода шаванд.

Дар доираи рушди саводнокии рақамӣ зарур аст, ки захираҳои кушодаи таълимӣ дар соҳаи саводнокии рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар порталҳои таълимии электронӣ таҳия ва ҷойгир карда шаванд, маводҳои тақсимотӣ таҳия гарданд, шабакаи марказҳои дастрасии ҷамъиятӣ васеъ карда шаванд, чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани дониш ва малакаи аҳолӣ вобаста ба истифодаи бехатар ва самараноки технологияҳои рақамӣ ва захираҳои интернетӣ гузаронида шаванд.

Дар асоси натиҷаҳои татбиқи тадбирҳои дар боло зикршуда, ки дар самти таъсиси ҳукумати электронӣ дар мамлакт амалӣ карда мешавад, интизор меравад, ҳиссаи шаҳрвандони дорои дониши кофии технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла, дар истифодаи механизми гирифтани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ афзоиш дода шавад.

Аз ҷумла, барои дар миқёси васеъ баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ зарур аст маҷмӯи курсҳо, семинарҳо ташил карда шуда, захираҳои электронии таълимӣ дар соҳаи саводнокии рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ омода карда шаванд, ки барои азхудкунии саводнокии рақамӣ аз сатҳҳои ибтидоӣ мусоидат намояд [7, с.106].

Дар марҳилаи аввали рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бештар калонсолон, ки таҷрибаи истифодаи технологияи иттилоотиро надоранд ба мушкили дучор мегарданд, ки ин то андозае раванди оммавигардонии чунин хизматрасониҳоро монеа эҷод менамояд. Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки дар шаҳру ноҳияҳо маркази алоҳидаи дастрасии ҷамъиятӣ ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ таъсис дода шавад. Дар ин марказҳо зарур аст дар марҳилаи аввал як мушовир барои кумаки гурӯҳҳои алоҳида махсусан шаҳрвандоне, ки имконияти дастрасиашон ба иттилооти электронӣ маҳдуд аст, аз ҷумла, нафақахӯрон, бекорон, маъюбон, корафтодагон аз ноҳияҳои дурдаст ба кор ҷалб карда шавад.

Дар баробари ин, чунин марказҳо метавонанд дар чунин самтҳо махсусгардонида шаванд: мусоидат ба рушди сатҳи саводнокии аҳолӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, омӯзонидани таҷрибаи истифода аз порталҳои хизматрасониҳои давлатии электронӣ, мусоидати аҳолӣ ба дастрасӣ ба захираҳои электронӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои роҳнамоӣ, гузаронидани чорабиниҳо барои баланд бардоштани дониш ва малакаи аҳолӣ оид ба бехатарӣ ва самаранок истифода бурдани технологиҳои рақамӣ ҳангоми хариди хизматрасониҳои

давлатӣ ва ғ. Амалисозии ин чорбаиниҳо дар умум имкон медиҳад ҳарчи бештар сокинон ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ фаро гирифта шуда раванди оммавигардонии чунин хизматрасониҳо тезонида шавад.

Барои баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ ҳамчунин метавон чорабиниҳои иловагиро дар самти тартиб додани номгӯи самтҳо ва тасдиқи таркиби маводҳое, ки саводнокии аҳолиро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ баланд мебардоранд, таҳия ва санҷиши модели таълими донишҷӯён дар формати таҳсилоти электронӣ, таҳияи масъалаи амали мутақобила ва ҳамкорӣ, инчунин ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ роҳандозӣ намуд. Дар баробари ин, кам кардани монеаҳои маъмурӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди ҳамкорӣ дар пешбурди соҳибкорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ самти муҳими оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба шумор мераванд [7, с.108].

Дар сомонаҳои ҳамаи муассисаҳои давлатии пешкашкунандаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ ташаккули бахше зарур аст, ки ба масъалаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ бахшида шудаанд, инчунин маводи иттилоотию ахборӣ, видеороликҳо, ки ба шаҳрвандон дар бораи имконият ва бартариҳои гирифтани хизматрасониҳои давлатӣ ба таври электронӣ нақл мекунанд, мунтазам нашр карда шаванд. Муваффақияти пешниҳодҳои баррасишуда бевосита аз ҷалби шӯъбаҳои хизматрасонӣ дар сатҳи ноҳияҳо, маҳалҳо ва ҷамоатҳо ба ин равандҳо ва дараҷаи ҳамоҳангсозии онҳо вобаста хоҳад буд.

Технологияҳои муосири иттилооти имконият фароҳам меоранд, ки дар портали хизматрасониҳои давлатии электронӣ платформаҳои маҷозӣ барои ҳавасмандгардонии рушди хизматрасониҳо тавассути гузаронидани чорабиниҳо ва маъракаҳои зарурӣ фароҳам оварда шаванд. Инчунин гурӯҳҳо аз рӯи меъёрҳои тамоюли мақсадноки онҳо муайян карда шаванд. Аз ин рӯ, таснифоти пешниҳодшуда бояд ҳамчун асоси методологияи тадқиқот ва ченкунии натиҷаҳои кор оид ба рушди мақсаднок, ба мушкилот нигаронидашудаи низомҳои ҳукумати электронӣ ва кушода баррасӣ шавад [13, с.343].

Ҳавасмандии шаҳрвандон ва корхона самти дигари муҳими оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба шумор мераванд. Дар ин раванд метавон се намуди ҳавасмандгардонии аҳолӣ ва ташкилотҳоро пешниҳод намуд: ҳавасмандгардонии маҷбурӣ, инъомдиҳӣ, ва водоркунӣ.

Шаклҳои зикргардидаи ҳавасмандгардонӣ дар умум ҳамчун як намуди ангезаҳои маърифатӣ баромад менаоянд. Маҷбурӣ ва мукофотдиҳӣ ба ангезаҳои берунаи ҳавасмандкунонӣ, водоркунӣ ва саъйҳои маърифатӣ ба ҳавасмандии дохилии шаҳрванд дахл доранд. Маҷбурият ба хариди хизматрасониҳои давлатии электронӣ вақте рух медиҳад, ки шахс маҷбур мегардад онро танҳо дар шакли электронӣ харидорӣ намояд, варианти дигари қонеъгардонии тақозои он вуҷуд надорад. Дар ин раванд шаҳрвандон дарк менамонд, ки интихоби маҳдуд доранд ё аз интихоби варианти қаноатбахш барои кори кироя комилан маҳруманд. Маҷбуркунӣ сатҳи баланди қаноатмандиро аз фаъолияти маҷбурии хариди хизматрасонӣ эҷод намекунад, балки яке аз маҷмӯи ангезаҳои ҳамзамон, муштарак ва ҳамаҷониба амалкунанда боқӣ мемонад.

Мукофотдиҳӣ ё инъомдиҳӣ барои шаҳрвандон фоидаи иловагии маблағ ҳангоми хариди хизматрасонӣ тариқи электронӣ ё сарфакунии назарраси вақт ва маблағро ифода менамояд, ки сарфи назар аз мавҷудияти дигар роҳҳои харидории он онҳоро ба муроҷиати электронӣ ҳавасманд мекунад. Ин имкон медиҳад, ки дар бораи имкони равишҳои умумии ҳавасмандгардонии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҷолибияти онҳо барои аҳолӣ баланд бардошта шавад. Ҳавасмадгардониҳои маҷмӯӣ ва батанзимдарории идоракуниро метавон тавассути тадбирҳои овардашуда ва таснифшуда дастгирӣ кард.

Дар натиҷаи таҳлили мушкилоти ҳавасмандгардонии шаҳрвандон ба рақамикунонии хизматрасониҳои давлатиии электронӣ пешниҳод карда мешавад, ки аз технологияҳои муосири иттилоотӣ васеъ истифода бурда шавад. Ин имкон медиҳад механизмҳо ва воситаҳои нави ба мушкилот нигаронидашуда дар шакли платформаҳои махсуси маҷозӣ бунёд карда шаванд. Самтҳои пешниҳодшудаи ҳавасмандгардонии шаҳрвандон ба фаъолияти муаасисаҳои давлатӣ муҳити мусоид фароҳам меоранд. Дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 3 оварда шудааст.




**Расми 3. Дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ**
***Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.**

Принсипҳои дар расм оварда шуда сифати воқеии хизматрасониҳои электрониро тавсиф мекунад. Дар ин раванд шаҳрвандлн монеаҳои бюрократӣ ва маҳдудиятҳои фазоиро эҳсос намекунанд. Дар ҳамаи марҳилаҳои хизматрасонӣ масъулияти фардии хизматчиёни давлатӣ таъмин карда мешавад [7, с.109].

Тадқиқоти гузаронидашуда имкон медиҳад ба хулоса оем, ки ҷанбаи муҳими таҳияи сиёсати иттилоотӣ ҷиҳати оммавӣ гардонидани хизматрасониҳои давлатии электронӣ бояд таҳлили аудиторияи мақсаднок бо мақсади ҷалби корбарони нав ва нигоҳ доштани корбарони мавҷуда бошад. Зарур ба назар мерасад, ки низоми мониторинги садоқати корбарони портали хизматрасониҳои давлатӣ таҳия карда шавад.

Баланд бардоштани дастрасӣ ва шаффофияти иттилоот дар бораи фаъолияти муассисаҳои пешкашкуннадаи хизматрасониҳо, ҳавасмандгардонии иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ташаккул ва қабули қарорҳо масъулият ва сатҳи эътимодро ба чунин муассисаҳо ва дар натиҷа ба навовариҳои пешниҳодкардаи он меафзояд [5, с.28]. Талаботи ҷомеа ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар мамлакат ҳанӯз қонеъкунанда нест ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ аз мақомоти давлатӣ ба таври возеҳ ақиб мондаанд. Дар ин асно зарур аст платформаҳои электрониро ба низоми иртибот бо шаҳрвандон барои пешбурди ҳукумати электронӣ пиёда намуд. Дар ин марҳилаҳои аввали рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ зарур аст, ки аудиторияи мақсаднок ташкил намуда, талаботи ҷомеа нисбати он ба инобат гирифта шавад. Ин имкон медиҳад сиёсати иттилоотӣ ҷиҳати мусоидат ба ҳамкории электронии давлат ва шаҳрвандон дар портали хизматрасониҳои давлатии электронӣ тавассути ҷорӣ намудани мониторинги садоқат ба хизматрасониҳои давлатӣ такмил дода шавад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки бо рушди технологияи рақамӣ хизматрасониҳои давлатӣ ҳарчи бештар дар шакли электронӣ дастрас мегарданд. Ин раванд рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ номида мешавад ва ба беҳтар намудани ҳамкориҳои байни шаҳрвандон ва давлат нигаронида шудааст. Аммо барои фаъолияти самарабахши чунин низом на фақат дар амал ҷорӣ намудани он, балки онро дар байни шаҳрвандон оммавӣ гардонидан муҳим аст [12, с.219].




**Расми 3. Алгаритми оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ**
***Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.**

Дар асоси таҳлили гузаринодашудаи масъалаҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва самтҳои стратегии оммавигардонии он алгаритми оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электрониро пешниҳод менамоем (расми 3).

Дар алгаритми пешниҳодшуда ҳадафҳои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ, мушкилоти асосӣ дар ин самт, роҳҳои ҳали мушкилот ва тадбирандеши барои оммавӣ гардонидани хизматрасониҳои электронӣ ва натиҷаҳои интизорӣ нишон дода шудаанд.

Чи тавре, ки аз алгаритм бармеояд норасоии саводнокии рақамӣ, набудани эътимод ба низомҳо, дастрасии нобаробар ба Интернет, мушкилот дар навоварӣ мушкилоти асосии оммавигардонӣ хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба шумор меравад. Таҳқиқот нишон дод, ки бисёре аз шаҳрвандон, бахусус аҳолии аз синни қобили меҳнат боло ё аҳолиии минтақаҳои кӯҳӣ малакаи кофӣ барои кор бо Интернет ва хизматрасониҳои рақамӣ надоранд. Ҳамзамон маҳдудияти қуваи барқ дар фасли сармо дар мамлакат монеаи аосии оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин шаҳрвандни сатҳи саводнокии баланд дошта дар шаҳрҳо ва марказҳои маъмурии мамлакат аз набудани эътимод ба амнияти додаҳо ва хизматрасониҳои онлайнӣ нигарон мебошанд. Бисёре аз чунин шаҳрвандон ҳангоми истифодаи платформаҳои электронӣ аз бехатарии маълумоти шахсии худ метарсанд рӯ аз хариди электронӣ худдорӣ менамоянд. Дар баробари ин, дар баъзе минтақаҳо, махсусан дар деҳот, мушкили дастрасӣ ба интернети баландсуръат мубрам боқӣ мемонад. Дар аксари қаламрави мамлакат интернет 4G фаъол нест ва суръати он то 2МБ сония мерасад, ки барои кушодани сомонаҳои давлатӣ кофӣ нест. Дар баробари ин ширкатҳои мобилӣ ва таъминкунандаи Интернет ба аҳолӣ бештар интернети бемаҳдуд ва дастрасро барои сомонаҳои иҷтимоӣ муқаррар намудаанд, ки ин аз як тараф саводнокии рақамии аҳолӣ бо

дарназардошти зиёд будани иттилоотҳои бардуруғ дар шабакаҳои иҷтимоӣ паст мегардонад ва аз тарафи дигар онҳоро ба ташрифи сомонаҳои давлатӣ водор намесозад.

Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки тарофаҳои интернети ширкатҳои мобилӣ аз тарафи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиши ҷиддӣ қарор додашуда, афзалиятгузорӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ хотима бахшида шавад. Ҳамин тавр бе пайвасти муътадили Интернет аз хизматрасониҳои давлатӣ онлайн истифода бурдан душвор аст.

Дар баробари ин баъзан интерфейс ва сохтори порталҳои ҳукумати электронӣ барои корбарон хеле мураккаб сохта шудааст. Ин метавонад боиси ба амал омадани мушкилиҳо дар истифодаи хизматрасониҳо шавад, ҳатто агар шаҳрвандон дастрасӣ ва малакаи кор бо Интернет дошта бошанд.

Роҳҳои ҳали мушкилои зикргардида дар алгаритм дар шакли омӯзиш ва такмили саводнокии рақамӣ, рушди технологияҳои рақамӣ, баланд бардоштани эътимоднокӣ ва гузаронидани маъракаи маркетингӣ ва тадбирандешии иловагӣ барои оммавӣ гардонидани хизматрасониҳои элктронӣ пешниҳод карда шудааст.

Ҳамин тавр ба андешаи мо барои он ки хизматрасониҳои давлатии электронӣ оммавӣ карда шаванд, муносибати маҷмӯӣ, аз ҷумла барномаҳои таълимӣ, беҳтар намудани инфрасохтори техникӣ ва баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба платформаҳои рақамӣ зарур аст. Дар баробари ин давлат бояд ба барномаҳои баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ, бахусус одамони солхӯрда сармоягузорӣ кунад. Инҳо метавонанд курсҳои таълимии онлайнӣ ё семинарҳо ва тренингҳои офлайнӣ бошанд.

Рушди технологияҳои рақамӣ, хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи муосир табдил меёбанд. Аммо барои он ки ин гуна хизматрасониҳо муассир фаъолият кунанд ва барои ҳар як шаҳрванд дастрас бошад, бунёди инфрасохтори қавӣ ва дастрас лозим аст. Рушди шабакаи Интернет ва таъмини дастрасӣ ба интернети фарохмаҷро дар минтақаҳои дурдаст барои таъмини дастрасии баробари ҳамаи шаҳрвандон ба хизматрасониҳои давлатӣ мусоидат мекунад. «Дар баробари ин беҳтарсозии инфраструктураи фосилавии пешниҳоди хизматрасониҳо хело муҳим аст. Ҷойгирсозии усулҳои чандири расонидани хизматрасониҳо хароҷотҳои муассисаҳои давлатиро дар самти бунёди биноҳои нав аз 20% то 50 % паст мегардонад» [5, с. 21].

Барои рафъи нигарониҳо дар бораи амнияти додаҳо ва махфият, порталҳои давлатӣ бояд стандартҳои баланди амнияти иттилоотиро нишон диҳанд ва мунтазам корбаронро аз чораҳои амниятӣ огоҳ созанд. Ин метавонад татбиқи чатботҳо, кӯмак дар вақти воқеӣ ва беҳтар кардани таҷрибаи корбарро дар бар гирад. Ҳамзамон оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ кори фаъоли иттилоотиро тақозо мекунад. Маъраказҳои гуногуни таблиғотӣ, васоити ахбори иҷтимоӣ ва дигар каналҳо метавонанд ба таври муассир ба истифодаи чунин хизматрасониҳо мусоидат кунанд. Оянда ба хизматраосниҳои рақамӣ вобаста аст ва бо эҳтимоли зиёд шумораи онҳо рӯз ба рӯз афзоиш хоҳад ёфт. Бо паҳн шудани замимаҳои мобилӣ ва зеҳни сунъӣ, имкониятҳои платформаҳои ҳукуматӣ ба таври назаррас васеъ мешаванд. Ин барои ҳамкории боз ҳам муносибтари шаҳрвандон ва сохторҳои давлатӣ шароит фароҳам меорад. Аммо бе оммавигардонии самарабахш ва рафъи монеаҳои мавҷуда ин раванд метавонад ба таъхир афтад.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда хулоса баровардан мумкин аст, ки оммавигардонии хизматрасониҳои электронии давлатӣ ҷанбаи калидии рақамикунонии муваффақонаи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ мебошад. Сарфи назар аз душвориҳои мавҷуда, муносибати мунтазам ба ҳалли мушкилот метавонад истифодаи фаррохи ин хизматрасониҳоро таъмин кунад. Ин натанҳо сатҳи муносибӣ ва фароғатро барои шаҳрвандон баланд мебардорад, балки идоракунии давлатиро нисбатан шаффоф ва самаранок мегардонад.

Қадами муҳим дар самти оммавигардонии хизматрасониҳои давалтии электронӣ таъсиси инфрасохтори дастрас барои хизматрасониҳои давлатии электронӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба он ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилоти марбут ба дастрасӣ ба Интернет, омӯзиши

аҳолӣ, ҳифзи амнияти додаҳо зарур аст. Рушди чунин инфрасохтор имкон медиҳад, ки ҳамкории давлат ва шаҳрвандон боз ҳам муассиртар гарданд, ба раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ суръат бахшад ва сатҳи эътимод ба мақомоти давлатӣ ва муаасисаҳои пешкашкунандаи чунин хизматрасониҳо афзоиш ёбад.

**АДАБИЁТ**


1. Акамова Н.В. К вопросу о разработке информационной системы оказания государственных услуг в электронном виде органами социальной защиты населения Республики Мордовия / Н.В Акамова. Н.В.Голяева, О.А. Мельцаева// Научное обозрение. Технические науки. – 2014. – № 1. – С. 41-42;
2. Бальзамов А.А., Бальзамов А.Ю. Информационная система хранения персональных данных для портала государственных услуг // Перспективы развития информационных технологий. – 2014. – № 17. – С. 77-81.
3. Бальзамов А.А., Бальзамов А.Ю. Концепция построения и принципы интеграции элементов инфраструктуры электронного правительства региона // Управление в социальных и экономических системах. 2015 –С. 68-81
4. Воронина Л.И. Теоретические аспекты применения маркетингового подхода в публичном управлении / Л.И. Воронина // Вестник ЮУрГУ. Серия «Экономика и менеджмент». 2018. Т. 12. № 1. с. 153. DOI: 10.14529/em180118
5. Джумъаев Б.М. Приоритетные направления формирования и развития рынка бизнес-услуг в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2020. - № 4(2). - С.21-29.
6. Завьялова Е. А., Погадаева Н. Ю. Цифровая трансформация государственных и муниципальных услуг // Вестник Кемеровского государственного университета. Серия: Политические, социологические и экономи ческие науки. 2021. Т. 6. № 2. С. 219–228.
7. Курганова М.В.* Популяризация электронных государственных услуг в российской федерации // Международный научно-исследовательский журнал - № 7 (109) - Часть 3 -С.106-109
8. Кутикова К. В. Методика проектирования информационных систем для сферы государственных и муниципальных услуг //Journal of Applied InformaticsNo. 6 (54) 2014. С.24-36
9. Қодирзода Д.Б., Ҳабибуллозода М.Ҳ. Методология ва методикаи тарҳрезии сохтори меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ // Маҷаллаи илмӣ "Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон". – Душанбе, 2024. - № 9. - С.41-54.
10. Қодирзода Д.Б., Ҳабибуллозода М.Ҳ. Ҳолат ва дурнамои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ // [Монография] – Душанбе, 2021. 135 с.
11. Механизмы электронного управления в информационном обществе: М55 [монография] [П. С. Климушин, Д. В. Спасибов]; под ред. А. В. Радченко. – Х.: Издательство ХарРИ НАГУ “Магистр”, 2017. – 124с
12. Снегин О.В К вопросу об информационном обеспечении функционирования системы электронного правительства // Инвестиционно-инновационное развитие в условиях цифровизации экономики: стратегии, факторы, механизмы. Материалы Круглого стола. под общ. ред. С.В. Беспаловой, Н.В. Шемякиной. Донецк, 2021 Издательство: ДНУ. 219-221
13. Трейман М.Г. Электронное правительство как инновационный механизм информационного обеспечения // Научный журнал "управленческий учет" №11 2023 –С.343-348

УДК 334

Ҳусейнова Ш.З.

## ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОНАНДА БА РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТӢ

Танзими давлатии рушди соҳибкории саноатӣ – ин маҷмӯи тадбирҳои давлатӣ мебошад, ки ба дастгирӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкории саноатӣ равона шудаанд. Ин тадбирҳо, ҳамчун як қисми сиёсати иқтисодии давлат, дар баробари ҳавасмандгардонӣ, такмили инфрасохтор ва ташаккули муҳити мусоид барои соҳибкорӣ, барои таъмин намудани рушди устувори саноат ва беҳбуд бахшидан ба шароити фаъолияти соҳибкорон дар соҳаи саноатӣ хизмат мерасонанд. Танзими давлатии омилҳои таъсиррасонанда ба рушди соҳибкории саноатӣ барои ташаккули муҳити мусоид ва рушди устувори соҳибкории саноатӣ кӯмак мерасонад. Тавассути танзими оқилона, давлат ба рушди корхонаҳо, таъмини ҷойҳои корӣ ва беҳтар намудани вазъи иқтисодии ҷомеа саҳм мегузорад.

**Калидвожаҳо:** танзим, танзими давлатӣ, танзими давлатии соҳибкории саноатӣ, рушд, сиёсати иқтисодӣ, омилҳо, омилҳои беруна, омилҳои дохилӣ, рушди устувори саноат, сиёсати андоз, стратегияи рушди устувор, таснифот, нишондиҳандаҳо.

Хусейнова Ш.З.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ФАКТОРОВ, ВЛИЯЮЩИХ НА РАЗВИТИЕ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

Государственное регулирование развития промышленного предпринимательства – это совокупность государственных мер, направленных на поддержку и содействие развитию промышленного предпринимательства. Эти меры, как часть экономической политики государства, наряду с стимулированием, улучшением инфраструктуры и формированием благоприятной среды для предпринимательства, служат для обеспечения устойчивого развития промышленности и улучшения условий деятельности предпринимателей в промышленной сфере. Государственное регулирование факторов, влияющих на развитие промышленного предпринимательства, способствует формированию благоприятной среды и устойчивому развитию промышленного предпринимательства. Посредством рационального регулирования государство способствует развитию предприятий, созданию рабочих мест и улучшению экономического положения общества.

**Ключевые слова:** регулирование, государственное регулирование, государственное регулирование промышленного предпринимательства, развитие, экономическая политика, факторы, внешние факторы, внутренние факторы, устойчивое развитие промышленности, налоговая политика, стратегия устойчивого развития, классификация, показатели.

Khuseinova Sh.Z.

## STATE REGULATION OF FACTORS INFLUENCING THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTREPRENEURSHIP

State regulation of the development of industrial entrepreneurship is a set of government measures aimed at supporting and facilitating the development of industrial entrepreneurship. These measures, as part of the state's economic policy, along with stimulating, improving infrastructure and creating a favorable environment for entrepreneurship, serve to ensure the sustainable development of industry and improve the conditions for entrepreneurs in the industrial sector.State regulation of

factors affecting the development of industrial entrepreneurship contributes to the formation of a favorable environment and sustainable development of industrial entrepreneurship. Through rational regulation, the State promotes the development of enterprises, job creation and improvement of the economic situation of society.

**Keywords:** regulation, government regulation, government regulation of industrial entrepreneurship, development, economic policy, factors, external factors, internal factors, sustainable industrial development, tax policy, sustainable development strategy, classification, indicators.

Баландбардории самаранокии фаъолият ва рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ҳадафи ҳалталаб ва муваффақияти рушд дар шароити имрӯза мебошад. Таҳлили дуруст ва баҳогузории саривақтӣ омили асосии баландбардории самаранокӣ мебошад, ки ҷиҳати қабули қарорҳои идоракунӣ муҳим аст. Нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти корхонаҳо барои муайян кардани ҳадафҳо ва омилҳои расидан ба ин ҳадафҳоро муайян намуда, ҷиҳати баҳогузории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва рушди иқтисодии онҳо кӯмакрасон мебошанд.

Амали қонунҳои дахлдори саривақтӣ, санадҳои меъерии лозима, таҷрибаи муваффақи институтҳои давлатӣ ба самаранокии фаъолияти корхонаҳо бетаъсир намемонанд. Бешубҳа, кори самараноки худи мақомоти идоракунии давлатӣ хеле муҳим мебошад. Гарчанде дахолати давлатӣ ва назорат дар шароити имрӯза зарур мебошанд, танҳо дар ҳолате он самаранок мегардад, ки бо чандирии махсус роҳандозӣ шавад.

Азбаски самаранокӣ ва рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ аз баъзе омилҳое вобаста мебошанд, ки берун аз назорати корхона амал мекунанд, мавҷуд будани шароитҳои хуби иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ дар корхона, ки ба рушди корхона мусоидат мекунанд, хеле зарур мебошад.

Танзими давлатии омилҳои таъсиррасонанда ба рушди соҳибкории саноатӣ як равандест, ки тавассути он давлат ба рушди соҳаи саноатӣ таъсир мерасонад ва шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкоронро таъмин мекунад. Ин омилҳо метавонанд ҳам ба таври мусбӣ ва ҳам манфӣ ба рушди соҳибкории саноатӣ таъсир расонанд. Давлат ба воситаи танзими онҳо кӯшиш мекунад, ки омилҳои мусбиро тақвият бахшад ва омилҳои манфиро коҳиш диҳад.

Омилҳои асосии таъсиррасонанда ба рушди соҳибкории саноатӣ ва усулҳои танзими давлатии онҳоро дар зер меоварем:

1. Омилҳои иқтисодӣ. Сиёсати андоз ва дастрасӣ ба қарзу сармоягузорӣ мисоли омилҳои иқтисодӣ шуда метавонанд.

Ҳукумат бо пешниҳоди сабукиҳо дар андоз, имтиёзҳо ба корхонаҳои саноатӣ кӯмак менамояд, то онҳо сармояи бештар барои рушд ва васеъ намудани фаъолияташон дошта бошанд. Барои ҷалби сармоягузорон таъмини субот дар низоми андоз низ бениҳоят муҳим аст.

Давлат тариқи барномаҳои қарздиҳӣ ва пешниҳоди грантҳо ба корхонаҳои саноатӣ дастгириҳои молиявӣ мерасонад. Ин тадбирҳои аз ҷониби давлату ҳукумат роҳандозишаванда махсусан барои корхонаҳои хурду миёна, ки ба сармоягузории беруна бештар ниёз доранд, муҳим мебошанд,.

2. Омилҳои инфрасохторӣ. Рушди инфрасохтори саноатӣ, таъмини энергия ва захираҳо ва ғайраҳо ба омилҳои инфрасохторӣ мисол шуда метавонанд.

Бунёди минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ва паркҳои саноатӣ, такмилу азнавсозии онҳо, таъмин бо инфрасохтори зарурӣ (роҳҳо ва хатҳои иртиботӣ) барои васеъ гардидани имкониятҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноат заминагузор мебошад.

Барои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дастрасии боэътимод ба манбаъҳои энергия ва захираҳо аввалиндараҷа мебошад. Давлат бо роҳи батанзимдарории нархҳо ва таъмини низоми босуботи соҳа ба рушди соҳибкории саноатӣ мусоидат менамояд.

3. Омилҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ. Қонунгузорӣ ва дар соҳаҳои соҳибкории саноатиро ба ин гурӯҳи омилҳо метавонем шомил намоем.

Таҳия ва татбиқи қонунҳои мусоид аз ҷониби давлат ва танзими дурусти ҳуқуқӣ мусоидаткунадаи рушди соҳибкории саноатӣ мебошанд. Қонунгузории устувор ва шароитҳои пешбинишуда итминони соҳибкоронро барои фаъолият қавӣ намуда, ҷиҳати афзунгардии сармоягузорӣ замина мегарданд.

Фаъолияти нафъбахши муассисаҳои машваратдиҳанда низ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ кӯмак мерасонанд. Масалан, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, монанди агентии рушди саноат, ба соҳибкорон машваратҳои касбӣ пешниҳод менамоянд, ки ин ба кам кардани хатари фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунад.

4. Омилҳои технологӣ ва инноватсионӣ. Дастгириҳои давлатӣ дар самти инноватсия ва технологияи нав, ҳамкории илмӣ ва саноатӣ байни муассисаҳои таҳсилотӣ ва корхонаҳои саноатӣ ба ин гурӯҳи омилҳо дохил мешаванд.

Давлат барномаҳои махсусро барои дастгирии самти инноватсия ва навоварӣ пешниҳод намуда, ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки аз технологияҳои пешқадам дар фаъолияти худ васеъ истифода баранд, ки ин барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Ташаккул додани ҳамкориҳои илмӣ - амалӣ байни муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои саноатӣ, ки таҳия ва татбиқи технологияҳои навро амалӣ месозанд, ба рушди устувори соҳаҳои саноат мусоидат мекунанд.

5. Омилҳои иҷтимоӣ ва кадрӣ. Таҳкими кадрҳои баландихтисос, такмили малакаҳои касбӣ, ҳифзи ҳуқуқи кормандон маҳсуби омилҳои иҷтимоӣ ва кадрӣ мебошанд.

Давлат курсҳои такмили ихтисос ва барномаҳои омӯзиширо барои соҳибкорон ва кормандони онҳо ташкил намуда, омодагии касбии кормандони соҳаро баланд мебардорад ва ҷиҳати рушди соҳаҳои саноат кадрҳои баландихтисос омода менамояд.

Шароитҳои хуби меҳнатӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ мусоидаткунандаи рушди самараноки соҳибкорӣ мебошанд, чунки ин раванд эътимоднокии кормандонро зиёд менамояд. Таъсири ҳар кадоме аз ин омилҳо вобаста ба мамлакат ва вазъияти бозор метавонад тағйир ёбад.

Танзими давлатии ин омилҳо барои ташаккули муҳити мусоид ва рушди устувори соҳибкории саноатӣ мусоидат менамояд. Тавассути танзими оқилона, давлат ба рушди корхонаҳо, таъмини ҷойҳои корӣ ва беҳтар намудани вазъи иқтисодии ҷомеа саҳм мегузорад.

Муносибат, таъсир ва алоқаи байниҳамдигарии омилҳо на танҳо барои субъектҳои алоҳида, балки барои тамоми системаи хоҷагӣ ниҳоят муҳим мебошад. Дар давраҳои муайяни таърихӣ таъсири баъзе аз ин омилҳо афзуда, баъзеи дигарашон баръакс метавонанд суст шаванд.

Аз рӯ мо дар таҳқиқот ҳадафи худ ин баррасӣ намудани сатҳи таъсиррасонии омилҳоро ба фаъолияти соҳибкории саноатӣ қарор додаем.

Гурӯҳи дохилии омилҳо ба ҳолати муҳити дохилии корхона ба қобилияти корхона барои рафъи бӯҳронҳо, ғолиб омадан дар рақобат ва нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ таъсири бештар мерасонад.

Ба гурӯҳи дохилии омилҳо дохил мешаванд: мақсадҳо, вазифаҳо, сохтор, технология ва кадрҳои корхона. Дар кишварҳое, ки дорои иқтисоди устувор ҳастанд, таносуби омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба нафъи охирин аст. Ҳамин тариқ, таҳлилҳо дар самти муфлисшавии корхонаҳои давлатҳои мутараққӣ аз он тақозо медиҳад, ки муфлисшавӣ аз 1/3 ҳиссаи омилҳои хориҷӣ ва 2/3 ҳиссаи омилҳои дохилӣ вобастагӣ дорад. Ҳангоми таҳқиқот муайян карда шудааст, ки дар шароити иқтисоди устувор монеаҳои асосие, ки ба рушди корхона таъсир мерасонанд, чун қоида, дар доираи фаъолияти худи он мавҷуд буда, ихтилофу зиддиятҳои дохилиро нисбати ҳадафҳои корхона, роҳҳои расидан ба ин ҳадафҳо, захираҳо, усулҳои ташкилу бароҳмондани фаъолият ва идоракунӣ барои амалӣ гардидани ин ҳадафҳо ташкил менамоянд [3,4].

Омилҳое, ки бо муҳити зист алоқаманданд, сатҳҳо ва самтҳои гуногуни таъсиррасониро доро мебошанд. Онҳоро ба се сатҳ метавонем ҷудо намоем: минтақавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ. Аз рӯи самти худ омилҳо инчунин метавонанд мӯътадилкунанда ё ноустувор бошанд [4].

Дар даҳсолаи охир таъсири омилҳои беруна, бахусус омилҳои нооромкунандаи байналмилалӣ ба фаъолияти корхонаҳои саноатӣ зиёд гашта истодааст. Таъсири ин омилҳо мувозинат ва устувории субъектҳои хоҷагидорӣ ва соҳаҳои саноатиро сусттар намуда, вобастагии иқтисоди миллиро аз онҳо зиёд гардонидааст.

Омилҳои муҳити берунаро дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ метавонем ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим намоем: омилҳои таъсири мустақим ва ғайримустақим.

Омилҳоеро, ки ба устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ таъсиррасонанда аст, гурӯҳбандӣ менамоем. Корхонаҳои саноатӣ пештар ҳамчун системаи пӯшидаи истеҳсолот ҳисобида шуда, таъсири бевоситаи муҳити зист ба рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба эътибор гирифта намешуд. Солҳои пеш чунин меҳисобиданд, ки муҳити беруна ба корхонаҳои саноатӣ амалан таъсири калоне надорад ва асосан пажӯҳишҳои илмӣ ба омӯхтану хубтар намудани муҳити дохилии корхонаҳои саноатӣ равона мегардиданд. Вале имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ корхонаҳои саноатӣ дигар нодида гирифтани таъсири муҳити беруна комилан ғалат мебошад. Имрӯз нодида гирифтани таъсири муҳити беруна ба корхона маънои муфлисшавии фардоро дорад.

Дар шарои имрӯза устувории корхонаро муҳити беруна муайян мекунад ва ба корхонаҳои саноатӣ ба воситаи омилҳои объективӣ ва субъективӣ таъсир мерасонад. Ба самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ҳар як омил ба таври гуногун метавонад таъсир расонад. Омилҳои муҳити дохилии корхона низ дар навбати худ ба устувории корхонаҳои саноатӣ таъсир мерасонанд [1].

Диаграммаи таъсиррасонии омилҳои муҳити дохилӣ ва берунаи корхонаҳои саноатӣ ба рушди устувори он дар расми 1 оварда шудааст.

Чӣ тавре ба мо маълум аст, танзими давлатии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ маҳдуд мебошанд. Дар ин асос таҷрибаи мамлакатҳои рушдёфта аз он шаҳодат медиҳад, ки ба масъалаҳои қонунгузории меҳнат ва шуғли аҳолӣ, баҳодиҳии сатҳи зиндагии мардум диққати махсус бояд зоҳир карда шавад.

**МУҲИТИ БЕРУНА**




**Расми 1. Омилҳои муҳити дохилӣ ва берунаи ба рушди устувори корхонаҳои саноатӣ таъсиррасон (таҳияи муаллиф)**

Омилҳои дохилӣ ин омилҳои муҳити дохилии корхонаҳои саноатӣ мебошанд, ки ба фаъолият ва рушди он бевосита таъсир мерасонанд. Онҳоро дида мебароем:

- Истеҳсол. Ин раванди мураккабе мебошад, ки бо таҷҳизот, технология ва тахассуси кадрҳои истифодашаванда тавсиф мешавад. Сифати маҳсулот ва қобилияти рақобатноки он аз дараҷаи ҳосилнокию пешрафтабудани таҷҳизот ва технологияи истифодашаванда вобаста аст. Омили асосии дохилии устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ маҳз истеҳсол мебошад.

- Системаи идоракунии стратегии корхонаҳои саноатӣ низ дар таъмини устувории иқтисодии онҳо нақши ҳалкунанда доранд. Стратегия гуфта, муайян намудани нақшаи фаъолият, ҳадафҳову вазифаҳои асосии дарозмуддати корхонаҳои саноатӣ, тақсимоти захираҳои зарурӣ барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо мебошад Менеҷменти стратегӣ ба корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии идоракунии корхонаҳо, рушди устувори соҳибкории саноатӣ ва ҷиҳати андешидани чораҳои зарурӣ барои кам намудани таъсири манфии эҳтимолии муҳити беруна заминагузор мебошад.

- Молия. Аз банақшагирии дурусти молиявии корхонаҳои саноатӣ ҷалби маблағгузорӣ, пурра намудани маблағҳои муомилотӣ, истифодаи фоида ва рушди ҳамаҷонибаи корхона вобастагӣ дорад.

- Сохтори ташкилии корхонаҳои саноатӣ. Сохтор бояд системаи мукаммале бошад, ки истифодаи оқилонаи кормандон, маблағ, таҷҳизот, ашёи меҳнат ва муҳити корхонаро имконпазир гардонад.

- Кадрҳо. Кадрҳои корхонаҳо захираҳои асосӣ шуморида шуда, фаъолияти корхона бе онҳо имконнопазир мебошад. Тахассуси кормандон, сатҳи мотиватсияи онҳо бевосита ба устувории корхона ва рушди стратегии он таъсиррасон мебошад.

- Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибаи конструкторӣ (КИТТК) низ ба рушди корхонаҳои саноатӣ бевосита таъсир мерасонанд. Пажуҳишу озмоишҳо ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳанд, ки технологияҳо пайваста такмил ёфта, дар натиҷа баланд бардоштани қобилияти рақобатустувории корхонаҳо ба роҳ монда шавад.

Дар рафти тадқиқот омилҳое, ки ба тараққиёти устувори корхона таъсир мерасонанд, низ муайян карда шуданд.

- омилҳои умумии иқтисодӣ, аз ҷумла пастравии даромади миллӣ, афзоиши таваррум, суст гардидани муомилоти пардохт, ноустувории низоми андоз ва қонунгузории танзимкунанда, камшавии сатҳи даромади воқеии аҳолӣ, афзоиши бекорӣ;
- бозорҳо, аз қабили коҳиши иқтидори бозори дохилӣ, афзоиши монополия дар бозор, камшавии талабот, афзоиши пешниҳоди молҳои ивазкунанда, суст гардидани фаъолияти бозори саҳомӣ, ноустувории бозори асъор;
- дигар бандҳо, аз қабили ноустувории сиёсӣ, тамоюлҳои манфии демографӣ, офатҳои табиӣ, афзоиши ҷинояткорӣ.

Қобилияти корхона барои рафъи бӯҳронҳо, рақобатпазир будани корхона ва рушди устувори он бештар аз амали гурӯҳи дохилии омилҳо вобаста аст [4].

Омилҳое, ки ба ба тараққиёти устувори корхона таъсир мерасонанд, дар расми 2 оварда шудаанд. Ҳамин тариқ, таснифоти дурусти омилҳои муҳити дохилӣ ва беруна, ки ба рушди устувори корхонаи саноатӣ таъсир мерасонанд, ба мо имкон медиҳад, ки вазъи аниқи корхонаро баҳодиҳӣ намуда, сабабҳои рушди ноустуворро барои интихоби минбаъдаи алтернативаҳои стратегии идоракунӣ муайян намоем [2].




**Расми 2. Таснифоти омилҳои рушди устувори корхонаҳои саноатӣ (таҳияи муаллиф)**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари гузариш ба иқтисоди бозорӣ як қатор қонуну санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷадид (дар бораи корхонаҳо, моликият, фаъолияти соҳибкорӣ), қабул карда шуданд, ки барои эҳёи соҳибкорӣ дар шароити имрӯза заминаҳои зарурӣ муҳайё месозанд.

Рушди иқтисодӣ асоси худро дар ислоҳоти иқтисодие, ки дар мамлакат баъдӣ ба даст овардани истиқлолият гузаронида шуд, асос ёфта, ба ташаккул ва рушди иқтисодиёти мамлакат нигаронида шудааст.

Бо дарназардошти вазъи умумии имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди соҳибкории саноатӣ дар маҷмӯъ, масъалаҳои зеринро оид ба ташаккул ва фаъолияти соҳибкории саноатӣ қайд кардан лозим аст:

- Вуҷуд надоштани низоми мукаммали ташаккул ва рушди соҳибкории саноатӣ, ки метавонад хизматрасонии босифат ва дар айни замон арзони машваратӣ, иттилоотӣ ва молиявиро, ки боиси инкишофи сатҳҳои гуногуни соҳибкории саноатӣ мегардад, ба роҳ монад, махсусан дар он маҳалҳое, ки механизми дастгирии он суст ба роҳ монда шудааст ё тамоман вуҷуд надорад;
- Вуҷуд надоштани низоми дурусти суғурта дар соҳаи соҳибкории саноатӣ, ки сабаби паст рафтани иқтидори робитаҳои иқтисодӣ, зиёд гардидани шумораи муфлисшавиҳо гардида, дар навбати худ ба паст шудани ҳавасмандии равандҳои сармоягузорию инноватсионӣ оварда мерасонад.

Мушкилоти дигаре, ки ба рушди соҳибкории саноатӣ монеъа эҷод менамояд, низоми андозбандӣ номукаммал мебошад. Ҳарчанд давлату ҳукумат барои аз нав дида баромадан ва такмил бахшидани қонунгузории андоз чораҳои зарурӣ андешида истодааст, то ҳол бори тоқатнопазири андоз ба дӯши соҳибкорӣ боқӣ мемонад.

Ба андешаи мо, дар рушди соҳибкории саноатӣ яке аз монеаи назаррас ин мушкилии норасоии таъминоти кадрӣ, инчунин мавҷуд набудани системаи муассир ва устувори омодасозии аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкории саноатӣ мебошад. Барои такмилу густариши ихтисоси соҳибкорони соҳаҳои саноатӣ, инчунин кормандони дар ин раванд иштирокдошта, ин система бояд пешбинӣ карда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Зингер О.А., Ильясова А.В. Факторы, влияющие на устойчивое развитие промышленных предприятий // Современные проблемы науки и образования. – 2015. – № 1-1. ;URL: https://science-education.ru/ru/article/view?id=18044 (дата обращения: 12.12.2024).
2. Зингер О.А. Формирование стратегии устойчивого развития промышленного предприятия. Автореферат диссертации по теме "Формирование стратегии устойчивого развития промышленного предприятия". Пенза.2010г.
3. Султонов З.С. Предпринимательство (малое) состояние, проблемы и перспективы развития в Республике Таджикистан [Текст] / З.С. Султонов, Н.Н. Носиров, З.И. Асророва. –Душанбе, 2009. – С. 5 - 14.
4. Толибов К.К. Механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории тиҷоратӣ: назария, методология, амалия // Автореферати диссертатсия барои дарёфти илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ, -Душанбе, 2021. - 39с.


**УДК 338.2**

**Ҷалолов А.А.**

## ВОСИТАҲОИ МУОСИРИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ НИЗОМИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ


Низоми мавҷудаи хариди давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ташаккул ёфтааст. Бисёре аз масъалаҳои мубрам ба монандӣ кам кардани хатарҳои коррупсионӣ, самараноки усулҳои ҷойгиркунии фармоишҳои давлатӣ, истифодаи механизми хариди давлатӣ барои зиёд намудани воридотивазкунӣ ва истеъмоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза – рушди минбаъдаро ҳам дар қонунгузорӣ ва ҳам аз нигоҳи фароҳам овардани шароит барои татбиқи онҳо дар амал тақозо мекунанд. Иқтисоди муосир дорои доираи васеъи воситаҳое мебошад, ки барои ҳалли самараноки мушкилотҳои мавҷуда мусоидат мекунанд. Дар мақола моҳияти низоми хариди давлатӣ, ҳадафҳои асосии хариди давлатӣ, мушкилотҳо дар низоми хариди давлатӣ, воситаи муҳими такмили низоми хариди давлатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамчунин омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи хариди давлатӣ пешниҳод гардидааст.


**Вожаҳои калидӣ:** низоми хариди давлатӣ, ҳадафҳои асосии хариди давлатӣ, воситаи муҳими такмили низоми хариди давлатӣ, воситаҳои муосири баланд бардоштани самаранокии низоми хариди давлатӣ.

**Джалолов А.А.**

## СОВРЕМЕННЫЕ ИНСТРУМЕНТЫ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ СИСТЕМЫ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ЗАКУПОК


Существующая система государственных закупок в Республике Таджикистан сформировалась в последние годы. Многие актуальные вопросы, такие как снижение рисков коррупции, эффективные методы размещения госзаказа, использование механизма госзакупок для увеличения импорта и потребления экологически чистой продукции, требуют дальнейшего развития как в законодательстве, так и в части создания условий для их реализации на практике. Современная экономика располагает широким набором инструментов, которые помогают эффективно решать существующие проблемы. В статье

исследованы сущность системы государственных закупок, основные цели государственных закупок, проблемы в системе государственных закупок, важные средства совершенствования системы государственных закупок. Также предлагается изучение мирового опыта в сфере государственных закупок.

**Ключевые слова:** система государственных закупок, основные цели государственных закупок, важные средства совершенствования системы государственных закупок, современные средства повышения эффективности системы государственных закупок.

**Jalolov A.A.**

**MODERN TOOLS TO HIGHLY INCREASE THE EFFICIENCY OF THE PUBLIC PROCUREMENT SYSTEM**

The existing system of public procurement in the Republic of Tajikistan has been formed in recent years. Many pressing issues, such as reducing the risks of corruption, effective methods of placing public orders, using the public procurement mechanism to increase imports and consumption of environmentally friendly products - further development both in legislation and in terms of creating conditions for their implementation in practice. they demand. The modern economy has a wide range of tools that help to effectively solve existing problems. The essence of the public procurement system, the main objectives of public procurement, problems in the public procurement system, an important means of improving the public procurement system are studied in the article. The study of world experience in the field of public procurement is also offered.

**Key words:** public procurement system, main objectives of public procurement, important means of improving the public procurement system, modern means of increasing the effectiveness of the public procurement system.

Низоми хариди давлатӣ - маҷмӯи равандҳо, қоидаҳо ва амалҳое мебошад, ки ҳукумат барои харидории молу маҳсулот, хадамотҳо ва хизматрасониҳо аз ташкилоту ширкатҳои гуногун истифода мебарад [7, с. 114].

Ҳадафи асосии низоми хариди давлатӣ дар он ин аст, ки маблағҳои давлатӣ самаранок, шаффоф, ба манфиати ҷамъият ва аҳолӣ истифода шаванд. Дар низоми хариди давлатӣ, аз тартиб додани дархостҳои харидорӣ то интихоби таъминкунандагон ва назорати иҷрои шартномаҳо дохил мешавад [3, с. 64].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми хариди давлатӣ ҳамчун воситаи муҳими истифодаи самараноки маблағҳои буҷети давлатӣ барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар амал татбиқ карда мешавад [5, с. 36].

Бо дарназардошти шароити иқтисодии мамлакат, нақши низоми хариди давлатӣ чунин мебошад:

✓ Рушди соҳибкории маҳаллӣ. Хариди давлатӣ имконияти зиёд кардани талаботро ба молу хизматрасониҳои истеҳсолгарони дохилӣ фароҳам меорад, ки ин ба афзоиши фоида ва рушди соҳибкории хурду миёна мусоидат мекунад.

✓ Ташкили ҷойҳои корӣ. Хариди давлатӣ бо фароҳам овардани имкониятҳои нави корӣ барои ширкатҳо ва сохторҳои маҳаллӣ нақши муҳим мебозад. Ин омил ба паст кардани сатҳи бекорӣ дар кишвар мусоидат мекунад.

✓ Рушди инфрасохтор ва хизматрасониҳо. Бо кӯмаки хариди давлатӣ, мамлакат метавонад дар бахшҳои афзалиятнок, аз қабили инфрасохтори нақлиётӣ, тандурустӣ, маориф ва дигар соҳаҳо сармоягузорӣ кунад.

✓ Баланд бардоштани шаффофият ва паст кардани коррупсия: Бо эҷоди шароити шаффоф дар низоми хариди давлатӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, аз ҷумла порталҳои электронии харид, ҳукумат метавонад имкониятҳои коррупсияро коҳиш диҳад.

Дар бисёр кишварҳои дигар низ, низоми хариди давлатӣ ҳамчун як воситаи калидии дастгирии иқтисодиёт ва рушди устувор шинохта мешавад. Нақши ин низом дар дигар кишварҳо чунин аст:

- дастгирии саноати ватанӣ. Бо ҷорӣ кардани афзалият барои таъминкунандагони дохилӣ, давлатҳо метавонанд рушди истеҳсолоти маҳаллӣ ва саноатро дастгирӣ намоянд. Ин роҳ дар кишварҳое, ки бо рушди саноат машғуланд, ба афзоиши маҳсулнокии дохилӣ мусоидат мекунад.

- иҷрои барномаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Хариди давлатӣ дар кишварҳои дигар як воситаи калидии амалӣ намудани барномаҳои рушди иҷтимоӣ, тандурустӣ ва маориф мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

- баланд бардоштани шаффофият ва ҷалби сармояи хориҷӣ. Тавассути таҳкими шаффофияти хариди давлатӣ ва истифодаи блокчейн, кишварҳо метавонанд сармоягузорони хориҷиро ба иқтисоди худ ҷалб намоянд. Ин омили муҳим дар кишварҳое мебошад, ки кӯшиш доранд эътимоди сармоягузорони хориҷиро афзоиш диҳанд.

- баланд бардоштани рақобатпазирӣ. Бо шароити шаффоф ва баробар барои ширкатҳои гуногун, низоми хариди давлатӣ дар кишварҳои пешрафта дар сатҳи байналмилалӣ рақобатпазириро баланд мебардорад.

Ҳадафҳои асосии хариди давлатӣ дар аксар кишварҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таъмини истифодаи самараноки захираҳо ва рушди иқтисодиёт хеле муҳиманд [5, с. 44].

Дар зер се ҳадафи асосии хариди давлатиро, ки самаранокии иқтисодӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони дохилӣ ва таъмини шаффофиятро дар бар мегиранд, шарҳ медиҳем:

1. Истифодаи самараноки захираҳои давлатӣ. Яке аз ҳадафҳои асосии низоми хариди давлатӣ истифодаи оқилона ва босамари захираҳои молиявии мамлакат мебошад. Ин раванд барои таъмин намудани манфиати умумии мардум ва истифодаи дурусти маблағҳои буҷетӣ нақши муҳим мебозад. Мазмуни ин ҳадафҳо чунин масъалаҳори дар бар мегиранд:

- коҳиши хароҷоти давлатӣ. Низоми хариди давлатӣ бо барпо кардани рақобат байни ширкатҳо имкон медиҳад, ки арзонтарин ва беҳтарин пешниҳодҳо интихоб шаванд, ки ин ба кам кардани хароҷоти давлатӣ мусоидат мекунад.

- идоракунии самараноки харид. Бо истифодаи системаҳое, ки таъминот, захираҳои молиявӣ ва ҷараёнҳои харидро назорат мекунанд, давлат метавонад хароҷоти беҳуда ва такрорӣ пешгирӣ кунад.

- таҷдиди инфрасохтор ва афзоиши сармоягузориҳо дар бахшҳои стратегӣ. Ба воситаи хариди давлатӣ, мамлакат метавонад ба соҳаҳое, ки аҳамияти стратегӣ доранд, афзалият диҳад, ки ин ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

2. Дастгирии истеҳсолкунандагони дохилӣ. Низоми хариди давлатӣ метавонад воситаи калидӣ барои дастгирии истеҳсолгарон ва соҳибкорони дохилӣ бошад. Тавассути харидҳо аз таъминкунандагони дохилӣ, ҳукумат метавонад рушди иқтисодиёти маҳаллиро тақвият диҳад ва ба таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат кунад.

- афзалият додан ба маҳсулоти дохилӣ. Бо ҷорӣ кардани қоидаҳо барои дастгирии истеҳсолкунандагони дохилӣ ва афзалият додан ба онҳо дар тендерҳо, ҳукумат ба рушди истеҳсолот ва фаъолияти ширкатҳои ватанӣ мусоидат мекунад.

- инкишофи соҳибкории хурду миёна. Хариди давлатӣ метавонад як воситаи муассири дастгирии соҳибкории хурду миёна бошад, ки бо ба даст овардани шартномаҳои давлатӣ тавоноии худро афзун менамоянд ва ба бозори дохилӣ таъсири мусбат мерасонанд.

- баланд бардоштани сифати маҳсулоти дохилӣ. Барои ширкатҳои маҳаллӣ, ки дар тендерҳои давлатӣ иштирок мекунанд, зарур аст, ки сифати маҳсулоти худро баланд бардоранд, ки ин ба рақобатпазирии онҳо дар бозори дохилӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунад.

3. Таъмини шаффофият дар харидҳо. Шаффофият дар низоми хариди давлатӣ ҳадафи муҳими дигаре мебошад, ки ба паст кардани хавфи коррупсия ва афзоиши эътимоди ҷамъиятӣ мусоидат мекунад.

-истифодаи технологияи рақамӣ ва порталҳои электронӣ. Низомҳои хариди электронӣ ва порталҳои рақамӣ ба ҳукумат имкон медиҳанд, ки равандҳои харидро шаффоф гардонанд ва ба ҳама ширкатҳои манфиатдор барои иштирок дар тендерҳо имконияти баробар фароҳам оранд.

- низоми ҳисоботдиҳӣ ва назорат. Барқарор кардани механизмҳои мустаҳками ҳисоботдиҳӣ ва назорат имкон медиҳад, ки ҳамаи ҷараёнҳои харидӣ зери назорат бошанд ва қонуншиканиҳо пешгирӣ шаванд.

-ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО: Барои баланд бардоштани шаффофият, ҳукумат метавонад ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО-ро барои назорати равандҳои харид ҷалб намояд, ки ин эътимоди мардумро ба ин низом меафзояд.

**Ҷадвали 1.Мушкилотҳо дар низоми хариди давлатӣ**

| | Мушкилотҳо | Маънидоди онҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| 1. | **Масъалаҳои коррупсия, ғайрисамаранокӣ ва камбуди шаффофият** | **Коррупсия** | **Ғайрисамаранокӣ** | **Камбуди шаффофият** |
| | | Яке аз мушкилоти ҷиддии низоми хариди давлатӣ ин ба коррупсия моил будани равандҳо мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо, мансабдорони давлатӣ метавонанд бо таъминкунандагон барои манфиатҳои шахсӣ ё молиявӣ созиш кунанд, ки ин шаффофиятро аз байн мебарад ва ба коҳиши эътимоди ҷамъиятӣ ба ин низом меорад. | Дар баъзе ҳолатҳо, харидҳои давлатӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрисамаранок мебошанд. Шартномаҳо бо таъминкунандагони номутобиқ ё бо нархҳои нодуруст баста мешаванд, ки ин ба талафоти захираҳои молиявии давлатӣ оварда мерасонад. | Норасоии шаффофият боиси он мегардад, ки ширкатҳои дигар аз шартномаҳои давлатӣ бохабар набошанд ё имкониятҳои баробар барои иштирок дар тендерҳо надошта бошанд. Ин боиси афзоиши худсензура ва фавкулодда душвор гардидани баррасии адолати равандҳо мегардад. |
| 2. | **Монеаҳои маъмурӣ ва бюрократӣ** | **Тартиботи маъмурӣ ва бюрократӣ** | **Идоракунии носамаранок** | **Муқаррароти тӯлонӣ ва санадҳои зиёдатӣ** |
| | | Дар бисёр кишварҳо, равандҳои хариди давлатӣ хеле сангин ва пурбюрократия мебошанд. Қоидаҳои зиёди расмӣ ва санадҳои сершумор, ки бояд тайёр ва тасдиқ шаванд, равандро мушкил ва тӯлонӣ мегардонанд. Ин сабаби таъхири харидҳо, бохти вақт ва ғайрисамаранокии раванд мегардад. | Дар бисёр ҳолатҳо, норасоии кадрҳои босавод ва тахассусманд боис мегардад, ки раванди хариди давлатӣ ба таври носамаранок идора шавад. Кормандони дорои дониши нокифоя наметавонанд ба дурустӣ талаботи бозор ва сифати пешниҳодҳои таъминкунандагонро арзёбӣ кунанд. | Равандҳои хариди давлатӣ аксар вақт талаб мекунанд, ки барои ҳар як қадами харид якчанд санад ва санҷишҳои расмӣ анҷом дода шаванд. Ин танзимот равандро заиф ва вақтталаб мегардонад, ки боиси ба таъхир афтодани иҷрои тарҳҳо мегардад. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3. | **Мушкилот бо равандҳои анъанавии таҳияи тендерҳо ва интихоб кардани таъминкунандагон** | **Норасоии рақобат** | **Мушкилот дар интихоби таъминкунандагони боэътимод** | **Таъсири манфиати шахсӣ ё гурӯҳӣ** |
| | | Дар баъзе ҳолатҳо, равандҳои анъанавии таҳияи тендерҳо ва интихоби таъминкунандагон имконияти пурра фароҳам овардани рақобатро надоранд. Ин боис мегардад, ки дар тендерҳо иштироккунандагон кам бошанд ё пешниҳодҳои номутобиқ пешниҳод кунанд. | Раванди интихоби таъминкунандагон аксар вақт дар асоси талаботи расмӣ ва анъанавӣ анҷом дода мешавад, ки барои арзёбии дуруст ва муфассали қобилияти таъминкунандагон мувофиқ нест. Дар натиҷа, таъминкунандагон, ки имконияти молӣ ё маҳорати иҷрои шартномаҳо надоранд, интихоб мешаванд. | Дар низоми анъанавии хариди давлатӣ, манфиатҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ метавонанд ба равандҳои интихоби таъминкунандагон таъсир расонанд, ки ин боиси интихоби таъминкунандагон на дар асоси шаффофият ва рақобатпазирӣ, балки дар асоси муносибатҳои шахсӣ мегардад. |

Дар низоми хариди давлатӣ, мушкилотҳои мухталиф вуҷуд доранд, ки самаранокии онро коҳиш медиҳанд. Дар ҷадвали 1 се мушкилоти асосии мавҷуда дар низоми хариди давлатӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон оварда шудааст.

Мушкилоти мавҷуда дар низоми хариди давлатӣ, аз қабили коррупсия, манфиатдории шахсӣ, монеаҳои маъмурӣ ва равандҳои анъанавии таҳияи тендерҳо, боиси коҳиши самаранокӣ, шаффофият ва рақобатпазирӣ дар ин низом мегардад. Барои беҳтар кардани самаранокии низоми хариди давлатӣ ва афзоиши эътимоди ҷамъиятӣ ба он, ҷорӣ кардани воситаҳои муосири идоракунӣ, автоматизатсия ва ислоҳоти бюрократӣ муҳим мебошад. [6, с. 47].

Барои баланд бардоштани самаранокии низоми хариди давлатӣ, истифодаи воситаҳои муосири технологӣ аҳамияти зиёд дорад. Ин воситаҳо имконият медиҳанд, ки равандҳо самараноктар, шаффофтар ва бо хавфҳо камтарин анҷом дода шаванд. Дар расми 1 панҷ воситаи муҳим барои такмили низоми хариди давлатӣ оварда шудааст.




**Расми 1. Воситаи муҳими такмили низоми хариди давлатӣ**

Истифодаи воситаҳои муосири рақамӣ, ки дар расми 1 оварда шудааст ба низоми хариди давлатӣ на танҳо шаффофият ва самаранокии равандҳоро таъмин мекунад, балки инчунин ба коҳиши хатогиҳо, пешгирии коррупсия ва баланд бардоштани эътимоди ҷамъиятӣ мусоидат менамояд. Ин воситаҳо метавонанд раванди хариди давлатиро соддатар, шаффофтар ва самараноктар гардонанд.

Барои баланд бардоштани самаранокии равандҳои аудити дохилӣ ва назорат, метавон ба амалҳои зерин диққат дод:

- Таъмини аудити дохилӣ ва назорати доимӣ. Иҷрои аудити дохилӣ ба таври муназзам ва пайваста метавонад дар пешгирии қонуншиканӣ, заифшавии назорат ва талафоти молиявӣ нақши муҳим дорад. Дар ин раванд бояд воситаҳои махсус барои ошкор кардани қонуншиканиҳо ва хатари молиявӣ ҷорӣ карда шаванд, то ки ҳангоми пайдошавии мушкилот чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

- Роҳандозии механизмҳои шаффофияти ҳисоботдиҳӣ. Механизмҳои ҳисоботдиҳии шаффоф имкон медиҳанд, ки фаъолияти таъминкунандагон бо осонӣ арзёбӣ карда шавад ва иҷрои шартномаҳо зери назорат қарор гирад. Барои ин, метавон низомҳои электронии мониторинг ва ҳисоботдиҳиро истифода бурд, ки имконияти таҳлили муфассал ва шаффофро барои ташкилот фароҳам меорад.

Ин амалҳо на танҳо назорати қавитарро таъмин мекунанд, балки инчунин ба баланд бардоштани эътимоди тарафҳои манфиатдор ва кам кардани хатари молиявӣ мусоидат мекунанд.

Таъсири хариди давлатӣ ба рушди иқтисодӣ хеле назаррас аст ва ба амалҳои зерин пайванд дорад:

- **самараи мусбати хариди давлатӣ**. Хариди давлатӣ имконияти дастгирии рушди ширкатҳои маҳаллиро таъмин мекунад, зеро ин раванд ба ширкатҳои ватанӣ имконият медиҳад, ки дар иҷрои шартномаҳои давлатӣ ширкат варзанд. Ин метавонад боиси афзоиши ҷалби сармояҳои дохилӣ гардад ва ширкатҳои маҳаллиро барои афзоиши иқтидор ва беҳтар намудани сифат ҳавасманд созад. Тавассути хариди давлатӣ, ширкатҳо метавонанд доираи хизматрасонӣ ва маҳсулоти худро васеъ намоянд ва рақобатпазирии худро дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ баланд бардоранд.

- **мавқеи хариди давлатӣ дар дастгирии соҳибкорӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ**. Хариди давлатӣ метавонад дар ташаккул додани ҷойҳои нави корӣ ва дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ нақши муҳим дошта бошад. Вақте ки шартномаҳои давлатӣ ба ширкатҳои маҳаллӣ дода мешаванд, онҳо барои тавсеаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ кормандони бештар ҷалб мекунанд. Ин метавонад ба кам шудани сатҳи бекорӣ мусоидат кунад ва инчунин имкони омӯзиш ва рушди касбии кормандонро фароҳам оварад. Ғайр аз ин, хариди давлатӣ метавонад ба рушди соҳибкории хурду миёна кумак кунад ва ба онҳо барои ворид шудан ба бозор ва афзоиши даромадҳои худ имконият диҳад.

Ҳамин тавр, хариди давлатӣ воситаи муҳим дар рушди иқтисоди маҳаллӣ ба ҳисоб меравад ва дар баробари ин, воситаи дастгирии соҳибкорӣ ва такмили вазъи иҷтимоӣ мебошад.

Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи хариди давлатӣ барои беҳтар намудани самаранокӣ ва шаффофияти ин раванд дар кишварҳо муҳим аст. Дар инҷо баъзе унсурҳои асосии таҷрибаи кишварҳои пешқадам ва омилҳои комёбии онҳо оварда шудаанд:

- **таҷрибаи пешқадами кишварҳо**. Бисёре аз кишварҳо, ба мисли Шветсия, Сингапур ва Британияи Кабир, низомҳои хариди давлатии пешрафта ва шаффоф доранд. Масалан, дар Сингапур як системаи комилан рақамии харид ҷорӣ шудааст, ки тамоми равандҳои пешниҳод, арзёбӣ ва бастани шартномаҳоро шаффоф мегардонад. Ин кишварҳо бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва системаи боварии ҷамъиятӣ кафолати шаффофият ва назорати ҳамарӯзаи хариди давлатиро таъмин мекунанд. Омилҳои асосии комёбӣ чунинанд:

- **системаи рақамӣ ва технологияҳои иттилоотӣ**. Таъсиси платформаҳои электронии хариди давлатӣ, ки тавассути он тамоми равандҳои харид ва шартномабандӣ шаффоф мегарданд ва иттилоот дастрас мешавад.

- **механизмҳои шаффофияти ҳисоботдиҳӣ ва мониторинг**. Қабул ва татбиқи қоидаҳои муайян дар бораи ҳисоботдиҳӣ ва мониторинги хариди давлатӣ барои пешгирии қонуншиканӣ ва зиён.

- **мукаммалсозии тартиби интихоби таъминкунандагон**. Ҷорӣ кардани меъёрҳои равшан ва одилона барои интихоби таъминкунандагон, ки ба сифати хизматрасонӣ ва маҳсулот аҳамияти бештар диҳад.

- **иштироки доимии ҷомеаи шаҳрвандӣ**. Фаъолона ҷалб кардани ҷомеаи шаҳрвандӣ барои назорат ва арзёбии равандҳои хариди давлатӣ, ки ба баланд бардоштани шаффофият ва эътимоди ҷамъиятӣ мусоидат мекунад.

Ин омилҳои комёбӣ метавонанд дар дигар мамлакатҳо аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқ шаванд, ки ба таҳкими низоми хариди давлатӣ, пешгирии фасод ва беҳтар намудани натиҷаҳои умумӣ кӯмак мерасонанд.

Барои баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти низоми хариди давлатӣ зарур аст, ки ислоҳоти муассир ва доимӣ амалӣ карда шаванд. Таҷрибаи кишварҳои пешқадам нишон медиҳад, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ, механизмҳои шаффофият ва мониторинг метавонанд таъсири назаррас дошта бошанд. Дар ин робита, тавсияҳои амалии зерин пешниҳод мегарданд. Тавсияҳои амалии татбиқшаванда:

- **ҷорӣ намудани платформаҳои рақамии хариди давлатӣ**. Истифодаи платформаҳои электронии харид бо имконоти шаффофияти доимӣ, ки тамоми равандҳои пешниҳоди дархост, арзёбӣ ва бастани шартномаҳоро фаро мегиранд. Платформаҳо бояд барои осонии дастрасӣ ба маълумот ва пешгирӣ аз қонуншиканӣ имконият фароҳам оранд.

- **системаи шаффофияти ҳисоботдиҳӣ ва мониторинг**. Тақвияти низоми ҳисоботдиҳӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои мониторинг, ки ба таҳлили ҷараёнҳо ва натиҷаҳои хариди давлатӣ мусоидат мекунанд. Ин механизмҳо бояд ҳам барои мақомоти давлатӣ ва ҳам барои ҷомеаи шаҳрвандӣ шаффоф ва дастрас бошанд.

- **омӯзиши доимии кормандон ва баланд бардоштани малакаҳо**. Таҳкими сатҳи тахассуси кормандоне, ки дар бахши хариди давлатӣ фаъолият мекунанд, ва гузаронидани омӯзишҳо барои беҳтар фаҳмидани стандартҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои шаффофият.

**Зарурати дастгирии ислоҳоти рақамӣ ва такмили воситаҳои идоракунии давлатӣ**:

- **ислоҳоти рақамӣ дар хариди давлатӣ**: Бо назардошти рушди технологияи иттилоотӣ, зарурати гузаштан ба низоми рақамӣ дар хариди давлатӣ муҳим аст. Ин на танҳо шаффофият ва самаранокии равандро беҳтар мекунад, балки имконият медиҳад, ки маълумотҳои зарурӣ зудтар дастрас ва таҳлил шаванд.

- **баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва эътимод**. Тақвияти идоракунии давлат дар самти хариди давлатӣ метавонад ба коҳиши хатари қонуншиканӣ ва афзоиши эътимоди ҷамъиятӣ мусоидат намояд.

Ин тавсияҳо метавонанд ба ташаккули низоми хариди давлатии самаранок, шаффоф ва ҳавасмандкунанда барои рушди иқтисоди маҳаллӣ ва иҷтимоӣ мусоидат кунанд.

Ҳадафҳои асосии хариди давлатӣ – истифодаи самараноки захираҳои давлатӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони дохилӣ ва таъмини шаффофият дар харидҳо – дар маҷмӯъ барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар аҳамияти калон доранд. Ин ҳадафҳо дар сурати дуруст амалӣ шудан метавонанд ба рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат намоянд.

Низоми хариди давлатӣ ҳамчун як воситаи калидии таъмини рушд ва истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар шинохта мешавад. Бо дастгирии рушди маҳаллӣ, баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофият, низоми хариди давлатӣ метавонад ба рушди устувори иқтисодӣ мусоидат кунад.

## АДАБИЁТ

1. Беляева, О. А. Устойчивые государственные закупки: понятие и правовое регулирование / О. А. Беляева // Устойчивый экономический рост и право: Общество с ограниченной ответственностью "Издательский дом "Юриспруденция", 2021. – С. 56-63.
2. Грязева, Д. Ю. Государственные закупки как инструмент регулирования рыночной экономики / Д. Ю. Грязева, Д. В. Туманов // Экономический потенциал студенчества в региональной экономике, Ярославль, 28 ноября 2019 года / под науч. ред. Н. Л. Будахиной. – Ярославль: Ушинского, 2019. – С. 133-136.
3. Джалолов, А. А. Вопросы эффективности использования бюджетных средств, освоенных через механизм государственных закупок / А. А. Джалолов // Государственное управление. – 2022. – № 4-1(58). – С. 59-68.
4. Малютина, О. А. Антимонопольное регулирование закупок товаров, работ, услуг для обеспечения государственных и муниципальных нужд / О. А. Малютина // Вестник Нижегородской правовой академии. – 2017. – № 14(14). – С. 86-89.
5. Мясникова Л.А., Тюрина К.А. Современные инструменты повышения эффективности системы государственных закупок // Вестник Пермского университета. Сер. «Экономика» = Perm University Herald. Economy. 2016. № 3(30). С. 132–142.
6. Пулатов А. Доир ба тартиби бастани аҳди электронӣ барои анҷом додани хариди давлатӣ // Законодательство. – 2019. – No. 2(34). – P. 42-49.
7. Шарифзода, Ф. З. Хариди давлатӣ, танзим ва ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ / Ф. З. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 3. – P. 111-116.

УДК 338.2

**Джалолов А.А., Аслонов С.М.**

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ОРГАНИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ЗАКУПОК

В статье показана важность изучения зарубежного опыта организации государственных закупок. Обсужден опыт государственных закупок в таких странах, как США, Южная Корея, Великобритания, Канада, Российская Федерация и страны Евросоюза. Внимание уделяется основным методам организации государственных закупок, включая централизованную и децентрализованную системы закупок, электронную систему государственных закупок, а также их преимущества и недостатки, механизмы контроля и обеспечения прозрачности в государственных закупках, приоритеты устойчивого развития и поддержки малого и среднего предпринимательства как ключевые направления государственной закупочной политики, а также зарубежный опыт и возможности его адаптации для организации государственных закупок в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** государственные закупки, зарубежный опыт государственных закупок, организация государственных закупок, электронная система государственных закупок, общественный контроль за государственными закупками.

**Ҷалолов А.А., Аслонов С.М.**

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ТАШКИЛИ ХАРИДҲОИ ДАВЛАТӢ

Дар мақола аҳамияти омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар ташкили хариди давлатӣ нишон дода шудааст. Таҷрибаи хариди давлатӣ дар кишварҳое ба монанди ИМА, Кореяи Ҷанубӣ, Британияи Кабир, Канада, Федератсияи Россия ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо мавриди

баррасӣ қарор додашудааст. Диққати махсус ба равишҳои асосии ташкили хариди давлатӣ аз он ҷумла низоми хариди марказӣ ва ғайримарказӣ, низоми электронии хариди давлатӣ афзалиятҳо ва камбудиҳои он, механизмҳои назорат таъмини шаффофият дар хариди давлатӣ, афзалиятҳои рушди устувор ва дастгирии соҳибкории хурду миёна ҳамчун самтҳои муҳими сиёсати хариди давлатӣ ва таҷрибаи хориҷӣ ва имкониятҳои мутобиқ намудани он барои ташкили хариди давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** хариди давлатӣ, таҷрибаи хориҷии хариди давлатӣ, ташкили хариди давлатӣ, низоми хариди электронии давлатӣ, назорати ҷамъиятии хариди давлатӣ.

**Jalolov A.A., Aslonov S.M.**

## FOREIGN EXPERIENCE IN ORGANIZATION OF PUBLIC PROCUREMENT

The article shows the importance of studying foreign experience in organizing public procurement. The experience of public procurement in countries such as the USA, South Korea, Great Britain, Canada, the Russian Federation and the countries of the European Union was discussed. Attention is given to the main methods of organizing public procurement, including centralized and decentralized procurement systems, the electronic public procurement system, as well as their advantages and disadvantages, mechanisms for control and ensuring transparency in public procurement, the priorities of sustainable development and support for small and medium-sized enterprises as key directions of public procurement policy, as well as foreign experience and the possibilities of adapting it for organizing public procurement in the Republic of Tajikistan.

**Key words:** public procurement, foreign experience of public procurement, organization of public procurement, electronic system of public procurement, public control over public procurement.

Современный уровень развития зарубежных стран характеризуется наличием обширного практического опыта в области эффективного расходования бюджетных средств, включая сферу закупочной деятельности [1, с. 63].

Зарубежный опыт в области государственных закупок безусловно представляет интерес для совершенствования процесса закупки товаров, работ и услуг, предназначенных для удовлетворения государственных нужд в Республике Таджикистан. Анализ зарубежного опыта может быть полезен при разработке и внедрении новых подходов к организации государственных закупок в Таджикистане, что делает исследование этого опыта актуальным в настоящее время [5, с. 466].

Организация государственных закупок играет важную роль в обеспечении эффективного функционирования экономики и рационального использования бюджетных средств [2, с. 26].

В различных странах подходы к системе закупок существенно различаются, что связано с особенностями законодательной базы, степенью развития институциональной среды и уровнем коррупционных рисков [3, с. 28].

Рассмотрение зарубежного опыта позволяет выявить успешные практики, которые могут быть адаптированы для повышения эффективности государственных закупок в других странах, в том числе в Республике Таджикистан.

Рассмотрим основные подходы к организации государственных закупок:

1. Централизация и децентрализация системы закупок. В разных странах применяется либо централизованный, либо децентрализованный подход к организации закупок. В централизованных системах (например, в Южной Корее) государственные закупки осуществляются через единую платформу или агентство. Такой подход позволяет стандартизировать процессы и сократить административные издержки. Каждый из них имеет свои особенности, преимущества и недостатки.

При централизованной системе все закупочные процессы управляются и контролируются одним центральным органом или небольшой группой органов. Обычно это государственное учреждение, ответственное за организацию и проведение закупок на уровне всей страны или региона.

К особенностям централизованной системы закупок относится: один центральный орган принимает решения по закупкам для всех государственных учреждений;единые правила и стандарты закупок, что снижает риски коррупции и упрощает контроль; единые контракты и рамочные соглашения, что позволяет использовать преимущества крупного закупочного объема и снижать затраты [4, с. 70].

К преимуществам централизованной системы закупок относятся: экономия средств - Большие объемы закупок позволяют договариваться о снижении цен и получать оптовые скидки; унификация процедур - единые стандарты и правила делают процесс более прозрачным и контролируемым; упрощение контроля и надзора - централизованный подход позволяет эффективно отслеживать выполнение контрактов и своевременно реагировать на нарушения.

Недостатки централизованной системы закупок включают: меньшая гибкость - государственные учреждения не могут оперативно реагировать на изменения своих потребностей; бюрократизация процессов - увеличение нагрузки на центральный орган может замедлять процессы закупок; риск недостатка локального опыта - централизованные закупки могут не учитывать региональные особенности и специфику отдельных ведомств.

Децентрализованная система закупок. Децентрализованные системы (например, в США) предоставляют больше свободы ведомствам и организациям в проведении закупок. Это позволяет гибко реагировать на конкретные потребности каждого учреждения, но увеличивает риски неэффективного использования средств.

При децентрализованной системе закупок каждое государственное учреждение самостоятельно занимается процессом закупок в соответствии со своими потребностями. В некоторых случаях могут существовать общие правила, но конкретные решения принимаются на местах.

К особенностям децентрализованной системы закупок относится: закупки осуществляются различными органами власти на местах, что позволяет учитывать их потребности и специфику; больше ответственности возлагается на региональные и локальные учреждения; меньшая зависимость от центральных органов власти.

К преимуществам децентрализованной системы закупок относится: гибкость и адаптивность - учреждения могут быстро реагировать на изменение условий и выбирать поставщиков в зависимости от своих потребностей; учет локальных потребностей - региональные особенности и специфика работы учитываются на уровне самих учреждений; повышение эффективности в некоторых ситуациях - локальный контроль и принятие решений на месте могут повысить эффективность закупок.

Недостатки децентрализованной системы закупок относится: меньшая прозрачность - сложнее контролировать множество локальных закупок и предотвращать коррупционные риски; отсутствие экономии от масштаба - мелкие закупки могут быть дороже, так как не используются преимущества крупных объемов; различия в уровне профессиональной подготовки - не все учреждения обладают необходимой экспертизой, что может снижать качество закупок.

Каждый из подходов может быть эффективным при определенных условиях. В некоторых странах используется гибридная модель, которая сочетает элементы централизации и децентрализации, где централизованно закупаются наиболее важные и объемные товары и услуги, а другие закупки осуществляются децентрализовано. Такой подход позволяет сочетать преимущества обоих методов, минимизирую их недостатки.

2. Электронные системы закупок - представляют собой автоматизированные платформы, которые используются для проведения государственных закупок в онлайн-режиме. Их основной задачей является упрощение, ускорение и повышение прозрачности закупочного процесса.

